Пасванди -ак. Ба воситаи **п**асванди мазкур, асосан, аз исм, феъл ва сифат исмҳое бунёд мегарданд, ки дар соҳаи бофандагӣ номи ин ё он анвои асбобу анҷом ва таҷҳизоти бофандагие, ки тавассути онҳо матоъ бофта ва ё тайёр карда мешавад, ифода мекунанд. Доираи истеъмоли пасванди мазкур дар соҳаи бофандангӣ хеле маҳдуд буда, дар раванди таҳлили мавод, мо истилоҳҳои *ғалтак , чангак, нӯмолак, сӯзанак* рӯ ба рӯ шудем. Истилоҳи *ғалтак* аз асоси замони гузаштаи феъли *ғалтидан* ва пасванди *-ак* бунёд гардида, ба маънии «бастаи риштаҳои печида ба рӯйи чӯбаи миёнтиҳӣ, ки дар дӯзандагӣ ба кор меравад» [Доро, 2021: 218]-ро ифода мекуна. Муодили истилоҳи *ғалтак* дар забони англисӣ исмҳои содаи *reel, spool* ва исми мураккаби *bobbin* ба шумор мераванд. Истилоҳи *чангак* бошад, аз исми маънии *чанг* бо ҳамроҳ кардани пасванди *-ак* сохта шуда, дар соҳаи бофандагӣ бо маънои "яке аз асбоби олоти асосии гӯлдӯзӣ» корбурд мегарда. Муодили исми сохтаи *чангак* дар забони англисӣ исми содаи *claw* буда, маънои «a mechanical device resembling a claw, used for gripping or lifting (асбоби механикие, ки ба чангча шабоҳат дошта, барои кашидан ё бардоштан истифода мешавад»-ро ифода мекунад. Вожаи *нумолак* аз исми *модии нумол (рӯймол, рӯмол)* ва пасванди *-ак* таркиб ёфта, маъниҳои «1. Рӯймолча, дастрӯймол 2. Як порча матоъ , ки дар он чизе бипечонанд»-ро дорад. Муродифи вожаи нумолак исми нумолча буда, дар матн метавонанд ҷойгузини ҳамдигар бошанд. Истилоҳи сӯзанак аз исми *сӯзан* (олати фулодини борики нӯгтези думсӯрох, ки ресмон гузаронда либос *ва ғ.* медӯзанд» [ФТЗТ, Ҷ.2., 2008: 279) ва пасванди *-ак* сохта шуда, дар соҳаи бофандагӣ ба маънои "сарсӯзан, ки барои ду лаби гиребонро(*ё ду сари чизеро*) ба ҳам наздик овардан (пайвастан) ё чизеро(*мас.,тӯмор, тугма ва ғ.*) дар либоси тан овехтанки истифода мешавад» [17, с. 279]

корбаст мегардад. Аз таҳлили мисолҳо маълум гардид, ки пасванди *-ак* дар созмони истилоҳоти низоми бофандагии забони тоҷикӣ каммаҳсул будааст.

Пасванди **-иш.** Пасванди мазкур дар соҳаи бофандагӣ каммаҳсул буда, он, асосан, аз асоси замони ҳозираи феъл исми амал месозад. Тавассути пасванди *-иш* дар низоми истилоҳоти бофандагӣ аз феълҳои *ресидан* ва *бофтан* ҳамагӣ ду исми амал: *ресиш, бофиш* сохта шудааст, ки аз доираи истеъмолашон хеле маҳдуд буда, мутахассисони соҳа бар ивази онҳо масдарҳои *"ресидан, бофтан»* ва исмҳои амали "бофандагӣ, ресандагӣ»-ро истеъмол мекунанд. Муодили пасванди *-иш* дар забони англисӣ унсури калимасози -ing буда, дар муқоиса бо забони тоҷикӣ доираи истеъмолаш хеле фаррох аст: *weaving – бофандагӣ, spinning - ресандагӣ, colouring – рангкунӣ, varnishing – пардоздиҳӣ, wetting – тракунӣ, dying – хушкунӣ* ва ғ.

Пасванди -а. Ин пасванд дар созмони истилоҳоти соҳаи бофандагӣ каммаҳсул буд, миқдори истилоҳоте, ки тавассути он сохта шудаанд, хеле маҳдуданд. Пасванди *-а* пас ба асоси замони гузаштаи феъли бофт ҳамроҳ шуда, исми сохтаи «бофта» сохтааст, ки маънои «чизе, ки маҳсули бо ҳам бофтани тору пӯд аст; матоъ, газвор [11, с. 112]»-ро ифода мекунад: *бофта*<Тарзи *бофт*, ранг ва нақшу нигори занданечии асрхои VII- VIII нағз тадқиқ карда шудааст [6, с. 398]. Илова бар ин, пасванди *-а* ба исми *абр* ҳамроҳ шуда, истилоҳи *абра* сохтааст, ки маънои «тарафи рӯи либосҳои дуқабата дӯхташуда»-ро дорад.

Пасванди -ча. Дар низоми истилоҳоти бофандагӣ ба воситаи пасванди *-ча* аз як исм дигаре исме сохта мешавад, ки номи ин ё анвои матоъ ё маҷмуи либосу газворро ифода мекунанд: *ало+ча= алоча*. Решаи истилоҳи *алоча* вожаи *ало* буда, маънии «ҳарранга, дуранга ва сиёҳу сафед»-ро дорад ва бо ҳамроҳ гардидани пасванди *-а* ба он, маънои "матое, ки аз нахи пахта ё шоҳии рах-рахи рангоранг бофта мешавад [16, с. 57]»-ро гирифт.

Дар низоми истилоҳоти бофандагии забони тоҷикӣ истилоҳоте мавҷуданд, ки тавассути ду пасванд сохта шудаанд ё ду пояи калимасозиро гузаштаанд. Ба ин гурӯҳи истилоҳот метавон вожаҳои *«боф+анда+гӣ =бофанадгӣ, рес+анда+гӣ =ресандагӣ, дӯз+анда+гӣ = дӯзандагӣ»*-ро мисол оварда, зеро ин анвои истилоҳ ду пояи калимасозиро аз сар гузаронидаанд. Истилоҳи *бофандагӣ*, якум, аз асоси замони ҳозираи феъли *бофтан* ва пасванди *-анда* сифати феълии замони ҳозира истилоҳи *бофанда* сохта шуда маънои «коргар ё устое, ки дар дастгоҳҳо аз ресмон матоъ мебофад; бофандагӣ – тайёр кардани матоъ аз ресмон, нассоҷӣ: дастгоҳи бофандагӣ, корхонаи бофандагӣ, саноати бофандагӣ ва дуюм, маънои «касб ва шуғли бофанда [16, с. 236]»-ро ифода мекунад: Дар пойгаҳи меҳмонхона як дӯкони *бофандагӣ* шинондагӣ буда, дар тарафи ҷануби меҳмонхона ва пайваста ба вай як айвонча ва дар зери айвонча як дӯкончаи чархи осиётарошӣ буд [Айнӣ, 2013:15]**.** Падарам дар Соктарӣ баъд аз фориғ шуданаш аз кори деҳқони ҳамеша ба *бофандагӣ* машғул шуд [Айнӣ, 2013:15]. «Дар ин ҷо бошад, ғайр аз харротони чархи ресандагӣ ва ҳаллоҷисоз дигар дурудгаре нест» [Айнӣ, 2013:11]. *Чит+гар+ӣ =читгарӣ*: Усто Мирамин мегӯяд, ҳарчанд читгарӣ пешаи душвор ва захматталаб аст аммо ба хотири аз байн нарафтанаш ба он машғул ва шогирдонро тарбия мекунад [Азизӣ, 2016: 246].

Пасванди -er. Ин пасванд яке аз сермаҳсултарин унсурҳои истилоҳсоз дар забони англисӣ ба шумор рафта, асосан аз феъл исме месозад, ки ин ё он фаъолиятро дар соҳаи бофандагӣ ифода мекунад, масалан аз феъли *weavy (бофтан)* ҳамроҳ шуда исми моддии *weaver* сохтааст, ки маънои «A person who weaves cloth, Fabric, carpet or baskets – шахсе, ки матоъ, либос, қолин ва сабад мебофад»- ро ифода мекунад: «When he moved the plunger up and down, water entered the cane, rose, and started to pour out of the *weaver*'s reed at the top» [Ainy, 1989: 37]. Истилоҳи *spinner* низ аз феъли *to spin (ресидан, ришtан)* ва пасванди *-er* сохта шуда, ҳамчун исми моддӣ, яъне *ресанда* дар соҳаи бофандагӣ истеъмол мешавад. Аз шарҳу тавзеҳи пасванди *-er* маълум гардид, ки он дар забони англисӣ сермаҳсул будааст.

Пасванди -ing. Дар муқоиса бо дигар унсурҳои калимасоз пасванди *-ing* дар забони англисӣ сермаҳсул аст. Ин пасванд ба асосҳои феъл ҳамроҳ шуда, исмҳои моддие месозад, ки ин ё он амалу фаъолиятро дар соҳаи бофандагӣ ифода мекунад. Маслан, ба асоси феълҳои *brade (бофтан печондан), spin (ресидан), weave (бофтан), warping (печондан), dye (ранг кардан), imbroader(кашидадӯзӣ, гӯлдӯзӣ), embellish (оро додан)* ҳамроҳ шуда, исмҳои амали зеринро месозад: *brading (бофиш, печиш), spinning (ресиш), weaving (бофиш), warping (печониш), dyeing (хушкунӣ, рануборкунӣ), imbroadering (кашидадӯзӣ, гӯлдӯзӣ), embellishing (ороиш)*. Муодили пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ унсурҳои калимасозӣ *-иш* ва *-ӣ* ба шумор мераванд: *ресиш, бофиш, рангкунӣ, гӯлдӯзӣ, кашидадӯзӣ* ва ғ...Аз шарҳи пасванди

мазкур маълум гардид, ки он дар ҳар ду забон ҳам дар созмони истилоҳи бофандагӣ сермаҳсул мебошад.

Пасванди -ӏе. Ин пасванд дар низоми истилоҳоти бофандагӣ ба асоси феълҳо ҳамроҳ шуда, исмҳое месозад, ки номи ин ё он дастгоҳу таҷҳизотро дар соҳаи бофандагӣ ифода мекунад: *spindle*. Истилоҳи *spindle* аз нигоҳи таркиби морфологӣ исми сохта буда, маънои луғавии “A slender rounded rod with tapered ends used hand spinning to twist and with thread from a math of wool or flax held on distaff (Меҳвар ё тири тунуки гирд бо нӯгҳои тез дар ресиши дастӣ барои тофтан ва печонидани ришта аз пашм ё катон, ки дар чархи ресандагӣ истифода мешавад)»-ро соҳиб аст.

Созмони истилоҳоти бофандагӣ тавассути усули калимсозии наҳвию сарфӣ. Ташакули истилоҳоти бофандагӣ дар асоси усули калимсозии наҳвию сарфӣ яке аз сермаҳсултарин роҳу усули калимасозиву истилоҳсозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба ин усули калимасозӣ забоншиносон Д. Саймуддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, М. Султонов, О. Қосимов, М. Олимҷонов, С, Ғаниева, С. Низомова ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд. Муаллифони «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» калимаҳои мураккабро аз рӯйи воситаи алоқа чунин дастабандӣ намуданд: «1. Калимаҳои мураккаби пайваст; 2. Калимаҳои мураккаби тобеъ; 3. Калимаҳои мураккаби омехта» [4, с. 145].

Ҳамин тавр дар асоси гуфтаҳои боло мо луғоту истилоҳоти мураккаби соҳаи бофандагиро чунин гурӯҳбандӣ намудем: истилоҳоти мураккаби пайваст; истилоҳоти мураккаби тобеъ; истилоҳоти мураккаби омехта.

Истилоҳоти мураккаби пайваст. Ин усули истилоҳсозӣ, асосан, хоси исм, сифат ва зарф буда, дар созмони он инчунин дигар ҳиссаҳои нутқ иштирок мекунанд. Бо ёрии миёнвандҳо сохта шудани истилоҳоти мураккаби пайваст дар забони тоҷикӣ мавқеъи назаррас дорад, яъне ба воситаи миёнвандҳо ҳиссаҳои гунонгуни нутқ ба ҳам пайваст мешаванд ва аксари истилоҳоти мураккаби пайваст решаҳои гуногун доранд: *абр+а+астар= абрастар*. Вожаи мураккаби пайвасти *абрастар* маънои «ҷомаи сабук, ки огандаи пахта нест ва танҳо аз абраву остар иборат аст [10, с. 7]»-ро ифода намуда, доираи истеъмолаш хеле маҳдуд аст, яъне танҳо дар соҳаи бофандагӣ корбурд мегардад: Дар ҳавоҳои гармтар бо як қабат курта-лозимӣ ва дар зимистон аз болои курта як қабат ҷомаи *абрастари* бепахта пӯшида мегашт [Айнӣ, 2013: 51].

Дар низоми истилоҳоти бофандагӣ вожаҳои мураккаби пайваste мавҷуданд, ки ба воситаи якҷо омадани ду сифати нисбӣ бо суффикси “ӣ» сохта шудаанд, ки ҷузъҳояшон барои пурра кардан ва эзоҳ додани ҳамдигар меоянд: дар тани ӯ як *курта-лозимии* ҳазорямоқ, аз асбоби хона танҳо як пустаки кӯҳнаи пашмаш рехта, як намадчаи дарида ва чанд лӯлаболишти чағбушташ намоёндошта дошт. [Айнӣ, 2013:саҳ.46]. Бинобар ин, бо сангзаниҳои он бачаи мағрур хурсандии маро, аз он *кӯрта-лозимӣ* пайдо шуда буда, кам нагардид,..... [Айнӣ, 2013: саҳ.18].

Истилоҳоти мураккаби тобеъ. Ин анвои истилоҳот, аслан, аз ду реша иборат аст. Онҳоро аз лиҳози алоқаи ҷузъҳояшон метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: 1. Истилоҳоте, ки ҷузъи якумашон асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ аст. 2. Истилоҳоте, ки ҷузъи якумашон тобеъ буда, ҷузъи дуюмашон асосӣ аст. Дар низоми истилоҳоти соҳаи бофандагӣ, вожаҳои мураккабе мавҷуданд, ки ки аз исму асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд, асоси феъл калимаи асосӣ буда, исм атрибути (ҷузъи эзоҳдиҳандаи) он мебошад ва дар байни ҷузъҳо муносибати объектӣ дида мешавад. Асосҳои феъли замони ҳозира чун сифати феълии кӯтоҳшуда ба назар мерасад: *қолинбоф (бофандаи қолин), намадбоф (бофандаи намад), гилембоф (бофандаи гилем).* Аз лиҳози маъни ин анвои исмҳо хеле мухталифанд, яъне онҳо шахсро ифода мекунанд: *алочабоф, атласбоф, адрасбоф, ҷуроббоф, карбосбоф*, *ҷомадӯз* **(***он ки ҷома медӯзад, он ки ба дӯхтани ҷома машғул аст).* Чунон ки аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, исмҳои мазкур аз ҷиҳати маъно хеле гуногун буда, калимаи асосӣ (асоси феъл) онҳоро муттаҳид месозад.

Гузашта аз ин, дар таркиби низоми истилоҳоти бофандагии забони тоҷикӣ исмҳои мураккаби тобеи мавҷуданд, ки номи ашёҳои мухталиф ё ки ин ё он ҷузъи асбобҳои бофандагӣ ва ресандагиро ифода мекунанд, ба монанди *борҷома, чӯбдаст*. Илова бар ин, исмҳои мураккабе тобеи истифода мешаванд, ки ҷузъи якумашон асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ аст, ба монанди *гулбаст*. Истилоҳи *гулбаст* аз решаи исми *гул* ва асоси замони гузаштаи феъли *бастан*, яъне “баст» сохта шуда, маънои “матоъи дастии сифати пахтагин ва сернақшӣ»-ро мефаҳмонад: «Аммо аз асри ХХ сар карда ҳунармандон барои диққати

мардумро ҷалб кардан дар омода намудани гулбаст аз рангҳои зард ва сабз истифода мекардагӣ шуданд» [1, с. 58].

Дар баробари ин, дар низоми истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикӣ исмҳои мураккаби тобеи серҷузъае мавҷуданд, ки аз нигоҳи сохтор онҳоро метавон ба ду гурӯҳ дастабандӣ намуд: 1) исмҳои мураккаби сеҷузъае, ки ҷузъи якумашон мураккаб аст; 2) исмҳои мураккаби серҷузъае, ки ҷузъи дуюмашон мураккаб аст. Исмҳои мураккаби серҷузъаи гурӯҳи якум истилоҳоте мебошанд, ки нахуст ҷузъи якуми онҳо ҳамчун калимаи мураккаб ташкил ёфта ба таври ҷудогона истеъмол мешавад ва баъд ба он ҷузъи дуюм пайваст гардида, исми мураккаби серҷузъа ба вуҷуд меояд: *яктаҳ+курта = яктаҳкурта*. Гурӯҳи дигари исмҳои серҷузъаро вожагоне ташкил мекунанд, ки ҷузъи дуюмашон мураккаб буда, пасон ба он ҷузъи якум пайваст шудааст: *даст+румол = даструмол*.

Истилоҳоти мураккаби омехта. Ин анвои истилоҳоти мураккаб аз ду ва ё зиёда асос ё реша ва унсурҳои калимасоз таркиб ёфтаанд: *алоча+боф+ӣ = алочабофӣ*. Истилоҳи *алочабофӣ* аз исми модии *алоча* ва феъли *бофтан* ба воситаи пасванди *-ӣ* таркиб ёфта, маънии зеринро ифода мекунад: «1. Амали алочабоф. 2. Пешаи алочабофон» [Доро, 2021: 21]: Ноҳияҳои ғарбии ин маҳал дар *алочабофӣ, карсонтарошӣ, сабадбофӣ, хурҷиндӯзӣ, ҷуроббофӣ* ном бароварда буд [6, с. 737]. *Калобарангкунӣ* < Корҳои *калобарангкуниро* ҳам бо нишондоди падарам ӯ мекард [Айнӣ, 2013: 83]. *Намад+мол+ӣ=намадмолӣ< Намадмолӣ* аз қадимтарин ҳунарҳои дастии мардуми тоҷик ба шумор меравад. *Гӯл+дӯз+ӣ= гӯлдӯзӣ <Гӯлдӯзӣ* аслан шуғли хонагӣ буда, барои ороиши сару либос истиқоматгоҳ, ҷиҳози хона, ашёи шахсӣ (дастмол, ҷувздон, тамокудон) ва ғайра истифода мешавад [Tajikistan: 63]. *Кӯрпа+дӯз+ӣ= кӯрпадӯзӣ* < Маросими кӯрпаву *кӯрпачадӯзӣ* – анъанаи пеш аз тӯйи арусӣ низ маҳсуб меёбад [1, с. 131]. Истилоҳи *чакандӯзӣ* аз исми *чакан* ва феъли *дӯхтан* бо ҳамроҳ гардидани пасванди *-ӣ* сохта шуда, дар сарчашмаҳо бо маъниҳои: “яке аз намудҳои санъати бадеӣ-амалӣ, ҳамчун шакли ҳунари бадеӣ яке аз навъи гӯлдӯзист»; «навъе аз кашидадӯзӣ, ки бо абрешими ранга дар матоъ *ва ғ.* нақш» [16, с. 522] омадааст. Калимаи «чакан»-ро бо калимаҳои «чеканит», «чеканка» и русӣ ва «чакома»-ву «чакомак»-и авестоӣ алоқаманд мекунанд. Дар ин маврид вобастагӣ ба нақшро дар назар доранд, яъне чакан – ин нақш аст [1, с. 233]. *Чит-боф-ӣ=читбофӣ: Читбофӣ* дар мамлакатҳои аз шарқ аз қадим маъмул аст [1, с. 243].

Дар баробари ин, истилоҳоти мураккаби омехтае мавҷуданд, ки яке аз ҷузъашон калимаи иқтибосӣ ва дигаре вожаи аслии тоҷикӣ ба меравад: қӯроқдӯзӣ. Решаи якуми истилоҳи *қуроқдӯзӣ* вожаи *қуроқ* аз забони туркӣ иқтибос шуда, маънои: «Чизе, ки аз порчаҳои матоъҳои гуногунранг бо тартиби махсусе дӯхта шудааст [16, с. 135]»-ро ифода мекунад. *Карбос+боф+ӣ= карбосбофӣ*. Ҷузъи якуми истилоҳи *карбосбофӣ*, яъне вожаи *карбос* аз забони ҳинди иқтибос шуда, ҷузъи дуюмашро феъли «бофтан» ташкил медиҳад: <Дар Суғди қадим дар асрҳои VI ибтидои асри 8 тараққиёти *карбосбофӣ* ба авҷи худ мерасад [1, с. 117].

Бо вуҷуди ин, дар забони тоҷикӣ исмҳои мураккаби омехтае мавҷуданд, аз исм, замони ҳозираи феъл ва пасван *-ак* сохта шудаанд: *чарх+рес+ак = чархресак.*

Бояд тазаккур дод, ки пасванди *-ӣ* аз сермаҳсултарин унсурҳои истилоҳсоз буда дар ташаккули исмҳои мураккаби омехта нақши калон дорад. Он аз исмҳои мураккабе, ки аз исму асоси феъл иборатанд, исми маъни (амал) месозад: *либосдӯзӣ; сӯзандӯзӣ; чакандӯзӣ, кашидадӯзӣ, нақшдӯзӣ, ҷелакдӯзӣ.* Истилоҳи *ҷелакдӯзӣ* аз исми *ҷелак* ва феъли *дӯхтан* ба воситаи пасванди *-ӣ* сохта шуда, як навъи либоси сабуки суннатии мардона мебошад. Вожаи “*ҷелак*», ки ҷузъи асосии истилоҳи *ҷелакдӯзӣ* аст, дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба чунин маънӣ омадааст: «Либоси сабуки бе остари болопӯш» [17, с. 2008: 590]. *Шероз+дӯз+ӣ = Шероздӯзӣ*. Ҷузъи якуми истилоҳи мазкур калимаи “шероз» ба худ хусусияти ҳамгунӣ (омонимӣ) гирифта, аз маъниҳои зерин иборат аст:: «1.шероз мансуб ба шаҳри Шероз [17, с. 636]; 2. Шероз – тасмача, зеҳи гулдӯзӣ, ки ба нуги остин, бари ҷома гирди девориҳову дигар чизҳои суннатӣ ҳамчун унсури ороишӣ дӯхта мешавад» [1, с. 255]. Вожаи “шероза» гунаи дигари вожаи «шероза» буда маънои зеринро ифода мекунад: “ҳошия, зеҳе, ки ба даври тоқӣ, бари ҷома, гирди остин ва **ғ.**медӯзанд» [17, с. 636].

Истилоҳоти таркибӣ ё ибораистилоҳот. Ин анвои истилоҳот бар пояи усули наҳвӣ сохта мешавад. Ҷузъҳои ибораистилоҳот ба якдигар тавассути алоқаҳои мухталифи наҳвӣ пайваст мешавад. Дар забони тоҷикӣ аз ҳама сермаҳсултарин алоқаи ноаҳвӣ дар созмони ибораистилоҳ – ин алоқаи изофӣ буда, ҷузъи асосӣ ба ҷузъи тобеъ тавассути бандаки изофии “ӣ» алоқаманд мешаванд ва бештари ҷузъҳои ибораистилоҳоти соҳаи бофандагӣ маҳз

тавассути алоқаи изофӣ пайваст гардида, дар низоми истилоҳоти бофандагӣ ҳамчун истилоҳибораҳои исмии изофӣ маъмуланд. Ҳамин тавр, он ибораистилоҳоти бофандагие, ки мо ҷамъовари намудемаз рӯйи қолабҳои зерин дастабандӣ гардидаанд.

Ибораистилоҳоти забони тоҷикӣ. Дар забони тоҷикӣ вожагони таркибӣ ё истилоҳибораҳоти соҳаи бофандагӣ дар асоси қолабҳои зерин сохта мешаванд:

Noun+Adjective. Ибораистилоҳоте, ки дар асоси қолаби мазкур сохта мешаванд, аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъи асосӣ исм ва ҷузъи тобеъ сифат буда, ҷузъҳо тавассути бандаки изофии “и» ба ҳамдигар пайваст мешавад: *атласи абрешимӣ*<Аз атласи абрешимӣ асосан либоси занона, аз *атласи нимабрешимӣ* бошад, кӯрпаву кӯрпача ва ғайра медӯзанд [1, с. 14]; *матоъҳои шоҳӣ* <Тарзи тайёр ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ ва нимшоҳӣ, пахтагии тоҷик басо кӯҳан аст ва пайдоиши ин тарзи истеҳсоли матоъҳо аз анъанаҳои бофандагии тоҷик сарчашма мегирад [1, с. 17]; *матоъҳои абра/авра* <Бофандаҳои тоҷик дар санъати тайёр намудани матоъҳои абра / авра ба дараҷаи олӣ расида буданд.

Noun+Noun. Ибораистилоҳоте, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта шудаанд, дуҷузъа буда, ҳарду ҷузъҳояшон исм мебошад. Ҷузъҳо ба воситаи алоқаи изофӣ ба ҳам пайваст мешаванд. Илова бар ин ҷузъи дуюми ин анвои ибораистилоҳот ба макони истеҳсоли ин ё он матоъ мансуб аст: *атласи Хуҷанд*< Дар гузашта *атласи Хуҷанд*, Самарқанд, Конибодом, Андиҷон хеле машҳур буд. [1, с 18]. Дастгоҳи бофандагӣ<Дукон – дастгоҳи бофандагиест, ки дар он матоъҳои пахтагин, абрешимӣ ё пашмин мебофанд. [1, с. 47]; *ҷиҳози бофандагӣ* <Ҷиҳози бофандагӣ – асосан ҳаллоҷӣ, чарх, дӯкон ва ғайра буд [1, с. 48].

Noun + Adjective+ Adjective. Ибораистилоҳоте, ки тавассути қолаби мазкур сохта мешаванд, аз се ҷузъ иборат буда, ҷузъҳои сеюму дуюм ҳамчун ҷузъи тобеъ ба ҷузъи якум яъне ҷузъи асосӣ ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст мешавад: матоъҳои ҳамвори ҷилодор <Гурӯҳи матоъҳои бофти атласӣ - матоъҳои ҳамвори ҷилодор, асосан матоъҳои абрешимиро дар бар мегиранд [1, с. 19].

Noun+ Noun + Adjective. Ибораистилоҳоте, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта мешаванд, аз сеҷузъ – исм, исм ва сифат иборат буда, ҷузъҳои дуюму сеюм ба ҷузъи якум ба воситаи алоқаи изофи пайваст мешаванд: тори беқасаби рахдор <*Тори беқасаби рахдорро* одатан, ба панҷ, шаш қисм тақсим карда, ҳар якеро алоҳида ранг мекунанд [1, с. 46].

Noun+Adjective+Noun+Adjective. Ибораистилоҳоте, ки тавассути ин қолаб сохта шудаанд, аз чаҳор ҷузъ иборат буда, ҳам ду ҷузъи аввал ва ҳам ду ҷузъи охирро исму сифат ташкил дода, ҷузъҳо ба якдигар тавассути алоқаи изофӣ пайваст мешавад: матоъи дастии сифати пахтагин <Гулбаст – *матоъи дастии сифати пахтагин* ва сернақшӣ аст.

Ибораистилоҳоти забони англисӣ. Ибораистилоҳоти забони англисӣ бар пояи қолабҳои зерин сохта мешаванд.

Adjective+Noun. Ибораистилоҳҳое, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта мешавад аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъҳо ба якдигар тавассути алоқаи тобеъ, яъне тартиби калима пайваст мегарданд: *spinning wheel –чархи ресандагӣ; cotton-spinning factory – корхонаи пахтаресӣ; Silk weaving factory –фабрикаи шоҳибофӣ, woolen stockings – ҷӯробҳои пашмӣ, stocking mill – фабрикаи ҷуроббофӣ.*

Adjective+Adjective+Noun. Ибораистилоҳҳое, ки ба воситаи қолаби мазкур сохта шудаанд, аз се ҷузъ иборат буда, ду ҷузъи аввал сифат ва ҷузъи сеюм исм буда, ҷузъҳо ба якдигар таввсути алоқаи тобеъ пайваст шудаанд: *double knitted factory – матоъи катони дутарафаи кулулабофташуда*.

Adjective +Noun+Noun. Ибораистилоҳҳое, ки воситаи қолаби мазкур сохта шудаанд, аз сеҷузъ иборат буда, ҷузъи якум сифат ва ҷузъҳои дуюму сеюм исм буда, ҷузъҳо ба воситаи алоқаи тобеъ ба ҳам пайваст шудаанд: *knitted fabric mill – матоъи катонбофӣ; knitted outwear mill – корхонаи либосҳои болопӯш истеҳсолкунанда.*

Ҳамин тавр аз таҳлилу баррасии ибораистилоҳоти бофандагӣ маълум гардид, ки қисми зиёди ин навъи истилоҳотро дар ҳар ду забони муқоисашаванда ибораистилоҳоти дуҷузъа ташкил медиҳад. Агар дар сохтани ибораистилоҳҳои забони тоҷикӣ қолаби Noun+Adjective сермаҳсул бошад, пас, дар забони англисӣ ибораистилоҳҳот бештар ба воситаи қолаби Adjective +Noun сохта мешаванд. Агар дар забони тоҷикӣ ҷузъҳои ибораистилоҳҳот ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шаванд, пас, дар забони англисӣ ҷузъҳои ибораистилоҳҳот бештар ба воситаи алоқаи тобеъ ба ҳамдигар алоқаманд мегарданд.

Адабиёт

1. *Азизӣ, Ф. Мухтасари мероси маънавии тоҷикон / Ф. Азизӣ. – Душанбе, Адиб, 2016. – 272 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 464 с.*
3. *Айнӣ, С. Ғуломон / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энқиклопедияи Милии Тоҷик, 1975. – 610 с.*
4. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.*
5. *Ғаниева, С. Таркиби ономасиологии калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ / С. Ғаниева. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2016. – 188 с.*
6. *Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.*
7. *Касимов, О. Х. Лексика и словообразование в «Шохноме» Абулкасима Фирдоуси / О. Х. Касимов. – Душанбе, Чопхонаи Дониш. 2016. – 346 с.*
8. *Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. (асрҳои 9-10) / М. Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. – 490 с.*
9. *Қосимова, М. Н. Чор унсур: Маъниофаринӣ ва калимасозӣ (дар асоси маводи "Маснавии маънавӣ") / М. Н. Қосимова. - Душанбе: Деваштич, 2007. – 266 с.*
10. *Наҷот, Д. Фарҳанги Доро. Луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашиносӣ (дар ду ҷилд). Ҷилди 1. А-М. – Душанбе, 2021. – 658 с.*
11. *Наҷот, Д. Фарҳанги Доро. Луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашиносӣ (дар ду ҷилд). Ҷилди 2. Н-Я. – Душанбе, 2021. – 696 с.*
12. *Низомова, С. Ф. Калимасозии сарфӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ / С. Ф. Низомова. – Душанбе: матбааи ВКД, 2010. – 178 с.*
13. *Низомова, С. Ф. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ: дисс. доктор. илм. филол. / С. Ф. Низомова. – Душанбе, 2019. – 328 с.*
14. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.*
15. *Саймиддинов, Д. Вожасозии забони форсии миёна. - Душанбе: 2001, -310 с.*
16. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. / Д. Саймиддинов. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
17. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
18. *Хоркашев, С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010.- 143 с.*
19. *Aini, S. The Sands of Oxus. Boyhood reminiscences of Sadriddin Aini. Translated from the Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. – Costa Mesa, California: / S. Aini - Masda Publishers, 1998. – 277 p.*
20. *Ghafurov, B. Tajiks. Pre-ancient, ancient and medieval history. Volume 1-2. / B. Ghafurov. – Dushanbe: «Irphon», 2011. – 1168 pp.*
21. *Oxford Dictionary of English, 3rd Edition. – London – Oxford: Oxford University Press, 2010. - 2112 p.*

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ВОЖАВУ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ БОФАНДАГӢ БАР ПОЯИ РОҲУ УСУЛҲОИ КАЛИМАСОЗӢ

Дар мақолаи мазкур вожаву истилоҳоти бофандагии забонҳои тоҷикиву англисӣ аз лиҳози сохтор бар пояи роҳу усулҳои асосии калимасозиву истилоҳсозӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Аз лиҳози таркиби сарфӣ, вожаву истилоҳоти бофандагии забонҳои таҳқиқшаванда ба содаву сохта ва мураккабу таркибӣ дастабандӣ мешавад. Дар баробари ин, сермаҳсуливу каммаҳсулии унсурҳои калимасоз муайян гардида, хусусиёти решашиностии бархе аз истилоҳот низ таҳлил шуданд. Миқдори зиёди истилоҳоти соҳаи бофандагии ҳар ду забон ҳам дар асоси усули калимасозии сарфӣ ва наҳвӣ сохта мешаванд ва нақши дигар анвои калимасозӣ он қадар равшан нест.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, забони англисӣ, истилоҳ, калимасозӣ, истилоҳоти сода, истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, истилоҳоти таркибӣ.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ СЛОВ И ТЕРМИНОВ ТЕКСТИЛЬНОЙ ОТРАСЛИ НА ОСНОВЕ СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ СПОСОБОВ

В данной статье рассматривается лексика и термины текстильной отрасли в таджикском и английском языках с точки зрения морфологической структуры на основе основных способов словообразования или терминообразования. С точки зрения морфологической структуры лексика и термины текстильной отрасли исследуемых языков делятся на простые, производные, сложные и составные. Наряду с этим, были выявлены продуктивность и непродуктивность словообразовательных элементов, а также анализировались этимологические особенности некоторых терминов. Большое количество терминов в текстильной отрасли в обоих языках создано на основе как морфологических, так и синтаксических способов словообразования, однако роль других видов словообразования не столь ясна.

Ключевые слова: таджикский язык, английский язык, термин, словообразование, простые термины, производные термины, сложные термины, составные термины.

STRUCTURAL ANALYSIS OF WORDS AND TERMS OF THE TEXTILE INDUSTRY BASED ON WORD-FORMATION METHODS

This article examines the vocabulary and terms of the textile industry in the Tajik and English languages from the point of view of morphological structure based on the main methods of word formation or term formation. From the point of view of the morphological structure, the vocabulary and terms of the textile industry of the languages under study are divided into simple, derivative, compound and composite. Along with this, the productivity and unproductivity of word-forming elements were identified, and the etymological features of some terms were analyzed. A large number of terms in the textile industry in both languages are built on the basis of both morphological and syntactic methods of word formation, but the role of other types of word formation is not so clear.

Keywords: Tajik language, English language, term, word formation, simple terms, derived terms, complex terms, compound terms.

Дар бораи муаллифон

Ҳасанова Саодат Раҷабалиевна
Доктор PhD-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: saodat2024@mail.ru

Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: jsamiddin@mail.ru

Об авторах

Хасанова Саодат Раджабалиевна
Доктор PhD кафедры языкознания и сопоставительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: saodat2024@mail.ru

Джаматов Самиддин Салохиддинович
Доктор филологических наук, профессор кафедры языкознания и сопоставительной типология
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jsamiddin@mail.ru

About the authors

Hasanova Saodat Rajabalievna
Doctor PhD in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: saodat2024@mail.ru

Jamatov Samiddin Salohiddinovich
Doctor of Philological Sciences, Professor in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: jsamiddin@mail.ru

ТДУ 809.155.0

БАРРАСИИ ПЕШВАНДҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАБОНИ УЗБЕКӢ

Исмоилов Б. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар забони узбекӣ калимаҳои сохтае, ки номи касбу ҳунар, унвон, пайрави ягон таълимот ва аъзои ташкилоти ихтиёрӣ будани шахс, инчунин хусусиятҳои шахсро аз рӯйи ихтисос, машғулияташ ифода мекунанд, нисбатан қисми калони калимаҳои иқтибосии сохтаро ташкил медиҳанд. Дар забони осори нависандагони узбек калима, истилоҳ ва ибораҳо, мавқеъ ва нақши калимаҳои сохтаи баромадаш ба забони тоҷикӣ иртибот дошта, хеле зиёданд.

Дар натиҷаи то рафт инкишоф ёфтани соҳаҳои гуногуни хоҷагии ду миллат, яъне тоҷику узбек як қатор калимаҳои оид ба касбу ҳунарҳои нав ва шахсони бо ин касбу ҳунарҳо машғул ҳастанд, пайдо шуданд. Ин ҳолат доираи ба воситаи аффиксҳо сохта шудани исмҳои иқтибосии ифодакунандаи номи шахсро васеъ карда, маҳсулнокии баъзе тип ва воситаҳои калимасозиро боз ҳам пурқуваттар кардааст. Калимаҳои сохтаи иқтибосии ***бозорчи, дуторчи, бахтиёрлик, бевалик*** ва ғайраҳо гувоҳи ин маънист. “*Шаҳарда очлар ва хайр сўровчилар кўпайган эди. Улар хайр сўраб чўзган қўллари билан дўкондорларни ҳам, хонадонларни ҳам, косибларни ҳам, йўловчиларни ҳам,* ***бозарчи****ларни ҳам, самовардаги чойхўрларни ҳам безор қилдилар*” [4, с. 126]. “***Дуторчи*** *дуторнинг қулоғини жаҳл билан қаттиқ бураб, торини узиб юборди*” [4, с. 241]. “*Ойимхон инсон ҳаётида юз берган тафовутни- алам билан* ***бахтиёрлик****, қуллик билан озодлик ўртасидаги тафовутни тўла ҳис қилиб кўзларидан мўлт-мўлт ёш оқизмай қолмас эди*” [4, с. 85]. “***Бевалик****да не ҳасратда катта қилганман*” [4, с. 93].

Ба ҳама маълум, ки ҳам мардуми узбек ва ҳам мардуми тоҷик дар давоми асрҳо бо касбу ҳунарҳои мардумии гуногун машғул буданд. Бо тараққӣ кардани техника ва технология касбу ҳунарҳо миқдоран боз афзуд ва ба ин муносибат коркунони соҳаҳои гуногуни касбу ҳунар низ хеле зиёд шуданд. Ҳеҷ як миллат худ ба худ якка вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, байни онҳо муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданию маърифатӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Асбобу анҷом ва чизҳои дигар, албатта, ном доранд ва бештар бо ҳамон номашон аз як забон ба забони дигар мегузаранд. Калимаҳои иқтибосӣ баъзан чунон ҳазм мешаванд, ки аз забони бегона будани онҳоро кас пай намебаранд. Аз ҳамин сабаб низ таркиби луғавии забон аз ҳисоби калимаҳои забонҳои дигар бой мегардад.

Асосан калимаҳои сохта ҳамчун воҳиди мустақили луғвӣ низ истифода мешавад ва аз он калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Ин аст, ки манбаи асосии калимасозӣ таркиби луғавии забон ва пеш аз ҳама фонди асосии он ба шумор веравад. Яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии забон аз забонҳои дигар қабул намудани калимаҳои ҷудогона мебошад. Ин ҳодиса дар забони адабии узбек бараъло мушоҳида мешавад. Калимаҳои зиёде аз забонҳои дигар бо роҳу воситаҳои гуногун ба таркиби луғати забони узбекӣ дохил шудаанд. Миқдори муайяни онҳоро калимаҳои русӣ, арабӣ ва асосан калимаҳои тоҷикӣ ташкил мекунанд. Ба забони узбекӣ аз забони тоҷикӣ аз ҳама пештар ва бештар исмҳо дохил шудаанд. Баробари инҳо аз забони тоҷикӣ ба забони узбекӣ як қатор пешванду пасвандҳо низ гузаштаанд, ки онҳо дар забони осори нависандагони узбек миқдоран хеле зиёд ба назар мерасад.

1. Пешванди *ҳам-*.

Пешванди **ҳам-** дар калимасозӣ хеле фаъол мебошад. Ин пешванд аз исм исмҳое месозад, ки ҳамроҳӣ, шарикӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва ашёро мефаҳмонад. Мисол, ***ҳамроҳ, ҳамсоя, ҳамхона*** ва дигар.

Пешванди ***ҳам-*** бо калимаҳои узбекӣ ҳамроҳ омада, исмҳои ифодакунандаи касбу кор, машғулият ва хусусияти шахсро ифода мекунад, ки ин қабили калимаҳо дар забони осори нависанда ба мушоҳида расид. Мисол, ҳ***ам-ётоқ, ҳам-юрт, ҳам-қишлоқ, ҳам-қур*** ва ғайра:

“*Саидий буни ўзининг **ҳамётоқларига** айтиб берди*” [5, с. 683]. “*Унинг ботирлиги **ҳамюртларига** ҳам эшитилиб қолади*” [5, с. 685]. “*Қумри-Сарагулнинг **ҳамқишлоғи**, жуда яқин дугонаси, етим қиҳ эди*” [5, с. 685]. “*Йўлчи ўз **ҳамқурлари** билан бирга тонг шабадасида ишга тушар, қуёш тик келганда овқатланиб, то қоронғилик тушгунча яна меҳнат қилар эди*” [5, с. 685]. “*Саидий қайтиб келганида **ҳамхуҷраси** Эҳсон тор ва дам уйда иштончанг, димиқиб ўлтириб мутолаа қилар эди*” [5, с. 685].

2. Пешванди *сер-:*

Сер дар маънии *он ки нав хўрок хўрда шикамаш пур аст ва майли хўрокхўрӣ надорад* ифода мекунад. Ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои зиёд ва фаровон будани чизе. Мисол, ***серкор, серталаб, серташвиш*** ва ғайра.

Калимаҳое, ки бо пешванди ***сер-*** сохта шудаанд ва дар забони осори нависандагон ба кор бурда шудааст, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуд:

2.1. Аз ҷиҳати миқдор ва ё шумораи бисёрии ашёро ифода мекунад: Мисол, ***сермева, сергӯшт, серпахта, серфарзанд, серҳосил, сероб, сермол, сермӯй, сернам, сероҳанг, сершарбат, сершона, сершох, сербарг, сергул, серпул*** ва ғайра.

“***Сергӯшт** буғдой шавласининг хушбўй ҳиди анқиб, одамнинг димоғига урарди*” [5, с. 38]. “*Яна нимаси бор эди. Белида рўмоли бормиди? –Ҳа бор эди. Эсим қурсин, айтмабман, худоё **серфарзанд,** сердавлат бўлинг! –деб шошиб қолди Бувинисо*” [5, с. 41]. “*Сувсизликдан номи эди Мирзачўл, Сув келтирди **серҳосил** кенг ер қилди*” [5, с. 42]. “*Қори тугунчани очиб ўрикдан иккитасини Сидиқжонга узатди. Зап ўрик экан-да. Канал битиб, сув **сероб** бўлиб, боғ-роғ қилганимизда албатта шунинг данагидан экамиз*” [5, с. 40].

Пешванди **сер-** дар ҳамин маънӣ ҳамроҳ бо калимаи марбут ба забони узбекӣ омаданаш низ мумкин. Мисол, ***сер-соч, сер-соқол, сер-ёғ, сер-жун, сер-сомон, сер-сув, сер-сут, сер-қатиқ, сер-ажин, сер-томир, сер-тук, сер-тупроқ, сер-қаймоқ, сер-бола, сер-ёмғир, сер-илдиз*** ва ғайра. “*Баҳри чимматини кўтарди-да, **сersоқол,** кўк кўз чолнинг девордаги суратига қараганча анграйиб қолди*” [5, с. 40]. “*Икки тиззасига **сержун** билакларини қўйиб, ..ўй сураётган кекса киши –уста Замон*” [5, с. 39]. “*Пўлатжон кўзини юмиб, меҳрибон онасининг **серажин** нуроний юзини кўз олдига келтирди*” [5, с. 38]. “*Чол совуқдан кўкарган **сертомир** қўлларини чироқ шишасига тутиб исита бошлади*” [5, с. 41]. “*Алиохун ўрнидан туриб кенг, **сертук** кўкрагини қавартиб керишди*” [5, с. 41]. “*Даладан қайтган моллар шовқин-сурон билан катта **сертупроқ** кўчани чангитиб келмоқда*” [5, с. 41].

2.2. Сифатҳое, ки маънои характер ва миқдори ягон аломати инсонҳоро мефаҳмонад:

Мисол, ***серғайрат, серҳаракат, серҳафсала, сергап, сержаҳл, серзавқ, серзарда, сербарака, сердағдаға, сержилва, сермашаққат, сермеҳнат*** ва ғайра.

“*Маҳмуджон ёш бўлса ҳам кўпчиликка бош, ишчан, **серғайрат,** ташаббускор бригадирлардан бири*” [5, с. 42]. “*Қайтага биздан кўра комсомоллар **серҳаракат** чиқиб қолишди: ячейкалари бор, жуда яхши бўлмаса ҳам, ўзларини кўрсатиб турибдилар*” [5, с. 42]. “*-Дада, энди унча сизга ярашмайди, -деди Зайнаб койинган, лекин ҳазилсимон товуш билан, -ичсангиз жуда **сергап** бўлиб қоласиз*” [5, с. 38]. “*Биринчи қарашда у ғоят жиддий, ҳатто бирмунча **сержаҳл** кўринарди*” [5, с. 39].

Дар ин маънӣ низ калимаҳои сохта дар забони осори нависанда ба назар мерасад, ки асосашро калимаҳои узбекӣ ташкил медиҳад. Мисол, ***серунум, сербезак, сербутоқ*** ва ғайра.

“*Ғиждувон .. Бухоро амирлигида энг **серунум** беклик*” [5, с. 41]. “*Баланд, **сербезак** шифтда, олтин суви югуртирилган кучли занжирда каттакон қандил ҳисобсиз чироқлари билан гавҳардай товланиб турар эди*” [5, с. 38]. “*У эмаклаб **сербутоқ** қора қайин тагига борди*” [5, с. 38].

2.3. Пешванди сер- маъноҳои хоса, хусусият ва ҳолатро ифода мекунад:

Мисол, ***сермаъно, сермазмун, серфайз, серҳашам, серхархаша, серноз, серпардоз, серсавлат, серсоя, серяпроқ, сервиқор, сердиққат, сержон, серишва*** ва ғайра.

“*Эҳсон ундан чиройли, **сермаъно** хат кутади, чунки, у Саидийга бўлажак шоир, деб қарар эди*” [5, с. 40]. “*Ўзини пахта устаси деб юрган баъзи кишилар Саодатнинг **сермазмун** лексиясини эшитиб ҳайрон бўлиб ҷолдилар*” [5, с. 39]. “*Баҳорнинг **серфайз** кунларида Оққўрғон ишлаб чиқариш бошқармасидаги “Узбекистон ССР беш йиллиги” совхози томон йўл олдик*” [5, с. 41]. “*Эрматов .. **серҳашам** қиндан сопи гулдор, ўткир фарғонача пичоқни*

суғурди” [5, с. 42]. “*Беклигингиздаги деҳқонлар бойваччалардай* ***серхархаша*** *бўлишипти*” [5, с. 41].

Дар забони осори Абдулло Қаҳҳор боз як қатор калимаҳое, ки бо пешванди **сер-** сохта шудааст, ба назар мерасад, ки асоси онҳоро калимаҳои узбекӣ ташкил медиҳад. Мисол, ***сер-қатнов, сер-шовқин, сер-уйқу, сер-ямоқ, сер-қавиқ, сер-қадоқ, сер-қилиқ, сер-қош, сер-ёғин*** ва ғайра.

“Бекавача ***серқатнов*** *бўлиб қолдилар”, деган гапни дилидан ўтказди*” [5, с. 41]. “*Маҳкам .. Сирдарё бўйидаги* ***сершовқин,*** *гавжум ишчилар шаҳарчасида катта бўлган эди*” [5, с. 41]. “*Улар ялқов, йиғлоқи ва* ***серуйқу*** *эдилар*” [5, с. 41]. “*Алиохун .. қаердандир ип топиб, эски,* ***серямоқ*** *кўйлагининг йиртиғини тикишга ўтирди*” [5, с. 41]. “*Ғуломжон қўшни эшигини тўсиб турган* ***серяпроқ,*** *қалин шохлар орасига кириб, мингбоши ҳовлисига қаради*” [5, с. 41]. “*Қамчи ..* ***серқавиқ*** *бўз тўни устидан чандиб боғлаб олган қўш белбоғини.. ушлаганча жавоб берди*” [5, с. 41].

Дар ҳамин маврид бояд қайд кард, ки дар забони адабии узбекӣ вазифаи пешванди **“сер-“** ро пасванди **-ли** иҷро мекунад. Ин пасванд калимасози сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Мисол, ***серпардоз-пардозли, серсавлат-савлатли, серсоя-сояли, серяпроқ-япроқли, сервиқор-виқорли, сердиққат-диққатли.***

Вале, дар сохти баъзе калимаҳо вазифаи пешванди **“сер-“** ро пасванди **-ли** иҷро карда нмаетавонад. Мисол, ***серқатнов-қатновли, серуйқу-уйқули, серқирра-қиррали*** ва ғайра. Баъзан дар гуфтугӯ калимаи “**қирра”**-ро дар якҷоягӣ бо пешванди **“сер-“** ва ҳам пасванди **“-ли”** талаффуз мекунанд. Мисол, **<u>серқиррали.</u>** Ин қабули қобил нест.

Ҳамин ҳолат дар баъзе калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар осори нависандагон ба кор бурда шудааст, ба назар мерасад. Мисол, ***сергап-гапли, сероб-обли, сермӯй-мӯйли, серкор-корли, серталаб-талабли*** ва ғайра.

3. Пешванди *бе-:*

Дар забони адабии тоҷикӣ пешванди ***бе-*** дар калимасозӣ сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Аз исмҳо сифати аслӣ месозад, ки ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад. Мисол, ***бемеҳр, бепоён, бехатар, бетараф*** ва ғайра.

Дар забони узбекӣ яке аз роҳи маъмули калимасозӣ бо роҳи сохташавии калимаҳо тавассути пешванди ***бе-*** мебошад, ки мавқеи намоёнро касб кардааст. Ин пешванд серистеъмол буда, сохташавии калимаҳо бо он миқдоран хеле зиёд мебошад. Калимаҳое, ки бо пешванди ***бе-*** сохта шудаанд маъноҳои инкор, ба мансуб надоштани хоса ва хусусиятро ифода мекунад, ки онҳоро ба якчанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин.

3.1. Мавҷуд набудани характер-хусусият, хоса ва ҳолати шахсро ифода мекунад: ***бегуноҳ, бемеҳр, бераҳм, беҳаё, бетайин, бедармон, бесабр, беор, бетамиз, бетоқат, бевафо, бебурд, бедил, бемадор, бемажол, бемурувват, бенаво, беназир, беномус, беозор, беором, бепадар, бепардоз, бефарзанд*** ва ғайра.

“***Бегуноҳ*** *мӯминларни ўлдираверіб, жаннатни ҳам тўлдириб қўйдингиз*” [4, с. 94]. “*Жамила ўз-ўзига:* ***Бераҳм*** *бой, токайгача хун-бийрон йиғлатасан, бу тўкилган ёшлар, .. бу оҳу зорлар сени ёқангдан тутмай қўймас*” [4, с. 103]. “*Ғуломжон ҳушига келди. Уни энди* ***бетайин*** *бир қўрқув ҳушига келтирган эди*” [4, с. 106]. “*Қўрғонларда кечки овқатга ёқилган ўтнинг нимранг тутунлари пахса деворлардан* ***бедармон*** *кўчиб, гиёҳлар устига ёстанади*” [4, с. 94]. “*Сабр қилсанг ғўрадан ҳалво битар,* ***бесабрлар*** *ўз оёғидан йитар*” [4, с. 105].

Пешванди **бе-** аз исмҳои хоси забони узбекӣ ба ҳамин маънӣ сифатҳои аслӣ сохтааст, ки ин дар забони нависанда бештар ба назар мерасад. Мисол, ***бетутуриқ, бекўним, бежирим, бекуч, бесоқол, бетиним*** ва ғайра. “*Саккиз йилдан бери суд аппаратида ишлаб, бундай* ***бетутуриқ*** *айблов фикрини .. кўрганим йўқ*” [4, с. 107]. “*Муҳаррам ширин табассум билан кулди,* ***бежирим*** *лабининг икки бурчагини нозик тўр тутилган дастрўмолчаси билан артиб қғйди*”. “*Ойқиз.. қабулхонада* ***бежиримгина,*** *қадди қомати келишган .. нотаниш қизга назар ташлади*”. “*Турсуной газетага* ***бежирим*** *қилиб ўралган бир китобни очиб кўздан кечира бошлади*” [4, с. 95].

3.2. Мафҳуми шаклу намо, хусусият, хоса, ҳолат ва замонро ифода мекунад: ***бедаво, беўхшов, бевақт, бежанжал, бебозор, беихтиёр, бекор, бемаза, бенуқсон, бенасиб, бепарво, бепарда, бепарҳез, бепоён, бепул, бетўхтов*** ва ғайра. “*-Билмайман, болам, қандай* ***бедаво*** *дардга чалиндим, на уйқу бор, на иштаҳа*” [3, с. 287]. “*Тоҳиржон киноя билан*

*жилмайди: Меники **бедаво** дард, укам. Бирор кун енгилланиш йўқ*". "*Глухов пичоқ билан бир пастда **беўхшовгина** юлдуз ясади...*" [3, с. 287]. "*Унинг **бевақт** ажин тушган юзларида аллақандақ ифода*" [3, с. 287]. "*Қурбон ота яна неча йиллар эшоннинг хизматида бўлиб, **бевақт** кучдан қолди*". "***Бевақт** келиб сизларни йўлдан тўхтатдимми?*" [4, с. 94]. "*... **Бежанжал** кун ўтмайдими*" [3, с. 287].

3.3. Пешванди "*бе-*"-и тоҷикӣ ва пасванди калимасози "*–сиз*"-и узбекӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вазифаи пешванди "***бе-***" ро дар забони узбекӣ пасванди калимасози ***–сиз*** иҷро карда, синоними калимаҳои иқтибосиро ташкил мекунад. Ин гуна ҳодисаҳо барои боз ҳам ғани гардидани таркиби фонди луғавии забони узбекӣ хидмат мекунад. Дар забони осори Абдулло Қаҳҳор низ ба таври фаровон ба кор бурда шудааст. Мисол: ***гуноҳсиз, раҳмсиз, ҳаёсиз, тайинсиз, тутуриқсиз, тутунсиз, дармонсиз, қўнимсиз, оёқсиз, қўлсиз, сабрсиз, адабсиз, орсиз, тоқатсиз, вафосиз, кучсиз, мадорсиз, мажолсиз, мурувватсиз, номуссиз, пардозсиз, пардасиз, тинимсиз, фарзандсиз, ўхшашсиз, ўхшовсиз, жанжалсиз, парвосиз, поёнсиз, пулсиз, тўхтовсиз*** ва ғайра.

"*Мусулмонқул ўз ғарази йўлида орада йўқ низоларни қўзғаб, куёви Шералихонни ўлдирди, **гуноҳсиз** Муродхонни шаҳид этди*" [4, с. 199]. "*Хушрўйнинг **раҳмсиз** муҳокамасидан оққан бу ҳақиқатлар Зайнабни йиғлатди*" [4, с. 618]. "***Тайинсиз** кишига сир айтма*" [5, с. 108]. "*Авазхон қизларнинг кўзига ўзини янада ваҳимали қилиб кўрсатиш мақсадида уйдирма гапларни тўқийди, уларни олди-қочди **тутуриқсиз** гапларга ишонтиради*". "*Бобоалининг темир панжасида Мирзо Ёдгор гаранг эди, ҳансираб, **тутуриқсиз** нималардир сўзларди*" [5, с. 234-235].

Аммо баъзе калимаҳое, ки бо пешванди ***бе-*** сохта шуда бошад ҳам, онҳо пасванди ***"–сиз"***-ро қабул карда наметавонад. Яъне варианти бо пасванди ***–сиз*** сохташударо истифода бурда наметавонем. Ин гуна калимаҳои сохта дар истеъмоли забони нависанда ба назар намерасад. Мисол, ***бебурд-бурдсиз, бедил-дилсиз, бежирим-жиримсиз, беназир-назирсиз, бетамиз-тамизсиз, бекор-корсиз, бенасиб-насибсиз, бевақт-вақтсиз, беҳуда-ҳудасиз, бедор-дорсиз, бесўнақай-сўнақайсиз, безовта-зовтасиз*** ва ғайра.

4. Пешвандҳои *ба-, бо-:*

Ин пешвандҳо сермаҳсул буда, аз исм сифати аслӣ месозанд, ки мазмунан ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани ашёро мефаҳмонад. Мисол, ***бақувват, бадавлат, ботамкин, бобаракат*** ва ғайра.

Дар баъзе маврид онҳо якдигарро иваз карда меттавонанд. Мисол, ***баобрӯ-боobрӯ, баадаб-боадаб, боандеша-баандеша*** ва ғайра.

Калимаҳое, ки бо пешвандҳои мазкур сохта шудааст, дар забони осори нависанда фаъол мебошад. Мисол, ***баҳаво, бамаза, бамаъни, бамаслаҳат, бадҳайбат, басавлат, баобрӯ//боobрӯ, бақувват, бадавлат*** ва ғайра.

"*Шоир бир нафас ором олмоқ учун тоза, **баҳаво** бир хонага кирди*". "*Қаторасига биридан иккинчисига кирадиган тўртта катта-кичик нақшин уй, олдида **баҳаво** бир шийпон*" [4, с. 90]. "*Ғуломжон.. **бамаъни** гаплари билан Азим тажангга ёқиб қолган эди*" [4, с. 77]. "*У ҳамма ишни халқ билан **бамаслаҳат** қилади*" [4, с. 77].

4.1. Пешванди "*ба-*" ва *"бо-"*-и тоҷикӣ ва пасванди "*–ли*"-и узбекӣ:

Дар забони узбекӣ вазифаи пешванди ***ба-*** ва ***бо-*** ро пасванди ***–ли*** иҷро карда калимаҳои сохташударо ташкил медиҳад. Дар забони осори Абдулло Қаҳҳор теъдоди калимаҳои бо пасванди ***–ли*** сохташуда хеле зиёд мебошад. Мисол, *баҳаво-**ҳаволи,** бомаза-**мазали,** бамаъно-**маъноли,** бамаслиҳат-**маслаҳатли,** бадҳайбад-**ҳайбатли,** басавлат-**савлатли,** босавод-**саводли,** баобрӯ-**обрӯли,** бадавлат-**давлатли*** ва ғайра.

"*Ҳакимбойвачча лабини тишлаб, укасига **маъноли** қараб қўйди*" [4, с. 455]. "*Колхозда бирор **маслаҳатли** иш чиқиб қолгудай бўлса, раис энг олдин Шербекка одам югуртиради*" [4, с. 450].

Дар сохти баъзе калимаҳои асосаш забони узбекӣ буда, пешвандҳои **ба-** ва **бо-** иштирок карда наметавонад. Мисол, дар шакли ***ба**салмоқ, **бо**салмоқ, **бо**ардоқ, **ба**ардоқ, **ба**таниқ, **бо**таниқ* сохта намешавад. Ин гуна калимаҳои узбекӣ танҳо пасванди **"-ли"**-ро қабул мекунад. Мисол, *салмоқ**ли,** ардоқ**ли,** таниқ**ли*** ва ғайра.

5. Пешванди *но-:*

Ин пешванд дар сохтани сифат нисбат ба дигар пешвандҳои сифатсоз сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Пешванди **но-** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати предметро мефаҳмонад. Дар таркиби луғавии забони осори нависанда калимаҳои бо пешванди **но-** сохта шударо ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин:

А) Аз исм: ***ноумид, номард*** ва ғайра. Мисол, "*Хотин кишини ҳамма вақт* ***ноумид****, норози кўриб ўрганган ва буни хотинлик латофати деб билган Сиддиқжонга жувоннинг бу гаплари: унча ботмади*". [2, с. 65]. "*Мард йигит қўлида аждар ўлади,* ***номард*** *одам ипни аждар билади*" [4, с. 508].

Б) Аз сифат: **нопок.** Мисол,*"Мунаввархоннинг қора юрагида моғор босиб ётган* ***нопок*** *нияти "мегна эр эмас, жой керак" хиргойисиди ошкора бўлди"* [2, с. 89].

В) Аз асоси замони ҳозираи феъл: ***нодон, нохуш.*** Мисол, "*Сўзлагувчи* ***нодон*** *бўлса, эшитувчи доно бўлсин*" [4, с. 506]. "*Эрталаб Маҳкам уни* ***нохуш*** *аҳволда кўриб, яна муросалари келишмаганини сезди*". "*Унинг юзи заъфарон бўлди. Айниқса, бугун эрталаб почталон ташлаб кетган газета* ***нохуш*** *хабар келтирди*" [4, с. 512].

Г) Аз асоси замони гузаштаи феъл: ***ношуд, ношукур.*** Мисол, "*У ўзи танлаган уч* ***ношуд*** *навкари билан беш кишилашиб битта ҳам кийик уролмаганликларига диққат*". "*Шундай катта даргоҳдан ўрин тополмай қўлингни бурнингга тиқиб қайтдингми,* ***ношуд!***" [4, с. 512].

Ғ) Аз сифати феълӣ: ***ноқобил, нодаркор.*** Мисол, "*Шарқ халқларини ҳақорат қилмоқ, улар ақли, қобилияти чала, тарихий ижодга* ***ноқобил*** *деб исботламоқ .. минг-минг томлаб китоб ёздилар*". "*Ҳали ҳам анов ... маҳсидўзникидамисан? Аканг тентак йигит, кўп* ***ноқобил*** *чиқди*" [4, с. 512-513].

Пешванди ***но-*** якҷоя бо вожагони узбекӣ калимаҳое месозад, ки мафҳуми инкорро ифода мекунад. Мисол, ***нотекис, ноўрин, нотўғри, нотинч, носоғ, нотоб, ноқулай, нотаниш*** ва ғайра.

"*Карталарда ҳали ҳам* ***нотекис*** *ерлар бор. Аъзоларни паст-баландни текислашга солиб, ерни бороналашга тайёрласак*" [4, с. 512]. "*Бу гапингиз* ***нотўғри,*** *қори, сизнинг илмингиз эскича илм. Колхозга янгича илм керак*" [4, с. 512]. "*Раҳматилла бирмунча вақт шаҳар маорифи бўлимида, бу ер* ***нотинч*** *бўлгандан кейин, музейда ишлади*" [4, с. 512].

Дар забони адабии узбекӣ дар вазифаи пешванди сифатсози **но-** пасванди **-сиз** истифода бурда мешавад. Мисол, ***но****ўрин-ўрин****сиз, но****умед-умед****сиз*** ва ғайра. Вале ин на дар ҳама маврид. Дар сохти баъзе калимаҳо ба ҷойи пешванди **но-** пасванди **-сиз** ба кор бурда намешавад. Мисол, ***но****текис-текис****сиз, но****тўғри-тўғри****сиз, но****тинч-тинч****сиз, но****соғ-соғ****сиз*** ва ғайра.

Калимасозӣ бо пешвандҳо тарзи маъмул ва машҳури калимасозӣ буда, дар забони осори нависандагон хеле фаъол ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин усули калимасозӣ бо пешвандҳои иқтибосии забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар забони осори нависандагони узбек масъалаҳои баҳсталаб кам нестанд. Ба ҳалли ин мушкилот омӯзишу баррасии калимасозии осори насрии нависандагони адабиёти узбек мусоидат менамояд. Омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии калимаҳои иқтибосии забони тоҷикӣ дар осори нависандагони узбек нишон медиҳад, ки қолабҳои калимасозии иқтибосии пешвандҳои сериستеъмоли забони тоҷикӣ дар забони муосири узбекӣ фаровон истифода мегардад.

Аз таҳқиқи калимасозии пешвандҳо дар забони осори нависанда маълум гардид, ки ҳамвазифа ва муродифшавии унсурҳои калимасоз ва калима низ сериستеъмоланд.

Нависандагон аз ин имконоти калимасозии пешвандҳои иқтибосии тоҷикӣ хеле хуб ба кор бурдааст. Осори нависандагон дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии узбекӣ саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин ба инкишофи қолабҳои калимасозии забони адабии узбекӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Маълум гардид, ки пешвандҳои калимасози иқтибосии забони тоҷикӣ мавқеъ ва дараҷаи гуногуни худро доранд. Агар яке аз онҳо дар сохтани як ҳиссаи нутқ иштирок намояд, дигари онҳо дар сохтани чанд ҳиссаи нутқ ширкат карда, калимаи нави иқтибосии забони тоҷикиро сохтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нависандагони адабиёти узбек аз имконоти калимасозии забони адабии узбекӣ хеле устодона истифода бурда, қолабҳои нави калимасозиро дар забони узбекӣ офаридааст.

Адабиёт

1. *Абдулла, Қ. Аяжонларим / Қ. Абдулла. -Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1988. - 333 с.*
2. *Абдулла, Қ. "Қўшчинор чироқлари" [Огни Кошчинара] Роман. Ҳикоялар / Қ. Абдулла. -Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1987. - 368 с.*
3. *Абдулла, Қ. Сароб / Қ. Абдулла. - Тошкент: Адабиёт ва санъат, 1939. - 355 с.*
4. *Абдулла Қ. Янги ер (На новой земле) Комедия/ Қ. Абдулла.- Тошкент: Ўздавнашр, 1952.-78 с.*
5. *Абдураҳмонов, Ғ.А. Ўзбек тили грамматикаси 1 том. / Ғ.А. Абдураҳмонов, Ш. Ш. Шоабдураҳмонов, А.П. Ҳожиев. –Тошкент: Фан, 1975. - 609 с.*
6. *Абдураҳмонов, Ғ.А. Ўзбек тили грамматикаси / Ғ.А. Абдураҳмонов., Ш.Ш.Шоабдураҳмонов., А.П. Ҳожиев. 2 том. –Тошкент: Фан, 1976. - 559 с.*
7. *Ахмедова, У. Аффиксҳои муштараквазифа ва мавқеи онҳо дар таълими забони модарӣ Мактаби советӣ / У. Ахмедова. - Душанбе, 1970. - №9. - 122 с.*
8. *Боровков, А.К. Таджикско-узбекское двуязычие / А.К. Боровков. - М.,1952. - 201 с.*
9. *Зикриёев, Ф.К. Оид ба дузабонӣ ва робитаи забонҳои тоҷикиву узбекӣ В кн.:Вопросы лингвистики / Ф.К. Зикриёев. - Душанбе, 2004. - 93 с.*
10. *Маҳмадҷонов, О.О. Бозтоби гендер дар топонимияи Тоҷикистон Маводи Конференсияи Байналмилалии "Гендер забон ва адабиёт". Будапешт / О. О. Маҳмадҷонов. - Душанбе, 2001. – 81 с.*
11. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ Ҷ. 1. / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007 - 244 с.*
12. *Муҳаммадиев, М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1967. - 210 с.*
13. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш,1972. - 79 с.*
14. *Хоркашев, С. Калимасозии исм бо пасвандҳо/ С. Хоркашев. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 143 с.*

БАРРАСИИ ПЕШВАНДҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЗАБОНИ УЗБЕКӢ

Тавре ки аз баррасии мавзуи мавриди назар маълум гардид, пешвандҳои иқтибосии забони тоҷикии дар боло зикргардида дар сохтани ҳиссаҳои гуногуни нутқ серистеъмол ва сермаҳсул буда, ҳам ба вазифаи калимасозӣ ва ҳам шаклсозӣ истифода гардидааст, ки ин барои рушди ҳам забони адабии тоҷикӣ ва ҳам забони адабии узбекӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Пешвандҳои калимасози иқтибосии забони тоҷикӣ мавқеъ ва дараҷаи гуногуни худро доранд. Агар яке онҳо дар сохтани як ҳиссаи нутқ иштирок намояд, дигари онҳо дар сохтани чанд ҳиссаи нутқ ширкат карда, калимаи нави иқтибосии забони тоҷикиро сохтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нависанда Абдулло Қаҳҳор аз имконоти калимасозии забони адабии узбекӣ хеле устодона истифода бурда, қолабҳои нави калимасозиро дар забони узбекӣ офаридааст. Маълум гардид, ки пешвандҳои калимасози иқтибосии забони тоҷикӣ мавқеъ ва дараҷаи гуногуни худро доранд. Агар яке аз онҳо дар сохтани як ҳиссаи нутқ иштирок намояд, дигари онҳо дар сохтани чанд ҳиссаи нутқ ширкат карда, калимаи нави иқтибосии забони тоҷикиро сохтааст.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, забони узбекӣ, вожаҳои иқтибосӣ, пешвандҳои серистеъмол, калимасозӣ, пешвандҳои сифатсоз.

ОБЗОР ШИРОКО УПОТРЕБИТЕЛЬНЫЕ ПРИСТАВКИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В УЗБЕКСКОМ ЯЗЫКЕ

Как стало ясно из обзора материала, вышеупомянутые цитаты из таджикского языка широко используются при конструировании различных частей речи и используются как для словообразования, так и для словообразования, что дает серьезный импульс развитию как таджикского, так и узбекского литературных языков. Заимствованные словообразовательные префиксы (приставки) таджикского языка имеют разные позиции и степени. Если один из них участвует в построении части речи, другой участвует в построении нескольких частей речи и создает новое цитатное слово таджикского языка. Это свидетельствует о том, что писатель Абдулло Каххор очень умело использовал возможности словообразования узбекского литературного языка и создал новые узоры словообразования в узбекском языке. Оказалось, что предлоги словообразования таджикского языка имеют разные позиции и степени. Если один из них участвует в построении одной части речи, то другой из них участвует в построении нескольких частей речи и создает новое цитируемое слово таджикского языка.

Ключевые слова: таджикский язык, узбекском язык, заимствование слова, употребительные предлоги, словообразование, прилагательное префиксе.

REVIEW THE WIDELY USED TAJIK PREFIXES IN UZBEK LANGUAGE

As it became clear from the review of the material, the above quotes from the Tajik language are widely used in the construction of various parts of speech and are used both for word formation and word formation, which gives a serious impetus to the development of both Tajik and Uzbek literary languages. The tajik prefixes have different positions and degrees. If one of them participates in the construction of a part of speech, the other participates in the construction of several parts of speech and creates a new quotation word of the Tajik language. This indicates that the writer Abdullo Kakhhor very skillfully used the possibilities of word formation of the Uzbek literary language and created new patterns of word formation in the Uzbek language. It turned out that prepositions of word formation in the Tajik language have different positions and degrees. If one of them participates in the construction of one part of speech, then the other of them participates in the construction of several parts of speech and creates a new quoted word of the Tajik language.

Keywords: Tajik language, Uzbek language, borrowing words, upotrebitelny excuse, derivation, adjective prefix.

Дар бораи муаллиф
Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич
Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 48 18 78
E-mail: bakhtiyor.ismoilov.87@mail.ru

Об авторе
Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры теории и практики языкознания
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 48 18 78
E-mail: bakhtiyor.ismoilov.87@mail.ru

About the author
Ismoilov Bakhtiyor Abdulloevich
Candidate of Philological Sciences, senior lecturer of theory and practice of linguistic
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 48 18 78
E-mail: bakhtiyor.ismoilov.87@mail.ru

ТДУ 801

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ғафурӣ З. С.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таърихи *сленг* бо таърихи забону фарҳанги ҷамъият, вазъи сиёсию иҷтимоии он пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули забонҳо масъалаи бисёр заҳматталаб аст, бахусус таҳқиқи сленгҳо, ки суръати баланди пайдоишу азбайнравӣ доранд. Гумон меравад, ки аз замонҳои бостон дар забон калимаву ибораҳои рамзноку махфие вуҷуд доштаанд, ки махсуси гурӯҳҳои алоҳидаи касбу кор, одамони синну соли гуногун, ҷинсияти мухталиф ва баъзан берун аз меъёрҳову чаҳорчӯбаи "забони адабӣ" будаанд. Табиист, ки ин қабил вожаҳоро дар ҳар забон бо истилоҳҳои хос номгузорӣ карда, вобаста ба сатҳи фарҳанги ҷомеа, боварҳову эътиқодот ва меъёрҳои ахлоқӣ дастабандӣ менамудаанд ва муҷоз ё ғайримуҷоз буданашонро таъйин месохтаанд.

Барои ин гуна ифодаҳои ғайриадабӣ *жаргон, аргот, вулгаризм* ва ғайра мегӯянд, ки *сленг* фарогири ҳамаи инҳо ва як навъ шеваи нави муошират ҷавонон ба шумор меравад. Агарчи сленги бозигарон (геймерҳо) ва корбарони компютер вуҷуд дорад, истилоҳи "сленг"-ро бештар барои нутқи навҷавонон ва ҷавонони синни аз 14 то 25-сола истифода мебаранд. Аммо чунончи ба мушоҳида мерасад, сарфи назар аз он, ки сленгҳоро ба "ҷавонон" мансуб медонанд, дар забони муошират кӯдакону калонсолон ҳам, баъзан ин гуна ифодаҳо роиҷ гаштаанд.

Эҳтимолан ҳеҷ кас дақиқ намедонад, ки калимаи "сленг" дар забони гуфтугӯӣ кай пайдо шудааст, вале баъзеҳо муътақиданд, ки сленг ҳанӯз дар қарни XIV дар Англия вуҷуд доштааст. Масалан, ба андешаи Липатов А.Т. ин падидаи забонӣ бо дигар ном шинохта мешуд, маъмулан чун *cant* [4, с. 382-383].

Бо истилоҳи *сленг* британиёҳо қаблан жаргонҳои хилофкоронро мефаҳмидаанд [12, p. VII], вале баъдтар, чунонки Липатов А.Т. мегӯяд, аз соли 1802 истилоҳи *сленг* барои мафҳуми жаргонҳои касбӣ ва аз соли 1818 бошад, инчунин барои нутқи лаҳҷавии аз доираи адабиёт берун, наввожаҳо ва калимаҳое, ки ба маънои махсус ба кор бурда мешаванд, фаҳмида мешуд [5, с. 45]. Он замонҳо барои ифодаи калимаҳои вулгарӣ аз ин истилоҳ истифода мебурданд, ки "*дашном*"-ро мефаҳмонд.

Тақрибан дар солҳои 1850 ин истилоҳ васеътар истифода мешудагӣ гардид, ки маънои лексикаи гуфтугӯии мамнуъро дошт. Дар ҳамон замонҳо вожаҳои муродифии slang – ***lingo***, ки ғолибан дар байни табақаҳои поёнии ҷамъият истифода мешуд ва ***argot*** – шевае, ки аҳолии бумӣ ва сиёҳпӯстон истифода мебурданд, падид омадааст [10, с. 3].

Мутобиқи маълумоти Фарҳанги бузурги Оксфорд истилоҳи *сленг* нахустин бор ба сурати хаттӣ соли 1756 сабт гардидааст, ки ба маънои забони услуби паст ва як навъ баёни қабеҳ (вулгарӣ) омадааст ва Ф. Гроуз аввалин касест, ки истилоҳи **slang**-ро ҳамчун муродифи *cant*: "***slang – cant language***" ба забон ворид кардааст [5, с. 46].

Ба ҳамин тартиб, калимаи *сленг* оҳиста-оҳиста дар байни забоншиносон ҳамчун истилоҳ барои "лаҳҷаи нав" ё "сабки тозаи муошират"-и ҷавонон ва гурӯҳҳои алоҳидаи одамони касбу кори гуногун шинохта шуда, ба дигар забонҳо ҳам ворид гардид. Масалан, ба забонҳои олмонӣ, фаронсавӣ, шведӣ, забонҳои славиянӣ, баъзе забонҳои шарқӣ ва ғайра.

Чунончи, Мария Россихина дар таҳқиқоте, ки дар мисоли Россия, Олмон ва Фаронса анҷом додааст, ба ин назар аст, ки сленгҳои имрӯза тибқи ҳамон қонунияти забони "шартӣ"-и мактаббачагону донишҷӯёни асрҳои XVIII-XIX ташаккул ёфта истодааст [8]. Нахустин ёддоштҳои ин падидаи забониро баъзе муҳаққиқон (А.Т. Липатов, М.Ю. Россихина, Э.Ҳ. Партриҷ, Р.А. Спирз ва дигарон) хеле пештар – дар асри XVI қаламдод кардаанд. Вале тибқи фарзияҳои М.Ю. Россихина сленгҳо дар донишгоҳҳои олмон, ки дар он ҷо иттиҳодияҳои донишҷӯён созмон меёфт ва бо забони "худӣ" муошират мекарданд, ҳанӯз аз садаи XIV пайдо гардида будаанд [8].

Мувофиқи маълумоти ӯ дар Олмон 25 луғатномаи бушерӣ (он замонҳо донишҷӯёнро "бушерҳо" мегуфтаанд) аз асрҳои XIII-XIX боқӣ мондааст, ки тарзи зиндагии донишҷӯёнро возеҳ нишон медиҳад. Ҳамаи онҳо яксар нишон медиҳанд, ки бештарини ин калимаҳо

марбут ба хушгузарониҳои идона дар майхонаҳо мебошанд. Ин аст, ки барои ном бурдани ***пиво*** (*fischerling, speckperzel, kuhschwanz, reisekopf, rolingsbier, lotenase, stürzebarzel, ferzer* ва ғ.) ва ***пул*** (*kies, moos, moneten, goldstücke, speck* ва ғ.) аз ин қабил калимаҳои зиёди жаргонӣ истифода мекардаанд [8].

Аз таҳқиқоти забоншиносоне, ки ба сленги ҷавонони олмон даст задаанд (Ева Нойланд [9], Мария Россихина [7], Ксения Кулакова [3] ва ғ.), метавон ба таври ғайримустақим натиҷа гирифт, ки дар марҳалаҳои аввали ташаккулу таҳаввули сленги ҷавонони рус таъсири сленгизмҳои ҷавонони олмонӣ бисёр калон будааст.

Дар Россия бошад, ибтидои ташаккули сленги ҷавононро хеле дертар – аз қарни XIX, дар баробари падид омадани мактабу донишгоҳҳо медонанд. Дар муассисаҳои пӯшидаи таълимӣ, ҳам дар мактабҳои писарона ва ҳам духтарона хонандагон аз сленгизмҳои махсуси худ, ҳамчун забони махфӣ, ки офаридаи муҳит ва зеҳни гурӯҳии худашон буд, истифода мекарданд. Минбаъд, бо таъсиси Донишгоҳи императории Дерптск (ҳоло Донишгоҳи Тартускии Эстония) дар соли 1802 *сленги донишҷӯӣ* падид омад. Азбаски аксари устодону донишҷӯёни ин донишгоҳ олмониҳо буданд ва забони таълим ҳам олмонӣ буд, табиист, ки бидуни иқтибосгирӣ намешавад. Ба ҳамин тариқ, дар баробари мактаббачагон донишҷӯён низ аз сленгҳо истифода мекардагӣ шуданд, ки боиси васеъ гардидани доираи корбарони сленгизм гардид.

Инкишофи сленгро дар Россия, ҳар муҳаққиқ ба таври худ даврабандӣ карда, баъзан то панҷ-шаш марҳала ҳам тақсим кардаанд, вале бисёриҳо маъмулан ба се марҳала тақсим мекунанд: марҳалаи аввал аз соли 1914 то 1922 – давраи Ҷанги ҷаҳонии аввал, Инқилоби октябри 1917 ва минбаъ ҷангҳои шаҳрвандии харобиоварро дар бар мегирад. Ин мавҷи ҳаводис, мутобиқи маълумоти соли 1922 аз худ бештар аз ҳафт миллион ятиму бесаробон боқӣ гузошт, ки қариб 5% аҳолии Россияро ташкил медод, ки боиси дар забон рушд кардани ифодаҳои авбошонаву ҷиноятккорӣ гардид [6].

Марҳалаи дуюм аз солҳои 40-уми асри бист, яъне Ҷанги ҷаҳонии дуюм оғоз меёбад, ки аз рӯйи сабабҳову омилҳои пайдоишашон ба марҳалаи аввалӣ монанд ва қариб ки такрори ҳаманд. Миллионҳо ятиму бесаробон, бачаҳои аз мактабу таълим дур, қашшоқию гуруснагӣ, аз шаҳр ба шаҳр оворагию кӯчманчигии волидон, ки назоратро бар болои фарзандон мушкил карда буд ва минбаъд “бачаҳои давлатӣ” (Суворовчиён ва Нахимовчиён) имкон намедод рушду инкишофи онҳо ба таври лозим сурат бигирад. Ҳамин буд, ки дар нутқи онҳо ифодаҳои қабеҳ, калимаҳои кутоҳу пайвандшудаи нодуруст ва нодаркор, ба монанди: **штудировать** (*хондан*), **вашить** (*шустан*), **хайлить** (*салому алайк*) ва ғайра зиёд гардида буданд [6].

Дар охири солҳои 50-ум дар байни ҷавонони олуфтаи “маданӣ”-и Шуравӣ мавҷи тозаи таҳаввули сленгҳо ба сӯйи мусбат авҷ гирифт, ки баъзан онро марҳалаи сеюм ҳам меноманд. Яъне, ҷавонони ин давра бо “маданӣ” нишон додан ва “*штатник*” номидани худ, аз истифодаи калимаву ифодаҳои қабеҳу нолозим дурӣ меҷустанд, вале дар айни замон онҳо ба “теддибой”-ҳои америкоӣ тақлид карда, бисёр калимаву ибораҳоеро истифода мекарданд, ки қаблан дар истеъмол набуд, монанди: “**бродвей**” ба маънии “*хиёбони марказии шаҳр*”, “**чувак**” ба маънии “*ҷавонак*” (навҷавон, хурд), “**хата**” (*хона, ҳуҷра*).

Марҳалаи баъдӣ, дар идомаи ҳамин давра шакл гирифт, ки бештар ҷанбаи фарҳангӣ дошта, дар гурӯҳҳои ҳунарӣ (хипп, ҷаз ...) ва тарзи пӯшишу симои зоҳирӣ, ки он замонҳо ғайрирасмӣ ва то андозае пинҳонӣ фаъолият мекарданд, таҷассум меёфт.

Марҳалаи дигарро ба даврони бозсозӣ ва минбаъд аз байн рафтани ИҶШС, ки “пардаи оҳанин” бардошта шуд ва Васоити ахбори омма озодии мутлақро тарғиб мекарданд, марбут медонанд. Забон дар ин давра дар саросари мамлакати Шуравӣ ба самти манфӣ – ба пастравӣ майл намуда, дар муддати хеле кӯтоҳ рафтору гуфтор, тафаккур, пӯшиш ва симои зоҳирии мардум дигаргун гардид. Ба ифодаи дигар, бо коста гардидани забон, беэътиноӣ ба суннату анъанаҳои қадим ва доштаҳои фарҳангию муқаддасоти миллӣ бесарусомонӣ шуруъ шуд. Ҳамаи инҳо аз ҳад берун шуда, забони хиёбонӣ радиою телевизион, маҷаллаву рӯзномаҳо ва то андозае адабиётро фаро гирифта, ҳатто забони матнҳои адабӣ ва ашъор моломоли ифодаҳои вулгарӣ тасвирҳои қабеҳ гардиданд. Барои мисол намунае аз калимаҳои серистеъмоли солҳои навадумро дар Россия мушоҳида мекунем: *“беспредел”, “общак”, “стрелка”, “тусовка”, “стволы”, “путана”, “зелень”* ва монанди инҳо. Яъне, қариб барои ҳама “*Ҳеҷ одобею тартибе маҷӯ, / Ҳар чӣ мехоҳад дили тангат, бигӯ*” шиор шуда буд.

Марҳалаи охири ташаккулу таҳаввули сленгҳо аз солҳои 2000-ум то имрӯзро дар бар мегирад, ки бо компютерикунонӣ, рушди интернет, падид омадани шабакаҳои иҷтимоӣ,

озодии сухан ва монанди инҳо вобаста аст. Ин марҳала аз марҳалаҳои қаблӣ бо фарогирии доираи истифодабарон ва шаклҳои истифодааш ба куллӣ фарқ мекунад. Сленгизмҳои ин марҳаларо метавон вобаста ба забони муошират ҳам ба сленгҳои иртиботи интернетӣ [2] ва ҳам ба сленгҳои муоширати иҷтимоӣ ҷудо кард. Гузашта аз он ки аз ифодаву ибораҳои иқтибосию маҷозӣ истифода мебурданд ва калимаҳои маъмулии забонро дар маъноҳои тамоман дигар ба кор мегирифтанд, имрӯзҳо аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ аз усулҳои хатонависӣ (какография), хатогӯйӣ ё хатохонии (таҳриф) амдӣ, феълсозӣ (вербализатсия), тахфифҳои (аббревиатура) ғайридастурӣ, акронимсозӣ ва ҳазлу шӯхӣ бисёр васеъ истифода мекунанд: прикол (*масхара*), мочит (*зарбу лат кардан*), кинут (*фиреб, хиёнат кардан*), автомат (*дар мавриди имтиҳон*), шпора (*коғази фиреб дар имтиҳон*), обезянник (*қафаси зиндон, милисахона*), училка (*муаллим*), демон (*декан*), чмо (*тарсу, беғайрат*) ....

Ташаккули сленгро дар забони ҷавонони тоҷик низ мо шартан ба се марҳала ҷудо намудем: марҳалаи аввал аз асри Х то нимаи дуюми асри XIX; марҳалаи дуюм аз нимаи дуюми асри XIX то охири асри XX ва маҳалаи сеюм аз аввали асри XXI – солҳои 2000-ум то ҳол.

Бояд қайд намуд, ки дар забону адабиёти миллати мо аз қадимулайём то ҳол аз калимаву ифодаҳои маҷозӣ, таркибҳои дорои мафҳумҳои танзу ҳаҷвомез, таҷнису ташхис ва дигар санъатҳои лафзию маъноӣ зиёд истифода мешаванд. Вале, чуноне ки аз чанд истилоҳи зикршуда аён мегардад, онҳо бо номҳои дигар шинохта мешуданд ва албатта, ташаккулу таҳаввули қонунмандона доштаанд. Бо такя бар ин ва бо эҳтимоли қавӣ метавонем ҳадс бизанем, ки аксари кулли “сленгҳо”-и ин марҳала аз адабиёт ба хиёбон меомаданд, на аз хиёбон ба адабиёт. Яъне, ба ифодаи дигар, адабиёт ҳоким бар фарҳанги мардум буд ва онро боло мебурд. Баъзеи он ифодаҳо, ки имрӯз дар лаҳҷаи ҷавонони мо дубора ҷилло дода, ба кор мераванд, зодаи зеҳни шоирону мутафаккирони ҳазор сол пеш аст. Барои мисол “*шери нар*” (ба маънои мард, паҳлавон) аз достони “Манучеҳр”-и ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ дар “Шоҳнома”:

Парастанда гуфтанд як бо дигар,
Ки омад ба дом андарун <u>шери нар</u>.

Ба ҳамин тартиб, метавон садҳо намуна оварда, ки ниёгони мо дар калимаҳои маъмулии забон аз тариқи тағйири маъно, тахфифу таҳриф, иқтибос, калимасозӣ ва монанди инҳо як навъ қолабшиканӣ дар забони меъёрӣ эҷод карда, ба забон таровату назокат бахшидаанд.

Марҳалаи дуюмро ба ҳодисаҳои сиёсӣ ва пайдоиши техникаву технологияҳои нав метавон рабт дод, ки дар забони гуфтор бештар ва дар адабиёт камтар роҳ ёфтааст. Дар нимаи дуюми қарни XIX бо ғасби Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва ворид гардидани сиёсат, фарҳанг, тафаккур ва технологияи нав, ки қариб то охири асри XX идома дошт, дар забон низ вобаста ба инҳо ифодаҳои гуногун падид омаданд, ки ба таъбири имрӯзӣ метавон “сленг” номид. Албатта, дар ин миён ҳаводиси дигари сиёсию таърихӣ низ рух додаанд, ки ифодаҳои ҳар давра фарқ мекунад, вале қисми бештари сленгизмҳои тоҷикӣ бо таъсирпазирӣ, тақлид ё калкаву иқтибоси жаргону арготизмҳои забони русӣ падид омадаанд. Мисол: шайтонароба (*велосипед*), пучта (*почта*), тилигром (*телеграмма*), тилфун (*телефон*), пирурус (*папироскаш*), алкаш (*шаробхӯр*), қултимитсин (*арақ*), фашист (*бераҳм*), кабинети Гитлер (*ҳоҷатхона*), хурушовгир (*ногоҳ аз вазифа сабукдӯш кардан*), калаи Ленин (*10 рубли шуравӣ*), сабзак (*доллар*), деревянный (*пули давраи баъди шуравӣ*), перестройка (*бозсозӣ, ҳар амали ғайриоддӣ*), причоскаи мат невидат, полбокс, кирпич, касой, калтофка (*ороишҳои мӯй, сартарошӣ*), боевик (*шахси ҳарбӣ*), камандир (*шахси низомӣ*), движени (*дуздӣ, ғорат*), криша (*шахс ё гурӯҳи саробон*), налог бастан (*маҷбур кардан ба пардохти ҳиссаи даромад ба манфиати шахсӣ*), доля (*ҳисса, ҳақ*), буқа (*шахси зӯровар, зӯргӯй*) ва ғайра.

Марҳалаи охир ё кунунии ташаккулу таҳаввули сленгҳои тоҷикиро, ки аз он аллакай чоряк аср мегузарад, метавон аз марҳалаҳои ниҳоят печидаву мураккаб донист. Аз як тараф, дастрасии саросарии мардум ба компютеру интернет [1], аз сӯйи дигар, падид омадани шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ, фаъолиятҳои гуногуни блогерию пранкерӣ боиси падид омадани ифодаҳои нав аз тариқи иқтибосгирӣ, калка, қолабшиканию харобкорӣ дар баёну маънову имло, дастуромезӣ ё омехта кардани грамматикаи забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо, бахусус дар калимасозӣ ва албатта, дар заминаи хаёлангезию тасвирофарии шеваҳову лаҳҷаҳои гуногуни тоҷикӣ гардид.

Омилҳову сабабҳои пайдоиши сленгизмҳои ин марҳала низ ба марҳалаҳои аввалу дуюм шабоҳати зиёд дорад. Чунончи, бар асари сар задани ҷанги харобгари дохилии солҳои навадум садҳо оилаҳо маҷбур ба гурезагӣ ва муҳоҷирати иҷборӣ гардида, ҳазорҳо кӯдакон

ятиму бесаробон, беҷою макони доимии зист, беназорат ва дур аз мактабу таълим монданд, ки ба бесаводӣ, костагии забон оварда расонд.

Аз ин рӯ, дар нимаи аввали марҳалаи нав, гумон меравад, ки нодуруст талаффуз кардани аксар калимаҳо, хатохонию хатонависӣ қасдан набуда, аз бесаводӣ бошад. Вале, дақиқан, аксари ин гуна калимаҳо амдан, махсус барои ҳазлу шӯхӣ (*самалот, афтаноска, шнафер*) гуфта мешаванд ва албатта, як қисми дигар таҳти таъсири лаҳҷаҳо (*газит, институт, университет, айрапорт*) ҳамин гуна серистеъмоланд.

Нимаи дуюми ташаккулу таҳаввули сленгизмҳои тоҷикӣ нисбатан фарқкунанда буда, бештар характери тақлидӣ дорад. Зеро аксари истифодабарони ҷавони сленг дорои донишу саводи зарурӣ ҳастанд, вале онҳо вобаста ба маърифатнокӣ, забондонӣ, доираҳои фаъолиятҳои худ, кӯшиш мекунанд, аз қаҳрамонони филмҳои хориҷӣ, ҷавонони русу америкоӣ ва монанди инҳо пайравӣ кунанд. Ҷолиб ин аст, ки баъзе ҷавонон дар баробари истифода аз сленгизмҳои каломии забони русию англисӣ, ба жестҳову ҳаракатҳо, тарзи рафтору гуфтор, сарулибос ва шакли зоҳирии онҳо низ тақлид мекунанд.

Ин гуна рафтор, то андозае ба руҳия, тафаккуру фарҳанги фавонон бетаъсир намонда, иродаи мушкилписандии онҳоро поён бурдааст. Ин аст, ки аксари кулли ҷавонон ба “*реп*” рӯ оварда, аз фарҳанги волою ҳунари боло дурӣ меҷӯянд ва ба ҷойи мазмуни баланд ҳар чизи сабукро мепазиранд.

Ба таври умуман, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки сленгизмҳо дар баробари забони меъёрӣ ҳамеша вуҷуд доштаанд ва то андозае ба ташаккулу таҳаввули забон низ таъсиргузор будаанд. Аммо мусаллам аст, ки дар қиёс бо забонҳои русию англисӣ, забони тоҷикӣ ҳамеша таҳти ҳимояи адабиёти қавӣ, суннату анъана, эътиқоду одоб ва назорати сахти соҳибзабонон қарор доштааст. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикии адабӣ калимаву ифодаҳои гӯшхарошу дағал ниҳоят кам ҳастанд. Гузашта аз ин, сленгизмҳо падидаҳои замонии забонӣ буда, ноустувор ва зудтағйирёбанда ва ҳазмнашавандаанд, вале аз таҳқиқу омӯзиши онҳо вазъи забон ва сатҳи фарҳангу тамоюли фикрии мардумонро дар ҳар давра муайян кардан мумкин аст.

Адабиёт

1. *Ғафурӣ, З.С. Вижагиҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забони англисӣ ва ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ / З.С. Ғафурӣ. – Душанбе, 2023. – 180 с.*
2. *Ғафурӣ, З.С. Роҳҳои калимасозӣ дар сленгҳои интернетӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо / З.С. Ғафурӣ. – Душанбе, 2023. №3 (51). - С. 31-39.*
3. *Кулакова, К.В. Молодежный сленг как отражение современной действительности (на примере немецкого языка) / К.В. Кулакова // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. Сер.: Филология, педагогика, психология. - 2019. - № 4. - С. 23-30.*
4. *Липатов, А.Т. Сленг в аспекте его диахронии //Социальные варианты языка-II: Материалы междун. науч. конф. / А. Т. Липатов. – Н. Новгород: Нижегородский гос. лингвист. ун-та, 2003. – С. 380-386.*
5. *Липатов, А.Т. Сленг как проблема социолектики // монография / А. Т. Липатов. – М.: Изд-во ЭЛИПС, 2010. – 317 с.*
6. *Миронова, А.А. Развитие сленга, факторы на это влияющие. http://conf.omua.ru/content/razvitie-slenga-faktory-na-eto-vliyayushchie (02.02.2024)*
7. *Россихина, М.Ю. Молодежный жаргон в русской и немецкой лексикографии XIX-XXI вв. Дисс. канд филол. наук. / М.Ю. Россихина. – Курск, 2009. https://www.dissercat.com/content/molodezhnyi-zhargon-v-russkoi-i-nemetskoi-leksikografii-xix-xxi-vv*
8. *Россихина М.Ю. Сленг с историей. Как молодежный язык путешествует во времени. Электроный ресурс https://iq.hse.ru/news/226623236.html (06.02.2024)*
9. *Neuland, E. Jugendsprache / E. Neuland. - Tübingen, 2008.*
10. *Partridge, E. Slang Today and Yesterday / E. Partridge. - London: Routledge and Kegan Paul, 1979.- 476 c.*
11. *Spears, A.R. NTC's Dictionary of American Slang and Collogual Expressions / A.R. Spears. - M.: Русский язык, 1991. XV+766 p.*
12. *Spears, R.A. Slang and Euphemism / A.R. Spears. – N.Y., 1881. – XXVIII+448 p.*

ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ СЛЕНГ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар ин мақола сухан аз таърихи ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар се забон – англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ меравад. Муаллиф дар ин маврид баҳси илмӣ ороста, дар такя бо таҳқиқоти забоншиносони ҷаҳонӣ ба пажӯҳиши сленгизмҳои забони тоҷикӣ даст задааст. Марҳалаҳои ташаккулу таҳаввули сленгҳоро дар забонҳои англисӣ ва русӣ баррасӣ намуда, дар қиёс ба онҳо чунин ифодаҳоро дар забони тоҷикӣ ба се марҳалаи калон ҷудо сохта, бо овардани намунаҳои ҷолиб андешаҳои худро ба

исбот расонидааст. Бояд гуфт, ки ифодаҳои маҷозӣ, калимаҳои услуби пасту вулгарӣ ва таъбироту омиёнаҳо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст аст, ки ҳамчун “сленг” муаррифӣ ва мавриди баҳс қарор мегиранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муаллифи мақола дари наверо дар олами забонпажуҳии тоҷик боз намудааст ва умед аст, ки андешамандони тоҷик низ дар ин маврид назари худро ифшо месозанд.

Калидвожаҳо: сленг, забони англисӣ, забони русӣ, забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, таърих, ҷанг, марҳала, ҷавонон, донишҷӯён, мактаб, донишгоҳ, лаҳҷа, жаргон, аргот.

ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ И ЭВОЛЮЦИИ СЛЕНГА В АНГЛИЙСКОМ, РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье речь идет об истории формирования и эволюции сленга на трех языках – английском, русском и таджикском. Опираясь на исследованией мировых лингвистов автор в настоящей статье занимался научную дискуссию, а также провел исследование связанное сленгами таджикского языка. Рассмотрев этапы формирования и эволюции аналогии сленга по сравнению с английском и русском языках разделил такие выражения в таджикском языке на три больших этапах и обосновал свои аргументы приведя интересные примеры. Следует отметить, что образные выражения, слова низкого и вульгарного стиля, интерпретации и омонимы в таджикской лингвистике впервые представлены и обсуждаются как “сленг”. Поэтому можно сказать, что автор статьи открыл новую направлению в таджикский лингвистике, и можно надеется, что таджикские исследователи также выдвыгают свои взгляды по этому поводу

Ключевые слова: сленг, английский язык, русский язык, таджикский язык, лингвистика, история, война, этап, молодежь, студенты, школа, университет, диалект, жаргон, аргот.

THE HISTORY OF THE FORMATION AND EVOLUTION OF SLANG IN ENGLISH, RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

This article is about the history of the formation and evolution of slang in three languages – English, Russian and Tajik. Based on the research of world linguists, the author in this article engaged in a scientific discussion, and also conducted a study related to the slang of the Tajik language. Having considered the stages of formation and evolution of the analogy of slang in comparison with English and Russian, he divided such expressions in the Tajik language into three large stages and justified his arguments by giving interesting examples. It should be noted that figurative expressions, words of low and vulgar style, interpretations and homonyms in Tajik linguistics are presented and discussed as “slang” for the first time. Therefore, we can say that the author of the article has opened a new direction in Tajik linguistics, and we can hope that Tajik researchers will also express their views on this issue.

Keywords: slang, English, Russian, Tajik, linguistics, history, war, stage, youth, students, school, university, dialect, jargon, argot.

Дар бораи муаллиф
Ғафурӣ Зоир Саъдулло
Номзади илмҳои филологӣ, докторант
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6
Тел.: (+992) 988 88 51 59

Об авторе
Гафури Зоир Садулло
Кандидат филологических наук, докторант
Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзода,
734019, г. Душанбе, ул.Мохаммадиева, 17/6
Тел.: (+992) 988 88 51 59

About the author
Gafuri Zoir Sadullo
Candidate of Philological Sciences, Doctoral
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Dushanbe, Muhammadiev st., 17/6
Ph.: (+992) 988 88 51 59

ТДУ 809.155.0+804.0

ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИ «–ЗОР» ДАР РОМАНИ “ДУХТАРИ ОТАШ”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Маликов А. Р., Ҳакимов Н. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон ин калимасозӣ ба ҳисоб рафта, инкишофёбии таркиби луғавии забонҳо махсусан бо чунин роҳҳо амалӣ мегардад. Чигунае ки ба ҳамагон маълум аст, забон дар баробари пешрафти ҷомеа рушду такомул ёфта, инсонҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолибҳои гуногун калимаҳои зиёдеро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз ҷумлаи чунин забонҳо ба ҳисоб рафта, дар забонҳои мазкур истифодаи пасвандҳо барои сохтани калимаҳои нав ба таври фаровон истифода мешаванд. Аз ин хотир, ақидаи забоншиносони фаронсавию тоҷикӣ бар он аст, ки забон ҳамсафари ҳамешагии ҷомеа буда, имрӯз моро зарур аст, ки барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳои бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усулҳои калимасозӣ ба таври фаровон истифода барем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳқиқи муқоисавии таркиби калима ва калимасозӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ шохаи нисбатан ҷавон буда, солҳои охир ривоҷ пайдо кардаву ташаккул ёфта истодааст.

Оид ба роҳҳои морфологии калимасозии исмҳо аз ҷониби донишмандони ватанию хориҷӣ дар алоҳидагӣ таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст, аммо дар доираи муқоиса байни забонҳои тоҷикию фаронсавӣ дар осори Ҷалол Икромӣ, махсусан романи «Духтари оташ», ки ба забони фаронсавӣ тарҷума гардидааст, дар атрофи калимасозӣ то имрӯз таҳқиқоте анҷом наёфтааст.

Зимни истифодаи пасвандҳо ва калимаҳои мураккаби исмӣ Ҷалол Икромӣ дар романи машҳураш «Духтари оташ» тобишҳои гуногуни пасвандҳо ва калимаҳои мураккаби исмӣ, хусусияти услубии онҳо, имконоти тасвири мазмунҳои гуногуни онҳоро ба таври возеҳ нишон додааст.

Оид ба масъалаи мазкур забоншиноси ватанӣ Хоҷаев Д. фикру андешаҳои хешро баён намуда, чунин ибрози андеша менамояд: «Таркиби луғавии забон, ки бойгарии ҳар як забон аст, бо ду роҳ такмил меёбад: якум аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, усули калимасозӣ; дуюм бо роҳи иқтибоси вожаҳо аз забонҳои дигар. Барои забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ манфиатбахшу муҳим роҳи аввал, яъне усули калимасозӣ, маҳсуб мешавад, зеро ин усул имконияти фаъолияти забонро бештар месозад» [13, с. 73].

Роҳҳои морфологии калимасозии исмҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда дар мисоли адабиёти бадеӣ аз романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ аз аҳаммияти баланди илмӣ бархурдор буда, дар илми забоншиносӣ, махсусан, қисмати морфология ва синтаксис ба маврид шуморида мешавад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи исму сифат ва роҳҳои калимасозии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ вусъат ёфта, дар таҳқиқу омӯзиши онҳо саҳми забоншиносон, амсоли В. В. Виноградов, Ю. С. Степанов, Ю. А. Рубинчик, И.Н.Берёзин, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, Э.Бертельс, Л.Жирков, Ш. Рустамов, Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д.Т. Тоҷиев, М. Акрамов, М.Н. Қосимова, А. Мирзоев, Р. Ғаффоров, С.Арзуманов, О.Ҷалолов, З. Мухторов, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, С. Низомова, Шарл Балли (Charles Bally), Морис Гревис (Morice Grevisse), Жак Дамурет (Jacques Damourette), Эдуард Пишон (Edouard Pichon), Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier), Мартин Риегел (Martin Riegel), Жан Кристоф Пела (Jean-Christophe Pellat), Рене Риул (René Rioul) ва дигарон бағоят бузург аст.

Оид ба ин гуна масъалагузориҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқон рӯз то рӯз ба масъалаи роҳҳои калимасозӣ равона гардида, М. Муҳаммадиев дар мақолааш «Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ» [1967] ба калимасозии луғавӣ-маъноӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Забоншинос Тоҳирова Қ. масъалаи мазкурро вусъат дода, дар «Лексикаи забони

тоҷикӣ» [1967] роҳу усулҳои калимасозии забони тоҷикиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар мавриди калимасозии забони тоҷикӣ таҳқиқоти гузаронидаи забоншиноси машҳур Шарофиддин Рустамов як қадами хеле ҷиддӣ ва устувор аст. Ш.Рустамов дар китоби «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [1972] оид ба масъалаи мазкур маълумоти кофӣ медиҳад.

Оид ба калимасозии исм дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ забоншиноси ватанӣ Қосимов Олимҷон таҳқиқоти илмӣ гузаронида, дар баробари калимасозӣ ҷиҳати этимологии калимаҳоро низ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар қисмати забони фаронсавӣ бошад оид ба масъалаи калимасозӣ, як қатор забоншиносони фаронгсавидони рус корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд. Масалан Костецкая Е.О. ва Кардашевский В.И. дар китоби «Грамматика французского языка», ки соли 1973 ба табъ расидааст оид ба исму сифат ва пасвандҳои исмсоз ва сифатсоз қайдҳои махсус карда мегузаранд.

Муаллифони мазкур бештар ба пасвандҳои исмозу сифатсоз ва пасвандҳои ифодакунандаи ҷинси занона ва фарқияти онҳо аз ҷинси мардона диққати махсус дода, оид ба чигуна истифода шудани он пасвандҳо сухан наронданд [10, с. 8-14].

Ҳамин тавр муаллифони китоби «Именные части речи во французском языке» Басманова А.Г. ва Турчина Б.И. дар саҳифаи 14-и асари мазкур оид ба пасвандҳои исмсозу сифатсози ҷинси занона сухан ронда, аммо онҳоро дар мисолҳо нишон надодаанд [5, с. 14-18].

Аммо муаллифи «Синтаксис современного французского языка» Илия Л.И. дар асараш оид ба класификатсияи калимасозии исм маълумоти мукаммал дода, истифодаи пасвандҳои исмсозро дар ҷумла муайян намудааст [9, с. 45-77].

Аз ҷониби забоншиносони фаронсавӣ бошад дар асари «Grammaire du français contemporain – Грамматикаи забони муосири фаронсавӣ» - и Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier), Клер Бланш Бенвенист (Claire Blanche - Benveniste) ва дигарон оид ба исму сифат ва тамоми ҷанбаҳои калимасозии онҳо маълумоти мукаммал дода шудааст.

Муаллифон оид ба калимасозии исму сифат таҳқиқот гузаронида, пасвандҳои исмсоз ва сифатсози забони фаронсавиро то ҳадди имкон муайян намудаанд [14, с. 162-186].

Масъалаи дигар бошад ба омӯзиши хусусиятҳои романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ иртибот дорад, ки мо низ дар ин замина оид ба роҳҳои калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ гуфта мегузарем. Оид ба масъалаи мазкур дар қисмати забони тоҷикӣ як қатор таҳқиқотҳоеро ном бурдан мумкин аст, ки ба омӯзиши забони осори Ҷалол Икромӣ иртибот доранд: [И.Ҳасанов, 1966; Д. Бойматова, 2019] ва дигарон.

Пасвандҳои забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ хеле зиёд ва серистеъмол мебошанд, аммо мо наметавонем дар доираи як мақола оид ба ҳама намуди пасвандҳо таҳқиқот гузаронем. Бинобар ин, тасмим гирифтем то дар доираи пасванди забони тоҷикии **«-зор»** ва муродифоти он дар забони фаронсавӣ якчанд нуктаеро дар асоси романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Пасванди **«-зор»** ба вожаи мустақилмаъно дохил шуда, метавонем онро дар ҳар ду маънӣ ба кор барем. Пасванди мазкур ҷойи бисёр будани ягон чизро ифода карда, дар забони тоҷикӣ ба воситаи ин пасванд аз исмҳои ифодакунандаи растанию наботот исмҳое сохта мешаванд, ки макон ва фаровонии онҳоро ифода мекунанд [6, с. 114].

Пас аз мутолиаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ маълум гардид, ки муаллиф дар романи мазкур аз пасванди **«-зор»** ба таври фаровон истифода намуда, онро ҳамчун пасванди исмсоз ва сифатсоз ба кор бурдааст.

Ҷалол Икромӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии хеш пасванди мазкурро барои сохтани калимаҳои (исмҳои) мураккаб ба монанди **гулзор, токзор, себзор, кишгзор, регзор, хорзор, гулзорча, чакалакзор, юнучқазор, корзор, найзор, гуфтугузор, ангурзор, шӯразор, анорзор, анҷирзор, зардолузор, шафтолузор** ва ғайра ба таври фаровон истифода бурдааст, ки мо ингуна калимаҳоро дар мақолаи хеш дар шакли муқоисавӣ байни забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Мисол: Оими хурдӣ дар назди **гулзори** поёни суфа, дар даст обпошак, ба гулҳо об медод [8, с. 23]. - La jeune femme du bai était en train d’arroser les fleurs, au coin de la cour [15, с. 27].

Дар мисоли забони тоҷикӣ калимаи **гулзор** истифода шуда, тавассути пасванди **«-зор»** исми **«гулзор»,** ки ба гурӯҳи исмҳои мураккаб дохил мешавад, сохта шудааст. Муродифи

калимаи мазкур дар забони фаронсавӣ, ки ба калимаи **«parterre, un parterre de fleurs»** рост меояд, дида намешавад. Агар ҷумлаи забони фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз кунем чунин мешавад: Зани ҷавони бой дар кунҷи ҳавлӣ машғули об додани гулҳо буд.

Мисоли дигар: Вай ба **гулзор** об пошида шуда буд, ки аз дари берун фаранҷӣ бар сару чашмбандаш болои сар як зани ҷавони ситорагарме ба ҳавлӣ даромад [8, с. 24]. - Elle avait déjà terminé d'arroser ses fleurs, lorsqu'une femme pénétra dans la cour, le visage couvert d'une resille [15, с. 28].

Чигунае, ки ба мо маълум аст, дар ҷумлаи тоҷикӣ муаллиф боз калимаи «**гулзор**»-ро истифода намудааст. Дар ин ҷо низ тарҷумон аз калимаҳои «**parterre, un parterre de fleurs**» истифода набурдааст. Агар ҷумлаи фаронсавиро ба тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафз кунем чунин маъноро медиҳад: Вақте ки як зани ҷавони фаранҷӣ бар сар ба ҳавлӣ даромад, вай аллакай оббдиҳии гулҳояшро ба итмом расонида буд. Яъне ҷумлаи асл нисбат ба ҷумлаи тарҷумашуда ба назар образноктар мерасад.

Бо вуҷуди мутобиқ набудан ё ин ки истифода набурдани калимаҳои ҳаммаъно боз метавон ҷумлаҳоеро пайдо намуд, ки дар онҳо мутобиқат дида мешавад: Дар поёни суфа ташнав, **гулзорчаи** хурде ва толор буд [8, с.204]. - Non loin de là se trouvait **un parterre de fleurs** et quelques pieds de vigne [15, с. 246].

Дар мисоли забони тоҷикӣ калимаи **гулзорча** истифода шудааст. Яъне муаллиф на танҳо пасванди исмсози **«-зор»**-ро, балки пасванди ифодакунандаи хурдиву навозиши **«-ча»**-ро низ бо пасванди **«-зор»** дар як калима истифода кардааст, ки ҳам аз **гулзор** ва ҳам аз хурд будани он дарак медиҳад. Дар тарҷумаи забони фаронсавӣ калима ё ин, ки ибораи «**un parterre de fleurs**» истифода шудааст, ки маънои **«гулзор»**-ро дорад. Агар ба тарҷумаи дурусти тарҷумон нигарем, мебинем, ки боз ҳам номувофиқатӣ мавҷуд аст. Яъне дар калимаи тоҷикии «**гулзорча**» пасванди **«-ча»** истифода шуда, дар забони фаронсавӣ ба назар намерасад ва агар ҷумлаи фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз кунем чунин маъно дорад: На он қадар дур аз онҷо **гулзор** ва якчанд ток буд. Ин аз набудани муродифи пасванди **«-ча»** дар забони фаронсавӣ дарак медиҳад. Зимни таҳқиқот ба мо маълум гардид, ки дар забони фаронсавӣ муродифи пасванди **«-ча»** мавҷуд набуда, ин гуна калимаҳо баъзан вақт танҳо бо роҳи истифодаи сифати **«petit (e) – хурд, хурдӣ»** ифода мегарданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пасванди **«–зор»** метавонад бо исмҳои ғайрирастанӣ ва ғайринаботот низ истифода бурда шуда, маънии макон ва фаровониро нишон диҳад. Дар ин маврид вай одатан бо калимаҳои **хор, ҳезум, чаман, рег, чакалак, санг ва хароба** меояд: Аз қудуқи болои роҳ, ки тақрибан ду чақрим дур аз таи дарвоза буд, гузашта будам, ки дар байни **регзори** ду ҷӯйи калон Саиди Маст аз пасам расида рафт [8, с. 111]. - Mais je n'allais pas bien loin. J'approchai à peine d'un puits situé à deux verstes de la porte lorsque Said l'ivrogne me rattrapa [15, с. 135].

Дар варианти аслӣ ҷумлаи болоӣ исми ғайрирастании **«регзор»** истифода шудааст, ки ба фаронсавӣ тарҷумааш **«sabloneux, sableux»** мебошад. Тарҷумон дар ин ҷо низ аз калимаҳои мазкурро дар тарҷума истифода набурдааст. Агар ҷумлаи фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин маъноро доро мебошад: Аммо на онқадар дур рафта будам. Базӯр ба чоҳе, ки дар ду тарафи дарвоза буд расидам, ки Саиди маст маро дастгир кард.

Мисоли дигар: Ман ҳамин шаб чӣ тавр рӯз кардам, худам намедонам, гуё бистарам **хорзор** шуду ман ба хори мағелон ғел зада баромадам... [8, с. 185]. - J'ai beaucoup souffert cette nuit! Je n'ai pas pu fermer l'oeil.. . Je me tournais et me retournais dans mon lit [15, с. 223].

Агар ба тарҷумаи забони фаронсавӣ нигарем, на калимаи **хор** ва на **хорзор** истифода нашудааст. Пас маълум мешавад, ки нависанда дар қисмати забони тоҷикӣ барои образнок кардани ҷумла калимаи **хорзорро** истифода кардааст. Тарҷумаи ҷумлаи фаронсавиашро агар таҳтуллафзӣ баргардонем, маъноях чунин аст: Ин шаб ман бисёр азоб кашидам. Чашмро пӯшида натавонистам...Дар ҷойи хобам тоб хурдаму тоб хурдам.

Мисоли дигар: Ман қабул карда аз хона баромада рафтам, вале ба бозор нарафта, аз паси қишлоқ, аз байни чаҳорбоғ ва **чакалакзорҳо** роҳ гашта, ба қишлоқ даромадам ва аз тарафи боғчаи паси ҳавлӣ ба бом баромада, рӯи ҳавлиро поида хоб кардам [8, с.268]. - Je le lui promis et je partis. Bien entendu je n'allais pas au marché et, traversant les vergers et les bois, je revins à la maison. Je grimpai sur le toit et m'y installai pour observer ce qui allait se passer [15, с. 320-321].

Исми **чакалакзор** маънои «ҷойи анбӯҳи дарахтони бемева, хусусан сафедор; ҷое, ки дарахтони бемева бисёр бошад»-ро медиҳад. Чӣ тавре, ки мо дар боло қайд намудем, аслан

пасванди **«-зор»** маънои фаровонӣ ва зиёдатиро дорад ва илова намудани пасванди ифодакунандаи шумораи ҷамъи **«-ҳо»** ба исмҳое, ки пасванди **«-зор»** қабул мекунанд, ҳоҷат нест. Албатта ин ҳам вобастагӣ дорад аз шумораи он исмҳои овардашуда, вобаста ба чанд маротиба истифода шуданашон.

Ҳамин тавр дар забони тоҷикӣ, махсусан дар романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ калимаи **кор+зор** дар ҳамин қолаб сохта шуда, маънои **майдони ҷанг**, **муҳориба**–ро додааст: Ҳамон дам ё ки пештар аз он ту ҳам мебароӣ, мо бо ҳам мешавем, бо ҳам ба майдони **корзор** қадам мемонем [8, с. 273]. - Toi, tu partiras avec moi, peut-être même avant... Mais désormais nous ne nous séparerons plus [15, с. 326].

Чунон ки қайд намудем, калимаи «**корзор**» маънои **«майдони ҷанг, майдони муҳориба»**-ро медиҳад. Тарҷумаи калимаи мазкур дар забони фаронсавӣ ба маънои **«le champ de bataille»** рост меояд, ки дар тарҷумаи ҷумлаи болоӣ умуман дида намешавад. Агар ба тарҷумаи тарҷумон нигарем ва онро ба тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем чунин маъно дорад: Ту бошӣ бо ман меравӣ, шояд ҳатто барвақттар...Аммо дар оянда мо дигар аз ҳам ҷудо нахоҳем шуд.

Дар забони тоҷикӣ аслан пасванди **«-зор»** бо исмҳои ҷондор намеояд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо нависандагон бо истифодаи ғарази услубӣ пасванди мазкурро бо исмҳои ҷондор ба кор мебаранд. Масалан, дар осори Садриддин Айнӣ пасванди «**–зор**» бо исми ҷондори **шабуш** якҷо шуда, исми **шабушзор** сохтааст, ки онро нависанда бо ғарази услубӣ ба кор бурдааст: Аз бозе ки ҳамон мусофири бемор ба ҳавлии мо омад, ҳамаи курпа ва болиштҳои ман **шабушзор** шуд...

Дар рафти таҳқиқот аз романи «Духтари оташ» ягон калимаеро, ки бо пасванди **«-зор»** ифода шуда, исми ҷондорро нишон диҳад, пайдо накардем.

Ҳамчунин пасванди **«-зор»** ҷойи бисёр будани ягон чизро ифода карда, ба воситаи ин пасванд аз исмҳои ифодакунандаи меваҷот исмҳое сохта шудааст, ки макон ва фаровонии онҳоро ифода мекунанд: Баъд растаи ангур сар мешуд, ки дар як тарафи он **анорзор** буд ва дар тарафи дигар дарахтҳои ҳар хел мева ба мисли себ, гелос, ношпутӣ, турунҷ ва ғайра буданд [8, с. 468]. - Plus loin, c'était une allée de vignes. D'un coté de l'allée poussaient **des grenadiers**, de l'autre, des pommiers, des cerisiers, et des poiriers [15, с. 533].

Мисоли дигар: Растаи ангур ба сари ҳавзи калон мебурд, ки дар миёни чаҳорбоғ канда шуда ва дар атрофаш чаҳор чинӣ-садаи калони зебо рӯида буд ва аз он сари ҳавз боз ба се сӯи дигар растаҳои ангур мерафт ва ба ду тарафи он растаҳо ҳам **анҷирзор**, **зардолузор**, **шафтолузорҳо** буданд [8, с. 468]. - L'allée conduisait à un étang qui se trouvait au centre du verger. Sur les rives de l'étang poussaient quatre merveilleux pommiers du Japon. D'autres allées de vignes partaient de l'étang. Entre ces allées il y avait **des figuiers**, **des abricotiers** et **des pechers** [15, с. 533].

Дар мисолҳои болоӣ дар матни асл калимаҳои «**анорзор**, **анҷирзор**, **зардолузор, шафтолузорҳо**» омадааст, ки ин дар тарҷумаи забони фаронсавии онҳо на ин ки калимаҳои зикршуда бо пасванд, балки бо исмҳои ифодакунандаи дарахтони мевадор бо артиклҳои номуайянӣ дар шакли ҷамъ оварда шудаанд. Масалан барои исмҳои **анорзор - des grenadiers** (дарахтони анор), **анҷирзор - des figuiers** (дарахтони анҷир), **зардолузор - des abricotiers** (дарахтони зардолу) ва **шафтолузорҳо - des pechers** (дарахтони шафтолу) омадааст. Бо вуҷуди ифода кардани пасванди **«-зор»** шакли ҷамъро, ҳамчунин бо исми шафтолузори забони тоҷикӣ пасванди **«-ҳо»** истифода шудааст, ки маъноях «**шафтолузорҳо**» мешавад.

Хулоса, калимасозӣ ҳамчун бахши мустақили забоншиносӣ дорои объектҳои ҷолиби таҳқиқот ва пайдоиши воҳидҳои нави лексикӣ мебошад. Воҳидҳои нави лексикӣ бо роҳҳо ва воситаҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Усули морфологии аз ҳама самаранок, ки воситаҳои зиёди калимасозӣ дорад, ин дар забонҳои мавриди таҳқиқ шакли калимасозии пасвандӣ мебошад.

Албатта дар фонди луғавии забон суффиксҳо ва префиксҳои зиёде мавҷуданд, ки бо роҳҳои гуногун ба реша якҷо шуда, воҳидҳои нави лексикиро ташкил медиҳанд. Таҳқиқи комплексии суффиксҳо ва префиксҳои калимасоз, ки имконияти воқеии калимасозиро дар системаҳои забонҳои муайян ташкил мекунанд, дар забоншиносии муқоисавӣ яке аз мавзуъҳои ҷолиби диққат мебошад. Вазифаи асосии чунин таҳқиқот ин муайян кардани ҳамаи унсурҳои монандӣ ва фарқиятҳо, мувофиқатҳо ва ихтилофҳо мебошад, ки бо ҳамдигар алоқаманданд ва дар маводи гуногун санҷида мешаванд.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ шумораи пешванду пасвандҳои калимасоз хеле зиёд мебошанд, ки мо наметавонем доир ба ҳамаи онҳо дар доираи як мақолаи илмӣ сухан ронем. Бинобар ин, тасмим гирифтем то дар мақолаи хеш оид ба истифодаи пасванди калимасози **«-зор»** дар романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳқиқот гузаронем.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1, 2. / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.*
2. *Арзуманов, С. Таджикский язык / С. Арзуманов, А. Сангинов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.*
3. *Ахмедова, Н.А. Словообразование имён существительных и прилагательных в современном персидском литературном языке. Автореф. дисс. канд. филол. наук / Н.А. Ахмедова. – Ташкент, 1956. – 31 с.*
4. *Балли, Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш. Балли. – М.: Изд – во иностр. лит., 1955. – 416 с.*
5. *Басманова, А.Г. Именные части речи во французском языке» / А.Г. Басманова, Б.И. Турчина. - Москва: Просвещение, 1991. – 160 с.*
6. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. // Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.*
7. *Забони адабии ҳозираи тоҷик (лексикология, фонетика ва морфология). қ. 1.* Дар зери таҳрири *профессор Б. Ниёзмуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 450 с.*
8. *Икромӣ, Ҷ. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
9. *Илия, Л.И. Синтаксис современного французского языка. Москва 1962. – 383 с.*
10. *Костецкая, Е. О. и Кардашевский В. И. Практическая грамматика французского языка для неязыковых вузов / Е. О. Костецкая, В. И. Кардашевский. Изд. 7-е, перераб. Учеб. Пособие. М.: Высш.школа, 1973. – 278 с.*
11. *Ниёзӣ, Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод: АФ РСС Тоҷ., 1954. – 50 с.*
12. *Рустамов, Ш. Ба исм гузаштани сифат [Текст] / Ш. Рустамов. - Мактаби совета. 1970, №3, с. 25 – 27.*
13. *Хоҷаев, Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д. Хоҷаев.- Душанбе, 2011.- 230 с.*
14. *Chevalier, Jean – Claude, Claire Blanche – Benveniste.* Grammaire du français contemporain / *Jean Chevalier. – Paris: Larousse, 1964. – 495 p.*
15. *Ikrami Dj. La Fille du Feu/ Dj. Ikrami.– Moscow: Édition progrès, 1966. – 608 c.*

ХУСУСИЯТҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ПАСВАНДИ «–ЗОР» ДАР РОМАНИ “ДУХТАРИ ОТАШ”-И ҶАЛОЛ ИКРОМӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Калимасозӣ яке аз роҳҳои ғанӣ ва бой гардонидани таркиби луғавии забон ба шумор рафта, инкишофёбии таркиби луғавии забонҳои дунё махсусан бо чунин роҳҳо вобастагӣ дорад. Забон дар баробари тараққиёти ҷомеа такомул ёфта, одамон барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худашон бо истифода аз қолибҳои гуногун калимаҳои зиёдеро истифода мебаранад. Забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил буда, дар ин забонҳо истифодаи пасвандҳо барои сохтани калимаҳои нав ба таври фаровон истифода мешаванд. Муаллифон дар мақолаи мазкур оид ба калимасозии пасванди **«-зор»** дар романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ таҳқиқот бурда, монандӣ ва фарқияти онро бо мисолҳои муътамад дар забонҳои мазкур нишон додаанд.

Калидвожаҳо: пасванд, реша, исми мураккаб, мутобиқат, истифода шудан, шакл, муқоисавӣ.

ОСОБЕННОСТИ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ СУФФИКСА«-ЗОР» В РОМАНЕ “ДОЧЬ ОГНЯ” ДЖАЛОЛ ИКРОМИ И ИХ ВЫРАЖЕНИЕ НА ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ

Словообразование является одним из способов обогащения лексического состава языка, развитие лексического состава языков мира особенно связано с такими способами. Язык развивается по мере развития общества, и люди используют множество слов для удовлетворения своих потребностей, используя различные способами. Таджикский и французский языки являются частью индоевропейской языковой семьи, и в этих языках широко используются суффиксы для создания новых слов. Авторы в данной статье провели исследование суффикса **«-зор»** в романе «Дочь огня» Джалол Икроми и показали его сходства и различия на достоверных примерах на этих языках.

Ключевые слова: суффикс, корень, составное существительное, последовательность, использование, форма, сравнение.

PECULARITIES OF THE WORD FORMATION OF THE SUFFIX «-ЗОР» IN THE NOVEL «DAUGHTER OF FIRE» BY JALOL IKROMI AND THEIR EXPRESSION IN FRENCH LANGUAGE

Word formation is one of the ways to enrich the lexical composition of a language, the development of the lexical composition of the languages of the world is especially associated with such methods. Language evolves as society evolves, and people use a variety of words to meet their needs using a variety of ways. Tajik and French are part of the Indo-European language family, and suffixes are widely used in these languages to create new words. The authors in this article conducted a study of the suffix "**-зор**" in the novel "Духтари оташ - Ҷалол Икромӣ - Daughter of Fire by Jalol Ikromi" and showed its similarities and differences using reliable examples in these languages.

Keywords: suffix, root, compound noun, sequence, usage, form, comparison.

Дар бораи муаллифон

Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 11 53 35
E - mail: kafedra.usnt@mail.ru

Ҳакимов Насим Саъдуллоевич
Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 73 72 72
E-mail: nasim.hakimov.1991@mail.ru

Об авторах

Маликов Абдулвохид Расулджонович
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 11 53 35
E - mail: kafedra.usnt@mail.ru

Хакимов Насим Саъдуллоевич
Ассистент кафедры общеобразовательных иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 73 72 72
E-mail: nasim.hakimov.1991@mail.ru

About the authors

Malikov Abdulvohid Rasuljonovich
Candidate of Philology, Senior teacher at the Department of French language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935115335
E-mail: kafedra.usnt@mail.ru

Hakimov Nasim Sadulloevich
Assistant at the Department of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 73 72 72
E-mail: nasim.hakimov.1991@mail.ru

ТДУ 809.27+809.155.0 (575.3)

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ, ТАЪРИХӢ ВА ЗАБОНИИ ВОРИДШАВИИ ВОМВОЖАҲОИ АРАБӢ БА МУҲИТИ ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБӢ

Раҷабов А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар таърихи инкишофи забонҳои олам кам забонеро пайдо кардан мумкин аст, ки ба забонҳои дигар дар муддати беш аз ҳазор сол пайваста тазйиқ оварда, ба онҳо беист вожа дода бошад. Яке аз ҳамин гуна забонҳо, ки ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири назаррас расонидааст, забони арабӣ мебошад. «Ба ҷумлаи сабабҳои ба таври фаровон дохил шудани вожаҳои арабӣ на фақат аз ҷониби арабҳо истило шудани сарзамини мо дар ибтидои асри VII, ҳамчунин кӯшишу хоҳиши аҳли илму санъат, ки дар ифодаи маънавиёти худ ба вожаҳои мухталифи ин забон муроҷиат кардаанд, номбар карда мешаванд» [3, с. 84].

С. Ҳалимов роҳҳои дохил шудани вожаҳои арабиро дар забони тоҷикӣ чунин қайд кардааст: «1. Бо роҳи тағйироти фонетикӣ: задаи вожаҳои арабӣ тағйир ёфтааст; 2. Ҷинсияти вожаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аҳамияташонро гум кардаанд ва танвини вожаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аз охири вожаҳо меафтад: ***ҷомид;*** 3. Шаклҳои грамматикии гуногуни вожаҳои арабӣ дар тоҷикӣ аҳамият ва маъноияшонро аз даст медиҳанд ва бештар ному сифат гумон карда мешаванд: **сабр, ҳаҷр, сукут, сокит, назр, арз…;** 4. Бисёр вожаҳои арабӣ то ин давра ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил гардида, аз онҳо бо ёрии аффиксҳо вожаҳои дигаре сохта шудаанд: а) **ошиқӣ…;** б) бо тарзи мураккаб: **бадаҳд, бадахлоқ, хушнағма...;** 5. Як гурӯҳи калони вожаҳои иқтибосии арабӣ истилоҳҳои илмӣ мебошанд…; 6. як гурӯҳи вожаҳои иқтибосии арабӣ вожа, ибора ва мафҳумҳои динӣ мебошанд: **муъмин, ҳур…**» [5, с. 19].

С.Назарзода дар бораи таъсири забони арабӣ ба тоҷикӣ чунин менигорад: «Дар баробари таъсири забони арабӣ набояд изҳори таассуф ва нигаронӣ кард. Зеро дар баъзе мавридҳо ба густариш ва пешрафти забони тоҷикӣ мадад кардааст ва имрӯз ҳам манбаи муҳимме барои сохтани луғат ва истилоҳоти нав мебошад. Вуруди ҳазорон луғат ва истилоҳот аз забони арабӣ барои забони тоҷикӣ дигар хатаре надорад. Агар хатар медошт, забони арабӣ дар тӯли 1400 соли робита ба нуфузи бесобиқаи худ забони тоҷикиро нобуд мекард. Ҳол он ки на танҳо чунин фоҷеае рӯй надод, балки баръакс, тавоноии забони тоҷикӣ дар баёни бориктарин ва дақиқтарин мафҳум ва маъноҳои фикрӣ, маънавӣ ва печидатарин масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дар навбати аввал марбут ба ҳамон додугирифт будааст» [10, с. 76-77].

Вожа, таркиб, ибора ё ҷумлаҳое, ки аз дигар забонҳо бевосита ё бавосита мегузаранд, иқтибос номида мешавад. Вожаҳо бо ду роҳ иқтибос мешаванд: а) бевосита; б) бавосита.

Иқтибосҳои бевосита чунин иқтибосҳоеанд, ки вожа, таркиб ё ибора аз як забон ба забони дигар бевосита мегузаранд. Масалан, вожаҳои **талаба, халқ, суръат** ва ғайра. Иқтибосҳои бавосита он иқтибосҳоеанд, ки онҳо аз як забон ба забони дигар ба воситаи забони дуюм дохил мешаванд. Чунончӣ, вожаҳои **штаб, орден, балет** аз забони немисӣ аввал ба забони русӣ ва баъд аз он ба забони тоҷикӣ гузаштаанд.

Арабҳо дар мамлакатҳои истилокардаашон забон, дин урфу одатҳои худро ҷорӣ мекарданд. Бояд қайд кард, ки вожаҳои арабӣ ба воситаи забони арабӣ иқтибос шуда, дар забони тоҷикӣ нисбат ба иқтибосоти дигар зиёданд ва онҳо аз вожаҳои тоҷикӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунанд:

-қисми зиёди вожаҳои арабӣ дар таркибашон ҳамсадои ҳалқӣ [ъ] доранд: **баъд, раъд, ваъда;**

-вожа ва ибораҳое, ки артикли -ал- [-ال -] доранд: **ал - ғараз, ал - видоъ, ал – қонун, дастур – ул - амал, лубоб – ул - албоб;**

-вожаҳое, ки баъзе ҳамсадоҳои таркиби онҳо ташдид мегиранд: **аввал, ҷаббор, шиддат, муқарриз, таҳаммул тафаккур, тадаббур,муассир, муаллиф,муваззаф;**

-дар баъзе вожаҳо садоноку ҳамсадо ташдид доранд: **тааҷҷуб, тааллуқ;**

-зарфҳое, ки аломати фатҳа-танвин мегиранд: **ҳатман, шартан, хусусан, умуман;**

-забони арабӣ аз забонҳои флективист, бинобар ин ҳар як вожа шакл ва маъноҳои гуногунро ифода менамоянд: **илм, улум, олим, уламо, маълум, маълумот, муаллим, муаллима; фатҳ, футуҳ фотеҳ, мафтуҳ, мифтоҳ, ифтитоҳ** ва ғ [2, с. 99].

Бо вуҷуди он ки вожаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ аз асли худ хеле дур рафтаанд ва ба тағйироти ҷиддии забонӣ дучор омадаанд, ба тавассути як идда нишонаҳои умумии савтӣ, сарфӣ ва маъноияшон дар иҳотаи вожаҳои дигар фарқ карда меистанд. Ҷиҳати ҷолиби чунин вожаҳо ҳамин аст, ки нишонаҳои забонии онҳо назар ба гурӯҳҳои дигари иқтибосӣ нисбатан бештар ва дар низоми муайян ифода шудаанд:

1) Нишонаҳои савтӣ:

а) Мавҷудияти ҳамсадои зичи ҳалқии ҳамсадои **(ъ)** дар вожа: **баъд, ҷамъ, маъқул; муъмин, муънис, таърих**.

Ин ҳамсадо дар худ омезиши ҳамсадоҳои арабии **ع (айн) ва ء (ҳамза)**-ро таҷассум кардааст ва танҳо дар мавқеи миёна ва охири вожа зоҳир мешавад. Он дар вожаҳое, ки дар мавқеъҳои аввали худ ин овозро таърихан доштанд, дар забони тоҷикӣ одатан, талаффуз намешавад: **ориф, оқил, ақл, ид;**

б) Мавҷудияти ҳамсадои зичи забончагии **қ**: **қосид, муқаддима**, **мақсад, ҳақ.** Ҳангоми такя ба ин нишона аломатҳои дигари вожаҳои арабиро низ ба ҳисоб бояд гирифт, зеро ин овоз дар вожаҳои иқтибосии туркиву муғулӣ ва дигари забонҳо низ ба назар мерасад;

в) Такрори ҳамсадоҳо дар қолибҳои муайян. Чунончи, **муфаъъал:** *мураккаб, мушавваш;* **муфаъъил:** *муассис, муаллим;* **тафаъъул:** *такаббур, ташаккур;* **фаъъол:** *даллол, раззоқ;* **мутафаъъил**: *муташаккир, мутаккабир ва монанди инҳо;*

2) Нишонаҳои сарфӣ:

а) Нишонаи назарраси сарфии вожаи арабӣ шикасти решаи он, яъне тағйирёбии садонокҳои вожа дар сурати бетағйир мондани ҳамсадоҳои он аст. Забоншиносони араб аз решаи ف ع ل як идда қолибҳои ҳамвазнро ба вуҷуд овардаанд, ки барои муайян кардани анвои сохторҳо, маъноҳои луғавию грамматикии вожаҳои ин забон ёри мерасонанд. Масалан, аз решаи сеҳамсадоии **К Т Б** шаклҳои грамматикии **китоб, котиб, мактуб, мукотиба; соқит, масқут, исқот; талаб, толиб, талаба, матлуб; харҷ, хорич, махраҷ; дахл, дохил, мадхал; нашр, ношир, нашриёт; воҳид, ваҳдат, тавҳид, муваҳҳид** ва амсоли инҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба тоҷикӣ ҳар яке ҳамчун вожаи мустақил ворид шудаанд;

б) Вожаҳои иқтибосии арабӣ сарфи назар аз он ки дар ин забон мансуби кадом ҳиссаи нутқанд, ба тоҷикӣ, асосан, ҳамчун исмҳо, сифатҳо ва ба андозаи камтар зарфҳо дохил шудаанд. Дуруст аст, ки ягон-ягон вожаҳои гурӯҳҳои дигар, масалан, шумораҳо, ҷонишинҳо ва пайвандакҳо низ дида мешаванд, аммо теъдоди ин гурӯҳҳо нисбат ба исму сифат хеле кам аст. Ба сабаби хеле зиёд будани вожаҳои мансуби исмҳо як силсила аломатҳои сарфии онҳо низ ба тавассути чунин вожаҳо дар шакли шахшудамонда нигаҳ дошта шудаанд. Масалан, дар шакли суратёфтаи ҷинсияти грамматикии муаннас (занона). Ба ҷумлаи нишонаҳои ҷинсияти грамматикии муаннас пасвандҳои **-а, -ат (-ят)** дохил мешаванд**: котиба, шоира, ҳабиба, рақиба, насиба; зарофат, латофат, ҳокимият, тарбият.** Ё ин ки дар шаклҳои мухталифи ҷамъ. Шакли ҷамъи солим бо аломати сарфии **-от (ёт)** сурат гирифтааст: **матбуот, ҳайвонот, нашриёт, адабиёт, хадамот, мавҷудот, махлуқот, машрубот, маъкулот**. Ҳамчунин шакли ҷамъи исми арабӣ бо усули шикаста: **хабар - ахбор, наҳр - анҳор, шеър - ашъор, байт- абёт, узв-аъзо, вазъ-авзоъ, ҳол - аҳвол, зикр - азкор, мол - амвол, мулк- амлок, ҷад - аҷдод, шеър - ашъор, фикр - афкор** ва ба тариқи дугона: **тараф - тарафайн, зулф - зулфайн, қарн - қарнайн, волид - волидайн** тарҳрезӣ шудаанд;

в) Нишонаи сарфии вожаҳои мансуб ба зарф пасванди **-ан** аст: **қасдан, шартан, асосан, ҳатман, воқеан, қаблан**;

3) Нишонаҳои маънӣ:

а)Аксари вожаҳои аз арабӣ воридшуда мафҳумҳои муҷаррадро ифода мекунанд: **ирода, ақл, рӯҳ, ваҳм, муҳаббат, кайфият, ирфон, нафрат;**

б) Қисми зиёди чунин вожаҳо истилоҳоти дини мубини Исломро ташкил медиҳанд: **Қуръон, тавҳид, масҷид, муаззин, дуо, саҷда, суҷуд, набӣ, меъроҷ;**

в) Мафҳумҳои маъмурию ҷамъиятӣ низ ба чунин вожаҳо ифода шудаанд: **султон, мулк, ҳабс, исён, инқилоб, иттиҳод;**

г) Истилоҳоти илм, тамаддун ва санъат бештар аз ҳисоби ҳамин гуна вожаҳо ташаккул ёфтаанд: **қофия, қасида, шеър, вазн, тасвир, тавсиф, тамсил, таҷаддуд, наср** ва ғ.

Қолибҳои мустаъмали вожаҳои арабӣ. Дар асоси чунин қолибҳо вожаҳои зиёде ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли нутқ дохил шуда, чи дар услубҳои китобӣ, чи дар навъҳои мухталифи забони гуфтугӯ фаровон ба кор бурда мешаванд:

а) и**нфиъол:** *инкишоф, инъикос, интихоб, инқироз;*

б) и**стифъол**: *истиқбол, истиғфор, истиқлол, истишмом;*

в) **ифтиъол:** *илтимос, имтиёз, ифтитоҳ, имтиҳон;*

г) и**фъол:** *идрок, изҳор, икром, иқдом;*
ғ) **мафъал:** *мактаб, маскан, манзар, маъбад;*
д) **мафъил**: *мағриб, машриқ, манзил, маҷлис;*
е) **мафъул**: *мактуб, манзур, мазмун, мансур;*
ё) **муфаъъал**: *муназзам, муқаддас, мураккаб, мудаввар;*
ж) **муфаъъил:** *муҳаққиқ, муаллим, мураттиб, муаллиф, мударрис;*
з) **муфоъил**: *мухолиф, мушовир, муқобил, муҷоҳид;*
и) **муфоъила**: *мунозира, мубориза, мулоҳиза;*
й) **муфъил:** *мудҳиш, мухбир, мушкил, мутриб;*
й) **тафаъъул**: *табассум, такаббур, тафаккур;*
к) **тафоъул:** *тасодуф, тафовут, таносуб;*
қ) **тафъил:** *тавсиф, тадқиқ, тақриз, тасвир;*
л) **фаъал:** *назар, сафар, шараф, хабар, хатар;*
м) **фаъил:** *қадим, фақир, ҳақир, ҳалим;*
н) **фаъл**: *қатл, ҷабр, фахр, ҷаҳд, қасд, шаҳд, зарб, саҳв, нақд;*
о) **фаъол:** *тамом, қарор, ҳалок, наҳор, салоҳ, мазор;*
п) **фаъъол:** баққол, даллол, кашшоф, наққош;
р) **фиъол**: *китоб, фироқ, хилоф, ниқоб, фирор;*
с) **фоъил**: *ҳосил, комил, розиқ, қосид, соҳиб, козиб;*
т) **фуъул**: *сукут, сурур, ғуруб, қулуб* [3, с. 89].

Ба ҷумлаи сабабҳои ба таври фаровон дохил шудани вожаҳои арабӣ на фақат аз ҷониби арабҳо истило шудани сарзамини мо дар ибтидои асри VII, дини мубини Ислом, ҳамчунин кӯшишу хоҳиши аҳли илму санъат, ки дар ифодаи маънавиёти худ ба вожаҳои мухталифи ин забон муроҷиат кардаанд, номбар карда мешаванд. Дар муддати ду асри баъди истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо забони давлатдории ин сарзамин арабӣ буд. Сарлашкарони араб дар ин муддат кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, форсии дариро аз байн бибаранд, вале ин нияти онҳо амалӣ нагардид. Баръакс, аз аввалҳои асри IX форсии дарӣ оҳиста-оҳиста қувват мегирад ва дар аҳди Сомониён ба авҷи рушду нумӯ мерасад. Аз ҳамин сабаб дар ибтидо миқдори вожаҳои аз арабӣ воридшуда нисбатан камтар буд. Ба ақидаи муҳаққиқоне, ки ин мавзуъро таҳқиқ кардаанд, масалан, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамагӣ 0,2% вожаҳои арабӣ ба назар мерасанд [8, с. 32]. Дар асрҳои минбаъд ин миқдор афзудан мегирад. Чунончи, он ба қавли Маликушшуаро Баҳор, дар охирҳои асри XI ба 10-15% расидааст, дар асри XII бошад, он 22%-ро ташкил медиҳад [1, с. 267]. Вожаҳои иқтибосии арабӣ дар асрҳои XIII-XVI ба миқдори 70-80% афзудаанд. Ин миқдор дар забони тоҷикии ибтидоии асри XX 60-70%-ро ташкил медод [4, с. 21]. Баъди ислоҳоту назорати пайвастае, ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ нисбат ба чунин вожаҳо ҷорӣ гардид, миқдори онҳо як андоза паст рафтааст. Бо вуҷуди он имрӯз ҳам дар услубҳои гуногуни нутқи мо тақрибан 40-50% вожаҳои мустаъмалро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Вожаҳои арабиро аз рӯйи нишонаҳои забонӣ ва қолибҳои тарҳрезиашон ба осонӣ шинохтан мумкин аст [3, с. 78].

Гуфтан ҷоиз аст, ки вомвожаҳои арабӣ дар ташаккули таркиби луғати забони тоҷикӣ яке аз заминаҳои муҳим маҳсуб меёбад, ки ба гуфтаи забоншинос Ғ.Ҷӯраев ин ба далелҳои зерин асос меёбад: 1.Ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна ва Хуросон ба марҳилае рост омад, ки дар таърихи тараққиёти забонҳои эронӣ гардиши сифатии бузург ба вуқуъ пайваста буд: забони форсии миёна, ки тақрибан аз асрҳои IV пеш аз милод давом мекард, дар охири асри VII мелодӣ таназзул ёфта, ҷойи худро ба форсии нав дод. Ин забон чунон ки аз таърих маълум аст, сарриштаи шоҳаҳои имрӯзаи форсӣ, тоҷикӣ ва дарии Афғонистон ҳисоб меёбад; 2. Муддати муайян забони арабӣ ҳам забони илму маданият ва ҳам забони дин ба шумор мерафт; 3. Дар асрҳои VIII-IX аллакай ҳолати дузабонӣ давом мекард» [6, с. 129-130].

Воқеан, иқтибоси вожаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ ва шеваҳои он таҳаввулоти бузург буда, забоншинос Н. Маъсумӣ манзараи умумии иқтибоси воҳидҳои луғавии арабиро ба забони тоҷикӣ ва шеваҳои он чунин тасвир намудааст: «Тағйироти ҷиддӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ дохил шудани вожа ва ибораҳои арабӣ мебошад, ки ин на танҳо ба воқеаи таърихии асрҳои VII-VIII рӯйдодагӣ вобастааст, балки протсеси дохилшавии унсурҳои забони арабӣ дар тамоми даврaҳои ҳаёти тореволютсионии мардуми Осиёи Миёна давом дошт. Ин масъала таърихан ба воқеаи Осиёи Миёна ва Эронро истило кардани арабҳо ва баъд аз он дар мамлакат афзудани нуфузи дину забони арабӣ алоқаманд аст. Сиёсати истилогарони араб дар бораи ҷорӣ кардани дини ислом ва забони арабӣ ба ҷойе расида буд, ки арабҳоро ба мардуми маҳаллӣ ҳамхона ва ҳамсоя мекарданд» [4, с. 131].

Маълум аст, ки ҳар як воҳиди луғавӣ, ки аз як забон ба забони дигар мегузарад, ба дараҷаи муайян тағйир меёбад, яъне аз тарафи намояндагони забони қабулкунанда ҳазм карда мешавад. Ин раванд дар шеваҳо, ки қонуну қоида ва нормаҳои ба худ хос доранд, боз ҳам аҷибтар давом мекунад. «Вожаи иқтибосӣ дар чорчӯбаи забони адабӣ тобеи қонунҳои нисбатан умумӣ ва суфташуда бошад, пас дар доираи шеваҳо метавонад бо намудҳои гуногун ҷилвагар шавад. Инак, яке аз ҷиҳатҳои фарқкунандаи лаҳҷаҳои ҷанубиро аз забони адабӣ ва шеваҳои дигари тоҷикӣ метавон дар ҳамин ҷо ҷустуҷӯ кард» [6, с. 81].

Иқтибоси вожаҳои арабӣ агар дар марҳилаи аввал аз шакли гуфтугӯии забони тоҷикӣ оғоз ёфта бошад, пас минбаъд бештар ба воситаи навъи хаттии он давом кардааст. Аз ин рӯ, омӯзиши вомвожаҳои арабӣ барои равшан кардани саҳифаҳои таърихи ташаккули забони тоҷикӣ умуман манфиатбахш аст. Омӯзиши вомвожаҳои арабӣ аз рӯйи маводи шеваҳои забони тоҷикӣ боз ҳам аҳамияти муҳим касб мекунад, зеро шеваҳо нисбат ба забони адабӣ дар ин бобат низ тафриқаи муайян доранд. «Вожаҳои арабӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар давоми асрҳои зиёд ҳамчун як қисмати муҳимми сарвати лексикӣ истифода шуда, дар айни ҳол ба як қатор хусусиятҳо молик гаштаанд. Як гурӯҳи вожаҳои арабӣ ба ҷумлаи унсурҳои умумитоҷикӣ мансуб буда, аз ҷиҳати миқдор хеле фаровонанд. Аммо ин қабил воҳидҳои луғавӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ нисбат ба забони тоҷикӣ ва дигар шеваҳои тоҷикӣ бештар бо тағйири таркиби овозӣ (фонетикӣ) фарқ мекунанд» [6, с. 131].

Вожаҳои арабиро дар навбати худ боз ба чанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Бархе аз онҳо тибқи ба қоидаву қонунҳои савтии гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди истифода қарор мегиранд: **мактав**<*мактаб* (مَكْتَب), **қъсм**<*қисм* (قِسْم), **лавз**< *лафз* (لَفْظ). **нъхс** *(нуқс)* (نُقْص) ва ғ. Дар қатори ин қабил воҳидҳои луғавӣ вожаҳое ҳастанд, ки мувофиқан ба ягон қонуни умумӣ ва маъмул дар тамоми гӯйишҳои ҷанубӣ сарфи назар аз қоидаҳои маъмулӣ кор фармуда шуда метавонанд. «Аз ҷумла, қонуни дар байни ду садоноки **а** ва ё пешу пас аз он ба **в** (w) мувофиқат кардани овозҳои **ф, п, в** тақрибан бештари вожаҳои арабиро ҳам фаро мегирад: **ҷавр**<*ҷабр* (جبر), **тавақ**<*табақ* (طبق), лавз<*лафз* (لفظ) ва ғ. Аммо ҳодисаҳои фонетикие ҳастанд, ки дар вожаҳои арабӣ ҳам калавида меистанд. Масалан, мувофиқати **к** бо **г** аз ҳамон қабил аст. Дар натиҷа баъзе вожаҳои арабӣ гоҳо бо асли худ баробар оянд ва гоҳо фарқ мекунанд. Мисол: **фикр**<**фигир, ҳукумат**< **hугумат»** [6, с. 131].

Як гурӯҳи дигари вожаҳои арабии умумитоҷикӣ дар гӯйишҳои ҷанубӣ баръакси забони адабӣ ва шеваҳои дигари тоҷикӣ бо риояи овозҳои ҳалқии рӯяк **ɛ** (ҷарангдор) ва **ҫ** (бечаранг) истифода мегарданд ва ҳар дуи ин овоз аслан хоси забони арабӣ буда, дар гӯишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ нисбатан суст ва мулоим садо медиҳанд. Ин овозҳо маҳз ба туфайли вомвожаҳои арабӣ ба гӯйишҳои ҷанубӣ дохил гардида, ҳатто баъзан хоси вожаҳои соф тоҷикӣ ҳам шуда мондаанд. Намунаи чунин вожаҳоро бо нутқи лаҳҷа аз назар мегузаронем: **laһм** (لَحْم): *чашми кавго - ра гирд - ъш* ***laһм*** *- у шух - ай (Дег.)* [9, с. 414]; **лаɛин** (لَعين): э ***лаɛин****, дам назада бъшин (к-ҳ., Оқбурӣ),* **hърмат** (حرمت): *да рузи рушан ба* ***hърмати*** *Ҳъдо намедонум (к-ҳ. Эскигузар),***мъhоҷир** (مُهاجِر): *йа ҳафтот-та бъд вори, паншта-ш* ***мьhоҷир*** *шид (қ. Ҳилмонӣ),* **hъкъмат** (حِكمت): ***hъкъмат*** *тамоми руйи дънйора нун мета, пир-у ɥаɛм-а (в-қ., Лангар)* ва ғ. Бо вуҷуди фаровон истифода ёфтан овозҳои мазкур аз қатори вожаҳои арабӣ гоҳо соқит мешаванд. «Ин дар ду ҳолат мушоҳида гардид: а) дар мавриде, ки сарфи назар аз қонуни мавҷуда дар ин ё он маҳал овозҳои ɛ ва ҫ талаффуз намешаванд. Чунончи, вожаҳои **муҳоҷир** (مُهاجر), **ɛайб** (عيب), **лаҳза (**لحظه**)** ва амсоли онҳо дар ҳар шакли ба талаффузи арабӣ наздик ва ҳам дар намуди умумихалқӣ дучор гардидаанд» [6, с. 132]. Ин, аз як тараф, ба масоҳати паҳншавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ вобаста буда, аз тарафи дигар, ба заминаҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошад; б) дар ҳолате ки амалиёти ин ё он қонун дар маҳалле қатъ ё суст гардидааст. Дар лаҳҷаҳои Роғ, ҷанубӣ ва қисман шимолии Кӯлоб, Бадахшон артикулятсияи овози халқии **ҳ** суст аст. Ин ба овозҳои **ɛ** ва ҫ ҳам дахл дорад. Аз ин ҷост, ки вожаҳои **ҳоло** (حالا), **ҳозир (** حاضر**), ҳарф** (حرف), **ҳақ** (حق), **ҳикойа** (حكايه**), ҳомила** (حامله) ва ғайраро дар лаҳҷаҳои Роғ, дар Бадахшон ва ҷанубии Кӯлоб (махсусан дар ҷамоати Саричашма) ба шакли ***олӣ, озир, ақ, икойа, омила*** ва амсоли ин дучор кардем. Ба ин маънӣ, ҳамин ки гап дар бораи хусусияти вожаҳои арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ меравад, чунин ҳодисаҳои фонетикиро ҳамчун аломатҳои хоси лексикӣ низ ба назар гирифтан лозим меояд.

Дар байни вомвожаҳои арабие, ки зоҳиран умумитоҷикӣ шудаанд, бисёр воҳидҳои луғавие ҳастанд, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ тағйири маъно кардаанд. Баъзе аз ин унсурҳои луғавӣ бо маънои асл як андоза алоқаманд бошанд, қисми дигар аз он хеле дур рафтаанд. Чунончи, вожаҳои **қотил, латифа, хазина, мақом, ғараз, хотир, манзил** ва амсоли инҳо қариб баракси маънои аслӣ истифода мешаванд. Барои он ки ин даъво беасос намонад, чанде

аз ин воҳидҳои луғавиро бо асли арабӣ муқоиса мекунем. Вожаи **қотил (قاتل)** ба решаи «**қатл»(قتل)** алоқаманд буда, ҳамчун фоил дар забони арабӣ маънии «кушанда»-ро дорад. Мураттиби «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» Сайидраҳмон Сулаймонӣ вожаи мазкурро бо маъноҳои “кушанда”, “хунрез, нобуд сохт”, “миронд” эзоҳ додааст [12, с. 362]. Аммо ин вожа дар баъзе маҳалҳои Қаротегин ва Обигарм ба маънии “гузаро”, “моҳир”, “гулдаст” қайд гардидааст: *бово-ш йа истои* ***қотил*** *бъд (қ,. Ниёзбегиён); бъсйо истойи* ***қотиле*** *бъд, ки қошъғ метарошид. (қ. Каҳдара); усто Аслон дар достонгуйи ҳамқа* ***қотиле*** *бъд, ки ҳеҷ гуфтан надошт. (қ., Ёнахш).*

Вожаи **латифа (لطيفه)** дар фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ бо се маъно қайд шудааст: 1. нозукӣ, ҳилаву найрангҳои нозук; 2. сухани нағз, шӯхӣ, латифа; 3.накӯкорӣ, хайр, эҳсон, тӯҳфа [12, с. 589]. Аммо дар лаҳҷаи қаротегинӣ дар қишлоқи Луғур [Нуробод] ба маънии як навъи зарф дучор омад. Мисли ҳамин вожаи **хазина** (خزينه) (1.ҷевон, 2.хазина) дар қишлоқи Анатурушаки Кофарниҳон [к-ҳ.] ба маънии равғандони кундаи чувоз қайд шудааст.

Вожаҳои арабии чудогона на фақат аз асли худ дур шудаанд, балки дар байни лаҳҷаҳои алоҳидаи ҷанубӣ бо чандин тобишҳои нави маъноӣ маъмул гаштаанд. Мисоли ин воҳиди луғавии **мақом//муқом** аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо ишораи «арабӣ» зиёда аз шаш маънии вожаи мазкур қайд шудааст [14, с. 671]. Аммо тобишҳое, ки ин вожа дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба назар расидаанд, на ба маънои аслӣ (истиқоматгоҳ) ва на ба маъноҳои сонии он рост меоянд. Мисолҳоро муайян мекунем: *иҷа сергап меган, агане ин хел* ***мақом*** *да мо нест (қ., Ғарм); то Ғарм - а дига* ***муқом*** *гап мезанан (к-ҳ., Анантурушаки тоҷик).* Равшан аст, ки дар ин ду мисол вожаи **мақом//муқом** бо тобишҳои фарқкунанда дар аввалӣ ба маънии «гап», «ҳунар»; дар дуюмӣ ба маънии «навъ, хел» истифода шудааст.

Дигаргунии маъно, инчунин, ба вожаҳои **хотир** (خاطر) -1. фикр, андеша, идея, мафҳум; 2. ақл; 3. ҷон; 4. хоҳиш ва ғ. **ғараз** (غرض) 1. мақсад, нишон, объект, кӯшиш; 2. ҳавасманд; 3. чизи даркорӣ ва ғ. **мъhтоҷ** (محتاج) - ниёзманд, касе, ки ба чизе эҳтиёҷ дорад [13, с. 815], **назм** (نزم) - шеър, поэзия; тартиб. **зарб** (ضرب) 1. заниш; 2. тапиш; 3. замъкунӣ ва **hърба** (حرب) - ҷанг, маърака, моҷаро ва ҳоказо низ хос аст. Аз ҷумла, **хотир** ба маънии «одами шинос», «мададгор», **ғараз** ба маънии «мумкин, эҳтимол, шояд»,**муhтоҷ** ба маънии «асбоби рӯзгор» ва умуман «чизи лозим», **«назм»** ба маънии «нисбат», **манзил** ба маънии «қабр», «гӯр», «қабристон», **зарб** ба маънии «таъсир», **hърба** ба маънии «ҷасорат» ва ғ. омадаанд. Мисолҳоро аз назар мегузаронем: ***хотир*** *надошта боши, дар институт намедройи-ш (қ., Қалъанак);* ***ғараз*** *эҳтимол имруз аз район одам мейойа (қ., Ҳилмонӣ);бъра, бачам, ай хуни амсойа* ***мъҳтоҷ****-а бийор-ъш (в-қ., Нимич); ма ба* ***назми*** *ӯ майда (ш-қ., Муминобод); манзилкан (қабркан) оли наомадай (ҷ-к., Саричашма); ҳар хел* ***hърба*** *намекард, ки ғор-да дъройа (қ., Дегаӣ)* [6, с. 132].

Ҳангоми бо асл муқоиса намудани вожаҳои арабии лаҳҷаҳои ҷанубӣ ҷиҳатҳои зеринро бояд ба назар гирифт:

Муносибати шаклҳои сарфӣ. Аз ин бобат вожаҳои **қотил** ва **мъhтоҷ** бо асли арабӣ чандон айният надоранд: он вожаҳо дар забони арабӣ дар шакли сифати феълии тарзи фоъил (қотил) ва пасив (мъhтоҷ) бошанд, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ (инчунин дар забони адабӣ), ҳамчун сифат (қотил) ва исм (мъhтоҷ) истифода шудаанд. Чунин ҳол дар вожаҳои боқимонда ҳам то ба андозае ба назар мерасад.

Муносибати маъноӣ. Мувофиқи маълумоти фарҳангҳо вожаҳои мазкур дар асл хеле сермаъно буда, ба тоҷикӣ, одатан, яке аз онҳо муносибат дорад. Аммо дар байни маънои аслии арабӣ ва тоҷикӣ риштаи алоқа дар баъзе ҳолатҳо равшан муоина шавад ҳам, дар мавридҳои дигар хеле суст ба назар мерасад. Адади вожаҳои иқтибосие, ки шаклан умумитоҷикӣ ва ё хоси забони адабии тоҷикианду дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз бобати маъно фарқҳо доранд, аз ин ҳама бештар аст. Табиист, ки ин қабил воҳидҳои луғавӣ яке аз аломатҳои хоси лаҳҷаҳои ҷанубӣ ҳисоб мешаванд, зеро қисми зиёдтари чунин унсурҳои лексикӣ дар забони адабӣ ё шеваҳои дигари тоҷикӣ дар маъно бо асли арабӣ мувофиқат менамоянд. Лексикаи хоси лаҳҷаҳои ҷанубӣ таркибан ва таърихан гуногун аст. Инак, як силсила вожаҳои иқтибосии арабӣ ҳам теъдоди фонди лексикаи хоси лаҳҷаҳои ҷанубиро меафзоянд. Бо вуҷуди ин, махсусияти чунин вожаҳо барои лаҳҷаҳои ҷанубӣ мафҳуми нисбӣ дорад. Онҳо дар шеваҳои дигари тоҷикӣ қариб дучор наоянд ҳам, қисман дар забони адабӣ, алалхусус, забони адабии пешина вомехӯранд.

Гурӯҳи дигари вомвожаҳои арабӣ хоси лаҳҷаҳои ҷанубӣ буда, чи аз ҷиҳати ҳудудӣ ва чи аз рӯйи муносибати шаклу маъно бо асл якранг нестанд. Масалан, вожаҳое ҳастанд, ки ҳам аз ҷиҳати таркиби овозӣ ва ҳам аз бобати маъно бо асли арабии худ мувофиқат

менамоянд. Воҳидҳои луғавии **ҳин// ҳен// ҳейн, лоҳас, ҷабал, ҷавал, маҳшар** ва ғайра аз ин қабиланд.

Аз инҳо вожаҳои **ҳин, маҳшар, лоҳас** қариб дар ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ дучор омада, унсурҳои лексикии ҷабал **(جبل)** хоси маҳал аст. Барои намуна хусусиятҳои шаклӣ ва маъноии **ҳин** ва **фарас**-ро аз назар мегузаронем: дар "фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ" вожаи **фарас (فرس)** ҷамъаш **аффос (افراس)** бо ду маъно шарҳ дода шудааст: *1. Асп (хоҳ нар бошад, хоҳ модиён); 2. Истилоҳи шоҳмот асп* [12, с. 288]. Ин воҳиди луғавӣ дар қишлоқи Даҳанаи Кӯлоб (ш-к) ба маънии «**асп**» қайд гардидааст: ***фарас*** *йа хел асп-ай, ки не мепара, не оста мерава*. Мазмуни ҷумла дар ифодаи як навъ асп омадани «**фарас**»-ро таъкид намояд ҳам, бо асли арабӣ наздик будани онро ҳаргиз сарфи назар намекунад.

Вожаи **ҳин (حين)** дар фарҳанги мураттиб Сайидраҳмон Сулаймонӣ бо ин маъно тавзеҳ ёфтааст: *вақт, замон, рӯзгор* [11, с. 461]. Тақрибан айни ҳамин маъниҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ низ барҷо мондаанд. Мисолҳоро мулоҳиза фармоед: *ҳоло* ***ҳини*** *гандагӣ-йай (қ. Ҳалқарф); саһари агар мехези, ба* ***ҳини*** *нуни гарм-а мераси (ш-к); оличабандак оли-ам истодаги-ай,* ***ҳин****- ъш рафтай вайрон шидай (ш-к);* ***ҳине*** *ки мо хундем, моҷири бъд (в-қ., Гирдхам): аку мо рафтем,* ***ҳайни*** *аму матаб ташкил шудан-да (ҷ-қ., Саричашма); аму оли* ***ҳин****-ъш-ай зира-ра (ш-к., Сангдара)* ва ғ.

Дар бахши матнҳои асари Р.Л. Неменова [Кулябские говоры таджикского языка северная группа] вожае таҳти унвони «**ҳилм**» ду маротиба зикр шудааст: *бад гуфт съни дев-зъмин-а тъ бъза,* ***ҳилми*** *зъмин-ъ нофи зъмин-а бърор; - диди, ана нофи зъмин, ана* ***ҳилми*** *зъмин* [7, с. 40].

Вожаи **ҳилм** (**حلم**) дар фарҳанги С. Сулаймонӣ бо се маъно шарҳ дода шудааст: *1. сангинӣ, бурдборӣ, шикебоӣ; 2. хирад, ақл; 3.бахшиш, гузашти ҳамроҳ бо тавоноӣ* [11, с. 428]. Аз рӯйи мисолҳо дида мешавад, ки «**ҳилм**»-и лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо «**ҳилм**»-и арабӣ аз бобати маъно муносибат надорад. Р. Л. Неменова вожаи мазкурро ба русӣ «**влага**» тарҷума кардааст, ки дар тоҷикӣ бо «**намӣ**» мувофиқат менамояд. Тавре ки мебинем, «**ҳилм**» -и арабӣ аз ин маъно хеле дур аст. Бо вуҷуди ин, аз рӯйи баъзе аломатҳо алоқамандии онҳоро пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, ба андешаи мо, дар ҷумлаҳои боло вожаи **ҳилм** як навъ маънои маҷозӣ дошта, ба дарунмағз ва моҳияти предметро далолат мекунад. Тақрибан чунин тобиши маъноиро «**ҳилм**»-и арабӣ ҳам дар таркиби ибораҳои маҷозии (арабӣ - аз худ баромадан) ифода карда метавонад. Бо вуҷуди ин, «**ҳилм**»-и тоҷикӣ ва «**ҳилм**»-и арабӣ қариб ба андозаи унсурҳои лексикии мустақил ба назар мерасанд. Бисёр вожаҳои арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷануб маънои худро андак дигар кардаанд, ки воҳиди луғавии **ачр** аз ҷумлаи онҳост. Ин вожа дар деҳаи Оби Лурди Нуробод (к.) бо маънии “ҳақ”, “ҳисса”, “музд” ба қайд даромадааст: *у ҳино-нда* ***ачри*** *осийоб-а медод мededи-ш.* Дар ҷилди якуми фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ вожаи мазкур ба маънии “мукофот”, “подош” ва “музд” омадааст [11, с. 52-53].

Вожаҳои иқтибосии арабӣ, ки ба лексикаи хоси гӯйишҳои ҷанубии тоҷикӣ мансубанду мустақил истеъмол мешаванд, аз бобати алоқаи маъноӣ бо асл марҳилаву даврaҳои гуногуни дохилшавиро ба хотир меоваранд. Аз баъзеи онҳо маънои асли худ ба назар ҷилвагар шуда истад, аз қисми дигар чунин риштаи маъноиро ба душворӣ пайдо кардан мумкин аст. Чунин далел ҷолиби диққат мебошад, ки ҷараёни васеъ ё маҳдудшавии маънои вожаҳои арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ қатъ наёфтааст. Вобаста ба шароит, талаботи давр, дигаргуниҳои зисти мардуми мо воҳидҳои луғавии арабӣ ҳам тадриҷан тағйири маъно мекунанд. Дар деҳаи Кӯли ноҳияи Тоҷикобод ба чунин далелҳои аҷиб вомехӯрем: вожаи **муаззин** (مؤذن) баръакси маънои собиқаш (ходими дин, касе, ки ба намоз фаро хонад, муаззин) [11, с. 63] дар ифодаи мафҳуми “чойхоначӣ” истифода мешавад. Вожаи мазкур дар ин маънеи нав пойдор наемонад. Маънои нави ин вожа танҳо дар деҳаи Кӯли ноҳияи Тоҷикобод ба гӯш мерасад. Дар минтақаҳои дигари гӯйишҳои ҷанубӣ ба маънои аслии худ ифода мегардад. Вале чунин далел аён аст, ки вожаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, воҳидҳои луғавии арабӣ минбаъд ҳам бо тағйироти миқдорию сифатии маъноӣ давом хоҳанд кард.

Тавре маълум аст, забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ на танҳо аз бобати ба оилаҳои гуногун тааллуқ доштани худ, балки аз ҷиҳати системаи грамматикӣ ҳам фарқ мекунанд: забони тоҷикӣ ба ҷумлаи забонҳои аналитикӣ тааллуқ дошта, арабӣ ба гурӯҳи забонҳои флективӣ дохил мешавад. Ин аст, ки ҳангоми иқтибоси вожаҳо бисёре аз хусусиятҳои флективизми забони арабӣ барҳам хӯрдаанд. Ин ҳолат муҳаққиқонро водор намудааст, ки ба омӯзиши вожаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ аз ду ҷиҳат назар кунанд: 1) аз нуқтаи назари забони тоҷикӣ; 2) аз нуқтаи назари забони арабӣ [2]. Зотан, чунин усулро дар маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳам метавон истифода кард. Аммо ин масъала мавзуи омӯзиши алоҳида аст. Бинобар он мо дар тафсилоти худ, асосан, бо нишон додани ҷиҳатҳои тоҷикишудаи вожаҳои

арабӣ қаноат мекунем. Бо вуҷуди ин, мухтасаран инъикоси баъзе хусусиятҳои арабии вожаҳои иқтибосии арабиро хотиришон кардан аз фоида холӣ нест. «Пеш аз ҳама, ҳаминро гуфта метавонем, ки воҳиди луғавии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ ва на дар ҳамаи навъҳои феълии забони арабӣ истифода мешаванд. Аз ҳама бештар, масдарҳои навъҳои якум ба сифати исмҳо дучор меоянд. Дар баробари ин, гоҳо масдарҳои навъҳои дигар ҳам ба назар бармехӯранд. Чунончи, бо намуди масдари навъи дуюм (تَفْعِيل) **таɛин**, **таɛҷиб** барин вожаҳо вомехӯранд: *акаи маɛлим, къҷо-да **таɛин-ът** кадан? (Шк); охи, **таɛҷиб** шъдем, и чи орд-ай (Шк.)*» [6, с. 240].

Чун дар забони адабии тоҷикӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ҳам вожаҳои арабӣ дар шакли сифатҳои феълии навъҳои якум (фоил فاعل<) дуюм (тафъил تفعيل<) ва сеюм (мафоил مفاعل<») зиёд дучор меоянд. Мисолҳоро аз назар мегузаронем: *мийон-ъм **маъиб**-ай; **маɛиб** шидагӣ, ай бънг ғалтидаги* (в-қ., Лангар); *уво-ра **мъҳоҷир** кардан-шу* (в-қ., Сасиқбулоқ); *йа ҳафто-та бъд вори, паншта-ш **мъҳоҷир** шид* (қ., Ҳилмонӣ); *ай рузе, ки **соһиби** ақл шидъм, и ҳамтари сийаҳ-ай* (ш-к.); ***котиб** ай съйар-ай хурдаесоаст* (в-қ., Ҳиҷборак); *бово-м бъсйо истой **қотиле** бъд, ки қошъғ метърошид* (қ., Каҳдара) ва ғ. Инчунин дар ҳамин ҳолатҳо вожаҳои **мъҳосил** - элчӣ, намоянда; **табох** - пазанда, ошпаз (ш-к., Токак; қ., Ёнахш, Мискинобод) , **мафлук**-фартут, барҷомонда (в-қ., Ҳиҷборак), **ғасол**-покшӯй, мурдашӯй (ш-к., Ховалинг), **косъб**-ҳунарманд, дӯзанда (в-қ., Кулумбаи Боло) қайд шудаанд. Ниҳоят, дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ вожаҳои арабии ифодакунандаи макон, ки дар колаби **мафъал** ва **муфаъал** рехта мешаванд, низ бисёранд. Аз ҷумла, вожаҳои **манзил** - қабр (дар ҳамаи гурӯҳҳо), **матлаб** - ният (қ-ҳ., Эскигузар), **мағал** - ҷойи хоби гӯсфандон дар назди хиргаҳ (в-қ., Оқсой), **маскан** - ҷой, манзил (в-қ., Лангар) ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Вожаҳои арабӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ва маишии мардуми моро фаро мегиранд. Аз ин рӯ, дар маводи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба гурӯҳҳои мавзуӣ тасниф кардани онҳо диққатҷалбкунанда буда метавонад.

Адабиёт

1. *Баҳор Малик-уш-шуаро. Сабкшиносӣ / Баҳор Малик-уш-шуаро. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 569 с.*
2. *Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. - Душанбе, 1991. - 180 с.*
3. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик, Ҷ.1 Луғатшиносӣ// Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 242 с.*
4. *Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ.–Сталинобод, 1959. – 294 с.*
5. *Ҳалимов, С., Шукурова К. Забони адабии ҳозираи тоҷик/ С. Ҳалимов. К. Шукурова. - Душанбе: УДТ, 1988. - 100 с.*
6. *Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ. Ҷӯраев. Душанбе: Дониш, 2017. - 318 с.*
7. *Неменова, Р. Л. Кулябские говоры таджикского языка // северная группа / Р. Л. Неменова. - Сталинабад: Изд-во АН ТаджССР, 1956. - 191 с.*
8. *Пейсиков Л. С. Лексикология современного персидского языка /Л. С. Пейсиков. - М.: Изд-во МГУ.1975. - 207 с.*
9. *Маҳмудов, М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ.Ҷӯраев, Б. Бердиев. -Душанбе: Дониш, 2012. - 946 с.*
10. *Назарзода, С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти ҷамъиятӣ / С. Назарзода. -Душанбе, 1992.-120 с.*
11. *Сайидраҳмон, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ. - Душанбе: Эр-граф. 2005.-Ҷ.1.-1046 с.*
12. *Сайидраҳмон, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ - Душанбе: Эр-граф, 2005. - Ҷ.2.–1208 с.*
13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ.1. - М., 1969. – 951 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷ.2. - М., 1969. – 952 с.*

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ, ТАЪРИХӢ ВА ЗАБОНИИ ВОРИДШАВИИ ВОМВОЖАҲОИ АРАБӢ БА МУҲИТИ ЛАҲҶАҲОИ ҶАНУБӢ

Дар мақола сабабҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва забонии воридшавии вожаҳои иқтибосии арабӣ бо муҳити лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, роҳҳои ворид шудани ин вожаҳоро дар муҳити лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ аз назари муҳаққиқони забоншинос бо мисол ва далелҳои фаровон собит шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки вожа, таркиб, ибора ё ҷумлаҳое, ки аз дигар забонҳо бевосита ё бавосита мегузаранд, иқтибос номида мешавад. Ҳамзамон, дар мақола хусусиятҳои забони арабӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он, нишонаҳои савтӣ, сарфӣ, маъноӣ бо такя ба андешаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ мушаххасс гардонида шудааст. Доир ба қолибҳои мустаъмали вожаҳои арабӣ дар мақола зикр мегардад, ки дар асоси чунин қолибҳо вожаҳои зиёде ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба гурӯҳи вожаҳои фаъоли нутқ дохил шуда, чи дар услубҳои китобӣ, чи дар навъҳои мухталифи забони гуфтугӯ фаровон ба кор бурда мешаванд.

Калидвожаҳо: сабабҳои иҷтимоӣ, сабабҳои таърихӣ, вожаҳои иқтибосӣ, лаҳҷа, лаҳҷаҳои ҷанубӣ, нишонаҳои савтӣ, сарфӣ, нишонаҳои маъноӣ, қолиб, вожаҳои арабӣ.

СОЦИАЛЬНЫЕ, ИСТОРИЧЕСКИЕ И ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ВЛИЯНИЯ АРАБСКОЙ ЛЕКСИКИ В СРЕДЕ ЮЖНЫХ ДИАЛЕКТОВ

В статье рассматриваются социальные, исторические и лингвистические причины проникновения арабских заимствованных слов в среду южных диалектов таджикского языка и доказываются пути проникновения этих слов в среду южных диалектов таджикского языка с точки зрение лингвистов на многочисленных примеры и доказательствах. Автор отмечает, что слово, композиция, фраза или предложения, которые прямо, или косвенно передаются из других языков, называются цитатами. В то же время, в статье конкретизируются особенности арабского языка по сравнению с таджикским языком и его диалектами, звуковыми, морфологическими, семантическими признаками с опорой на мнения отечественных и зарубежных ученые. Что касается устоявшихся моделей арабских слов, то в статье отмечается, что на основе таких моделей создано множество слов, которые входят в группу активных речевых слов и широко используются как в книжных стилях, так и в различных разновидностях разговорного речи.

Ключевые слова: социальные причины, исторические причины, цитируемые слова, диалект, южные диалекты, знаки савти, морфема, семантические знаки, шаблон, арабские слова.

SOCIAL, HISTORICAL AND LINGUISTIC FACTORS OF THE INFLUENCE OF ARABIC VOCABULARY IN SOUTHERN DIALECTS

The article deals with the social, historical and linguistic reasons for the penetration of Arabic loanwords into the environment of the southern dialects of the Tajik language and proves the ways of penetration of these words into the environment of the southern dialects of the Tajik language from the point of view of linguists on numerous examples and evidence. The author notes that a word, composition, phrase or sentences that are directly or indirectly transmitted from other languages are called quotations. At the same time, the article concretizes the features of the Arabic language in comparison with the Tajik language and its dialects, sound, morphological, semantic features based on the opinions of domestic and foreign scientists. As for the established models of Arabic words, the article notes that on the basis of such models, many words have been created that are part of the group of active speech words and are widely used both in book styles and in various varieties of spoken language.

Keywords: social causes, historical reasons, quoted words, dialect, southern dialects, savti signs, morpheme, semantic signs, pattern, Arabic words.

Дар бораи муаллиф
Раҷабов Абубакр Ашурович
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 66 83 46
E - mail: abubakrracabov@gmail.com

Об авторе
Раджабов Абубакр Ашурович
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 66 83 46
E - mail: abubakrracabov@gmail.com

About the author
Rajabov Abubakr Ashurovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 66 83 46
E - mail: abubakrracabov@gmail.com

ТДУ 809.155.0

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ЛИБОС ДАР «ЁДДОШТҲО»-И АЙНӢ

Анварзода М. А.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Маҳз бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли миллӣ Тоҷикистон имкон пайдо кард, ки таърихи бою рангин ва фарҳанги куҳанбунёди худро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунад. Омӯзиши фарҳанги гузаштаи худ яке аз вазифаҳои асосии бунёди фарҳанги нав мебошад. Зеро наслҳои оянда тавассути шинос шудан бо ҳунарҳои суннатии ниёгон, аз худ кардани онҳо, тарзи зиндагӣ, урфу одатҳо, дину эътиқод ва орзуву ормонҳои наслҳои гузашта огоҳ мешаванд, яъне ҳунарҳои мардумӣ намегузоранд, ки мо таърихи миллат ва ватани худро фаромӯш кунем. «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шудани соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ мусоидат карда, ҷиҳати ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани имкониятҳо ва сарватҳои зеҳнии миллати тоҷик замина гузошт.

Ҳунармандӣ аз замони бостон ҳамсафари мардуми тоҷик буд ва бо дастони ҳунармандони тоҷик кушку манораю шаҳрҳо, корезҳо, роҳу воситаҳои зиндагӣ, либосу пӯшок, рӯду дарёҳо, киштзорҳо, асбобу анҷоми рӯзгор, сохтмону бинокорӣ ва меъморӣ, санъати тасвирӣ, коркарди маъдан, яроқсозӣ, корхонаҳои гуногуни хурду бузурги косибӣ, корвонсарою бозорҳо ба вуҷуд омадаанд, ки аз як тараф ҷиҳати таъмини зиндагии бофароғат имкон фароҳам оварда бошад, аз ҷониби дигар ин соҳаҳо бо калимаю истилоҳоти фаровон таъмин шуда, дар такмили таркиби луғавии забонамон аз даври бостон мусоидат кардаанд.

Ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик дар тӯли садсолаҳо сайқал ёфта, барои пешбурди зиндагии мардум мусоидат кардаанд. Онҳо гуногунҷабҳа буда, соҳаҳои гуногуни ҳаётро фаро мегиранд ва барои ифодаи нозуктарин масоили ифодаи мафҳумҳои ҳар соҳа калимаҳои зиёде ба вуҷуд омадаанд. Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои гуногуни соҳаҳои ҳунармандӣ ба мурури замон забонзад шуда, сайқал ёфта, инак аксарияти онҳо чун истилоҳоти соҳавӣ мустаъмаланд.

Дар анъанаю суннати мардуми ориёӣ истеҳсоли либос ва пӯшок таърихи қадим дорад. Барои либос аз маводи гуногун – пахтаю абрешим, пашму чарм ва барои пойафзол чарму чӯб ва ғайра истифода мешуд. Зикри ин нукта зарур аст, ки касбу ҳанари мардуми тоҷик дар осори беш аз ҳазорсолаи миллати тоҷик тавассути назму наср ва луғатномаҳо инъикос шуда, барои муаррифии хатти таърихии инкишофи калимаю истилоҳоти ҳунармандӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Агар шоирону нависандагон ба зарурати баёни мақсад аз ин калимаву истилоҳот истифода карда бошанд, луғатнигорон вазифаи худро иҷро карда, дар фарҳангҳояшон луғати мавҷудаи забониро шарҳу тафсир карданд. Аз тарафи муҳаққиқони давраҳои гуногун доир ба касбу ҳунари миллати тоҷик таҳқиқоти арзишманде сурат гирифтааст, ки дар онҳо ҳунарҳои мардумии давраҳои гуногуни миллати тоҷик муаррифӣ мешаванд. Яке аз чунин муҳаққиқони забардаст аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар китоби «Тоҷикон» (таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав) перомуни таърихи миллати тоҷик таҳқиқоти ҳаматарафа анҷом дода, ба масъалаи касбу ҳунарҳои мардумӣ дар ҳар давраи таърихӣ аҳамияти махсус зоҳир менамояд. Дар боби дуюми фасли сеюми китоби мазкур оид ба «Тахористон дар асри VI – ибтидои асри VIII» таҳқиқот бурда, перомуни ҳунарҳои марбут ба кишоварзӣ, тиҷорат, касбу кор, бинокорӣ, меъморӣ, санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, дуредгарӣ ва ғайра маълумоли зиёди илмӣ додааст. Зикр мегардад, ки дар он замон дар Тахористон ба масъалаҳои конковӣ, истеҳсоли сангҳои қиматбаҳо, тилло, нуқра, оҳан барои сохтани асбобу анҷоми меҳнату рӯзгор, яроқ, аслиҳа, ҷавшан, зиреҳ, ашёи заргарӣ, сохтани шиша ва ғайра ривоҷ ёфтаст. Дар баробари ин, ба масъалаи бофандагӣ ва дӯхтани сару либос низ аҳамияти махсус дода мешудааст. Махсус қайд мегардад, ки «ҳунари бофандагӣ ҳам ба дараҷаи камолот расида буд. Маъхазҳои хаттӣ газворҳои пашмиву пахтагӣ ва сарулибоси аъёну ашрофро зикр кардаанд, ки хеле мураккаб дӯхта мешудаанд. Аз Хатлон шоҳии хушсифати гуногунранг меовардаанд. ... Дар масъалаи матои абрешим бояд ҳаминро гуфт, ки пештар мавҷуд будани онро бечуну чаро ба содироти Хитой вобаста мекарданд.

Навтарин бозёфтҳои археологӣ далолат мекунанд, ки кирмакпарварӣ ва шоҳибофӣ дар ибтидои асрҳои миёна дар Осиёи Миёна пурра аз ҳуд шуда буд [6, с. 266]. Дар фасли дигари китоби мазкур, ки «Суғд дар асрҳои VI-VII» ном дорад, доир ба ҳунармандӣ ва тиҷорат дар минтақаи суғдзабонон қисса менамояд. Перомуни ҳунарҳои гуногун маълумот дода, аз ҷумла, чунин далели муҳимро пешниҳод мекунад, ки «маҳсулоти оҳангарон гуногун буд. Агар яроқу аслиҳаро ба назар нагирем, анвои он хеле зиёд аст. Ин ҳам олоти меҳнат – белу табару тешаву дос ва ғ.; ҳам масолеҳи бинокорию дуредгарӣ – мех, кашак, тиргак, ҳалқа ва ғайра буданд. Аз ашёи оҳанини рӯзгор кордҳои гуногуни оҳанӣ, сагаки оҳанию биринҷии тасмаҳо, пулакчаҳои гуногун, қайчӣ, калид, шамъдонҳои гуногуни биринҷию оҳанӣ, ҷиҳози зебу зиннат ва ғайраро ном бурдан мумкин аст» [6, с. 290]. Аз тадқиқоти ин олими тоҷик равшан маълум аст, ки ҳанӯз аз қадим масъалаи таъмини маишати мардум аз роҳи ҳунарҳои мардумӣ муҳим дониста мешуд. Яке аз соҳаҳои муҳим бофандагӣ ва инкишофи матоъҳои гуногун ба шумор мерафтааст. Аз ҷумла, нигошта мешавад, ки «дар Суғд ҳунари бофандагӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Ба ин бозёфтҳои археологӣ ва хабарҳои маъхазҳои хаттӣ далел аст. Дар Қалъаи Муғ қариб 150 намунаи матоъ ёфт шуд. Гарчанде ин матоъҳо хеле фит шудаанд ва танҳо пораҳои он боқӣ мондааст, ба ҳар ҳол имкон медиҳад, ки бофти онҳо муайян карда шавад. Мувофиқи ҳисобу китоби М. П. Винокурова аз 135 намуд матои Қалъаи Муғ, ки ӯ тадқиқ кардааст, 90-тоаш пахтагин, 44-тоаш абрешимӣ ва фақат 1-тоаш пашмин аст» [6, с. 291]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки халқи тоҷик ба унвони бошандагони даврaҳои қадими Осиёи Миёна дар пешрафти ҳунармандӣ ва, махсусан, дӯхтани либосу пӯшок саҳм мебошанд ва ба андешаи муҳаққиқ М.Ҳалимова «тоҷикон ҳамчун бошандагони қадимтарини Осиёи Марказӣ дар либосу либоспӯшӣ анъанаҳои ориёиро бештар маҳфуз доштаанд [12, с. 4].

Ин нукта мусаллам аст, ки мардум ба касбу ҳунар аз қадим таваҷҷуҳи хос доштанд ва ин аст, ки дар робита ба ин самти ҳаёти мардум калимаю истилоҳоти зиёде ба чашм мерасад, ки аксарияти онҳо дар осори адабию илмӣ ва лексикографӣ мунъакис шудаанд. Касбу ҳунар самтҳои гуногун дорад. Яке аз ин гуна самтҳо анъанаи дӯхтану пӯшидани либос ва пӯшоки гуногун будааст. Дар доираи маводи лаҳҷаҳо муҳаққиқони шевашинос ва этнографҳо ба таҳқиқи калимаҳои марбут ба либосу пӯшок даст задаанд, ки месазад номи донишмандоне чун М.С.Андреев, Н. А. Кисляков, Е.М, Пешерева, А. К. Писарчик, Р. Я. Расулова, Н. Н. Ершов, З.А. Широкова, С. П. Русякина, О. А. Сухарева, М. Ҳамидҷонова, Ғ. Ҷӯраев, М. Ҳалимова, Т. Мақсудов, Ш. Кабиров, М. Қаҳҳоров ва дигаронро ба ёд овард, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи ин қабати луғавӣ муҳим аст.

Дар осори устод Садриддин Айнӣ ва, махсусан, дар «Ёддоштҳо»-и ӯ доир он ин қабати луғавӣ калимаҳои зиёдеро во хӯрдан мумкин аст, ки то имрӯз ба таври кори алоҳида баррасии илмӣ нашудааст.

«Яке аз вижагиҳои луғоти соҳавии асарҳои устод Айнӣ дар он инъикос меёбад, ки ӯ бештар калимаҳои тоҷикиро ба кор бурда, аз бемаврид истифода намудани вожаҳои бегона (ғайритоҷикӣ), ки муродифи онҳо дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст, худдорӣ намудааст. Ба туфайли чунин нуктасанҷиаш мебошад, ки ҳар як хонандаи имрӯзаи тоҷик асарҳои бадеӣ ва тарҷумаиҳолии ин нобиғаи илму фарҳангро бидуни ягон душворӣ мехонад, мефаҳмад ва аз ҳар сатри он лаззати маънавӣ мебардорад» [4, с. 80].

Ин нукта мусаллам аст, ки либосу пӯшок, асосан, ба одамон хос аст ва аз баррасии калимаҳо маълум мегардад, ки дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ калимаю истилоҳоти марбут ба сару либос мансубияти мардонаю занона доранд. Ин масъала дар китоби муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва дар рисолаи М. Ҳалимова «Либосвожаҳо дар забони тоҷикӣ» дар асоси маводи лаҳҷаи Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Ғ. Ҷӯраев рӯйи ин андеша аст, ки «калимаву терминҳое, ки ба сарулибос нисбат доранд, вобаста ба навъу намудҳои пӯшок, аз як тараф ва таллуқдории он ба зану мард аз тарафи дигар, ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд» [13, с. 209]. Дуруст аст, ки онҳо ба занонаю мардона мансубанд, аммо мутобиқи маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ калимаю истилоҳоте дида мешавад, ки номи умумии онҳоро ифода мекунанд. Ин ҳолат дар маводи лаҳҷаи Хуҷанд аз тарафи М. Ҳалимова ба мушоҳида гирифта шудааст, ки ӯ инро чунин ба қалам медиҳад: «Мафҳуми пӯшок ё либос хеле васеъ буда, ҳамаи олоти пӯшиданӣ, аз қабили танпӯш, сарпӯш, дастпӯш, пойпӯш ва ғайраро дар бар мегирад. Бинобар ин, лексикаи ифодакунандаи либос як микросистемаи алоҳидаро ташкил дода, сарсилсилаи он дар лаҳҷаи Хуҷанд воҳидҳои луғавии либос // ливос, анҷом, сарутан, сарулибос ба шумор мераванд. Ин чор воҳиди луғавӣ мафҳуми умумии

либосро ифода намуда, дар ҳоли зарурат якдигарро иваз карда метавонанд» [12, с. 34].

Бо такя ба ин андеша метавон гуфт, ки дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ чун воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи умумии ин қабати луғавӣ калимаҳои содаю сохтаи либос, пӯшок, ҳулла, анҷом, жанда, рахт, коло ва мураккаби сарупо ва сарулибос истифода шудаанд. Аз назари баромади забони калимаҳои либос ва ҳулла арабӣ буда, чун муродифҳои вожаҳои тоҷикии пӯшок, анҷом, жанда, рахт ва сарупо хизмат мекунанд.

Калимаи либосро адиб 184 маротиба дар шакли сода ва дар ҳайати калимаҳои сохтаю мураккаби либосворӣ, белибосӣ, хушлибос, хушлибосӣ, сарулибос ба кор бурдааст. Мисол: «Ман хостам, ки дар либоси уламо дароям, то ки дар рӯзи қиёмат дар қатори ин азизон сар бардошта ва бо ҳамроҳии онҳо ба ҷаннат равам [2, с. 274]; «Баъд аз ду дақиқа ҳамон сарбозбачаи хушлибоси курсибардор чилим ва як сарбозбачаи дигар, ки бо ӯ ҳамқад буд ва дар хушлибосӣ ҳам бо вай баробар меомад, чойник ва пиёла бардошта ҳар ду баробар омаданд [2, с. 223].

Барои ифодаи маънии либос вожаи пӯшок дар «Ёддоштҳо» ҷойгоҳи махсус дошта, 36 маротиба истифода шуда, дар ҳайати пасванду пешванд ва калимаҳои мустақилмаъно омада, ба маъноҳои дигар низ мусоидат кардааст. Калимаҳои пӯшокӣ, бепӯшок, бепӯшокӣ, пӯшокворӣ ва бадпӯшок, ки дар асар во мехӯранд, гувоҳи ҳамин маънист. Мисолҳо: Бар чанд шутур пӯшокворихои атласу адрасу шоҳиву бахмалу кимхобу зарбафт бор карда шуда будаанд [2, с. 32]. Пӯшокиҳои аз модарам мондаро дар сандуқаш андохта қулф зада монд ва барои ман пӯшокиҳои мурдашӯии куҳнаро, намедонам, аз куҷо ёфта оварда маро ба пӯшидани он чизҳои дилнокаш маҷбур мекард [2, с. 250]. Аъзои оилаи ин хонадон ҳамагӣ бепӯшок ё бадпӯшок ва пойбараҳна буда, ягон таоми гарми гӯштдор хӯрданашон ҳам маълум набуд [2, с. 365]. Дере нагузашта, овоза шуд, ки намадисиёҳпӯшон чанд нафар гадоёни чироқчигӣ будаанд, ки аз бепӯшокӣ намади сиёҳро ба танашон пӯшида ба гадоӣ баромадаанд, онҳо гадоикунон то Кармина рафта, аз он ҷо ба тарафи Бухоро омада истода будаанд [2, с. 536].

Лексемаи сарупо чун муродифи либос дар «Ёддоштҳо» 6 маротиба истифода шуда, ки ду бор дар ҳайати калимаи мураккаби сарупобараҳна ва чор бори дигар дар шакли сарупо омада ба семантикаи либос далолат мекунад. Мисол: Дигари онҳо шаш нафар буда, одамони сарупобараҳнаи деҳотӣ– саҳроии бухороӣ буданд, ки синни онҳоро аз 30-сола то 45-сола тахмин кардан мумкин буд [2, с. 226]. Аммо мехостам сарупо бараҳна дар кӯчаҳо баромада маҷнунвор навҳакунон гардам [2, с. 261].

Дар байни воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи умумии либос калимаи арабии ҳулла 2 бор истифода шуда бошад, шакли ҷамъи он ҳулал 7 маротиба во мехӯрад, ки аз кам истифодашавии онҳо далолат мекунад. Ҳулла ду маънои луғавӣ дорад. Якум, пӯшок. Дуюм, пӯшокворӣ; як навъ бофтаи абрешимӣ [1, с. 543]. Ҳамчунин, дар шакли «Ҳулла/ҳуллат арабӣ, либос, ҷома, куртаву эзор, либоси нав» шарҳ дида мешавад [10, с. 757]. Бо ин вожа дар «Ёддоштҳо» вожаи мураккаби ҳуллабоф, ки ба шахс далолат мекунад дида шуд: ... зани Зайдро медидам, ки бар аробаи шашаспа савор ва миқдори даҳ ҳазор динор ҳулӣ ва ҳулал пӯшида ва қимати ароба низ наздик ба ҳазор танга бо радифе матбӯъ нишаста... [2, с. 559]. Ба қимати як ҳазор динор ҳулӣ ва ҳулал пӯшида [2, с. 559]; мисли ҳуре, ки бо ҳуллаҳои биҳишташ зебу зинат медиҳанд [2, с. 368]; зани Зайдро медидам, ки бар аробаи шашаспа савор ва бо гузари Ҳуллабофон ва кӯи Мурғкушон то дарвозаи Қавола рафтаанд [2, с. 519].

Дар байни воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи умумии либос калимаи тоҷикии жанда 2 бор истифода шудааст. Жанда ду маънои луғавӣ дорад. Якум, либоси кӯҳнаи дарида. Дуюм, либоси дарвешон [10, с. 495]. «Дар миёнашон камарбанди сербари гилемин бо «санги қаноат» бастагӣ буда, аз рӯи жандаҳои навдӯхти самарқандӣ пушидагӣ буданд» [2, с. 162]; Ин қаландар дар тан жандаи нав дошта қариб панҷсола менамуд ва дар ришаш ҷо-ҷо торҳои сафед пайдо шуда буд ва аз қиёфа ва намуди зоҳириаш маълум мешуд, ки ӯ бобои қаландарон аст» [2, с. 163].

Вожаи анҷом, ки мафҳуми либосро ифода мекунанд дар асар 1 маротиба истифода шудааст: Вақте ки рег ҳуҷум карда омад ва хонаи нишастамон дар зери хавф монд, ман зан ва бачагонро бо асбобу анҷомашон ба ин хона кӯчондам [2, с. 26].

Вожаи рахт, ки мафҳуми либосро ифода мекунанд дар асар 1 маротиба истифода шудааст: Дар ҳавлии арбоб тӯи калоне барпо шуд, ба домод ҳам оши тӯй бо лаълиҳои пурҳалво ва сару пои домодӣ (як рахт либоси пурра) омад [2, с. 360].

Калимаи коло, ки пӯшокворирo ифода мекунад (асбобу анҷоми хона; лавозими

зиндагӣ; он чи қобили хариду фурӯш аст; мол, матоъ, мавод, асбоб, таҷҳизот, фароварда, маҳсулот [5, с. 218]), дар асар 3 маротиба истифода шудааст: «Бар болои ин ин ҳуҷра миёнбаст дошт, ки чизҳои озуқаворӣ, ҳезум ва ангишт ва колои барзиёди соҳиби ҳуҷра бар болои вай меистод [2, с. 154]; Ҳон, ҳозир бош, ки либоси шавҳарат мутааддид нашавад ва ин коло, ки дорӣ, манамо, ки бифурӯшад ва ба болои ту зан оварад ва магзор, ки аз хона берун бихусбат [2, с. 152]; Дуконаш ҳам гузаргоҳи тафбоди тобистонӣ ва тундбоди зимистонӣ буда, пешаш тамоман кушода меистод ба ҳаде, ки дар вақти бориши гирдбоднок рӯи кори молу колояш бо ҳамроҳии худаш дар зери барф мемонданд [2, с. 556].

Мутобиқи маводи «Ёддоштҳо» маълум мегардад, ки дар забони адабии меъёрии забони тоҷикӣ барои ифодаи пӯшок лексемаҳои либос, пӯшок, ҳулла, сарупо, сарулибос, жанда, анҷом, коло ва рахт истифода мешудааст, ки дар байни онҳо калимаҳои умумиистеъмол ва, нисбатан, серистеъмол вожаҳои либос ва пӯшок ба шумор рафта, вожаҳои тоҷикии жанда, анҷом, рахт, коло, вожаи арабии ҳулла ва шакли ҷамъи он ҳулал, камистеъмол ва хусусияти адабию китобӣ ва услубӣ дорад. Дар баробари ин калимаҳо мутахассисони шевашинос калимаҳои дигарро низ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Аз ҷумла, Ғ. Ҷӯраев менависад, ки «лаҳҷаҳои ҷанубӣ сарфи назар ва истеъмоли термини умумихалқии «сару либос (ливос)» боз чанде калимаву таркибҳое во мехӯранд, ки ё қисман ва ё пурра бо мафҳуми номбурда муносибати синонимӣ доранд. Дар байни онҳо калимаҳое ҳастанд, ки танҳо пӯшокворираро ифода менамоянд. Масалан, калимаҳои лоқ ва кола-ро метавон аз ҳамин қабил ҳисобид. Лекин ин ду калима-термин чи аз ҷиҳати интишори локалӣ ва чӣ аз ҷиҳати доираи маъно аз ҳамдигар фарқ мекунанд: лоқ бо маънии нисбатан васеъ, умуман, дар ивази сару либос тақрибан дар ҳамаи лаҳҷаҳои Кӯлоб, Каротегин, вахиёӣ-каротегинӣ ва кӯлобии Ҳисор дучор ояд, кола бештар ба маънии сару либоси ба арӯс додошаванда, асосан, дар ҷанӯб Кӯлоб ба назар расид [13, с. 209]. Ин шарҳ ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқон Р. Л. Неменова ва Ю.И. Богорад низ дар доираи маводи шеваи ҷанубӣ дода шуда буд. Муҳаққиқи шевашинос А.З.Розенфелд барои ифодаи «сарулибос» таркибҳои «лоқ-у пар» ва «лоқ-у луқ»-ро ба мушоҳида мегирад, ки мафҳуми либосро ифода мекунанд, ба ин маънӣ дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» дарҷ ёфтаанд [8, с. 556].

Муҳаққиқ Абдуллоева Г. З. бар он назар аст, ки дар ифодаи либос дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор таркиби луғавии сарулибос мавриди истифода қарор дорад. Аслан, матоеро, ки аз он либос омода месозанд дар нутқи занони ин мавзеъҳо дар шаклҳои латта, латтабанд, латту лут, латту пут, лиwосворӣ, материал ва матоъ дар истифода қарор доранд [3, с. 133-135].

М. Ҳалимова доир ба истифодаи вожаи либос дар лаҳҷаи Хуҷанд ба чунин хулоса меояд, ки «калимаи либос (дар лаҳҷаи Хуҷанд ливос – шарҳи мо) ҳамчун воҳиди умумиистеъмолӣ дар лаҳҷаи Хуҷанд чандон доираи васеи корбаст надорад, яъне аз ҷумлаи воҳидҳои луғавии фаъол ба шумор намеравад» [12, с. 34]. Аз таҳқиқи ин муаллиф маълум мегардад, ки калимаи либос дар лаҳҷаи Хуҷанд ба маънии иловагии матоъ низ истифода мешавад ва «дар ифодаи мафҳуми пӯшок мақоми воҳиди луғавии анҷом барҷастатар аст. ... Калимаи анҷомро ба маънии пӯшок аз ҷумлаи диалектизмҳои нопурра (маъноӣ) ҳисобидан мумкин аст» [12, с. 35-36].

Бино ба таҳқиқи муҳаққиқи лаҳҷаи водии Рашт Ш. Исмоилов, «дар лаҳҷаи водии Рашт истилоҳҳои моъмила, лоқ, лоқъ, лоқ-ъ пар дар ифодаи мафҳуми умумии «матоъ, либос, либосворӣ, сару либос» истеъмол меёбанд» [7, с. 113].

Зимни Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон муҳаққиқ Шердилова С. Ф. хулоса мекунад, ки дар Ғорон ба ҷойи мафҳуми матоъ истилоҳи кола-ро бештар истифода мебаранд, инчунини баъзан вожаи русии материалро низ истифода мебаранд [14, с. 51].

Метавон гуфт, ки дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ барои ифодаи номи умумии мафҳуми либос калимаҳои либос, пӯшок, жанда, анҷом, коло, рахт, ҳулла (шакли ҷамъи мукассари он ҳулал), сарупо ва сарулибос истифода шуда, хусусияти муродифӣ доранд ва аз рӯйи баромад ба забонҳои тоҷикию арабӣ мансубанд. Калимаи либос дар забони арабӣ ҷамъи шикастаи албиса дошта, дар осори адабии тоҷикӣ ва луғатномаҳо дида мешавад [11, с. 54] аммо дар «Ёддоштҳо» ба мушоҳида нарасид. Дар забони зиндаи мардум – шеваҳо дар баробари калимаҳои мазкур, ки барои ҳамаи тоҷикзабонон маълуманд, воҳидҳои луғавии «лоқ ва кола», «лоқ-у пар» ва «лоқ-у луқ» ва «анҷом» низ корбурд доранд, ки аз як тараф фарқи байни забони адабии меъёро нишон диҳад, аз тарафи дигар ба ғановати забони тоҷикӣ далолат медиҳад. Ва ба андешаи Ғ.Ҷӯраев «Қисми дигари калимаву терминҳо дар ифодаи

мафҳуми «сарулибос» ба маҳалҳои алоҳида дахл дошта, сарфи назар аз сохти гуногунии таркибҳои лексикӣ-морфологии худ ба маънии нисбатан васеъ, масалан, «сару либоси даридаву фитшуда», «кӯҳнаву кола» ва ғ. кор фармуда мешаванд. Аз ҷумла, ҷъғел//ҷъғелак (ш-к., Ховалинг), ҷайдак (в-қ., Ҳумдон), чързък-ъ вързък (ҷ-к., Давлатобод), гурҷер (в-қ., Сарикенҷа) ҷил-ъ ҷанда (ш-қ., Сангдараи Ёхсу), рахт-ъ бор (ш-к., Муминобод) ва ғ. [13, с. 211].

Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ барои ифодаи либос истилоҳоти либос, пӯшок, жанда, анҷом, коло, рахт, ҳулла (ҷамъи он ҳулал), сарупо, сарулибос ва дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ калимаю таркибҳои лоқ, кола, лоқу пар, лоқу луқ, лоқъ, материал ва матоъ, моъмила, ҷъғел//ҷъғелак, ҷайдак, чързък-ъ вързък, гурҷер, ҷил-ъ ҷанда, рахт-ъ бор ба мушоҳида мерасад, ки аз муҳим будани ин ашё дар ҳаёти мардумӣ далолат мекунад.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» [Матн] // Куллиёт, ҷ. 12. / С. Айнӣ. - Душанбе, 1976. – 564 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.*
3. *Абдуллоева, Г. З. Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор. Диссертатсия / Г. З. Абдуллоева. -Душанбе, 2024. - 390 с.*
4. *Анварзода, М. А. Таҳлили сохторӣ ва маъноии вожаҳои кишоварзӣ (дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ) / М. А. Анварзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, 2020. – № 1 (84) С. 79 - 85.*
5. *Доро, Наҷот. Фарҳанги Доро. / Наҷот Доро. –Душанбе: Пайванд, 2012. - 599 с.*
6. *Ғафуров, Б. «Тоҷикон» (таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав) [Матн] / Б. Ғафуров. -Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 976 с.*
7. *Исмоилов, Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт [Матн] / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 332 с.*
8. *Маҳмудов, М. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ [Матн] / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш, 2017. – 842 с.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) Ҷ. І. [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.*
10. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) Ҷ. ІІ. [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ Ҷ. І. [Матн]. -Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
12. *Ҳалимова, М. Либосвожаҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / М. Ҳалимова. - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2014. - 150 с.*
13. *Ҷӯраев, Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ [Матн] / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе: Дониш Граф, 2017. - 319 с.*
14. *Шердилова, С. Ф. Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи гӯйиши тоҷикони водии Ғорон. Диссертатсия. / С. Ф. Шердилова. - Душанбе, 2022. – 199 с.*

БАРРАСИИ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ЛИБОС ДАР «ЁДДОШТҲО»-И АЙНӢ

Либос ҳамчун яке аз василаҳои муҳофизат аз таъсири гуногуни беруна аз қадимтарин ихтирооти инсон аст. Дар байни ёдгориҳои палеолити давраҳои охир тарошкордҳои сангӣ ва сӯзанҳои устухонӣ ёфт шудаанд, ки бо онҳо пӯст метарошиданд ва либос медӯхтанд. Мафҳумҳои умумии либос ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз дар илми забоншиносӣ як қабати калони луғавиро ташкил медиҳад. Барои ифодаи номи умумии мафҳуми либос калимаҳои зиёд мавҷуд аст. Дар мақолаи мазкур воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи умумии либос, ки дар шакли калимаҳои содаву сохтаи либос, пӯшок, жанда, анҷом, коло, рахт, ҳулла (шакли ҷамъи мукассари он ҳулал) ва мураккаби сарупо ва сарулибос зуҳур кардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқи асар муайян кард, ки дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ барои ифодаи номи умумии мафҳуми либос калимаҳои либос, пӯшок, жанда, анҷом, коло, рахт, ҳулла (шакли ҷамъи мукассари он ҳулал), сарупо ва сарулибос истифода шуда, хусусияти муродифӣ доранд ва аз рӯйи баромад ба забонҳои тоҷикию арабӣ мансубанд. Ҳамчунин мафҳумҳои мансуб ба либос хусусияти умумӣ доранд, яъне нисбат ба мардону занон корбаст мешаванд. Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ барои ифодаи либос истилоҳоти либос, пӯшок, жанда, анҷом, коло, рахт, ҳулла (ҷамъи он ҳулал), сарупо, сарулибос ба мушоҳида мерасад, ки аз муҳим будани ин ашё дар ҳаёти мардумӣ далолат мекунад.

Калидвожаҳо: Садриддин Айнӣ, «Ёддоштҳо», забони адабӣ, лаҳҷа, лексикаи соҳаи ҳунармандӣ, воситаҳои тасвир, луғат, лексема, муродиф, термин, маъно, диалектика.

ОБЗОР ТЕРМИНОВ ДЛЯ ОБОЗНАЧЕНИЯ ОДЕЖДЫ В «ВОСПОМИНАНИЯ» АЙНИ

Одежда является древнейшим изобретением человека как одна из средств защиты от различных внешних воздействий. Среди памятников палеолита последних столетий были найдены каменные бритвы и костяные иглы, с помощью которых можно было вырезать кожу и сшить одежду. Общие понятия одежды как в прошлом, так и в настоящем составляют большой лексический слой в лингвистической науке. В понятие одежды входит многое. В данной статье исследуются лексические единицы, представляющие общее название одежды, появившиеся в виде простых слов такие как “либос”, “пӯшок”, “жанда”, “анҷом”, “коло”, “рахт”, “ҳулла” (форма множественного числа) и сложных – “сарупо” и “сарулибос”. Данная исследовательская работа показала, что в «Воспоминаниях» Садриддина Айни для обозначения общего названия понятия одежда используются слова “либос”, “пӯшок”, “жанда”, “анҷом”, “коло”, “рахт”, “ҳулла”, “сарупо” и “сарулибос”, имеющие синонимичный характер и, судя по всему, принадлежат таджикско-арабскому языку. Кроме того, понятия, относящиеся к одежде, носят общий характер, то есть используются в отношении мужчин и женщин. Таким образом, в “Воспоминаниях” Садриддина Айни термины для обозначения одежды как “либос”, “пӯшок”, “жанда”, “анҷом”, “коло”, “рахт”, “ҳулла”, “сарупо”, “сарулибос”, свидетельствует о важности этого предмета в жизни людей.

Ключевые слова: Садриддин Айни, «Воспоминания», литературный язык, диалект, лексика, образные выражения, словарь, художественное искусство, лексема, синоним, термин, смысл, диалектика.

REVIEW OF TERMS FOR RELATED TO CLOTHI IN “MEMORIES” OF AYNI

Clothing is the oldest invention of man as one of the means of protection from various external influences. Among the Paleolithic monuments of recent centuries, stone razors and bone needles were found, with the help of which it was possible to cut leather and sew clothes. General concepts of clothing, both in the past and in the present, constitute a large lexical layer in linguistic science. The concept of clothing includes a lot. This article examines lexical units representing the general name of clothing, which appeared in the form of simple words such as libos, pushok, zhanda, ankhom, kolo, raht, khulla (plural form) and complex sarupo and sarulibos. This research work has shown that in “Memoirs” of Sadriddin Aini, the words “libos, “pushok, “zhanda, “ankhom, “kolo, “raht, “khulla, “sarupo” and “sarulibos”, which are synonymous in nature and, apparently, belong to the Tajik language, are used to denote the general name of the concept of clothing. Arabic language. In addition, concepts related to clothing are of a general nature, that is, they are used in relation to men and women. Thus, in “Memoirs” by Sadriddin Aini, terms for clothing such as “libos, “fluff”, “janda”, “anchom”, “kolo”, “raht”, “khulla”, “sarupo”, “sarulibos” indicate the importance of this item in people’s lives.

Keywords: Sadriddin Aini, “Memoirs”, literary language, dialect, vocabulary, figurative expressions, dictionary, artistic art, lexeme, synonym, term, meaning, dialectics.

Дар бораи муаллиф
Анварзода Мавҷуда Анварӣ
Унвончӯй, Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992) 888 08 34 16
E-mail: mmavjuda2004@mail.ru

About the author
Anvarzoda Mavjuda Anvari
Applicant, Institute of Language and Literature named after A. Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
Ph.: (+992) 888 08 34 16
E-mail: mmavjuda2004@mail.ru

Об авторе
Анварзода Мавджуда Анвари
Соискатель, Институт языка и литературы имени А. Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21
Тел.: (+992) 888 08 34 16
E-mail: mmavjuda2004@mail.ru

ТДУ 811.228.8

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ МАРОСИМИВУ СУННАТИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Умаралиева Т. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳар халқу миллат аз рӯйи урфу одат ва суннатҳои маҳаллӣ ё миллии худ маросимҳои маъмулу анъанавӣ доранд, ки бештарашон бо расму русум, андешаву ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти қадимаи мардуми хеш робитаи мустаҳкам мебошанд. Мусаллам аст, ки бо мурури гузашти давру замон, бо таъсири воқеаву ҳодисаҳои таърихиву сиёсӣ бисёр суннатҳо ва маросимҳо аз байн рафтанд, ё таҳаввул ёфтанд.

Бархе аз маросимҳои мавсимиву суннатие, ки байни мардуми тоҷик маъмул ва маъруфият доштанд, ба соҳаи кишоварзӣ низ тааллуқ доранд. Чунончи,пешвозгирии киштукор, ҳосилғундорӣ, ки бо номи ҷуфтбароронҷӯйканон, дарав, хирманкӯбон ва амсоли инҳо маъмул мебошанд.

Маросиму ҷашнҳо дар тамоми даврaҳо аз қадим то ба ҳол дар натиҷаи ҳодисаҳои таърихӣ, тараққиёти илму техника ва технологияҳои нави замонавӣ, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ба тағйироту таҳаввуллоти куллӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Баъзеи онҳо ҳифз шуда (махсусан дар маҳаллаҳои кӯҳистонӣ) ва теъдоди дигар ба ёди фаромӯшӣ рафтааст. Аз пажӯҳишҳои илмии забоншиносӣ, мардумшиносӣ ва фолклоршиносӣ маълум мешавад, ки ҷашнҳову маросимҳои суннатии тоҷикон ва дигар халқҳо дар баробари доштани тафовутҳо баъзе вижагиҳои муштарак низ ба мушоҳида мерасанд.

Масъалаи калимаву истилоҳоти кишоварзӣ, бавижа вожаҳои суннатии ин соҳаи ҳаётан муҳим аз ҷумлаи масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки дар забоншиносии тоҷик камтар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар бештари асару мақолаҳои илмие, ки ба пажӯҳиши луғоти соҳавии забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он бахшида шудаанд, муҳаққиқон ба масъалаҳои суннатии ин соҳа кам таваҷҷуҳ кардаанд ва ё ишораҳои ниҳоят иҷмолӣ додаанд. Ин масъала дар баъзе асару мақолаҳои муҳаққиқи тоҷик С.Мирзоев мавриди таҳлил ва пажӯҳиш қарор дода шудааст [1, с. 57-120; 2, с. 5-13].

Дар ин мақола мо дар заминаи чанд вожаи суннатии соҳаи кишоварзии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ маълумот ироа менамоем.

Дар ин мақола асосан хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангии луғоти маросимии соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил ва таҳқиқ мешаванд. Чуноне маълум аст, дар даҳсолаҳои охир, бавижа дар давраи Истиқлол кишвари мо бо ФР ва давлатҳои Аврупо дар соҳаҳои маориф, илму фарҳанг, забоншиносӣ ва тарҷумаи асарҳои бадеӣ робитаи наздик ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҷода асарҳои зиёди илмиву бадеӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, фарҳангҳои зиёди дузабона низ ба ин забонҳо таҳия ва ба нашр расидаанд.

Маросимҳои кишоварзӣ низ мисли маросмҳои дигар дар фаслҳои гуногуни сол вобаста ба кору фаъолияти кишоварзон гузаронида мешавад. Сабаби асосии маросимҳои мавсимӣ унвон гирифтани он суннатҳо низ маҳз дар ҳамин мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки имрӯз чунин маросмҳо мисли даврaҳои пеш байни мардуми тоҷик, ба истиснои бархе аз онҳо, ки миёни тоҷикони бумии деҳаҳои дурдасти кӯҳистон, мавқеи худро аз даст додаанд. Бо сабабҳои дигаргун шудани ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, пешрафти имлу техникаи ҳозиразамон бештари онҳо аз байн рафта, аҳамияти пешинаи худро аз даст додаанд.

Масалаи, маросими маъмуле, ки байни тоҷикон маъруфият дошт, ин **ҷуфтбароронбуд. Ин маросим мавсимӣ буда, таърихи қадима дорад ва дар оғози баҳор гузаронида мешуд. Ин калима дар забони англисӣ ба гунаи yoke [jəuk] маъмул буда, яке аз маъноҳои он “ҷуфти барзаговҳои юғбаста” [3, с. 67] мебошад, ки ба вижаи **ҷуфтбароронназдикӣ дорад.

Вожаи **ҷуфтбаророназ ду ҷузъи мустақилмаъно ва як ҷузъи ёрирасон, ки дар калимасозӣ хусусияти грамматикиро ба ҷо меоварад, таркиб ёфтааст. Ҷузъи аввал **ҷуфтисм буда, ҷузъи дуюм **барорасоси замони ҳозираи феъли **баровардан** ва бахши сеюм пайванди калимасози-**он**, ки аз як ҷумлаи сода, яъне **ҷуфтбароркалимаи мураккаби **ҷуфтбароронро

сохтаанд. Яке аз вижагиҳои ин пасванд, аз ду ҷузъи мустақилмаъно сохтани калимаҳои гуногуни суннатист, ки ин ҷо ҳам ин вазифаро ба ҷо овардааст.

Таҷрибаҳо ва пурсишҳои майдонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки вақти шудгори заминро куҳансолони ботаҷриба ва рӯзгордида муайян мекардаанд. Ба маросими ҷуфтбаророн пиру ҷавон, зану мард омодаги дида, ҳар хонавода мувофиқи шароит ғизое омода мекардааст. Субҳи рғзи ҷуфтбаророн ба ҷои муайяншуда ҳар кас аз ғизоҳои омодакардаи худ меовардааст. Пас аз ҷамъ омадани аҳли деҳа яке аз пиронсолон дуо дода, ғизоҳои омадаро ба кишоварзон тақсим мекардааст. Дар рӯзи дуюм кишоварзон бо барзаговҳои ҷуфтӣ яктой нон хӯронда, ба шохи онҳо равғани зард ё зағир мемолидаанд ва барои чашм нарасидан ҳазориспанд дуд карда, онро “дафъи бало” гӯён дар гирду атрофи барзаговҳо давр мезанондаанд. Баъд аз анҷом додани ҷунин амал барзаговҳоро ба сари замин бурда, каме шудгор мекарданд. Ин суннат. Албатта, дар ҳар маҳалли тоҷикнишин бо баъзе тафовутҳои маҳаллии худ баргузор мешудааст, ки роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқон дар пажӯҳишҳои фолклоршиносии худ маълумот додаанд [4,50-64].

Дар забони англисӣ ва бештари фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабонаи тоҷикӣ ба истиснои “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” [5, с. 610] вожаи ҷуфтбаророн ба қайд гирифта нашудааст, вале дар забони англисӣ ба гунаи зайл **plouglied (ё arable) land** ба маънои “ҷуфт кардан, ҷуфткунӣ” ба кор мерафтааст [6, с. 297].

Мавсимҳои дарав ва хирманкӯбӣ маросимҳои фасли тобистона буда, ба ғунучини алаф ва зироатҳои ғалладона вобастагӣ доранд. Чуноне маълум аст, дар даврaҳои пеш ва ҳоло низ дар мавзеъҳои кӯҳистонии кишварамон дарави зироатҳои ғалладона ва майда кардани онҳо (кӯфтани онҳо) яке аз марҳилаҳои муҳим ва асосии раванди кору фаъолияти кишоварзон ба ҳисоб мерафт ва меравад, ки ин кор дастҷамъона, яъне ба воситаи ҳашар анҷом дода мешавад. Аз ин ҷиҳат, мавсими дарав ва хирманкӯбӣ дар ҳар як маҳалли тоҷикнишин ба ҳукми анъана даромада ва ба таври махсус баргузор мешуд, ки ин суннат байни мардуми тоҷик бо номи **хирманкӯбон** маъруфият пайдо кардааст.

Хирманкӯбонро бо забони англисӣ метавон чунин тавзеҳ дод: **to thresh on the threshing.**

“Чуноне аз номи ин вожа бармеояд, амали кӯфтан, майда кардани дарзаҳои зироатҳои ғалладона дар хирман мебошад, ки ба воситаи барзаговҳо ба анҷом расонида мешавад” [1, с. 80].

Хирманкӯбон аз ҷиҳати сохт мураккаби омехта буда, аз се ҷузъ: **хирман** (исм), **кӯб** (асоси замони ҳозираи феъли амал) ва пасванди –**он** таркиббандӣ шудааст.

Вожаи хирман дар забони англисӣ ба гунаи **threshing-floor** маъмул буда, ҷузъи аввал феъли **thresh** мебошад ва маънои “майда кардан, кӯфтан”-ро дорад. Ҷузъи дуюм пасвандӣ-**ing** аз феъл исм сохтааст.

Дар даврaҳои пеш зироатҳои ғалладонаро ба воситаи ҷуфти барзаговҳо мекӯфтанд. Ғаллаи даравидаро дар назди хирман ғарам карда, дарзаҳои бастаро кушода дар хирман паҳн мекунанд. Пас аз ин ду ё чор барзагов ба ҳамдигар аз гарданашон бастаро дар болои пояҳои гандум (ҷав, мушунг, нахуд) мегардонанд. Барзаговҳоро гирдогирди хирман давр занонда, донаҳои гандумро аз сарак ҷудо ва пояҳои онро коҳ мекунанд. Баъди анҷоми ин амал марҳилаи гандумбодкунон, яъне бод кардан, бод додан оғоз меёбад, ки ин ба варзиши бод вобаста аст. Ин амал дар забони англисӣ бо номи **to winnow** маъмул аст: То шамол нашавад (бод навазад), коҳро бод намекунанд.-**Until the wind comes, they will not do the winnowing** [7, с. 379].

Вожаи **гандумбодкунон** низ аз рӯйи сохт мураккаби омехта аст ва аз чор ҷузъ: **гандум** (исм), **бод** (исм), **кун** (асоси замони ҳозираи феъл) ва пасванди-**он** сохта шудааст. Ин калима аз ҷумлаи содаи дутаркиба: гандум бод кун ба воситаи пасванди-он пайваст гардида, ба сурати вожаи мураккаб даромадааст.

Ба ҳамин минвол, метавон ба чунин натиҷа расид, ки забони тоҷикӣ чун соири забонҳои дигари эронӣ на танҳо имконияти ба даст овардани маводи фаровони таърихӣ-забоншиносиро муҳайё месозад, балки маълумоти ҷолибе дар бораи вожаву истилоҳоти маросимӣ, бавижа калимаҳои суннатии кишоварзӣ ва даврaҳои таърихии онҳо низ мавод фароҳам меоварад.

Ҷӯйканон. Ҷӯйканон ҳам яке аз суннатҳои мардуми тоҷик буда. Пас аз ба анҷом додани кишту кори баҳорӣ ба таври дастаҷамъӣ ба кандану тоза кардани ҷӯйҳо оғоз менамоянд. Пеш аз оғози кор дар сари ҷӯй чорпоеро кушта, баъди кишоварзон таоме омода мекунанд. Пас аз хурдани таом бо дуои пири корозмуда деҳқонон ба кор рғоз менамоянд.

Ин суннат дар бархе аз маҳаллаҳои Тоҷикистон бо номҳои “ҷӯйтозакунӣ”, “ҷӯйканӣ” низ маъмул мебошад.

Дар забони англисӣ вожаи **ҷӯйканон** ба сурати ҷӯй кандан, яъне дар шакли ибораи феълӣ ба мушоҳида мерасад,ки дар шакли калимаи мураккаб. Чунончи, дар забони англисӣ ин калима ба гунаи **channel** “ҷӯй кандан, канал кандан” маъмул аст. Лозим ба зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ решаи калима ҷӯй буда, ба он асоси замони ҳозираи феъли **кан** (кандан) пайваст гардида, вожаи **ҷӯйкан** сохтааст, ки исми шахс аст ва мафҳуми касбу кор, машғулияти шахсро ифода менамояд. Ба ин калима пасванди-он ҳамроҳ шуда, аз исми шахс вожаи суннатӣ сохтааст, ки чунин вижагӣ дар забони англисӣ, махсусан дар соҳаи калимаҳои маросимии кишоварзӣ маъмул набудааст.

Дар забони англисӣ вожаи ҷӯй муродифҳои зиёд, ба монанди **river, spurk, sqult, stream, trench** (албатта ин калимаҳо маъноҳои дигар низ доранд), вале мисли **ҷӯйканон** вожаи хоси суннатӣ ба мушоҳида намерасад.

Маросимҳои мавсимӣ ва суннатии кишоварзӣ ҳаёти маънавию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, вижагиҳои маҳалливу миллӣ ва давраву замонҳои гуногуни таърихии ҳар халқу миллатро дар худ инъикос намуда, бо ҳамин восита аҳамияти вижаи илмиву фарҳангиро соҳиб шудаанд.

-Истилоҳоти маросимиву суннатии кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муайян сохтани бисёр масъалаҳои этнолингвистӣ кӯмак мерасонанд. Инчунин ин бахши калимаҳо ҳамчун вожаҳои боарзиши суннатӣ барои омӯзишу пажӯҳиши фарҳанги миллии мардумони эронитабор ва аврупоӣ аҳамияти бузурги илмӣ дорад.

- Маросимҳои суннатии кишоварзӣ ба ғайр аз умумияти муштарак доштанашон, инчунин вижагиҳои маҳаллӣ дошта, дар ин ё он маҳалли тоҷикнишин ба таври расму русуми худашон гузаронида мешуданд.

- Аз маводи мавриди пажӯҳиш чунин ба мушоҳида мерасад, ки вожаҳои суннати кишоварзии мардуми тоҷик асосан аз калимаҳои мураккаб иборат буда, тавассути пасванди-он таркиб ёфтааст. Дар калимаҳои забони англисӣ ин гуна хусусият набудааст.

Адабиёт

1. *Мирзоев, С. Фарҳанг ва суннати яғнобӣ / С. Мирзоев. - Душанбе: ҶДММ “Ҳумайро”, 2015. - 176 с.*
2. *Мирзоев С. Вожаҳои суғдӣ дар яғнобӣ дар мисоли бархе аз вожаҳои кишоварзӣ / С. Мирзоев. - Суханшиносӣ, №3, 2015. - 513 с.*
3. *Ҷамшедов, П., Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони тоҷикӣ. Чопи аввал / П. Ҷамшедов, Р. Толиб. - Душанбе: Пайванд, 2005. - 1202 с.*
4. *Асрорӣ, В.. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. / В. Асрорӣ, Р. Амонов. - Душанбе: Маориф, 1980. - 304 с.*
5. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷилди-2.-Душанбе: ҶММ “Ксерокленд”, 2008.-945с.*
6. *Mirzozoda S. Yagnob-Tajik-English Dictionary / S. Mirzozoda - Dushanbe: Anjumani Devashtich, 2008. - 436 p.*
7. *Russian-English Dictionary. Moscow: Russian language Publishers, 1981. - 527p.*

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ МАРОСИМИВУ СУННАТИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Омӯзиш ва пажӯҳиши забонҳои гуногунсохтор ва таҳлилу муқоисаи луғоти соҳавии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва боарзиши забоншиносӣ мебошад. Ҳадафи асосии маводи пажӯҳиш дар он аст, ки бори нахуст бо усули таҳлили муқоисавӣ ва типологӣ, инчунин шаклҳои сохтории луғоти суннативу маросимии соҳаи кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба риштаи таҳқиқ даромадааст ва ин масъала имкон медиҳад, умумияту тафовути ин навъи калимаҳо омӯхта шаванд. Дар ин мақола танҳо бархе аз вожаҳои суннативу маросимии соҳаи кишоварзии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақола муайян шудааст, ки луғоти маросимии ба соҳаи кишоварзӣ робитадоштаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мисли дигар калимаву истилоҳот бо нишонаҳои мушаххаси сохтириву маъноӣ соҳиб буда, дар ташаккули таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда, нақши муҳимро ба ҷо овардаанд.

Калидвожаҳо: анъана, суннат, маросим, соҳаи кишоварзӣ, забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии тоҷик, зироатҳои ғалладона, муқоисаи калимаҳо.

ОБЗОР НЕКОТОРЫХ ОБРЯДОВЫХ И ТРАДИЦИОННЫХ СЛОВ В ОБЛАСТИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Изучение и исследование многоструктурных языков, анализ и сравнение их специальной лексики — один из важных и ценных вопросов языкознания. Основная цель материала исследования

состоит в том, что впервые с помощью метода сравнительно-типологического анализа, а также структурных форм традиционной и ритуальной лексики сферы земледелия в таджикском и английском языках данный вопрос позволяет изучить общие черты и различия этого типа слов. В данной статье проанализированы и исследованы лишь некоторые традиционные и обрядовые слова аграрного сектора таджикского языка в сравнении с английским языком. В статье установлено, что обрядовая лексика таджикского и английского языков, относящаяся к сфере сельского хозяйства, как и другие слова и термины, имеет специфические структурно-семантические признаки и сыграла важную роль в формировании лексики сопоставляемых языков.

Ключевые слова: традиция, традиция, ритуал, земледелие, таджикский и английский языки, таджикское языкознание, зерновые культуры, сравнение слов.

REVIEW OF SOME CEREMONIAL AND TRADITIONAL WORDS IN THE FIELD OF AGRICULTURE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The study and research of multi-structure languages, analysis and comparison of their special vocabulary is one of the important and valuable issues of linguistics. The main goal of the research material is that for the first time, using the method of comparative typological analysis, as well as the structural forms of traditional and ritual vocabulary in the sphere of agriculture in the Tajik and English languages, this issue allows us to study the common features and differences of this type of words. In this article, only some traditional and ritual words of the agricultural sector of the Tajik language are analyzed and studied in comparison with the English language. The article establishes that the ritual vocabulary of the Tajik and English languages, related to the field of agriculture, like other words and terms, has specific structural and semantic features and played an important role in the formation of the vocabulary of the compared languages.

Keywords: tradition, tradition, ritual, agriculture, Tajik and English languages, Tajik linguistics, grain crops, comparison of words.

Дар бораи муаллиф
Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна
Унвончӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992) (+992) 918 94 98 83
E-mail: tahmina8282@inbox.ru

Об авторе
Умаралиева Тахмина Мирзоалиевна
Соискатель кафедры лингвистики и сравнительный типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 94 98 83
E-mail: tahmina8282@inbox.ru

About the author
Umaralieva Tahmina Mirzoalievna
Applicant of the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 94 98 83
E-mail: tahmina8282@inbox.ru

ТДУ 809.155.0+802.0

ТАҲЛИЛИ МАНСУБИЯТИ ИСТИЛОҲОТИ ДАНДОНПИЗИШКИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маҳмадов Н. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз нигоҳи таркиби морфологӣ луғоту истилоҳоти дандонпизишкиро метавон чунин дастабандӣ намуд: истилоҳоти сода, истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб ва истилоҳоти таркибӣ. Истилоҳоти сода гуфта, он воҳидҳои луғавие дарк карда мешавад, ки бидуни ягон унсури калимасоз дар шакли сода, яъне, танҳо аз реша иборат буда, ҷузъи муҳимми таркиби луғавӣ ба ҳисоб меравад. Аксарияти истилоҳоти сохта ва мураккаб бошанд, дар асоси истилоҳоти сода сохта мешаванд, зеро ҷузъи асосии онҳоро маҳз истилоҳоти сода ташкил медиҳанд. Истилоҳоти сохта гуфта, он воҳидҳои луғавӣ дарк карда мешаванд, ки ба решаи онҳо пешванду пасванд ҳамроҳ гардида, вожаи нав бунёд мегардад. Истилоҳоти мураккаб гуфта, он воҳидҳои луғавиеро меноманд, ки аз ду реша иборат буда, дар шакли як вожаи комил истеъмол мешаванд. Ҳамин тавр, мо вожаву истилоҳоти ҷамъовардаи худро аз руи он сохторе, ки зикрашон рафт, ба таври зайл тасниф намудем:

Истилоҳоти содаи забонҳои муқоисашавандаро аз нигоҳи мансубияташон ба ин ё он ҳиссаи нутқ метавон ба истилоҳҳои исмӣ, истилоҳоти феълӣ ва сифатӣ ҷудо намуд.

Истилоҳ-исмҳо. Мавқеи истилоҳҳои исмӣ дар низоми истилоҳоти дандонпизишкии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ назаррас мебошад. Дар раванди таҳлил мо ҳамагӣ 200 истилоҳ-исмҳои сода ҷамъ овардем, ки аз бархе аз онҳо ба таври мисол дар зер ёдовар мешавем.

тоҷикӣ: *дандон, забон, бофтаи тунуки мағзи дандон(пулп), эмал - сир, мино, мино ё сири дандон, ком, даҳон, лаб, хамира, пломба - пур кардани дандон, дандони ашк;*

англисӣ: tongue *(забон),* tooth *(дандон),* lip *(лаб),* probe *(зонд-сунд, мисбор),* mouth *(даҳон),* cement *(сементи дандон, хока),* pasta *(паста, хамира),* stift *(нешак, пайвандак, мехак),* bridge *(кӯпрук, протез),* coronet *(коронка-ғилофак-афсара),* plombe *(пломб, пуркард),* plaque *(лавҳа).*

Забони англисӣ мисли дигар забонҳои дунё аз калимаҳои иқтибосӣ бой буда, ҳамчун сарчашмаи мустаҳками инкишофи истилоҳоти даҳонпизишкӣ ба ҳисоб мераванд. Раванди аз як забон ба забони дигар гузаштани калимаву ибораҳо раванди воқеӣ буда, заминаҳои мухталифи иҷтимоӣ-сиёсӣ, маданӣ дорад, ки дар ҳамаи забонҳо ба мушоҳида мерасад. Вале ин ҷараён бояд ҳадду ҳудуд дошта бошад ва ҳамон вақт бояд ба амал ояд, ки имкониятҳои дохилизабонӣ барои пурра ва комилан ифода намудани ин ё он мафҳуми нав оҷизӣ кашанд. Дар қатори истилоҳоти миллӣ дар забони англисӣ термин (истилоҳ)-исмҳои содае вомехӯранд, ки иқтибос аз дигар забонҳо мебошанд. Масалан: Middle English, from Old English tōth; akin to Old High German zand tooth, Latin dent-, dens, Greek odont-, odous.

Истилоҳ-феълҳо. Ҳангоми таҳлилу барассии маводи ҷамъоварда маълум гардид, ки дар низоми истилоҳоти дандонпизишкӣ истилоҳ-феълҳо низ мавҷуданд. Аммо шумораашон дар муқоиса бо истилоҳ-исмҳо то андозае маҳдуд, аст. Бояд қайд намуд, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳот бештар дар шакли масдар истеъмол мегарданд, ки дар таркиби худ пасванди **ан** доранд. Ин пасванд танҳо ба ҳиссаи нутқ ишора менамояд, вале ҷузъи калимасоз шуда наметавонад. Масалан: ***to brush (моза кардан), to chew (хойидан), to fill (пур кардан), to bend (қат кардан, камонак кардан), to suck (ҳаво гирифтани дандон), to teethe (баромадан (дандон)), to suckle, to suck (макидан, ҷабидан), to glittering, to shine (дурахшидан, ҷилло додан), to draught, to swallow (фурӯ бурдан), wash up, to spool, to wind, to reel (чайқондан), to pull out, to take out (кандани дандон), to bore, to drill (сӯрох кардан), to bite (газидан), to pull out, to take out (кандан, партофтан (дандон)), to acke, to pain (бемор будан, дард кардан), to clean, dry-clean (моза кардан).***

Истилоҳ-сифатҳо. Дар низоми истилоҳоти дандонпизишкии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шумораи ками истилоҳ-сифатҳои сода дида мешаванд. Яке аз хусусиятҳои корбурди ин навъи истилоҳот дар он аст, ки онҳо танҳо дар таркиби ибора-истилоҳ омада ҳамчун ибораҳои исмӣ истеъмол мешаванд.

Дар забонҳои қиёсшаванда мо онҳоро дар шакли воҳиди луғавӣ мавриди баррасӣ қарор дода дар таркиби истилоҳоти бисёркалимагӣ мушоҳида шудаандашонро муайян намудем. Қайд намудан ба маврид аст, ки баъзе аз онҳо хусусияти қиёсӣ дошта, дар забони тоҷикӣ тарҷумаи таҳтуллафзӣ низ доранд. Масалан: коми нарм – soft palate, коми дурушт, сахт - hard

palate, решаи хурди дандон – 1) bicuspid 2) premolar tooth (small root of tooth), устухони апикалӣ - apical osteotomes, дандони ҳамешагӣ - permanent tooth, surgical, ҷарроҳии диатермӣ (тавассути қувваи барқ гарм кардани ҷойи иллатнок бо мақсади ҷарроҳӣ) – Diathermy of tooth, илтиҳоби музминӣ - Chronic periodontitis, оҷи нармшуда - softened dentin, дурдаи сахтшуда - Solid Deposit, дандони шикаста - fractured tooth, чангаки дурушт - hard closure, бофтаи сахтмоя - hard fabric, найчаи уфуқӣ - horisontal tube, дандони иллатнок - causal tooth, газиши доимӣ - permanent bite, дандони ҳиссӣ - sensitive tooth, шикасти осебӣ - traumatic fracture, газиши муваққатӣ - temporary bite, дандони буррандаи марказӣ - central incisor.

Бо назардошти фаъолияти ҷамъиятии инсон фонди луғавии ҳар як забон мунтазам тағйир меёбад ва бо калимаву ибораҳои нав худро бойю ғанӣ мегардонад. Асосан бо ду роҳ сурат мегирад: 1) бо роҳи иқтибосшавӣ; 2) калимасозӣ.

Бояд гуфт, ки миёни ин ду ҷараён калимасозӣ мавқеи асосӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои нав бо роҳҳои калимасозии сарфӣ, сарфӣ-наҳвӣ, луғавӣ-наҳвӣ ва луғавӣ-маъноӣ ба вуҷуд меоянд. Дар байни инҳо калимасозии сарфӣ сермаҳсул мебошад. Тарзҳои калимасозии мазкур дар доираи категорияҳои гуногуни луғавию грамматикӣ ба таври гуногун зоҳир мешаванд. Масалан, роҳи луғавӣ-наҳвии калимасозӣ асосан дар доираи зарфу калимаҳои ёридиҳанда сермаҳсултар аст, тарзи сарфӣ-наҳвӣ ба феъл хос нест; усули луғавӣ-наҳвӣ дар доираи шумораҳо бемаҳсул аст [3,с. 88].

Асоси калимаҳои сохта ва мураккаб ҳамчун воҳиди мустақили луғавӣ низ истифода мегардад ва аз он калимаҳои гуногун сохта мешаванд. Аз ин рӯ, манбаи асосии калимасозӣ таркиби луғавии забон ва, пеш аз ҳама, фонди асосии он ба шумор меравад. Аҳаммияти таркиби луғавии забон ҳангоми калимасозии исмҳои мураккаб боз ҳам равшантар намоён мешавад, чунки дар ин тарзи калимасозӣ худи асосҳо бевосита иштирок менамоянд. Калимаи сохта васлшавии сунъии решаву ванд набуда, дар он ҷузъҳо бо ҳам аз ҷиҳати маъно мувофиқат мекунанд ва мувофиқати маъноии асосу ванд ба онҳо имконият медиҳад, ки ба ҳам пайваст шуда, маънои наве пайдо кунанд. Дар забони тоҷикӣ сермаъногии калимаҳо ва омонимӣ ниҳоят зиёданд. Бинобар ин ба кадом маъно омадани ин гуна калимаҳо танҳо дар асосҳои сохта намоён мегардад, чунки дар калимаҳои сохта мутобиқати маъноии асосу вандҳо мушоҳида мешавад.

Истилоҳоти сохта. Чи тавре ки маълум аст, сохта шудани истилоҳот бо ёрии вандҳо яке аз воситаҳои серистеъмолтарини калимасозии миқдори зиёди забонҳои дунё ба шумор меравад. Ин ҳодиса низ дар забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Пешванду пасвандҳо чун воситаи асосии истилоҳсозии соҳаи даҳонпизишкӣ хеле маъмул буда, бо ёрии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳиссаҳои нутқи мухталиф созмон меёбад.

Вандҳоро бо ҳар калима истифода карда наметавонем, чунки онҳо танҳо бо ҳамон калимаҳое меояд, ки ба вай аз ҷиҳати маъно бо ҳам мувофиқ бошанд.

Аз таърихи ҳар забон ба мо маълум аст, ки баъзе калимаҳо оҳиста – оҳиста аз таркиби луғавӣ баромада бошанд ҳам, ҳамчун асоси калимаҳои сохтаву мураккаб то ҳол истифода мешаванд. Чунин навъи калимаҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъноеро ифода намекунанд, маънои аслии онҳоро маҳз илми таърихи забон муайян мекунаду халос. Бояд тазаккур дод, ки решаву ванд унсурҳои асосии калимаи сохта мебошанд.

Ванд ҷузъи пайвандии баъзе калимаҳои сохтаву мураккаб мебошад, ки бар хилофи асоси калима дар алоҳидагӣ маъное надорад, маънои асосии онҳо маҳз дар таркиби калима зоҳир мегардад. Сермаъноии вандро маҳз дар таркиби калимаҳои гуногун омадани он нишон медиҳад, вале онро бо сермаъноии морфема омехта кардан лозим нест. На танҳо решаҳо, балки вандҳо ҳам сермаъно ва ҳомофон мешаванд. Таркиби сарфии калима низ як хел нест. Калимаҳое ҳастанд, ки танҳо аз як асосу як пасванд иборатанд, ки муайян кардани муносибату маънои онҳо вазифаи калимасозист. Дар кули забонҳои дунё, калимаҳое ҳастанд, ки морфемаҳои калимасози онҳо аз якто зиёданд, дар онҳо тарзҳои гуногуни калимасозӣ дида мешавад. Дар ин гуна мавридҳо дуруст муайян намудани дараҷаи калимасозии вандҳо мушкилтар аст. Тибқи сарчашмаҳо, аз грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар исм усулҳои зерини калимасозӣ мушоҳида мешавад: «1) морфологӣ, ки бо ду восита ба амал меояд: а) бо пасванд; б) бо пешванд; 2) синтаксисию морфологӣ, ки ду хел мешавад: а) васлшавии калимаҳо; б) тарзи омехта; 3) морфологию синтаксисӣ, яъне ба исм гузаштани дигар ҳиссаҳои нутқ; 4) луғавию синтаксисӣ, яъне табдили ибора ба калимаи мураккаб; 5) луғавию маъноӣ, ки ба сермаъноии калимаҳо ва ба амал омадани омонимҳо вобаста аст; 6) ихтисора» [3, с. 110].

Калимаҳои сохта дар таҳқиқи мазкур ҳамчун истилоҳ-исмҳо, истилоҳ-сифатҳо, истилоҳ-феълҳо ва сифатҳои феълӣ зоҳир шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқи истилоҳоти ҳосилшударо чунин баён намудан мумкин аст:

Истилоҳ-исмҳои сохта дар забони тоҷикӣ дар соҳаи даҳонпизишкӣ назар ба забони англисӣ бештар вомехӯранд.

Дар калимасозии истилоҳ-исмҳо дар забонҳои тоҷикию англисӣ усулҳои пешвандӣ, пасвандӣ ва пешвандиву пасвандӣ мавҷуданд.

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳо чун воситаи истилоҳсоз хеле маъмул буда, бо ёрии онҳо исм, сифат, зарфҳои зиёд сохта шудаанд. Истилоҳ-исмҳо аз ин восита ба таври васеъ истифода бурдааст, зеро миқдори пасвандҳои исмсоз хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дар сохтани истилоҳоти тиббии даҳонпизишкӣ низ пасвандҳо нақши бузурге доранд.

Усули пасвандии калимасозӣ бо илова кардани пасванд ба асоси калимаи ҳосилшаванда сохта мешавад. Ин усул дар сохтани исмҳо дар забонҳои муқоисашаванда пешсаф маҳсуб меёбад. Бо ёрии усули пасвандӣ дар забони тоҷикӣ воҳидҳои истилоҳии қолибгирӣ, расмгирӣ (рентгенӣ, чангакӣ, молярӣ, адгезивӣ, бешаклӣ, (аморфӣ), хӯйгирӣ, фаъолсозӣ, амудӣ, қишрӣ, комӣ, шикофӣ, дандонсозӣ, дандонбарорӣ ва ғ. сохта шудаанд. Фаъолияти бештар дар пасвандӣ - ак, - кунӣ, - барӣ, анда,: дандонканӣ, ҷунбонак, сӯзанмонак, сӯзанак, фторкунӣ, пломбакунӣ - пуркунӣ, ғарғаракунӣ, фурӯбарӣ, тозакунӣ, рӯйкашкунӣ, кананда, гиранда, баранда, мушоҳида шудаанд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар се калимаи аввал асосҳои ҳосилшуда дар шакли омехта оварда шудаанд, чунки дар таркиби худ пасвандҳои феълии забонии - кунӣ ва барӣ - (фторкунӣ, пломбакунӣ), (фурӯбарӣ) дорад.

Дар забони англисӣ ҳангоми сохтани истилоҳоти соҳаи даҳонпизишкӣ пасвандҳои: -er: damage (зарар), trace (нақш, осор), inflammation (варам, газак, илтиҳоб), swelling (варам), filling (пуркунанда), Perforation (кафондан), Spooling (обгардонӣ), anaesthesia (карахткунӣ); -er- Mocker (шпотфер), gimlet (бор), powder (доруи хока), Dental drill (шикофкунандаи дандон) ва ғ. истифода мешавад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили мансубияти истилоҳоти дандонпизишкӣ ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ маълум гардид, ки миқдори зиёди истилоҳотро дар низоми мазкур исм-истилоҳ, феъл-истилоҳ, сифат-истилоҳ ташкил медиҳанд.

Адабиёт

1. *Камолиддинов, Б., Хусусиятҳои услубии сарфу наҳвӣ забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе, Маориф, 1992. – 128 с.*
2. *Қурбонов, У. А. Истилоҳоти тиббӣ / У. А. Қурбонов, А. И. Юсупов. – Душанбе: Ҳикмат, 2012. – 47 с.*
3. *Рустамов, Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов Душанбе: Дониш, 1985. - 110 с.*
4. *Соатов, И. С. Луғати мухтасари даҳонпизишкӣ / И. С. Соатов, У. Т. Тоҳиров, М. Ҳ. Султонов. – Душанбе, – 1997 – 152 с.*
5. *Юсупов, А. И. Корбурди истилоҳоти анатомии марбути устухонҳо. Тадқиқотҳои фундаменталӣ ва амалӣ дар ҷаҳони муосир, қисми 2 / А. И. Юсупов, М. А.Мусозода. – Душанбе, С. 541 - 543.*
6. *Haugen, E. The analysis of linguistic borrowing / E. Haugen // Language, 1950.–Vol. 26, № 2.–P. 210-231.*

ТАҲЛИЛИ МАНСУБИЯТИ ИСТИЛОҲОТИ ДАНДОНПИЗИШКИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи таҳлили сохтории истилоҳоти дандонпизишкии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рафта, истилоҳоти соҳаи мазкур аз ҷиҳати таркиби морфологӣ, хусусан, мансубияти онҳо ба ҳиссаҳои мустақили нутқ, дар шакли муқоиса мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Зимни баррасии масъалаи мазкур, истилоҳоҳои ҷамъоваришуда аз лиҳози сохторашон шарҳу тавзеҳ ёфта, воситаҳои ташаккули истилоҳоти сода, сохта ва мураккаб муайян карда шудаанд. Минбаъд, вобаста ба мансубияташон ба ҳиссаҳои мустақили нутқ бо дарназардошти мавқеашон дар низоми истилоҳоти соҳаи мавриди назар гуруҳбандӣ карда шуданд. Воситаҳои ташаккули истилоҳоти дандонпизишкӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тафсир дода шуда, дараҷаи масҳсулнокии он воситаҳо муайян карда шуданд. Инчунин, зимни таҳлили истилоҳоти соҳа, фаъолнокии як воситаи истилоҳсозӣ нисбат ба дигараш дар забони алоҳидаи забонҳои мавриди муқоиса ошкор карда шуд. Хулоса, аз таҳлили мансубияти истилоҳоти дандонпизишкӣ ба ҳиссаҳои мухталифи нутқ маълум гардид, ки миқдори зиёди истилоҳотро дар низоми мазкур исм-истилоҳ, феъл-истилоҳ, сифат-истилоҳ ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, муқоиса, умумият, тафовут, монандӣ, истилоҳоти сода, истилоҳоти сохта, истилоҳоти мураккаб, истилоҳоти таркибӣ, истилоҳ-ибора.

АНАЛИЗ СВЯЗИ СТОМАТОЛОГИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье речь идет о структурном анализе стоматологических терминов таджикского и английского языков, а термины в данной области анализируются в форме сравнения с точки зрения морфологического состава, в частности их принадлежности к самостоятельным частям речи. В ходе обсуждения данного вопроса были разъяснены и разъяснены собранные термины с точки зрения их структуры и определены средства формирования простых, вымышленных и сложных терминов. Далее, в зависимости от их принадлежности к самостоятельным частям речи с учетом их положения в системе терминологии рассматриваемой области, были сгруппированы. Средства формирования стоматологической терминологии были интерпретированы на таджикском и английском языках, определена степень массовости этих средств. Также в ходе анализа отраслевых терминов была обнаружена активность одного инструмента терминизации по отношению к другому в отдельном языке сравниваемых языков. Короче говоря, из анализа принадлежности стоматологических терминов к различным частям речи было обнаружено, что большое количество терминов в данной системе составляет существительное-термин, глагол-термин, прилагательное-термин.

Ключевые слова: термин, английский язык, таджикский язык, сравнение, общность, различие, сходство, простые термины, производные термины, сложные термины, составные термины.

ANALYSIS OF THE RELATIONSHIP OF DENTAL TERMS OF THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the structural analysis of dental terms of the Tajik and English languages, and the terms in this field are analyzed in the form of a comparison in terms of morphological composition, in particular their belonging to independent parts of speech. During the discussion of this issue, the collected terms were clarified in terms of their structure and the means of forming simple, fictional and complex terms were determined. Further, depending on their belonging to independent parts of speech, taking into account their position in the terminology system of the area under consideration, they were grouped. The means of forming dental terminology were interpreted in Tajik and English, and the degree of mass character of these means was determined. In addition, during the analysis of industry terms, the activity of one termination tool in relation to another in a separate language of the compared languages was found. Conclusion, from the analysis of the affiliation of dental terms to various parts of speech, it was found that a large number of terms in this system are noun-term, verb-term, and adjective-term.

Keywords: term, English language, Tajik language, comparison, commonality, difference, similarity, simple terms, derivative terms, compound terms, composite terms.

Дар бораи муаллиф
Маҳмадов Назрдин Маъруфович
Ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 939 93 11 68
E-mail: mahmadov2018@mail.ru

About the author
Mahmadov Nazrdin Marufovich
Assistant of chair of Linguistics and Comperative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 939 93 11 68
E-mail: mahmadov2018@mail.ru

Об авторе
Махмадов Назрдин Маъруфович
Ассистент кафедры языкознания и сопоставительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 939 93 11 68
E-mail: mahmadov2018@mail.ru

ТДУ 811.512.2+82.0

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ КОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳайдаров К. Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ойконимҳо дар низоми топонимияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавқеи муҳим дошта, ҷузъи ҷудогонаи он ба шумор рафта, аз якчанд ҷузъҳои дигар иборат аст. Онҳо дар ташаккули номҳои мавзеъҳои дигари табиӣ-ҷуғрофӣ накши калон доранд. Аз ин хотир, таҳқиқу баррасии онҳо барои ҳалли масъалаҳои топонимикаи забонҳои муқоисашаванда, равобити забонҳои мураввақ дар кишварҳое, ки забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роиҷанд, рушду такомули таърихии ин забонҳо аҳаммияти бузург дошта, ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои норавшани таърих, мардумшиносӣ, ҷуғрофия ва табиатшиносӣ метавонад кумак расонад.

Чи тавре зикраш рафт, дар таркиби луғавии ҳар як забон вожаву калимоте мавҷуданд, ки ба ин ё номи ҷуғрофӣ мансубанд. Комонимҳо аз зумраи он вожаҳоеянд, ки маҷмуи номҳои деҳотро ифода намуда, як ҷузъи ойконимҳо (топонимҳо) ба шумор мераванд. Агар мафҳуми “комоним” маънои “номи деҳа”-ро ифода кунад, пас «комонимия» – маҷмуи номи деҳаву рустоҳо ба ҳисоб меравад. Миқдори ин анвои калимаҳо дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар муқоиса бо дигар ҷузъҳои топоним бештар буда, хусусияти лингвистии онҳо аз нигоҳи муқоисаву муқобала то ба имрӯз мавриди таҳлилу баррасии амиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Пайдост, ки дар низоми комонимҳои забонҳои таҳқиқшаванда комонимҳое мавҷуданд, ки дар таркиби худ топоформант ё ҷойванди топонимсоз дошта, дараҷаи корбурди онҳо яксон нест, зеро дар ташаккули комонимҳо яке сермаҳсул ва дигаре каммаҳсуланд.

Ҳамин тавр, мо дар зер он вожа-комонимҳое, ки дар раванди таҳқиқ ҷамъоварӣ намудем, аз нигоҳи таркиби сарфиашон мавриди таҳлилу муқоиса қарор медиҳем. Дар зери таркиби сарфии вожа-комонимҳо, пеш аз ҳама, хусусияти шакливу сохтории воҳидҳои луғавӣ дарк мегардад. Аз ин рӯ, вожа-комонимҳо дар ҳар ду забони муқоисашаванда, асосан, дар чор қолаб сохта мешаванд: дар қолаби вожаҳои сода; дар қолаби вожаҳои сохта ё ба воситаи ҷойвандҳо, дар қолаби вожаҳои мураккаб, дар қолаби вожаҳои таркибӣ, ибораи изофӣ ва ихтисори ибораҳо. Дар зер роҷеъ ба хусусияти лингвистии ҳар яки комонимҳо бар асоси қолабҳои ёдоваршуда тавақҚуф хоҳем намуд.

Комонимҳои дар қолаби вожаҳои сода. Ин анвои комонимҳо танҳо аз як реша иборат буда, дар таркиби худ ягон унсури топонимсоз, яъне топоформант ё ҷойванд надоран: *Дарг*[14], *Кум*[14], *Ёвон*[14], *Мадм*[14], *Пете*[14], *Рарз*[14]; *Thorn*[15], *Bletsoe*[15], *Broom*[15], *Budna*[15], *Cople*[15], *Clapham*[15], *Duloe*[15], *Hatch*[15] ва ғ. Комонимҳое, ки зикрашон рафт, вобаста ба дараҷаи корбурдашон дар ин ё он соҳа метавонанд ба маъниҳои мухталиф ба кор раванд, масалан, комоними “Дарғ” маънои “сарри об, сари ҷӯй”-ро дошта, исми хос аст. Вожаи мазкур дар сарчашмаҳои луғатнигорӣ чунин шарҳ ёфтааст: «1. варғ (варғ). 2. номи деҳае дар ноҳияи Айнӣ. 3. *[шуғ. D**arx** а)* овринг (овринг); *б)* номи ҷой]» [3, с. 253]; «**ДАРҒ**ғ**درغ***ниг*. **дарғот; ДАРҒОТ درغات**банди об, банди пеши оби дарё, наҳр ё ҷӯйҳои калон; дарвозаи обпарто, садди даричадор»[9, с. 412]. Аз шарҳи луғавии комоними *Дарг* маълум гардид, ки он бо ду маънӣ: 1) дарғот, варғ, яъне садд, оббанд, дарвозаи обпарто, садди даричадор, ва 2)номи деҳа, яъне комонимистеъмол мешавад. Аз инҷо бармеояд, ки падидаи полесемия, яъне семаъношавӣ низ дар низоми комонимҳо ҷой доштааст. Дар низоми комонимҳои забони англисӣ низ метавон ба сермаъногардии вожагони номҳои ҷуғрофӣ рӯ ба рӯ шуд, масалан, комоними англисии “Broom” дар сарчашмаҳо чунин тавфис ёфтааст: «1) a long-handled brush of bristles or twigs, used for sweeping [13, с. 213] (чуткаидастаҳояш дароз ё навдаҳо, ки барои рӯбучин истифода мешавад); 2) a flowering shrub with long, thin green stems and small or few leaves, cultivated for its profusion of flowers [13, с. 234] (буттаи гулдор бо пояҳои дарозу борики сабз ва баргҳои хурд ё кам, ки барои гулҳои фаровон парвариш карда мешавад); a small village in the Central Bedfordshiredistrict of the county of Bedfordshire, England [15] (деҳае хурде дар ноҳияи Бедфоршаи Марказии Англия». Аз шарҳу тавзеҳи ду

комоним маълум гардид, ки ҳар ду ҳам ба ҳуд ҳусусияти сермаъноӣ гирифта, бо яке аз маъниҳои ҳуд дар низоми ойконимҳо ҳамчун комоним истеъмол мешаванд.

Комоними “Кум” низ сермаъно буда, дар сарчашмаҳо бо маъниҳои зерин омадааст: “**КУМ كم**гиёҳи хушбӯе, ки дар лаби ҷӯйбор ва ҳавзҳо мерӯяд” [9, с. 634]; “гиёҳи хушбӯе, ки дар лаби ҷӯйбор ва ҳавзҳо мерӯяд”. Дар бахши топонимика вожаи «Кум» ҳамчун комоним буда, номи деҳаро ифода мекунад.Комонимианглисии «Hatch» низ сермаъно буда, бо маъниҳои зерин корбаст мегардад:«a small opening in a floor, wall, or roof allowing access from one area to another»[13, с. 321]. Дар низоми топонимия вожаи «Hatch» ҳамчун комоним маънои «ahamlet in the Central Bedfordshire district of Bedfordshire, England» [15]-ро ифода мекунад.

Комонимҳои дар қолаби вожаҳои сохта ва ё ба воситаи ҷойвандҳо. Ин анвои комонимҳо дар таркиби ҳуд ба ғайр аз решаву асос боз ҷойвандҳо доранд. Нақши ҷойвандҳо дар ташаккули комонимҳои сохта бағоят калон буда, аз онҳо мо дар зер ёдовар мешавем.

ҷойванди -истон. Ҷойванди мазкур ифодаргари маъниҳои макону ҷой ва фаровонӣ буда, аз исмҳои ҷинс ва моддӣ исми хосе месозад, ки номи деҳаро ифода мекунад: **Санг+истон**<Сангистон [14], **Хуҷ+истон**<Хуҷистон [14], **Боғ+истон**<Боғистон, **Баҳор+истон**<Баҳористон [14], **Гул+истон**<Гулистон [14], **Чаман+истон**<Чаманистон, **Нур+истон**<Нуристон [14], **Шаҳр+истон**<Шаҳристон [14], **Себ+истон<**Себистон [14] ва ғ. Агар ба маънии луғавии бархе аз комонимҳое, ки ба воситаи ҷойванди **-истон** сохта шудаанд, рӯ орем, онҳо дар луғату вожаномаҳо бо чунин маънӣ омадаанд: «**БОҒИСТОН باغستان**ҷое, ки боғҳои зиёд дорад, ҷои сербоғ» [9, с. 212]; «**БАҲОРИСТОН بهارستان***маҷ.* ҷои пур аз гулусабзаҳои рангоранг, боғи ниҳоят сабзу хуррам; гулзор, гулистон, бӯстон» [9, с. 157]; «**ГУЛИСТОН** 1 **گلستان**. маҳалли рӯидан ва парвариш ёфтани гулҳо, боғи гул, гулбоғ; гулзор. 2. *маҷ.* ҷои ободу сарсабз; ◊**олам гулистон** ҳама чиз мувофиқи табъ; ҳама чиз хуб ва ба ҷои худ; бисёр хуб, хеле нағз» [9, с. 338]; «**ШАҲРИСТОН شهرستان***кӯҳн.* шаҳри калоне, ки қалъа ва дар гирдогирдаш ҳисор дорад, гирду атрофи арк, шористон, шорсон; шаҳр» [10, с. 632].

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии ҷойванди **-истон** маълум гардид, ки ин унсури комонимсоз мазкур дар сохтани комонимҳои забони тоҷикӣ серистеъмол буда, онро метавон ҷойванди сермаҳсул номид.

ҷойванди -ча. Ҷойванди мазкур синоморфема буда, ду вазифаро иҷро мекунад, яъне якум ин пасванд ба маънии субъективӣ омада, хурдиву навозишро ифода мекунад, дуюм ин ки он ҳамчун ҷованди калимасоз бо ҳиссаҳои нутқи зерин омада, исми хос месозад: а) аз исм:*қалъа+ча <Қалъача* [14]*, майдон+ча<Майдонча* [14]*, сой+ча <Сойча* [14]*, боғ+ча<Боғча* [14]*;* б) аз сифат: *Сурхоб+ча<Сурхобча* [14]*, Шӯр+ча<Шӯрча* [14]*;*в)аз шумора**:** *чил+ча<Чилча* [14]**.**

Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ баъзе комонимҳое мавҷуданд, ки аз вожаҳои иқтибосӣ бо ҳамроҳ кардани ҷойванди **-ча** исми хос сохта шудааст: *қӯрғон+ча<Қӯрғонча*[14]**.** Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи “қурғон” ба маънии “қалъа, ҳисор, диж; истеҳкомот” [9, с. 700] омада, ҷузъи “қӯр” аз забони туркӣ иқтибос шудааст. Комоними “Қӯрғонча”ҳамчун исми хос бо маънии “қӯрғони хурд, қалъача,ҳисорак; истеҳкоми хурд” дар истеъмол аст.

ҷойванди -ак. Дар низоми топонимияи забони тоҷикӣ доираи истифодаи пасванди ***-ак*** васеъ аст. Он ба ҳиссаҳои нутқи зерин ҳамроҳ шуда, вожа-комоним сохтааст: а) аз исм: *ҳавз+ак< Ҳавзак*[14]*; бед+ак<Бедак*[14]*, дашт+ак<Даштак*[14]*, новдон+ак<Новдонак* [14]*, сарв+ак<Сарвак* [14]*, бобуч+ак<Бобучак* [14]*, Шинг+ак<Шингак* [14]; б) аз сифат: шӯр+ак<*Шӯрак* [14]*, шӯх+ак <Шӯхак*[14]*;*

ҷойванди -зор. Ҷойванди мазкур, асосан, мустақилмаъно буда, ҷойи бисёр будани ягон чизро ифода мекунад. Дар сарчашмаҳои луғатнигорӣ пасванди *-зор* бо чунин маънӣ ёд мешавад: «*пасванди калимасоз, ки ҷои бисёрӣ ваанбӯҳии чизе ва ё майдони кишти чизероифода мекунад*» [9, с. 526]. Ин ҷойванд ба исмҳо ҳамроҳ шуда, комонимҳое месозад, ки номи ин ё деҳаву қишлокро ифода мекунад: *себ+зор<Себзор, марғ+зор<Марғзор* [14]*, лола+зор<Лолазор* [14]*, бодом+зор<Бодомзор* [14]*, сабза+зор<Сабзазор* [14]*, гул+зор<Гулзор* [14]*, тут+зор<Тутзор* [14]*, ҳулба+зор<Ҳулбазор* [14]*, санҷид+зор<Санҷидзор* [14].Ҷойванди *-зор* ба сифати вожаи мустақил маъниҳои зеринро дорад: «1) нотавон, заиф; оҷиз, бечора; хор, забун, беқадру қимат; 2) бисёр; баланд, сахт; 3)

сахт мӯҳтоҷ, эҳтиёҷманд» [9, с. 526]. Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки ҷойванди мазкур дар сохтани комонимҳо дар муқоиса бо дигар ҷойвандҳо хеле сермаҳсул будааст.

Ҷойванди-сор. Ҷойванди мазкур каммаҳсул буда, дар низоми номҳои ҷуғрофӣ комонимҳое месозад, ки маънои макон ва фаровониро ифода мекунад. Ҷойванди -*сор* дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба чунин маънӣ омадааст: «**сор** سار*збш.* 1. *пасванд*. 2. *ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* зиёдии чизедар ҷое: **кӯҳсор**, **сангсор**, **чашмасор**. 3. *ҷузъипасини баъзе калимаҳои мураккаб, ки сифатмесозад, ё ба калима маънои монандиро*медиҳад: **шармсор**, **хоксор, девсор**. 4. *ҷузъи па-сини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои* сар:**нагунсор**»[10, с. 261]. Ин ҷойванд, асосан, аз як исм дигар исме месозад, ки номи деҳаву қишлоқро мефаҳмонад: *чашма+сор =Чашмасор* [14], *Деҳ+сор<Деҳсор* [14], *кӯҳ+сор<Кӯҳсор* [14]. Ҷойванди -*сор* мазкур ба сифати вожаи мустақил бошад, маънои зеринро дорад: «номи парандаи хурдҷуссаи ҳашаротхӯр; соҷ; *кит*. шутур, ноқа»[10, с. 261].

ҷойванди -ӣ. Пасванди мазкур дар низоми топонимҳои забони тоҷикӣ пас аз ҳиссаҳои нутқи зерин омада комонимҳое месозад, ки номи ин ё он деҳаву қишлоқро ифода мекунад**:** 1)пас аз исм: *ҷавон+ӣ= Ҷавонӣ*[14], *дӯст+ӣ=Дустӣ* [14], *наврӯз+ӣ= Наврӯзӣ* [14], *ёр+ӣ= Ёрӣ* [14], *зид+ӣ= Зиддӣ* [14], *кулол+ӣ= Кулолӣ* [14], *кӯҳ+ӣ=Кӯҳӣ* [14], *обод+ӣ=Ободӣ* [14]; *гунбаз+ӣ=Гунбазӣ* [14], *шукур+ӣ=Шукурӣ* [14], *алмос+ӣ= Алмосӣ* [14], *гулхан+ӣ= Гулханӣ* [14], *арбоб+ӣ= Арбобӣ* [14]; 1)пас аз сифат: *сурх+ӣ=Сурхӣ* [14], *нодир+ӣ=Нодирӣ* [14], *шариф+ӣ=Шарифӣ* [14], *ҳаким+ӣ=Ҳакимӣ* [14], *дароз+ӣ=Дарозӣ* [14], *зирак+ӣ=Зиракӣ* [14], *кӯчабоғ+ӣ=Кӯчабоғӣ* [14], *содиқ+ӣ= Содиқӣ* [14]. Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки ҷойванди *–ӣ* дар созмони комонимҳо сермаҳсул будааст.

ҷойванди -а. Ин ҷойванд дар созмони комонимҳо каммаҳсул буда, аз исмҳои моддӣ исмҳои хосе месозад, ки номи деҳаро ифода мекунад. Миқдори комонимҳое, ки тавассути ҷойванди -*а* сохта шудаанд, хеле маҳдуд аст: *Даҳан+а=Даҳана*[14], *вот+а=Вота* [14]. Комоними *Вота* аз решаи *вот*, ки маънои «пуштае, ки дар атрофи замини кишт барои муайян кардани сарҳад, осон обёрӣ кардани киштзор ва барои рафтуои одамон мебардоранд, марза, рош, ҳад»-ро дорад [9, с. 85], бо ҳамроҳ кардани ҷойванди **-а** сохта шудааст.

Ҷойванди -чӣ. Ин ҷойванд, асосан, исмҳое месозад, ки касбу ҳунарро ифода мекунад. Роҷеъ ба пайдоиши пасванди **-чӣ,** забоншинос Л.С. Пейсиков чунин қайд мекунад: «якум пайдоиши ин пасванд дар натиҷаи серистеъмолии пасванд -ӣ ба миён омадааст. Дувум, дар забони форсӣ пасвандҳои -чӣ1 ва -чӣ2 мавҷуданд, ки яке аз забони туркӣ гузашта, дигаре таърихан эронист»[4, с. 194-198]. Дар низоми номҳои ҷуғрофӣ, пасванди мазкур ба исмҳои моддӣҳамроҳ шуда, комоним сохтааст: *чӯян+чӣ =Чӯянчӣ* [14], *чароғ+чӣ=Чароғчӣ* [14], *каду+чӣ=Кадучӣ* [14], *табақ+чӣ= Табақчӣ* [14], *той+чӣ =Тойчӣ* [14], *кон+чӣ=Кончӣ* [14], *туғ+чӣ=Туғчӣ* [14].

ҷойванди -обод. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ як миқдори муайяни комонимҳое мавҷуданд, ки дар таркиби худ ҷойванди -*обод* доранд. Роҷеъ ба баромади ҷойванди мазкур диду назари мухталиф ҷой доранд. Топонимшиноси тоҷик Ҷ. Алимӣтакя ба андшеҳои забоншиносон Абрамян, Эйлерс ва Капансиян дар таълифоти хеш оид ба баромади ҷойванди мазкур чунин менигорад: «номҳои бо -«обод» анҷомёфта, ки аз форсии миёнаи –арат «аҳолӣ дошта», «муқимӣ», «шукуфон» баромадаанд, дар ҳудуди Ирони муосир аллакай дар ибтидои давраи сосониҳо, дар асрҳои III-IV милодӣ ба қайд гирифта шудаанд. Номҳо ба анҷомаи -abad ҳамчунин дар ҳудуди Арманистони қадима вуҷуд доштаанд»[1, с. 219]. Ба андешаи А. Хромов «Серистеъмолии худро топоформанти -abad дар садаи сенздаҳум ёфтааст, ки дар бораи он муаллифи арабзабон Ёқути Ҳамавӣ бевосита чунин хабар додааст: Аммо –abad: он аксаран дар таркиби номҳои шаҳрҳо, деҳаҳо ва рустоҳо дар ин китоб дучор мешавад, масалан, мегӯянд: Асадобод, Рустамобод, Асад- номи одам аст, «обод» бошад, номи маҳалли аҳолинишин ба форсӣ. Биноан, маънии он – «маҳаллаи Асад»» [12, с. 81; 1, с. 219]. Ҷойванди мазкур ба сифати вожаи мустақил бошад, дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ ёфтааст: «**ОБОД** 1 آباد. маъмур, ободон, имораташуда; *муқоб*. **вайрон**, **хароб**. 2. киштшуда, зироатшуда: **водии обод, замини обод**; **обод кардан** маъмур кардан, корам кардан, шукуфон кардан; **обод гардидан (шудан)** маъмуру иморатдору сераҳолӣ шудани ҷое; кишт ва корам шудани замине. 3. басомон, батартиб, хушнамуд, зебо. 4. *ба охири номҳо илова шуда, маконро ифода мекунад*: **Зафаробод**, **Тоҷикобод**» [10, с. 11]. Ин ҷойванд дар таркиби вожа-комонимҳо ҳамеша пас аз реша, яъне чун ҷузъи дуюм меояд. Ҷойванди -*обод*ба ҳиссаҳои нутқи зерин ҳамроҳ шуда, комоним сохтааст: а) аз исм:*кӯл+обод< Кӯлобод* [14], *шер+обод<Шеробод* [14], *пахта+обод<Пахтаобод* [14], *гул+обод = Гулобод* [14],

меҳо+обод=Меҳробод [14], *нур+обод =Нуробод* [14], *файз+обод =Файзобод* [14], *зафар+обод=Зафаробод* [14], *хайр+обод = Хайробод* [14], *хуш+обод= Хушобод* [14], *деҳқон+обод=Деҳқонобод* [14], *ваҳдат+обод=Ваҳдатобод*[14], *олим+обод=Олимобод*[14], *рақаб+обод= Рақабобод, рукн+обод = Руknобод, самад+обод = Самадобод*[14], *меҳнат+обод= Меҳнатобод* [14], *дашт+обод= Даштобод* [14]**;**б) аз сифат: *нав+обод = Навобод* [14], *хуррам + обод= Хуррамобод* [14]*;* в) аз зарф: *Зер+обод= Зеробод* [14]*;* г) аз феъл: *Хон+обод = Хонобод* [14].

қойванди -ing. Доираи истеъмоли қойванди мазкур дар муқоиса бо дигар қойвандҳо дар забони англисӣ маҳдуд буда, тавассути он аз аз як исми хос исми хоси дигари ифодакунандаи номи деҳа сохта шудааст: **Weston+ing=Westoning** (деҳаест дар Бедфордшир, яъне дар қисмати ҷанубу маркази Англия). Илова бар ин, қойванди мазкур пас аз исмҳои модӣ омада, комоним месозад: *knot+ing= Knotting* [15] *(деҳаест дар Бедфордшир, яъне дар қисмати ҷанубу маркази Англия)*.

қойванди -en. Қойванди мазкур дар низоми комонимҳо пас аз исму сифатҳо омада, исмҳои хосе месозад, ки номи деҳаву қишлоқро ифода мекунад: *yeld* ва ё *yield+en= Yelden Yielden*[15](деҳаест дар ноҳияи Бедфорд, дар қисмати ҷанубу маркази Англия); *wild+en= Wilden*[15](деҳаест дар Бедфордшир, дар қисмати ҷанубу маркази Англия).

Комонимҳои дар қолаби вожаҳои мураккаб. Ин анвои комонимҳо аз ду реша иборат буда, аз нигоҳи сохтор якҷузъаанд. Комонимҳои забони тоҷикиро метавон ба вожакомонимҳои мураккаби пайваст, вожакомонимҳои мураккаби тобеъ ва вожакомонимҳои мураккаби омехта дастабандӣ намуд.

Вожакомонимҳои мураккаби пайваст. Ин анвои вожа-комонимҳо он исмҳои хосе мебошанд, ки решаҳои онҳо ба воситаи миёванд ба ҳамдигар пайваст шудаанд: *сар+и+пул=Сарипул* [14], *сар+и+ҳавз=Сариҳавз* [14], *шаҳр+и+нав=Шаҳринав* [14], *пой+и+мазор= Пойимазор* [14], *таг+и+чинор=Тагичинор* [14], *лаб+и+дарё=Лабидарё* [14], *гул+и-сурх=Гулисурх* [14], *сар+и+мазор=Саримазор* [14], *об+и+борик=Обиборик* [14], *пул+и+гирдоб=Пулигирдоб* [14], *рӯз+и+обнок=Рӯзиобнок* [14], *сар+и+камар= Сарикамар* [14], *сар+и+осиё= Сариосиё* [14].

Вожа-комомонимҳои мураккаби тобеъ. Ин намуди вожакомонимҳо танҳо аз ду реша иборат буда, решаҳо метавонанд ҳиссаҳои нутқи мухталиф бошанд:*шур+паст =Шурпаст* [14], *шӯр+машк=Шурмашк* [14], *ҳайрон+бед= Ҳайронбед* [14], *душанбе+қишлоқ=Душанбеқишлоқ* [14], *бобо+хайр=Бобохайр* [14], *нав+бунёд=Навбунёд* [14], *пахта+кор=Пахтакор*[14], *офтоб+рӯ=Офтобрӯ*[14], *панҷ+боғ=Панҷбоғ* [14], *нав+баҳор=Навбаҳор* [14], *об+ҷувоз=Обҷувоз* [14], *се+осиёб=Сеосиёб* [14], *си+мурғ=Симурғ* [14].

Вожа-комомонимҳои мураккаби омехта. Ин анвои вожакомонимҳо дар таркиби худ ба ғайр аз ду реша боз унсури калимасоз, яъне пешванду пасванд доранд: *ош+об+а=Ошоба* [14], *санг+бур+он=Сангбурон* [14], *ҳазор+чашм+а=Ҳазорчашма* [14].

Гузашта аз ин, дар таркиби луғаии забони тоҷикӣ як миқдор вожа-комонимҳои мураккабе мавҷуданд, ки бо ихтисори изофат сохта шудаанд, ба монанди: *Даштоб* [14], *– Дашти об, Деҳнав* [14],*– Деҳи нав, Тагоб* [14], *– Таги об, Пасрӯд* [14], *– Паси рӯд, Хиштхона – Хишти хона* [14], *Ангурбоғ* [14], *– Ангури боғ, Гулбоғ* [14] *– Гули боғ, Фидокор* [14], *– Фидои кор, Даштобод* [14] *– Дашти обод, Гулмайдон* [14]*– Гули майдон, Шамолдара* [14] *– Шамоли дара, сар+сабз=Сарсабз* [14], *деҳ+баланд =Деҳбаланд* [14], *деҳ+калон=Деҳкалон* [14].

Таркиби луғавии забони англисӣ низ саршор аз комонимҳои мураккаб буда, бар пояи қолабҳои муайн сохта мешаванд, ба монанди:

Noun+Noun. Ба воситаи қолаби мазкур комонимҳои мураккабе сохта мешаванд, ки аз ду реша иборатанд ва ҳарду реша ҳам исм мебошанд: *oak+ley = Oakley* [15],, *rox+ton = Roxton* [15], *pepper+stock = Pepperstock* [15], *stud+ham = Studham* [15], *peqs+don= Peqsdon* [15], *ridq+mont= Ridqmont* [15], *pots+don= Potsdon* [15], *ravens+den= Ravensden* [15], *mill+brook = Millbrook* [15], *maul+den = Maulden* [15], *honey+don = Honeydon* [15], *hin+wick= Hinwick, harrow+den = Harrowden, eye+worth= Eyeworth, shilliq+ton= Shillinqton* [15], *billinq+ton= Billinton* [15], *carl+tonCarlton* [15], *clif+ton = Clifton* [15], *temps+ford = Tempsford* [15], *soul+drop = Souldrop* [15], *wood+side = Woodside* [15], *winq+field = Winqfield* [15], *wrestliнq+ton = Wrestlinqton* [15], *south+cote= Southcote*[15], *staqs+den= Staqsden* [15], *stan+ford = Stanford* [15], *shel+ton= Shelton* [15], *cardinq+ton= Cardinqton* [15],*camp+ton = Campton* [15], *brom+ham = Bromham* [15]. Решаи якуми комониии *Campton* исми *camp*

(урдугоҳ, қароргоҳ) ва решаи дуюм низ,исми *тоn (тон, воҳиди масса)* буда, ба сифати комоним маънии «деҳаест дар собиқ идораи маъмурӣ ва ҳоло дар округи Кемптон ва Чиксендз, ки дар Бедфордшири Марказии ноҳияи Бефордшири Англия ҷойгир аст»-ро ифода мекунад.Решаи якуми комоними *Bromham*, исми *brome (гулхан, оташ)* ва решаи дуюми он исми*ham (рон, сон)* буда, маънии «деҳа ё граф, округ дар ноҳияи Борои Бердфоршири Англяи»-ро дорад.

Noun+Adverb. Бар пояи қолаби мазкур комонимҳои мураккабе сохта мешаванд, ки аз ду реша иборат буда, решаи якуми онҳо исм ва решаи дуюмашон зарф мебошанд:*rad+well= Radwell* [15], *hen+low= Henlow* [15], *holly+well= Hollywell* [15], *bid+well= Bidwell* [15], *bead+low= Beadlow* [15]. Решаи якуми комоними *Beadlow*, исми *bead (куррача, гулӯлача, кулӯлача)*ва решаи дуюми он зарфи *low (паст, на он қадар баланд)* буда, ҳамчун исми хос маънои «деҳа дар Бердфордшири Марказии ноҳияи Бердфордшири Англия»-ро ифода мекунад.

Adjective+Adjective. Ба воситаи ин қолаб комонимҳое сохта мешаванд, ки ҳарду ҷузъашон сифат аст: *biq+wary = Biqwary* [15]. Решаи якуми комоними *Biqwary* сифати *biq (калон)*ва решаи дуюми он низ сифати*wary (боэҳтиёт, эҳтиётkорона)* буда, дар низоми вожагони номҳои ҷуғрофӣ маънии «деҳаи хурде дар округи Стапло, дар Борои Бедфорд, Бедфордшири Англия»-ро дорад.

Adjective+ Noun. Тавассути ин қолаб комонимҳои мураккабе сохта мешаванд, ки решаи якумашон сифат ва решаи дуюмашон исм аст: *Langford* [15], *Shortstown* [15], *Fairfield* [15],*Greenfield* [15], *Dunton* [15]. Решаи якуми комоними *Dunton* сифати *dun (тираи хокистарӣ)* ва решаи дуюми он исми *тоn (тон, воҳиди масса)* буда, ба маънии «деҳае дар Бердфордшири Марказии ноҳияи Бердфордшири Англия» истеъмол мешавад.

Noun+ Adjective. Бар пояи ин қолаб комонимҳое сохта мешавад, ки ҷузъи якумашон исму ҷузъи дуюмашон сифат аст:*north+ill = Northill*[15],*south+ill = Southill*[15]. Решаи якуми комоними *Northill* исми *north (шимол)* ва решаи дуюмаш сифати *ill (бемор)* буда, маънои«деҳа дар райони Бедфордшири Марказии графи Бердфордшир»-ро ифода мекунад.

Verb + Noun. Бо ин қолаб комонимҳои мураккабе сохта мешаванд, ки ҷузъи якумашон феъл буда, ҷузъи дуюмашон исм аст: *Renhold,Flitton, Riseley* [15], *Sharpenhoe* [15], *Totternhoe* [15], *Biddenham* [15]. Комоними *Biddenham* аз ду решаи алоҳида – решаиякум сифати феълии замони гузаштаи *bidden* аз асоси замони ҳозираи феъли *to bid(пешниҳод кардан)*ва решаи дуюм исми *ham (рон, сон)* иборат буда, маънои “деҳае дар Борои Бедфорд, Бедфордшири Англия »-ро дорад.

Adverb + Noun. Бар мабнои ин қолаб комонимҳои мураккабе сохта мешаванд, ки решаи якумашон зарф ва решаи дуюмашон исм аст: *Everton* [15]. Решаи якуми комоними *Everton* зарфи*ever (ҳамеша, ҳама вақт, доимо)* ва решаи дуюми он исми *тоn (тон, воҳиди масса)* буда, ба маънии «деҳаи хурде дар Бердфордшири Марказии ноҳияи Бердфордшири Англия» корбурд мегардад.

Noun+Noun+Prep. Ба воситаи қолаби мазкур комонимҳои мураккабе сохта мешавад, ки аз се ҷузъ иборат буда, ҷузъҳои якуму дуюм исм ва ҷузъи сеюм пешоянд аст: *stew+art+by = Stewartby* [15]. Решаи якуми комоними *Stewartby* – исми *stew (хӯрок аз гушти дампухт),* решаи дуюм – исми *art (санъат)* ва решаи сеюм - пешоянди *by(бо)* буда, маънои «деҳаи намунавӣ дар Бевфордшер, ки барои коргарони Заводи хишти Лондон бунёд гардидааст» -ро ифода мекунад.

Комонимҳои дар қолаби ибора. Ин авнои комонимҳо аз ду ва ё зиёда ҷузъи мустақил иборат буда, дар низоми вожагони номҳои ҷуғрофӣ ҳамчун ибора-комоним маъмуланд. Аксарияти иборакомонимҳо дуҷузъа буда, ҷузъи якум ба дуюм тобеъ аст ва тавассути бандакии изофии «-и» пайваст мешавад. ҳиссаҳои нутқи мухталиф метавонанд ҷузъҳои ибора-комонимҳо бошанд. Он ибора-комонимҳое, ки мо ҷамъ намудем аз руйи иштироки ҳиссаҳои нутқ дар асоси қолабҳои зерин гурӯҳбандӣ кардем.

Ибора-комонимҳои забони тоҷикӣ. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ вожа-комомнимҳое мавҷуданд, ки ба воситаи ибораи изофӣ ва ихтисори изофат сохта мешаванд. Ба андешаи забоншинос Д. Саймиддинов “Номҳои ҷуғрофии қолаби ибораи изофӣ набояд дар навишт дар шакли мураккаб, бидуни риояи қолаби ибораи изофӣ дарҷ гардад. Ин қабил ибораҳо метавонанд ё аз роҳи ихтисори изофат ва ё аз тариқи қолаби мураккаби муродиф бо табдили ҷузъҳои ибора шакл гиранд. Дар ин қолаб бо табдили ҷойи ҷузъҳои ибораи изофӣ

қолаби вожасозии мураккаб шакл мегирад, ки дар номгузорӣ бар ивази қолаби изофӣ ба кор меравад[11, с. 7]. Дар низоми комонимҳои забони тоҷикӣ номҳои ҷуғрофие мавҷуданд, ки дар пойи қолаби зикршуда сохта шудаанд, ба монанди *Шӯроб* [14]– *Оби шӯр, Сурхоб* [14]– *Оби сурх, Ғарвонсой* [14] – *Сойи Ғарвон, Офтобрӯй* [14]– *Руйи офтоб, Наврӯз*[14] – *Рӯзи нав, Обҷувоз* [14] – *ҷувози об, Ширинчашма*[14] – *Чашмаи ширин, Қадамҷо* [14]– *Ҷои қадам, Навгилем* [14]– *Гилеми нав, Ҷаҳонзеб* [14]– *Зеби ҷаҳон, Душанбеқишлоқ* [14]– *Қишлоқи Душанбе, Ошоба* [14]– *Оби ош, Кабудсанг* [14]– *Санги кабуд, Кӯҳдоман* [14]– *домани кӯҳ, Хоҷапанҷ* [14]– *Панҷ хоҷа, Андарсой* [14]– *Сойи Андар, Барфоб*[14]– *Обибарф, Қорибобо* [14]– *Бобои қорӣ, Зардолубоғ*[14] – *Боғи зардолу, Сафедсанг* [14]– *Санги сафед, Гултеппа* [14]– *Гули теппа, Тӯдабоён*[14] – *Тӯдаи боён*

Ибора-комонимҳои забони тоҷикӣ дар пояи қолабҳои зерин сохта мешаванд:

Noun+Noun. Ибора-комонимҳое, ки тавассути ин қолаб сохта мешаванд, ҷузъҳояшон ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст гардида, ҳамчун ибора-комонимҳои исмии изофӣ истеъмол мешаванд:*Соҳили Сир*[14], *Чоҳи Исфаҳон*[14], *Қалъаи Дӯст*[14], *Қалъаи Мирзобой*[14], *Қалъаи Эшон*[14], *Қалъаи Ҳоҷӣ*[14], *Қалъачаи Азим*[14], *Қалъачаи Арбоб*[14], *Қалъачаи Раис*[14].

Noun+Adverb. Ибора-комонимҳое, ки ба воситаи ин қолаб сохта шудаанд аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъи якум исм ва ҷузъи дуюм сифат ба ҳисоб рафта, ҷузъи тобеъро ба ҷузъи асосӣ бандаки изофии –и пайваст кардааст, ба монанди: *Ашти Боло*[14], *Ашти Поён*[14], *Шаватки Боло*[14], *Шаватки Поён*[14],*Даҳанаи Боло*[14], *Боғи Калон*[14], *Даҳяки Боло*[14], *Даҳяки Поён*[14].

Гузашта аз ин, дар забони тоҷикӣ миқдори зиёди иборакомонимҳое мавҷуданд, ки ҳарду ё ҳарсе ҷузъҳояшон исми хосанд, яъне ному насаби шахс ба шумор мераванд: *Эгамбердӣ Хоҷамбердиев*[14], *Хоҷа Тоҳир*[14], *Хуштоири Мухлон*[14], *Абдусаттор Назаров*[14], *Саъдии Шерозӣ*[14], *Ҳофизи Шерозӣ*[14], *Алишер Навои*[14], *Тило Солиҳов*[14], *Бадриддин Ҳилолӣ*[14], *Боқӣ Раҳимзода*[14], *Бӯстон Сулаймонова*[14], *Исмоили Сомонӣ*[14], *Максим Горкий*[14], *Мирзо Турсунзода*[14], *Нусратулло Махсум*[14], *Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ*[14], *Асрор Раҷабов*[14], *Мадином Ибронов*[14], *Маҳмадалии Ғаффор*[14], *Саидмуъмин Шамсов*[14], *Сафар Амиршоев*[14], *Ҷалолиддин Румӣ*[14], *Ҳамро Олимов*[14], *Ҳасан Шеров*[14], *Нурмат Сафаров*[14], *Сайф Раҳимзоди Афардӣ*[14], *Файзалӣ Ғаниев*[14], *Зокир Шокиров*[14], *Мирзо Ашӯр*[14], *Носиров Бобо*[14], *Асомиддин Муродов*[14], *Бахтиёр Қарабоев*[14], *Карл Маркс*[14], *Лочин Нуров*[14], *Бобоҷон Ғафуров*[14], *Садриддин Айнӣ*[14], *Саидназар Ҳудойқулов*[14], *Хайрулло Файзуллоев*[14], *Абдураҳмон Ҷомӣ*[14], *Абдулфаёз Дӯстов*[14], *Саид Кароматулло*[14], *Абулқосим Фирдавсӣ*[14].

Бояд тазаккур дод, ки дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда, як миқдор комонимҳое мавҷуданд, ки таркиби ҳуд унсури “кент” доранд ва дар робита ба ин масъала топонимшинос Ҷ. Алимӣ чунин қайд мекунад: “якчанд комониме дар минтақа (минтақаи Хатлон -) бо истилоҳи ҷуғрофии “кент” мавҳуд аст, ки шояд дар гузашта дар ҳудуди минтақа аз он дар сохтани комонимҳо истифода накрада бошанд, вале то ибтидои садаи бистум яке аз воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бо номи “кент” ёд мешуд ва гумон меравад, ки сабаби пайдоиши ин комонимҳо ҳамон тақсимоти ҷуғрофӣ ва ҳудудию маъмурӣ бошад: Ширкент, Овозикент...” [1, с. 216]. Дар низоми ойконимҳои забони тоҷикӣ комонимҳое, ки дар таркибашон унсури “-кент” доранд хеле маҳдуданд. Дар раванди таҳқиқ мо танҳо бо як комониме рӯ ба рӯ шудем, ки дар таркиби ҳуд унсури “-кент” дорад: *Шир+кент =Ширкент* [14]. Ҷузъи якуми комониме *Ширкент* исми маънии *шир* буда, маънои “моеи сафедранги ширинтаъм, ки баъд аз зоидан аз пистони занон ва ғонварони пистондор таровида мебарояд ва аввалин ғизои навзодон аст»-ро дорад ва ба он унсури -кент ҳамроҳ шуда, комониме “Ширкент” бунёд гардидааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу баррасии вижагиҳои сохтории комонимҳои забонҳои тоҷикиву англисӣ маълум гардид, ки ин анвои вожагон дар таркиби луғавии забонзои фавқуззикр ҷойгоҳи хосса доштаанд. Бештари комонимҳое, ки зикрашон дар боло рафт, аз нигоҳи таркиби морфодогӣ исмҳои сохта ва мураккаб буда, бар пояи қолабҳои калимасозии морфологӣ ва морфологию синтаксисӣ сохта шудаанд. Созмони комонимҳо дар пояи ибораҳои исмии изофӣ дар забони тоҷикӣ ва ибораҳои исмӣ дар забони англисӣ низ сермаҳсул буда, бештари ибораҳои тоҷикӣ дар асоси алоқаи изофӣ ва ибораҳои англисӣ дар асоси алоқаи тобеъ сохта шудаанд.

Адабиёт

1. *Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кулоб (тадқиқи таърихию забоншиносӣ) / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Андалеб, 2015. – 448 с.*
2. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.*
3. *Наҷот, Д. Фарҳанги Доро. Луғатномаи барчидаи тафсирӣ ва решашинохтӣ (дар ду ҷилд). Ҷилди 1. А-М. / Д. Наҷот. – Душанбе, 2021. – 658 с.*
4. *Пейсиков, Л. С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л. С. Пейсиков. – М.: Изд-во МГУ, 1973. –200 с.*
5. *Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссахои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. – Душанбе; Ирфон, 1972.–92с.*
6. *Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 79с.*
7. *Рустамов, Ш. Як қолаби калимасозии исм // Масъалаҳои забоншиносӣ / Ш. Рустамов. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 42-48.*
8. *Рустамов, Ш. Исм. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. – Душанбе: Дониш, 1981.–219 с.*
9. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.*
10. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. О-Я. – Душанебе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.*
11. *Фарҳанги номҳои ҷуғрофӣ. – Душанбе: Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 280 с.*
12. *Хромов Очерки по топономии и микротопономии Таджикистана, Вып.1. – Душанбе, 1975. – 85 с.*
13. *Oxford Dictionary of English, 3rd Edition. – Oxford: Oxford University Press, 2010. – 2112 p.*
14. *Деҳаҳои Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. - URL: https: // tg.wikipedia.org/wiki/ Гурӯҳ: Деҳаҳои _ Тоҷикистон*
15. *https://en.wikipedia.org/wiki/Category:Villages_in_England_by_county*

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ КОМОНИМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили сохтории комонимҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар ин мақола вижагиҳои сохтории ин анвои вожагон таҳқиқу баррасӣ гардида, ҳамзамон монандӣ, тафовут ва умумияти онҳо муайян шудааст. Дар ҳар ду забони таҳқиқшаванда, комонимҳо аз лиҳози таркиби морфологӣ ба содаву сохта ва мураккабу таркибӣ дастбандӣ гардида, хусусияти типологии онҳо низ муайн гардидааст. Агар дар забони тоҷикӣ нақши усули морфологии калимасозӣ дар созмони комонимҳо калон бошад, пас, адар забони англисӣ бештари комонимҳо бар пояи қолаби наҳвии калимасозӣ сохта шудаанд. Илова бар ин, сермаҳсуливу каммаҳсулии унсурҳои комонимсоз ё худ ҷойвандҳо низ таҳлилу муқоиса гардида, муайян шуд, ки дар ташаккули бештари комонимҳои забони тоҷикӣ нақши ҷойванди *-обод* калон буда, бештари комонимҳои сохта дар таркиби худ ин ҷойвандро доранд. Дар забони англисӣ бошад, ҷойванди *-ing*серистеъмол аст.

Калидвожаҳо: забон, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, калима, топоним, ойконим, комоним, муқоиса, топоформант, топоасос, ҷойванд, миёнванд,реша, асос, муқоиса, шабоҳат, тафовут, умумият, хусусиятҳои типологӣ, таҳлили сохторӣ, ҷойвандҳои сермаҳсул, ҷойвандҳои каммаҳсул.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ КОМОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена структурному анализу комонимов в таджикском и английском языках. В данной статье исследуются структурные особенности этих типов слов, а также определяются их сходства, различия и общность. В обоих исследуемых языках по морфологическому составу комонимы делятся на простые, производные, сложные и составные, а также определяются их типологические характеристики. Если в таджикском языке велика роль морфологического способа словообразования в образовании комонимов, то в английском языке большая часть комонимов строится на основе синтаксической способы словообразования. Кроме того, были также проанализированы и сопоставлены продуктивные и непродуктивные комонообразовательных комонимов или топоформантов и установлено, что роль топоформант - *обод* велика в формировании большинства комонимов таджикского языка, а большинство построенных комонимов имеют этот топоформант в своих составе. В английском языке широко используется топоформант-*ing.*

Ключевые слова: язык, таджикский язык, английский язык, слово, топоним, ойконим, комононим, сравнение, топоформант, топооснова, корень, основа, сравнение, сходство, различие, общность, типологические особенности, структурный анализ, продуктивные топоформанты, непродуктивные топоформанты.

STRUCTURAL ANALYSIS OF COMONYMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is dedicated to the structural analysis of comonyms in the Tajik and English languages. Thestructural features of these types of words are researched, and as well as their similarities, differences and commonalities are identified in this article. In both languages under research, according to their morphological composition, comonyms are divided into simple, derivative, compound and composite, and their typological characteristics are also determined. If the role of the morphological way of word formation in the formation of comonyms is great in the Tajik language, then in the English language most of the comonyms are built on the basis of syntactic way of word formation. In addition, productive and unproductive commonly-forming comonims or topoformants were also analyzed and compared and it was established that the role of the topoformant - rim is great in the formation of the majority of komonims in the Tajik language, and the majority of constructed comonims have this topoformant in their composition. The topoformant -ing is widely used in English.

Keywords: language, Tajik language, English language, word, troponin, oikonym, comononym, comparison, top formant, top base, root, base, comparison, similarity, difference, commonality, typological features, structural analysis, productive top formants, unproductive top formants.

Дар бораи муаллиф
Ҳайдаров Кароматулло Нуралиевич
Унвончӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 918 24 56 14

Об авторе
Хайдаров Кароматулло Нуралиевич
Соискатель кафедры лингвистики и сопоставительной типологии
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллах Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16
Тел.: (+992) 918 24 56 14

About the author
Haydarov Karomatullo Nuralievich
Researcher in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov, street 16
Ph.: (+992) 918 24 56 14

ТДУ 801.124(63+66.2)

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ИСТИЛОҲОТИ САЙЁҲИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сафаров А. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Истилоҳоти ҳар як соҳаи ин ё он илм вобаста ба мансубияташ метавонанд аз нигоҳи мавзуъ ё тематика таснифу баррасӣ гарданд. Дар қатори дигар соҳаҳои ҷомеа, сайёҳӣ низ яке аз соҳаҳои авзалиятноки маҳсуб ёфта, фарогири як қатор луғоту истилоҳ ва ибораистилоҳот аст, ки дар зер роҷеъ ба мавқеъи онҳо дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва дараҷаи истеъмоли онҳо таваққуф хоҳем намуд.

Ҳамаи луғоту истилоҳоти соҳаи «сайёҳӣ» - ро метавон ба гурӯҳҳои зерин дастабандӣ намуд: сайёҳии байналмилалӣ international tourism, сайёҳии варзишию кӯҳгардӣ/кӯҳнавардӣ sportsand mountaineering/ climbing tourism, сайёҳии шикор ва моҳигирӣ huntingand fishing tourism, сайёҳии транзитӣ - transit tourism, сайёҳии экологӣ ecological tourism, сайёҳии тиҷоратӣ - commercial tourism, сайёҳии таълимию омӯзишӣ -educationaland training tourism, сайёҳии фароғатию табобатӣ - recreationaland therapeutic tourism, сайёҳии оилавӣ, таърихию зиёратӣ - family, historical and pilgrimage tourism, астраномӣ - astronomical, корӣ - work tourism, сайёҳии саргузаштдор - adventurer tourism, сайёҳии намоишӣ - demonstration, сайёҳии гурӯҳӣ - group, сайёҳии деҳотӣ - village, country, сайёҳии кишоварзӣ - agriculture tourism, сайёҳии гастрономӣ (хондорӣ) - gastronomy tourism, сайёҳии иҷтимоӣ - social tourism, сайёҳии илмию маърифатӣ - scientific and cultural tourism. Он истилоҳоте, ки анвои мухталифи сайёҳиро муаррифӣ мекунанд, аз нигоҳи таркиби морфологӣ исмҳои таркибӣ ё истилоҳибора буда, бар пояи алоқаи изофӣ сохта шудаанд. Ин ибораистилоҳҳо дар забон ба сифати ибораи-истилоҳҳои исмии изофӣ маъмуланд. Илова бар ин, ибора-истилоҳҳои зикршуда дуҷузъаву сеҷузъа буда, ҷузъии асосии онҳо дар забони тоҷикӣ, яъне ҷузъи якумашон исм буда, ҷузъи дуюмашон сифат аст ва ҷузъҳо ба якдигар ба воситаи алоқаи изофӣ, ки аломати он бандаки изофии **-и** аст, пайваст мешаванд. Дар забони англисӣ бошад, ин маназара то андозае тафовут дорад, яъне ҷузъи якуми истилоҳибораҳои зикшуда сифат буда, ҷузъи дуюмашон исм аст ва ҷузъо ба якдигар тавассути алоқаи тобеъ пайваст мешаванд: international tourism, transit tourism, ecotourism, mountain tourism, business tourism, family tourism, business tourism, sports tourism, social tourism ба шумор мераванд.

Яке аз тафовуте, ки дар ташаккули ибора-истилоҳоти мавриди таҳқиқ меравад, ин ҷойгоҳи ҷузъҳои ибора аст, масалан, агар дар забони тоҷикӣ дар созмони ин анвои ибора-истилоҳҳои исмӣ аввал исму пасон сифат ояд, пас, дар забони англисӣ ин манзара дигар аст, яъне аввал сифату баъд исм меояд: сайёҳии кӯҳнавардӣ -mountain tourism, сайёҳии корӣ - businesstourism; international tourism- сайёҳии байналмилалӣ, agricultural tourism - сайёҳии кишоварзӣ.

Яке аз ибора-истилоҳҳои меҳварие, ки дар низоми истилоҳоти сайёҳии забонҳои муқоисашаванда ҷойгоҳи устувор дорад - ин сайёҳии маърифатӣ буда, аз лиҳози луғавӣ чунин тавзеҳ меёбад: «Сайёҳии маърифатӣ – ин боздид аз ҷаззобиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ё географӣ мебошад. Сайёҳоне, ки бо ин мақсад сафар мекунанд, бештар ба муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвари ташрифотӣ (мизбон) мутаваҷеҳ мешаванд»: **Сайёҳон** ва донишмандон метавонистанд ба кишварҳои тобеи давлати Ҳахоманишӣ **сафар кунанд**. Бисёр намояндагони маъруфи маданияти Юнони Қадим (Гекатей, Геродот, Демокрит ва д.) он вақтҳо ба кишварҳои машриқзамин **сайёҳат намуда**, ҳамватанони худро бо комёбиҳои мадании халқҳои Шарқ шиносониданд» [2, с. 108] The **tourists** and scientists (scholars) could be travel to the countries under the rule of the Hakhomanish Empire. Many famous representatives of Ancient Greek culture (Gecataeus, Herodotus, and Democritus) **traveled** to the countries of the East at that time and introduced their compatriots to the cultural achievements of the peoples of the east.

Як нуқтаро бояд ишорат намуд, ки ҳар гурӯҳи “сайёҳии маърифатӣ” дар навбати худ аз луғоту истилоҳот ва ибораистилоҳоти сершуморе иборат аст, ба монанди: сарватҳои табиӣ -

natural resources, шиносоӣ бо осорхонаҳо, театрҳо - an equaintance with muesems and theatres, тасаввурот оид ба урфу одат ва анъанаҳои миллӣ - an idea regarding the customs and national traditions, барномаҳои гуногуни саёҳатӣ - various tourism actions: Дар аввали асри 20 ба Самарқанд олими шинохтаи рус Василий Бартолд ба **сафари илмӣ** омад [7, с. 14]. At the beginning of the 20th century, the famous Russian scientist Vasily Bartold came to Samarkand on a scientific visit. Аз чор ибораистилоҳоти тоҷикие, ки зикрашон рафт, ҷузъҳои ибораистилоҳи якум, яъне **сарватҳои табиӣ** ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шуда, ҳамчун ибораистилоҳи исмии изофӣ, ҷузъҳои ибораистилоҳоти дуюм – **шиносоӣ бо осорхонаҳо** ба воситаи алоқаи пешояндӣ пайваст шуда, ҳамчун ибораистилоҳи исмии пешояндӣ, ҷузъҳои ибораистилоҳоти сеюм – **тасаввурот оид ба урфу одат ва анъанаҳои миллӣ** тавассути алоқаи пешояндиву пайвандакӣ пайваст шуда, ҳамчун ибораистилоҳи исмии пешояндиву пайвандакӣ ва ҷузъҳои ибораистилоҳоти чорум - **барномаҳои гуногуни саёҳатӣ** ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шуда, ҳамчун ибораистилоҳи исмии изофӣ истеъмол мешаванд. Муодили англисии истилоҳибораҳои зикршуда воҳидҳои луғавии зерин ба шумор мераванд: **natural resourses, acquaintance with museums, ideas about national customs and traditions, various travel programs.** Аз чор ибораистилоҳи зикршудаи англисӣ, ҷузъои ибораи якум ба воситаи алоқаи тартиби калима, ҷузъои ибораҳои дуюм тавассути алоқаи пешояндӣ, ҷузъои ибораи сеюм ба воситаи алоқаи пайвандакӣ ва ҷузъҳои ибораи чорум тавассути алоқаи тартиби калима пайваст шудаанд. Аз шарҳу тавзеҳи ибораистилоҳоти марбути гурӯҳи “сайёҳии маърифатӣ” маълум гардид, ки дараҷаи истеъмоли воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар таашккули ибораҳои забонҳои таҳқиқшаванда қариб ки якранг буда, хусусияту аломатии умумии доштаи ин ибораи истилоҳотро бозгӯ мекунад.

Гурӯҳи дигари истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисро ибора - истилоҳи **“сайёҳӣи маросимӣ ё динӣ”** созмон медиҳад. Худи ибораистилоҳи “сайёҳии маросимӣ ё динӣ” аз ду ҷузъ иборат буда, ҷузъҳо ба ҳамдигар ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шуда, ҳамчун ибораистилоҳи исмии изофӣ маъмул аст. ибораистилоҳоти гурӯҳи мазкур, асосан, он воҳидҳои луғавиеро дар бар мегирад, ба мафҳумҳои “зиёрати ҷойҳои муқаддас» иртибот дорад. Ҳамин тавр, дар зер истилоҳоти гурӯҳи мазкурро аз лиҳози таркиби морфологиашон таҳлил менамоем.

Луғоту истилоҳоти ин гурӯҳро вобаста ба таркиби сарфиашон метавон ба таври зайл дастабандӣ намуд:

а) истилоҳоти содаи ифодакунандаи макон: Макка, Мадина; Rome, Vatikan: **Макка мадина** - шаҳри муқаддаси муъминон аст. Дар соли 630, муъминони аҳли Мадина бо сарварии ҳазрати Муҳаммад пурзӯр гаштанд ва вориди Макка шуданд (**Mecca is Medina** – the holy city of believers. In 630, the believers of Madinah, under the leadership of Prophet Muhammad, became stronger and entered Mecca)

б) истилоҳоти мураккаб: Байтулмуқаддас, Самарқанд Tojmahal; Rochester, Дар ин муддат қариб ҳар сол ба Самарқанд ба дидани хешовандону дӯстон ва зиёрати қабри падару модар ва авлоди гузаштаамон меравам [1, с. 5]. During this period, I go to Samarkand almost every year to visit my relatives and friends and visit the graves of our parents and ancestors. Биёед, ҳоло ки шаҳри қадими Самарқанд хотираҳои таърихро барои мо нигоҳ доштааст, ба сайри гузарҳои Самарқанд бароем [7, с. 133].

в) истилоҳоти таркибӣ ё ибораистилоҳ: оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, оромгоҳи Ҳазрати Султон, чашмаи Носири Хисрав; Chester Cathedral, Norwich Cathedral, Worcester Cathedral, Linchfield Cathedral. **Мир Саид Алии Ҳамадонӣ** дар мусофират Ӯ Маккаю Мадина, Миср, Покистону Ҳиндустон, осиёи Миёна, Туркия ва дигар мамолики дунёро на паи сарвату моли дунё, ё тасарруфи мулку боигарии он манзилу маконҳо **сафар мекард**, балки ба расму русуми он халқҳо аз наздик шинос мешуд. [9] (**Mir Saeed Ali Hamadani** in his **travels**, he **traveled** to Makkah and Madinah, Egypt, Pakistan, India, Central Asia, Turkey and other countries of the world, not in pursuit of the world's riches and possessions, or possession of the wealth of those houses and places, but he got to know the customs and traditions of those peoples closely.) **Тоҷ Маҳал** беҳтарин намунаи меъмории услуби муғулист, ки унсурҳо ва услубҳои меъмории ҳиндӣ, форсӣ ва арабиро муттаҳид мекунад. [9] (**The Taj Mahal** is considered the best example of Mughal style architecture, which combines elements of Indian, Persian and Arabic architectural styles).

Ибораистилоҳи **“сайёҳии варзишӣ (sport tourism)”** аз нигоҳи сохтор таркибӣ буда, аз ду ҷузъ, яъне “сайёҳ” ва “варзиш” ба воситаи бандаки изофии “-и” пайваст гардида, ҳамчун ибораи исмии изофӣ истеъмол мешавад. Шарҳи луғавии ибораистилоҳи мазкур чунин аст: «Сафари сайёҳии инфиродӣ ё гурӯҳӣ бо мақсади шуғли варзишӣ ё ширкат дар мусобиқаҳои варзишӣ бамонанди пойгаҳ, чемпионатҳо, олимпиада ва ғ» [5, 66]. Дар муқоиса бо дигар анвои сайёҳӣ, миқдори истилоҳу ибораистилоҳоти мансуби “сайёҳии варзишӣ” хеле зиёд аст. Сайёҳии варзишӣ вобаста ба намудҳои варзиш ба зергурӯҳҳо тақсим мешаванд, ки фарогири истилоҳу ибораистилоҳоти сершуморанд, ба монанди:

а) истилоҳоти сайёҳии варзишии кӯҳнавардӣ. Агар ба асли баромади истилоҳи «кӯҳнавардӣ» назар афканем, он аз решаи калимаи «кӯҳнавард», ки калимаи тоҷикӣ буда, маънояш «ба кӯҳ баромадан» аст, маншаъ гирифтааст. Муодили англисии он «alpinism» буда, дар ибтидои садаи XX аз забони франсавӣ ба ба забони русӣ иқтибос шудааст. Вай аз решаи «alp» ба маънои «баландӣ» [кӯҳи баланд] ва пасвандҳои исмсози - in ва - ist//ism сохта шудааст. Ибораистилоҳоти гурӯҳи зеринро аз нигоҳи сохтор метавон ба қолабҳои зайл ҷудо намуд [3, с. 66]:

1) Adjective +Noun: free climbing - баромадани озод;

2) Noun+ Noun: water bag - канистра (зарфи сарпӯшаш герметикӣ барои нигоҳ доштани бензин, карасин ва ғ., rock climber - шухпаймо (скалолаз);

3) Noun + Participle II: roped party -ресмон/банди баромад, hidden crevasse - тарқиши пӯшида [6, с. 143].

Бояд тазаккур дод, ки дар созмони истилоҳоти сайёҳӣи варзишии забонҳои муқоисашаванда нақши яке аз усулҳои маъмули калимасозӣ - ихтисора хеле калон буда, бештари истилоҳоти ин гурӯҳ бо ин усул сохташудаанд: HAPE <high altitude pulmonary edeme.

б) истилоҳоти сайёҳии варзишии пиёдагардӣ. Пиёдагардӣ яке аз намудҳои маъмули сайёҳӣи варзишӣ маҳсуб ёфта, амали «пиёда ҳаракат кардан» - ро ифода мекунад. Агар ба сохтори худи вожаи «пиёдагардӣ» назар афканем, он аз ду ҷузъ, яъне исми «пиёда» ва феъли «гаштан» иборат буда, ҳамчун исми амал масъмул аст ва муодили англисии он воҳиди «hiking» ба шумор меравад. Вожаи англисии hiking аз лиҳози таркиби морфологӣ исми сохта буда, аз феъли содаи “hike” бо маънии “сайругашт кардан, пиёда гаштан” ва пасванди исмсози “- ing” сохта шудааст. истилоҳу ибораистилоҳи зерин ба гурӯҳи зерин мансубанд: қадам задан – to walk, to step, пиёдагардӣ- hiking пиёда рафтан – trekking < Дар кӯчаи Тошканд қадам мезанаму тасаввур мекунам, агар кӯчаву гузарҳои таърихии маркази Самарқанд ба ҳамин тарзи кӯчаи Тошканд маҳфуз мемонд, Самарқанд дар воқеъ як тамошогоаҳи таърих, як ёдгори қадими Шарқ, як шоҳиди зиндаи асарҳои гузашта барои мардум, барои сайёҳону зоирон ҷилва мекард [7, с. 80]. I walk on the street of Tashkent and I imagine that if the historical streets and passages of the center of Samarkand were preserved in the same way as the street of Tashkent, Samarkand would actually become a historical spectacle, an ancient monument of the East, a living witness of the past works for the people, for tourists and pilgrims [8, с. 168].

Ибораистилоҳи исмии “сайёҳии таълимӣ”. Ибоаристилоҳи мазкур аз лиҳози сохтор дуҷузъа буда, маънии «Шакли сайёҳӣ ифодагари сафари фардиятҳои ҷудогона ё як гурӯҳи муайянро бадигар минтақа ё мамлакат бомақсади гирифтани маълумоти муайян аз рӯи барномаи мушаххасшуда ва бо мақсади забономӯзӣ мебошад»-ро ифода мекунад. Дар низоми истилоҳоти гуруҳи “сайёҳии таълимӣ” се ибораистилоҳи меҳварӣ мавҷудаст, ки ҷузъи онҳо ба воситаи алоқаи пешояндӣ ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд: сайёҳӣ бо мақсади омӯхтани забонҳои хориҷӣ ;сайёҳӣ бо мақсади омӯзиши касб;сайёҳӣ бо мақсади машқи ҷисмонӣ- tourism or traveling for the purpose of learning foreign languages; tourism or traveling for the purpose of vocational training; tourism or traveling for the purpose of physical exercise: Дар ҷаҳон бо назардошти рушди сайёҳии таълимӣ марказҳои маъмул ташаккул ёфтаанд, ки қисми зиёди онҳо дар кишварҳои Аврупо ҷойгир шудаанд. Масалан, барои ташкили сайрҳои забономӯзӣ, колеҷҳо ва марказҳои таълимӣ дар ИМА, Ирландия, Туркия, Англия, Олмон, Малайзия ва Малта таъсис додашудаанд. Мактабҳои бузурги варзишӣ, ки дар Франсия ва Шветсария воқеанд, варзишгаронро омода менамоянд.

Агро сайёҳӣ ё сайёҳии деҳот (rural tourism). Аксари муаллифон ин шакли фаъолияти сайёҳиро яке аз шаклҳои сайёҳии экологӣ муаррифӣ менамоянд. Бояд қайднамуд, ки ин бахши сайёҳӣ ҷузъи махсуси равияи сайёҳӣ дар бозори сайёҳӣ маҳсуб ёфта, мустақилияти муайян дорад. Дар зери мафҳуми истилоҳи агросайёҳӣ «сафари сайёҳонӣ алоҳида ва сайёҳони гурӯҳиро бо мақсади истироҳат ба деҳаҳо ва маҷмааҳои кишоварзӣ (ба монанди боғҳо, полезҳо, хоҷагиҳои чорводорӣ – чорвои калон ва реза вағ)» дарк карда мешавад. Ин гурӯҳ низ аз ибористилоҳоти зиёде иборат аст: сафари кӯҳистони Ғарм < Соли 1970 тобистон ба сафари кӯҳистони Ғарм рафтам. Баъд аз ду рӯз мизбонон пешниҳод карданд, ки ба тамошои Ҳоит равем [7, с. 45] In the summer of 1970, I went on a trip to the Garm mountains. After two days, the hosts suggested that we go to see Hoyt.

Ҳамин тариқ, аз гурӯҳбандии мавзуии истилоҳоти сайёҳӣ маълум гардид, ки бештари луғоту истилоҳоти соҳаи мазкур ба сайёҳии варзишӣ мансубанд.

Адабиёт

1. *Ализода, С. С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С. С. Ализода. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 280 с.*
2. *Азимова, М. Воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар шарҳи муқоисавӣ-типологӣ / Азимова. - Хуҷанд, 2014. – 180 с.*
3. *Алексеева Л.М. Проблемы термина и терминообразования / Л.М. Алексеева. - ПТУ, 1998. – 120 с.*
4. *Вализода, А. С. Қоидаҳои забони тоҷик. Дар атрофи забони адабиети тоҷик / А. С. Вализода. – Душанбе, 2010. – 188 с.*
5. *Диловаров, Р.Д. Асосҳои туризм: китоби дарсӣ / Р.Д. Диловаров Ҷ.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев. - ДМТ, 2013. – 244 с.*
6. *Рустамов, Ш. Исм. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 219 с.*
7. *Ҳодизода, Р. Самарқанднома / Р. Ҳодизода. – Душанбе «Адиб» - 2007 – 437 с.*
8. *New Oxford American Dictionary, 3rd Edition. – Oxford: Oxford University Press Inc., 2010. – 1078 p.*
9. *https.//ru.m.wikipedia.org» wiki Электронный ресурс URL. википедия 04.02. 2024*

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ ИСТИЛОҲОТИ САЙЁҲИИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таснифоти мавзуии истилоҳоти сайёҳии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Муаллиф ҳар як истилоҳоти соҳаро аз лиҳози мавзуъ ба 16 гурӯҳ ҷудо намуда, дар баробари ин, хусусиятҳои типологии онҳоро муайян намудааст. Илова бар ин, бархе аз гурӯҳи истилоҳот боз ба зергурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд, ки истилоҳоти сайёҳии варзишӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравад. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти мураккаб ва таркибии забонҳои муқоисашаванда бар пояи қолабҳои калимасозӣ таҳлилу баррасӣ гардида, сермаҳсуливу каммаҳсулии онҳо низ дар мақола нишон дода шудааст. Агар дар ташаккули истилоҳоти сайёҳии варзишии забони тоҷикӣ нақши усули калимасозии сарфӣ назаррас бошад, пас дар забони англисӣ ин вазифа ба дӯши усули наҳвӣ меафтад.

Калидвожаҳо: тасниф, забон, забони тоҷикӣ, забони англиси, калима, истилоҳ, сайёҳ, сафар, сайёҳии байналмилалӣ, сайёҳии варзишӣ, хусусиятҳои типологӣ.

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ТУРИСТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена тематической классификации туристических терминов таджикского и английского языков. Автор делит каждый термин области на 16 групп по теме и при этом определяет их типологическую характеристику. Кроме того, некоторые группы терминов дополнительно делятся на отдельные подгруппы, к числу которых относятся термины спортивного туризма. Следует отметить, что на основе словообразовательных закономерностей анализируются и обсуждаются сложные и составные термины сопоставляемых языков, а также показаны их продуктивность и редкость. Если в формировании терминологии спортивного туризма в таджикском языке значима роль способа морфологического словообразования, то в английском языке эту задачу реализует синтаксический способ словообразования.

Ключевые слова: классификация, язык, таджикский язык, английский язык, слово, термин, турист, путешествие, международный туризм, спортивный туризм, типологические особенности.

THEMATIC CLASSIFICATION OF TOURIST TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is dedicated to the thematic classification of touristic terms of the Tajik and English languages. The author divides each term of the field into 16 groups in terms of the topic, and at the same time, defines their typological characteristics. In addition, some of the groups of terms are further divided into separate subgroups, among which are the terms of sports tourism. It should be noted that the complex and composite terms of the comparable languages are analyzed and discussed on the basis of word formation patterns, and their productivity and scarcity are also shown in the article. If in the formation of sports tourism terminology in the Tajik language, the role of the way of morphological word formation is significant, then in the English language this task is implemented by the syntactic way of word formation.

Keywords: classification, language, Tajik language, English language, word, term, tourist, travel, international tourism, sports tourism, typological features.

Дар бораи муаллиф
Сафаров Аскарҷон Шарифович
Унвончӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 79 22 27
E-mail: safarov88@mail.ru

About the author
Safarov Askarjon Shariforvich
A Researcher in the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 79 22 27
E-mail: safarov88@mail.ru

Об авторе
Сафаров Аскарджон Шарифович
Соискатель кафедры языкознания и сопоставительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 79 22 27
E-mail: safarov88@mail.ru

ТДУ 801.72:812.5:172.3

ОДОБИ МУҲОВАРАТ АЗ ДИДГОҲИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Шукуров Г. Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Суханварӣ ва риояти одоб ҳангоми муҳоварат дар осори қадимии донишмандони гузаштаи мо аз лиҳози назарӣ ва ҳам амалӣ таҳлил карда шудааст. “Инкишофи ҷамъият ва фарҳанги шахс тақозо дорад, ки фарҳанги сухан (одоби муҳоварат) низ чун илме, ки аҳамияти калони амалиро дорост, ҳамеша фаъол бошад” [19, с. 18]. Азбаски собиқаи таърихии одоби муҳоварат дар фарҳанги суханварӣ дар мардуми форсизабон то имрӯз ба таври комил омӯхта нашудааст, доир ба ҷанбаъҳои лингвистӣ ва экстралингвистии он низ маълумоти таҳқиқӣ кам вуҷуд дорад. Сарчашмаҳои таърихӣ ва мероси хатии то имрӯз боқимонда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ниёгони мо доир ба одоби муҳоварат дар шакли хаттӣ, дар жанрҳои алоҳидаи насрӣ мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ мондаанд. Аксари ин китобҳо дар баробари мероси адабӣ будан, ҳамчун дастур барои одоби муҳоварат ба ҳисоб рафта, аксар уламо ва удабои мо риояти одобро ҳангоми муҳоварат дар ҷои аввал гузоштаанд. Бино ба маълумоти профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул дар номанигории ниёгони мо риояи одоби муошират муҳимтарин шарти муошират ба ҳисоб рафта, маводи илмӣ ва адабии ба мерос монда, аз лиҳози миқдор дар забону фарҳанги мардуми форсизабон аз дигар забонҳои олам кам нест: “...аммо дар ҳеҷ кадом аз таҳқиқоти мавҷуд ва дастраси адабпажуҳони муосир мавзуи нома, мухтассоти он ҳамчун навъи махсуси адабӣ, ҳунари номанигорӣ, қонунмандиҳои дохилии он, анъана ва навовариҳо, одоби муошират дар номаҳо..., чунонки дар адабиёти халқҳои дигар (аз ҷумла адабиёти русӣ) матраҳ нагардидааст” [10, с. 4].

Одоби муҳоварат инчунин дар осори бузургони адабиёти классикии мо хеле фаровон дар шаклҳои гуногун ва жанрҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз таҳқиқоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки ба мо дастрас гардидаанд, мушахасс кардани миқдори осори илмиву адабии доир ба одоби муҳоварат эҷод кардаи донишмандони классик ва муосири забони форсии тоҷикӣ душвор аст. Маводи илмии дастрас имкон медиҳад, ки осори ба мерос мондаи ниёгонро ба ду гурӯҳ тақсим кунем. Дар гурӯҳи аввал осори илмӣ- назарӣ ва методӣ доир ба одоби муҳоварат эҷод гардидааст, ки доир ба ҷанбаҳои назарию методии он то ҳол касе аз муҳаққиқини соҳаи забон чизе нагуфтаанд. Аз ҷумла чунин асарҳоро метавон зикр кард: “Дастури дабирӣ”- и Муҳаммад ибни Абдухолиқи Меҳанӣ, “Мафотеҳ – ул – иншо”- и Муҳаммад ибни Ҳоҷӣ, “Наср – уд- дурар”- Абусаид Мансур ибни Ҳусайн Абкотиб, “Эъҷози хусравӣ”- и Амир Хусрави Деҳлавӣ, “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ва ғайра

Гурӯҳи дуввум осори адабии дар жанрҳои гуногун, ҳикоя, қисса, ривоят ва ғайра эҷод гардида, ки онҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ рӯйи кор омадаанд. Ба мисли ҳикоёти аз маснавии маънавӣ, ҳикоёт аз “Гулистон”- и Шайх Саъдии Шерозӣ... ва дигарон, ки миқдори онҳо хеле зиёд аст. Гуфтан бомаврид аст, ки баъзе аз китобҳо ва асарҳои насрӣ ва назмӣ ҳам ҷанбаи дастурӣ ва назарӣ ва ҳам ҷанбаи амалӣ доранд, яъне донишмандон бо ҳикоёт ва нақлу ривоят таълимоти худро доир ба одоби муҳоварат асоснок кардаанд.

Дар баробари ин муҳаққиқони адабиётшинос ва забоншиноси ҳавзаҳои илмии мардуми форсизабон осори таҳқиқие ба нашр расонидаанд, ки дар онҳо доир ба сабку услуби суханронӣ, одоби суханварӣ андешаҳои ҷолиб баён гардидаанд. Осори дастрас бо забони форсии тоҷикӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки пайдоиши одоби муҳоварат дар баробари пайдоиши забон вуҷуд доштааст, вале мадрак ва сарчашмаҳо забони қадим аксар ба сабабҳои гуногун аз байн рафтаанд. Пас аз ихтирои хат риояти одоби гуфтор дар осори хатии ба мерос монда, махсусан дар номаҳо шарти аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Бидуни риояти одоби муҳоварат навиштан ва ирсоли нома номумкин буд. Бино бар маълумоти профессор М. Нарзиқул: “Муҳимтарин сарчашмаҳое, ки дар ин замина метавон аз онҳо истифода кард, инҳоянд: Осори Ҷоҳиз, муҳозароти Роғиби Исфаҳонӣ (асри 10), Наср- уд – дурар- и Абусаид Мансур ибни Ҳусайн Абекотиб (ваф. 1145) [10, с. 4]” мебошанд.

Зуҳури одоби муҳоварат ба ташаккули системаи комили давлатдорӣ алоқаманд аст, зеро дар тамоми давраҳои таърихӣ низоми сиёсӣ воситаи батанзимдарории ҷомеа ва идоракунии он буд. Муҳаққиқон гузашта хеле пештар аз аксар миллатҳои тамадунофар доир ба нақши давлат дар раванди рушд андешаронӣ карда, таъкид мекарданд, ки давлат ҳамеша

ба қонуну қоидаҳо эҳтиёҷ дошт, то тавонад гуногунӣ, фарқият ва шинохти гурӯҳҳои иҷтимоиро таъмин кунад. Ҷомеа ҳеҷ гоҳ наметавонад бидуни татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ ҳам дар гуфтор ва ҳам дар рафтор тараққӣ карда бошад.

"Гоҳ мешавад одаме бе таамул ва ихтиёр касеро маҳалли эътимоди хеш сохта, ростгӯву самимӣ ва амин мепиндорад ва пас аз муддате ӯро хабис ва дурӯғгӯ меёбад ва чун амр чандин бор рӯй дод ва ҳамвора дучори фиреби касоне, ки ишонро беҳтарин ва самимитарин дӯстони худ мепиндошт, гардад, хаста шуда аз ҳамаи мардум ранҷида мегардад ва муътақид мешавад, ки ҳеҷ одаме росту самимӣ натавонад буд" - омадааст дар муколамаи Федон [12, с. 53].

Мусаллам аст, ки аз қадим инсон ҳамеша кӯшиши барои худ офаридани фазои ахлоқӣ ва муҳити мусоиди боадабона сухан гуфтан будааст ва кӯшидааст, ки сухани ноҷо ва дурӯғ нагуфта бошад, вале бо тамоми кӯшиш боз ҳам гоҳо ба халалдоршавии фазои ахлоқӣ ҳам дар гуфтор ва ҳам дар рафтор мувоҷеҳ гардидааст.

Маълум аст, ки аввалин қоидаҳои рафтор ва риояти одоби муҳоварат бо пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омадаанд. Вазифаи асосии онҳо сохтани шароити мусоид барои муошират миёни аъзои ҷомеа буд. Бо рушд кардани ҷомеаи инсонӣ ва гузаштан аз як форматсияи ҷамъиятӣ ба форматсияи дигар қонуну қоидаҳо нав ва мураккабтар пайдо шуданд. Ҳамзамон гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ: сарватманд, камбағал, савдогар, ҳунарманд ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ҳар яке муҳити хоси ахлоқӣ ва одоби гуфтор доштанд. То андозае бо гузашти вақт вожа ва иборoти ба худ хосро истифода мекарданд. Ба ҳадде, ки баъзан ба гурӯҳи дигари иҷтимоӣ фаҳмо набуд.

Муҳаққиқон зикр кардаанд, ки дар асри XVII, замони ҳукмронии Карол Людовики XIV ба хотири таҳкими пояҳои давлатдориаш этикети дарборро таҳия кард, ки ҳамчун тартиботи ҳатмии рафтор дар дохили дарбор амал мекард. Чунин талаботи ахлоқӣ дар дигар давлатҳои аврупоӣ маъмул буданд, суоле ба миён меояд, ки оё аввалин маротиба қоидаҳои муқаррагардида дар дохили дарбор маҳз дар Аврупо ба вуҷуд омада буд? Ин албатта хеле баҳсангез аст. Барои тавзеҳи дурусти масъала ба санадҳои таърихӣ ва осори гузаштаи мардуми эронитабор, яъне гузаштаи миллати тоҷик рӯ меорем.

Осори бо забони форсии тоҷикӣ ба мерос мондаро доир ба одобу ахлоқ то ҳанӯз ҳам аз лиҳози миқдор ва ҳам аз лиҳози муҳтаво ва мавзуъ муҳаққиқе комилан мушаххас накардааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ ниёгони мо доир ба ин мавзуъ аз замонҳои хеле қадим рӯ овардаанд. Агар ду давраи аввали рушду таҳаввули забони форсии тоҷикиро гирем, маълумоти хеле кам то мо расидааст, вале дар давраи сеюми рушди забони форсии тоҷикӣ осори гаронарзиши илмӣ ва адабӣ то мо омада расидааст. Зикри баъзе аз он китобҳо барои мо имкон медиҳад, ки ба масъалаи одоби муҳоварат дар забони тоҷикӣ маълумоти қобили қабулро манзур гардонем.

Яке аз донишмандони гузаштаи мо Рӯзбеҳ (Ибни Муқаффаъ) мебошад, ки дар китоби худ "Адаб- ул – акбар ва адаб- ул - асғар" доир ба одоби муҳоварат ва нигоҳ доштани одоб ҳангоми сухангӯӣ чунин меорад: "Сухани марди хирадманд каму кутоҳ бошад - адабест бас азим.." [12, с. 114]. Алабатта забон ва услуби нигориши ин донишманд, андаке аз забони имрӯзаи мо тафовут карда, вале дар маҷмуъ матлаби фаҳмо ва сухани зебо аст. Кутоҳбаёниро ин донишманд камоли адаб ва риояти он донистааст. Воқеан яке аз шартҳои асосии хушмуомила будан, кутоҳ андешаронӣ кардан аст.

Дар одоби муҳоварат таъкид мегардад, ки сухани касеро набояд бурид, зеро он боиси нороҳатӣ ва ранҷиши шасхи мусоҳиб мегардад, вале Рӯзбеҳ дар ин маврид андешаи дигар дорад. Ӯ таъкид мекунад, ки сухани шахси мусоҳиб агар хуш ва бомаврид бошад, ин гуна рафтор дуруст, яъне набояд сухани ӯро бурид. Дар вазъияте, ки мусоҳиби мо сухани нодуруст ва нохушоянд ба забон меорад, ҳатто агар он дӯсти мо бошад, бояд боэҳтиёт барои қатъ кардани сухани ӯ кӯшид, то ӯ бо сухани худ музоҳими атрофиён нагардад. Ӯ чунин мегӯяд: "Дар бораи он чи ки бо дӯстат ба сухан мепардозӣ, бояд бидонӣ аз чизҳое, ки сиҳат ва дурустии сухани дӯстатро хадшадор мекунад ва маззаи онро аз миён мебарад ва аз зебоии он мекоҳад ва пазируфтани онро душвор месозад, ҳамоно шитоб дар фаро гирифтани он ва буридани сухани дӯст бикун, пеш аз он ки худ гуфторашро ба поён барад" [12, с. 111].

Аз донишмандони дигари гузаштаи мо Ибни Мискавейҳ мебошад, ки дар баробари офаридани осори илмии гаронарзиш, доир ба одоби муҳоварат андешаҳои ҷолиб ба мерос гузоштааст. Ӯ дар китоби худ "Таҳзиб – ул -ахлоқ" доир ба паҳлуҳои гуногуни ахлоқ маълумоти нодир овардааст, ки дар шакли мақолаҳои алоҳида пешниҳод мегардад. Ибни Мискавейҳ чунин андеша мекунад, ки дар гуфтор одоб ин аст, ки бо мусоҳиб дурӯғгӯӣ накунӣ ва беҳуда савганд нахурӣ. Инро хилофи одоби муҳоварат медонад: "Ҳам бояд одат

кунад, ки дурӯғ нагӯяд ва савганд нахӯрад, на рост ва на дурӯғ, зеро ин кор бо вуҷуди ҳоҷат бад- он дар баъзе авқот барои мардон қабеҳ аст.” [12, с. 139].

Нодиртарин китобе, ки дар таърихи забон ва адаби мо форсизабонон доир ба одоби муҳоварат навишта шудааст, “Қобуснома”- и Унсурулмаолии Кайковус мебошад. Ин асар сар то по аз этикет иборат буда, қариб тамоми ҳолатҳои рафтор ва гуфтори инсон дар он дарҷ гардидааст. Беҳтарин дастур аст, ки ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ қобили истифода мебошад ва сарчашмаи нодири илмӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқони замони мо махсусан дар забоншиносии русию аврупоӣ дар аксар ҳолатҳо ба кутуб ва расоили бо забонҳои русиву аврупоӣ ба табъ расида, ишора ва истинод мекунанд. Таҳқиқи осори илмии ниёгони мо собит мекунад, ки проблемаҳои назарии одоби муҳоварат ва робита миёни ашхоси гуногун дар илми гузашатаи мо хеле барвақт мавриди таҳқиқ қарор гирифта, назарияҳои асоснок доир ба одоби муҳоварат вуҷуд доштанд. Мо бо он ки дар боло таъкид кардем, бори дигар такроран мегӯем, ки ин мавзуъ дар илми эронитаборон хеле қадимтар аз дигар кишварҳо таҳқиқ гардидааст ва осори бузурги илмӣ то имрӯз омада расидааст.

“Қобуснома” яке аз ин китобҳо мебошад, ки на танҳо маводи адабӣ, балки маводи илмӣ - назариявиро дар бар гирифтааст. Унсурулмаолии Кайковус маврид, ҷойгоҳ ва формулаҳои устувори одоби муҳоваратро вобаста ба ҳолатҳои гуфтор ва рафтор, инчунин вобаста ба мавзуъ тасниф ва гурӯҳбандӣ карда, дар ҳар як маврид чи гуна рафтор кардан ва нигоҳ доштани одоби миллии моро нишон додааст. Унсурулмаолии Кайковус дар боби ҳафтуми китоби худ, ки “Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ” ном дорад, доир ба чи гуна сухан гуфтан ва бо ашхоси дигар мусоҳиб гардиданро дақиқ ва асоснок баён мекунад. Ӯ чунин баён мекунад: “Аммо ту эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯйӣ.” [14, с. 154]. Аз лиҳози вижагиҳои забонӣ матн бо ҷумлаи хитобӣ оғоз гардида, вожа ва ибораҳои истифодагардида, аксар калимаҳои аслии тоҷикӣ ва фаҳмо мебошанд. Унсурулмаолии Кайковус дар гуфтор ростгӯиро шарти аввали одоби муҳоварат меҳисобад. Дар гуфтор дурӯғ гуфтанро беадабӣ мешуморад.

Суханро ҳангоми гуфтор ба чаҳор навъ тақсим мекунад, ки ин гуна таснифотро дар осори илмию назарии дигар миллатҳо дучор наомадем. Таснифоти Унсурмаолии Кайковус пояи илмӣ дошта, натиҷаи таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳои шахсии ӯ мебошад. Ӯ чунин мегӯяд: “Аммо бидон , ки сухан аз чаҳор навъ аст: яке надонистаниву нагуфтанӣ ва ҳам яке ҳам донистаниву ҳам гуфтанӣ; ва яке гуфтанисту ва надонистанӣ ва дигар донистаниву ногуфтанӣ, аммо ногуфтанӣ ва надонистанӣ сухан аст, ки динро зиён дорад” [14, с. 41]. Ин гуна таснифи сухан дар гуфтор барои риояти одоб анҷом дода шудааст, ки то инсон ба хатоӣ роҳ надиҳад ва на танҳо шахси мусоҳибро озурдахотир созад, балки барои сухани нодурусти худ шармсору гунаҳкор нагардад. Ин гуна боэҳтиёт ва боадабона риоят кардани меъёри сухангӯӣ вақте даст медиҳад, ки мо ба мазмуни пешниҳодоти Унсурулмаолии Кайковус шинос бошем. Ӯ дар идомаи сухани худ ин таснифотро шарҳ медиҳад, яъне назарияи пешниҳодкардаи худро дақиқ тавзеҳ медиҳад. “... Ва он ки ҳам гуфтанист ва ҳам донистанист сухане бошад, ки дар он салоҳи дину дунё бошад - ҳам дар он ҷаҳон ва ҳам бад - ин ҷаҳон ба кор ояд ва аз гуфтану шунидани он гӯяндаро манфиат бошад. Ва он ки донистанӣ ва ногуфтанӣ аст, ки айби муҳташаме ва айби дӯсти туро маълум гардад ва ё аз тариқи ақл ё аз кори ҷаҳон туро рӯй намояд, ки он на шаръӣ бувад, ки агар бигӯйӣ хашми он муҳташам туро ба ҳосил ояд ё озори дӯстӣ бад – он пайвандад ва ё биму шӯр ва ғавғо шавад. Пас, ин сухан донистанӣ бошад ва ногуфтанӣ ва он ки гуфтанӣ аст ва нодонистанӣ, суханест, ки дар он китоби Худойи азза ва ҷалл ва дар ахбори Расул (с) ва андар китобҳои улум, ки уламоро дар таъвили он таъассуб ва ихтилоф бошад” [14, с. 155].

Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома”- и худ меъёр ва мавқеи одоби муҳоваратро чандин аср пештар аз донишмандони Ғарб тасниф карда буд ва фарзияҳои ӯ имрӯз меъёри одоби муҳоварат дар ахлоқи миллии мардуми эронитабор эътироф гардидааст. Ӯ формулаҳои устувори одоби муҳоваратро бо забони классикии форсии тоҷикӣ пешниҳод карда, онро ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ бо мисолу далелҳо собит сохт. Махсусан ӯ аз лиҳози назарӣ дастури комили мавориди суханронӣ ва риояи одобро дар ин равand ба мерос гузошт. Ин идея дар лингвистикаи коммуникатсионии садаи XXI арзиши баланди илмӣ ва дастуриро доро аст. Фарзияҳо ва меъёрҳои пешниҳодкардаи Унсурулмаолоии Кайковус то имрӯз арзиши илмӣ ва дастурии худро ҳифз кардаанд. Андешаи ӯро дар боби “Андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ” мушаххас чунин хулоса кардан мумкин аст, ки онро мо қоидаҳои муқарраркардаи Унсурулмаолии Кайковус дар аснои муҳоварат номгузорӣ кардем:

- *Сухангӯ бош, вале сухани дурӯғ магӯ;*
- *Ҳамеша кӯшиш кун, ки ба ростгӯйӣ маъруф бошӣ;*

- Ӯ дар ин мавриd суханро ба чор навъ тақсим карда, чунин дастур медиҳад:
- Сухан чаҳор навъ аст;
- На донистанӣ ва на гуфтанӣ;
- Ҳам донистанӣ ва ҳам гуфтанӣ;
- Гуфтанӣ, вале надонистанӣ;
- Нагуфтанӣ ва надонистанӣ.

Ин гуна тасниф дар раванди гуфтор дар донишмандони дигари Шарқу Ғарб дида намешавад. Унсурулмаолии Кайковус дар охири ин боб мавриди истифодаи ин чаҳор қисм сухан ва сабаби татбиқи онро дар раванди муҳоварат хеле фаҳмо тавзеҳ медиҳад;

Ӯ зикр мекунад, ки дар рафти муҳоварат ин чаҳор навъ сухан мавқеи вижаи истифода доранд ва риояти онҳо ҳатмӣ аст. Сабаби ин гуна таснифро худи ӯ шарҳ медиҳад, ки онҳоро низ ба сифати қоидаҳои муқарраркардаи Кайковус ном бояд бурд:

- Сухани нодонистанӣ ва ногуфтанӣ ба дини инсон зарар дорад;
- Сухани гуфтанӣ ва ҳам донистанӣ ба дину дунё муфид аст;
- Сухани донистанӣ ва ногуфтанӣ айб бошад, ки аз гуфтану шунидани он манфиате нест;
- Сухани гуфтанӣ ва нодонистанӣ, суханест, ки дар китоби Худои азза ва ҷалл ва аҳодиси набавӣ омадааст, ки тафсири он назди уламо ихтилоф дорад.

Мавридҳои баёни сухан ва гӯш фаро додан ба он ҳангоми гуфтор аз дидгоҳи Кайковус дақиқ байн гардида, то имрӯз арзиши баланд доранд, воқеан агар ҳангоми муҳоварати мо ин меъёрҳоро риоят нагардад, боиси ба вуҷуд омадани ихтилоф, қатъ гардидани робита мегардад. То имрӯз қоидаҳои муқарраркардаи Кайковус доир ба одоби муҳоварат ба таври комил омӯхта нашудааст ва дар осори таҳқиқотии забоншиносии тоҷик аз он далелу истиноди мушаххас нест. Кайковус дар гуфтор ба ҷонибдории мардум сухан гуфтанро таъкид мекунад, ки риояти он ҷойгоҳи инсонро дар ҷомеа устувор мекунад ва инсонро дар робита бо дигарон маҳбуб мегардонад. Дар замони мо инро шарти муваффақияти инсон меҳисобанд. Ӯ чунин мегӯяд: “Агар хоҳӣ дар дилҳо маҳбуб бошӣ ва мардумон аз ту нуфур набошанд, суханро ба муроди мардумон гӯй” [14, с. 51].

Донишмандони дигари маъруфи гузаштаи мо Хоҷа Насириддини Тусӣ мебошад, ки дар баробари таълифоти зиёд, китобе бо номи “Ахлоқи Носирӣ” дорад. Дар ин китоб низ доир ба одоби сухангӯӣ боби алоҳида мавҷуд аст. Ӯ дар боби “Одоби сухан гуфтан” чунин меорад: “Бояд, ки бисёр сухан нагӯяд ва сухани дигаре ба сухани худ қатъ накунад. Ва ҳар ки ҳикояте ё ривояте кунад ва ӯ бар он воқиф бошад, вуқуфи худ бар он изҳор накунад, то он кас он сухан ба итмом расонад. Ва чизеро ки аз ғайри ӯ пурсанд, ҷавоб нагӯяд. Ва агар суоле аз ӯ ҷамоате кунанд, ки ӯ дохили он ҷамоат бувад, бар эшон сабқат нанамояд. Ва агар касе ба ҷавоб машғул шавад ва ӯ бар беҳтар ҷавобе аз он қодир бувад, сабр кунад, то он сухан тамом шавад, пас ҷавоби худ бигӯяд, бар ваҷҳе ки дар мутақаддам таън накунад. Ва дар муҳоварате ки ба ҳузури ӯ миёни ду кас равад, ҳавз (ворид) нанамояд.” [12, с. 181].

Ва агар аз ӯ пӯшида доранд, истирқои самъ (дуздида гӯш додан) накунад ва то ӯро бо худ дар он мушорикат надиҳанд, мудохилат накунад. Ва бо меҳтарон (бузургон) сухан бо киноят нагӯянд ва овоз на баланд дорад ва на оҳиста, балки эътидол нигоҳ медорад. Ва агар дар сухани ӯ маънии ғомиз (душвор ва пӯшида ва дур аз зеҳн) афтад дар баёни он бо мисолҳои возеҳ ҷаҳд кунад ва илло шарти эъҷоз (ихтисор ва кутоҳ кардани сухан) нигоҳ дорад. Ва алфози ғарибу номустаъмал ба кор надорад. Ва сухане ки ба ӯ тақрир мекунад, то тамом нашавад, ба ҷавоб машғул нагардад. Ва он чи хоҳад гуфт, то дар хотир муқаррар нагардад, дар нутқ наёрад. Ва сухани муқаррар магар, ки бад- он муҳтоҷ шавад. Ва қалқу заҷрат нанамояд ва фаҳшу шатм ба лафз нагирад. Ва агар ба иборат аз чизе фоҳиш музтарр (ночор) гардад, бар сабили таъриз (арз кардан) киноят кунад аз он ва мазоҳи мункар (зишту нохуш) накунад. Ва дар ҳар маҷлисе сухани муносиби он маҷлис гӯяд. Ва дар аснои сухан ба дасту ва чашму абрӯ ишорат накунад, магар ки ҳадисе иқтизои ишорате латиф кунад, он гоҳ онро бар ваҷҳи писандида адо намояд. Ва дар росту дурӯғ бо аҳли маҷлис хилофу лаҷоҷ (ситеза) наварзад, хосса ба меҳтарон ва сафеҳон (сифлагон ва аҳмақон). Ва касе, ки илхоҳ (дархост) ба ӯ муфид набувад, бар ӯ илхоҳ накунад. Ва агар дар мунозира ва муҷорот (муҳоварот) тарафи хасмро раҷҳон (бартарӣ) ёбад, инсоф бидиҳад. Ва аз мухотабаи (гуфтугӯ ва суолу ҷавоб) авому кӯдакон ва девонагону мастон то тавонад эҳтироз (дурӣ ҷустан) кунад. Ва сухани борик бо касе, ки фаҳм накунад, нагӯяд ва лутф дар муҳоварат нигоҳ дорад. Ва ҳаракот ва ақволу афъоли ҳеҷ касро ба қабҳ муҳокот (ҳикоя) накунад ва сахтҳову муваҳҳаш (ваҳшатнок) нагӯяд. Ва чун дар пеши меҳтаре равад, ибтидо бо сухане кунад, ки ба фол сутуда доранд. Ва аз ғайбату наммомӣ (суханчинӣ) ва буҳтону дурӯғ гуфтан таҷаннуб (дурӣ ҷустан) кунад, чунонки ба ҳеҷ ҳол бар он иқдом нанамояд ва бо аҳли он мудохилат накунад

ва истимоъи онро кораҳ (кароҳат, нохуш доштан) бошад. Ва бояд, ки шунидани ӯ аз гуфтан бештар бошад.

Насриддини Тусӣ одоби муҳоваратро ҳам аз лиҳози назарӣ ва ҳам бо мисолҳои муътамад таҳлил кардааст, ки таҳлили ӯро дар дигар донишмандон мушоҳида намекунем. Раванди татбиқи одобу ахлоқ дар сухангӯйӣ талабот ва меъёрҳои муайнро дар бар мегирад, ки Насриддини Тусӣ бо дониши ва фаросати илмӣ, инчунин дар такя ба дастуру нишондоди ниёгон тасниф ва меъёрсозӣ мекунад. Одоби муҳоварат дар қоидаҳои муқарраркардаи Насриддини Тусӣ чунин аст:

- *Сухани дурӯғ нагуфтан;*
- *Сухани шахси мусоҳибро набуридан;*
- *Агар суоле диҳанд, пас ҷавоб диҳад;*
- *Агар аз ҳамсафони ӯ пурсон шаванд, пешдастӣ накунад;*
- *Ба муҳоварати ду шахс дахолат накунад;*
- *Миёни ду ҳамсуҳбат сухани пушида бошад, дуздона гӯш накунад;*
- *Бо калонсолон бо киноя сухан нагӯяд;*
- *Сухани нофаҳмо нагӯяд;*
- *Сухане, ки дар хотир надорад, ба забон наорад;*
- *Сухани омехта бо фаҳшу ҳақорат нагӯяд;*
- *Дар ҳар ҷаласа сухани мувофиқ ба он иброз дорад;*
- *Бо росту дурӯғ бо бузургони маҷлис ситеза наварзад;*
- *Аз пасттабиатон чизе боадабона тақозо накунад;*
- *Бо кӯдакон, девонагон ва мастон иқдоми сухангӯӣ накунад;*
- *Ба шахси нофаҳм сухан нагӯяд ва лутфро дар муҳоварат нигоҳ дорад;*
- *Назди бузурге мансабдоре равад, матлаби хешро баён кунад ва бо ғайбату буҳтон аз касе сухан нагӯяд;*
- *Бештар шунавад ва камтар сухан гӯяд.*

Донишманд ва шоири машҳур, ки то кунун осори ӯ дар ҷаҳон нотакрор ва хонданӣ мондааст, Шайх Саъдии Шерозӣ мебошад. Машҳуртарин китоби ӯ “Гулистон” аст. Дар “Гулистон”- и Саъдии Шерозӣ боби алоҳидае бо номи “Дар одоби суҳбат” вуҷуд дорад. Дар боб асосан масъалаи одоби муҳоварат ба ду усул пешниҳод гардидааст: якум маълумоти назарӣ – методӣ; дуюм намунаи ҳикоёт, ки характери татбиқи амалии одоби муҳоваратро дар раванди робитаи дуҷонибаи сухангӯ ва суханшунав доранд. Ӯ дар “Гулистон” доир ба маврид, ва мавқеи суханронӣ, одоби муҳоварат, инчунин зарару фоидаи риояти одоби муҳоварат чунин мефармояд: “Ҳар сирре, ки дорӣ бо дӯст дар миён манеҳ, чӣ донӣ, вақте душман гардад” [13, с. 78]; “Розе, ки ниҳон хоҳӣ бо кас дар миён манеҳ, вагарчӣ дӯсти мухлис бошад, ки мар- он дӯстро низ дӯстони мухлис бошад, ҳамчунин мусалсал”[13, с. 78]. Шайх Саъдӣ ба ҷуз аз “Гулистон” осори зиёде ба мерос монда, ки афкори ӯ дастури муфид ва дақиқи илмӣ ба ҳисоб меравад. Андешаи ӯро дар боби “Дар одоби суҳбат” мушаххас чунин хулоса кардан мумкин аст, ки онро мо қоидаҳои муқарраркардаи Саъдии Шерозӣ дар аснои муҳоварат номгузорӣ кардем:

- *Сирри худ ба дӯст нагуфтан, ки дӯстии ӯ то охир муайян нест, мумкин замоне душман гардад;*
- *Рози худ бо касе дар миён манеҳ, зеро ӯ дӯстони дигар дорад ва дӯстонаш боз дӯстони дигар;*
- *Чунон бояд миёни ду кас сухан гуфт, ки агар ошкор шавад, шармсор набошӣ;*
- *Ба сухани сухангӯ то касе эрод нагирад, ислоҳ нагардад.*

Донишманди дигари асрҳои миёнаи форсу тоҷик, Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Бо он ки осори зиёди илмию адабӣ ва динӣ аз худ ба мерос гузоштааст, вале китоби “Футуватномаи султонӣ”- и ӯ дар илми ахлоқ ва одоби сухангӯйӣ манзалати хосса дорад. Дар ин китоб бобе бо номи “Дар одоби сухан” вуҷуд дорад, ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ чун дигар бузургони илму адаб, мақому манзалати сухан ва мавқеи сухангӯйӣ, одобу ахлоқ ва риояти он ҳангоми муҳоваратро муъҷаз баён кардааст. Ӯ чунин мегӯяд: “Бидон, ки шарафи одамӣ ба нутқ аст ва ҳар ки дар нутқ адаб риоят накунад, аз ин шараф бебаҳра бошад. Барои он ки нутқ ба савоб (сухани рост) бояд ва илло хомӯшӣ беҳ аз он бувад.

Дар сухан гуфтан чандин адаб аст, ки шайху ғолибро бояд риоят кард ва чандин адаби дигар аст, ки нозилон (шахси то мартабаи шайх расидаро) нигоҳ бояд дошт. Агар пурсанд, ки адаби ғолибон дар сухан гуфтан чанд аст? Бигӯй: Шаш. Аввал, он ки сухан фарохуи (муносиб) ҳоли ҳар кас гӯяд. Дуюм, он ки ба лутф сухан гӯяд на ба унф (дуруштӣ). Сеюм, он ки дар вақти сухан гуфтан хандон ва шукуфта бошад, на турушӯю гирифта. Чаҳорум, чандон сухан ба мустамеъи (шунавандаи) он гӯяд, ки ба малоли хотири эшон наанҷомад. Панҷум,

сухан гӯяд, ки манфиати дунё ва охират дар он бошад. Шашум, то сухане беиёр (қадр) набошад, бар забон наронад, ки сухани бузургон ба масобаи (монанди) тухм аст ва агар тухм фосиду бемағз бошад дар ҳар замин, ки афтад нарӯяд ва аз ӯ манфиате ба ҳосил нарасад [12, с. 254].

Ҳусейн Воизи Кошифӣ, ки худ воизи машҳур буд, нозукии баёни андешаро дар назди ҷомеа ва риояти одоби муҳоваратро дар сатҳи баланд дарк мекард ва беҳтарин олими сухандон буд. Дар идомаи ин боб чунин меорад:

“Агар пурсанд, ки адаби нозилон дар сухан чанд аст? Бигӯй:- Ҳашт. Аввал, он ки то аз вай сухан напурсанд, нагӯяд. Дуюм, дар вақти сухан гуфтан овоз баланд накунад. Сеюм ба чапу рост нангарад. Чаҳорум, ғаразомез ва киноят нагӯяд. Панҷум, дар рӯйи шунаванда наҷаҳад ва сухани сахт нагӯяд. Шашум, то фикр накунад, сухан нагӯяд, то пушаймон нашавад. Ҳафтум, дар миёни сухани мардум сухан дарнаёрад ва сухани гӯяндаро муқатеъ (бурида) нагардонад. Ҳаштум, бисёр нагӯяд, ки бисёр гуфтан нишонаи андакақалӣ аст” [12, с. 255].

Қоидаҳои пешниҳодкардаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз сухани бузургони гузашта сарчашма мегирад ва ӯ одоби муҳоваратро ба ду тақсим намудааст: адаби ғолибон (ашрофон) ва адаби нозилон (раият). Ин гурӯҳандӣ аз лиҳози мавқеи иҷтимоӣ аст. Дар одоби муҳоварат ба ғолибон чунин қоидаҳоро муқаррар кардааст:

- *Суханро муносиб ба шахси суханшунав бигӯ;*
- *Бо лутфу меҳрубонӣ сухан бигӯ, на бо қароҳату дурушти;*
- *Ҳангоми сухангӯйӣ ва муҳоварат хандонрӯй ва кушодачеҳра бош;*
- *Бисёр сухан магӯ, ки малоли хотири суханшунав бошӣ;*
- *Сухани боманфиат бигӯ;*
- *Сухани бақадру манфиатро ба забон маёвар.*

Дар одоби муҳоварати ашхоси нозил (раият, яъне ашхоси оддӣ) чунин қоидаҳоро муқаррар кардааст:

- *То аз сухангӯ чизе напурсанд, сухан нагӯяд;*
- *Ҳангоми гуфтор овоз баланд накунад;*
- *Ҳангоми гуфтор ба чапу рост нанигарад;*
- *Бо ғараз ва киноя сухан нагӯяд;*
- *Ба ҳамсуҳбат сухани сахт ва дурушт нагӯяд;*
- *То фикр накунад, сухан нагӯяд, ки пушаймонӣ меорад;*
- *Сухани шахси ҳамсуҳбатро набуррад;*
- *Бисёр сухан нагӯяд, ки нишонаи камақлӣ аст.*

Дар китоби “Футуватномаи султонӣ” боби дигаре мавҷуд аст, бо номи “Дар одоби салом кардан”, ки дар одоби муҳоварат ибтидои робита миёни ашхоси гуногунро таъмин мекунад. Робита миёни сухангӯ ва суханшунав аз салом кардан оғоз мегардад. Дар фарҳанги мардуми эронитабор, махсусан тоҷикон қоида ва талаботҳои одоби салом кардан дақиқ муайян карда шудааст. Ҳусейн Воизи Кошифӣ чунин фарзия ва қоидаҳоро пешниҳод мекунад, ки дар он мавзеъҳои салом кардан муайян карда шудааст. Ӯ дар боби “ Дар одоби салом кардан” чунин овардааст: “Агар пурсанд, ки дар чанд мавзеъ салом бояд кард? Бигӯй: - Дар ҳафт мавзеъ. Аввал, чун бародари тариқиро бинӣ салом бояд кард. Дуюм, чун дар роҳ равӣ ба одамон салом бояд кард. Сеюм, чун ба дари хонаи бародар равӣ салом бояд кард ва инро “саломи истизон” (иҷозат хостан) гӯянд. Чаҳорум, чун ба ҷамъе дарой салом бояд кард. Панҷум, чун ба мавзеъе, ки нишастӣ, бархезӣ ва ҷамъе он ҷо бошанд, салом бояд кард ва инро “саломи видоъ” гӯянд. Шашум, чун ба мақбарае расад салом бояд кард. Ҳафтум, чун ба дари хонаи худ дарояд бар аҳли байти худ салом кунад” [12, с. 262].

Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар баробари он ки одоби салом додан ва мавқеи онро чун қоида пешниҳод мекунад, мавқеъ ва мавридҳоеро номбар мекунад, ки набояд салом дод. Ӯ чунин меорад: “Агар пурсанд, ки дар чанд мавзеъ салом набояд кард? Бигӯй: - Дар шаш мавзеъ. Аввал, дар ҳамом. Дуюм, бар касе, ки ба қазои ҳоҷат машғул бошад. Сеюм, ба қуръонхон. Чаҳорум, ба намозгузор. Паҷум, бар занони номаҳрам. Агар дар ин мавзеъҳо касе салом кунад, ҷавоб надиҳанд, осим (гунаҳкор) набошанд” [12, с. 263].

Дар баробари муайян кардани мавзеъҳои саломкунӣ, ӯ қоидаҳои одоби салом карданро муайян кардааст, ки чунин аст: “Агар пурсанд, ки одоби салом кардан чанд аст? Бигӯй: - ҳафт. Аввал пок бошад, дуюм савора ба пиёда салом кунад, истода бар нишаста ва нишаста бар истода бар такязада. Сеюм он ки хурдтар аст бар бузургтар салом кунад ва аққал ба аксар салом кунанд. Чаҳорум дар салом кардан рӯй хандон ва пешонӣ кушода дорад. Панҷум ба ишорате салом накунад, балки ба лафз бигӯяд, ки: “Ассалому алайк” ё “салому алайк” ва

агар ҷамоате бошанд “ассалому алайкум”... Ҳафтум, чун ду ба якдигар расанд ва мусоҳафа (вохурӣ) кунанд [12, с. 263].

Дар одоби муҳоварат, ки раванди якҷониба нест, бояд шахси суханшунав ё касе, ки ба ӯ салом медиҳанд, ҳангоми ҷавоби салом додан, одоби ҷавобдиҳиро риоят кунад. Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар ин маврид чунин мегӯяд: “Агар пурсанд, ки одоби ҷавоб додан чанд аст? Бигӯй – Ҳафт. Аввал он ки ба тозарӯй ҷавоб диҳад. Дуюм он ки ба зиёда ҷавоб гӯяд. Сеюм агар касе бошад, ки хориҷи миллати ислом бошад ва бар ин кас салом кунад, дар ҷавоб “алейк” гӯяд. Панҷум агар гурӯҳе истода бошад, як нафар ҷавоби салом диҳад басанда аст. Шашум, ҷавоби салом бо лафз диҳанд, на ба ишорат. Ҳафтум, бояд ки чунон ҷавоб диҳад, ки саломдиҳанда шунавад” [12, с. 263].

Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар баробари мавзеъ, одоби саломдиҳӣ ва одоби ҷавоби саломро додан, боз фазилати саломдиҳиро муайян кардааст. Ӯ чунин мегӯяд: “Агар пурсанд, ки фазилати салом дар чист? Бигӯй: - Дар он ки тақдим кунанд (яъне саломро) ва зудтар ҷавоб гӯянд” [12, с. 263].

Баррасии осори бамеросмондаи классикони адабу фарҳанги форсу тоҷик доир ба одоби муҳоварат, нишон медиҳад, ки мавзеъҳои сухангӯйӣ ва суханшунавиро ҳангоми муҳоварат мушаххас тибқи меъёрҳои ахлоқии башарӣ пешниҳод кардаанд. Риояти одоб ҳангоми гуфтор барои инсон новобаста аз мавқеи миллӣ, динӣ ва мазҳабии ӯ яксон аст. Бидуни риояти одоби муҳоварат робита миёни ашхоси гуногун таъмин намегардад. Омӯзиши осори классикони форсу тоҷик имкон медиҳад, мо арзишҳои ахлоқиро ҳангоми гуфтор ҳифз кунем ва мусоҳиби худро хубтар дарк намоем. Бо ашхоси гуногун новобаста аз забону дин, миллату мазҳаб робитаи шоиста ва солим дошта бошем. Ҳангоми муҳоварат хушмуомила бошем.

Адабиёт

1. *Анварӣ, С. Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ – тоҷикӣ / С. Анварӣ. – Д., 2005. – 175с.*
2. *Анварӣ, С. “Шоҳнома ганҷинаи сухан / С. Анварӣ. - Д., “Адиб”, 2021. – 127 с.*
3. *Балакай, А. Г. Русский речевой этикет и принципы его лексикографического описания: доктор. фил. наук. / А. Г. Балакай. - М., 2000. - 328 с.*
4. *Джураева, М. Р. Коммуникативно – прагматический анализ устойчивых формул общения в современных таджикских СМИ / М.Р. Джураева. – Д., 2017.–255 с.*
5. *Костомаров, В.Г. Русский речевой этикет//Обращения, формулы приветствия, прощания, благодарности / В.Г. Костомаров. – РЯЗР, 1967. – № I. – С.56 - 62.*
6. *Костомаров, В.Г. Языковой вкус эпохи: из наблюдений над яз. соврем. масс-медиа//В.Г. Костомаров. – М., 1994. – 247с.*
7. *Ларина, Т.В. Категория вежливости и стиль коммуникации: Сопоставление английких и русских линвокултрных традиции/Т.В. Ларина. – М., 2009.–507 с.*
8. *Лингвистический энциклопедический словарь / под ред. В. Н. Ярцевой. М.: Сов. энцикл., 1990. – 685 с.*
9. *Маликушшуаро, Б. Сабкшиносӣ/ М. Баҳор.- Душанбе “Бухоро”, 2012 , 569 с.*
10. *Мисбоҳиддини, Н. “Эъҷози хусравӣ”- и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва суннатҳои номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X- XIV) / М. Нарзиқул.- Душанбе “Сино”, 2020. - 319с*
11. *Муҳаммади, Ф. Ойини суханварӣ /Ф. Муҳаммади. – Теҳрон, 1387.– 534с.*
12. *Саъдинисо, Ҳ. Илми ахлоқ ва одоб /С. Ҳакимова., М. Мирраҳим. – Душанбе: Бухоро, 2017. – 361 с.*
13. *Саъдии, Ш. Гулистон / С. Шерозӣ. - Душанбе “Маориф, 2016. - 147 с*
14. *Унсурулмаолии К. Қобуснома. / У. Кайковус.- Душанбе “Маориф”- 2016.-139 с*
15. *Хоҷаев, Қ. Суханварӣ / Қ. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 255 с.*
16. *Формановская Н.И. Культура общения и речевой этикет / Н. И. Формановская. – М., 2002.– 234с.*
17. *Формановская, Н.И. Русский речевой этикет: лингвистический и методический аспекты / Н.И. Формановская. – М.: Русс. яз., 1982. – 95с.*
18. *Формановская, Н.И. Употребление русского речевого этикета / Н.И. Формановская. – М., 1982. – 193 с.*
19. *Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шакурӣ. – Д.: Ирфон, 2005. – 399с.*

ОДОБИ МУҲОВАРАТ АЗ ДИДГОҲИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Таҳқиқи одоби муҳоварат, хусусан омӯзиши ҷанбаҳои таърихии он, дар забоншиносии муосир ба таври густурда сурат гирифтааст. Дар осори классикони форсу тоҷик одоби муҳоварат ҳам аз лиҳози назарӣ, ҳам амалӣ ва методӣ инъикос ёфтааст. Донишмандони форсизабон бо офаридани асарҳои дастурӣ ва илмию адабӣ, аз қабили “Қобуснома”, “Футуҳоти султонӣ”, “Гулистон” ва ғайра одоби муҳоваратро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳар яке қоидаҳои одоби муҳоваратро муқаррар

кардаанд. Қоидаҳои муқарраркардаи онҳо то имрӯз асоси илмӣ ва дастурӣ доранд, ки аз онҳо на танҳо форсизабонон, балки тамоми олам метавонад истифода кунад. Дар мақолаи мазкур нақши донишмандони форсу тоҷик доир ба таҳқиқи одоби муҳоварат мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар асоси назарияи забоншиносии муосир масъалаҳои дар мақола матраҳгардида баррасӣ шудааст. Дастоварди муаллиф аз он иборат аст, ки ӯ бори нахуст ба осори классикони форсу тоҷик на танҳо ҳамчун мероси адабӣ, балки ҳамчун дастоварди илмию методӣ рӯ оварда, ҷанбаҳои муҳими коммуникатсионӣ ва этикии осори онҳоро таҳқиқ ва хулосабарорӣ кардааст.

Калидвожаҳо: адабиёти форсу тоҷик, одоби муҳоварат, одоби сухан, арзишҳои ахлоқӣ, забоншиносии муосир, осори адабӣ.

РЕЧЕВОЙ ЭТИКЕТ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ТАДЖИКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

В современной лингвистике этикет общения является предметом пристального изучения, особенно в контексте его исторических аспектов. Классические произведения персидских и таджикских мыслителей отражают этикет общения как с теоретической, так и с практической и методической точек зрения. Персидские ученые, создавая грамматические, научные и литературные произведения, такие как "Кабуснаме", "Футухати султани", "Гулистан" и другие, глубоко исследовали этикет общения, устанавливая его правила. Эти правила, основанные на научном и грамматическом фундаменте, актуальны и сегодня и могут быть полезны не только для таджиков, но и для всех людей мира. В данной статье рассматривается вклад таджико-персидских ученых в изучение этикета общения, а также на основе теории современной лингвистики анализируются поставленные в статье вопросы. Автор статьи вносит значительный вклад в исследование, впервые обратившись к классическим произведениям персидских и таджикских мыслителей не только как к литературному наследию, но и как к научному и методическому достижению. Автор тщательно изучает и обобщает важные коммуникационные и этические аспекты творчества этих мыслителей.

Ключевые слова: персидско-таджикская литература, этикет общения, этикет речи, моральные ценности, современная лингвистика, литературные произведения.

SPEECH ETIQUETTE FROM THE POINT OF VIEW OF TAJIK-PERSIAN THINKERS

In contemporary linguistics, speech etiquette is a subject of close study, particularly in the context of its historical aspects. Classical works by Persian and Tajik thinkers reflect speech etiquette from both theoretical and practical and methodological standpoints. Persian scholars, in creating grammatical, scientific, and literary works such as "Kabusnameh", "Fotuhat-e Soltani", "Gulistan", and others, deeply explored speech etiquette, establishing its rules. These rules, based on a scientific and grammatical foundation, remain relevant today and can be beneficial not only for Tajiks but also for all people worldwide. This article examines the contribution of Tajik-Persian scholars to the study of speech etiquette and analyzes the questions raised in the article based on the theory of modern linguistics. The author of the article makes a significant contribution to the research, for the first time addressing classical works by Persian and Tajik thinkers not only as a literary heritage but also as a scientific and methodological achievement. The author carefully studies and summarizes the important communicative and ethical aspects of the works of these thinkers.

Keywords: Persian-Tajik literature, speech etiquette, speech etiquette, moral values, modern linguistics, literary works.

Дар бораи муаллиф
Шукуров Гулназар Холович
Дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷикӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: shukurovg74@mail.ru

Об авторе
Шукуров Гулназар Холович
Доцент кафедры таджикского языка и методика преподование таджикского языка и литературе
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17
E-mail: shukurovg74@mail.ru

About the author
Shukurov Gulnazar Kholovich
Docents of the Department of the Tajik Language and methods of Tajik Language and Literature
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
E-mail: shukurovg74@mail.ru

ТДУ 811.512.2+82.0

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Яҳёева Х. Ш.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров

Илми ономастика ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ дар заминаи таҳқиқоти илмии номҳои хос дар нимаи дуюми асри XX пайдо шудааст ва аз қисматҳои пешрафтаи забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Дар сарҳалақаи олимони ин соҳа забоншиносони шӯравӣ монанди В. А. Никонов, Э. Мурзаев, А. А. Реформатский, А. В. Суперанская, Н. В. Подолская, В. А. Жучкевич, Л. П. Калакутская ва чандин дигар меистанд, ки ҷанбаи амалии илм ба назарияи онҳо сахт марбут аст.

Донишмандони мазкур истилоҳи "ономастика" аз калимаи юнонӣ донистаанд ва маънои онро "санъати гузоштани номҳо" ироа кардаанд. Мусаллам аст, ки ҷойгоҳи он дар ҳалқаи илмҳо хос буда, он объектҳоро бо истифода аз дастовардҳои ҷуғрофия, хусусан, таърихӣ меомӯзад, ва махсусан, бо ҷуғрофия алоқамандии зич дорад. Вале ономастика илми забоншиносист, зеро объекти омӯзиши он калимаҳост.

Ин ҷо сухани мо дар мавриди як бахши муҳимми ономастика топонимика меравад, ки дар забоншиносии умумӣ ба дараҷаи муайян рушд кардааст. Дараҷаи аҳамияти ин қисми ономастикаро бисёр олимон эътироф карданд, ки робитаи зич доштани онро бо як қатор илмҳо қайд карданд.

Топонимика барои бисёр илмҳо, алалхусус, барои забоншиносӣ, таърих, этнография, ҷуғрофия таваҷҷуҳи амиқ дорад. Асмои ҷой ва макон қисми таркибии муҳити ҷуғрофӣ ва фарҳанги мардум ба ҳисоб рафта он дар баробари мавҷудияти инсон, рушду такомули он, қадам мезанад ва пайваста ба ҷаҳони тафаккуру андеша ва шуури мо ворид мегардад. Зеро зиндагии инсон дар ин ё он макон сурат мегирад ва номи шаҳр, деҳа, кӯча, маҳалла ва ғайра ҳамрадифи мафҳумҳои мухталифи дигар дар сари забони инсон қарор мегирад. Хоҳ нохоҳ дар ниҳоди инсон хоҳиши дарку маърифати номҳои ҷуғрофӣ пайдо мегардад ва илми топонимика дар ин ҷода нақши муҳим мебозад.

Топонимика маҷмуи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ, пайдоиш, эволютсия, маънои семантикӣ, тақсимот, такрор, моделҳоро таҳлил менамояд. Номҳои ҷойгоҳ дар байни халқҳои мухталиф дар даврaҳои муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, бо мурури замон тағйир ёфтанд ва аксар вақт мундариҷа вобаста ба рӯйдодҳои мушаххаси таърихӣ- муҳоҷирати аҳолӣ, ҷангҳо, иртиботи фарҳангӣ, иқтисодӣ ва забонӣ паҳн шуданд. Барои рушди бомуваффақияти топонимия, ҳамкории судманд байни забоншиносон, муаррихон ва ҷуғрофиён матлуб ва ҳатто зарур аст. Дар баробари ин, агар мо хоҳем, ки илми номҳои ҷуғрофӣ дар илм ҷойи сазоворро ишғол кунад, пас мо бояд моҳияти таҳқиқоти топонимикӣ ва вазифаҳои онҳоро бо назардошти ҳам дараҷаи таваҷҷуҳи забоншиносӣ, таърих ва ҷуғрофия баррасӣ кунем.

Микротопонимия маҷмуи номҳои объектҳои хурди ҷуғрофӣ, аз қабили кӯчаҳо, маҳаллаҳо, роҳҳо, майдонҳо, қаторкӯҳҳо, марғзорҳо ва ғайра мебошад, ки то ба наздикӣ тақрибан омӯхта намешуданд ва ҳамчун гурӯҳи махсуси номҳои топонимикӣ фарқ намекарданд. Омӯзиши микротопонимия бевосита илмро бо амалия пайванд медиҳад. Номгузории оммавии кӯчаҳои нав ва тағйири номи кӯчаҳои кӯҳна дар солҳои охир ба мушкилоти мубрам ва шадид табдил ёфтааст [8, с. 39].

Аммо, дар тӯли даҳсолаҳои охир, он ба мавзуи омӯзиши торафт васеъ дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла дар Тоҷикистон табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳоло мо метавонем дар бораи як бахши махсуси дониш - микротопонимия ҳамчун як бахши топонимия сухан ронем.

Умуман, топонимҳо ва микротопонимҳо дар муайян кардани таърихи халқ ва кишвар нақши бениҳоят калон доранд. Топонимистҳо ба ин ақидаанд, ки «омӯзиши ҳамаҷонибаи номҳои ҷуғрофӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, зеро номҳо шоҳидони даврони гузаштаанд, зеро онҳо бо рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои таърихӣ, тағйироти низоми иҷтимоӣ, инкишофи таърихи забон, хусусиятҳои забонҳои нобудшуда мебошанд».

Номҳои объектҳои ҷуғрофӣ ба таври таърихӣ инкишоф ёфтаанд, пайдоиши онҳо бо ҳаёти иҷтимоӣ ва забонҳои халқҳои дар минтақаҳои муайян зич алоқаманд мебошад. Дар тули ҳазорсолаҳо таърихи забонҳои халқҳо тағирёфтанд, аз ин рӯ топонимҳо низ иваз

шудаанд. Ин формасияи бисёрқабата мебошад, ки ҳамеша аз унсурҳои синну сол ва забонҳои мухталиф иборат буда, бо тағйири замон, дар натиҷаи таъсири забонҳои нав, сокинони нав тағир ёфтааст.

Бояд гуфт, ки ин ду истилоҳ, яъне топоним ва микротопоним аз ҳамдигар бо як қатор хусусиятҳои мушаххас фарқ мекунанд. Аз ин сабаб, синоним ҳисобидани онҳо хатост, зеро ин вазифаи омӯзиш ва таҳқиқоти онҳоро мушкилтар мекунад. Бояд қайд кард, ки аксари олимони соҳа танҳо гурӯҳҳои истиқоматиро ба гурӯҳи топонимҳо дохил мекунанд.

Як қатор маҳалҳои аҳолинишин метавонанд минтақаҳои калонро дарбар гиранд, ки садҳо микротопонимро дар бар мегиранд ва онҳоро ба шумораи топонимҳо дохил кардан мумкин аст, зеро минтақаҳои калонро микротопонимҳо номидан мумкин аст, масалан, дашт, тагоб, саҳро, нов (дашт, дара, саҳро) ва монанди онҳо, аз ҷумла садҳо номҳои хурд, мувофиқи мақсад нестанд.

Муҳаққиқони ономастика бар ин назаранд, ки байни истилоҳоти топонимия ва микротопонимия фарқият бояд ҷорӣ карда шавад, зеро мафҳуми топонимия дар маҷмуъ, мафҳуми номҳои ҷуғрофии ҳар як минтақа, шаҳр, минтақа, кишвар ва дигар воҳидҳои ба он марбутро дар бар мегирад [11, с. 56].

Яке аз муҳаққиқон Ш. Исмоилов тафовути ин ду истилоҳро чунин шарҳ медиҳад: «... ин истилоҳҳо дар робита бо падида ва муносибати лингвистӣ аз як манбаъ пайдо шуда, аз ҳам фарқе надоранд, аммо агар онҳоро дар ҷанбаи маъно ва баён ба назар гирем воқеият, мо мебинем, ки ин ҷомеа ба андозаи муайян хусусияти нисбиятро касб мекунад [10, с. 45].

Барои онҳо, калимаи топонимия, аслан, дар баёни маҷмуи номҳои ҷуғрофии як маҳал ва минтақа, шаҳр ва минтақа, водӣ ва минтақа, кишвар ва ҷумҳурӣ истифода мешавад, пас топонимия ҳамчун илм яке аз соҳаҳои лексикология мебошад бо омӯзиши илмӣ ва таҳқиқи номҳои ҷуғрофӣ, муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиш ва этимологияи рушди таърихӣ, шакл ва ҳолати кунунии онҳо, хусусиятҳои луғавию маъноӣ, сохтор ва шакли грамматикӣ, талаффуз ва имлои онҳо машғул аст» [10, с. 67].

Микротопонимҳо аз топонимҳо бо як қатор хусусиятҳои хосси худ фарқ мекунанд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи микротопонимҳо дар он аст, ки онҳо зуд тағйир меёбанд ё дигаргуниҳои сохторӣ ва маъноӣ ба амал меоранд. Сабаби асосии ба дигаргуниҳо дучор омадани микротопонимҳо дар он аст, ки онҳо нисбат ба номҳои ҷойгоҳ устувортар нестанд ва дар зери таъсири забони мардуми маҳаллӣ зуд тағйир меёбанд.

Дар замони шуравӣ ба омӯзиши топонимияи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Аммо, дар Тоҷикистон ба ин масъала нисбатан камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Ҳатто касе тахмин намекард ва ба ёд намеовард, ки Тоҷикистон аз номҳои ҷуғрофӣ бой аст. Аммо бояд қайд кард, ки дар ин самт корҳои зиёдеро забоншиносон Э. М. Мурзаев [14], А. З. Розенфелд [23], О. И. Смирнова [25], ки аввалин ва муҳаққиқони асосие буданд, ки дар омӯзиши насли оянда саҳми бузург гузоштанд, яъне онҳоро гузаштагони муҳаққиқони номҳои ҷуғрофӣ дар Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст.

Инчунин бояд қайд намуд, ки дар омӯзиши ономастикаи тоҷик ва такмилу инкишофи ин илм олимоне монанди А. З. Розенфелд ва А. Л Хромов бештар саҳмгузоштаанд. Донишманди маъруф А. З. Розенфелд муаллифи аввалин асари ономастика дар Тоҷикистон буда, мақолаи илмии ӯ бо номи «Исми «Лангар» дар топонимикаи Тоҷикистон» ҳанӯз соли 1949 интишор шуда буд [22]. Дигар аз олими номвари рус, ки бештарини фаолияташро дар омӯзиши ономастикаи тоҷикӣ бахшидааст, А. Л. Хромов мебошад, ки асари пуразиши вай бо номи «Очерки по топонимии и микротопонии Таджикистана», ки соли 1975 нашр гардида буд, ҷодаи нави таҳқиқотро дар илми топонимия боз кард. Дар ин китоб А. Л. Хромов бештар аз 30 мақолаи илмии худро ҷой додааст, ки бештарини онҳо дар таҳлилу баррасии топонимияи Кӯҳистони Масчоҳ бахшида шудааст [28]. Чунончи забоншиноси маъруф Э. М. Мурзаев зикр мекунад, ки дар марҳилаи аввали таҳқиқоти топонимҳои Тоҷикистон, асосан, олимони рус монанди О. И. Смирнова, А. З. Розенфелд, А. Л. Хромов кор кардаанд [15]. Танҳо аз солҳои 70- ум сар карда дар илми тоҷик мактаби ономастика рӯйи кор омад, ки он аз ҳисоби таҳқиқотҳои О. Ғафуров, Р. Додихудоев, Н. Абдуллоев, А. Девонақулов, Н.Офаридаев, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, О. Муҳаммадҷонов, А. Насриддиншоев ва дигарон такмил ёфт. Минбаъд силсилаи зиёда мақолаҳои олимони тоҷику рус, монанди Б. Алборов, А. Хромов, К. Абдулов, Т. Ваҳобов, Ш. Хуҷамуҳаммадов ва дигарон чоп шуда, дар пешрафти топонимика нақши бориз гузошт.

Бояд қайд кард, ки дар аввал танҳо олимони рус ба омӯзиш ва таҳқиқи мушкилоти ономастика дар Тоҷикистон машғул буданд ва топонимшинос Э. М. Мурзаев, О. И.

Смирнова, А. З. Розенфельд ва А. Л. Хромовро даъват мекунад. Ҳамзамон ӯ қайд мекунад, ки дар бахши топонимия, дар муқоиса бо дигар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ таваҷҷуҳи дуруст дода намешавад. Дар айни замон, Тоҷикистон ҳатто як луғати мукаммали топонимикӣ надорад [15, с. 45].

Ин эроди Э. М. Мурзаев дар як замон асосе дошт, зеро танҳо пас аз солҳои 70-уми асри гузашта олимони тоҷик ба масъалаҳои ономастика таваҷҷуҳ зоҳир карданд ва таркиби мактаби ономастикаи тоҷик аз ҳисоби мутахассисони тоҷик О. Ғафуров, Р. Ҳ. Додихудоев, Н. Абдуллоев, Н. Офаридаев, А. Девонақулов, Ш. Ҳайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, Ҷ. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонзода, Д.Ҳомидов, Б.Тураев, А. Насраддиншоев, Р. Шоев мутахассисони ономастикаи тоҷик, ки фаъолияти илмии худро пас аз солҳои 70-уми асри XX оғоз кардаанд.

Таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва мустақил сабаби рушд ва афзоиши кушодашавии илмӣ дар соҳаи маорифи кишвар гардид. Аз ин рӯ, дар робита бо тағйирёбии номҳо ба қаламравҳои ҷуғрофии Тоҷикистон, олимон ба баррасии ҳамаҷонибаи номҳои иншооти ҷуғрофӣ, ки ба осонӣ ба таълими илмӣ пешниҳод карда мешаванд, ва аз тарафи олимони ҷавон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда истодаанд.

Аз нигоҳи забоншиносӣ, топонимияи тоҷик аллакай дар ҳолати рушдкарда ва шукуфон қарор дорад. Ин далели он аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба омӯзиши топонимия афзудааст, инчунин он бо ташаккули истиқлолияти кишвари мо Тоҷикистон ва афзоиши худогоҳии миллӣ алоқаманд аст.

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон дорои топонимҳои гуногун буда, омӯзиши таърихии онҳо барои имрӯзиён донишҳои фаровон медиҳад. Махсусан, омӯзиши топонимҳое, ки ҳанӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанду аз назари муҳаққиқон дур мондааст ва намунаи ибрати дигар омӯзиши топонимҳои шаҳру ноҳияҳо ва деҳаву ҷамоатҳо яке аз корҳои муҳими илми муосир маҳсуб мешавад.

Дар баррасии таҳлилӣ ва омӯзиши топонимҳо ва микротопоним- ҳои Тоҷикистон, саҳми профессор Р. Х. Додихудоев назаррас аст. Вай аввалин забоншиносест, ки дар мавзуи микротопонимияи як гурӯҳ забонҳои шарқии эронӣ рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст [8]. Ин олими маъруф дар мақолаҳо ва дигар асарҳои худ дар бораи қабатҳои лингвистӣ, семантика ва этимологияи баъзе топонимҳо маълумоти ҷолиб додааст.

Ғайр аз он, микротопонимияи минтақаҳои Ванҷ ва Дарвозро Н. Офаридаев таҳқиқ кардааст. Таҳқиқоти муфид ва шоистаро дар ин самт профессор О. Маҳмадҷонзода ба анҷом расонида, топонимҳо ва микротопонимҳои қисми шимолии водии Ҳисорро ҳамаҷониба омӯхтааст.

То имрӯз муҳаққиқони ономастика, аз ҷумла топонимика якчанд усул ва усули таҳқиқотро муайян кардаанд, ки ҳар яке хусусиятҳои хоси худро доранд. Дар корҳои илмии олимони ономастикон таснифи шаклҳои калимасозии топонимҳо оварда шудааст. Аз ҷумла топоними ботаҷриба С. Р. Роспонд, ҳангоми омӯзиши топонимҳо принсипҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1. Топонимҳои содаи бесуффикс (топонимҳои ибтидоӣ).

2. Топонимҳое, ки бо истифода аз пасвандҳо ва пешвандҳо сохта шудаанд (топонимҳои ҳосилшудаи дуюм).

3. Топонимҳои таркибӣ (топонимҳое, ки аз якчанд ҷузъҳо сохта шудаанд) [24, с. 5].

Забоншинос А. Л. Хромов топонимҳои яғнобӣ ва тоҷикиро дар асоси шаклҳои офаридани топонимҳои забонҳои ҳиндуаврупоӣ, пеш аз ҳама забонҳои славянӣ ба чор гурӯҳ ё намудҳо тақсим мекунад:

1) топонимҳои одӣ, ки бидуни ягон аффикси ҳосилавӣ сохта шудаанд: Сулҳ, Шараф;

2) топонимҳо, ки дар натиҷаи ҳамбастагии калимаҳо сохта шудаанд. Ба иборai дигар, топонимҳои ин гуна топонимҳои мураккаб мебошанд: Ҳасан тағо <Ҳасан+тағо; Оқтеппа<Оқ+теппа; Навобод <нав+обод;

3) топонимҳо-ибораҳо: Нури Самарқанд, Лаби Канал, Ҷӯйи Раззоқ, Дунги Мазор, Маҳалаи Шурбулоқ;

4) топонимҳое, ки аз поя ва топоформант сохта шудаанд: Чаманзор, Қандақзор, Лолазор, Сафедзор, Анорзор, Пахтазор, Тутзор, Лаклакон, Заркорон, Деҳқон.

Ин тақсимоти А. Л. Хромов минбаъд мавриди усули корбарии олимони соҳа қарор гирифт.

Дар бораи таҳқиқоти сохти юстратегии ономастикӣ ва аҳамияти он С. Роспонд навиштааст: «Таҳқиқоти структурӣ ва стратегии ономастикӣ ҳам барои забоншиносӣ ва ҳам

барои таърих аҳамияти калон доранд» [24, с. 63]. Инчунин, профессор О. Маҳмадҷонзода бартариҳои ин усулро қайд намуда, менависад: «Яке аз ҷиҳатҳои муҳим ва муфиди илми забон барои забоншиносӣ омӯхтан ва омӯхтани хусусиятҳои таркибӣ ва калимасозии номҳои ҷуғрофӣ мебошад, ки дар он, пеш аз ҳама, нақш ва вазифаи анъанаҳои таълифи номҳо, пешвандҳо ва суффиксҳо, шаклҳои ҳосилӣ ва сохтории онҳо» [12, с. 22].

Солҳои охир аз ҷониби донишмандон ва муҳаққиқони тоҷик дар ин самт корҳои назаррас ба анҷом расидааст. Аз ҷумла, Н. Офаридаев соли 2002 рисолаи доктории худро бо унвони «Лингвистическое исследование ойконимии Горного Бадахшана», Г. Ҳ. Ибрагимова соли 2007 рисолаи номзадии худро бо унвони «Лексико-семантические особенности урбанонимов в сравнительно-сопоставительном плане: на материале таджикского и русского языков», О. О. Маҳмадҷонов соли 2005 рисолаи номзадиро бо унвони «Топонимия Ромитского региона», ва соли 2010 рисолаи доктории худро таҳти унвони «Историко-лингвистическое исследование топонимии Гиссарской долины Таджикистана», У.Т. Булбулшоев соли 2010 рисолаи номзадии худро бо унвони «Микротопонимия Шахдары в этнолингвистическом освеще- нии», А. И. Одинаев соли 2016 рисолаи номзадии худро бо унвони «Топонимия и микротопонимия центральной сады горной Масчи» ва чанде дигарон ҳимоя намуданд ва бо ин роҳ хазинаи номшиносиро такмил додаанд.

Ҳамин тавр, аз ин навиштаҳо маълум мегардад, ки доир ба топонимияи кишвар ва берун аз он корҳои зиёди таҳқиқотӣ ба анҷом расидааст, ки ба таҳқиқи топонимияи кишвар заминаҳои мустаҳкам ба вуҷуд хоҳад омад.

Адабиёт

1. *Абдунабиев, А. Лингвистический анализ топонимии региона Уратюбе: автореф... дисс... канд... филол...наук / А. Абдунабиев. – Душанбе, 1992. - 21 с.*
2. *Абодуллоева, С. Ономастика «Фарснаме» Ибна Ал-Балхи: автореф... дис... канд... филол...наук / С. Абодуллоева. – Душанбе, 2009. – 26 с.*
3. *Алборов, Б. А. Одно из древних мест поселения предков в Средней Азии по данным топонимики, гидронимики и оронимики / Б. А. Алборов. – 5-ая межвузовская конференция по иранской филологии (тезиси докладов). – Душанбе, 1966. – С. 133-139.*
4. *Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 1995. – 196 с.*
5. *Ваҳҳобов, Т. Вазъи амалкарди забони тоҷикии адабӣ (пеш аз Инқилоби Октябр). Китоби 1 / Т. Ваҳҳобов. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 112 с.*
6. *Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ / О. Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983. – 144 с.*
7. *Девонақулов, А. Асрори номҳои кишвар / А. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 223 с.*
8. *Додихудоев, Р. Х. Лингвистический анализ микротопонимы Памира (на материале шугнано-язгулямский языковой группы): автореф... дисс... док... филол... наук / Р. Х. Додихудоев. – М., 1980. – 29 с.*
9. *Жучкевич, В. А. Общая топонимика / В. А. Жучкевич. 12-ое изд. –Минск, 1968. – 432 с.*
10. *Исмоилов, Ш. Таҳлили лингвистии топонимҳо / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1994. – 70 с.*
11. *Маҳмадҷонов, О. О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор / О. О. Маҳмадҷонов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 288 с.*
12. *Маҳмадҷонов, О. О. Ҳамзистии фарҳангҳо дар топонимия / О. О. Маҳмадҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2009. – №8. – С. 43-46.*
13. *Мирбобоев, А. Ҷамшед дар Беҳрӯд / А. Мирбобоев // Номаи Пажӯҳишгоҳ (маҷмуаи мақолот). – Душанбе, 2001. – №1. – С. 42-46. Мурзаев, Э. М. / Основные направления топонимических исследований. – Принципы топонимики. – М., 1964, С. 32; В. А. Жучкевич / Топонимика. Минск, 1965. – С. 4 - 9.*
14. *Мурзаев, Э. М., Никонов, В. А. Топонимика сегодня. – «Вопросы географии», № 58. – М., 1962, с. 6; Ср.: В. А. Никонов. Пути топонимического исследования. – Принципы топонимики. М., 1964. – 83 с.*
15. *Мурзаев, Э. М. Топонимика популярная / Э. М. Мурзаев. – М., 1973.*
16. *Роспонд, С. Перспективы развития славянской ономастики / С. Роспонд // ВЯ., №4. – М., - 1962.*
17. *Насраддиншоев, А. Н. Микротопонимияи Помири Шарқӣ (таҳқиқоти забоншиносӣ) / А. Н. Насраддиншоев. – Душанбе, 2005. – 122 с.*
18. *Никонов, В. А. Введение в топонимику / В. А. Никонов. – М., 1965. - 179с.*
19. *Офаридаев, Н. Лингвистическое исследование ойконимии Горного Бадахшана: автореф... дис… док… наук... филол / Н. Офаридаев. – Душанбе, 2002. – 38 с.*

20. *Подольская, Н. В. Словарь русской ономастической терминологии / Н. В. Подольская. – М., 1964. – 156 с.*
21. *Реформатский, А. А. Введение в языкознание / А. А. Реформатский. – М.: Просвещение, 1955. – 400 с.*
22. *Розенфельд, А. З. Название «лангар» в топонимике Таджикистана / А.З. Розенфельд // Изв. ВГО. – М., 1949. – Вып. 6 (72). – С. 861-864.*
23. *Розенфельд, А.З. Заметки по топонимии Юго-восточного Таджикистана / А. З. Розенфельд // Ономастика Средний Азии. – Алмаата, 1980. – С.185-189.*
24. *Роспонд, С. Структура и стратиграфия древнерусских топонимов. С. Роспонд // Восточнославянская ономастика. – Москва: Наука, 1972. – С. 9-89.*
25. *Смирнова, О. И. Вопросы исторической географии и топонимики Верхнего Заравшана. – «Материалы и исследования по археологии СССР», вып. 15. М.-Л., 1950.*
26. *Суперанская, А. С. Что такое топонимика / А. С. Суперанская. – М.: Наука, 1985. – 175 с.*
27. *Топоров, В. Н., Трубачёв О. Лингвистический анализ гидронимов Верхнего Поднепровья / В. Н. Топоров. – М., 1962. – 270 с.*
28. *Хромов, А. Л. Очерки по топонимии и микротопонимии Таджикистана / А. Л. Хромов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 88 с.*
29. *Ҳӯҷамуҳаммад, Ш., Шоҳмирзо, Ш. Сурмаи дил/ Ш. Ҳӯҷамуҳаммад. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии Раҳим Ҷалил, 1997. – 188 с.*
30. *Хайдаров, Ш. /Антропонимика. Топонимика. Этносоциолинг- вистика: Сборник статей / Ш. Хайдаров. – Пермь: От и До, 2011. - 208 с.*

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ТОПОНИМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола рушди таърихӣ ва дидгоҳҳо оид ба топонимияи Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Таърихи рушди ономастика нишон медиҳад, ки он ҳамчун илм дар нимаи дуюми асри ХХ пайдо шудааст. Дар илми ономастика саҳми бузурги олимони шӯравӣ, аз қабили В.А. Никонов, Э. Мурзаев, А.А. Реформатский, А.В. Суперанская, Н.В. Подолская, В.А. Жучкевич, Л.П. Калакутская ва дигарон буд. Мафҳуми ономастика аз асли юнонӣ мебошад, ки маънои « санъати номгузориро» дорад. Дар мақола инчунин дар бораи бахши муҳимтарини ономастика - топонимика, ки дар забоншиносии умуми шинохта шудааст, сухан меравад, ки маҷмуи номҳои ашёи ҷуғрофӣ, пайдоиш, таҳаввулот, маънои семантикӣ, тақсимот, такрор ва моделҳоро меомӯзад ва таҳлил мекунад. Дар замони шӯравӣ ба омӯзиши топонимикаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд. Аммо, дар Тоҷикистон ба ин масъала нисбатан кам таваҷҷуҳ шудааст. Бояд гуфт, ки дар ин самт корҳои зиёдеро забоншиносон Э. Мурзаев, А.З. Розенфельд, О.И. Смирнов, ки онҳоро гузаштагони муҳаққиқони номҳои ҷуғрофӣ дар Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст. Танҳо пас аз солҳои 70-ум олимони тоҷик ба ономастика таваҷҷуҳ зоҳир карданд ва мактаби ономастикаи тоҷикиро мутахассисони тоҷик, аз қабили О.Ғафуров, Р.Х. Додихудоев, Н.Абдуллоев, Н. Офаридаев, А. Девонакулов, Ш. Хайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, Д.Х. Алимӣ, О. Муҳаммадҷонов, А. Насраддиншоев ва Р. Шоев. Ин мутахассисони ономастикаи тоҷик фаъолияти илмии худро пас аз солҳои 70-уми асри ХХ оғоз карданд.

Калидвожаҳо: ономастика, топонимика, микротопонимика, топонимҳоисодда, топонимҳои таркибӣ.

ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ИЗУЧЕНИЯ ТОПОНИМОВ ТАДЖИКИСТАНА

В статье исследуется исторические развитие и взгляды на топонимии Таджикистана. История развитие ономастики показывает, что как наука она появилась во второй половине ХХ века. Огромный вклад в науку ономастики внесли советские учёные как В.А.Никонов, Э.Мурзаев, А.А.Реформатский, А.В.Суперанская, Н.В.Подолская, В.А.Жучкевич, Л.П.Калакутская и др. Термин ономастика с греческого происхождения, что означает “искусства давать имена”. В статье также будет речь о важнейшем разделе ономастики - топонимика, признанная в общем языкознании, которая изучает и анализирует совокупность названий географических объектов, их происхождение, эволюцию, смысловое значение, распространение, повторяемость, модели. В советское время изучению топонимии Средней Азии уделялось большое внимание. Однако в Таджикистане этому вопросу уделялось относительно мало внимания. Нужно отметить, что большую работу в этой области проделали лингвисты Э. Мурзаев, А.З. Розенфельд, О. И. Смирнова, которых можно считать предками исследователей географических названий в Таджикистане. Только после 1970-х годов таджикские ученые заинтересовались ономастикой, и таджикская школа ономастики состояла из таджикских специалистов как О.Гафуров, Р.Х. Додихудоев, Н. Абдуллоев, Н. Офаридаев, А. Девонакулов, Ш. Хайдаров, Ш. Исмоилов, А. Абдунабиев, Д. Х. Алими, О. Мухаммаджонов, А. Насраддиншоев и Р. Шоев . Эти специалисты по таджикской ономастике, начали свою научную карьеру после 70-х годов ХХ века.

Ключевые слова: ономастика, топонимика, микротопонимика, простые топонимы, составные топонимы.

A LOOK AT THE HISTORY OF THE STUDY OF TOPONYMS OF TAJIKISTAN

The article explores the historical development and views on the toponymy of Tajikistan. The history of the development of onomastics shows that as a science it appeared in the second half of the twentieth century. A huge contribution to the science of onomastics was made by Soviet scientists such as V.A. Nikonov, E. Murzaev, A.A. Reformatsky, A.V. Superanskaya, N.V. Podolskaya, V.A. Zhuchkevich, L.P. The term onomastics is of Greek origin, which means “the art of giving names”. The article will also talk about the most important section of onomastics – toponymy, recognized in general linguistics, which studies and analyzes the totality of names of geographical objects, their origin, evolution, semantic meaning, distribution, repetition, models. In Soviet times, great attention was paid to the study of the toponymy of Central Asia. However, relatively little attention has been paid to this issue in Tajikistan. It should be noted that linguists E. Murzaev, A.Z. Rosenfeld, O. I. Smirnova, who can be considered the ancestors of researchers of geographical names in Tajikistan. Only after the 1970s did Tajik scientists become interested in onomastics, and the Tajik school of onomastics consisted of Tajik specialists such as O.Gafurov, R.Kh. Dodikhudoev, N. Abdulloev, N. Ofaridaev, A. Devonakulov, Sh. Khaydarov, Sh. Ismoilov, A. Abdunabiev, D. Kh. Alimi, O. Muhammadjonov, A. Nasraddinshoev, and R. Shoev. These specialists in Tajik onomastics began their scientific career after the 70s of the XX century.

Keywords: onomastics, toponymy, microtoponymy, simple toponyms, compound toponyms.

Дар бораи муаллиф
Яҳёева Хуршеда Шарифовна
Муаллими кафедраи инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони русӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 73 05 92

Об авторе
Яхьяева Хуршеда Шарифовна
Преподаватель кафедры развитие устной и письменной речи русского языка
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 73 05 92

About the author
Yakhyaeva Khursheda Sharifovna
Teacher of the department of development of oral and written speech of the russian language
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
Ph: (+992) 927 73 05 92

УДК 802.0(07)

ТОЛКОВАНИЯ ТЕРМИНОВ, ОТНОСЯЩИЕСЯ К «ADULT EDUCATION – ТАҲСИЛИ КАЛОНСОЛОН» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Сангинова М. Б.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Термины занимают очень важное место в лексическом составе любого языка. Сегодня невозможно изучить и развивать какую-либо область знаний без владения специальной лексикой. Бурное развитие науки приводит к развитию и изменению существующих систем терминологических единиц, что порождает множество проблем, решение которых обладает серьезное практическое значение.

Следовательно, необходимо систематизировать и стандартизировать термины, а также усовершенствовать процесс перевода терминологических единиц с одного языка на другой. Каждая деятельность и область знаний обладает свою терминологическую систему, благодаря этому знание терминов необходимо как тем, кто занимается практической деятельностью, так и тем, кто непосредственно занимается наукой. В любом развитом языке существуют тысячи терминов, и они обычно составляют терминологическую систему этого языка.

Известно, что термин, появившиеся от латинское слово terminus со значением «сарҳад, ҳудуд») – особое слово или словосочетание, которое исполӣзуется в профессиональной сфере и в особых условиях. Терминология – совокупность терминов каждого национального языка, которое имеет тесное отношение с профессиональной деятельности спеқиалистов той или иной отрасли. Терминологические каждой сферы науки, технологии, производства образуют свои собственные системы, которые, прежде всего концептуальные связи профессиональных знаний в попытке выразить эти связи языковыми средствами.

Одним из ключевых терминов, которое непосредственно относится к терминополе образование для взрослых – lifelong learning (обучение на протяжении всей жизни). Данный терминосочетание в лексикографических источников интерпретируется следующим образом: «the provision or use of both formal and informal learning opportunities throughout people's lives in order to foster the continuous development and improvement of the knowledge and skills needed for employment and personal fulfilment [Collins] (предоставление или использование как формальных, так и неформальных возможностей обучения на протяжении всей жизни людей с целью содействия постоянному развитию и совершенствованию знаний и навыков, необходимых для трудоустройства и личной реализации)».

Анализ лексикографических источников на английском языке позволил формализовать еще две тенденции в современной интерпретации термина «*lifelong learning (маълумоти муттасил)*», не соответствующие таджикской практике.

С одной стороны, непрерывное образование противопоставляется базовому образованию и рассматривается как дополнительный элемент начального профессионального образования (получение первой степени) или один из возможных способов получения высшего профессионального образования (диплома).

В первом случае под понятием *маълумоти муттасил (lifelong learning (непрерывное обучение))* сознается свободный и самостоятельный выбор дополнительных курсов, предлагаемых вузом, исходя из индивидуальных профессиональных интересов (формальное образование) или автономное изучение некоторых блоков курсов и образовательных модулей по самостоятельно разработанному плану и избранные источники.

Во втором случае *маълумоти муттасил (lifelong learning (непрерывное обучение))* – это способ обучения в университете по основной программе бесплатно, без привязки к конкретным условиям обучения, с возможностью получения профессионального образования без степени (бакалавриата) или перевод на основную образовательную программу с получением степени (бакалавра). Вышеупомянутые интерпретации термина *таҳсили муттасил (lifelong learning (непрерывное обучение))* ограничивают сферу его использования в высшем профессиональном образовании.

Такая интерпретация свойственна приблизительно для 35% англоязычных сайтов вузов, включенных в выборку, но она не соответствует таджикской трактовке термина *маълумоти муттасил* (не соответствует семантике таджикского языка). С другой стороны, существует тенденция включать в концепцию непрерывного образования все уровни образования, тем самым подчеркивая потенциал человека к непрерывному обучению. Такой подход свойственен

для интерпретации английского термина *lifelong learning* и часто наблюдается в англоязычном сайтах.

В связи с развитием меняющихся форм образования, помимо трех основных специфических контекстов употребления термина *маълумоти муттасил*, можно выделить и другие частные интерпретации:

- *таълими хонагӣ – home schooling (домашнее обучение).* Домашнее образование - способ приобретения образования, который предполагает изучение общеобразовательных предметов вне школы, т.е. дома или в образовательных центрах.

В некоторых стран учащиеся должны пройти обязательный школьный тест (промежуточную оценку), а также сдать итоговую оценку.

Домашнее обучение – старейшая форма образования, возникшая задолго до появления первых школ. На протяжении веков домашнее обучение было единственным способом приобрести образование. Поначалу эта форма была доступна только богатым семьям, которые имели время на образование своих детей или могли позволить себе нанять учителя. Однако домашнее образование также включает в себя привитие базовых навыков ведения домашнего хозяйства и обучение ремеслам.

- *таълими калонсолон – adult education,* т.е. образование взрослых, в отличие от образования детей, - это практика, при которой взрослые занимаются систематическим и устойчивым самообразованием с целью приобретения новых форм знаний, навыков, установок или ценностей. Это может означать любую форму обучения, которой занимаются взрослые, выходящую за рамки традиционного школьного образования, включая базовую грамотность для самореализации в качестве обучающегося на протяжении всей жизни и для обеспечения самореализации личности.;

- professional development or acquisition of a new professional competence – такмили ихтисос ё ба даст овардани салоҳияти нави касбӣ (профессиональное развитие или приобретение новой профессиональной компетенции);

- corporate training – корпоративное обучение. Корпоративное обучение позволяет сотрудникам получить необходимые знания и навыки для эффективного выполнения своих должностных обязанностей. Оно включает в себя различные обучающие мероприятия, такие как семинары, онлайн-курсы, обучение на рабочем месте и наставничество, направленные на повышение способностей и компетентности сотрудников.;

- *таҳсилоти фосилавӣ – distance education (дистанционное обучение)*. Дистанционное образование, также известное как дистанционное обучение, в которых учащихся не всегда могут физически присутствовать в школе или где ученик и учитель разделены временем и расстоянием. Обычно это включает заочные курсы, на которых студенты переписываются со школой по почте. Дистанционное образование — это технологический стиль, который развился с развитием таких технологий, как видеоконференции, телевидение и интернет.

На сегодняшний день это обычно предполагает онлайн-обучение, а обучение обычно осуществляется посредством той или иной технологии. Программа дистанционного обучения может представлять собой либо дистанционное обучение, либо комбинацию онлайн-обучения и традиционного офлайн-обучения в классе (так называемое гибридное или смешанное обучение). Другими формами являются дистанционное обучение с дополнительной виртуальной средой или обучение в виртуальной среде (электронное обучение).

Приведенные контексты использования термина *таҳсили муттасил (lifelong learning (непрерывное обучение))* подтверждают многогранность и многофункциональность этого понятия.

Далее мы будем рассматривать, те термины, которые непосредственно применяются в отрасли образования. Терминополе «adult education- таълими калонсолон» охватывает совокупность терминов и терминосочетаний, которые внизу подвергается нашему анализу.

Прежде чем приступить к толкованию терминов вышеуказанного терминополе, считаем необходимым интерпретировать самих терминов «adult» и «education» в отдельности.

Термин «калонсол» в таджикском языке по составу является сложным, т.е. состоит из прилагательного «калон» и существительного «сол», однако его эквивалент в английском языке прослеживается в непроизводной форме «adult». Лексическая единица «маориф» по составу – является производным, а его эквивалент используется в производной форме, т.е. образованно от глагола «educate» и существительного образующий суффикс «-tion».

Много чернил было пролито в попытках определить, что подразумевается под словами «adult – калон», «education – маориф» и «adult education - таҳсили калонсолон», но путаница все еще существует. Несмотря на то, что образование взрослых, главным образом в форме непрерывного образования, а в последнее время и образования на протяжении всей жизни,

приобретает все большее значение в глазах общественности, существует значительная неопределенность относительно того, что означают эти термины. Как Кросс, говоря об *таҳсили муттасил (lifelong learning (непрерывное обучение))*, сказала своим читателям в Соединенных Штатах: «Вполне возможно, что обучение на протяжении всей жизни сейчас превосходит материнство, яблочный пирог и флаг как универсальное благо. Почти все выступают за обучение на протяжении всей жизни, несмотря на растущую путаницу в значении этого термина. Но, несмотря на проблемы, стоит настойчиво пытаться понять концепции, лежащие в основе того, что мы хотим делать, - учить взрослых» [8, с. 245].

В попытке преодолеть некоторые проблемы, которые, как считается, присущи выражению «adult education», был введен ряд различных терминов, каждый из которых передает некоторую дополнительную информацию или идею. Важно помнить, что различные используемые термины представляют разные идеологии и что значения и системы ценностей, которые они обозначают, меняются с течением времени:

Следует указать, что значительное количество терминов, относящихся к «adult education» в исследуемых языках применяются в форме термины-словосочетания. К ним относятся следующие терминологические единицы:

Adult high school – мактаби миёнаи калонсолон (средняя школа для взрослых или лицей для взрослых) - это учебное заведение средней школы, предназначенное для обучения взрослых. Оно предназначено для продолжения образования взрослыми, которые не закончили среднюю школу. Некоторые средние школы для взрослых предлагают уход за детьми, специальные интеграционные программы для иммигрантов и беженцев, карьерные и другие программы и услуги, ориентированные на особые потребности взрослых учащихся. Некоторые средние школы для взрослых могут также предлагать программы по общим интересам, такие как компьютерные навыки или другие курсы непрерывного образования.

Recurrent education - таълими такрорӣ(повторное образование). Этот термин охватывает школьное обучение, а также образование взрослых и подчеркивает право отдельных лиц входить в образовательный мир, покидать его и вновь возвращаться в него по своему желанию. В частности, в нем содержится призыв к реформированию системы формального школьного образования с целью удовлетворения потребностей новых групп учащихся. Особую озабоченность проявляют многие из тех, кто выступает за периодическое обучение для учащихся старшего возраста, для которых разработан ряд специальных учебных программ.

Lifelong learning–таҳсилоти бардавом (непрерывное образование). Его эквивалент в французском языке -«education permanente – таҳсилоти мутаасил, пайваста (постоянное образование)» также используются в несколько разных значениях; но оба рассматривают образование как встроенное в процесс жизни, а не как разделенное на ряд специальных занятий в классе и учебных мероприятий.

Continuing education – таҳсилоти давомдор (непрерывное образование). Этот термин изменил свое значение с момента его появления в 1960-х годах. Сначала в нем подчеркивалось единство образования для детей и взрослых - от колыбели до могилы; образование продолжается на протяжении всей жизни. Однако постепенно оно приобрело более ограниченное значение: образование, которое планируется для взрослых, возвращающихся в формальную образовательную систему школ и колледжей, людей, которых в называют «non-traditional students - нетрадиционными студентами» и которые формируют основной интерес к образованию взрослых [7, с. 136]. И даже в более узком смысле этот термин часто используется для обозначения профессионально-ориентированных учебных программ продвинутого уровня для взрослых, которые уже получили хорошее образование. Таким образом, непрерывное образование все чаще рассматривается в более узком, а не в более широком смысле, как учебные программы, контролируемые учебным заведением.

Further education - таҳсилоти иловагӣ (дополнительное образование) - это образование людей, окончивших школу, но не поступивших в университет или колледж. Также это вид образования, который направлен на всестороннее удовлетворение образовательных потребностей человека в интеллектуальном, духовно-нравственном, физическом и (или) профессиональном совершенствовании и не сопровождается повышением уровня образования.

Continuing (further) education – это общий термин для обозначения всех форм образования на послешкольном этапе до получения высшего профессионального образования. К ним относятся курсы, зачет которых начисляется студентам, обучающимся по программам профессионального образования (вплоть до аспирантуры) в заочной и других нетрадиционных формах; профессиональное образование без получения степени (бакалавр); краткосрочное профессиональное обучение работников; общеобразовательные классы и онлайн-курсы, курсы

личностного развития; самостоятельное обучение (через Интернет, хобби, индивидуальная исследовательская деятельность) и т. д.

Термин *continuing (further) education* семантически близок к термиосочетанию *adult education*, но не имеет близкое сходство с ней. Эти две концепции связаны целевой аудиторией, поскольку непрерывное образование в первую очередь ориентировано на учащихся старшего возраста, но непрерывное образование не означает обучение базовым знаниям и навыкам, таким как грамотность, навыки владения английским языком и подготовка к национальным экзаменам. Предполагается, что студенты, обучающиеся в системе непрерывного образования, уже имеют базовое образование и будут его получать.

Continuing professional education – таҳсилотии касбии давомнок (непрерывное профессиональное образование). Непрерывное профессиональное образование расширяет значение вышеуказанного термина и представляет собой любую форму профессионального развития, включая курсы повышения квалификации, стажировки, профессиональную переподготовку в институциональных и неформальных формах. Этот термин максимально приближен к таджикскому термину таҳсилоти касбии иловагӣ (дополнительного профессионального образования) и выражает природу этого термина.

Следовательно, таджикский термин *таҳсилоти муттасил* имеет своей особенности по сравнению с английский термин *lifelong learning*. Понятие *таҳсилоти муттасил* в таджикском языке значительно шире чем английское понятия *lifelong learning* и включает в себя не только потенциальные возможности личностного и профессионального развития на протяжении всей жизни, но и институциональную систему обеспечения преемственности (общей и профессиональной). образование, преемственность уровней и др.), а также всю совокупность контекстуальных значений терминов *continuing education* и *continuing professional education*.

Science education – таҳсилоти илмӣ (научное образование) - это преподавание и изучение естественных наук школьниками, студентами колледжей или взрослыми в рамках широкой общественности. Область научного образования включает в себя работу с научным содержанием, научный процесс (научный метод), некоторые социальные науки и некоторую педагогику преподавания.

Non-formal education – таҳсилоти ғайрирасмӣ (неформальное образование) описывает все виды внешкольного образования для любой группы любого возраста. Это относится не только к формату такого образования, но и к содержанию, которое считается более связанным с жизнью, чем традиционная школьная программа, и к процессам, которые, как утверждается, являются более интерактивными и основанными на участии, чем директивными [6, с. 267].

Одной из причин отсутствия соответствие является поиск определения, которое охватывало бы очень разнообразные образовательные культуры, чтобы можно было сравнить практику образования взрослых во всех странах. Некоторые люди надеются, что можно будет разработать всеобъемлющую концептуальную основу, охватывающую то, что является одним из наиболее связанных с культурой видов деятельности. В результате этой озабоченности международные заявления, определяющие образование взрослых, стали длиннее и все чаще включаются в попытки приспособить их ко всем местам и условиям. Организация экономического сотрудничества и развития, например, выразила свое убеждение в том, что образование для взрослых относится к любому учебному мероприятию или программе, намеренно разработанным предоставляющим агентом для удовлетворения любой потребности в обучении или интереса, которые могут возникнуть на любом этапе его жизни у лица, закончившего школу возраста и чья основная деятельность больше не связана с образованием. Таким образом, его сфера охвата охватывает непрофессиональное, профессионально-техническое, общее, формальное и неформализованное обучение, а также образование с коллективной социальной целью.

Таким образом, все английские таджикские термины, которые были упомянуты выше, образованы посредством синтаксического способа терминообразования, и этот способ считается самым продуктивном в обоих языках.

Литература

1. *Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов /О. С. Ахманова - М.: Советская Энциклопедия, 1968. - 607 с.*
2. *Загоровская О.В. Термин и терминология: монография / О.В. Загоровская, Т.Н.Данькова. – Воронеж: ИПЦ «Научная книга», 2011. – 146 с.*
3. *Загоровская О.В. Термин и терминология: монография / О.В. Загоровская, Т.Н. Воронеж : Научная книга, 2011. - 145 с.*
4. *Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка/ С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М.: Азбуковник,*

2015. – 944 с.
5. *Азимов Э. Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам). / Э. Г. Азимов, А. Н. Щукин: – М., 2009. – 448 с.*
6. *Rogers A. Teaching Adults / Alan Rogers. 3rd ed. Open University Press 2005 – 296 p.*
7. *Daines J. Adult Learning, Adult Teaching / Daines J., Daines C. and Graham B: 3rd edn. Nittingham: Department of Adult Education, University of Nottingham. 1993 - 136 pages.*
8. *Cross K.P. Adult as Learners: Increasing Participation and Facilitating Learning / K.P. Cross: San Francisco 1992 – 300 pages.*

ТОЛКОВАНИЯ ТЕРМИНОВ ОТНОСЯЩИЕСЯ К «ADULT EDUCATION – ТАҲСИЛИ КАЛОНСОЛОН» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается, термин и те термины, которые непосредственно применяются в отрасли образования в английском и таджикском языках. Для анализа автором было выбрано те основные термины, на основе которых образуется совокупность терминологических единиц исследуемой отрасли. Наряду с этим, в процессе исследования были выявлены лексико-семантические, структурно-грамматические и этимологические особенности терминов образование взрослых.

Ключевые слова: термин, образования, научное образование, неформальное образование, непрерывное образование, дополнительное образование, повторное образование, непрерывное образование, средняя школа для взрослых или лицей для взрослых.

ТАФСИРИ ИСТИЛОҲҲОИ МАНСУБ БА «ADULT EDUCATION – ТАҲСИЛИ КАЛОНСОЛОН» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар ин мақола истилоҳ ва истилоҳоте, ки бевосита дар соҳаи маориф ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ истифода мешаванд, баррасӣ мешавад. Барои таҳлил муаллиф он истилоҳоти асосиро интихоб кардааст, ки дар асоси онҳо маҷмуи воҳидҳои истилоҳоти соҳаи таҳқиқшаванда ташаккул меёбад. Дар баробари ин, раванди тадқиқот хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ, сохторӣ-грамматикӣ ва этимологии истилоҳоти таълими калонсолонро ошкор намуд.

Калидвожаҳо: истилоҳ, таҳсилот, таҳсилоти илмӣ, таҳсилоти ғайрирасмӣ, таҳсилоти давомдор, таҳсилоти иловагӣ, аз нав таҳсил кардан, таҳсилоти давомдор, мактаби миёна барои калонсолон ё литсей барои калонсолон.

THE INTERPRETATION OF THE TERMS REFERS TO "ADULT EDUCATION" IN TAJIK AND ENGLISH

This article deals with the term and those terms that are directly used in the field of education in English and Tajik. For the analysis, the author chose those basic terms on the basis of which a set of terminological units of the industry under study is formed. Along with this, the lexical-semantic, structural-grammatical and etymological features of the terms adult education were revealed in the course of the study.

Keywords: term; education; adult high school continuing education recurrent education lifelong learning further education science education non-formal education.

Об авторе
Сангинова Мижгон Бахромовна
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры языкознания и сравнительной типологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mijgon_11@mail.ru

About the author
Sanginova Mizhgon Bahromovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Linguistics and Comparative Typology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mijgon_11@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Сангинова Мижгон Баҳромовна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mijgon_11@mail.ru

ТДУ 82-143.8(470.36)

БОЗЁФТҲОИ ЭҶОДӢ ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Элбоев В., Раҳимов Б. Ғ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аскар Ҳаким ҳамчун шоири пешкисват ва навгӯву навҷӯ дар ашъори худ бозёфтҳои эҷодии зиёд дорад, ки ин масъалаҳо дар мавзуву мазмун ва дарунмояҳои шеъри ӯ ба хубӣ ба назар мерасанд. Аскар Ҳаким ҳарчанд дар мавзуъҳои анъанавӣ, ба мисли ватан, ишқ, вафодорӣ, Тоҷикистон, сулҳу субот ва мавзуъҳои иҷтимоӣ шеърҳои зиёд гуфтааст, вале аз таҳқиқи ин гуна шеърҳо ба хубӣ ба назар мерасад, ки шоир дар ҳалли ин масъалаҳо нигоҳу назари тоза ва биниши шахсӣ дорад.

Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,
Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.
Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,
Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.

Ин сатрҳои равону самимӣ аз шеъри шашгонаи шоир Аскар Ҳаким «Тоҷикистон» аст, ки аввал дар китоби ӯ «Тарозуи офтоб» (Душанбе, «Ирфон», 1987, с. 5) омада, баъд дар «Маҷмуи осор», ҷилди 3, [2, с. 164-178] ҷой гирифтааст. Дар ин чанд мисраъ шоир муҳаббату самимияте, ки ба ватани азизаш дорад, чунин бо як назокати баланди суханварӣ баён доштааст. Шоир «обу хоки худро» «обу хоки поки Тоҷикистон», «Тоҷикистонро ҷону дилу чашм», ки аз узвҳои асосӣ ва таҳрикдиҳандаи ҷисми инсон аст, монанд мекунад ва шоир ба ин ҳақ дорад, ки ватанро чунин тасвиру тавсиф кунад. Дар байти охир «гарди хоки Тоҷикистонро табаррук ҳисобида, болои чашм мегузорад», ки ватандӯстии ӯ воқеист ва ин сатрҳо самимиянд. Шеъри Аскар Ҳаким овози гражданӣ, руҳи публисистӣ ва эҳсоси гарму ҷӯшони лирикӣ дорад. Вақте ки кас баъзе асарҳои ӯро бо усули муқоиса аз назари мутолиа мегузаронад, равшан мегардад, ки шоир аз як шеър то маҷмуаи дигар пеш мераваду рушду камол меёбад ва бозёфтҳои эҷодияшро мушоҳида ва пайдо мекунад. Шоир дар роҳи ифодаи андешаҳои гражданӣ, санъати сухан, воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ташбеҳ, тавсиф, маҷоз, истиора, таззоду муқобила, ташхис ва амсоли инҳоро моҳирона ба кор мебарад, ба бозёфтҳои тозаи шоирона муваффақ мегардад. Шоир Ватанро дар китоби «Тарозуи офтоб» бо образҳои нав ситоиш мекунад. Шеърҳои «Тоҷикистон», «Шохоб», «Номбардори Ватан» ва дигарҳо дар бораи мундариҷаи гражданӣ ва шаклҳои рангоранги таълифоти Аскар Ҳаким шаҳодат медиҳанд. Ӯ ба мавзуи Ватан вусъат мебахшад, умумигӯӣ накарда, фикру мулоҳизаҳояшро ба воситаи манзара ва образҳои конкрет ифода месозад, ваҳдати халалнопазири ёру диёрро васф менамояд, мазмуни башардӯстӣ ва руҳи интернатсионалии шеърро баланд мебардорад. Чунончи, шоир симои як сарбози тоҷикро, ки дар ҳифзи Ватан қаҳрамонона ҳалок шуда, дар қабристони деҳаи кӯчаки рус оромгоҳи худро ёфтааст, «Номбардори Ватан» меномад, мазори хоксоронаи ӯро чун баландиҳои кӯҳсори кишвари хеш ситоиш мекунад:

Бидидам дар бари он пуштасабзе,
Ватанро, номбардори Ватанро.
Ба зери он мазори хоксоре
Баландиҳои куҳсори Ватанро [2, с. 164].

Як хусусияти ҷолиби таваҷҷуҳи шеърҳои Аскар Ҳаким ин аст, ки ӯ аз мавзуъҳои куҳан ҳам паҳлуҳои нав пайдо мекунад. Шоир барои тасвири лавҳаҳои ҳаёт ва баёни матлаб каломи муъҷаз, образҳои таъсирбахш ва воқеӣ ба кор мебарад. Ӯ соли қаҳтиро чунин тасвир мекунад, ки як манзараи томро пеши назар меоварад:

Набориду нарӯиду насабзид,
Замин чун синаи хушкидае буд.
Агар ки дар замин як қатра афтод,
Ҳамон як қатра оби дидае буд [2, с. 164 - 165].

Қисми муҳимми таълифоти шоирро шеърҳои ахлоқӣ фароҳам овардаанд. Ин шеърҳои ӯ хулосаҳои ҳикматомӯзро дарбар гирифтаанд, ки на танҳо бо анъанаҳои панду ахлоқии назми

форс-тоҷик робитаи қавӣ доранд, балки ба масъалаҳои рӯзгори кунунӣ, ба муносибати тарафайни аъзоёни ҷамъияти мо низ бевосита дахолат мекунанд.

Дар китоби «Тарозуи офтоб» достони «Нону Имон» омадааст, ки он соли 1986 навишта шуда ва он аз аввалин асари лиро - эпикии Аскар Ҳаким аст, ки бо порчаҳои лирикӣ зиннат ёфта, ба мавзуи хеле муҳим ва мубрам бахшида шудааст. Достон сюжет ва банду басти анъанавӣ надорад. Вай як асари навоварона мебошад. Достон аз шеърҳое иборат аст, ки ҳар яке мавзуи ҷудогона дорад, вале дар якҷоягӣ як силсилаи муназзаму мукаммалро фароҳам меоваранд. Тамоми воқеа ва сюжетҳои воқеиву ривоятӣ, санадҳои таърихӣ, ки мундариҷаи шеърҳои ҷудогонаро ташкил додаанд, бо мақсади ҳар чи барҷастатар ифода кардани ғояи марказии асар – тарғиби инсофу адолати башарӣ, қадр кардани нону имон, сулҳу осоиш ва хираду бузургии инсон корбаст шудаанд. Ҳамаи ёздаҳ боби онро нону имон ба ҳамдигар васл медиҳад. Нақшу мақоми нон дар рӯзгори бани башар бо ҳикояту ривоят, манзараю лавҳа ва образҳои конкрет муайян мешавад. Достон, ки «Нону Имон» ном гирифтааст, шоир дар он ҳаёти моддӣ ва маънавии инсонро аз ҳамдигар ҷудо тасвир намекунад, балки робитаи диалектикии онҳоро нишон медиҳад:

Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,
Нон ҷу имон будаасту мубтадои одамӣ.
Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,
Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир [1, с. 447].

Дар достон «пайванди даврони навину бостон», яъне дирӯз ва имрӯз хеле равшан ифода ёфтааст. Шоир хоҳ аз гузаштаи таърихӣ, хоҳ аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хоҳ аз ҳаёти кунунӣ сухан ронад, диққату эътибори ӯро масъалаҳои муҳими сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии даврони мо ба худ мекашанд. Бинобар он, тамоми достон на танҳо мазмуни иҷтимоӣ ва андешаҳои фалсафӣ, балки пафоси публисистӣ низ касб кардааст.

Достон чи аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ва чи аз ҳайси шакли бадеӣ якрангу якнавохт нест. Ёздаҳ боби он дар вазнҳои гуногун навишта шудаанд. Воқеаҳо, манзараҳо, лавҳаҳо, тарзи баён вазну зарби он монанди лентаи кино тез-тез тағйир мепазиранд. Масалан, боби якум («Суфраи модар»), ки аз воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфта, то айёми мо мерасад, қофияҳои андармиён дорад. Боби дуюм («Рӯзиофарин»), ки руҷӯи таърихист дар ситоиши марди деҳқон ва заҳмати ӯ, дар васфи меҳнат ва мавқеи он дар рушду камоли инсон суруда шуда, дар шакли маснавӣ (аа,бб...) анҷом пазируфтааст. Дар ин боб низ нақл ҳаст (баҳри гандум аз биҳишти афсонавӣ ронда шудани одам), аммо назар ба ҳикоят ҷанбаи лирикии он пурқувваттар аст. Бузургдошти инсони заҳматкаш дар маркази асар қарор гирифтааст. Шоир дар тасвири он образҳои халқиро ба кор мебарад. Гоҳ ӯро «рӯзиофарин», баъзан «мӯри донакаш», дар мавриде «ҷоннисор» меномад. Заҳмати модарро дар тарбияти фарзандон, урфу одат, анъанаю русуми наҷиби халқро дар шодии тавлиди кӯдак, корномаю қаҳрамонии писарони ватанро дар майдонҳои набарди зиддифашистӣ тасвир мекунад.

Қувваи қалами Аскар Ҳаким ва зуҳуроти тафаккури нави бадеии ӯ дар ҳамин аст, ки шоир дар тасвири воқеа ва баёни андешаҳои худ кӯшиш мекунад, аз ҷузъ ба кулл бирасад ва ба ҷамъбастҳои реалистии умумиинсонӣ муваффақ гардад. Зоҳиран, аз тамошои музеи гандум (дар Улм ном шаҳри давлати Олмон) чӣ тавр ба ин ноил метавон шуд? Шоир дар мисоли намоиши навъҳои гуногуни гандум решапайвандии ақсои замин, вобастаи ҳамдигар будани тақдири таърихии халқҳои ҷаҳон, дар мисоли баҳсу мунозирае, ки дар байни хоини Ватан ва фарзанди ҳақиқии халқи собиқи шӯравӣ рух додааст, масъалаҳои хиёнату ҷиноят ва садоқату саодатро муҳокима мекунад.

Яке аз бобҳои пур аз драматизм ва ҳаяҷонбахши достон, ки навҳаи модарро аз фоҷиаи қаҳрамононаи фарзанд ифода менамояд, «Талбаки талбидаам» ном дорад. Образи Талбак тавассути навҳаи модар кушода мешавад. Дар он лавҳаҳои зиндагонӣ ва корномаи ин «ҷавонмарги ҷавонбахт» инъикос ёфтааст. Модараш зани озода, ҳаёти хушу хуррам ва осудае дошт. Аммо дар пеш драмаи сахт ба вуқӯъ меояд. Талбак, ки ҳамроҳи даравгарон дар бошишгоҳ менишаст, банохост огоҳ мегардад, ки гандумзори колхоз оташ гирифтааст. Талбак зуд ба майдон медавад ва дар набард бо алав «роҳбанди мавҷи оташ мешавад».

Шоир нишон медиҳад, ки Талбак ба ивази ҷони худ нагзошт, ки доираи оташ вусъат ёбад. Вай бо фидокории хеш, ҷонфишонӣ ва мардонагӣ умри абадӣ пайдо кард. Навҳаи модар аз панҷ банди калони манзум ва хотима иборат буда, ҳар банд бо муроҷиати дардолуд ва аламангези ӯ ба фарзанди шаҳид оғоз меёбад:

Талбаки талбидаам, ҷон, Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.

Сӯхтан гарчи дар оташ ҳеч касро ком нест,
Кас тавонад чун ту дар оташ равад, ноком нест.
Эй ҷавонмарги ҷавонбахтам, ҷавон рафтӣ зи ман,
Ман намедонам ту рафтӣ, ё ҷаҳон рафтӣ зи ман [1, с. 434].

Порчаҳои достон зимнан дар асоси санъати тазоду муқобила бунёд ёфтаанд, ки ҳамдигарро пурратар карда, драматизми ҳаёт ва амалиёти қаҳрамонро дарбар мегиранд. Модари зор ва зани ҷавони ҳомиладорро ба назар нагирифта, худро ба коми оташ задани Талбак, дар ивази ҳаёти худ ҷӯрааш, Хушмуродро аз аҷали муаллақ халос кардан, «дар ҳамин даврони серию пурӣ... баҳри гандум... дар оташ сӯхтан» ва ғайра тезию тундии мубориза ва сифатҳои олии инсонии қаҳрамони достонро падид меоранд. Ҳамаи хислатҳои наҷиби Талбак, ҳатто сабабҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маишии корномаи ӯ низ, аз номи модар баён шудаанд. Онҳо ибтидои худро аз педагогикаи халқӣ анъана ва урфу одатҳои тарбиявии мардуми заҳматкаш гирифтаанд:

Худ магар н-омӯхтам аз кӯдакият қадри нон,
Қадри нонро, гуфтам, аз ҳар чиз авлотар бидон.
Гар бубинӣ резаи нон хор шуд дар зери по,
Зуд бардору бибӯсу молаш андар дидаҳо.
Пас варо болои деворе, баландие бимон,
Ё чу ризқи моҳиён андоз дар оби равон
То шавӣ бар халқ ҳамчун нон азизу ёр ту,
То нагардӣ ҳеч гаҳ муҳтоҷу хору зор ту… [1, с. 437].

Албатта, шоир имкону василае ёфта, ҳолатҳои руҳии Талбакро дар вақти муборизааш бо оташ ва назъи ҷон нишон медод, чунонки вазъи равонии Фатҳулло Аҳмадовро дар поёни руҷуи ӯ тасвир кардааст, бурди достон мешуд. Бо вуҷуди ин, боби мазкур муассиртарин фасли асар аст.

Достони «Нону Имон» -ро асосан асари ҳуҷҷатӣ метавон номид. На танҳо як қатор қаҳрамонони он чун Фатҳулло Аҳмадов, Талбак Лолаев, Таня Богданова ғайра ашхоси таърихианд, балки бисёр бобҳои он дар заминаи асноди таърихӣ ва сарчашмаҳои адабӣ таълиф шудаанд. Маводи асосии бобҳои «Дар музеи гандум» ва «Тахтасанги гушнагӣ» аз ахбори «Курери ЮНЕСКО» гирд омадаанд. Боби дигар «Некӣ куну ба дарё андоз» дар заминаи ривояти халқӣ, ки ҷанбаи фолклорӣ дорад ва онро шоирони классики форс - тоҷик низ истифода кардаанд, таълиф шудааст. «Дар ҳисори гушнагӣ» ном боби достон аз ҳаёти фоҷеавор, вале қаҳрамононаи «се миллион зинда ва мурдаи Ленинград, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, гуруснагӣ ва муҳосираи нуҳсадрӯзаро аз сар гузаронидаанд», ҳикоят мекунад. Худи муаллиф дар саҳифаҳои достон сарчашмаҳои онро ҳамеша таъкид менамояд. Аммо аснод ба сари худ мурғи беболу пар аст. Тахайюлоти рангин, андешаҳои фалсафӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии шоир ба ҳуҷҷатҳо ҷон бахшидаанд.

Аз достони «Нону Имон» пайдост, ки фикру андешаҳои Аскар Ҳаким дар бораи олам ва ҳастии одам пухтаю ҷиддӣ ва амиқ гардида, каломи ӯ қувваю қудрат, вазну эътибор ва рангу бӯи тоза касб кардааст:

Ҳамраҳи раҳ ба кӯҳ печидем,
Пушти сар монд дашти бирёне.
Дар бари кӯҳпорае дидем
Тӯдаи сангҳои гирёне.
Сангҳоро ба ашк тар карда
Чашмаи софи синаи кӯҳсор,
Сангҳоро ба гиря оварда,
Чашми чашма гириста аз ғам зор [1, с. 43].

Ин як пора аз шеъри дигари рамзии шоир аст, ки «Сангҳои гирён» унвон дорад ва дар он нигоҳу назари шоир аз дидани сангтӯдаҳое, ки барояш роҳбалад нишон додаву асли воқеаро баён доштааст ва ҳодисаҳои ҷангу ба ҷабҳа сафарбар шудани ҷавонмардон ва барнагаштани онҳоро нишон медиҳад, баён гардидааст. Баёни духтари роҳбалад аз нақлу ривоёти таърихӣ маншаъ мегирад:

Духтари раҳнамои айнакдор
Қиссаи сангҳо ҳикоят кард.
Бори кӯҳе ба дӯши мо шуд бор,
Дарди деринаро ба рӯ овард.
Як замон ҳосидони кӯҳистон,

Тӯдаи барбарии саҳрогард,
Ташнаи молу ҷони кӯҳистон
Ба сари кӯҳсор ҷанг овард.
Хост бо подаҳои худ бичарад
Дар чаманҳою дар гулистонаш,
Дар канор оварад, кaниз барад
Гулбаданҳои норпистонаш [1, с. 43-44].

Давоми баёни воқеа дар шеър масъалаи фатҳ кардани мулки кӯҳистониён аз ҷониби ғосибонро дар бар мегирад, ки мақсади ғосибон баъд аз ҷанг бо онҳо тасхири мулки онҳо ва ба бардагӣ тобеъ кардани кӯҳистониён аст:

Гарчи ин насли регҳои равон
Ҷуз хазидан надошт қисмат беш,
Сари дӯши баланди кӯҳистон
Хост бошад баландтар аз хеш.
Сарбаландӣ туро чу армон аст,
Дар баландӣ таваллудат бояд.
Расми олам ҳамеша ин сон аст,
Хилқати паст паст мезояд [1, с. 44].

Сатрҳои дигари шеър баёнгари якдилона ба мубориза бархостани мардум ва рӯҳи шикастнопазири муборизакунандагон аст, ки шоир бо ибораҳои «мардуми кӯҳистон сарбаланданд», «сарбаландӣ армони онҳост» эшонро ситоиш мекунад ва мазаммати хилқати пастро танқид. Дар сатрҳои поёнӣ шоир бо як назокати баланд якдилона ба мубориза бархостани мардуми кӯҳистонро ситоиш мекунад, ки рӯҳияи баланди ватандӯстона доранд:

Сар ба сар хест ҷумла пиру ҷавон,
Рустаме хест аз буни ҳар санг,
Хест баҳри набард кӯҳистон,
Хест аз кӯҳу рӯҳ ин оҳанг:
Зодаи кӯҳсор ҷанг орад,
Сари душман ба зери санг орад,
Ё сари хеш зери санг ниҳад,
Ӯ магар бори нанг бардорад?! [1, с. 44 - 45].

Шоир дар байтҳои дигар ба мубориза сафарбар шудан, ҷони худро барои ҳимояи ватан қурбон кардан ва дар роҳи бозгашти онҳо чашми чор доштани модаронро нишон додааст, ки аз интизорӣ модарон ба «сангҳои гирён», ки номи рамзии шеър аст, табдил ёфтаанд:

Писарон рафта арсаи пайкор,
Модарон монда пурғаму танҳо,
Санги гирён шуданд зору низор
Субҳ то шом аз гиристанҳо.

Дар чаҳор банди охири шеър шоир аз забони духтари роҳбалад мегӯяд, ки ҳар маротиба, ки қиссаи ин сангҳои гирёнро барои тамошобинон баён мекунад, онҳоро гиря фаро мегирад, ки нафаре аз миёни онҳо низ фарзанди худро аз даст додаву ҳанӯз интизори фарзандаш аст ва рӯзе низ ин модарон ба «сангҳои гирён» табдил меёбанд:

Гуфт духтар: «Ба ҳар кӣ мегӯям,
Дилам аз дарди қисса мегирад».
Нигарам ногаҳон ба паҳлӯям,
Як зани солхӯрда мегиряд.
Мечакад қатраҳои хуни ҷигар
Аз рухи пири заъфарониш.
Мекашад нолаҳои дардовар
Аз ғами талхи зиндагониш.
Рӯзи майдон азиз фарзандаш
Рафтаву барнагашта то ба ҳанӯз,
Ӯ ҳам андар раҳи ҷигарбандаш
Санги гирён зи ғам шавад як рӯз.
Тӯдаи сангҳои барҷое
Ғарқаи ашкҳои сӯзонанд.
Сангҳо модарони раҳпое,
Сангҳо модарони гирёнанд [1, с. 45-46].

Бардошт аз ин шеъри рамзии «Санги гирён» ин аст, ки Аскар Ҳаким ҳачун як шоири нуктасанҷ аз дидани чунин як манзара ва нақли роҳбалад чунин ҳосили маънавӣ ва бозёфти адабиро пайдо кардааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик Аскар Ҳаким аз зумраи суханварон ва суханшиносонест, ки ибтидои солҳои ҳафтодум бо нигоҳи тоза, назари дигар, бо қалами навсозу навпардоз ба арсаи адабиёт ворид гардид. Мусаллам аст, ки охирҳои солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта адабиёт ба марҳилаҳои нави адабӣ ворид шуд ва ба қавле «адабиёти андеша», ки зимнан маънипардозиву мазмунофариро таҷассум мекард, рӯи кор омад. Аскар Ҳаким низ ба ин таҳаввулоти бесобиқаи адабиёт бо кӯлвори донишу малака, андешаву афкори бедор ворид шуд ва аз ибтидо ҳамчун суханвари беназир ва беҳамто худро муаррифӣ кард. Дар муқоиса бо ҳамсафону ҳаммаслаконаш Аскар Ҳаким худро аз эҷоди шеърҳои ошиқона барканор гирифт ва бештар дар иншои ашъори иҷтимоӣ, ки ҷавҳари онро хираду маънӣ ташкил мекард, рӯй овард. Аскар Ҳаким он ҷодаеро, ки дар оғоз интихоб намуд, то имрӯз идома мебахшад ва шеъри ӯ ифодагари бузургӣ, беназирӣ ва баландпоягии шеъри тоҷикро ифода менамояд.

Аскар Ҳаким дар яке аз шеърҳояш бо номи «Асри бист» матлабҳои зиёди иҷтимоиро баён доштааст, ки мунозираи шоирро бо асри ХХ баён мекунад, ки ӯ ин давраи таърихиро ҳам ситоиш мекунад ва ҳам накӯҳиш:

Асри бист, эй асри пуртӯфони ман,
Бигзарӣ тунд аз фарози муштарӣ.
Ваҳ, мабодо дар шитоби хештан
Аз сари дунёву олам бигзарӣ [3, с. 132].

Дар ин шеър шоир асри бистро дар чанд сифат ёд мекунад ва онро тавзеҳ медиҳад. Агар дар порчаи шеърии боло асри бистро асри пуртӯфон гуфта бошад, дар давоми шеър ин аҳдро ба ифодаҳои «хоксори пурғурур», «арсагоҳи хайру шарр», «асри пуршӯру ҷадал», «асри инсонро ба дӯш» ва «асри инқилобии ҷавон» ёд мекунад.

Муаллиф бо муроҷиат кардан ба асри бист мавқеи иҷтимоии хешро нисбати замон ифода кардааст. Шоир аз оғози ҷанги ҷаҳон хабар дораду аз инсоне ёд мекунад, ки дарди башарро дар дӯш дорад:

Асри бист,
Эй арсагоҳи хайру шар,
Нагзарӣ бе бор аз роҳи замон.
Гар бигунҷад дар диле дарди башар.
Дарди як одам нагунҷад дар ҷаҳон [3, с. 133].

Шоир ба масъалаи Ватан ва ватандорӣ назари хос дорад. Аз назари шоир Ватан монанди модарест, ки дар канораш фарзандонашро парвариш медиҳаду муҳаббаташ ба ҳамаи онҳо яксон аст. Чунонки шоир дар шеъри «Мероси аҷдод» мегӯяд:

Парварад фарзандҳои некномашро Ватан,
Ҳамчу модар бо умеди давлати пояндааш.
Меҳри гарми модарияш мерасад то ҳафт пушт,
Бар ҳама фарзандҳои рафтаву ояндааш [3, с. 133-134].

Ва дар ҳамин шеър шоир худро фарзанди ин Ватан мехонад ва ба арсаи сухан қадам монданашро тавзеҳ медиҳад, ки он низ заминаи иҷтимоӣ дорад:

Солҳо чун ганҷҳои аз назар пинҳони ту,
Дар дили ман буд пинҳон ашьору сухан.
Мекушоям баҳри ту имрӯз ман,
То туро аз ман шиносанду маро аз ту Ватан [3, с. 134].

Ё дар шеъри «Хоки Ватан» Аскар Ҳаким қадру манзалати Ватанро баланд мебардорад ва оне, ки бо ёди Ватан зиндагӣ дорад, ҳарчанд дар Ватан нест, ӯро ба Ватан мехонад. Ё дар идомаи андешааш баён медорад, ки барои инсон марги волидайн ё мурдани фарзанд кори осон ё бори сабук нест, вале доғи Ватан аз ин доғҳову дардҳо гаронтар аст:

Гарчи мерос аст марги меҳрубон,
Теғи алмос аст моро мурдани ҷон,
Ҳасрату доғи Ватан аз ин ҳам бошад гарон,
Кас набинад дарду доғу рӯзи ношоди Ватан [3, с. 134].

Шоир дар фароварди ин шеър чаҳор унсури ҳастии инсонро аз Ватан медонад:

Хоки одамро, ки шӯридаанд Ватан,
То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки Ватан,
Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш хоки ин Ватан

Баски ҳаст ӯ з-обу хоку оташу боди Ватан [3, с. 134].

«Шеъри Ватан», ки ба ёди устод Турсунзода эҷод шудааст, низ аз муҳаббат ба Ватан сарчашма мегирад ва бо муҳаббати беандоза ба шоир поён меёбад:

Шод мебош, эй Ҳисори шодмон, дар рӯзгор
Бо ғазалҳои равону чашмаҳои кӯҳсор.
Накҳати ашъори Турсунзода дорад шеъри мо,
Сарзамини Тоҷикистон мекунад бӯйи Ҳисор [3, с. 264].

Дар шеъри «Тирачашме бо чароғ» ҳадафи шоир бозгӯи маризии ҷомеа аст, ки зоҳирбину аз ботин бехабар, ё ба дигар маънӣ, инсони имрӯз маҷзуби олами зоҳир, зебоиву рангорангиҳои шигифтангез аз маърифати аслии хеш бехабар аст:

Тирачашме шабона раҳ мебурд,
Дошт фонуси равшане дар даст.
«Ту, ки зулмат зи нур нашносӣ,
Аз чароғи раҳат чӣ суде ҳаст?»
«Ин чароғам барои кӯрон нест,
Кӯрҳо бечароғ раҳ бубаранд,
Ин чароғам барои биноҳост,
Ки дар ин шаб ба кӯр барнахӯранд».
Асри ман, асри нуру оташхез,
Шабу рӯзат агарчи нурафзост,
Чашми равшаншинос боист,
Дили равшаншинос кампайдост [3, с. 238].

Дар ағлаби ашъори Аскар Ҳаким фалсафаи зиндагӣ мақоми меҳварӣ дорад. Шоир ба шеър перояи фалсафӣ мепӯшонад ё худ дар фалсафа ҳикмати деринаи зиндагиро дар қолаби шеър баён мекунад. Чунончи, дар шеъри «Аз тазоди зиндагӣ» ин ҳолат равшан эҳсос мешавад:

Аз тазоди зиндагию одамӣ ҳайрон машав,
К-одамӣ як рӯй дорад, зиндагӣ якрӯ бувад.
Одами якрӯяро сахт аст гаҳ якрӯягӣ,
Зиндагӣ садрӯя асту довари некӯ бувад [3, с. 344].

Тору пуди шеъри Аскар Ҳаким ҳикмат аст ва ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи шеъри ӯ аз суханварони дигар мебошад. Шеъри шоир инсонро ба некиву некӯкорӣ ҳидоят менамояд. Шоир рисолати инсониро дар зиндагӣ муайян мекунад. Ӯ мегӯяд, ки одам барои худаш зиндагӣ намекунад. Аскар Ҳаким зимни ашъораш ба инсоне, ки бояд рисолаташ некӣ кардан бошад, ҳарфи ибрат мегӯяд. Чунончи дар китоби «Раҳнавард» шеъре ҳаст бо номи «Тутзори Азим», ки як нафар бо номи Азим-девона аз худ боғеро ба ояндагон боқӣ гузоштааст. Сухан дар бораи як нафаре меравад, ки дар зиндагӣ ӯро девона мегуфтанд ва зоҳиран дар зиндагӣ ба касе нафъе нарасонида буд:

Дар ин деҳогару танҳову бекас
Ҷавонмарде, Азими бенаво буд.
Зи бас савдои дунёе набудаш,
Ба чашми халқ савдоинамо буд [3, с. 311].

Вале ин девона бо вуҷуди ғарибӣ аз худ боғеро боқӣ мондааст, ки барои ояндагон ҳадяи арзандаест:

Ба ҷӯйи ҷони ӯ намро
Ғариби бенавое буду рухзард,
Ниҳоли тутро парварда дар санг,
Дарахти ҷони худро сабз мекард.
Хумори ишқу савдо мегирифташ,
Ниҳоли сабзро оғӯш мекард.
Даме аз ларзаҳои шохаву барг,
Тапиданҳои дилро гӯш мекард.
Муқимӣ буд ё омад, чӣ фарқест,
Магар аз гӯшт нохун метавон канд.
Ба умре кард худро андар ин хок
Ба мисли тутҳояш решапайванд [3, с. 311].

Шоир ниҳоят шеърҳояшро зебо ҷамъбаст мекунад ва он ишора ба инсони ҳушёрест, ки бо вуҷуди соҳибақл будан кори як девонаро адо накардааст:

Ба он бегона ҳасрат мебарам ман,

Зиҳӣ ин сон ғарибӣ, эй Ватандор!
«Вафо аз одами девона хезад»,
Зиҳӣ девонагӣ, эй марди ҳушёр! [3, с. 312].

Ҳамин ҳикмат, ҳамин панд ба тариқи дигар дар шеъри «Уқоб» баён шудааст. Шоир аз забони уқоб сухан мекунад вале хонанда ба осонӣ пай мебарад, ки ӯ ҳарфи дилашро баён мекунад:

Мекушоям болҳои хешро,
Давр дар чархи мудаввар мезанам.
Чун манам аз доначинӣ
Дар фарози осмон пар мезанам.
То замоне зиндаам, чархи кабуд
Мефазояд ҷони болафшони ман.
Гарчи рӯзе мехӯрад бар кӯҳ
Осмон дар шишаи чашмони ман [3, с. 356].

Ба як маънӣ, шеъри Аскар Ҳаким аксаран дар пояи андеша ва хирад созмон ёфта, хонандаро ба тафаккур водор мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти шеъри шоир рисолати аслии ӯро дар адабиёти муосир муайян ва муқаррар кардааст. Муҳимтар аз ҳама, завқи баланди суханшиносиву сухандонии Аскар Ҳаким ба ӯ имкон додааст, ки дар ҷодаи адабиёт роҳи худашро дарёбад ва ин дарёфти роҳ ба шоир осон даст надодааст.

Адабиёт

1. *Ҳаким, А. Маҷмуи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди 2 [Матн] /А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 492 с.*
2. *Ҳаким, А. Маҷмуи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди 3 [Матн] /А. Ҳаким. –Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.*
3. *Ҳаким, А. Маҷмуи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ҷилди 5 [Матн] /А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 620 с.*
4. *Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ [Матн] /Х. Шарифов. –Душанбе: Ирфон, 2004. – 148 с.*
5. *Шафеъии К. М. Мусиқии шеър [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1358 ҳ. – 438 с.*
6. *Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] /А. Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.*
7. *Шеърдӯст, А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон [Матн] / А. Шеърдӯст. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1390 ҳ. – 577 с.*
8. *Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадеӣ [Матн] /М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 368 с.*
9. *Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе:Ирфон, 1985. – 368 с.*
10. *Шукӯҳӣ, А. Нақд ва номаҳо. Таҳияи А.Набавӣ ва Л.Шарифзода [Матн] А. Шукӯҳӣ. – Душанбе:Аршам, 2023. – 200 с.*

БОЗЁФТҲОИ ЭҶОДӢ ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Аскар Ҳаким ҳамчун шоири пешкисват ва навгӯву навҷӯ дар ашъори худ бозёфтҳои эҷодии зиёд дорад, ки ин масъалаҳо дар мавзуву мазмун ва дарунмояҳои шеъри ӯ ба хубӣ ба назар мерасанд. Аскар Ҳаким ҳарчанд дар мавзуъҳои анъанавӣ, ба мисли ватан, ишқ, вафодорӣ, Тоҷикистон, сулҳу субот ва мавзуъҳои иҷтимоӣ шеърҳои зиёд гуфтааст, вале аз таҳқиқи ин гуна шеърҳо ба хубӣ ба назар мерасад, ки шоир дар ҳалли ин масъалаҳо нигоҳу назари тоза ва биниши шахсӣ дорад. Завқи баланди суханшиносиву сухандонии Аскар Ҳаким ба ӯ имкон додааст, ки дар ҷодаи адабиёт роҳи худашро дарёбад ва ин дарёфти роҳ ба шоир осон даст надодааст.

Калидвожаҳо: Аскар Ҳаким, бозёфт, шоир, шеър, шеъри нав, навгӯ, мавзуъ, ишқ, ватан, Тоҷикистон, анъана, навоварӣ, нигоҳ, адабиёт.

ТВОРЧЕСКИЕ ИСКАНИЯ В ПОЭЗИИ АСКАРА ХАКИМА

Аскар Хаким несомненно является поэтом новатором и весма успешным, что решение этих проблем ярко встречается в его поэзии. Хотя Аскар Хаким написал много стихов на тему родина, любви, преданность, Таджикистан, мира и добра, и социальные мотивы, но в его стихах мы встречаем его прекрасные взгляды и личние новаторства. И всегда сопутствовала яркого красноречивого литератора Аскара Хакима его опыт и самопознание, где он нашёл свой нелегкий творческий путь.

Ключевые слова: Аскар Хаким, искания, поэт, поэзия, новый стих, новатор, тема, любовь, родина, Таджикистан, традиция, взглядь, литература.

CREATIVE SEARCHES IN ASKAR HAKIM'S POETRY

Askar Hakim is undoubtedly an innovative and highly successful poet, and the solutions to these problems are vividly reflected in his poetry. Although Askar Hakim wrote many poems on the themes of homeland, love, devotion, Tajikistan, peace and goodness, and social motives, in his poems we meet his beautiful views and personal innovations. And the bright eloquent writer Askar Hakim was always accompanied by his experience and self-knowledge, where he found his difficult creative path.

Keywords: Askar Hakim, quests, poet, poetry, new verse, innovator, theme, love, homeland, Tajikistan, tradition, view, literature.

Дар бораи муаллифон

Элбоев Вафо
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 987 60 01 43
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Раҳимов Баҳодур Ғиёсович
Унвончӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 988 33 13 65

Об авторах

Элбоев Вафо
Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 987 60 01 43
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Рахимов Баходур Гиёсович
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 988 33 13 65

About the authors

Elboev Vafo
Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of the Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 987 60 01 43
E-mail: vafo_1965@mail.ru

Rakhimov Bakhodur Giyosovich
Applicant for the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 988 33 13 65

УДК 801.511.1

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ШЕВАҲОИ ТАКМИЛИ ЗАБОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ САДАИ БИСТ

Нуров Н.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Устод Садриддин Айнӣ дар таърихи навини миллати тоҷик на танҳо бо таълифи осори бадеӣ, китобҳои арзишманди пажӯҳишӣ, инчунин тавассути зуҳури корномаҳои шоёну муассир дар таҳкими худшиносии миллӣ, исботи ҳастӣ ва сарнавишти таърихии миллати тоҷик, эҳёи асолати забони миллии тоҷикӣ ва амсоли ин нақши мондагоре гузошта, ки маҷмуи ин ибтикорот ба ҳукми омили таъсиргузор ҷиҳати эътирофи хидматҳои бесобиқаи ӯ ва тақдир бар мақоми Қаҳрамони Тоҷикистон аз сӯи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардид. Мо ҳамагон огаҳӣ дорем, ки бо зуҳури ҷараёнҳои мухталифи сиёсиву фикрӣ дар поёни қарни нуздаҳум ва ибтидои асри бистум дар қаламрави Осиёи Марказӣ масъалаҳои ҳастии таърихии миллат ва халқи тоҷик зери суол бурда шуда, муддаиёне дар ниқоби ҳар гуна ҳаракатҳои ба номи фикрӣ назария ва афкори номатлубу носанҷидаи таърихиро нисбат ба сарнавишти миллати тоҷик ва забони тоҷикӣ изҳор намуданд. Дар чунин вазъи ҳассос ва ногувори маънавӣ устод Садриддин Айнӣ дар сафи пеши муборизони роҳи шинохти андеша ва ҳастии миллии тоҷикон қарор гирифта, аз ҳар шеваву василаҳои мухталиф барои исботи ҳақиқати таърихӣ талош намуд. Дар навбати аввал бо таълифи китоби арзишманди «Намунаи адабиёти тоҷик» ба ҷаҳониён нидо дардоданд, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ тоҷикон ягона миллате ба шумор мераванд, ки дорои таърихи куҳан буда, вуҷуди чунин адабиёти ғаноманд ва бузург бо парвариши суханварони адибони фаровоне, ки дар саргаҳи онон устод Рӯдакӣ – падари шеъри форсӣ қарор дорад, дар домони хеш сарнавишти таърихии миллати тоҷиконро ба даврони хеле қадим пайванд мезананд.Ба ибораи Пешвои миллат “Садриддин Айнӣ мавҷудияти халқи тоҷикро ҳамчун миллати қадимаи Осиёи Марказӣ исбот намуда, ҳаққу ҳуқуқҳои қонунии ин миллатро барои ташкили давлатдории милии худ ба миён гузошт.” Дар канори ин, устод Айнӣ ба сарнавишти таърихии худи вожаи тоҷик, ки атрофи он низ мабоҳисе зидду нақиз дар он айём ҷараён дошт, таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намуда, тавассути далелу арқом ва асноди муҳкам собит намуданд, ки тоҷикон меросбарони тамаддуни бузурги ориёӣ ҳастанд ва худи ин вожа муродифи ориёӣ, миллате аз нажоди тоҷдорон ва амсоли ин ба кор меравад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ишорат бар ин хидмати бузурги ин устоди беназир таъкид намуданд, ки “Устод Айнӣ фармуданд, ки калимаи “тоҷик” ба сифати номи як халқи форсизабон, сараввал нисбат ба мардуми форсизабони Осиёи Марказӣ ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳама форсизабонони рӯи дунё ба кор бурда шудааст.

Маъмулан калимаи “тоҷик” ҳамрадиф ва ҳаммаънои ориёӣ, яъне наҷибзодагон будааст. Ба забони имрӯзаи тоҷикӣ калимаи “тоҷик” мардуми тоҷдор, олимартаба, озодманиш аст. ва номи имрӯзаи тоҷик ба ҷои номи этникии эрониёни кунунӣ ба ивази ориёӣ омадааст” [10, с. 298].

Нуктаи дигаре, ки ба ҳамин корномаҳои таърихии устод Айнӣ дар муносибат ба сарнавишти миллати тоҷик ва забони адабиёти тоҷик пайванд мегирад, хадамоти бесобиқаи ӯ дар ташаккули забони миллӣ ва таъмини ғанои луғавии он аз тариқи ғанобахши таркиби забони асарҳои бадеии хеш маҳсуб меёбад. Дар ҳамин марҳилаи пуртазоду пуртуғёни сиёсиву маънавӣ масъалаи исботи ҳастии таърихии миллат тавассути эҳёи асолати забони миллӣ яке аз омилҳои муассир ва пешбаранда маҳсуб меёбад, зеро дар канори инкори ҳастии миллати тоҷик муддаиёни шомили ин ҷараёнҳо адами забони адабии тоҷикиро низ талқин менамуданд. Дар ишорат бар ҳамин матлаб худи Садриддин Айнӣ чунин навиштаанд: “Вақте ки ман “Намунаи адабиёт” (манзур ҳамон “Намунаи адабиёти тоҷик” аст) -ро навишта баровардам ҳамаи шарқшиносон ба ман муқобил баромаданд ва онҳо забони адабӣ доштани халқи тоҷикро инкор карданд. Аз хатои шарқшиносон пантуркистон истифода бурда, будани тоҷиконро дар Осиёи Марказӣ инкор карданд....” [13, с. 88]. Ҳатто ба таъкиди устод Айнӣ ҳамин даъвои ховаршиносони он рӯзгор боис шуд, ки онҳо забони адабии мавҷудаи тоҷикиро, ки тавассути он суханварони гузаштаи мо эҷод кардаанд, аз они Эрон ба ҳисоб ованд.

Дар он рӯзгори пуртуғёни таърихӣ дар муносибат ба забони миллӣ устод Айнӣ ду нуктаи аслиро пеш гузоранд, ки муҷиби эҷоди баҳсу баррасиҳои мухталиф гардид:

а) Масъалаи исботи соҳиби забони адабӣ будани тоҷик ва баҳси зарурати соддагардонии забони адабиёти бадеӣ.

б) Таваҷҷуҳ ба забони зиндаи халқ, яъне лаҳҷаҳо ва эҳёи асолати забони тоҷикӣ тавассути ба забони адабиёт ворид намудани аносири он. Дар ин маврид истилоҳи "забони адабиёт" ифодагари ҳамон маънии забони осори бадеӣ ба шумор меравад, ки шуруъ аз қарни шонздаҳум то ба поёни асри нуздаҳ ба як навъ мураккабшавӣ рӯ оварда, дар ин навъ таълифоти адабиву бадеӣ, махсусан асарҳои мансур ҷойгоҳи забони аслии тоҷикӣ бар асоси нуфузи вожаву таркиботи арабӣ маҳдуд гардид.

Дар амри таҳқиқи ҳақиқати таърихии вуҷуди забони адабиёти тоҷикӣ аз рӯзгори устод Рӯдакӣ то ибтидои асри ХХ ин шахсияти беназири миллати тоҷик воқеан фидокориҳое нишон дода, бар пояи далелҳои муътамади таърихӣ собит сохт, ки барҳақ тоҷикон дар баробари таърихи куҳан, соҳиби забони адабие ҳастанд, ки он дар осори барҷастаи адабиёти беназир ва куҳани мо таҷассум ёфтааст. Масъалаи соддагардонии забон, ки он рӯзгор устод Айнӣ ба миён гузоштанд, на ба мазмуни дар сатҳи авом қарор додани забон ва авлавияти ҷанбаҳои гуфугӯӣ дар таълифоти адабӣ ба кор мерафт, балки ҳамоно моҳияти бар пояи асолати худ расонидани забони адабии тоҷикиро ифода мекард. Мо, аз мутолеаи осори насрии адабиёти асри нуздаҳ ва ибтидои асри бистум ба мушоҳида мегирем,ки нуфузи вожагони арабӣ ва шеваҳои баёни муғлақ ба ҳадде афзун гардида, ки барои дарки маънӣ ва матлаби он хонанда ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешавад. Афзудани вожагони бегона дар сабки нигориш хоҳ нохоҳ барои дурафтодагии забони тоҷикӣ аз асолати хеш ва шеваи хоси баёноти хаттӣ дар забони осори бадеӣ боис мешавад. Ҳатто агар ба шарҳҳое, ки Аҳмади Дониш ба абёти Бедил дар китоби худ "Наводир ул вақоеъ" навиштааст, ручӯъ шавад, барҳақ мушоҳида мегардад, ки барои маърифати асли матолиби ӯ нигоштани боз як шарҳи дигар зарур аст. Масалан, барои шинохти ҳақиқати чунин шеваи баён ба сабки нигориши бахше аз шарҳ як байти Бедил аз сӯи Аҳмади Дониш дар "Наводир ул вақоеъ" ручӯъ мешавад:

Ба пастӣ то намонад шавқ ҷаҳде кун, ки хун гардӣ,
Чу об оинадори ранг гардад, пар бурун орад.

Мурод аз пастӣ ҳолест, ки тарафи нуқсу камоли он мусофӣ бошад. Шавқ киноя аз ҳаракату талаби камол аст, хун гаштан- мустаид шудан аст барои иртиқои мадориҷи камол. Чунончи ағзия дар вақте ки аз замин мерӯяд, чизест, ки орист аз сифати нуқсу камол, балки ҷиҳати нуқс ғолибтар аст, ки аз аклаш зарар мутаваққеъ бошад, ба шавқу талаби нумув қобилияти ғизоӣ ҳосил мекунад ва ба илтизоми ҳаҷми қаср хун мегардад. Ва чун хун гашт, салоҳиятион пайдо мекунад, ки дар аъзову ҷивориҳи ғозӣ сорию ҷорӣ шуда, боиси нашъунамои қувои зоҳирию ботинӣ гардад, ки маърифати ҳақоиқи ашё вобаста ба он аст [8, с. 264 - 265].

Ба ин хотир, таваҷҷуҳи устод Айнӣ ба масъалаи соддагардонии забони адабиёти бадеӣ дар ин марҳила пеш аз ҳама то андозае тоза намудани таркиби луғавии забон ва бозгардонидани он ба ҳамон асолати равониву ҷаззобияте, ки хоса дар асри сомонӣ дар сурудаҳои устод Рӯдакиву Фирдавсӣ ва дигар ҳамасрони онҳо мушоҳида мекунем, маҳсуб меёбад. Ба таъбири дигар, ҳадафи устод Айнӣ аз иқдоми соддакунӣ бозгашт ба ҳамон назокат ва узубате, ки тӯли ҳазорсолаҳо хоси забони адабиёти тоҷикӣ буда, намунаҳои он дар каломи Устод Рӯдакӣ,Фирдавсӣ, Мавлавӣ ва ҳатто Абулмаъонӣ Бедил ба мушоҳида мерасад, маҳсуб меёбад, ки воқеан дар он айём ин зарурати таърихӣ ба хотири эҳёи асолати забони тоҷикӣ пеш омада буд. Муҳимияти ин мақсади хешро устод Айнӣ дар номаи хеш ба нависанда Пӯлод Толис бо овардани чанд далели муҳим чунин тавзеҳ додааст, ки гумон мекунем, зикри истифодаи бамаврид ва сарчашмаи кашфи он аз ҷониби нависанда, гарчӣ бо тафсил нақл шудаангд, ба хотири тавзеҳи матлаби мавриди мо аз аҳамияти холӣ нахоҳад буд: "Дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо, онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд. Чунончи «гусел» дар Ленинобод дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷои ин калима «узод»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст. Боре дар Душанбе ба ман воқиае рӯй дода буд, ки ҳеч гумон намекардам: ман дар боғи (дачаи) ҳукуматӣ манзил карда будам. Рӯзҳои тирамоҳ буд. Як пагоҳонӣ барои ҳавогирӣ аз хона баромадам. Дар майдони пеши дарвозаи дача як тоҷики ҳамонҷоӣ хазонрӯбӣ мекард. Дар рӯбарӯи дача як бинои нав сохта шуда буд. Ман дидам, ки болои боми он бино пурбарф аст, аммо дар дигар ҷойҳо осори барф набуда, ҳаво ҳам он қадар сардӣ надошт. Ман аз тоҷики хазонрӯб пурсидам:

— Магар имшаб барф боридааст?

— Не, наборидааст — ҷавоб дод ӯ.

Ман сафедии бомро ба ӯ нишон дода, боз пурсидам:

— Пас, ба рӯи бом он чизи барфмонанд чист?

— Намак аст! — гуфт ӯ дар ҷавоб.

— Чаро ба рӯи бом намак пошидаанд? — ман тааҷҷубкунон пурсидам, чунки то он вақт ба рӯи бом намак пошиданро надида будам.

— Бар боми нав то намак напошӣ, напояд, — гуфт ӯ дар ҷавоб.

Ман таъбири классиконаи он тоҷики бесаводро дида дар ҳайрат афтодам, таъбири ӯ таъбири Саъдиро, ки дар «Гулистон» мегӯяд: «Он ки напояд, дилбастагиро нашояд», ба ёдам овард. Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаи «пойдор», «нопойдор»-ро кор фармоям ҳам, аз тарси он ки омма намефаҳмад, «напояд»-ро кор намефармудам. Аммо он рӯз дидам, ки ин калима дар забони зинда будааст ва ҳақ дорад, ки дар умумӣ кардани ӯ кӯшида шавад.

Дар охирҳои соли 1940 ман дар Сталинобод дар гостинисаи кӯҳна манзил доштам. Рӯзи бозор буд, хостам бозор рафта ангур харам. Дар бозори колхозӣ ангурфурӯшони харангонӣ қатор рост истода, ангурҳояшонро ба рӯи пештахта ниҳода мефурӯхтанд.

Азбаски дар пеши ангурфурӯшон харидор бисёр буд, ба ман як муддат нигарон шуда мондан рост омад. Дар ҳамин вақт духтарчаи тахминан ҳаштсолаи ангурфурӯш бо писарчаи як ангурфурӯши дигар ҷанҷол карданд. Падари духтарча тарозуро аз дасти худ ба рӯи пештахта сахт партофта, ба духтари худ гуфт:

— Арбада накун!

Ман то он вақт ба гумони ин ки калимаи «арбада» (ба маънии ҷанҷол ва хархаша) калимаи мурда аст, кор намефармудам. Он рӯз дидам, ки он калима дар дараи Харангон дар байни тоҷикони бесавод ҳанӯз зинда будааст.

Панҷоҳ сол пеш аз ин ман дар хонаи Садри Зиёи бухоронӣ, ки хӯҷаини собиқи ман буд, меҳмон будам. Ӯ як ошпази бесаводи кӯкнории ғиждувонӣ дошт. Дар вақти ошхӯрӣ ду-се меҳмони ногуфт (нохонда) омада монданд. Зиё ба ман, ки хурдсолтарини меҳмонон будам, ишорат кард, ки ба ошпаз бигӯям, як табақ оши дигар кашида диҳад.

Ман пеши ошпаз рафтам, ӯ кафгир ба даст дар пеши дег ба девор такя карда нишаста буд, аз авзоъаш маълум мешуд, ки худаш ош нахӯрдааст. Ман фармоиши Зиёро ба ӯ расондам. Ӯ кафгирро ба рӯи деги холӣ сахт зада гуфт:

— Чизе ки буд, кашида додам. Охир, ман ошофарин нестам, ки оши дигар ёфта диҳам.

Ман то он вақт калимаи «офарин» (ба маънои халқкунанда)-ро махсуси таъбироти динӣ, монанди «офаридагор» ва махсуси Фирдавсӣ ва Саъдӣ барин классикон (монанди ҷаҳонофарин ва маъниофарин) медонистам. Он рӯз дидам, ки ин калима ба маънои халқкунанда дар забони бесаводони Ғиждувони худам зинда будааст ва ман бехабар мондаам.

Хулоса дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо нависандагон ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта, ба омма тӯҳфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъзе луғатҳои хона ё маҳаллаи худ бикӯшем!» [14, с. 114-115].

Худ устод Айнӣ ҷиҳати ба амал пайванди ин мақсади хеш ба навиштани намунаҳои барҷастаи насри муосир пардохта, дар онҳо аз ин фарҳанги ғании забони мардум фаровон истифода намуданд, ки ҳамон шевоӣ ва ҷаззобияти сабкӣ ва нуфузи ин таъбиру вожагонро мо дар осори мансури ӯ, хоса “Ёддоштҳо” ба мушоҳида мегирем. Воқеан, таҳқиқ дар забони ин асари гаронмояи устод Айнӣ ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки устод бар асоси таваҷҷуҳ ба асолати забони тоҷикӣ хеле аз вожагони нобу нодири классикиро, ки воқеан ба таъбири худи эшон “ба баҳони архаистӣ ё куҳна будан” аз муомилот боз берун монда буданд, дубора ба забони насри худ ворид намуда, ҷаззобияти сабкии осори хеш ва ғановати забонии онро таъмин сохтаанд. Барои намуна имкон дорад, ки ин ҷо ба зуҳури ин иқдоми устод Айнӣ дар ин асар ручӯъ намоем. Масалан, дар фарҳанги мардуми водии Зарафшон вожаи “майса” ба маънии сабзаи навдамидаи гандум ва ҷав маъруф аст. Устод Айнӣ ҳамин шакли онро дар китоби “Ёддоштҳо” истифода кардаанд. “Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда пажмурда шуда буданд [1, с. 22]. Ин ҷо ба назар мерасад, ки устод Айнӣ ҳам вожаи майса ва ҳам сабзаро баробар истифода кардааст, чун тавре таъкид гашт, “майса” асосан дар нисбати гандум ва ҷави навдамида истифода мешавад. Ҳамин калима дар китоби “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и хеш низ чунин шаҳр дода ва ҳатто аз ашъори шоирони пешин мисоле ҳам овардааст:

Майса- гандум ё ҷави аз замин навбаромада. Музтариби Бухоронӣ гуфта:

Ҳосили ман будӣ дар майсагӣ эй гандумгун,

Нони тафтон шудӣ акнун ба даҳони дигарӣ [4, с. 192].

Ба ин монанд дар китоби “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ ҳазорон вожагон ва таъбирҳоеро метавон дучор омад, ки сарчашма дар фарҳанги мардум дошта, дар гузашта дар забони адабиёти классикӣ низ истифода шудаанд. Ба шумули чунин вожагон метавон ин ҷо аз “ғежонак”, “дасттеша”, “дастарра”, “дасткола”, “токбур”, “хома” – ба маънии қитъа, пора,

“рош”, “дош”, “каланд”, “ғалтак”, “хода”, “ёбон”, “фӯта”, “ғазгир”, “ширинкома”, “тағора”, “оташгирак”, “ҷаҳ-ҷаҳак”, “ришу фаш”, “сабзина”, “кулута”, “лос”, “даҳана” ба маънии даромадгоҳ, “суффа”, “ширмол”, “дилтангӣ”, “уғур”, “якраҳа”, “ёзидан”, “яхмолак”, “варғ”, “васса”, “вазнинӣ”- ба маънии мусибат ва амсоли инро зикр намуд, ки устод Айнӣ бевосита аз фарҳанги забони зиндаи халқ вориди ин асари хеш намуда, забони онро ҷаззобу гуворо гардонидааст. Ҳатто агар ба вожаномае, ки таҳиягари нашри форсии китоби “Ёддоштҳо” Саидаи Сирҷонӣ омода намудааст, руҷӯъ намоем, равшан мегардад, ки бар асоси огаҳии комил надоштан бо асолати забони тоҷикӣ бархе аз ин калимаҳо ба сурати мухталиф ва ҳатто баъзе ба шакли номақбул тафсир шудаанд. Масалан, ӯ дар зимни вожаи “варғ” танҳо ҳамин шарҳи кутоҳеро овардаасту халос: “Садд. Тахтае, ки ҷулӯи об гузоранд” [2, с. 926]. Аммо ин вожаи суғдиасл дар гӯйиши мардумони водии Зарафшон имрӯз низ ба маънии бандгоҳи об, ҷои кушодан ва бастани об истифода мешавад, ки бо ҳамин маънӣ дар “Девон”-и Рӯдакӣ, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ низ ба кор рафта. Асадии Тӯсӣ низ дар “Луғати фурс” ба ҳамон маънии “банд бошад, ки об баранд” тавзеҳ дода ва ду мисол оварда, ки яке аз устод Рӯдакӣ аст :

Об ҳар чун бештар нерӯ кунад,
Банду варғи сустбуда барканад [11, с. 233].

Аз он ки устод Рӯдакӣ ин ҷо банду варғ ҳардуро зикр намуда, аз ин маънӣ бармеояд, ки варғ бештар ба ҳамон маъниест, ки имрӯз низ роиҷ аст, яъне бандгоҳ, ё ҷои кушодан ва бастани об. Худи устод Айнӣ бошад дар “Луғати нимтафсилӣ”-и хеш он чӣ ҳам дар луғати Асадии Тусӣ омада ва ҳам Сирҷонӣ шояд ба он такя намуда, тавзеҳ дода бошад, ба шакли саҳеҳи “варғбанд”-яъне банди чубин ва чимин” зикр кардаанд, (61)яъне, он садд ҳамин варғбанд аст, на худи варғ. Агар ба ҳошияи матни таҳсеҳ намудаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ аз “Луғати фурс” руҷӯъ намоем, маълум мешавад, ки ин донишманди маъруф шарҳи ин вожаро бар асоси нусхаҳои дигари ин луғат ҳам дар матн ва ҳам дар поварақ зикр намуда. Аз ҷумла мутобиқи як нусхаи мавриди истифодаи вай, ки бо “нун” тавсиф шуда, ба Ҳисомуддини Ҳофиз, мулаққаб ба “Низом” тааллуқ доштааст, шарҳи вожаи “варғ” чунин омада: “Варғ – аз ҷӯе ё руде обро роҳ кунанд ва ба ҷое баранд, он роҳи обро варғ хонанд [11, с. 233]. Ҳамзамон, дар луғати “Туҳфат ул аҳбоб”-и Ҳофизи Убаҳӣ низ наздик ба ҳамин маънӣ тафсир ёфта, яъне “бандгоҳи об бувад, ки ба чӯб ва хошок роҳи об банданд ва обро ҷои дигар бионанд ва ба тозӣ онро “сику” гӯянд ва ба унвони шоҳид аз Фирдавсӣ байти зерин оварда шуда:

Ҳама марғзораш пур аз сабз хавид,
Ҳама варғи ӯ лолаву шанбалид [12, с. 42].

Худи устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо” варғро ба маънии ҷои кушодан ва бастани об ё ҳамон бандгоҳи об,ки шарҳаш дар боло рафт истифода бурда, барои ифодаи матлаби садд ё банди об вожаи “тахтаварғ”-ро ба кор бурдааст. Истифодаи вожагони мазкур ба таври зайл сурат гирифта: “Дар ин миён мироб омадани обро хабар дод. Қозӣ ва ҳамсӯҳбатонаш хеста ба сари варғ рафтанд. Об кафкҳои чиркини зардчарангро дар дами худ пеш андохта меомад ва ба тахтаварғ расида, аз рафтор бозмонда ба боло дамидан гирифт. Аз байни тахтаҳо ба поин об мешорида бошад ҳам, ин ҳол ба боло дамида баромадани вай монеъ намешуд.

Як вақт дами об ба сари тахтаварғ расида ҳам ба ҷӯи Истамзе ва ҳам ба ҷӯи Маҳаллаи боло ҷорӣ шуд.. [1, с. 56].

Ҳадаф аз тазаккури ин матлаб он аст, ки ҳарчанд дар умум тафсири Сирҷонӣ гӯё ғалат ба назар намерасад, аммо дар китоби “Ёддоштҳо” устод Айнӣ онро ба маънии ҷои кушодан ва ё бастани об истифода кардаанд, ки ба шарҳи дар нусхаҳои “Луғати фурс” омада қаробат дорад. Ибораи “сари варғ”, ки устод Айнӣ ба кор гирифтаанд, имрӯз низ дар миёни мардуми водии Зарафшон ба ҳамон маънии мавриди истифодаи нависанда роиҷ аст ва аз ин ҷо бесабаб нест, ки худи нависанда барои банди нигаҳдорандаи оби аз варғ ҷоришаванда вожаҳои “тахтаварғ” ё тахтабандро ба кор гирифтаву дар “Фарҳанги нимтафсилӣ” вожаи дигари “варғбанд”-ро тавзеҳ додааст. Шакли дигари ин вожа дар “Фарҳанги Доро”-и устод Доро Наҷот ба сурати варғбаст омадааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик минбаъд низ ин вожа ба ҳамин маънии мавриди назари устод Айнӣ дар як рубоии устод Гулназар ба кор рафтааст:

Рӯзе дили ту ба хоҳиши дил бирасад,
Нахли ҳавасам боз ба ҳосил бирасад.
Банданд агар варғи сари ҷӯ ба масал,
Обе,ки равон буд, ба манзил бирасад [7, с. 367].

Дар мавриди шарҳи таъбири “ногапӣ шудан” бошад,Сирҷонӣ “хомӯш шудан”, “ аз гап афтодан” [2, с. 925] овардааст, ҳол он ки ин ибора дар гуфтори мардуми тоҷик бештар ба маънии “аз ҳамдигар қаҳр кардан”, “қаҳрӣ шудан”, “аз сари ранҷиш бо ҳам сухан накардан” истифода мешавад. Устод Айнӣ низ дар қисмати савуми “Ёддоштҳо” ин таъбирро ба ҳамин

маънии мавриди назар ба кор гирифтааст: “Офарин шоириро ба худ касб нагирифта буд, аммо барои ҷангондани ду шоир ҳар кадоми онҳоро аз забони ҳамдигар ҳачв мекард. Чунончи, Шоҳин, ки аз шоирони машҳури он замон буд, бо устоди худ қозӣ Қурбонхони Фитрат бо таъсири шеърҳои сохтаи ӯ ҷангидааст ва дар миёнаи ин ду шоир дар натиҷаи он ранҷиш хеле ҳачвиёт ба вуҷуд омадааст, ки ҳар ду ногап шуда аз дунё гузаштаанд” [1, с. 279].

Тавре гуфта омад, аксари ин вожагону таобир, ки устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо” истифода кардааст, дар адабиёти классикии мо истифода шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо таркиби “ришу фаш”-ро ба маънии ришу мӯйлаби номураттаб Абулмаъонии Бедил чунин ба кор гирифта:

Зоҳид зи айши риндон пур ғофил аст, Бедил,
Фирдавс дар ҳамин ҷост, гар ришу фаш набошад [6, с. 605].

Ҳатто қисмати дигари ин вожагону таъбирҳо сарчашма дар забони суғдӣ дошта, бо ҳифозат дар гуфтори мардум гӯё ба калимаҳои лаҳҷавӣ ё гӯйишӣ табдил ёфтаанд.

Аз ин мабоҳис низ ҳувайдост, ки таваҷҷуҳи устод Айнӣ ба забони зиндаи халқ ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи усулҳои ҳифозати асолати забони адабиёти тоҷикӣ пеш аз ҳама эҳёи мақом ва манзалати таърихии он ба шумор меравад. Имрӯз воқеан агар мо ба мероси бузурги адабиёти хеш чун устод Рӯдакӣ, Мавлоно, Абулмаъонии Бедил, ки ҳатто аз назари ҷуғрофӣ дар муҳитҳои мухталифи таҳаввули забони тоҷикӣ- форсӣ зиндагонӣ ва эҷод намудаанд, руҷӯъ намоем, вожагони фаровонеро метавонем аз таркиби таълифоти онҳо берун оварем, ки хушбахтона аксаран дар забони зиндаи халқи тоҷик, хоса дар лаҳҷаҳои мухталифи забони тоҷикӣ маҳфузанд, аммо дар забони гуфтории шеваҳои дигари забони форсӣ аллакай аз муомилот берун рафтаанд,ки аллакай намунае аз он қабл аз ашъори Бедил зикр шуд. Устод Садриддин Айнӣ дар баробари истифодаи чунин вожагон дар осори бадеии хеш як идда пажӯҳишҳоеро низ дар ин замина анҷом до"даанд, ки дар навбати аввали нигориши “Фарҳанги нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик” аз хадамоти бузурги ин донишманди номвар маҳсуб меёбад. Баробари ин,дар рисолаи хурди хеш “Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ низ фасле бо номи “Муносибати забони “Шоҳнома” ба забони тоҷикӣ” ҷой дорад, ки устод Айнӣ он ҷо ҳифозат ва муносибати вожагони зиёдеро аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ба қавли худи ӯ “дар байни забони зиндаи тоҷик ва “Шоҳнома" муштарак буда, дар адабиёти имрӯзаи Эрон кор намефармоянд, ё кам кор мефармоянд. [3, с. 47] Барои намуна дар ин мақола вожагоне аз қабили “охур”, “бодиринг”, “фатир”, “гурунҷ”, “курта”, “китф”, “лунҷ”, “гав”, “яла”, “гала”, “метин”, “ҷувол”, “тоба”, “бардам” ва амсоли инро зикр кардааст, ки имрӯз дар ҳам дар забони тоҷикӣ, хоса бахше аз онҳо дар гуфтори мардумони манотиқи Тоҷикистон фаровон истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, Устод Садриддин Айнӣ дар навбати аввал дар баробари изҳори ин назари муҳим барои таъмини асолати забони ноби тоҷикӣ худ иқдом бар амалкарди он зад, ки беҳтарин намунаҳои онро мо дар осори устод метавонем зимни мутолеа ба мушоҳида бигирем. Масалан, ҳатто мураттиби нусхаи форсии “Ёддоштҳо”-и Айнӣ Саидаи Сирҷонӣ дар муқаддимаи худ навиштааст, ки “Навиштаҳои Айниро аз назаргоҳе дигар арзанда ёфтам ва он маҷмуаан луғоту таркибот ва иборот буд, ки бо ранги дилпазири осори Байҳақӣ дар ин навиштаҳо мавҷ мезад”. Афзуда бар ин, ҳамин муҳаққиқ дар ҳошияи нашри форсии анҷомдодаи хеш барои хонандагони форсизабон як луғатномаи муфассале аз вожагон ва таъбироти ин китоб таҳия намудааст, ки агар хонандаи тоҷик бар он руҷӯъ фармояд, аксараш барояш соддаву ошно ҳастанд ва дар муҳити маънавии мо қобили ташреҳ намебошанд. Воқеан, Сайидаи Сирҷонӣ бамаврид барои тамоми фарҳангнависони форсизабонон муроҷиат намудаву таъкид фармудаст, ки “ мехоҳам нуктаеро барои муаллифони фарҳангҳои форсӣ ва ҳамкорони гаронқадрам дар “Луғатнома”-и Деҳхудо дар миён бигзорам, то чӣ қабул афтад, ё чӣ дар назар афтад. Нукта ин аст, модом, ки мутуни муътабар аз нависандагон ва сарояндагони форсизабон дар хориҷ аз маҳдудаи ҷуғрофиёи имрӯзаи Эрон мавриди баррасии дақиқ қарор нагирифта ва луғоту таъбирот ва таркиботи мутадовил дар онҳо истихроҷ нашуда бошад, таълифи “Фарҳанги забони форсӣ” даъвои шухиомез ва агар ғалат накунам шухчашмона аст. Забони форсӣ ҳаргиз наметавонад мунҳасир ба луғот ва таъбироте бошад, ки дар осори Байҳақиву Фирдавсӣ ва Низомиву Саъдӣ омадааст. Дар утоқи густардаи ин фарҳанги куҳан гӯяндагон ва нависандагоне будаанд ва ҳанӯзам ҳастанд,ки саҳмашон дар ғанои забон ва тавсеаи маъонии калимот ва ибдоъи таркибот ба ҳеҷ рӯй камтар аз мо ва шумо форсизабонони эронӣ нест. Намунааш? Бедили Деҳлавӣ, ки бо девони яксадҳазорбайтии пур аз нақшу нигораш бар қулуби форсигӯёни машриқи Эрон ва аз ақои Бухоро гирифта то аъмоқи Дакан ҳукумат мекунад, ё ҳамин Садриддин Айнӣ, ки осораш дар забонҳои мухталиф милёнҳо хонанда дорад, ё Иқболи Лоҳурӣ, ки афкору ашъораш моябахши неҳзате дар Шибҳи Қораи Ҳинд буд ва ҳанӯз ҳам аз аъмоқи тира фарёд мекунад: “Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод.” Ва ё Файзии Даканӣ, ки навиштаҳои пуртанаввуаш оинаи тамомнамой аст аз таҷаллиёти гуногуни даврони ҳунарпарвари акбарӣ .

То луғоту тарбикот ва таъбироти осори ин бузургони сухан бодиққат истихроҷ нашуда ва дар дастраси фарҳангнависон қарор нагирифта бошад, фарҳанги ҷомеъе, ки менависанд, чизе аст, аз мақулаи ҳамон шери беёлу дум ва ашками каснадидаи худонаёфаридаҳое, ки паҳлавони нозукмизоҷи қазвинӣ ба тасвираш дил хуш карда буд [2, сиву ҳашт].

Ҳамзамон, бо таъкид ба ҳамин луғатномае, ки дар ҳошияи матни “Ёддоштҳо” навишта, ки “Наздики навад дар сад армуғоне луғотӣ, ки дар ин фарҳангномаи мухтасар ва албатта ноқис омадаааст, дар ҳеҷ як аз фарҳангҳо ва луғатномаҳои пуртумтароқу фаровоншуҳрати форсӣ мавҷуд нест ва ин худ шоҳиди содиқист дар остини муддао” [2, сиву ҳашт].

Он чӣ қаблан ба унвони намуна аз осори устод Айнӣ зикр намудем, худ тасдиқи равшани гуфтори муҳаққиқи мазкур дар иртибот ба забони асарҳои нависандаи мо маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, ҷиҳати исботи ин назари Саидаи Сирҷонӣ дар мавриди саҳми Абулмаъонӣ Бедил дар ғанои забони форсӣ низ метавонем чанд намунаҳое аз осори ин суханвар зикр намоем, ки корбурди чунин вожагон ва таъбирот ба таври барҷаста ба мушоҳида расида, ҳифозати онҳо дар гӯйишҳо ва ҳатто забони адабии тоҷикӣ низ тасаҷҷуми равшан дорад. Шояд яке аз омилҳои аслии маҳбубияти Бедил миёни тоҷикон низ пеш аз ҳама ба қаробати забони ин суханвар бо форсии Фарорудон ё тоҷикии имрӯз рабт бигирад. Бо ин ки ашъори Абулмаъонӣ Бедил аз сӯи ағлаб муҳаққиқон мураккабу душворфаҳм муаррифӣ шудааст, аммо истифодаи вожагони нобу зебои форсӣ, ки имрӯз ҳам дар миёни мардуми тоҷик фаровон ба кор мераванд, назокату ҷаззобияти сухани шоирро боз ҳам боло бардоштааст. Дар робита ба ин матлаб нахуст мехоҳам нуктае ҳам таъкид намоям, ки боз ҳам санаде бар тайъиди мулоҳизаҳои Сайидаи Сирҷонӣ хоҳад буд. Чанд сол пеш китоби яке аз бедилпажӯҳони номвари Афғонистон устод Муҳаммад Козими Козимӣ бо номи “Калиди дари боз” ба дасти чоп расид, ки дар он дар баробари баҳсҳои ҷолиб дар шинохти шеъри Бедил нукоте дар заминаи забони ашъори шоир баён шудааст. Ин бедилпажӯҳ зимни баррасии фарҳанги забони Бедил ба кашфу маънигузории теъдоде аз вожаҳо ба унвони калимоти мушкили шеъри Абулмаъонӣ пардохта, аз заҳамоти фаровони худ дар мавриди дарёфти шарҳу тавзеҳи онҳо ёд мекунад. Мунтаҳо бо овардани ин абёт ва ишорат ба вожаҳои ҷудогона таъкид кардааст, ки барои кушудани ин гираҳҳо бояд ба форсии роиҷ дар Афғонистон ё ҳадди ақал Хуросони Эрон руҷӯъ кард, чун баъзе аз ин вожагон дар навоҳии ғарбӣ ва ё ҳатто марказии Эрон ҳам роиҷ будаанд [9, с. 84]. Ҳамин гуна, Ин муҳаққиқи номвар зимни баррасии масоили забонии шеъри шоир чанд вожаро дар ҳошияи саҳифаи хеш аз каломи Бедил берун оварда ба унвони “вожагони ибҳомофарин” (таъбири худи ин муҳаққиқ) шарҳу тавзеҳ додааст, ки аз ҷумлаи онҳо “чаҳормағз” ва “ганда” мебошанд ва абёти мавриди назар ба гунаи зайланд:

Сахтӣ кашанд чарбсириштони рӯзгор,
Аз захми санг чора надорад чаҳормағз.

***

Дар ҷаҳони инфиол аз мулки ноз афтодаам,
Домани покеву дасти ганда мегирад маро [9, с. 84].

Ҳарчанд ба назари устод Козимӣ гӯё вожаҳои «ганда» ва «чаҳормағз» ибҳомофарин намудааст, аммо фикр мекунам, ки ошноии бештар бо асолати форсии роиҷ дар Тоҷикистон метавонист, маҷмуи ин гираҳҳои эшонро ба суҳулат боз намояд. Чун ҳар дуи ин вожагон дар муҳовараи мардуми Тоҷикистон бо ҳамон маъонии мавриди назари Бедил басомади фаровон доранд. Калимаи «ганда», ки дар худи байти Абулмаъонӣ мутазоди покӣ истифода шудааст, дар забони гуфтугӯии тоҷикон мустаъмал аст. Ҳамзамон, чун решаи калимаи мазкур аз ганд ё масдари гандидан ҳам ҳаст, ин маънӣ низ метавонад ба назари шоир ғаробат дошта бошад. Ибороти «ганда дидан» ба маънии бад дидан, «одами ганда» ба маънии одами нохуб, «гандагӣ кардан», бадӣ кардан ва амсоли ин дар гуфтугӯи тоҷикӣ фаровон ба кор мераванд.

Дар гӯиишии тоҷикӣ аслан калимаҳои «ҷавз» ва «гирд» ҳамчун муродифи чаҳормағз истифода намешаванд. Дар забони тоҷикӣ асосан шакли чормағз мавриди истифода қарор дорад, ки мухаффафи ҳамон чаҳормағз мебошад.

Ҳамзамон, шореҳ ва бедилпажӯҳи дигари афғонистонӣ устод Муҳаммад Абдулҳамид Асир маъруф ба Қанди Оқо дар шарҳи байти

Адабгоҳи муҳаббат нози шухӣ барнамедорад,
Ҷу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо.

Вожаи болиданро ба маънии парвоз кардан, баланд рафтан шарҳ додааст [5, с. 325] ва албатта ин шояд бо он сабаб бошад, ки дар таркиби калимаи феълии мазкур вожаи «бол» мавҷуд аст ва дар форсии Афғонистон имкон дорад,ки ба ҳамин маънӣ роиҷ бошад. Аммо дар асли ин ҷо болидани нигоҳ ба маънии ифтихор кардан, фахр намудан аст ва ин навъе корбурди парадокс ба мушоҳида мерасад, зеро нигоҳ ҳамон гоҳе сар ба мӯҳри ашк меболад, ки аз ғами ишқ сӯзи дарунии ошиқро тавассути ашк бурун ованд.

Ҳамин тавр, аз ин баррасии кӯтоҳ ин нукта мусаллам мегардад, ки устод Айнӣ дар заминаи иқдом бар субути ҳастии забони адабии тоҷикӣ дар сарнавишти таърихии ин забони ғаноманди ҷаҳонӣ нақши муассир гузошанд. Аз ибтикороти беназири устод ҳувайдост, ки ҳадаф дар зери иқдоми соддакунии забон баръакс ба тахти асолати худ нишондани он будааст, ки ҳамон равониву салосати баёни забони аҳди Сомониён ва шеваи нигориши осори барҷастаи таърихӣ дар назар буда. Бо таълифоти арзишманди хеш, аз ҷумла китоби «Ёддоштҳо» ин роҳи шинохти мақоми аслии забони тоҷикиро ифтитоҳ намуда, воқеан шеваи нигориши салису равони тоҷикиро дар оинаи осори бадеии хеш аз роҳ ворид намудани вожаву таркиб ва ибораҳои ноби маҳфуз дар забони халқ рунамоӣ кард,ки бешак ин тадбири муҳим низ ҳунари барҷастаи нависандагиро тақозо мекунад. Фузун бар ин, барҳақ андешаи устод Айнӣ дар робита ба масъалаи руҷӯъ ба забони зиндаи халқ имрӯз низ бояд яке аз самтҳои муҳими пажӯҳишҳои адабиётшиносиву забоншиносӣ ва вазифаи аҳли зиё, хоса адибону суханварон бошад, зеро ҳанӯзам дар таркиби ин хазинаи пурганҷ вожагону таркибҳое ҳифз шудаанд, ки сарчашма дар забони қадимаи мо дошта, ба иллати ҷойгузини онҳо шудани вожагони мустаор ва иқтибосӣ асолати хешро аз даст дода, ба унвони луғоти куҳнашуда муаррифӣ гардидаанд. Мутолеаи осори суханварони муосири тоҷик, чӣ шоирону чӣ нависандагони дирӯзу имрӯз ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки дар ҷодаи таҳаққуқи ин ормони устод Айнӣ, яъне бо шеваҳое шоиронаву ҳунарварона ба таркиби мутуни адабӣ ворид намудани вожаву таъбирҳои ноби маҳфуз дар фарҳанги мардумӣ аз сӯи шоироне чун Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Гулназар, Гулрухсор, Доро Наҷот, Камол Насрулло, Фарзона, Озарахш, Суруш ва дигарон дар шеър, Абдулҳамид Самадов, Карокатулло Мирзоев, Сорбон, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ ва амсоли ин дар наср иқдомоти шоистае зоҳир намуда, бад-ин васила дар ҳифозати чунин вожаву таъбирҳои ноби забони адабиёти классикӣ аз тариқи роҳ ҷустан ба хазинаи забони мардум саҳми назаррас гузоштаанд. Имрӯз бо назардошти он ки шароити хубе барои такмили забони миллӣ ва ғанои он аз роҳу василаҳои мухталиф фароҳам омада, умедворам, шоирону нависандагон, адибону суханварон дар амри расидан ба ин ҳадафҳои наҷиб ва иҷрои ормонҳои Устод Айнӣ бо суботи комил тавассути иншои осори гаронмояи адабиву бадеии саршор аз чунин вожагону таобири нобу нодир ва истифодаи ҳунарварона ва босамари онҳо дар таркиби асарҳои хеш иқдом хоҳанд варзид.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсклопедияи миллии Тоҷик, 2009. - 680 с.*
2. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб Ба кӯшиши Саидаи Сирҷонӣ / С. Айнӣ. - Теҳрон: Интишороти Огоҳ, 1327. - 1030 с.*
3. *Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 11. Китоби якум / С. Айнӣ. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 507 с.*
4. *Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 565 с.*
5. *Асир, Муҳаммад Абулҳамид. Хати бурё. Тасҳеҳ ва таълиқи Абдулқодири Орзу. - Кобул: Маркази таҳқиқоти фалсафӣ ва ирфонӣ, 1389 (2001). - 535 с.*
6. *Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Ҷилди аввал, бахши аввал. - Теҳрон: Интишороти Тилоя, 1389.*
7. *Гулназар. Фасли оғоз. Китоби шеърҳо / Гулназар. - Душанбе: Адиб, 2005. - 424 с.*
8. *Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. / Аҳмади Дониш. - Душанбе: Дониш, 1989. - 344 с.*
9. *Козимӣ, Муҳаммадкозим. Калиди дари боз (Раҳёфтҳое дар шеъри Бедил) / Муҳаммадкозим Козимӣ. - Теҳрон: Сураи меҳр, 1387. - 352 с.*
10. *Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 316 с.*
11. *Тусӣ, Асадӣ. Луғати фурс. Бо мулҳақоте чанд бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. / Асадӣ Тусӣ. - Теҳрон: Чопхонаи Маҷлис, 1319. - 567 с.*
12. *Ӯбаҳӣ, Ҳофиз. Туҳфат-ул-аҳбоб. / Ӯбаҳӣ. - Душанбе, Ирфон, 1992. - 288 с.*
13. *Шукуров, М.* Забони мо - ҳастии мост / М. Шукуров. - *Душанбе, 1991. - 185 с.*
14. *Шакурӣ, М. Равшангари бузург / М. Шакурӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. - 240 с.*

САДРИДДИН АЙНӢ ВА ШЕВАҲОИ ТАКМИЛИ ЗАБОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ САДАИ БИСТ

Устод Садриддин Айнӣ дар баробари анҷоми хидматҳои бузург дар рушди адабиёти форсии тоҷикӣ дар ҷараёни такмили забони осори бадеии тоҷикӣ дар садаи ХХ ва ҳамзамон идомаи он дар мароҳили баъдӣ нақши муассир гузоштааст. Ӯ бо таваҷҷуҳ ба фароҳамоварии вожагону таъбирҳои нодир аз фарҳангу забони мардуми тоҷик ва ҷусторҳои шеваҳои корбурд ва шарҳу маънигузории онҳо дар фарҳангҳои куҳан талқин намудааст, ки бояд адибону нависандагони имрӯз дар амри корбурди онҳо дар сабки иншои эҷоди хеш иқдом намудаанд. Дар баробари ин, ки устод Айнӣ худ дар осори хеш аз ҷумла “Ёддоштҳо”-и хеш аз ин шева корбаст намуда, барои дигар достоннависон намунаи ибрат

гаштааст, бо иншои луғатномае фарогири бештар 11000 вожаву таркибот дар шарҳу маънигузории онҳо бар мабнои фарҳангҳо ва мутуни куҳани адаби форсӣ иқдом намудааст. Дар номаҳояш ба адибони ҷавон ва шогирдони мактаби насри бадеии хеш аз онҳо даъват ба амал овардааст, ки барои ҳифозати ин вожагону таркибу таъбирҳои ноб дар забони осори хеш аз он истифода намуда, аз ин роҳ дар такмили сабки суҳан талош варзанд.

Калидвожаҳо: забони форсии тоҷикӣ, Садриддин Айнӣ, гӯйишҳои тоҷикӣ, “Ёддоштҳо”, луғатномаҳои куҳан, осори хаттӣ, адабиёти классикии форсу тоҷик.

САДРИДДИН АЙНИ И МЕТОДЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЯЗЫКА ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ ДВАДЦАТОГО ВЕКА

Устад Садриддин Айни, наряду с большими заслугами в развитии таджикско-персидской литературы, сыграл действенную роль в процессе совершенствования языка таджикских произведений в XX веке и одновременно его продолжении на последующих этапах. Обратив внимание на возрождении уникальных слов и выражений из культуры и языка таджикского народа и поиск способов их употребления и интерпретации в древних словарей, он предложил сегодняшним писателям предпринять шаги по использованию их в стиле своих творчестве. В то же время устад Айни использовал этот метод в своих произведениях, в том числе в «Воспоминаниях», и стал примером для других писателей, написав обширный словарь из более чем 11 000 слов и фраз и их толкование с учетом особенности словарей древних текстов, персидской литературы. В своих письмах к молодым писателям и ученикам своей художественной прозаической школы он призывал использовать их, чтобы защитить эту благородную лексику, композицию и интерпретации на языке его произведений и таким образом попытаться улучшить стиль речи произведения.

Ключевые слова: таджикско-персидский язык, Садриддин Айны, таджикские диалекты, «Воспоминания», старинные словари, рукописи, классическая персидско-таджикская литература.

SADRIDDIN AINY AND WAYS OF IMPROVING THE LANGUAGE OF TAJIK-PERSIAN LITERATURE IN THE 20TH CENTURY

Ustad Sadriddin Aini, along with great merits in the development of Tajik Persian literature, played an effective role in the process of improving the language of Tajik literature in the 20th century, and at the same time, its continuation in the later stages. Paying attention to the creation of unique words and expressions from the culture and language of the Tajik people and the search for ways of their use and interpretation in ancient cultures, he suggested that today's writers should take steps to use them in the style of their writings. At the same time, Ustod Ainy used this method in his works, including his "Memoirs", and became an example for other story writers, by writing a comprehensive dictionary of more than 11,000 words and phrases in their interpretation based on cultures and ancient texts of Persian literature. In his letters to young writers and students of his artistic prose school, he called on them to use it in order to protect this noble vocabulary, composition and interpretations in the language of his works, and in this way to try to improve the style of speech.

Keywords: Persian-Tajik language, Sadriddin Aini, Tajik dialects, "Memoirs", old dictionaries, written works, classic Persian-Tajik literature.

Дар бораи муаллиф
Нуров Нуралӣ
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
директори институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 928 76 37 93
E-mail: nurali74@mail.ru

Об авторе
Нуров Нурали
Доктор филологических наук, профессор,
директор научно-исследовательского
института общественныхх наук
Худжандский государственный университет
имени академика Бободжон Гафурова
735700, Республики Таджикистан,
г.Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 928 76 37 93
E-mail: nurali74@mail.ru

About the author
Nurov Nurali
Doctor of Philology, Professor, Director of the
Research Institute of Social Sciences of the
Khujand State University named after
academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1
Mavlonbekov
Ph.: (+992) 928 76 37 93
E-mail: nurali74@mail.ru

ТДУ 398(575.3)

НАҚШИ РАҶАБ АМОНОВ ДАР ТАҲИЯИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ ФОЛКЛОРШИНОСӢ
(дар мисоли китоби “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”)

Қосимӣ С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сарсухан. Агар адабиёти нависторӣ бо омӯзиши осори адибон машғул бошад, пас адабиёти гуфторӣ андешаҳои мардумиро дар муҳити маросиму ҷашнҳои халқӣ ва ҳолатҳои ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад, ки ин матнҳо аз замонҳои бостон то имрӯз ба кор бурда шуда, аз ҷиҳати сохтор, мазмун, муҳтаво, бадеият, забону сабки баён гуногун буда, инъикоскунандаи рӯзгори халқанд.

Ҷамъоварию интишор ва пажӯҳишу омӯзиши адабиёти гуфтории тоҷикон, аз ҷониби мардумшиносону фолклоршиносони рус аз охири садаи 19 шуруъ шуда, аз тарафи адабиётшиносону мутахассисони тоҷик асосан дар охири солҳои 20-уми садаи XX бештар гардид. Дар он солҳо ва то имрӯз мураттибону муаллифони васоити таълимии фанни “Фолклори тоҷик” баъзе аз ин матнҳои халқиро ба васоити таълимӣ ворид кардаю таҳияю иншо ва интишор намуданд.

«Фолклори тоҷик» феълан дар нақшаи таълимии ихтисосҳои марбутаи факултетҳои филологияи тоҷик бо номҳои “Эҷодиёти даҳанакии халқ”, “Адабиёти гуфтории тоҷикон”, “Фолклори тоҷикон” ва ғайра мақоми фанни ҳатмиро касб карда, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баландихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосиро ишғол намудааст.

Васоити таълимии фанни мазкур дар замони Истиқлоли давлатӣ аз рӯйи шаклу мазмун каме аз васоити таълимии замони Шуравӣ тафовут дошта, аз инҳо иборатанд: барнома (программа)-и таълимӣ (баъзан баъзе барномаҳои таълимӣ бинобар муфассалтар будани маводи мавриди назар ҳамчун дастури таълимӣ ишора шудаанд), дастури таълимӣ-методӣ, дастури таълимӣ, баёз (хрестоматия)-и таълимӣ, комплекси таълимӣ-методӣ (КТМ-ин навъи васоити таълимӣ ҳангоми амалӣ намудани низоми кредитии таълим рӯйи кор омадааст) ва китобҳои дарсӣ, ки донишҷӯёну омӯзгорон ва пажуҳандагони фолклоршиносу мардумшинос, адабиётшиносу забоншинос ва инсоншиносу ва ҷомеашиносон метавонанд аз онҳо истифода намоянд.

Ҷамъбасти миқдори васоити таълимии фанни мазкурро аз оғози замони интишори он, яъне аз соли 1949 то ба соли 2023 тахминан вобаста ба маводи ба дастомада метавонем, ба чунин рақам нишон диҳем: а) барнома (программа)-и таълимӣ – 10-то, б) дастури таълимӣ-методӣ – 4-то, в) дастури таълимӣ – 12-то, г) баёз (хрестоматия)-и таълимӣ – 2-то, д) комплекси таълимӣ-методӣ (КТМ) – 1-то, е) китоби дарсӣ – 2-то.

Мулоҳизаҳо роҷеъ ба китоби дарсии “Эҷодиёти даҳанаки халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амонов. Соли 1980 китоби дарсии мазкур дар Душанбешаҳр аз ҷониби матбааи “Маориф” нашр шуда, фарогири 303 саҳифа буда, пумуҳтавою асосӣ ва аввалину мукаммалтарин китоби дарсии фаннӣ дар замони Шуравӣ маҳсуб шуда, “муаллифон дар навиштани он (таъкид аз Қ.С.А.) аз тадқиқоти муҳимми илмии фолклоршиносон фоида бурданд ва кӯшиш намуданд, ки дар ин китоб навтарин хулосаҳои илмӣ инъикос гардад. Зимнан, дар таълифи як қатор бобҳо китобҳои дарсӣ ва таҷрибаи фолклоршиносони рус мавриди истифода қарор гирифт” [1, с. 3].

Китоби мазкур аз қисмати “Аз муаллифон” ва 3 қисми асосӣ - қисми 1 – “Масъалаҳои умумии фолклоршиносӣ”, қисми 2 – “Жанрҳои фолклори тоҷик” ва қисми 3 – “Эҷодиёти халқии замони советӣ” иборат буда, 26 зермавзуъро дарбар мегирад.

Навгонӣ ва муваффақиятҳои китоби мазкурро метавонем, бад-ин тариқ нишон диҳем:

1. Мавзуъ ва зермавзуъҳое ҳастанд, ки бори аввал баррасӣ гашта, дар васоити таълимии замони Шуравӣ дохил карда шудаанд, аз қабили “Шакл ва намудҳои эҷодиёти бадеии халқ”, “Методҳои бадеии фолклор”, “Хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалии фолклор”, “Фолклори тоҷик ва фолклори халқҳои дигар”, “Аҳамияти омӯхтани фолклор”, “Мактаб ва равияҳои фолклоршиносӣ”, “Илми советӣ дар бораи эҷодиёти даҳанакии халқ”, “Пайдоиши эҷоди бадеӣ ва даврaҳои ибтидоии тараққиёти он”, “Ашула”, “Байт”, “Эпоси қаҳрамонӣ”, “Фолклори бачагон”, “Хусусиятҳои эҷодиёти халқии замони советӣ”, “Фолклор ва коллективҳои ҳаваскорони бадеӣ”, “Фолклор ва шоирони халқӣ”, “Даврaҳои таърихии эҷодиёти халқии

замони советии тоҷик”, “Мундариҷаи ғоявии эҷодиёти халқии замони советӣ” ва ғайраҳо Масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳи ҳар як жанри фолклорӣ (аз ҷумла, хусусиятҳои бадеӣ) рӯшану фаҳмо ба чашм мерасанд, ки чунин таҳлилҳо на дар ҳамаи васоити таълимӣ дида мешавад.

2. Мавод (мисолу намунаҳо)-и овардашуда наву пурмуҳтаво ва бой буда, адабиёт, сарчашма, манбаъ ва маҷмуаҳои истифодашуда пас аз ҳар як мавзуъ оварда шудаанд.

3. Забон ва услуби баён фаҳмо, равон ва босалосату нафосату балоғати бадеӣ ифода гаштааст.

4. Овардани андешаҳо ва қайди иқтибосоти фолклоршиносон ва адабиётшиносону сиёсатмадорони хориҷӣ ва истифодаи бомавқеи адабиёт бо забони русӣ ба муҳтавои китоб арзиши илмии дигар зам намудааст.

Муаллифи китоби “Таълими адабиёти тоҷик” Аҳмадов Мирзоҳабиб доир ба моҳияти китобҳои дарсӣ чунин менигорад, ки ин гуфтаҳои поёнӣ ба пуррагӣ аз моҳияту муҳтавои китоби дарсии “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и Воҳид Асрорӣ ва Раҷаб Амонов мувофиқанд: “Таълифи китоби дарсӣ басо заҳматталаб буда, аз муаллиф тақозо дорад, ки на танҳо бо дониши фаннӣ мусаллаҳ бошад, инчунин як силсила талаботу қонуниятҳои соҳавӣ, улуми омӯзгориву равоншиносӣ ва низоми таърихиву фарҳангиро ҳамеша риоят намояд” [2, с. 92]. Забони китобҳои дарсӣ бояд содаю фаҳмо ва сабки баён бояд равон буда, ҳамзамон афкору андешаву мулоҳизаҳо равшан ва холис аз ҳар гуна мафкураҳои сиёсӣ баён карда шаванд. Муаллифонро лозим аст, ки аз мураккабаёнӣ ва корбурду истифодаи ҳар гуна вожаю ибораю таъбирҳои номафҳум ва сактадор худдорӣ намоянд. Дар омода намудани китобҳои дарсӣ усулу методҳои муосиру пешрафта ҷойгоҳи асосӣ дошта, принсипҳои таърихию илмӣ ва пайдарҳамию дастрасӣ ва ҳамзамон, низоми аз сода ба мураккаб ҳатман, бояд риоя гарданд. Интихоби дурусти маводи таълимӣ зарурати аввалиндараҷа дошта, овардани хулосаву натиҷагирии муаллиф дар китоби дарсӣ низ аз талаботи бевоситаи он ҳастанд.

Аз замони нашри ин китоби дарсӣ то имрӯз 43 сол гузаштааст. Дар ин айём, фолклоршиносии тоҷик хеле ва хеле ҳам пеш рафта, ҳазорҳо мақолаю рисола, маҷмуаю тадқиқоти илмӣ ва васиоити таълимӣ, аз ҷумла, якчанд китоби дарсӣ низ рӯйи кор омада, таҷрибаи фолклоршиносони хориҷӣ ҳам мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, лозим донистем, баъзе мулоҳизоти худро доир ба китоби дарсии “Эҷодиёти даҳанаки халқи тоҷик”-и фолклоршиносони варзидаи тоҷик Воҳид Асрорӣ ва Раҷаб Амонов баён дошта бошем, ки масоили баррасимешуда ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд:

1. Масъалаҳое, ки зикрашон дар китоби дарсӣ шарту зарур буд, вале оварда нашудаанд.

2. Масъалаҳое, ки таҷдиди назар мехоҳанд (**таъкид** – таҷдиди назар мехоҳанд, на ҳамчун камбудӣ маҳсуб мешаванд).

Инак, рӯ меорем, ба гурӯҳи аввали масоили гуфташуда: Мулоҳизаи 1-ум доир ба таърихи гирдоварию сабт ва пажӯҳишу омӯзиши адабиёти гуфтории халқ. Дар китоби дарсӣ будани чунин масъала аз фоида холӣ нест, чунки роҷеъ ба ин мавзуъ андешаҳои фолклоршиносон ва адабиётшиносон гуногун аст. Аз ҷумла, Брагинский дар асараш “Очерки из истории таджикиской летература” [3, с. 15] менависад, ки эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик аз нигоҳи пайдоиш хеле куҳна буда, гирдоварии он танҳо аз охири асри 19 оғоз ёфта, дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ривоҷ ёфтааст... .

Мулоҳизаи дуюм оид ба дараҷаи омӯхта шудани баъзе маросимҳо ва бархе аз жанрҳои фолклори тоҷик, ки будан ва донистани онҳо барои донишҷӯ ва мутахассисони соҳа бисёр муҳиманд.

Гурӯҳи дуюми масоили гуфташуда: Мулоҳизаи 1-ум роҷеъ ба жанрҳои фолклори тоҷик ва таснифоти онҳо. Масъалаи мазкур яке аз мавзуотест аст, ки баҳси зиёдро аз ин пас ҳам интизор бояд бошад. Чунки илм пеш рафта истодааст ва дар асарҳои илмии нашршуда ақоиди мутахассисон оид ба ин масъала мухталифанду гуногун ва печида аст. Аз ин рӯ, дар мавриди ин масъала моро ҳам лозим аст, ки андешаҳои худро ба шакли зайл гуфта бошем:

а). Ташреҳи истилоҳоти соҳавӣ ва жанрҳои махсуси фолклори тоҷик бояд дар аввали ҳар мавзуи дахлдор ва аввали ҳар як зермавзуъ дода мешуд;

б). Таснифоти муфассали жанрҳои вижаи фолклорӣ аз рӯи ҷинс, шакл, намуд ва ғайра бояд дода мешуд;

в). Набудани маълумоти аввалия оид ба жанрҳои дигари зерин, ки махсуси эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷиканд ва дар ҳамон замони Шуравӣ зиёд ба чашм мерасиданд: Қиссаву ривоят, дубайтию шугун, дуою қасам ва чорбайтию тезгӯяк (дар мавриди фолклори кӯдакон);

г). Андешаҳои мутахассисон атрофи бархе аз жанрҳои фолклорӣ, ба мисоли “байт” ва “чистон”бояд оварда мешуд, ба хотири он ки афкори фолклоршиносону адабиётшиносон дар ин

бобат гуногуну мухталиф аст. Фаразан, овардани истилоҳи “байт” ҳамчун жанри фолклорӣ аз рӯи баъзе назарияҳои адабиётшиноӣ ноҷо аст, ба он маъно, ки вожаи “байт” ҳамчун воҳиди шеър низ шинохта шудааст, на ҳамчун жанри махсуси фолклорӣ. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки барои дуруст ва саҳеҳии ин масъала ба ҷои истилоҳи “байт” - “фардбайт”-ро қабул намоянд, яъне “фардбайт” ё ” фардбайти халқӣ”. Дар мавриди жанри “чистон” - ба мо маълум аст, ки ҳар як жанри фольклорӣ ба худ хос хусусият ва шаклҳои муайяни жанрӣ дорад. Аз ин нигоҳ, чистон дар канор аст, ба он маъно, ки дар ҳар шаклу намуде, ки бошад, чистон гуфта шудааст ва хусусияти фарқкунандагии он чистонро мебарад ба он ки мо онро ҳамчун санъати бадеии сухан шуморида бошем. Ва бе ин ҳам ба мо маълум аст, ки дар тасвирофаринӣ ва ё санъати сухан саноее ба монанди луғз, чистон ва ё муаммо мавриди истифода қарор дорад. Аз ин рӯ, доир ба “чистон” ҳам ҳамчун жанри фолклорӣ моро лозим аст, ки андешаи чукур ва илмӣ дошта бошем.

Мулоҳизоти дигар доир ба гурӯҳи дуюми гуфташуда бад-ин рақаманд: Якум оид ба хусусиятҳои асарҳои фолклорӣ - Асарҳои адабиёти гуфторӣ баробари умумияти худ ба адабиёти навишторӣ инчунин, дорои хусусиятҳои хос низ мебошанд, ки онҳоро маҳз ба ҳамин мухтассоти худ аз адабиёти навишторӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Муаллифони китоби дарсӣ мазкур се хусусияти хосу асосии асарҳои фолклориро дар саҳифаҳои 7 то 9 нишон додаанд, ки инҳоянд: 1) эҷодиёти коллективӣ; 2) даҳонӣ эҷод шудан (ё будани онҳо); 3) вариантнокӣ ва таҷдиди назар ва иловаҳою тағйирот мехоҳанд.

Ба ин андешаҳо бевосита ва ба таври расмӣ якчанд хусусиятҳои дигари зайлро низ метавон илова кард: 1) бемуаллифӣ; 2) хусусиятҳои забонӣ ва услубӣ (бештар ба забони гуфтугӯӣ ва ё дар шакли шеваи лаҳҷае); 3) дар хотираҳои мардум вуҷуд доранд; 4) функсияҳои ҷудогонаро иҷро мекунанд; 5) ба иҷро вобаста буда, дорои ҷанбаи амалӣ мебошанд. Хулоса, дар маҷмуъ ин ҳашт ҷиҳатро ҳамчун хусусиятҳои хоси асарҳои фолклорӣ шуморидан равост.

Дуюм оид ба маросимҳои халқӣ. Муаллифони китоби дарсӣ се гурӯҳи калони маросимҳои халқии тоҷикиро нишон додаанд, ки чунинанд ва натавонистаанд, ҳамаи маросиму марҳилаҳои ҳамон замони Шуравиро дарбар гиранд: 1) Маросимҳои мавсимӣ; 2) Маросими тӯй ва 3) Маросими мотам.

Сеюм – Дар бораи эҷодиёти халқии замони советӣ. Таърих ва вақт нишон медиҳад, ки бо дигаргун гаштани сохти ҷомеа ва идеяи пешбарандагии он баъзе андешаҳои донишмандону мутахассисон моҳияти худро гум мекунанд ё қисман, беэътибор мегардад. Дар ин замина, бояд тазаккур дод, ки бархе аз андешаҳои муаллифон роҷеъ ба “Эҷодиёти халқии замони советӣ” аллакай, дар ин давра, яъне замони Истиқлоли давлатӣ мазмуни худро гум кардааст, ки инҳоянд: 1) Хусусиятҳои эҷодиёти халқии замони советӣ; 2) Доир ба шоирони халқӣ (шарҳ ва фаҳмиши мафҳуми “шоири халқӣ“ (дар мо касонеро ки хату савод надоранду шеър эҷод мекунанд, шоири халқӣ менамояд ... [1, с. 284]; 3) Даврaҳои таърихии эҷодиёти халқии замони советии тоҷик (дар ин хусус низ андешаҳо гуногунанд).

Албатта, муфассалтар дар хусуси ҷиҳатҳои мусбату манфии асару тадқиқотҳои фолклорӣ истодан вазифаи мо – мутахассисон ва фолклоршиносон буда, бояд таъкид кард, ки баёни андешаҳои имрӯзаи мо доир ба ин ё он масъалаҳои фольклоршиносӣ афкори гузаштагонро пурраю мукаммал менамоянд, на инкору рад.

Охирсухан. “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амонов ҳамчун нахусткитоби дарсии фолклоршиносӣ қиммати зиёди илмию таълимӣ дошта, нақши он дар такмили минбаъдаи васоити таълимию методӣ ва дастуру китобҳои дарсии баъдина нақши басо боризро бозидааст. Албатта, чуноне ки муаллифон дар саҳифаи 3-юми китоб таъкид мекунанд: “Аввалин китобе, ки барои студентони мактабҳои олӣ бо номи “Фолклори тоҷик” чоп шуда буд, ба қалами адабиётшиноси маъруфи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ тааллуқ дошт. Китоби мазкур ба сифати курс-конспект ба студентони ғоибхон пешниҳод шуда буд ва он дар бораи хусусиятҳои як қатор жанрҳои фолклори тоҷик мухтасаран маълумот медод. Аз вақти чопи он китоб (1952) хеле солҳо гузашта бошад ҳам, то имрӯз ягон хел китоби дарсии дигар барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ба вуҷуд наомадааст. Дар ин муддат фолклоршиносии тоҷик хеле пеш рафт, бисёр соҳаҳои эҷодиёти даҳанакии халқ ҳартарафа омӯхта шуд, даҳҳо маҷмуаҳои фолклорӣ ва асарҳои тадқиқотӣ нашр гардиданд. Муаллифон дар навиштани китоби “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик” аз тадқиқоти муҳимми илмии илмии фолклоршиносон фоида бурданд ва кӯшиш намуданд, ки дар ин китоб навтарин хулосаҳои илмӣ инъикос гардад”. Аз ин навишта бармеояд, ки ҳар як китоби дарсӣ дар асоси асару китобҳои пештара эҷодшуда иншо шуда, дорои навоварию навгониҳои илмию тадрисӣ мегардад. Аз ҷумла, агар китоби дарсии “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амонов дар асоси дастури таълимии “Фолклори тоҷик”-и Н.Маъсумӣ иншо шуда бошад, пас асоси ҳамаи дастуру китобҳои дарсии навишташудаи баъдина то ба имрӯз китоби “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амонов мебошад.

Хулоса, ҳаёт ҷараён дорад ва рӯз то рӯз ҳодисоту воқеоти аҷибу ғарибе дар зиндагии халқ рӯй медиҳад ва илм низ ба қуллаҳои баландтари худ роҳ пеш мегирад, аз ҷумла, илми фолклоршиносии тоҷик низ ва дуруст аст, ки “илм дар баҳс” инкишоф меёбад ва имрӯзҳо дар соҳаи фолклоршиносӣ низ мақолаю асарҳо ва дастуру китобҳои дарсие навишта шуда истодаанд, ки суханони тозатареро дар ин соҳа баён доштаанд.

Адабиёт

1. *Асрорӣ, В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик (Фолклори тоҷик) / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980.*
2. *Аҳмадов, М. Таълими адабиёти тоҷик. Китоби 1 / М. Аҳмадов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.*
3. *Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. – М. 1956.*
4. *Маъсумӣ, Н. Фолклори тоҷик (курси конспективӣ барои ғоибхонҳои Институти педагогӣ) / Н. Маъсумӣ. - Сталинобод, 1952.*
5. *Программаи фолклори тоҷик (барои факултетҳои забон ва адабиёти институтҳои педагогӣ ва муаллимон, муҳаррир: Н.Маъсумӣ). - Сталинобод, 1949.*
6. *Раҳимов, Д. Фолклори тоҷик (дастури таълимӣ) / Д. Раҳимов. – Душанбе: Эҷод, 2009.*
7. *Раҳмонӣ Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ (китоби дарсӣ) / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: ДМТ, 2021.*
8. *Раҳмонӣ, Р. Адабиёти гуфтории тоҷикон (дастури таълимӣ) / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020.*
9. *Раҳмонӣ, Р. Адабиёти гуфтории тоҷикон (Фолклори тоҷикон, дастури таълимӣ-методӣ) / Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023.*
10. *Фолклори тоҷик (программа барои факултетҳои филологияи мактабҳои олии РСС Тоҷикистон, мураттиб: В.Асрорӣ). -Сталинобод, 1978*
11. *Чалишев, С. Фолклори тоҷик (дастури таълимӣ) / С. Чалишев. – Кӯлоб, 1993.*

НАҚШИ РАҶАБ АМОНОВ ДАР ТАҲИЯИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ ФОЛКЛОРШИНОСӢ
(дар мисоли китоби “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”)

Муаллифи мақола нахуст роҷеъ ба ҷамъоварию интишор ва пажӯҳишу омӯзиши адабиёти гуфтории тоҷикон, аз ҷониби мардумшиносону фолклоршиносони рус изҳори назар намуда, қайд менамояд, ки ин кор аз охири садаи 19 шуруъ шуда, баъдан аз тарафи адабиётшиносону мутахассисони тоҷик дар охири солҳои 20-уми садаи XX бештар гардидааст. Сониян, масоили тадриси фанни «Фолклори тоҷик» дар нақшаи таълимии ихтисосҳои марбутаи факултетҳои филологияи тоҷик ва васоити таълимии фанни мазкур дар замони Истиқлоли давлатӣ аз рӯйи шаклу мазмун баррасӣ гардида, ҷамъбасти миқдории онҳо нишон дода шудааст. Сипас, муаллиф шаклу мазмун, муҳтаво, забон ва услуби китоби дарсии “Эҷодиёти даҳанаки халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амоновро таҳлил намуда, навгонӣ, муваффақият ва камбудию нуқсонҳои онро дар алоҳидагӣ медиҳад. Ҳамчунин муаллиф роҷеъ ба доштани қимати зиёди илмию таълимии нахусткитоби дарсии фолклоршиносӣ - “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”-и В.Асрорӣ ва Р.Амонов ва нақши басо боризи он дар такмили минбаъдаи васоити таълимию методӣ ва дастуру китобҳои дарсии баъдина изҳори назар карда, қайд мекунад, ки асоси ҳамаи дастуру китобҳои дарсии навишташудаи баъдина то ба имрӯз маҳз ҳамин китоб мебошад.

Калидвожаҳо: фолклори тоҷик, Раҷаб Амонов, эҷодиёти даҳанакӣ, васоити таълимӣ, барнома, китоби дарсӣ, макотиби олӣ, мураттиб, муаллиф.

РОЛЬ РАДЖАБА АМОНОВА В РАЗРАБОТКЕ УЧЕБНИКОВ ПО ФОЛЬКЛОРИСТИКЕ
(на примере книги "Устное творчество таджикского народа")

Автор статьи сначала выражает свою точку зрения о сборе, публикации, исследовании и преподавании устного народного творчества таджиков русскими этнографами и фольклористами, отмечая, что эта работа началась в конце 19 века, а затем была продолжена таджикскими литературоведами и специалистами в конце 20-х годов 20 века. Во-вторых, вопросы преподавания предмета "Таджикский фольклор" в учебном плане соответствующих специальностей таджикских филологических факультетов и учебные материалы по данному предмету в период государственной независимости были рассмотрены по форме и содержанию, и было представлено обобщение некоторых из них. Затем автор анализирует форму и содержание, язык и стиль учебника "Устное творчество таджикского народа" В. Асрори и Р. Амонова, выделяя его новизну, достижения, недостатки и упущения. Автор также говорит о высокой научной и образовательной ценности первого учебника по фольклористике - "Устное творчество таджикского народа" В. Асрори и Р. Амонова и его выдающейся роли в дальнейшем совершенствовании учебных и методических средств, программ и учебников, отмечая, что все последующие программы и учебники, написанные до сих пор, основаны на этой книге.

Ключевые слова: таджикский фольклор, Раджаб Амонов, устное творчество, учебные материалы, программа, учебник, высшие учебные заведения, составитель, автор.

THE ROLE OF RAJAB AMONOV IN THE DEVELOPMENT OF FOLKLORE TEXTBOOKS (on the example of the book "Oral creativity of the Tajik People")

The author of the article begins by discussing the collection, publication, research, and teaching of Tajik oral folk art by Russian ethnographers and folklorists, noting that this work began in the late 19th century and was continued by Tajik literary scholars and specialists in the late 1920s. Secondly, the issues of teaching the subject "Tajik Folklore" in the curriculum of the relevant specialties of Tajik philological faculties and teaching materials on this subject during the period of state independence were examined in terms of form and content, and a summary of some of them was presented. Then the author analyzes the form and content, language and style of the textbook "Oral Creativity of the Tajik People" by V. Asrori and R. Amonov, highlighting its novelty, achievements, shortcomings and omissions. The author also speaks about the high scientific and educational value of the first textbook on folklore - "Oral Creativity of the Tajik People" by V. Asrori and R. Amonov and its outstanding role in the further improvement of teaching and methodological tools, programs and textbooks, noting that all subsequent programs and textbooks, written to this day, are based on this book.

Keywords: Tajik folklore, Rajab Amonov, oral creativity, teaching materials, program, textbook, higher educational institutions, compiler, author.

Дар бораи муаллиф
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир
Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

Об авторе
Косими Саади Абдулкадир
Доктор филологических наук, заведующий кафедрой методики преподавания языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

About the author
Kosimi Saadi Abdulkodir
Doctor of Philological Sciences, Head of the Department of Methods of Teaching Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 45 66 93
E-mail: hofiz200469@mail.ru

ТДУ 891.550 (091)

КОРБУРДИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САБРИН

Саидова Б. Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Сабрин яке аз шоирони замони муосири адабиёти тоҷик буда, ҳамчун суханвари ширинсухани адабиёти бачагона шинохта шудааст. Дар осори Сабрин дар баробари дигар навъҳои адабӣ ғазал ҷойгоҳи муносиб дорад ва он мавқеи шоирро дар назми тоҷик муайян намудааст. Сабрин ғазалиёташро дар перояи нозуки лафзу маънӣ ифода кардааст.

Каломи мавзунро бофтаҳои бадеӣ зебу оро медиҳанд ва ин аст, ки адибон то дар ашъори худ бештар аз ин унсурҳои маънисоз истифода ва корбаст намоянд. Маҳорати суханварии шоирон офаридани ашъори хеш маҳз тавассути маъниҳои тозаву бикрро бо пероҳани ҳариру нафиси бадеият тараннум сохтан аст. Санъатҳои бадеӣ имкон медиҳанд, ки дар ғазалиёти Сабрин мавзуҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқу муҳаббати табии ва панду ахлоқро басо возеҳу дилкаш таҷассум ёбанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии осори адабӣ бадеият аст. Воситаҳои тасвири бадеӣ ҷузъи муҳими асари бадеӣ мебошад, ки адиб онҳоро барои ифода кардани ғояи асосии худ истифода менамояд. Санъатҳои бадеӣ омили муҳими дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор зоҳир гардидани мақсад ва ғояи асари бадеӣ мебошад. Ширинии калом санъат аст, ки бояд сода, фаҳмо, бетакаллуф ва аз ғайри ирода ба зуҳур ояд.

Таҳқиқи истифодаи санъатҳои бадеӣ маҳорати суханварӣ ва ҳунари тасвир дар ғазалиёти шоир дорои равиши хос аст. Яке аз рукнҳои асосии мавриди бадеиёти ашъори адибон, аз ҷумла навъҳои адабӣ дар адабиёти форс-тоҷик устодона истифода намудани бадеият мебошад, ки ҳамин суннати анъанавиро Сабрин идома додааст бо истифода аз маъниҳои ҷадиду бикр бо пероҳани зебо онро оростааст. Хусусияти хоси услуби баёни Сабрин дар он аст, ки ӯ ҳамчун сарроф ҳар калима, ҳар мафҳум, ки дар он бешубҳа маншаи шеър фасоҳату зебоии забон ва тобишу оҳангҳои асливу маҷозӣ, мантиқиву фалсафӣ ба кор бурдааст.

Бадеият муҳимтарин хусусияти хоси осори манзуму мансури қаламкашони адабиёти мост. Онҳо барои тасвири бадеии воқеаву ҳодисаҳо ва олами зоҳириву ботинии қаҳрамонон аз санъатҳои лафзиву маънавӣ фаровон истифода менамоянд. Муҳаққиқ Турақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» дар бораи арзиши санъатҳои бадеӣ маълумоти фаровон додааст, аз ҷумла ӯ менависад: «Воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамин гуна ҷузъи муҳими асари бадеӣ мебошад, ки адиб онҳоро барои истифода кардани ғояи асосии худ истифода менамояд. Таъсири эмотсионалии асари бадеӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ба воситаҳои тасвир вобаста аст, воситаҳои тасвир барои дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор тазовур кардани мақсад ва ғояи асар омили муҳиме мебошад» [4, с. 3]. Ба воситаи санъатҳои бадеӣ «калом мухайял ва тасвирӣ шавад ва аз сурати мустақиму якбуъдӣ ба сурати ғайримустақиму чандбуъдӣ дарояд, яъне аз забони одд фосила бигирад» [1, с. 14].

Корбурди санъати талмеҳ дар шеъри адабиёти тоҷик собиқаи дерина дорад. Умуман, ҳузури ин навъи санъати бадеӣ дар каломи манзум зиёдтар ба воқеаҳои таърихӣ асотирӣ, ба номҳои шахсиятҳои барҷаста ва осори онҳо ишора намуда, шоир бо истифода аз ин санъати бадеӣ дар эҷоди ғазалиёташ фикри худро қувват ва вусъат медиҳад.

Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук ба сӯи чизест. Дар адабиёти бадеӣ ишора ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву ривоятҳо, санъати талмеҳ номида мешавад [4].

Муҳаққиқ Мирзозода Х. дар «Луғати мухтасари адабиётшиносӣ» навиштааст, ки талмеҳ яке аз воситаҳои тасвир, яъне санъати маънавист, ки нависанда ба он восита ба ягон воқеаи машҳур ва одамони номӣ ишора карда, маънию мазмуни амиқеро баён мекунад [5].

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» овардааст, ки талмеҳ иборат аст аз ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур, ё масале машҳур.

Ҳамзамон дар адабиёти бадеӣ ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва дигарҳо ишора намуданро талмеҳ мехонанд. Бо истифода аз ин санъати маънавӣ муаллиф зимни тасвири ҳодисаву воқеаҳо кӯшиш менамояд, ки дар лаҳзаҳои бисёр мушкилу мубрам вораста гардонидани онҳоро тавассути шахсиятҳои асотирӣ ба амал пайвандад, чунончӣ роҷеъ ба Ҷамшед чунин баён сохтааст:

Ҳоли дил то вонамояд дилшиносони маро,
*Ишқро дар соғари **Ҷамшед** хоҳам баргирифт* [7, с. 129].

Яъне талмеҳ санъати маънавиест, ки бо ишора ба чизе дар тасвироти рангину ҷаззоби шоирона мақоми назаррас дорад. Сабрин –шоири нозукбину рангинбаён, бо нахустин қадами худ ба адабиёт маҳбубияти хонандаро маҳз бо он ба худ қабул намуда буд, ки тасвир ва маъниофариҳои барҷастаро дар шеъри худ хеле дақиққоронаву моҳирона ба кор бурдааст.

Талмеҳ дар ашъори Сабрин мавқеи намоёнро касб намуда, махсусан, дар ғазалиёташ ин навъи санъат хеле ва хеле зиёд аст.

Дар баъзе аз ғазалиёташ Сабрин бо истифода аз санъати талмеҳ ғаму ғусса ва афсусу надомат ба табиати оташини қаҳрамони лирикии ғазалиёти шоир алоқаманд афтодааст, ки дар бораи қиссаи ишқии Робиа чунин навиштааст, эмотсияи муҳаббатро ифода мекунад:

*Магар субҳи дили **Робиа** шуд чок,*
Шафақ пироҳани алвон гирифтааст [7, с. 66].

Сабрин яке аз шоиронест, ки бо истифодаи хеле ӯҳдабароёнаву забардастонаи алфози мутаносиб санъати талмеҳро дар ғояти неку латиф, фасеҳу балеғ маънии дилчасп эҷод намояд. Ӯ дар ғазалҳояш ба қиссаи ишқии «Юсуф ва Зулайхо» ишора намуда, мегӯяд:

Зулайхоро чӣ ҳадди ишқи Сабрин,
*Ба ишқат **Юсуфо** арзанда бошам* [7, с. 146].

Муҳаққиқ Ғаффорова У. дар мавриди қиссаи Юсуф фикри ҷолибе пешниҳод намудааст, ки чунин менависад: «Қиссаи Юсуф аз муҳимтарин заминаҳои ангезиши завқу эҳсос ва сувари хаёли шуарои форс-тоҷик аст, агар гӯем, ки ҷонмоя, оинаи зебоӣ, ҳодии собирону содиқону ошиқон, чароғи Юсуфистони адабиёти форсист, иштибоҳ нахоҳем кард. Дар саросари адабиёти форс-тоҷик шоире наметавон дарёфт, ки маъние аз тамошогоҳи рози ин қисса начида бошад. Яъне қиссаи Юсуф фаротар аз ҳама гуна тасаввури мо ба решаҳои амиқтарин тафаккури адабӣ ва завқи миллӣ расида, аз ҳамон дунёи масоҳатнопазир берун меояд. Зеро дар шеъри ғиноии форсӣ аз хоб дидани Юсуф то равшан шудани чашми Яъқуб ва гавҳари мақсуд ба даст овардани Зулайхо ҳамаи ҷузъиёти мазмуни ин қисса баъзан ба ҳайси мисолия, гоҳи дигар талмеҳан, дар мақоме айнан ҷои дигар маҷозан баён шудаанд. Баррасии сайру таҳаввули ҷузъиёти қиссаи Юсуф ва ангезаҳои маъниофарии он аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар яке аз ҷзъиёти мазмуни қисса вобаста ба тақозои замон, шеваи нигоҳ усули нигориш, сатҳи тахайюлу тадаббури адибон рангу мазмунҳои хосе касб карда дар натиҷа аз ҳар ҷузъи он боз садҳо маънӣ бархостааст. Ин тамоюл аз ибтидои адабиёти нави форсӣ яъне аз шеъри Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ қувват гирифта дар асрҳои дигар бештар доман густурда ва нерӯманд шудааст» [3, с. 151].

Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» хеле дароз буда, Юсуф-писари Яъқуб Канъонӣ, ки яке аз пайғамбарон аст, ҳодисаест, ки аз ин қисса дар байти Сабрин зикр гардидааст: Фарзандони Яъқуб Пайғамбар аз ҳасад бурдан ба бародари хурдиашон, рӯзе Юсуфро аз падар иҷозат гирифта, ба шикор мебаранд. Дар шикоргоҳ Юсуфро ба чоҳе андохта ва гургеро (ба ривояти дигар кабутареро) кушта, пироҳани бародарашон-Юсуфро ба хуни он олуда назди Яъқуб - падарашон бурда гуфтанд, ки гӯё гурге Юсуфро хурдааст. Аз ин ҳодисаи мудҳиш падар хеле ғамгин шуда, мегиряд, ки ҳатто чашмонаш нобино мегардад. Юсуф аз дасти корвониён аз чоҳ раҳоӣ ёфта, баъди чандин сол подшоҳи Миср мешавад. Солҳое, ки хушкиву қаҳатӣ омад, бародарони Юсуф барои ғалла ба Миср рафтанд. Юсуф бародаронашро шинохта, худро ба онҳо шинос мекунад ва пироҳани худро барои падараш мефиристад. Ҳангоме ки Яъқуб пироҳани Юсуфро ба дидагонаш мемолад, аз бӯи он чашмонаш бино мегарданд. Ҳамин ҳолатро шоира тасвир намудааст.

Сабрин дар роҳи пурпечутоби ишқ хуни ҷигар хӯрдани қаҳрамони лирикӣ дар ғазалиёташ зикр кардааст. Ба Маҷнун, талмеҳан ишора карда мегӯяд:

*Ин бод, ки навҳагар чу **Маҷнун**,*
Ҳамдарди ҳавои нолаи кист [7, с. 13].

Ҷойи дигар таърихи *«Қиссаи Лайлию Маҷнун кӯҳна шуд»* баён намуда, аз гиристанҳо дар роҳи ишқ *«Дафтари афсона мегиряд хамӯш»* бо матлаъи зерин ғазалиёти худро шуруъ менамояд:

Шамъ бе парвона мегиряд хамӯш,
Чуғз дар вайрона мегиряд хамӯш [6, с. 15].

Мувофиқи афсонаву ақидаҳои динӣ, номи пайғамбаре, ки гӯё оби ҳаёт нушида умри абадӣ ёфтааст, *Хизр* мебошад, ки дар ашъори Сабрин ин ном ёд шудааст, чунончи:

Санги таҷоҳул аз чӣ рӯ бар садафи дилам занӣ?
Мекунад об синаам гавҳари санги хораро,

*Рози дили маро магар **Хизри** сухан дарак намуд,*
Домани поки ман кашад маънии истиорарo [6, с. 10].

Мувофиқи гурӯҳбандии талмеҳоти адабиёти тоҷик гуфта метавонем, ки ғазалиёти Сабрин яке аз масъалаҳои асосии жанр, яъне ишқу муҳаббат тараннум намуда, бисёр масъалаҳои дигари зиндагиро дар пардаи ишқ баён менамояд. Бо истифодаи қиссаву ривоятҳо, шахсони асотирӣ, рӯйдодҳо, шахсони таърихӣ, қаҳрамони асарҳои адабӣ ва маҳаллҳои ҷуғрофӣ шоир тамоми хоҳишу дархостҳои худро дар ғазалиёташ тавонистааст возеҳу муассир ба хонанда пешкаш намояд. Ҷойи дигар чунин менигорад:

*Аз дили **Ҳаввою Одам***
Зиндагӣ оғоз дорад [7, с. 134].

***

То ба боми чарх дарё мервад,
*Гар бувад аз ашки Сабрин **Нӯҳ** об* [7, с. 53].

Мавқеи санъати талмеҳ дар ғазалиёти Сабрин ба таври васеъ мушоҳида шуда, бо истифодаи ин санъат шоир тавонистааст, ки зебоии табиати диёрашро, ҳасби ҳоли худ ва ба таври барҷаста масъалаи ишқу муҳаббати покро нисбат ба маъшуқа тасвир намояд.

Хулоса, корбурди санъати талмеҳ дар тасвир ва маънисозии ғазалиёти Сабрин мавқеи намоён дорад. Шоир ба ин восита фикри худро тақвият дода, равшану возеҳ пешкаши хонанда намудааст, ки суханҳои шоир ба ташаккули сифатҳои иродавии шахс ва баҳри инкишофи зеҳнии ҷавонон андешаҳои арзишманд ҳастанд.

Ҳамчунин, истифодаи санъати талмеҳ дар банду басти як қатор тасвироти воқеӣ, ки шоир онро наметавонист бе парда пешкаши хонанда намояд, саҳми арзишноки худро гузоштааст. Бояд қайд намуд, ки талмеҳоти ашъори шоир қимати маърифатию тарбиявӣ ва аҳамияти калони таърихиро ба худ касб намудааст. Дар ғазалиёти Сабрин фикри дақиқ, ҳиссиёти нозукбинона, андешаҳои амиқ ва тахайюли серпаҳно бо ҳам пайванданд. Ӯ ашъори худро пероя аз тобишҳои тоза ба тозаи қолабҳои калимаҳо, такрорҳои пайдарҳамии он бо истифода аз калимаҳои оддию сода, серистеъмолу оммафаҳм сохтааст. Ӯ ба хотири маънии тоза вазн, қофияву радиф қолаби анъанавии навъҳои шеъриро бо сабку услуб ва ҳунари махсуси шоирии худ нигоҳ доштааст.

Тавассути таълими санъатҳои бадеӣ дар дарсҳои адабиёти тоҷик ва дар фаъолгардонии воситаи рушди зеҳнии хонандагону донишҷӯён баҳри ба амал баровардани мақсадҳои ниҳоии таҳсилоти муосир ва беҳдошти сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ба ҳар як хонанда ва донишҷӯ имконият медиҳад, ки вобаста ба қобилиятҳояшон тавассути ин гуна ашъор дараҷаи баланди донишро аз худ карда, имкониятҳои шахсии худро истифода бурда тавонанд.

Адабиёт

1. *Атоулло, Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. (Бо сарсухан тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов) / Ҳусайнӣ Маҳмуди Атоулло. – Душанбе: Ирфон, 1974. - 223 с.*
2. *Афсаҳов, А. Талмеҳ // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик Ҷ. 3. / А. Афсаҳов. – Душанбе, 2004. – 166 с.*
3. *Ғаффорова, У.А. Талмеҳот дар ашъори Шайх Камоли Хуҷандӣ / У.А. Ғаффорова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 6, 2020. – С. 148-154.*
4. *Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. - 302 с.*
5. *Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.*
6. *Сабрин. Хилвати гесӯ / Сабрин. – Душанбе: Истиқбол, 2009. – 80 с.*
7. *Сабрин. Садбарги ҳаё / Сабрин. – Душанбе: Истиқбол, 2018. – 214 с.*
8. *Саидова, Б. Поэтикаи ғазалиёти Амиршоҳӣ / Б. Саидова. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 136 с.*
9. *Тоиров, У. Фарҳанги истилоҳоти қофия. – Душанбе: Маориф, 1997. – 152 с.*

КОРБУРДИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САБРИН

Дар мақола нақши санъати талмеҳ дар ғазалиёти Сабрин баррасӣ гардидааст. Санъатҳои бадеӣ имкон медиҳанд, ки дар ғазалиёти Сабрин мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқу муҳаббати табиӣ ва панду ахлоқи басо возеҳу дилкаш таҷассум ёбанд. Ба василаи талмеҳ Сабрин масъалаи асосии жанри ғазал, яъне ишқу муҳаббатро тараннум намуда, бисёр масъалаҳои дигари зиндагиро дар пардаи ишқ баён намудааст. Бо истифодаи қиссаву ривоятҳо, шахсони асотирӣ, рӯйдодҳо, шахсони таърихӣ, қаҳрамони асарҳои адабӣ ва маҳаллҳои ҷуғрофӣ шоир тамоми хоҳишу дархостҳои худро дар ғазалҳояш тавонистааст возеҳу муассир ба хонанда пешкаш намояд. Мавқеи талмеҳ дар ғазалиёти Сабрин ба таври васеъ мушоҳида шуда, бо истифодаи ин санъат шоир тавонистааст, ки зебоии табиати диёрашро, ҳасби ҳоли худ ва ба таври барҷаста масъалаи ишқу муҳаббати покро нисбат ба маъшуқа тасвир намояд. Муаллифи мақола таъкид кардааст, ки талмеҳ дар тасвир ва маънисозии

ғазалиёти Сабрин мавқеи намоён дорад. Шоир ба ин восита фикри худро тақвият дода, равшану возеҳ пешкаши хонанда намудааст. Ҳамчунин талмеҳ дар банду басти як қатор тасвироти воқеӣ, ки шоир онро наметавонист бе парда пешкаши хонанда намояд, саҳми арзишноки худро гузоштааст. Умуман, талмеҳоти ашъори шоир қимати маърифатию тарбиявӣ ва аҳамияти калони таърихиро ба худ касб намудааст.

Калидвожаҳо: ғазалиёт, санъатҳои бадеӣ, талмеҳ, қаҳрамони лирикӣ, Сабрин, адабиёти тоҷик.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСКУССТВА ТАЛМЕХ В ГАЗЕЛИ САБРИНА

В статье рассматривается роль искусства тальме в газели Сабрина. Изобразительное искусство позволяет воплотить в стихах Сабрина философскую, социальную, естественную любовь и нравственные советы. С помощью талмех Сабрин прославил главный вопрос жанра газели – любовь, а также выразил многие другие вопросы жизни под покровом любви. Используя рассказы и легенды, легендарных личностей, события, исторические личности, героев литературных произведений и географических мест, поэт сумел ясно и эффектно представить читателю все свои пожелания и просьбы в своих газелях. Роль талмех в газелях Сабрина широко известна, и, используя это искусство, поэт смог описать красоту природы своей страны, а также свое положение и, в первую очередь, проблему чистой любви к своей возлюбленной. Автор статьи подчеркивает, что талмех занимает значительное место в описании и интерпретации поэзии Сабрина. Тем самым поэт укрепил свою идею и ясно представил ее читателю. Также талмех внес ценный вклад в составление ряда реальных образов, которые поэт не мог представить читателю без завесы. В целом стихи поэта приобрели просветительскую и воспитательную ценность и большое историческое значение.

Ключевые слова: поэзия, изобразительное искусство, талмех, лирический герой, Сабрин, таджикская литература.

THE USING THE ART OF TALMEKH IN THE GAZELS OF SABRIN

The article examines the role of the art of talme in the ghazals of Sabrin. Fine art allows Sabrin to embody philosophical, social, natural love and moral advice in her poems. With the help of the tale, Sabrin glorified the main issue of the ghazal genre - love, and also expressed many other issues of life under the cover of love. Using stories and legends, legendary personalities, events, historical figures, heroes of literary works and geographical places, the poet was able to present to the reader all his wishes and requests in his ghazals clearly and effectively. The role of talme in Sabrin's ghazals is widely known and by using this art, the poet was able to describe the beauty of the nature of his country as well as his situation and, above all, the problem of pure love for his beloved. The author of the article emphasizes that talmekh occupies a significant place in the description and interpretation of Sabrin’s poetry. Thus, the poet strengthened his idea and clearly presented it to the reader. Talme also made a valuable contribution to the compilation of a number of real images that the poet could not present to the reader without a veil. In general, the poet’s poems acquired educational and educational value and great historical significance.

Keywords: poetry, fine arts, talmekh, lyrical hero, Sabrin, Tajik literature.

Дар бораи муаллиф
Саидова Барно Турахоновна
Номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 917 77 74 03
E-mail: barnosaidova40@gmail.com

Об авторе
Саидова Барно Турахоновна
Кандидат филологических наук, и.о. дотцент кафедры общий психологии Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 917 77 74 03
E-mail: barnosaidova40@gmail.com

About the author
Saidova Barno Turakhonovna
Candidate of Philological Sciences, Docent Senior Lecturer of the Department of Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 917 77 74 03
E-mail: barnosaidova40@gmail.com

ТДУ 621.397(575.3)

САҲМИ НОСИР ҲАСАНОВ ДАР ТАШАККУЛИ ТЕАТРИ КАСБӢ

Воҳидов Р.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Бояд ёдовар шуд, ки солҳои 60-уми асри гузашта як гурӯҳ ҳунармандони ҷавон баъди хатми Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В. Луначарский шаҳри Москва вориди фазои театри тоҷик гардиданд**.** Ин гурӯҳи хатмкардагони ҷавон барои пешрафт ва такомули театри касбии тоҷик саҳми арзанда гузоштанд, ки имрӯз мояи ифтихори миллати тоҷик гардидааст. Баъди ворид гардидани ин ҳунармандони ҷавони болаёқат, фазои ҳунарии Театри академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ руҳи тоза ва такони азиме гирифт. Гарчанде таҳкурсии мустаҳками театрро ҳунармандони насли аввал ташкил ва гузошта буданд, аммо пойдевори он кавӣ ва назаррас ба чашм намудор мегашт. Ин ҷавонони пурҳунар пеши худ вазифа гузоштанд, ки идомаи кору ҳунари онҳоро давом диҳанд ва театри тоҷикро ба пояи баланд бардоранд.

Дар ин гурӯҳ чанд нафар ҳунармандони хуб тарбия ёфта ба калом расиданд. Аз ҷумла, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Ҳабибулло Абудазоқов, Носир Ҳасанов, Майрия Исоева, Тамара Абдушукурова, Мая Камолова, Неъматҷон Дӯстматов, Фотима Ғуломова, А. Қуддусов, Музаффар Ғаниев, Саҷида Ғуломова, Турахон Аҳмадхонов бо ҳунари худ дар саҳифаҳои таърихи театр дарҷ гардидаанд. Ин хатмкардагон дар рафти таҳсил аз устодони худ нозукии касбро аз бар намуда, дар корҳои дипломӣ якчанд образҳои аҷоибро рӯи саҳна оварданд. Спектаклҳои дипломии онҳо дар дили тамошобин маскан гирифт. Яке аз режиссёрони маъруфи рус Анатолий Эфрос чунин қайд мекунад.”Театр ба назарам метавонад ба ду чиз такя кунад: дар нахуст ба неруи оҳанини коргардон. Агар ин гуна нерӯ набошад, театр умуман буда наметавонад. Сониян комил будани актёрон, ки сабаби зуҳури фардиятҳои мухталиф аст, сабаби ҳастии театр хоҳад буд” [2, с. 102]. Оре, режиссёр дуруст қайд мекунад, ки неруи асосӣ дар театр ин коргардон аст. Агар театр режиссёри донишманд ва пуристеъдод надошта бошад, он рӯ ба таназзул меорад. Агар режиссёр суст бошад ба ҳунармандони болаёқат такя мекунанду намоишро тамошобоб мегардонанд. Аз ин лиҳоз барои кушодани хислат ва ботинӣ қаҳрамонҳои асар режиссёр саҳм арзанда мегузорад.

Театри касбӣ дар тарбияи маънавӣ, сиёсӣ ва эстетикии насли наврас саҳми арзанда мегузорад. Аз ин рӯ театрро мактаби бузурги зиндагӣ меноманд.

Фаъолияти пурбор ва пурмуҳтавои яке аз актёрони соҳибистеъдоди Театри давлати академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Носир Ҳасанов маҳз бо шарофати донишмандияш ва ҳунари табиӣ доштанаш бо неруи тоза ва созандаи хеш боиси образҳои барҷаста гардид. Образҳои офаридаи ӯ гуногун буда, дар ҳама ҳолатҳо мавқеи худро медонад ва мувофиқи он дар саҳна рафтор менамояд. Режиссёри рус Либанов Андрей Михайлович чунин навиштааст: “Ман метавонам ҷараёни дар санъат интихоб намудаамро реализми шоирона номам, реализме, ки аз нафосат илҳом гирифтааст. Ман мекӯшам эҳсосу андешаи дар асар буда, руҳбаландона, бо илҳом ифода ёбад, ба зиндагӣ таконе тоза диҳад, ҷӯшу хурӯш ворид кунад. Мана он чизе, ки ман зери мафҳуми реализми шоирона мефаҳмам”[3, с. 156]. Носир Ҳасанов низ услуби реализми амиқи ҳолати руҳиро, ки бар пояи фаҳмиши нерӯҳои такондиҳандаи психологии ҷомеа такя кардааст, асоси кори худ медонист. Ӯ дар саҳна бо шавқу шур бо мақсаду маром бо ҷасорату ҷустуҷӯи тозаи эҷодӣ, самимӣ рафтор намуда, образҳои ҷолиб рӯи саҳна оварду, ки тамошобин писандид. Ин марди пурҳунар, ҷаҳонбинӣ, малака ва маҳорати худро бо образҳои ҷолиб ба тамошобин муаррифи намуд, ки манаққидон ва санъаткорони номӣ баҳои арзанда доданд. Дар ҳақиқат агар амали актёр дар саҳна аз сухан воло набошад тираш ба ҳадаф намерасад. Дар саҳна ҳар образе, ки насиби Носир Ҳасанов мегашт, ӯ амалиётро боло мегузошт то тираш ба нишон расад. Ӯ, медонист, ки “амалиёт аз қадимулайём унсури асосии театр ва создастаи он буд ва ҳаст” [2, с. 104].

Дар ҳақиқат амалиёт унсури асосии намоишнома аст. Дар саҳна вазифаи актёр амалиёти образро ёфтан аст. Носир Ҳасанов ин амалиётро дар театри Камоли Хуҷандӣ дар нақши Муҳаммад ёфт, ки писанди ҳамагон гардида буд. Ин нақш аз намоишномаи фоҷиавии “Нурхон” буд. Образи Муҳаммад манфӣ буда, диққати Носир Ҳасановро амалиёт ва воқеаҳои гуногун ба худ ҷалб мекунад. Ҳунарманд дар вақти офаридани образ кӯшиш

менамояд, ки ба он ворид гардида моҳияти онро бо навоварию дастовардҳои назарас кушода диҳад. Қаҳрамони Носир Ҳасанов аз рафтори хоҳари худ ноҳинҷор гардида, ӯро таъкид мекунад, ки бо бадахлоқии худ дар ҷомеа оилаашонро бадном кардааст. Ин рафтори ношоиста Муҳаммадро ором намегузорад ва чандин маротиба садди роҳи Нурхон мегардад, ки дигар бадахлоқӣ накунад. Нурхон ба он эътибор намедиҳаду аз паи кори худ мешавад. Қаҳрамони Носир Ҳасанов хеле асабӣ шуда дардро ботинан дарк мекунад, аммо кӯшиш мекунанд то ноҳинҷории худро нишон надиҳад. Ба қавли драматург “Ҳисси зебоӣ мисли ҳар як санъаткор ба актёр хос аст ва ӯ бояд онро ҳамчун арзиши ботинӣ кушояд ва такомул бахшад. Дар он сурат ин эҳсос ба эҷодиёти ӯ хос гардида сифати доимии ӯ хоҳад шуд” [2, с. 104].

Дар ҳақиқат Носир Ҳасанов ба образ ворид гардида тамоми қобилият ва истеъдоди худро ба мақсади қаҳрамон равона сохта, хислати қаҳрамони худро ботинан ва фикран кушода, ба ғояи намоиш такон бахшид. Дар санъати актёрӣ образофариӣ хусусияти хоси актёр аст. Актёре, ки ғояи асари драмавиро дарк ва эҳсос намояд, мақсади худро ба дарду фикри қаҳрамон равона сохта, барои кушодани гиреҳҳои он амал мекунад.

Носир Ҳасанов ҳангоми офаридани нақш аввал фарҳангӣ ботинии қаҳрамони худро ҷустуҷӯ менамояд, баъд амалиёти қаҳрамонашро омӯхта, кӯшиш менамояд, ки ҳаракату сухани қаҳрамонаш бо фикр воҳид гардад. Агар ҳангоми омехта ва пӯхта гардидани амалиёти сухан, ҳаракат дар ботин ва фикри нақшофаранда бо ҳам омехта гардад, он вақт вазифаи гузоштаи режиссёр амалӣ гардида, мақсадаш равшан баён мегардад. Носир Ҳасанов омехта гардидани эҳсосот, мақсад, фикр ва амалиётро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобида, қуваашро ба он сарф мекард. Аз ин рӯ, образи офаридааш ҷолиб ва назаррас гардида, дар дили тамошобинон маскан гирифт ва ӯ вазифаи гузоштаашро дар амал тадбиқ намуд.

Ҳамон солҳо дараматурги тоҷик Ғанӣ Абдулло аз рӯйи “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ драмаи фоҷиавии “Рустам ва Суҳроб” эҷод намуд. Режиссёрон Ф. И. Александрин ва Ҳунарпешаи хизматнишондода Тоҷикистон Ҳабибулло Абдуразоқов “Рустам ва Сӯҳроб”-ро ба саҳна гузошта ба Носир Ҳасанов нақши Масхарабозро супориданд. Намоишномаи аз тарафи тамошобинон хуб пазироӣ ва ба муваффақияти калон ноил гардид. Дар ин намоишнома аз бозии Носир Ҳасанов маълум мегардад, ки ӯ масхарабоз не, балки як файласуфест, ки бо бозиҳои шавқовар табъи шоҳро шод менамояд. Масхарабози Носир Ҳасанов дар саҳна шахсе мебошад, ки бо хандаву ҳазл дилҳои ғамноку андуҳгинро шод мегардонад ва насиҳат мекунад.

Ҳарчанд қаҳрамони ҳунарманд аз кашмакашиҳои дигарон огоҳ асту ӯро хастаҳолу дилреш кардааст, аммо мехоҳад бо воситаи ҳазлу мазоҳ хастагиҳояш бароҳаду дардашро ба тамошобин гӯяд. Аз симои ботинии ҳунарманд маълум мегардад, ки Масхарабози Носир Ҳасанов дар саҳна инсони покширишт, меҳрубон ва ғамхор аст, мехоҳад ба ҳама некӣ кунаду дасти дармондагонро гирад ва аз роҳи бад баргардонад. Аз ин лиҳоз қаҳрамони Носир Ҳасанов дар дили тамошобин маҳбубият пайдо намуда, маскан гирифт. Ин намоишнома саршори андешаҳо, муносибатҳои тезу тунди давлатӣ, дорои хислатҳои ҷолиб буда, дар он ватандорӣ, мардонагиву диловарӣ, покию поквиҷдонӣ тасвир ёфтааст. Тамошобин дар рафти намоишнома хиёнаткорӣ, душманӣ, фиребгарӣ ва қаллобиро мебинад ва ба андеша ғутавар мегардад.

Бояд ёдовар шуд, ки Носир Ҳасанов нақши худро ба таври табиӣ ба нақши марказӣ бароварда, ки ин аз ҳунари беҳамтои ӯ дарак медиҳад. Ҳарчанд образи масхарабоз зоҳиран ба масхарабоз монанд бошад ҳам, аммо аз ботини ӯ тамошобин шахси файласуф, хирадманд ва мутафаккирро эҳсос менамояд ва дарди ӯро дарк мекунад. Аз ҳунарнамоии артист маълум мегардад, ки режиссёрҳо вазифаи муайянро ба актёр гузоштааст. Барои ноил гардидан ба мақсад ҳунарманд дар саҳна бо ҳазлу шӯхӣ мубориза мебарад. Ҳунарманд тавонистааст қувваи некию бадии замони гузаштаро ба замони имрӯза мутобиқ гардонад, ки басо ҷолиб баромадааст. Чунончи Туманишвили дарёфтааст “Режиссёр- эҷодкор –ин шахсест, ки муносибати хешро ба низоми ин рӯзгорон ифода месозад...Воқеан, ҳар як факти на чандон муҳими зиндагӣ метавонад асрори бузурге ниҳон дошта бошад. Дақиқ назар кунӣ, он қадар ҳам “содда” нест, ҳар як ҷузъи вайро метавон ба таври худ шарҳ дод. Ҳама гап дар худи режиссёр” [12, с. 95] Бале, режиссёр дуруст қайд кардааст, ки актёри бомаҳорату ботаҷриба, боистеъдод қувваи худро ба ҳаёти қаҳрамонаш мебахшад, ки аз панду андарзҳои ӯ тамошобин баҳравар гарданд. Чун хандаи масхарабоз, ки барои талхии инсони бадбахт мегиряд, ҳунарманд дар саҳна зоҳиран хушҳолу чолок ҳунарнамоӣ мекунад. Ин ҳамаро тамошобин мебинад ва эҳсос менамояд. Дар вақти тамошои намоишнома аввал тамошобин

ҳис намекунад, вақте ки ба андеша фурӯ меравад зерматни ӯро дарк менамояд, ки ба ҳоли мардум гиря дорад. Маълум мешавад, ки ҳунарманд матни қаҳрамонашро ҷиддӣ коркард намуда, ҳар як гиреҳи суханро кушода, суханро аз қафас озод намудааст, ки мақсад ва маънои калима равшан ба гӯши тамошобин рафта мерасад.

Образи дигаре, ки Носир Ҳасанов пешкаши мухлисони сершумораш гардонд Бобчинский аз мазҳакаи "Муфаттиш"-и Н. В. Гогол буд. Бояд қайд намуд, ки Носир Ҳасанов барои кушодани хислати ботинии қаҳрамонаш – Бобчинский бедорхобӣ ва ранҷ кашида, барои худ ҳар як шохаи онро муайян намудааст, то қаҳрамонаш воҳимагар ва хушомадгӯй бошад. Агар ҳунарманд воҳимагарӣ ва хушомадгӯйи Бобчинскийро ба худ кашф намекард, образи ӯ ба муваффақият намерасид. Воқеан барои образ офаридан нӯги риштаи хислати қаҳрамонро ёфтан лозим аст. Носир Ҳасанов нӯги риштаи образи худро дар асоси воҳимагарӣ, хушомадгӯйи Бобчинский ёфтааст, ки ба худаш хос ва мувофиқ буд. Ҳунарпеша зиндагии қаҳрамони худро дар асоси воҳимагарӣ, хушомадгӯиву лагандбардорӣ бунёд кардааст, ки тамошобин инро тез эҳсос менамояд.

Носир Ҳасанов дар ҳақиқат актёр аст, актёре, ки як лаҳза дар саҳна ботинаш ва фикраш ором нест. Ҳамеша дар фикр банд аст. Хубии образи артист дар он аст, ки фарҳанги ботинии қаҳрамонашро дар саҳна нигоҳ дошта метавонад, ки ин аз ҳунари беҳамтоии ҳунарманд дарак медиҳад. Ҳангоми сухан гуфтан дастонаш қарор намеистанду худ ба худ ба ҳаракат медароянд ва ин ҳаракатҳо ба ифодаи суханаш кӯмак намуда, симои ботинӣ ва мақсади қаҳрамонашро равшан нишон медиҳад. Дар ҳақиқат Носир Ҳасанов барои офаридани ин нақш тамоми маҳорати худро кор фармуда, тавонист дар саҳна образи дурӯя, ҳарзагӯй, хабаркаш ва ғайбатчиро нишон диҳад. Ин аз талаботи асари саҳнавӣ аст. Чунончи Блок Вл. қайд кардааст: "Пийеса ин стенограммаест, ки театр бояд рамзи онро кушояд" [1, с. 7].

Носир Ҳасанов бо нақши Бобчинский рамзҳои пӯшидаи қаҳрамонашро кушода, ба ғояи асосии намоишнома такони хуб дод. Дар вақти офаридани образ бо имову ишора, бо гардиши чашм ва абрӯвонаш, кашишҳои мушакҳои рӯйи артист баробари арганикаи бадани ҳунарпеша ҳаракат карда, маъниро ифода менамуданд ва дуюм плани иҷрокунандаи нақшро равшан маънидод мекард. Артист тавонист бо воситаи ин образ симои Бобчинский барин шахсони лагандбардори замонашро зери танқид гарифта ба мардум нишон диҳад, ки чунин одамон то имрӯз дар зиндагӣ вуҷуд доранд ва ба пешравии ҷомеа халал мерасонанд, аз онҳо боэҳтиёт бошед. Дар ин намоишнома мақсади ҳар як қаҳрамон ва режиссёр дар алоҳидагӣ ба чашм намудор мегардад. Режиссёрони намоиш кӯшиш намудаанд, ки моҳияти образ ва камбудиҳои замонашонро бо воситаи қаҳрамонҳо ошкоро баён созанду тамошобинро ба пайраҳаи рост раҳсипор намоянд. Аслан мақсади театр ҳамин аст, ки инсонро ба роҳи рост гузорад. Албатта, танҳо дар ошкоро нишон додани камбудӣ, инсон ва мансабдорон камбудиҳои худро бартараф карда метавонанд.

Носир Ҳасанов дар вақти офаридани образ аз як ҳолат ба ҳолати дигар фикран мақсадро дарк намуда самимӣ мегузашт, ки зиндагии шахси лагандбардоро тамошобин медид. Нақши Бобчинский ба синну сол, хислат, қаду баст ва ҳаракатҳои артист Носир Ҳасанов мувофиқат менамуд. Агар Носир Ҳасановро дар образҳои мазҳакавӣ бубинед дар ҳол ба худ хулоса мебароред, ки ин артист маҳз барои образҳои мазҳакавӣ офарида шудааст. Ростӣ ин ҳама аз дониш, истеъдод ва ҳунари актёр вобаста аст. Агар дар вақти офаридани образи қаҳрамон бодиққат коркарди нақшро дуруст ба роҳ гузореду ба таҳлили режиссёр андешаи солимона намуда, ҳар як сухани қаҳрамон коркард карда, суханро аз қафас озод намоед, он образ ва ғояи режиссёр таъсир расонида, мақсад ба нишон мерасад. Носир Ҳасанов аз оғози фаъолият дар андешаи солимона таҳлил ва коркарди матн ҳамин аст.

Нақши дигаре, ки Носир Ҳасанов дар саҳнаи Театри академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ офарид, нақши Саша аз асари "Корвони бахт"-и Мирсаид Миршакар буд. Нақши Сашаи Носир Ҳасанов 14-15-сола буд. Ҳангоми дидани намоишнома тамошобин ба хулоса меояд, ки дар ҳақиқат артист барои офаридани ин нақш заҳмати зиёд кашидааст. Саҳнаи театр собит сохтааст, ки офаридани образи ҷавон писари 14-15-сола хеле мушкил аст. Носир Ҳасанов ба мушкилиҳои сахт рӯ ба рӯ гашт, аммо аз мақсади гузоштааст рӯй натофт, балки ба қаҳрамонаш тобиш бахшид. Ба қавли Лобанов Андрей Михайлович "ҳаёти бетобиш мисли гули бебӯй аст" [4, с. 358].

Носир Ҳасанов медонист, ки дар саҳна ба вуҷуд овардани зиндагии ҳақиқӣ мушкилтарин ва баландтарини ҳунари артистӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ кӯшиш менамуд, ки нақшро аз даст надиҳад аз пайи ҷустуҷӯйи образ гашт. Худи артист мегӯяд: "Рӯзе дар вақти машқ дарро боз кардам, чун шамол вориди утоқи кории Ленин гардидам. Ва суханро оғоз

намуда бо дард гӯфтам ашк аз чашмонам рехт. Ҳамин тариқ, нақши Саша пайдо мегардад”. Воқеан нақши Саша чунон табиӣ ва самими рӯйи саҳна омад, ки яке аз нақшҳои асосӣ гардид. Дар вақти офаридани ин нақш тамошобин ҳам механдиду ҳам мегирист. Баъди нахуст намоиш таваҷҷуҳи тамошобин зиёд гардида, муваффақиятҳои беназир насибаш гашт. Сашаи Носир Ҳасанов бачаи чолок, нотарс, қавиирода руи саҳна омад. “Муваффақияти асари саҳнавӣ танҳо ба нависандаи он вобаста нест. Хизмат ва маҳорати басаҳнагузоранда ва ҳунарпешагон ба асар болу пар мебахшад, тақдири минбадаи асарро ҳал мекунад. Маҳорат ва муҳаббати артистон ва коргардон буд, ки ба асар ҷон бахшида онҳоро ҳамсӯҳбати тамошобинон гардониданд” [5, с. 4].

Дар ҳақиқат пийеса асари бадеӣ аст, вақте ки режиссёр ва актёрон моҳияти онро кушода, ба ҳар як қаҳрамон ҷон ато мекунанду болу пар мебахшанд, он асари бадеӣ асари намоиширо ба худ мегирад, аммо мақсади драматург, ғояи асар бо фикру мақсади режиссёр, бо эҳсосоти актёрон, андеша, ҳаракати дасту пой, кашиши рагҳои бадан, бо ифодаи сухан ҳамоҳанг гардида, пухтаву солим мегарданд. Барои пешрафти театр режиссёр ва актёрон мағзи асарҳои драмавиро дарёфт намуда, гиреҳои ноаёни онро ёфта мекушоянду иҷрокунандагонро мутаҳид менамоянд, ба як нуқта равона месозанд. Намоишнома таҳти роҳбарии режиссёр зинда шуда, овоз, назокату ҳолат ва ҳаракати гарму ҷӯшон пайдо менамояд, ки тамошобин ғизои маънавӣ мебардорад. Актёр ба саҳнаҳои камҳаракат, амалиёт ворид намуда, онро зоҳиран ва ботинан пуршиддат менамояду набзи ботинии қаҳрамонро дар саҳна бо тобишҳои нозук, олами ботинӣ зоҳирии нақшро ба даст меоварад. Дар театр агар режиссёр ронанда бошад, актёр муҳаррик аст. Актёр амалиёти қаҳрамонашро кушода, саҳнаҳои онро бо сухан таъсирбахш менамояд ва ба он ҷон ато мекунад.

Носир Ҳасанов ҳангоми офаридани образҳояш хислати барҷастаи каҳрамонашро бо инкишофи темп, ритм ва тезу тундии амалиёт пайваст намуда, барои кушодани ҷаҳони маънавии қаҳрамонаш бехобӣ мекашид ва бисёр фикр мекард. Яке аз хусусиятҳои хоси актёрии Носир Ҳасанов он буд, ки бештар ба сабки асар диққат медод, чунки сабк барои кушодани хислати қаҳрамон ёрӣ мерасонад. Ин омӯзиш ва муносибат ба ӯ имкон дод, ки дар саҳна театр беҳтарин актёр гардад.

Театри давлатии академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ соли 1964 бахшида ба муносибати рӯзи ғалабаи инқилоби Октябр асари драматурги тоҷик Ғанӣ Абдулло “Ҳуррият”-ро манзури тамошобинон тоҷик гардонд. Ба саҳна гузоштани ин драмаро режиссёри Александрин Ф. И. бар душ гирифт. Барои он ки моҳияти асар кушода шавад тақсими нақшҳо аз рӯи истеъдоди ҳунармандон сурат гирифт. Аз ин лиҳоз як гурӯҳ ҳунармандони шинохта, ки қобилияти баланди нақшофари доштанд, ба намоиш ҷалб гардиданд. “Ҳар эҷодкор, режиссёр ё актёр, ба ҳаёт аз мавқеи худ менигарад ва ин нуқтаи назар ба характер ва мизоҷу табъи ӯ, маърифату истеъдоди ӯ, муҳите, ки вай дар он мезиҳад ва бузург мешавад, ба ақидаи он нисбат ба ҳаёт ба анъанаҳо ва навгониҳои давру замони кишвараш, ки дар он тавллуд ёфтааст, вобастагӣ дорад” [12, с. 88] навиштааст Туманишвили. Носир Ҳасанов ҳамин гуна шахсияти ҳунарӣ аст. Ӯ актёрест, ки дар ҳама жанрҳо моҳирона ҳунарнамои мекунаду моҳияти асар ва образи худро кушода дар як поя меистад. Аз ин ҷиҳат режиссёр Ф.И. Александрин яке аз нақшҳои асосиро, ки дар асар ҷавон тасвир ёфтааст, ба дӯши Носир Ҳасанов вогузор намуд. Карим дар асар ҷавони доно, фозил, қавиирода тасвир гардидааст. Носир Ҳасанов чолокӣ ва доногии қаҳрамони худро дарк ва эҳсос намуда, барои кушодани моҳияти образи худ бо воситаи мутоилаи китобҳо ва андешаҳо гиреҳҳои қаҳрамонашро кушодааст. Фурӯ рафтан ба образ дар вақти иҷрои нақш дар саҳна барои ҳунарпеша басо мушкил аст. Барои фурӯ рафтан бо образ дониш,фикр кардан ва истеъдоди табии лозим, ки ҳунари шумо ба қалби тамошобин сӯзан занад, он гоҳ таъсири худро расонад.

Театршиноси рус Марков П.А. дар китоби худ чунин гуфтааст. “Ҳамон таҳиягаре хуб аст, ки дар намоиш ба назар наменамояд” [6, с. 476]. Дар театр баъзе намоишномаҳо ҳастанд, ки кори режиссёр ба чашми тамошобин наменамояд. Режиссёр масъала ва воқеаҳои асарро ҳаматарафа омӯхта, ҳаллу фасл намуда, моҳияти онро ба актёр мефаҳмонад. Ҳунарманди соҳибистеъдод вазифаҳои гузоштаи режиссёрро аз бар намуда, бо ҳунари актёрӣ то ба итмом расидани намоишнома диққати тамошобинро дар худ нигоҳ дошта, ба фикр ғутавар мегардонад. Ин гуна намоишномаҳоро намоиши актёрӣ мегӯяд ва чеҳраи актёр, ҳунари ӯ ва образ дар хотири тамошобин нақш баста, дар дилаш маскан мегирад. Агар ин гуна намоишҳо зиёд шаванд, шояд шумораи тамошобин низ дар театр зиёд гардад?

Чаро намоишномаи “Ҳуррият” писанди тамошобин гардида буд? Чунки дар асар образҳои ҷолиб хеле зиёд буданд. Намоишномаи “Ҳуррият” мухлисон ва тамошобинони зиёдро пайдо кунонд. Ин ҷо образҳои Бейли, Фрунзе, Марям, Мадаминбек ва дигар қаҳрамон хислатнок офарида шуданд. Яъне бозии актёр бештар диққати тамошобинро ҷалб намудааст.Ин ҷо режиссёр ”Калидро дарёф, на мехи качро, ки ба воситаи он метавон кулли асарҳои саҳнавиро ба як навъ дар ҳам шикаст, зеро калиди мушкилкушо яктост. Ва ин калид дар ихтиёри муаллиф асар аст ва онро ба даст овардан ҳам амрест маҳол. Мисли устои фортопиано, ки ҳар як тори созро ба таври ҷудогона месанҷад, режиссёр ҳам тамоми ҷузъиёти намоиши ояндаро бо ёрии ҳамон як “калид” ба ҳам оварда, чизе меофарад” [12, с. 83]

Дар ҳақиқат артист калиди образи худро ёфта, ботинан ва зоҳиран ба образ фурӯ мерафт. Носир Ҳасанов аз оғози машқ ба ҷустуҷӯҳову навовариҳо мепардозад, то як образаш ба образи дигар монандие надошта дошад. Орому ботамкин, вале бо ҷиддияту боварӣ аз пайи ҷустуҷӯ образ мешавад. ҳарчанд хизмати режиссёр назаррас бошад ҳам, аммо намоишномаро образҳои артистон пурра гардонда ғояи намоишомаро қувватнок мегардонад. Режиссёрони имрӯз асарро рӯякӣ коркард мекунанд. Ба ҳар як калимаи қаҳрамони асар диққат намедиҳанду моҳияи суханро намекушоянд. Аз ин рӯ, образҳои актёрҳо хом мебарояду тамошобинро қонеъ намекунанд.

Образи офаридаи Носир Ҳасанов ба ҳазорҳо тамошобинон дарси ибрат буд. Аз тамошои ин намоиш ҷавонон қувваи нав гирифта барои ободии кишвар, осудагӣ мардум заҳмат кашиданро меомӯзонад. Ростӣ ин мактаби бузурги К.С. Станиславский буд, ки ҳунармандонро дар руҳияи инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, садоқат ба ватан ва самимирафториро омӯзонд. Табиӣ зиндагӣ намуданро ҳунармандон дар ҳамаи намоишҳояшон роҳандозӣ намуда, самимирафториро дар саҳна мустаҳкам намуданд, ки дар як муддати кӯтоҳ театри навташкил нуфузи худро дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ баланд гардонд.

Нақши дигаре, ки Носир Ҳасанов дар театр офарид, ин аз фоҷиаи “Заврақи ишқ”-и Райнес буд. Ин драмаи фоҷиавиро режиссёр Шамсӣ Қиёмов ба саҳна гузошт, ки Носир Ҳасанов дар он нақши Гатинро офарид, ки писанди ҳамагон гардид. Аз фабулаи асар маълум мегардад, ки Гатин ҷавони боодоб, хушрафтор, доно, зебо, аммо маҷруҳ аст. Аз сабаби маҷруҳияш бо духтари соҳибҷамоле, ки Барба ном дорад, ошиқ шуда, аммо ба орзӯи худ расида наметавонад. Зеро ба як пояш меланга. Гатин бо тамоми вуҷудаш Барбаро дӯст медорад. Онҳо ҳамчун инсони поку беғаш, чун бародар ба ҳамдигар эҳтиром доштанд, аммо Барба Улдисро дӯст медошт. Дар ҳақиқат образи Гатин барои ҳунарманд шудани Носир Ҳасанов нақши муҳим бозидааст, чунки қаҳрамон дар дил дард дорад. Ӯ наметавонад дардро аз худ роҳо кунад. Ҳар лаҳза дар фикр аст. Дар ҳақиқат одами дардмандро офарид, ки раҳми тамошобин меомад.

Носир Ҳасанов образҳои дигарро низ бо истеъдоди баланд иҷро менамуд, ки мухлисон дилбохтаи ҳунари ӯ гардида пазмони нақшҳои нав мешуданд. Артист дардро дарк намуда ба фикр ва эсоси ботинӣ якҷо карда баён мкард, ки на ҳама артистон аз иҷрояш мебароянд. Дар драмаи Файзулло Ансорӣ “Туй барпо намешавад”, асари Ғанӣ Абдулло “Ҳуррият” дар нақши Карим, аз намоишномаи ҳаҷвии”Арӯси панҷсӯма”-и М. Урдободӣ дар нақши Шафеъҷон, аз драма “Хатро ман навишта будам”-и Файзулло Ансорӣ дар нақши Шокирзода, дар мазҳакаи “Дод аз дасти ақл”-и А.С. Грибоедов нақши Загоретский ва ғайраҳоро офаридааст.

Носир Ҳасанов бо образҳои ҷовидонаи худ барои пешафти театри тоҷик саҳми арзанда гузошт, образҳои ӯ дар саҳифаи таърихи театр дарҷ гардидааст. Рӯзгори пуршӯру ҳаяҷони театрӣ, поку беолоиш ва пур аз орзуву умед Носир Ҳасановро ба мартабаи баландӣ ҳунарӣ расонд ва чеҳраи ӯро ба мухлисонаш муаррифӣ намуд. Номи Носир Ҳасанов дар таърихи театри тоҷик ҳамчун беҳтарин нақшофаранда сабт гардид.

Адабиёт

1. *Блок, Вл. Репетиции Лобанова / Вл. Блок – М.: Издательство “Искусство”, 1962. – 138 с.*
2. *Воҳидӣ, Р. Рисолати касб. Иборат аз 8 ҷилд. ҷ.5. / Р. Воҳидӣ. – Душанбе, 2018. - 120 с.*
3. *Лобанов, А. М. Мысли о режиссуре. Режиссёрское искусство сегодния / А. М. Лобанов. – М.: Искусство, 1962. - 200 с.*
4. *Лобанов, А. М. Документы, статьи, воспоминания / / А.М.Лобанов. –М.: Искусство, 1980. - 410 с.*
5. *Миршакар, М. “Изҳори минатдорӣ” / М. Миршакар. - Душанбе: Маориф ва маданият, № 133 (9633), 6 ноябри 1980 с.*
6. *Марков, П.А. О театре / П.А. Марков. – Москва: Искусства, 1974. - 476 с.*
7. *Нурҷонов, Н. Ҳоҷиқул Раҳматуллоев / Н. Нурҷонов. – Душанбе: Эҷод, 2005.*

8. *Островский, А.Н. Новые материалы и исследования / А. Н. Островский. - Москва. Издательство "Наук",1974.*
9. *Станиславский, К.С. Работа актёра над сабой.-собр, соч 8-ми томах / К.С. Станиславский. - Москва,1955, т. 3.*
10. *Товстоногов, Г.А. О профессии режиссёра / Г.А. Товстоногов. - М., ВТО, 1964.*
11. *Топорков, В. Стрниславский на репетиции / В. Топорков. –Л:, Искусство, 1949.*
12. *Туманишвили, М.И. Роҳнамои режиссёр / М.И. Туманишвили. – Душанбе: Деваштич, 2008. - 195 с.*

САҲМИ НОСИР ҲАСАНОВ ДАР ТАШАККУЛИ ТЕАТРИ КАСБӢ

Дар мақола масъалаҳои мубрами соҳаи санъати театрӣ таҳқиқ гардида, ҳунари актёрии Носир Ҳасанов таҳлил шудааст. Санъати театрӣ яке аз мушкилтарин санъатҳост, ки дар он воқеъаҳои солҳои пеш ва ҷомеаи инсони имрӯза рух медиҳанд инъикос менамояд. Санъати театрӣ аз актёр қомати расо, ҳусни зебо, чолокию зиракиро талаб мекунад. Актёр дар саҳна бо ҳаракати чашм, қадамҳои устувор, бо мавзунияти зери мусиқӣ ҳаракат намуда, вазифаи гузоштаи режисссёрро амалӣ мегардонад. Режиссёр пеш аз ҳама вазифаи дар пеша гузоштаи драматургро ба эътибор гирифта вазифаи режиссёрии худро иҷро менамояд ва барои кушодани ботин ва фикри қаҳрамони песа ба актёр вазифаҳои мушаххас мегузорад. Он гоҳ гиреҳҳо кушода мешаванд, моҳият ва мақсади актёр рӯи об мебарояд. Бояд қайд намуд, ки оид ба камбудию норасоиҳои актёр дар саҳна: тарзи офаридани нақш, ба фикр фурӯ рафтан, кушодани хислат, ба сухан ворид намудани амалиёт дар саҳна, имову ишора, бо зерматн баён кардани сухан, ки зери назорати режиссёр қарор гирифта актёрро дар қалби дуруст тарбия менамояд ва ба ояндаи рушди санъати театрӣ таъсири мусбат мегузорад, ки дар ин бобат дар мақолаи мазкур андешаронӣ карда шудааст. Актёри оянда аз мақола масъалаи мубрами актёриро, ки дар он фикр, биниш, эҳсосот ба амалиёт як ҷо шуда, ғояи асосиро бо кӯмаки таҳиягар мекушояд ботинан дарк ва эҳсос менамояд. Аз ин лиҳоз барои кушодани хислат ва ботини қаҳрамонҳои асар актёр ва режиссёр саҳми арзанда мегузорад. Дар саҳнаи театр нақшҳои офаридаи Носир Ҳасановро таҳлил намуда, дар кадом поя қарор доштани онро ба хонанда кушодааст. Дар ҳақиқат Носир Ҳасанов ба образ ворид гардида, тамоми қобилият ва истеъдоди худро ба мақсади қаҳрамон равона сохта, хислати қаҳрамони худро ботинан ва фикран кушода, ба ғояи намоиш такон мебахшад, ки ин барои актёри ҷавон намунаи ибрат шуда метавонад. Дар санъати актёрӣ образофарӣ хусусияти хоси актёр аст. Актёре, ки ғояи асари драмавиро дарк ва эҳсос намояд, мақсади худро ба дарду фикри қаҳрамон равона сохта, барои кушодани гиреҳҳои он амал мекунад. Ҳангоми омехта ва пӯхта гардидани амалиёти сухан, ҳаракат дар ботин ва фикри нақшофаранда бо ҳам омехта мегардад, он вақт вазифаи гузоштаи режиссёр амалӣ шуда, мақсадаш равшан баён мегардад. Носир Ҳасанов омехта гардидани эҳсосот, мақсад, фикр ва амалиётро вазифаи аввалиндараҷаи худ ҳисобида, қувваашро ба он сарф мекунад. Аз ин рӯ, образи офаридааш ҷолиб ва назаррас гардида, дар дили тамошобинон маскан мегирад ва ӯ вазифаи гузоштаашро дар амал тадбиқ менамояд.

Калидвожаҳо: театр, актёр, драматург, амалиёт, задухӯрд, нақш, сухан, идея, ифоданок, бадеӣ, дарк, мақсад, ҳаракат, режиссёр, , ғоя, эҳсосот.

ВКЛАД НАСИРА ХАСАНОВА В РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ТЕАТРА

В статье рассматриваются актуальные вопросы в сфере театрального искусства и анализируется актерское мастерство Насира Гасанова. Театральное искусство – одно из сложнейших искусств, отражающее события прошлых лет и человеческое общество сегодня. Театральное искусство требует от актера быть высоким, красивым, ловким и умным. Актер движется по сцене движением глаз, уверенными шагами, под музыку, и выполняет задачу, поставленную режиссером. Прежде всего, режиссер учитывает задачу, поставленную драматургом в песне, и выполняет свои режиссерские обязанности и ставит перед актером конкретные задачи по раскрытию сокровенных мыслей и размышлений героя песа. Тогда узлы развязываются, на поверхность выходит суть и предназначение актера. Следует отметить, что относительно недостатков актера на сцене: способа создания роли, мышления, раскрытия персонажа, введения действий на сцене, жестов, подтекста, которые находятся под контролем режиссера и актера в воспитывает правильное сердце и оказывает положительное влияние на дальнейшее развитие театрального искусства, о котором идет речь в данной статье. Из статьи будущий актер понимает и чувствует важнейшую проблему актерского мастерства, в котором мысль, видение, эмоции соединяются с действием, а основная идея раскрывается с помощью разработчика. В этом отношении ценный вклад актера и режиссера в раскрытие характера и внутренней сущности героев произведения. Анализируя роли, созданные Насиром Гасановым на сцене театра, он раскрыл читателю, на какой сцене они находятся. Действительно, Насир Гасанов вошел в образ, направил все свои способности и таланты на благо героя, раскрыл внутренне и душевно характер своего героя, дал толчок идее шоу, которое может стать образцом для подражания для молодой актер. В актерском искусстве изображение является характеристикой актера. Актер, понимающий и чувствующий идею драматического произведения, сосредотачивается на болях и мыслях героя и работает над развязыванием его узлов. Когда действие речи смешано и размыто,

внутреннее движение и замысел режиссера смешаны воедино, тогда задача, поставленная режиссером, реализуется и четко формулируется цель. Насир Гасанов считает смешение эмоций, целей, мыслей и действий своей основной задачей и тратит на это свою энергию. Поэтому созданный им образ становится интересным и значимым, поселяется в сердцах зрителей, и он реализует свою задачу на практике.

Ключевые слова: театр, актёр, драматург, действие, конфликт, роль, слова, идея, выразительный, художественный, чувствовать.

CONTRIDUTION OF NASIR KHASANOV TO THE DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL THEATER

The article discusses current issues in the field of theatrical art and analyzes the acting skills of Nasir Hasanov. Theatrical art is one of the most complex arts, reflecting the events of past years and human society today. The art of theater requires an actor to be tall, handsome, dexterous and smart. The actor moves around the stage with eye movements, confident steps, to the music, and fulfills the task set by the director. First of all, the director takes into account the task set by the playwright in the song, and fulfills his directorial duties and sets specific tasks for the actor to reveal the innermost thoughts and reflections of the dog character. Then the knots are untied, and the essence and purpose of the actor comes to the surface. It should be noted that regarding the shortcomings of an actor on stage: the way of creating a role, thinking, revealing a character, introducing actions on stage, gestures, subtext, which are under the control of the director and actor in nurturing the right heart and having a positive impact on the further development of theatrical art, o which is discussed in this article. From the article, the future actor understands and feels the most important problem of acting, in which thought, vision, emotions are combined with action, and the main idea is revealed with the help of the developer. In this regard, the actor and director make a valuable contribution to revealing the character and inner essence of the characters in the work. Analyzing the roles created by Nasir Hasanov on the theater stage, he revealed to the reader what stage they are on. Indeed, Nasir Hasanov entered into the character, directed all his abilities and talents for the benefit of the hero, revealed the character of his hero internally and mentally, and gave impetus to the idea of a show that could become a role model for a young actor. In acting, the image is a characteristic of the actor. An actor who understands and feels the idea of a dramatic work focuses on the pains and thoughts of the hero and works to untie his knots. When the action of speech is mixed and blurred, the internal movement and the director's intention are mixed together, then the task set by the director is realized and the goal is clearly formulated. Nasir Hasanov considers mixing emotions, goals, thoughts and actions as his main task and spends his energy on this. Therefore, the image he created becomes interesting and meaningful, settles in the hearts of the audience, and he realizes his task in practice.

Keywords: theater, actor, playwright, action, conflict, role, words, idea, expressive, artistic, feel.

Дар бораи муаллиф
Воҳидов Рустамҷон
Дотсент, мудири кафедраи режиссура ва продюсерӣ
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73-а
Тел.: (+992) 934 00 34 00

About the author
Vakhidov Rustamjon
Associate Professor, Head of the Department of Directing and production
Tajik State Institute of Culture and arts named after M. Tursunzade
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st.Borbada, 73-a
Ph.: (+992) 934 00 34 00

Об авторе
Вахидов Рустамжон
Доцент, заведующий кафедры режиссерсура и продюсерство
Таджикский государственний институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбада, 73-а
Тел.: (+992) 934 00 34 00

ТДУ 82.09

“СИРОҶИ МУНИР”-И СИРОҶИДДИН АЛИХОНИ ОРЗУ ВА МЕЪЁРҲОИ НАҚДУ СУХАНСАНҶӢ ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД

Абдуллоев Р. Х.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сироҷиддин Алихони Орзу, ки ҳамчун суханвари барҷастаи асри XVII Шибҳи Қораи Ҳинд дар нақду баррасии осори ҳамасрони худ таълифоти арзандаеро ба қалам овардааст, дар ҷавоб ба китоби “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ рисолаи “Сироҷи Мунир”-ро таълиф намудааст. Мунири Лоҳурӣ шоир ва намояндаи мактаби адабии Ҳинд ба шумор меравад, ки дар канори Сироҷиддин Алихони Орзу ба сифати як мунаққиди маъруфи ин давра дар байни аҳли илму адаб эътибори хос пайдо кардааст. Чун дар бораи “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ мақолаи алоҳидаи муаллифи ин сатрҳо бо номи “Корнома”-и Мунири Лоҳурӣ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷии адабиёти форсизабони Ҳинд” [1] ба нашр расидааст, зарурати муаррифии дигарбораи он ин ҷо вуҷуд надорад. Рисолаи “Сироҷи Мунир” чи тавре ки ба назар мерасад, қабл аз рисолаи дигари Сироҷиддин Алихони Орзу “Доди сухан” таълиф гардида, дар ин раванд дар таҷассуми афкори назарии Орзу, аз ҷумла балоғати адабӣ, калимасозӣ, фарҳангшиносӣ, нусхашиносӣ ва сарчашмашиносӣ нақши сазовор гузоштааст. Баррасии асарҳои ёдшуда нишон медиҳад, ки Сироҷиддин Алихони Орзу ба сифати як адабиётшиноси варзида доир ба ҷанбаҳои муҳимтарини шеъри суханварон, бурду бохт ва муҳимтар аз ҳама аҳамияту афзалияти афкори интиқодии мунтақидон доир ба ашъори ин ё он шоир мулоҳизаҳо хешро баён доштааст. Маҳмуди Футӯҳӣ дар китоби “Нақди хаёл (Баррасии дидгоҳҳои нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ)” як фасли алоҳидаеро бо номи “Нигоҳе ба рисолаи “Сироҷи мунир” [8, с. 259] ихтисос додааст, ки шояд ин нахустин баррасиҳои илмӣ дар мавриди китоби Сироҷиддин Алихони Орзу ба шумор равад. Маҳмуди Футӯҳӣ дар бораи китоби мазкур мулоҳизаронӣ намуда, аз ҷумла навиштааст: “Хони Орзу дар ин рисола (манзур “Сироҷи мунир”.–А.Р.) мабонии теории сабки ҳиндиро нишон дода ва ба шевае илмӣ ноошноии завқи Мунир бо мабонии сабки ҷадидро баён кардааст” [8, с. 259]. Ҳамин тариқ, дар баробари нақду баррасии афкори Мунири Лоҳурӣ нигоҳи Орзу ба чаҳор шоири мавриди эроди Мунир, аз қабили Урфӣ, Толиб, Зуҳурӣ, Зулолӣ ба миён омадааст ва ба назар мерасад, ки дидгоҳҳои муаллиф нисбат ба суханварони мазкур дар як сатҳу поя қарор надоранд ва дар канори ҷонибдорӣ ба тарзи сухани ин шоирон Орзу эродҳоеро низ вазъ кардааст, ки қобили мулоҳиза мебошанд. Маҳмуди Футӯҳӣ дуруст дар ёфтааст, ки Мунири Лоҳурӣ яке аз алоқамандони сарсупурдаи сабки қадим мебошад ва Сироҷиддин Алихони Орзу низ борҳо бо ҳамин “айбнома” ӯро мазаммат кардааст. Аз ҷумла, бо баёни тарзи нави шеър, ибораороиву истиорасозӣ, парадоксофаринӣ ва маониҳову ташбеҳҳои тоза равзанаҳои ҳунарии шеъри суханварони мебошанд. Ҳамчунин нигоҳи Сироҷиддин Алихони Орзу ба ашъори суханварони гузашта, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нисбат ба ашъори Урфӣ, Толиб ва дигарон танқидист ва он дар доираи баёни тарзи ифода, таъбирофаринӣ ба миён омадааст. Аз ин ҷиҳат, бо назардошти ин мавқеъ ҳам бе баррасии рисолаҳои “Доди сухан”-у “Танбеҳ-ул-ғофилин” ва тазкираи “Маҷмаъ-ун-нафоис”-и ӯ наметавон пурра Сироҷиддин Алихони Орзуро ба сифати тарафдори сабки ҷадид истиқбол намуд ва дар ин масир ба хулосаҳои амиқ даст ёфт.

Аввалин баҳсе, ки дар китоби “Сироҷи мунир” аз лиҳози назарӣ хеле муҳим мебошад, ба таъбири худи Орзу “ахзи маънӣ” ба шумор меравад, аммо дар “Корнома” ин масоили муҳими назарӣ дида намешавад. Сироҷиддин Алихони Орзу ҳангоми посухҳо ва овардани мисолҳои алоҳида аз адабиёти пурдоманаи форсӣ, инчунин шарҳу тафсири баъзе паҳлуҳои ҳунариву маъноии байти “Чеҳрапардози ҷаҳон рахт кашад чун ба ҳамал, Шаб шавад нимрӯҳу рӯз шавад мустақбал”-и Урфии Шерозӣ ва дар аснои зикри байти “Ҷурми хуршед чу аз ҳут дарояд ба ҳамал, Ашҳаби рӯз кунад адҳаму шабро арҷал”-и Авҳадуддини Анварӣ ба сифати шоҳид ба ҳамин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба назари Сироҷиддин Алихони Орзу ин байтҳо аз лиҳози лафзу таъбирот бо ҳам умумият дошта, аз лиҳози маънӣ дар онҳо сирқоте дида намешавад. Яъне, ба зоҳир пайванди ин ду байт ба як умумияти хос афкори суханварони ба ҳам таҳким бахшидааст. Агар офтоб (чеҳрапардози ҷаҳон) аз моҳи охир ва дувоздаҳуми солшумории шамсӣ (ҳут) ба ҷониби моҳи аввал (ҳамал) ҳаракат кунад шаб нимрӯҳ мегардад (ашҳаби рӯзро адҳам менамояд) ва рӯз мустақбал (шаб арҷал) мешавад. “Нимрух шудани шаб”-у “мустақбал (гарм) гардидани рӯз”-ро Сироҷиддин Алихони Орзу ба

таври васеъ дар тавзеҳоташ зикр кардааст. Вазни умумӣ, қофияҳои ба ҳам наздик ва мавзуи муштараки байтҳо аз алоқамандии Урфии Шерозӣ ба ашъори Анварӣ дарак медиҳад ва бояд қайд кард, ки бо вуҷуди мавҷуд будани чунин хусусиятҳои муштарак Сироҷиддин Алихони Орзу ин гуна бардоштҳои шоиронаро мувофиқи таснифоти хеш ба гуруҳи дувуми ахзи адабӣ, ки намунаҳои он дар адабиёти форсӣ бисёр ба чашм мехӯранд, дохил намудааст: “ахз ду гуна бувад, яке мин ҳайси аҷз ва сирқа ва ин мазмум (мазамматшуда) аст, дуввум мин-ҳайс-ул-ҷавоб. Дувум мустаҳсан аст ва устодон доранд, чунонки дар аксари мутолеаи қасоид ...воқеъ шуда ва аввалро макруҳ доранд, чунонки Шайдо гуфта:

Чист донӣ? Бодаи гулгун, мусаффоҷавҳаре,
Ҳуснро парвардигорӣ, ишқро пайғамбарӣ.

Ва лизо яке аз арбоби маънӣ гуфта, ки ин байт ҳам он байти Рӯдакӣ аст:

Ишқро ман паямбарам, лекин
Ҳуснро офаридгор туӣ” [6, с. 36].

Ҳамин тариқ, Сироҷиддин Алихони Орзу дар мавриди баёни хусусиятҳои “ахз” дар ҷараёни мубоҳисоти хеш аз Шайдо мисол меоварад, ки дар истиқболи байти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ суруда шудааст. Яъне, чун ӯ ба баҳси адабиётшиносӣ мепайвандад, ба ин масъала васеъ нигоҳ мекунад ва онро дар доираи мубоҳисоти “арбобони маънӣ” матраҳ менамояд. Ба ифодаи дигар, баҳси сирқот ва ахзи маъниҳо байни муҳаққиқони ин ҳавза яке аз равандҳои пурдомана ба ҳисоб меояд, ки меъёрҳо ва санҷаҳои муқаррарнамудаи онҳо имрӯз низ қобили истиқбол ва пайравӣ мебошанд. Аз ду гунаи “ахз” Сироҷиддин Алихони Орзу танҳо як варианти онро мақбул мешуморад, ки ин дидгоҳ низ маншаъ аз унсурҳои балоғии шеъри форсӣ дорад. Аммо, бо вуҷуди ин ки байти Шайдо мавриди танқид ва мазаммати бештар қарор гирифтааст, ба назари Сироҷидин Алихони Орзу нисбат ба шеъри Рӯдакӣ аз лиҳози фарогирии маъно расо буда, дорои таркибу ифодаҳои номувофиқ низ мебошад: “Агарчи ба назари дақиқ шеъри Шайдо аблағ аст нисбат ба шеъри Рӯдакӣ, чи худро пайғамбари ишқ гуфтан чандон муносиб нест зеро, ки кори пайғамбар таблиғи аҳком аст ва ишқ ба ин қисм чиз кор надорад. Ба хилоф ба шароб парвардигори ҳусн гуфтан зишт аст нисбат ба маъшуқ. Пас аз олами сирқа набошад ва беҳтар бувад. Лизо аҳли маънӣ гуфтаанд, ки масх аблағ бошад аз аввал мамдуҳ аст чунонки Хатиб дар хотимаи “Талхис-ул-мифтоҳ” гуфта: “фаъафҳам” (А.Р. фаҳмотар, зеботар, беҳтар)” [6, с. 36]. Бояд қайд кард, ки чун Сироҷиддин Алихони Орзу ба асолати матни осори бадеӣ бештар аҳамият дорад, дар мавриди байти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ҳамин хусусиятро зоҳир кардааст. Ба таъбири дигар байти зикрнамудаи Сироҷиддин Алихони Орзу бо матни илмӣ-интиқодии “Девон”-и Рӯдакӣ (таҳия, тасҳеҳ ва ҳавошии Қодири Рустам) мувофиқ буда, дар баробари гунаи дигари ин байт, ба шакли “Ишқро гар паямбарӣ, лекин / Ҳуснро офаридгор туӣ” ҳамчун як нусхаи саҳеҳ қобили мулоҳиза мебошад. Ҳангоми таҳияи “Девон”-и Рӯдакӣ истифодаи чунин вариантҳои саҳеҳи абёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар рисолаҳои танқидии ҳавзаи адабии Ҳинд аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ин байт бо мисраъҳои “Чамани ақлро хазонӣ агар, гулшани ишқро баҳор туӣ” [7, с. 63] оғоз ёфтааст ва мусаҳеҳи “Девон”-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҳавошӣ ҳам бо назардошти ин ки дар маъхазҳои бакоргирифтааш ягон гунаи дигари байти шоир зикр нагардидааст, чизе наовардааст. Сироҷиддин Алихони Орзу дар мавриди ин ки байти Шайдо аз ҷониби муҳаққиқон сирқа пазируфта шудааст, Шайдоро ситоиш ва Рӯдакиро танқид менамояд. Сарфи назар аз он ки мисраи “Ҳуснро парвардигорӣ, ишқро пайғамбарӣ”-баргирифта аз шеъри Рӯдакӣ аст. Ба назари Сироҷиддин Алихони Орзу Шайдо тавонистааст, маъниро андак дигаргунатар намояд ва ҳамин тавр ҳам шудааст. Аз ин ҷиҳат, чун маъонии байтҳо ба ҳам мутафовит ҳастанд, Сироҷиддин Алихони Орзу сирқа будани онро инкор менамояд.

Ин санадҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Сироҷиддин Алихони Орзу сирқотро на ба гирифтани ифодаву таркиби шеъри суханварони дигар, балки ба ахз намудани маънии ашъори шоирони қаблӣ алоқаманд медонад. Ба андешаи ӯ суханваре, ки бо чунин усулҳо, яъне бо корбасти ифодаву таркибҳои баргирифта аз шеъри шоирони дигар маъниро дигаргун карда метавонад, ин шеваи ӯ сирқот намебошад. Ҳамин тариқ, тавре ба мушоҳида расид, Сироҷиддин Алихони Орзу доир ба суханварони пешин ва ҷойгоҳу мақоми онҳо фикру мулоҳизаҳои гуногун дорад ва чунин дидгоҳҳо боис ба он шудаанд, ки баъзе суханвароне, ки ҳанӯз дар қаламрави шеъри форсӣ мисли Шайдо ношинохта боқӣ мондаанд, ҷойгоҳашон аз шоирону суханвароне мисли Рӯдакӣ дар консепсияи баҳогузории Сироҷиддин Алихони Орзу баланд арзёбӣ шаванд. Баҳси қофия низ ҳарчанд дар рисолаи мазкур доманаи васеъ надорад, аммо бо назардошти ин, ки ҷавоби Сироҷиддин Алихони Орзу оид ба ҷойгоҳи қофия нисбат ба Мунири Лоҳурӣ бо назардошти шеъри қудамо ба миён омадааст, хеле ҷолиб ба назар мерасад. Зеро Сироҷиддин Алихони Орзу ҳамчун ҷонибдори тарзи нав дар Шибҳи Қораи

Ҳинд бар зидди Мунири Лоҳурӣ, ки намояндаи ҷараёни суннатгароӣ мебошад, қарор гирифтааст. Ин баҳс иртибот дорад ба артикли номуайяни калимаи “нуқсоне” дар байти “Ба баҳс ҷилваи ҳусни каломи ман андӯхт, Қабули шоҳиди назми Камол нуқсоне”-и Урфии Шерозӣ. Сироҷиддин Алихони Орзу бо зикри чандин намунаҳо мавҷуд будани корбасти ин гуна қофияҳоро дар шеъри форсӣ нишон додааст: “Ин байт се тавҷеҳ дорад, яке он ки фоили андӯхтан шоҳид бошад ва қабул мафъули он. Пас “ё”-и нуқсне барои нисбат бувад ва маънӣ чунин бошад, ки дар асари хубии калом, ки соҳибнуқсон аст, қабул пайдо кард, чун ин қасида аз Камоли Исфаҳонист ва Урфӣ ҷавоби он гуфта мегӯянд, ки шеъри ӯро ба сабаби ин ҷавоб қабул ҳосил шуд ва дар лафзи “камол” ва “нуқсон” иҳом афтода аст ва муайиди ин байт маънии байти оянда аст, ки гуфта:

Кунун, ки ёфт ҷу ман сурмасой дар Шероз,
Ҷаро ба дида кашад сурмаи сифоҳонӣ.

Ва тавҷеҳи дуввум он аст, ки “ё”-и нуқсоне маҷҳул бошад ва қофия маъруф ва маҷҳул ҷоиз аст, хусусан дар мутаахирин. Чунонки “мур” ва “гур”, “тур” бо “сурур” қофия кунанд. Ва тавҷеҳи сеюм он аст, ки гоҳе форсиён дар алфози арабия бидуни лиҳози маънии аслӣ “ё”-и зоид оранд, монанди фармоне, фузуле...Мулло Ҳаётии Гелонӣ дар қасидае, ки дар ҷавоби ҳамин қасидаи Камол гуфта, лафзи “нуқсоне”-ро бо “ё”-и маъруф оварда... байти мазкур ин аст:

Агар на лозимаи зоти душманат будӣ,
Ба каср низ надодӣ худой нуқсоне” [6, с. 38].

Тавре ба назар расид, Сироҷиддин Алихони Орзу бо ин гуна таҳлил ва баррасиҳои пурдоманааш доир ба қавонини шеъри форсӣ ва суннат камтар аз ҷеҳраҳои суннатгарои ҳамасри хеш намебошад. Ҳарчанд ӯ посухи эродҳои Мунири Лоҳуриро дар баҳси суннат ва тарзи нави шеър бо далелҳои мушаххас ба миён овардааст, ба назар мерасад, ки Сироҷиддин Алихони Орзу ин риштаи пайванди гузашта ва имрӯзро дар риояи қоидаҳои адабӣ ҷудо аз ҳамдигар намедонад. Аз ин ҷиҳат, ашъори шоирони навпардози ин ҳавза ба монанди суханварони чаҳоргона Урфӣ, Толиб, Зуҳурӣ ва Зулолӣ бо он ки дар сабк нисбат ба ашъори шоирони қаблӣ тафовут доранд, аммо қавонини умумии шеъру адаб барои намояндагони ҳамаи даврaҳо яксон ва якмаром ба ҳисоб меояд. Дар идомаи андешаҳои болоӣ Сироҷиддин Алихони Орзу ду масъалаи дигарро, ба монанди нигоҳ доштани суннати қасидасароӣ ва овардани байти мақтаӣ ва ё фахриявӣ дар иртибот бо қасидаҳои Урфии Шерозӣ ва Камоли Исфаҳонӣ матраҳ намудааст. Чун Мунири Лоҳурӣ байти фахриявии қасидаи ёдшударо танқид кардааст, Сироҷиддин Алихони Орзу барои посухи он пардохтааст: “Ва он чи дар боби фахрия ... гуфта, суннати шуарост. Кам шоире бошад, ки аз ин мақула ҳарф назада бошад. Амир Хусрави Деҳлавӣ гӯяд:

Кавкабаи Хусравиям шуд баланд,
Зилзила дар гӯри Низомӣ фиканд.

Чунон ки ... пушида нест, лизо Урфӣ дар ҳамин қасида баъд аз ин гӯяд:

Навои лофу газофе, ки суннати шуарост,
Задам чунонки дилам хун шуд аз пушаймонӣ” [6, с. 38].

Яъне, чунон ки дида шуд, Урфии Шерозӣ аз сабаби он ки байти фахрияро дар шеър як суннати адабӣ медонад ва муболиға дар онро “навои лофу газоф” қаламдод менамояд, Сироҷиддин Алихони Орзу бо овардани ҳамин гуна мисол аз ашъори худи шоир ба Мунири Лоҳурӣ посух медиҳад. Тавре алакай мушоҳида шуд, Урфии Шерозӣ худ ба унвони як шоири навгаро бо огоҳӣ аз раванди бемайлони шеъри форсӣ ва рушду такомули он аз гузашта то замони хеш қадамҳои устувор бардоштааст ва чун ин масоилро суханвар бевосита баррасӣ мекунад ва огоҳона анъанаҳои адабиро истифода менамояд, ба назар мерасад, ки эроди Мунири Лоҳурӣ танҳо барои ҳақир нишон додани Урфии Шерозӣ дар ҷодаи шеъру шоирӣ рӯи кор омадаанд. Даъвоҳои муболиғаомези шоирон дар қисмати фахрияҳо яке аз масъалаҳое мебошанд, ки ҳамчун хусусияти хоси фахриянависӣ дар меҳвари мубоҳисаҳои суханварони ин ҳавза қарор доштааст. Хусусан чунин хусусиятҳоро ҳангоми мутолеаи ягон шеъри тазминшуда чи дар жанри қасида ва чи дар жанрҳои дигар эҳсос намудан мумкин аст, ки ин албатта ҷои баҳси алоҳида дорад. Истифодаи қофияҳои ҳамсон, ба монанди “нуқсоне”, ки истифодаи он ҳам дар қасидаҳои ҷавобии Урфии Шерозӣ ва Мулло Ҳаётии Гелонӣ дида шуд, яке аз ҷузвҳои баҳси мазкур мебошад, ки Сироҷиддин Алихони Орзу онро дар доираи масоили суннати адабӣ шарҳу тафсир кардааст.

Мадҳ низ ба унвони як масъалаи муҳими баҳси байни Сироҷиддин Алихони Орзу ва Мунири Лоҳурӣ барои нишон додани шиддати бархӯрдҳои ин ду муҳаққиқи барҷастаи ҳавзаи адабии Ҳинд шароити мусоид фароҳам овардааст. Яке аз сабабҳои рӯи кор омадани эроди Мунири Лоҳурӣ ба яке аз байтҳои Урфии Шерозӣ ин дар қасидаи мадҳӣ истифода

шудани санъати иҳом мебошад. Ба андешаи Мунири Лоҳурӣ корбасти санъати иҳом дар осори манзум сухани ситоиширо дар васфи мамдуҳ ба накӯҳиш табдил медиҳад ва ин омил дар оини мадҳгаройӣ "носутуданист". Сироҷиддин Алихони Орзу дар мисоли ин байти Анварӣ дар мадҳи Султон Санҷар навиштааст: "Ҳаким Анварӣ дар мадҳи Султон Санҷар гуфта:

Ё чи бошад, ки рӯзаке чанде,
Гардане аз ту гардарон бошад.

Ва ҳол он ки "гардарон" агарчи ба маънии фарбеҳ мустаъмал аст, лекин ин маънӣ низ аз он бар меояд, ки гардани ту ба гардарон, ки узви одамист, бошад... ба ҳар қисм баровардани ин қисм маонӣ аз абёт хоҳ аз рӯи мутобиқату хоҳ аз рӯи илтизом муҷиби ишколи устод мебошад" [6, с. 46]. Яъне, Сироҷиддин Алихони Орзу дар ин маврид ба осори манзуми суханварони форсӣ ручӯъ намуда, мисолҳоеро доир ба истифодаи санъати иҳом дар қасидаҳои мадҳӣ овардааст ва ин равиш дар идомаи баррасиҳои илмии ӯ доир ба масоили суннати адабӣ ва нигоҳ доштани беҳтарин анъанаҳои қасидасароӣ ва фахриянависӣ дар шеъри форсӣ ба кор гирифта шудааст. Аз санадҳои зикрнамудаи вай ба мушоҳида мерасад, ки истифодаи санъати иҳом дар қасидаҳои мадҳӣ писандида нест, балки ба моҳияти адабӣ ва ахлоқии афкори шоир таъсири амиқ мерасонад. Мунири Лоҳурӣ ҳам истифодаи санъати иҳомро дар суннати қасидасароӣ пурра инкор накардааст. Танҳо нописандида будани инро зикр сохтааст. Аз мисоле, ки Сироҷиддин Алихони Орзу аз Анварӣ овардааст бар меояд, ки ҳамин гуна таҷриба дар шеъри дигарон дида мешавад ва чунин ҷавоби Сироҷиддин Алихони Орзу на ин ки посухи эроди Мунири Лоҳурӣ шуда тавонистааст, балки дурустии фикри Мунири Лоҳуриро қувват бахшидааст.

Ҳамин тариқ, тавре ба мушоҳида расид, Сироҷиддин Алихони Орзу ҳамчун як адабиётшиноси тавоно дар баррасии масоили назарии адабиёт ва нақду сухансанҷӣ нақши арзанда дорад. Рисолаи "Сироҷи мунир" ба сифати як сарчашмаи муҳимтарини Шибҳи Қораи Ҳинд дар омӯзиши масъалаҳои мубрами нақди адабӣ аҳамияти хосаро доро мебошад. Баррасии ҷойгоҳи саноеи бадеӣ, жанрҳо ва суннати сурудани онҳо аз ҷониби суханварони сабки ҳиндӣ нишон медиҳанд, ки Сироҷиддин Алихони Орзу дар фарогирии ин масоил дасти тавоно дошта, дар ин масир муҳаққиқи тавоно мебошад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев Р.Х. "Корнома"-и Мунири Лоҳурӣ ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷии адабиёти форсизабони Ҳинд / Р. Х. Абдуллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - №4 (105). – С. 121-127.*
2. *Аҳмад, З. Нақди шеъри форсӣ дар Покистону Ҳинд / З. Аҳмад. –Исломобод, Маркази тадқиқоти форсии Эрон ва Покистон:1374. – 145 с.*
3. *Ду рисола дар нақди адабӣ. Матни ду китоби нақди адабӣ таҳти унвонҳои «Таҳқиқ-ус-садод фи манзалат-ил-Озод»-и Муҳаммад Сиддиқи Суханвар ва «Таъдиб-уз-зиндиқ фи такзиб-ил-Сиддиқ»-и Абдулқодир Меҳрубони Аврангободӣ. Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Саид Ҳасани Аббос.–Деҳлӣ:1998. – 186 с.*
4. *Зарринкӯб, Абдулҳусайн, Зарринкӯб Ҳамид Нақди адабӣ: Ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳиси наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон / Зарринкӯб Абдулҳусайн, Зарринкӯб Ҳамид. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.*
5. *Лоҳурӣ, М. Корнома. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Икром / М. Лоҳурӣ. – Исломобод, Интишороти маркази таҳқиқоти форсӣ:1397. – 28 с.*
6. *Орзу, С. А. Сироҷи М. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Саид Муҳаммад Икром / С. А. Орзу., М. Сироҷи. – Исломобод, Интишороти маркази таҳқиқоти форсӣ:1397. – 86 с.*
7. *Рӯдакӣ, А. "Девон". Таҳия, тасҳеҳ, сарсухан ва ҳавошии Қодир Рустам / А. Рӯдакӣ. – Олмотӣ:Атамура, 2007. – 256 с.*
8. *Футӯҳӣ, М. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ. Чопи аввал / М. Футӯҳӣ. –Теҳрон: Сухан, 1385. – 440 с.*

"СИРОҶИ МУНИР"-И СИРОҶИДДИН АЛИХОНИ ОРЗУ ВА МЕЪЁРҲОИ НАҚДУ СУХАНСАНҶӢ ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД

Дар мақола яке аз маъхазҳои муҳимтарини нақди адабӣ, ки "Сироҷи мунир" унвон дорад, муаррифӣ карда шудааст. Ин сарчашмаи нодир аз ҷониби яке аз суханварони номдори ҳавзаи адабии Ҳинд Сироҷиддин Алихони Орзу навишта шудааст. "Сироҷи мунир" дар посух ба китоби "Корнома"-и Мунири Лоҳурӣ таълиф гардидааст. Дар мақола андешаҳои Сироҷиддин Алихони Орзу дар бораи қофия, анъанаи фахриясароӣ, ҷойгоҳи санъати иҳом дар суннати қасидасароӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Гуфта мешавад, ки рисолаи "Сироҷи Мунир" қабл аз рисолаи дигари Сироҷиддин Алихони Орзу "Доди сухан" таълиф гардида, дар ин раванд дар таҷассуми афкори назарии Орзу, аз ҷумла балоғати адабӣ, калимасозӣ, фарҳангшиносӣ, нусхашиносӣ ва сарчашмашиносӣ нақши сазовор

гузоштааст. Таъкид гардидааст, ки Сироҷиддин Алихони Орзу дар рисолаи “Сироҷи мунир” шеърҳои шоирони ҳавзаи адабии Ҳиндро, аз қабили Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Зуҳурии Туршезӣ ва Зулолии Хонсориро шарҳу тафсир карда, ба эродҳои Мунири Лоҳурӣ посухҳои сазовор додааст.

Калидвожаҳо: Сироҷиддин Алихони Орзу, нақди адабӣ, сирқот, қофия, суннати истифодаи тахаллус, қасидаи мадҳӣ, санъати иҳом

«СИРОДЖИ МУНИР» СИРОДЖИДДИН АЛИХОН ОРЗУ И НОРМЫ КРИТИКИ НА ИНДИЙСКОМ КОНТИНЕНТЕ

В статье представлен один из важнейших источников литературной критики, под названием «Сироджи Мунир». Этот редкий источник написан одним из известных поэтов индийской литературы Сироджиддином Алихани Орзу. «Сироджи Мунир» был написан в ответ на книгу Мунира Лахора «Корнама». В статье глубоко проанализированы мысли Сироджиддина Алихани Орзу о рифме, о традиции использования псевдонима, о роли искусства иносказания в традиции панегирики.Известно, что трактата «Сироджи Мунир» была написана раньше другой трактаты Сироджиддина Алихани Орзу « Доди сухан», и в этом процессе она сыграла достойную роль в воплощении теоретических идей Орзу, в том числе литературной зрелости, словообразования и источниковедение. Следует отметить, что Сироджиддин Алихани Орзу в трактате «Сироджи Мунир» разъяснил и интерпретировал стихотворения индийских литературных поэтов, таких как Урфи Ширази, Талиб Омули, Зухури Туршези и Зулоли Хансори, и дал достойный ответ на критику Мунира Лахори.

Ключевые слова: Сироджиддин Алихони Орзу, литературная критика, литературный плагиат, рифма, традиция использования псевдонима, панегирическая ода, исскуства инносказания

“SIROJI MUNIR” SIROJIDDIN ALIKHON ORZU AND NORMS OF CRITICISM ON THE INDIAN CONTINENT

The article presents one of the most important sources of literary criticism by name “Siroji Munir”. This spare source is written by one of the famous poet of Indian literature, Sirojiddin Alikhani Orzu. Siroji Munir was written in response to Munir Lahore's book Kornama. The article deeply analyzes the thoughts of Sirojiddin Alikhani Orzu about rhyme, the tradition of using a pseudonym, the place of the art of allegory in the tradition of panegyrics. It is known that the dissertation “Siroji Munir” was written before another dissertation of Sirojiddin Alikhani Orzu “Dodi Sukhan”, and in this process she played a worthy role in the embodiment of Orzu’s theoretical ideas, including literary maturity, word formation, cultural studies and source studies. It should be noted that Sirojiddin Alikhani Orzu in his dissertation "Siroji Munir" has explained and interpreted the poems of Indian literary poets such as Urfi Shirazi, Talib Omuli, Zuhuri Turshezi and Zuloli Hansori and gave worthy replies to the critics of Munir Lahore.

Keywords: Sirojiddin Alikhoni Orzu, literary criticism, literary plagiarism, rhyme, tradition of using a pseudonym, panegyric qasida, the art of allegory.

Дар бораи муалиф
Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович
Номзади илмҳои филология, дотсент,
сардори раёсати илм ва инноватсия
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
к.Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 928 89 40 04
E-mail: romizjona@gmail.com

Об авторе
Абдуллоев Ромезджон Холмуминович
Кандидат филологических наук, доцент,
руководитель отдела науки и инновации
Худжандский государственный университет
имени академика Бободжон Гафурова
735700, Республики Таджикистан,
г.Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92 889 40 04
E-mail: romizjona@gmail.com

About the author
Abdulloev Romezjon Kholmuminovich
Candidate Of Philology, Sciences associate
professor, head of the department of science
and innovation
Khujand State University named after
academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand,
1 Mavlonbekov
Ph.: (+992) 92 889 40 04
E-mail: romizjona@gmail.com

ТДУ 82-156.1-14М

РЎЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗӢ АЗ НИГОҲИ АДАБИЁТШИНОСОНИ ТУРК

Ҳайдаров Ф. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯзгор ва ашъори Амир Муиззии Нишопурӣ – амирушшуарои дарбори султон Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст ва як гуруҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Аз ҷумлаи адабиётшиносони машҳури турк профессор *А*днан Қараисмоилоғлу роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори маҳфӯзмондаи Муиззӣ изҳори андеша менамояд. Вай дар мақолаи «Шеър ва шоир дар дарбори Салҷуқиён» дар қатори шоирони дигар роҷеъ ба рӯзгори Амир Муиззӣ низ бо овардани маълумоти мухтасар ишора менамояд, ки: Тахминан соли 440 (1048-49) дар Нишопур таваллуд шудааст. Падари ӯ амирушшуарои султон Алп Арслони Салҷуқӣ Абдумалик Бурҳонӣ буд. Вай ба сабаби тахаллуси Маликшоҳ «Муиззуд-дунё вад-дин» тахаллуси Муиззӣ гирифт. Муиззиро дар қатори чанд шоири муҳими давраи классикӣ дар адабиёти Эрон меҳисобад ва бо андаке тағйирот суханони Муҳаммад Авфиро дар хусуси мақоми Муиззӣ нақл карда, иброз медорад, ки бо файзу баракати ҳокимон мисли Рӯдакӣ дар замони Сомониён, Фаррухии Систонӣ ва Унсурӣ дар замони Ғазнавӣ зиндагии осуда ба сар бурдааст [16, с. 133 - 139].

Номбурда дар мақолаи дигари худ зери унвони «Баррасии назми туркии давраи классикӣ» Муиззиро узви дарбори Салҷуқиён мешуморад, зеро падараш Бурҳонӣ шоири султон Алп Арслон буд. Давраи кӯдакии Муиззӣ низ дар доираи дарбори Салҷуқиён гузаштааст. Илова бар ин, давраи беш аз панҷоҳ соли умри худро бо султон Маликшоҳ ва султон Санҷар сипарӣ намудааст.

Аз шоирони пешқадами давра Амир Муиззӣ, Умар Хайём (ваф. 1130-1136), Азрақӣ (ваф. 1083-1084), Саноӣ (ваф. 1131), Адиб Собир (ваф. 1151-1152), Амъақи Бухороӣ (ваф. 1149), Анварӣ (ваф. 1168), Маҳастӣ (ваф. асри 12), Абдулвосеи Ҷабалӣ (ваф. 1160), Саид Ҳасани Ғазнавӣ (ваф. 1170) ва Эбӯтоҳир Хотунӣ (ваф. 1134-1137) буданд, ки бо қасри Салҷуқиён робита доштанд [12, с. 40-66].

Мавсуф дар китоби «Энсиклопеияи ислом» низ дар бораи Муиззӣ маълумоти мухтасар медиҳад, ки бештар такрори қавли муаллиф аз мақолаҳои болозикр мебошад, аз ҷумла дар хусуси зодгоҳи ӯ шаҳри Нишопур, марги падараш, хидмати ӯ дар дарбори Маликшоҳ ва Санҷар ва амсоли он. Изҳороти Авфиро, ки ӯ дарҳол бо хӯрдани тир фавтидааст, ба воқеият мувофиқат намешуморад, зеро шоир дар қисматҳои гуногуни девони худ ба ин воқеа ишора кардааст.

Муиззӣ бо сабки самимӣ ва соддаи худ аз Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ фарқ мекунад. Вай дар ашъораш истифодаи калимаҳои осонфаҳморо афзалтар медонад. Истифодаи мавзуъ ва мафҳуми тозаи ӯ низ ба рушди ғазал мусоидат кардааст [13, с. 98].

Мавсуф дар мақолаи «Шеъри давраи Салҷуқиён ва шоир Муиззӣ» мегӯяд: Шоир Муиззӣ аз Нишопур аст, ҳарчанд дар баъзе маъхазҳо аз Нисо ё Самарқанд будани ӯ сабт шудааст. Номи пурраи ӯ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад бинни Абдулмалики Нишопурӣ мебошад. Муиззӣ дар атрофи қаср ба воя расидааст, зеро падараш шоир Абдумалики Бурҳонӣ малик-уш-шуарои султон Алп Арслон (соли 455-465/1063-1072) буд.

Давраи Салҷуқиёнро давраи рушду таҳаввули шеъри форсӣ мешуморад ва ишора менамояд, ки ин давраест, ки дар шеър хусусиятҳои нав пайдо мешавад ва ин ҳолат танҳо ба шеъри форсӣ дахл дорад.

Ба қавли муаллиф Амир Муиззӣ, бо вуҷуди шоири дарбор будан дар ашъораш гоҳ-гоҳ арзишҳои мазҳабӣ, тавхид қасидаҳо ба назар мерасад.

Ҳамзамон, дар бораи махсусиятҳои шеър Муиззӣ – махсусан ғазалиёташ сухан ронда, дар охир аз чӣ бошад, ки ӯро турк номида мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст [16, с. 71-78].

Аднан Қараисмоилоғлу дар мақолаи дигари худ зери унвони «Фарҳанг ва адабиёт дар давраи Низомулмулк» дар баробари нақли рӯзгори Низомулмулк ва авзои адабии ин замон дар робита ба рӯзгори Муиззӣ як байт аз Фаррухӣ ва байте чанд аз Муиззиро, ки бо ишора ба

«Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ суруда шудаанд, иқтибос меорад ва сипас суханони Муҳаммад Ризо Шафеи Кадканиро, ки дар иртибот ба зери пои амирони туркзабон хорузор кардани Рустам, Исфандиёр ва дигар рамзҳои миллии эронӣ Муиззиро мавриди накуҳиш қарор додааст, қобили қабул намешуморад ва қаҳрамонони сутудаи Муиззиро аз ҳисоби сулотину амирони Салҷуқӣ арзандаи он мақому ҷоҳ меҳисобад [14, с. 411-420].

Профессор Осман Юзгуденли дар мақолаи «Ашъори форсии ба султонҳои Салҷуқӣ бахшидашуда» дар маҷмуъ дар бораи ашъори мадҳиявии шоирони дарбори Салҷуқиён маълумот дода, ишора менамояд, ки султонони Салҷуқӣ, ки аслан намояндагони анъанаҳои даштӣ буданд, дере нагузашта, забони форсиро қабул карда, ба адабиёти он шинос шуданд. Салҷуқиён ба олимону нависандагон, фаъолияти илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ сарпарастӣ мекарданд ва ба рушди он ҳиссаи калон гузоштанд. Махсусан, султон Санҷар, ки яке аз тавонотарин ҳокимони давлати бузурги Салҷуқиён буд, ба шеъру шоирӣ аҳамияти хос медод. Таваҷҷуҳ ва муносибати ӯ бо шоирон дар сарчашмаҳои зиёде зикр шудааст. Давраи султон Санҷарро шоҳиди яке аз дурахшонтарин давраҳои адабиёти Эрон метавон ҳисобид.

Сипас дар бораи Амир Муиззӣ маълумот дода, аз ҷумла ҳикояи Низомии Арӯзиро аз «Чаҳор мақола» ба таври мухтасар нақл карда, ишора менамояд, ки ин воқеа дар як нусхаи девони амир Муиззӣ дар Девони Ҳинд каме тафовут дорад ва ба навъе зикр шудааст, мувофики он дар охири моҳи Рамазон, чун султон Санҷар моҳро нахуст дид, Муиззӣ рубоӣ гуфт ва ин рубоӣ Санҷарро бисёр писанд омад ва яке аз аспҳои зебои худро ба Муиззӣ ҳадя кард... [17, с. 39-67].

Эфе Йешилдурак соли 2015 дар мавзуи «Ҳаёти илмӣ ва зеҳнии Салҷуқиён дар замони ҳукмронии султон Санҷар» (1098-1157) рисолаи магистрӣ иншо менамояд ва дар ин рисолаи худ ишора менамояд, ки: «Агар ба шоирони давра нигарем, Абӯ Абдуллох Муҳаммад б. Абдулмалик Муиззӣ (ваф. 1124) яке аз шоиронест, ки дар ҷавонӣ амир-уш-шуаро шуд ва пас аз марги Маликшоҳ ба хизмати султон Санҷар даромад. Дар ашъораш сабки фикрӣ ва фалсафӣ вуҷуд надорад, балки бештар дар сабки васф аст.

Ва ӯро дар асоси кадом далел бошад, ки аз барҷастатарин шоирони мадеҳасаро медонад, бахусус онҳое, ки ба форсӣ ва туркӣ шеър эҷод кардаанд (Efe Yeşildurak. - 2015), ҳол он ки дар ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте ё худ мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

Ҳакан Яман дар мақолаи «Анвои вазн дар девони Муиззӣ» бо овардани маълумоти мухтасар амирушшуаро Абӯабдуллоҳ Муҳаммад б. Абдулмалик Муиззии Нишопуриро аз шоирон ва файласуфони маъруфи Хуросон мешуморад, ки дар Нишопур тахминан солҳои 440 (1048-1049) таваллуд шудааст. Падараш Абдулмалик Бурҳонӣ, амирушшуарои султон Алп Арслон буд. Сипас, вобаста ба муайян намудани баҳр ва авзони шеъри шоир 454 қасида, 61 ғазал, 6 таркиббанд ва 1 мусамматро мавриди баррасӣ қарор дода, хулоса менамояд, ки аз ашъори мавриди назар 35,05% дар баҳри рамал, 19,73% дар баҳри ҳаҷаз, 18,97% дар баҳри муҷтасс, 18,39% дар баҳри музореъ, 2,68% дар баҳри мутақориб, 2,30% дар баҳри хафиф, 1,53% дар баҳри мунсареҳ, 0,58% дар баҳри раҷаз, 0,58% дар баҳри сареъ ва 0,19% дар баҳри басит суруда шудаанд [19, с. 43-48].

Мавсуф тарҷеъбандҳои шоирро низ таркиббанд шуморидааст (дар девони шоир 3 таркиббанд ва 3 тарҷеъбанд ба назар мерасад) ва ҳамзамон, бо назардошти он ки 12 қасида, 175 рубоӣ ва 34 қитъаи шоир аз назари муҳаққиқ дур мондааст, эҳтимол меравад, ки муҳаққиқ ашъори шоирро ба пуррагӣ мавриди пажӯҳиш қарор надодааст.

Муаллифони китоби дарсии «Адабиёти турк дар асрҳои VIII-XIII» дар бораи Муиззӣ чунин маълумот пешниҳод менамоянд: Муиззӣ (соли вафоташ - 1126), шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амириушшуарои даврони худ буд. Қариб ҳамаи қасидаҳои ӯ барои сулолаи Салҷуқиён навишта шудаанд ва дар бораи фарҳанг, таърих ва ҷуғрофияи турк маълумоти муҳим медиҳанд. Дар қасоиди ӯ бахусус дар бораи давраи Маликшоҳ далелҳои зиёде мавҷуданд. Дар ситоишҳои худ қаҳрамонони мифологии эрониро бо хокимони Салҷуқӣ муқоиса ва онҳоро хор карда, салҷуқиёнҳоро боло мегузорад. Аз ҷониби муаррихони адабиётшиносии Эрон сахт интиқод шуда, ки «Ӯ ҷуз поймол кардани қаҳрамонони миллии эронӣ дар зери пои султонҳои Салҷуқӣ, ки онҳоро ситоиш мекард, коре накардааст [21, с. 84].

Профессор Алӣ Темизел дар мақолаи «Шоир ва шеър дар замони Низомулмулк» услуби ин давраро номи сабки хуросонӣ ва кӯшишҳо барои зинда нигоҳ доштани онро яке аз муҳимтарин вижагиҳои ин давра медонад. Дар даврони Салҷуқиён шоирон дар илму

тамаддун аз паҳлуҳои мухталиф ва дар шинохту инъикоси вазъиятҳои иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар баробари баёни рӯзгори мухтасари як қатор шоирони замони Низомулмулк аз Амир Муиззӣ низ ёд мекунад.

Аз ҷумла дар хусуси Муиззӣ мегӯяд: Абуабдуллоҳ амирушшуаро, ки аз намояндагони шеъри ситоиш ба шумор меравад, Муҳаммад б. Абдулмалики Нишобурӣ шоири даврони Салҷуқиён аст. Тақрибан 440/1048-49 дар Нишопур таваллуд шудааст. Муиззӣ аз чанд шоири барҷастаи даврои классикӣ дар адабиёти Эрон аст. Агарчи таъсири шоироне чун Фаррухии Систонӣ, Унсурӣ ва Менучеҳрӣ ба назар мерасад, бо услуби хос ва оддии худ аз онҳо фарқ мекунад. Масъуди Саъд, Саноӣ, Сӯзанӣ, Муҳаммад бин. Носир Алавӣ, Сайид Ҳасани Газнавӣ, Анварӣ, Адиб Собир, Рашидуддини Ватвот, Амақ ва Рашидии Самарқандӣ барин адибон ҳамзамонони ӯ мебошанд [18, с. 450 - 465].

Аз миёни адабиётшиносони турк профессор Гёкҳан Гёкмен новобаста аз баъзе иштибоҳот дар мавриди омӯзиши ашъори шоир ба омӯзиши рӯзгор ва ашъори ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Турконхотун дар девони амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки дар дарбори сулолаи бузурги Салҷуқӣ Амир Муиззӣ (ваф. 518-521/1124-1127), ки бо унвони маликуш-шуароӣ зиёда аз ним аср фаъолият намудааст, аз лиҳози таъриху фарҳанги Салҷуқиён ҷойгоҳи муҳимеро доро мебошад. Девони Муиззӣ тақрибан 19000 байт буда, дар он шоир бахусус Маликшоҳ (ваф. 485/1092), Барқиёруқ (ваф. 498/1104), Санҷар (ваф. 552/1157) ва вазирону кабирону амалдорони дигари салҷуқиро ситоиш кардааст. Илова бар ин, яке аз чеҳраҳои ситоишкардааш модари султон Санҷар ва султон Муҳаммад Турконхотун (ваф. 487/1094) мебошад [6, с. 17-44].

Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ иштибоҳан Турконхотун ва Тоҷиддинхотунро ба ҳам омехтааст. Боиси зикр аст, ки Турконхотун (ваф. 487/1094) духтари хоқони Қарахониёни ғарбӣ Иброҳим ибни Насри Табғочхон (1040-1068) буд. Номи аслиаш маълум нест, Туркон тахаллуси ӯст. Аз ӯ ҳамчун Ҷалолияхотун (тибқи лақаби Маликшоҳ «Ҷалолуд - давла вад-дин») низ ном мебурданд. Вай ҳамсари аввали султон Маликшоҳи I (ҳукмронии 1072-92) буд. Турконхотун аз Маликшоҳ се писар таваллуд кард, вале ду писари калонӣ дар замони зиндагии падар фавтиданд. Писари калонӣ Довуд соли 474 (1082) Аҳмад соли 481 (1088) вафот кард. Писари сеюмашон Маҳмуд соли 480 (1087) таваллуд шудааст.

Маликшоҳ ва Турконхотун духтаре низ доштанд бо номи Маҳмалик, ки соли 1087 бо халифа Ал-Муқтадӣ ба шавҳар баромад. Маҳмалик аз халифа писаре таваллуд менамояд, ки Абулфазл Ҷаъфар ном дошт. Аммо аллакай дар соли 481 (1088) хизматгорони туркзабони шоҳзодаро ба далели рафтори худ аз ҳарами халифа ронданд. Духтари Туркон аз беэътиноии шавҳараш ба падару модараш шикоят кард ва Туркон ва Маликшоҳ аз халифа талаб карданд, ки Маҳмаликхотунро ба хонаи падару модараш фиристад. Дере нагузашта ба назди падару модараш баргашта, ҷавонзан фавтид.

Сайри девони ашъори Муиззӣ нишон медиҳад, ки шоир ба Турконхотун ва писарону духтари ӯ аз чӣ сабаб бошад, ки ягон шеъре набахшидааст ва он даҳ қасидае, ки тибқи андешаи муҳаққиқ ба Турконхотун равона гардидаанд, шоир онҳоро ба Тоҷиддинхотун бахшидааст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигараш зери унвони «Бонуи дарбори Салҷуқиён Маҳмаликхотун дар девони амирушшуарои сулолаи Салҷуқӣ Амир Муиззӣ» менависад, ки яке аз шахсиятҳо, ки Муиззӣ дар девони худ ситоиш кардааст ва дар бораи ӯ дар манобеи таърихӣ маълумоти кофӣ нест, Маҳмаликхотун (Бону Маҳмалик) (ваф. 487/1094), духтари Маликшоҳ бо Турконхотун мебошад [2, с. 1-14].

Дар ин ҷо низ муҳаққиқ ба иштибоҳ роҳ дода, Маҳмаликро бо Шоҳхотун омехтааст. Бояд қайд намоем, ки Шоҳхотун Сафия духтари Маликшоҳ аз завҷаи сеюми ӯ Тоҷиддинхотун ё худ Сафарияхотун мебошад, ки бо номи Бушалӣ низ маъруф аст ва яке аз канизони Маликшоҳ буд, ки баъдтар ҳамсари ӯ гардид ва ин ягона ҳолатест, ки салотини Салҷуқӣ ба канизак хонадор шудаанд. Сабаби Сафарияхотун лақаб гирифтани ӯро аз он медонанд, ки дар бисёр сафарҳо Маликшоҳро ҳамроҳӣ мекард. Вай модари султонҳо Муҳаммад Тапар ва Аҳмад Санҷар ва духтаре бо номи Шоҳхотун мебошад.

Муиззӣ ба Шоҳхотун - духтари Маликшоҳ ва Тоҷиддинхотун як қасида бахшидааст, ва исботи ин андеша он аст, ки дар қасида аз Шоҳхотуни Сафия ном мебарад. Қасидаи ба ӯ аз 25 байт, тавре муҳаққиқ ишора менамояд, балки аз 27 байт иборат аст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Мақоми шоирони форсигӯ дар девони амирушшуаро Муиззӣ» бо баёни мухтасари рӯзгори Амир Муиззӣ ӯро аз шоирони барҷаста мешуморад ва илова менамояд, ки Амир Муиззӣ дар девони худ як зумра шоиронро аз қабили Шаҳиди Балхӣ (ваф. 927), Рӯдакӣ (ваф. 941), Дақиқӣ (ваф. 976-980), Фирдавсӣ (ваф. 1022-1026), Фаррухӣ (ваф. 1038), Унсурӣ (ваф. 1039-1040) ва чанде аз шоирони дигарро зикр ва ашъори бисёри онҳоро васф мекунад. Муиззӣ бештар ашъори Унсуриро зикр кардааст. Ӯ бештар Фирдавсӣ ва асари «Шоҳнома»-ро накуҳиш ва Асҷадии Марвазӣ (вафот 1040) ва Қатрони Тебрезӣ (пас аз марг 1089), Масъуд Саъди Салмон (ваф. 1121) ва инчунин Зайнабиро (ваф. асри 12) ситоиш кардааст.

Бо хулосагирӣ аз мақолаи мазкур метавон иброз намуд, ки тавре дида мешавад, амир Муиззӣ шоире буд, ки дар девони худ шеъри форсӣ менавишт ва дар ашъораш дар бораи бисьёр шоирон ва ашъори онҳо нақл мекунад. Ба ҷуз Фирдавсӣ тамоми шоиронро васф кардааст. Ба девони худ шомил кардани шоирон, ки аз чеҳраҳои боистеъдод буданд, бисёр муҳим буд. Муиззӣ бо вуҷуди тавсифи шоирон дар баъзе ҳолатҳо ашъор ва сабки худро аз ашъори онҳо болотар медонад.

Гётмен махсус қайд менамояд, ки Муиззӣ шоири боистеъдоди адабиёти хаттии форсист [7, с. 107-122].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ бо номи «Мақоми шоири дарбор Амир Муиззӣ дар таърихи давлати Салҷуқиён» ишора менамояд, ки Салҷуқиёни бузург дар арсаи таърихи ҷаҳон мақоми муҳим доранд. Дар ашъоре, ки дар дарбори Салҷуқиён барои арбобони давлатӣ навишта шудааст, дар бораи Салҷуқиён маълумоти таърихӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад. Яке аз онҳое, ки таърихи ин давлатро хеле хуб баён кардааст, Амир Муиззӣ (ваф. 518-521/1124-1127) мебошад. Ӯ тахминан 440/1048-1049 дар Нишопур таваллуд шуда, номи аслиаш Абӯ Абдуллоҳ Мухаммад бинни Абдулмалики Нишопурӣ мебошад.

Дар девони Муиззӣ, ки шоири дарбори ҳам дар замони Маликшоҳ ва ҳам Санҷар ва шоҳиди воқеаҳои зиёди таърихии он давра буд, дар хусуси воқеаҳои таърихии замон ба таври муфассал сухан меравад ва ашъори ӯ метавонад ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар ашъори ӯ бисёр қасидаҳои марбут ба бисёр рӯйдодҳои муҳими таърихӣ, аз қабили ҷашнҳо низ вомехӯранд.

Дар маҷмуъ девони Муиззӣ ҳамчун шоири дарбории даврони бузурги Салҷуқиён сарчашмаи пур аз маълумоти таърихӣ ва ҳар як шеъри ӯ тақрибан дорои хусусияти сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра мебошад [4, с. 44-49].

Гёкҳан Гёкмен соли 2018 таҳтии унвони «Дунёи шеъри Муиззӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунад. Мавсуф дар қисмати якуми рисолаи мазкур дар хусуси рӯзгори Муиззӣ ва падараш Бурҳонӣ, шахсияти адабии ӯ, дар бораи эътиқоди динии ӯ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, ҳамзамонони ӯ маълумот медиҳад.

Дар қисмати дуюм дар баробари баъзе нусхаҳои қаламии девони шоир ва нашрҳои девони Муиззӣ, мундариҷаи девони Муиззӣ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, истилоҳоти туркӣ дар девон, шоирони форсигӯ ва арабизабон, ки Муиззӣ дар девонаш онҳоро ёд кардааст, осори ба мавзуӣ динӣ бахшидаи шоир, инъикоси шахсони таърихӣ аз қабили салотини Салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон ва ҳодисаҳои муҳим дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисмати сеюм унвонҳо ва лақабҳои султонҳои Салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар қисмати чорум номҳои қабилаҳои туркӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар баробари ин, дар бахши алоҳида интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ ва билохира дар рисолаи мазкур эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк баррасӣ мегардад.

Мутаассифона, дар рисолаи мазкур, ки аз тадқиқоти нисбатан муфассал роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори шоир дар адабиётшиносии турк ба шумор меравад, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ, маълумоти хеле кам омада, муаллиф таваҷҷуҳи худро бештар ба истилоҳоти туркӣ дар девон, инъикоси шахсиятҳои таърихӣ аз қабили салотини Салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон, унвонҳо ва лақабҳои султонҳои Салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён, интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва

“Шоҳнома”-и ӯ ва эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк равона кардааст [10].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Марсияҳои ба султон Меликшоҳ, Низомулмулк, Фахрулмулк, Туркон Хотун ва Муҷируддавла навиштаи Амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки девони Муиззӣ аз ашъоре иборат аст, ки барои султонҳо ва арбобони Салҷуқӣ навишта шудааст. Аз ҷумла дар девони шоир 7 марсия мавҷуд аст, ки ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк, Фахрулмулк, Турконхотун ва писари Муҷидруддавла суруда шудаанд. Марсияҳое, ки амир Муиззӣ сурудааст, аз бисёр ҷиҳат пурмазмунанд. Дар ин марсияҳо хусусиятхои сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра низ инъикос ёфтааст. Дар миёни ин ашъор масрияҳои ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшидашуда мақоми хоса доранд.

Гумон меравад, ки ин шеърҳо хусусияти умумии даврарро инъикос мекунанд. Шубҳае нест, ки Муиззӣ ҳамаи инҳоро на танҳо ҳамчун шоири дарборӣ, балки ба сифати шоири замони худ ҳам дарк мекард. Ба қавли муҳаққиқ Амир Муиззӣ, яке аз бонуфузтарин шоирони дарбори давлати Салҷуқиён ва мирсияҳои ӯ дорои ҳам аҳамияти таърихӣ ва ҳам аҳамияти адабӣ мебошанд [3, с. 131-148].

Мавсуф дар мақолаи «Ситоиши Низомулмулк дар девони амирушшуаро Муиззӣ» менависад, ки дар девони Муиззӣ барои арбобони варзидаи даврони замонаш султон Маликшоҳ (ваф. 485/1092), султон Берқиёруқ (ваф. 498/1104), султон Муҳаммад Тапар (ваф. 511/1118) ва султон Санҷар (ваф. 552/1157) ашъори зиёде гирд оварда шудааст. Онҳо султонҳои бузурги Салҷуқӣ ҳастанд, ки Муиззӣ ситоиш кардааст.

Дар девон қасидаҳои зиёд, бахусус ба вазири маъруф Низомулмулк, писаронаш Фахрулмулк, Иззулмулк, Мувайядулмулк, Имодулмулк ва дигарон вомехӯранд. Аз ҷумла ба Низомулмулк 17 мадҳия навиштааст (аз ин шумора 15 қасида дар мадҳи Низомулмулк ва 2 қасида дар марсияи ӯ навишта шудааст. Дар баробари ин Муиззӣ марсияе дорад зери унвони «Дар марсияи Маликшоҳ ва Хоҷа Низомулмулк», ки ба марги Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшида шудааст – Ҳ.Ф.), ки дар ин қасоид адолат, дониш, саховатмандӣ ва дигар хислатҳои бузурги Низомулмулк ситоиш ёфтаанд.

Дар маҷмуъ Амир Муиззӣ дар бораи шинохту маҳорат, фазилат, хислатҳо ва шаҳодати Низомулмулк маълумоти муфассал медиҳад ва аз ин рӯ, ин қасидаҳо ҳам аз нигоҳӣ адабӣ ва ҳам аз нигоҳи таърихи сиёсӣ аз аҳамият холӣ нестанд [5, с. 421-442].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ зери унвони «Муиззӣ пешгоми ғазали форсии асри XI» Амир Муиззиро шоири бузурги дарбори Салҷуқиён мешуморад, ки ҳуввияти аслии худро бо вижагиаш дар навиштани ашъор дар мавзуи ситоиш касб кардааст. Илова бар ин, дар бисёр китобҳои таърихи адабиёт аз Муиззӣ дар қатори пешоҳангони ғазали форсӣ ном бурда шудааст. Адабиётшиносон ва муаррихони адаби форс низ бар ин назаранд, ки Муиззӣ аз шоироне буд, ки пояҳои ғазали форсиро гузошта, дар рушди он бештар саҳм гузоштааст. Вақте мо ба баъзе ғазалҳои Муиззӣ назар мекунем, дар муқоиса бо шоирони пешин метавон гуфт, ки ӯ аз аввалин шоироне буд, ки ашъори тоза ва ғазали пухта ба миён овардааст. Зеро Муиззӣ бо навоварию фаҳмиш ба шакли назми ғазал аз шоирони замони худ фарқ мекунад. Муиззӣ, ки бо истифода аз мазмунҳои нав кӯшиш мекунад, ки бо ифшои маҳорати худ забони наверо ба кор барад ва дар назм бештар ба маънӣ аҳамият диҳад, бо саҳли мумтанеъ тахайюлот ва вожахои густурдаи худро баён кардааст, махсусан ба ишқ ва таърих [11, с. 117-138].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар «Туркҳо ва дигарон» Муиззӣ ва Адиб Собирро шоирони туркзабон мешуморад, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд. Сипас илова менамояд, ки яке аз шахсоне, ки ин давлати Салҷуқиёнро аз ҷиҳати ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникӣ инъикос менамояд, шоир Амир Муаззӣ (ваф. 518-521) мебошад. Дар ашъори Муиззӣ осори урфу одати туркҳоро пайдо кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар бораи қабилаҳои турк ва инчунин дар бораи қабилаҳои од, араб, форс, дайлам, арманӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва юнонӣ бисёр маълумоти пурмазмун пайдо кардан мумкин аст. Дар ин мақола ва ибораҳо дар бораи ин қабилаҳо тавассути мисолҳо маълумот пешкаш мегардад. Ба тариқи хулоса муҳаққиқ дар ин ҷуғрофиё фарҳанги туркҳо ва унсурҳои туркиро фарҳанги бартаридошта ҳисоб менамояд (Gökhan GÖKMEN 2020, Sayı 28, ss.83-89).

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар зери унвони «Як бонуи Салҷуқӣ Тоҷиддинхотун дар девони Муиззӣ» зикр менамояд, ки дар девони Муиззӣ метавон дар бораи бисьёр воқеаҳо ва шахсиятҳои таърихӣ маълумот ба даст овард. Ҳамзамон, як шахсияти дигаре, ки Муиззӣ дар девони худ ситоиш кардааст, Тоҷиддинхотун (ваф. 487/1094) модари султон Санҷар ва

султон Муҳаммад мебошад. Дар девон барои Тоҷиддинхотун 10 қасидаи алоҳида суруда шудааст. Аз гуфтаҳои Муаззӣ маълум мешавад, ки Тоҷиддинхотун дар таърихи сулолаи Салҷуқиён шахсияти муҳим ва таъсирбахши таърихист ва дар самти сиёсию маъмурӣ ба писаронаш султон Санҷар ва султон Муҳаммад таъсири калон расонидааст. Дар асоси сурудаҳои Муиззӣ ҷиҳати хусусиятҳои характерноки Тоҷиддин Хотун бисёр хулосаҳо ба даст овардан мумкин аст. Дар ин робита, мадҳияҳои Муиззиро дар бораи Тоҷиддинхотун метавон ҳамчун як сарчашмаи муфассал арзёбӣ кард [9, с. 25-46].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Интиқод ва таҳқири Фирдавсӣ ва Шаҳнома дар девони амир Муиззӣ» асари «Шоҳнома»-и Фирдавсиро яке аз бузургтарин шеърҳои ҳамосавӣ дар таърихи форсизабонон мешуморад.

Дар баробари ин, ишора менамояд, ки Муиззӣ дар девони худ аз Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва қаҳрамонони «Шоҳнома» ёдовар шудааст. Шоир ҳангоми тавсифи бузургӣ ва муваффақияти султонҳо ва давлатмардони Салҷуқӣ бо истифода аз санъати муболиға онҳоро бо шоҳони Эрон ва қаҳрамононе, ки дар «Шоҳнома» зикр шудаанд, муқоиса намуда, онҳоро бузург ва қаҳрамонони “Шоҳнома”-ро ҳақир мешуморад. Ӯ изҳор медорад, ки он чизе, ки Фирдавсӣ дар асараш гуфтааст, беасос ва афсона аст.

Муҳаққиқ бар он назар аст, ки таваҷҷуҳи Муиззӣ ба Фирдавсӣ, асари ӯ «Шоҳнома» ва махсусан изҳороти интиқодии ӯ, баъзан андешаҳои муболиғаомез дар бораи қаҳрамонони “Шоҳнома” аз он дарак медиҳад, ки шоири Салҷуқиёни бузург дар бораи туркҳо, султонҳои турк чи гуна ҳассосият дорад [8, с. 42-64].

Илова бар ин, олимони дигар низ роҷеъ ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ ибрози андеша кардаанд, аммо аксари андешаи эшон такрори гуфтаҳои боло мебошанд. Ҳамзамон, чунон ки ишора рафт, устод Гёкҳан Гётмен дар ду маврид ба иштибоҳ роҳ дода, мавриди аввал Турконхотунро бо Тоҷидинхотун ва дар мавриди дуюм Маҳмаликхотунро бо Шоҳхотун Сафия ба ҳам омезиш медиҳад ва ашъори ба Тоҷиддинхотун ва Шоҳхотун бахшидаи Муиззиро ба Турконхотун ва Маҳмаликхотун нисбат медиҳад.

Дар баробари ин, дар рисолаи «Дунёи шеъри Муиззӣ», ки метавон аз корҳои нисбатан мукаммали муҳаққиқони турк дар таҳқиқи рӯзгори Муиззӣ шумурд, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ, маълумоти хеле кам омада, муаллиф таваҷҷуҳи худро бештар ба истилоҳоти туркӣ дар девон, инъикоси шахсиятҳои таърихӣ аз қабили салотини Салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон, унвонҳо ва лақабҳои султонҳои Салҷуқӣ, одат, анъана, маросим, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён, интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ва эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк равона кардааст.

Аз ҷониби дигар баъзе муҳаққиқони турк аз ҷумла Аднан Қараисмоилоғлу аз чӣ бошад, ки шоирро турк номида, мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст ва муаллифони «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» низ дар бораи ӯ маълумот дода ишора менамоянд, ки шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Ҳол он ки мо девони ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте, ҳатто мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

Адабиёт

1. *Gökmen, Gökhan. Mu‘izzî dîvânî’nda bir Selçuklu hâtunu: Tâceddîn hâtun / Gökhan Gökmen: Nüsha Şarkiyat Araştırmaları DergisiJournal of Oriental Studies Ocak-Haziran (January-June), 2020; (50). - ss. 25-46.*
2. *Gökmen, Gökhan. Büyük Selçuklu devleti saray şairi Emîr Mu‘Izzî’nin dîvânî’nda Selçuklu Hâtunu Mâh Melek Hâtun / Gökhan Gökmen. Nüsha Şarkiyat Araştırmaları DergisiJournal of Oriental Studies Haziran-Aralık, 2018; (47). – ss.1-14.*
3. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu‘izzî Dîvânı’nda Sultan Melikşâh, Nizâmülmülk, Fahrülmülk, Terken Hâtun ve Mucîrüddevle İçin Yazılan Mersiyeler / Gökhan Gökmen: Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 17: Bahar, 2019, Sayı 26. - ss.131-148.*
4. *Gökhan GÖKMEN. Büyük Selçuklu devleti tarihinde saray şairi Emîr Mu‘izzî’nin önemi / Gökhan Gökmen: KARINCA.: Türk Kooperatifçilik Kurumu Basın, Yayın, Araştırma Danışmanlık ve Eğitim Hizmetleri İşletmesi Adına. 2018. ss. 44-49.*
5. *Gökmen, Gökhan. Emîrüşşü’arâ Mu’izzî dîvânî’nda Nizâmülmülk methiyeleri / Gökhan Gökmen: Bilge vezir Nizâmülmülk. – Konya, 2019. - 637 s., ss. 421-442.*
6. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu‘izzî dîvâninda Terken Hâtun / Gökhan Gökmen: Doğu araştirmalari. - 2018, sayi 18, ss. 17- 44.*

7. *Gökhan Gökmen. Emîrüşşü'arâ Mu'izzî dîvâninda farsça şiir söyleyen şairlerin yeri/Gökhan Gökmen: Nüsha Şarkiyat Araştırmaları Dergisi.- 2018, (46). – ss.107-122.*
8. *Gökmen, Gökhan. Emîr Mu'izzî Dîvânı'nda Firdevsî ve Şehnâme'nin Eleştirilmesi ve Hakir Görülmesi / Gökhan Gökmen: Doğu Araştirmalari, Doğu Dil, Edebiyat, Tarih, Sanat ve Kültür Araştırmaları Dergisi, A Journal of Oriental Studies,Sayı/Issue. – İstanbul, 2021. - ss. 42-64.*
9. *Gökmen, Gökhan. Türkler ve Diğerleri / Gökhan Gökmen: Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 18. Bahar 2020, Sayı 28, ss.83-89.*
10. *Gökmen, Gökhan. Mu'izzî'nin şiir dünyasi / Gökhan Gökmen. Kirikkale üniversitesi-Ankara üniversitesi sosyal bilimler enstitüleri fars dili ve edebiyati ana bilim dali, 2018. - 546 s.*
11. *Gökmen, Gökhan. Mu'izzî: 11. Yüzyıl Farsça Gazelin Öncüsü / Gökhan Gökmen: Erdem, İnsan ve Toplum Bilimleri Dergisi, Sayi 76 • Haziran 2019, 269 s. - ss.117-138.*
12. *Karaismailoğlu, Adnan. Klasik Dönem Türk Şiiri İncelemeleri / Adnan Karaismailoğlu: Akçağ Yayınları. - Ankara, 2001. - 259 s.*
13. *Karaismailoğlu, Adnan. Mu'izzî / Adnan Karaismailoğlu: İslâm Ansiklopedisi, Türkiye Diyanet Vakfı Yayınları, 2006. - s.98-99.*
14. *Karaismailoğlu. Adnan. Nizâmülmülk döneminde kültür ve edebiyat. Bilge vezir Nizâmülmülk/ Adnan Karaismailoğlu: - Konya, 2019, 637 s. - c.411-420*
15. *Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu devri şiiri ve şair Mu'izzî / Adnan Karaismailoğlu: II.Uluslararası Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Sempozyumu. Selçuklularda bilim ve düşünce Bildiriler/Proceedings. - Konya, 2013. - c. 71-78.*
16. *Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu Saravında Şiir ve Şair/ Adnan Karaismailoğlu: V. Milli Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Semineri. Bildirileri (25-26 Nisan 1995), 133-139 s.*
17. *Özgüdenli, Osman G. Büyük selçuklu sultanlarina ait farsça şiirler / Osman G. Özgüdenli Marmara Türkiyat Araştırmaları Dergisi. Cilt 1, Sayı 2, Sonbahar 2014. - ss. 39-67.*
18. *Temizel, Ali. Nizâmülmülk döneminde şair ve şiir / Ali Temizel. Bilge vezir Nizâmülmülk, Konya, 2019, 637 s., .ss. 450-465.*
19. *Yaman, Hakan. Mu'izzî'nin divaninda vezin türleri. Prosody Species in Muizzi's Diwan. Atatürk Üniversitesi Edebiyat Fakültesi Sosyal Bilimler Dergisi Journal of Social Sciences Sayı/Number 54, Haziran/June 2015, 43-48).*
20. *Yeşildurak, Efe. Sultan Sencer devri (1098-1157) Selçuklular'da ilmî ve fikrî hayat (yüksek lisans tezi)/ Efe Yeşildurak: - Kasim, 2022 - 328 s.*
21. *VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati. - Eskişehir, Ağustos 2018. - 199 s.*

РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗӢ АЗ НИГОҲИ АДАБИЁТШИНОСОНИ ТУРК

Дар мақолаи мазкур таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ дар адабиётшиносии турк мавриди баррасӣ қарор дода шууаст. Дар натиҷаи баррасии масъалаи мавриди назар муаллиф иброз медорад, ки рӯзгор ва ашъори Муиззӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст ва як гуруҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Дар ин миён рисолаи «Дунёи шеъри Муиззӣ»-и Гёкҳан Гёкменро метавон аз корҳои нисбатан мукаммали муҳаққиқони турк дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ шумурд. Ба андешаи муаллиф баъзе муҳаққиқони турк, аз ҷумла Аднан Қараисмоилоғлу аз чӣ бошад, ки шоирро турк номида, мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст ва муаллифони «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» низ дар бораи ӯ маълумот дода ишора менамоянд, ки шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Ҳол он ки мо девони ашъори ӯ, ки зиёда аз 18600 байти он то имрӯз маълум аст, байте, ҳатто мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

Калидвожаҳо: Муиззӣ, адабиётшиносии турк, Салҷуқиён, рӯзгори шоир, девони ашъор.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО АМИРА МУИЗЗИ ГЛАЗАМИ ТУРЕЦКИХ ЛИТЕРАТУРОВЕДОВ

В данной статье рассматривается изучение жизни и творчества Муиззи в турецкой литературоведения. В результате рассмотрения данного вопроса автор констатирует, что жизнь и литературное наследия Муиззи также привлекли внимание турецких литературных исследователей, а о его повседневной жизни и стихах написаны отдельные статьи и монографии одной из групп турецких ученых. Между тем, диссертацию Гёкхана Гекмена «Мир поэзии Муиззи» можно считать одной из наиболее полных работ турецких исследователей по изучению жизни и творчество Муиззи. По мнению автора, некоторые турецкие исследователи, в том числе Аднан Караисмаилоглу, называют поэта турком и говорят, что он по происхождение турок, и помимо его связи с арабской поэзией, он особенно писал стихи на персидском языке, а авторы «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» также указывают, что он был известным турецким поэтом, одним из придворных поэтов султана Маликшаха и эмира своей эпохи. Однако, хотя до сих пор известно более 18 600 бейтов его стихотворений, на турецком языке не обнаружено ни одного бейта.

Ключевые слова: Муиззи, тюркское литературоведение, сельджуки, жизнь поэта, сборник стихов.

LIFE AND WORKS OF AMIR MUIZZI FROM THE POINT OF VIEW OF TURKISH LITERARY EXPERTS

In this article, the study of Muizzi's life and works in Turkish literature is discussed. As a result of considering the issue under consideration, the author states that Muizzi's daily life and poems have also attracted the attention of Turkish literary critics, and a group of Turkish scholars have written separate articles and theses about his daily life and poems. In the meantime, the thesis "The world of Muizzi's poetry" by Gökhan Gökmen can be considered one of the most complete works of Turkish researchers in the study of Muizzi's life and works. In the opinion of the author, some Turkish researchers, including Adnan Karaismailoğlu, call the poet a Turk and say that he is actually a Turk, and in addition to his connection with Arabic poetry, he especially wrote poetry in Persian, and the authors of "VIII-XIII yüzyyillar türk edebiyeti" They also give information about him and point out that he was a famous Turkish poet, one of the court poets of Sultan Malikshah and the emir of his era. However, even though we have more than 18,600 verses of his poems known to this day, not even a single verse is found in the Turkish language.

Keywords: Muizzi, Turkish literary studies, Seljuks, poet's life, book of poetry.

Дар бораи муаллиф
Ҳайдаров Фахриддин Наботович
Номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17,
Тел.: (+992) 918 64 00 40

Об авторе
Хайдаров Фахриддин Наботович
Кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,
Тел.: (+992) 918 64 00 40

About the author
Haydarov Fakhriddin Nabotovich
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Literature History
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17,
Ph.: (+992) 918 64 00 40

ТДУ 82-3(651.73)

ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ ДАР “МАСЪУДНОМА”-И МУЪМИН ҚАНОАТ

Шерализода А. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар мабдаи ташаккул ва инкишофи адабиёти муосири тоҷик шахсияти бузурги фарҳангӣ устод Садриддин Айни меистад, ки тавассути талошҳо ва заҳматҳои бебадалаш мақом ва ҷойгоҳи адабиёти муосири тоҷикро дар масири адабиёти муосири сермиллати шуравӣ мустаҳкам намуда, онро бо анъанаҳои пешин ва бо талаботи даврӯ замон мувофиқ намуд. Минбаъд ин анъанаи устод Айниро Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва дигарон идома доданд. Ин шукуҳмандӣ дар насли давраи дуюми адабиёти тоҷик бо номи Муъмин Қаноат сахт марбут аст.

Муъмин Қаноат чун дастпарвар, номбардор ва пайрави содиқи мактаби адабии Мирзо Турсунзода дар шеъру достонҳояш талошӯ муборизаи инсони пӯянда ва ҷӯяндаи давронсозро ба хотири шукуфоии Ватан ва хушбахтию саодати инсон тараннум намуда, пирӯзии сулҳ бар ҷанг, хирад ба ҷаҳолат, нур ба зулмат, адл бар зулм, ҷасорат бар тарсӯӣ, озодагӣ бар бандагиро меҳвари асосии офаридаҳои хеш қарор додааст. Муъмин Қаноат дар ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик нақши бориз дорад. Осори ӯ дар эҳёи арзишҳои миллию фарҳангӣ, бедории фикрӣ, бозгашт ба асолати фарҳангию маънавии миллати тоҷик саҳм дошта, зангулаи вахдатӯ ҳамдилиро дар шеъри тоҷик ва ҳавзаи шеъри форсии тоҷикӣ баланд мекунад. Осори мондагори ӯ дар қолаби шеъру достонҳои ҳамосӣ ҳамвора мушкилоти иҷтимоӣ ва дарди миллатро баён менамояд.

Муъмин Қаноат бо гулчини ашъори “Шарора” (1960) вориди адабиёти тоҷик гардида, минбаъд достонҳои “Ситораҳои замин” (1963), “Мавҷҳои Днепр” (1964), “Достони оташ” (1966), “Сӯруши Сталинград” (1975), “Тоҷикистон-исми ман” (1977), “Достони падар” (1977), “Гаҳвораи Сино” (1980), “Ситораи Исмат” (1990), “Ҳамосаи дод” (1996), “Масъуднома” (2006) ва дигар ашъори лирикиаш шуҳрати адабиёти тоҷикро аз марзҳо берун бурд ва ормонҳои олии башариро бо забони фасеҳу баёни сареҳ ба тасвир кашида, дар инкишофи минбаъдаи жанри достон дар адабиёти муосири тоҷик хизмати арзанда анҷом додааст.

Муъмин Қаноат бо осори баландмазмуни хеш ба адабиёти муосири тоҷик неруи тоза бахшид, мактаби адабиеро ба вуҷуд овард, ки дар он адибони номвар чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир,Гулрухсор, Гулназар, Қутбӣ Киром, Аскар Ҳаким Низом Қосим, Фарзона ва дигарон ба воя расиданд.

Ҳунари шоирӣ ва маҳорати баланди достонсароии Муъмин Қаноатро муҳаққиқони хориҷию ватанӣ амсоли Т.Ломидзе, З. Османова, Олжас Сулаймонов, Алиасғари Шеърдӯст, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Хуршеда Отахонова, Худоӣ Шариф, Абдунабӣ Сатторзода, Абдураҳмон Абдуманонов, Юсуф Акбаров, Матлуба Хоҷаева, Аскар Ҳаким, Беҳрӯзи Забеҳулло, Фаттона Бадахш ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Муъмин Қаноат ба гуфтани шеър хеле барвақт оғоз карда буд. Аз қадамҳои аввалинаш дар майдони шеър бо устуворӣ ва матонати суханаш аз дигар муосиронаш фарқ мекард. Қобилият, андешаҳои бикр, маҳоратӯ тамкину дурандешии шоири ҷавонро Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Рахимзода пайхас карда, пайваста маслиҳатҳои муфид дода, ба олами шеър раҳнамунаш мекарданд.

Муъмин Каноат идомадиҳандаи роҳи эҷодии М.Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Пулод Толис ва дигарон буда, дар сурудани достон мумтозиҳо дорад. Дар баробари мавзуи ҷовидонаи адабиёт - ишқу муҳаббат шоир бештар ба достонҳои қаҳрамонӣ рӯй овардааст. Муҳимтарин хусусияти достони қаҳрамонӣ тасвири муборизаи паҳлавонҳои соҳиби қувваи фавқулоддаи беназир,ҷангу талошҳои ҷоннисоронаи онҳо барои ватан ва ҳокимияти миллист.

“Ҳамоса, менависад Забеулло Сафо,- навъе аз ашъори васфист, ки мубтанӣ бар тавсифи аъмоли паҳлавонӣ ва мардонагиҳо ва ифтихоротӯ бузургиҳои қавме ё фарде бошад, ки шомили мазоҳири мухталифи зиндагии онон гардад” [7, с. 43].

Ҳақиқатан ҳам шоири асил ҳамонест, ки битавонад дарди ҷомеаро ифода кунад. Муъмин Қаноат на танҳо ба мавзуъҳои дохили кишвар, балки ба масъалаи тақдири

ҳаммиллатони мо дар он тарафи марз низ аҳамият додааст. Ба андешаи адабиётшинос Б. Шарифзода "... достонҳои Муъмин Қаноат бо авзои ҷаҳон иртиботи қавӣ дошта, муҳимтарин давраҳои ҳаёти халқро ифодаю истиқрор мекунад, ки аз онҳо шаҳомат, нотакрорӣ драматизми замони мо ва идеали иҷтимоиву ахлоқии инсони муосир некӯ падидор аст"[9, с. 3].

Дар достонҳои Мӯъмин Қаноат ифодаи ҳолати завқӣ мушоҳида ва диду дарёфти ӯ ҳама вақт ҳузур дорад. Меҳру шафқат ва авотифи инсонӣ дар ин асар бо ҳолати қалбию равонии гӯянда пайваста омада, як фоҷиаи зиндагӣ ва ҳолати ғамангези инсониро ба вуҷуд овардаанд.

Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамчун марди ватанпарвар ва ҷангӣ, истиқлолхоҳ ва фармондеҳи тавонои ҳарбӣ, дипломат ва сиёсатмадори маъруф аз ибтидои солҳои 80-уми асри XX зиёд дар расонаҳои хабарии кишварҳои мухталифи ҷаҳон мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар роҳи ба ҳам овардани миллати тоҷик дар рӯзҳои сахту душвори барои миллати мо хизмати бузурги таърихиро ба ҷо овард.

Достони "Масъуднома" соли 2006 эҷод шудааст, ки дар он мавзуи ватандӯстӣ матраҳ гардидааст. Шоир бо ҳасрат аз мушкилоти тоҷикони Афғонистон, набудани солори бузурги миллӣ сухан гуфта, симои сипаҳсолори бузург Аҳмадшоҳи Масъудро қаҳрамони воқеӣ дарёфта чеҳраи нуронию неруи армонияшро бо сухани сеҳрангези худ ҷилои раббонӣ бахшидааст. Иншои чунин достон тасодуфи набуд. Гарчанде қаҳрамони достон аз он тарафи сарҳади Тоҷикистон бошад ҳам, шоир тарғиби андеша ва руҳия ва худогоҳии миллӣ, муаррифии миллати тоҷикро мақсади худ медонад. Таҷрибаи достонсароӣ ва маҳорати баланди шоирии Қаноат ба ҳадде расида буд, ки тавонист моҳирона, нақши тоҷикон дар арсаи миллӣ ва байналмиллалиро ба таври мутавозин ва хориҷ аз вобастагиҳои идеологӣ ба тасвир бикашад.

Тақдири тоҷикон дар он тарафи марз ва бархурди қавмҳои гуногун дар Афғонистон, нигоҳ доштани ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои он шоирро ба навиштани достони "Масъуднома" водор кард. Мушкилоти тоҷикони Афғонистон, ҷангҳои беамону беохир ба сари мардуми бечора бадбахтиҳои зиёд оварда дар маркази диккати шоир қарор ёфт. Шоир образи Масъудро мақсаднок интихоб намуд, зеро Масъуд ягона муборизи дар ин минтақа буд, ки ватану зодгоҳи худро аз аҷнабиён муҳофизат намуд. Ба шоир Аҳмадшоҳи Масъуд ва талошҳои ӯ барои муҳфизати марзу буми ватанаш барвақт ошно буд. Масъуд дар ду майдон меҷангид, дар яке бо мухолифони дохилӣ ва дар дигаре бо аҷнабиён. Муъмин Қаноат соли 1995 барои Аҳмадшоҳи Масъуд ғазале навишт, ки дар он аз ҷасорату мардонагии Масъуд васф мешавад:

Чӣ шак аз набарди замону заминаш,
Ки Масъуд зодаст, чархи баринаш.
Ҷиҳоди варо ҳар касе кам бубинад,
Ки дар бурҷи Симурғ бошад каминаш.

Ё дар шеъри "Тарҳи Зобул" аз ҷавонмардии Масъуд ва хиёнати бархе аз ёронаш сахт андуҳгин аст:

Эй басо Сӯҳробу Рустам дар дили ӯ зинда аст,
Тарҳи Зобулро ба рӯи сина бо ханҷар кашид.
Халқи афғонро дуову муддао Масъуд буд,
Ин дуои хокиёни меҳр дар Ховар кашид.

Муъмин Қаноат соли 1996 шеъри дигар "То Рустами замона" танҳоии Масъуд ва тасарруфи Кобул ба дасти Толибонро чунин тасвир кардааст:

Аз Рустами фасона то Рустами замона,
Ҳиммат гузору бигзор бо гоми рустамона...

Пас метавон хулоса кард, ки дар бораи Масъуд ва навиштани достоне бо номи "Масъуднома" дар зеҳни шоир ҷой дошт. Адабиётшинос Беҳрузи Забеҳулло таъкид мекунад, ки достони мазкур бисёр кутоҳ ва мӯъҷаз аст, аммо шоир нукоти муҳими аҳамияти бузурги миллидоштаро дар он тавонистааст матраҳ кунад.

"Масъуднома" аз нуҳ банд ё қисмат таркиб ёфта,"...шоири ботадбир дар сурудани он аз таҷриба ва маҳорати шоирии хеш, ки ҳангоми навиштани осори гузаштаи худ ба даст оварда буд, истифода кардааст" [2, с. 7].

Муъмин Қаноат майдони зиндагиро арсаи муборизаву ҷанги мудовим медонад ва мутақид аст, ки набарду пайкори одамӣ поёнпазир нест ва ҷанг дар шаклҳои мухталиф идома дорад. Дар достон шоир аз набардҳои Аҳмадшоҳи Масъуд ва ёронаш ба мукобили амалиёти бузурги артиши шуравӣ дар соли 1984 дар дараи Панҷшер ва шикасти фоҷеавии ин артишро ба хубӣ ба қалам додааст.

Муъмин Қаноат дар оғози достон таъкид мекунад, ки “ин ҳамосаи ҳафт номаи сарбамуҳр, розҳои ботинии Аҳмадшоҳи Масъудро ба хонанда мерасонад. Ин асар ангораест аз чеҳраи нотакрори рустамона, орифона ва ошиқонаи Масъуд. Ӯ қаҳрамони марказии достон, симои бадеӣ ва ормонӣ аст.

Тамоми достон аз номи қаҳрамони он Аҳмадшоҳи Масъуд нақл мешавад. Дар қисми муқаддимаи достон шоир ба тасвирҳои рамзӣ мепардозад, ки дар он қафасфурӯш садо мекунад:

Қафасфурӯш садо мекунад, ки зуд биё,
Ки мехарӣ зи даруну бурун навои зиё.
Биё, ки кабки дариаш ба сони шохин аст,
Ки ин сарои сароянда аст, эмин аст,
Ва ман қафас харидаму рафтам.

Сипас шоир ба тасвири ҷанги рус мепардозад, ҷанге, ки 12 сол дар хоки Афгонистон ба натиҷае нарасид, ба ҷузъ аз рехтани хуни ҷавонони бегуноҳ:

Набарди рус,
Само чун кулаҳ танг омад.
Ба хок саҷда намудам, сарам ба санг омад.
Аҷаб, ки марги маро русҳо хабар доданд,
Ба ин фурӯғи дурӯғин чи болу пар доданд,
Даму нафас харидаму рафтам.

Банди сеюм нафрати Масъудро ба мардуми ватанфурӯшаш баён мекунад, ки суннатҳои кадимаи худро помол намуда, ба суннати бегона пайравӣ мекунанд:

Ватанфурӯш ба бозори Қандаҳор нишаст,
Нишасту хӯса тарошид, Сурхбут шикаст...

Дар банди чоруми қисми аввал ба ситораи Кайвон мурочиат мекунад, ситорае, ки бинанда аз дидани он ба ҳарос меафтад ва он намоди бадбахтию наҳс аст, аммо Масъуд аз он роҳи сапед металабад:

Ту эй ситораи хунрези корвони умед,
Мазан зи роҳ намо, то сапеда роҳи сафед.
Ки рах набурд ягон корвон аз ин саҳро,
Худойро чи кунам нимашаб тани танҳо
Саҳар ҷарас харидаму рафтам.

Шоир дар қисмати дуюми достон бештар ба тасвири манзараи ҷанг мепардозад, ки бо аскарони бешумору чархболу тайёраи тирандозу танк хоки Афгонистонро тирборон мекарданд:

Алайҳи мо сафи тайёра меомад,
Ва бӯи ҷанги як сайёра меомад.
Басе аскар фаромад рӯи барзанҳо,
Ба пайкори сиёҳе хайли рахзанҳо.

Шоир вайронаҳои аз дами тиру туфангро ба бехтани хок ташбеҳ додааст:

Паёпай бомб мерезанд, мехезанд,
Дар ин хоки муқаддас хок мебезанд...

Дар қисмати сеюм шоир ҳолати ибодат кардани Аҳмадшоҳи Масъудро тасвир мекунад, ки ба модараш бахшидаву ба ӯ ниёзашро баён месозад:

Маро бигзор, то танҳо гузорам ман намозамро,
Ба модар мегузорам ин намозу ин ниёзамро...

Ӯ ба модараш мурочиат карда, аз сӯзу сози ватанаш ҳарф мезанад ва аз тайёр буданаш барои муҳофизати модар- ватану ҷоннисоряш сухан мекунад:

...Ба ҳангоми нумӯ аз меҳри зан меҳри ватан рӯид,
Чӣ эъҷозе, ки аз шири сафеде сад чаман рӯид.
Ба хифзи ин ватан ё ин чаман бо рус ҷангидам,
Шаби ялдои кишвар дар багал фонӯс ҷангидам...

Масъуд дар набарди рус ғолиб омад ва артиши як давлати бузург бар зидди як гуруҳи ватанхоҳ шикаст хурд, аммо бар сари мардуми азияткашидаи афғон боз балои нав омад, балое бо номи “толибон”. Ва ин гуруҳ Афғонистонро ба вартаи балои дигар гирифтор кард. Аҳмадшоҳи Масъуд ба модар- ватан мурочиат мекунад:

Ту, эй Меҳан, ки будам рафт охир аз паи судат,
Вуҷудам об шуд дар ин набарди буду нобудат.
На ман тоҷи Каён ҷустам,

На амволи ҷаҳон ҷустам
Туро ҳамчун макони адл дар кавну макон ҷустам.
Туро дарёфтам чун ҷавҳари номусу вичдонам.

Аммо дар кишвари Покистон барои нобуд кардани ин сарзамин нақшаҳо кашида мешуд:

Чӣ чора бо ду- се рустамтароши сусти ҳамхонам!
Ки ҷунбиш мекашонад қиблаи моро ба Туркистон,
Ба Покистон бичӯяд иддае сарманзили ҷонон,
Мазорӣ дар мазори кухна меҷуяд сару сомон.
Ва Меҳан чист? Афғон кӣ
Кӣ гӯяд бо мани нодон?

Шоир боз мурочиати Масъудро ба ҷониби модар мегардонад:

Аё модар, парешон гуфтаму кардам парешонат,
Кунун дарёфтам, дунёи ман будаст домонат.
Дар ин дунёи бесомон, дар ин сахроии бедомон,
Ҳидоят кун маро то манзили ҷон, манзили армон.

Орзую омоли Масъуд, он аст, ки мехоҳад, муҳандисе бошад, ки қасри миллатро бунёд кунад, қасре, ки бурҷу девораш аз санги сулаймонӣ, боғу гулзораш чун Аржанги Монӣ бошад. Мулке бунёд кунад, мисли давлати Маздак ки ҳама мардумонаш шоду баробар зиндагӣ кунанд, аз панди Мавлонои Балхӣ сабақ гиранд. Қандилҳои ин қаср аз лаъли Бадахшон бошанд, аммо ҷанг идома дорад ва идомаи ҷанг дар сарзамини Хуросон ба маънии идомаи ҷанги ҷаҳонӣ муаррифӣ мегардад, ки дар кисми чоруми достон баён гардидааст:

Ҳам акнун шӯравӣ зору пушаймон рафт,
Аз ин кишвар чу бори нобасомон рафт...
Ва ин асли ҷиҳоди мост...
Вале ҷанги ҷаҳон боқист...

Афғонистон ба майдони бало монанд буд, ки Толибону Ал-қоида онро ба коми оташ мекашиданд ва фақат Аҳмадшоҳи Масъуд буд, ки бар зидди онҳо мубориза мебурд. Ҳадафи Масъуд ҳифзи тамоми марзу буми Афғонистон ва таъмини ваҳдати миллӣ дар миёни тамоми ақвоми ин кишвар ва раҳонидани он аз вартаи балои бегонапарастон буд:

Ватан гуфтам ва донистам, ки оғозаш ҳамин хок аст,
Баландиҳои он болотар аз эҳсосу идрок аст...

Шоир аз тасвири ҷангу вайронаҳо ба тасвири холати равонии оромӯ ошиқона мепардозад. Дидани духтари соҳибҷамол ва ошиқ шудани Масъуд ба ӯ ва издивоҷ намуданаш дар банди панҷуми достон тасвир шудааст:

Шаби базми арӯсӣ ҳафт ёрам даври хони ман,
Ба нармӣ ҷанг мезад Зуҳраи ҷангӣ ба ҷони ман.
Ва танҳо дар ҳамин як лаҳза ман ором гардидам,
Чу шери беша дар ин тури симин ром гардидам...

Дар қисми шашум достон шоир аз номи Масъуд ба қаторкуҳи бовиқору сарбафалаккашидаи Ҳиндукуш, ки рамзи бузургӣ ва сабру тамкини мардуми Хуросон аст, мурочиат мекунад:

Ҳиндукуш,
Рози парвози уқобонро мапӯш!
Мекаши офтоби субҳгоҳонро ба дӯш.
Аз сарат
Мефарояд обҳо ҷӯши ба ҷӯш.
Модаро,
Мекунад аз шири ту гулзор нӯш!

Сипас, ба фалак мурочиат мекунад, ки пайғоми Курушро бирасонад ва аз Худо пайки осудагӣ талаб мекунад, то мардум осуда зиндагӣ кунанд:

Эй фалак,
Гӯй пайғоми мусово аз Куруш
Эй Худо,
Як суруше овар аз Кухи Фурӯш.

Умеду армон, ранҷу ҳиҷрон ва дарди муштарак ин рухи мубориз дар бахши “Наҷво” дар достони “Масъуднома” ба таври возеҳу равшан баён гардидааст:

Ҳарчанд, ки васлем, ҷудоем, ҷудоем,
Зери қадами дӯст ба поем, ба поем.

Дар хонаи худ хонахудо, хонахудоем,
Мо руди Ҳарӣ, оби бақоем, бақоем...

Аз водии шерон ҳама шерони далерем,
Дар ишқи Ватан ҷумла асирем, асирем.
Дар ҳифзи Ватан ҷумла амирем, амирем,
Дар ҳар ду ҷаҳон аз Ватани хеш сафирем

Дар қисмати ҳаштум шоир ҳасрати Масъудро аз парокандагии мардум ва нашунидани панди бузургон ва бовар ба бегонагон баён карда, афсӯс меҳурад, ки сарзамине, ки чунин бузургон чун Мавлонои Балхиро ба дунё овардааст, валангор аст:

Ҷу нашнидем панди Балхи Бомиро,
Зи Мавлонои худ асли тамомиро.
Ҷу таркидем гаштем аз дарун холӣ,
Зи даст афтода ҷоми сарнагун холӣ...

Масъуд дар майдони набард мардона истодагари менамуд ва душманони оҳизу нотавонаш аз рӯҳи шикастнопазири ӯ дар ҳарос шуда, бо макр ӯро нобуд карданд. Шоир марги Масъудро ба маънии фурӯпошии назми нави ҷаҳонӣ ва оғози набардҳои тоза дар олам қаламдод кардааст:

Толиб шикаст, дамдамаи толибон шикаст,
Чандон кашид зеҳи камон, то камон шикаст.
Огоҳ кард аҳли ҷаҳонро зи рӯзи нав,
То рӯзи нав расид низоми ҷаҳон шикаст!

Достони “Масъуднома”-ро шоир бо марсияи ҷонсӯз дар сӯги Аҳмадшоҳи Масъуд муборизи ростини роҳи озодӣ ба поён мебарад. Ин марсияи кӯтоҳ аз ҳикмати вобастагӣ ва пайвастагии рӯҳию равонии шоир бо қаҳрамони хеш дарак медиҳад. Хонанда эҳсос эҳсос мекунад, ки сухан дар бораи як рӯҳест, ки дар ду колбад ҳаёт ба сар бурдааст:

Он рухи лоязол париду ба чарх рафт,
Дар ин урӯҷ пояи ваҳму гумон шикаст...

Метавон хулоса кард, ки шоири посдори рисолат ва адаб, ҳамосасарои ростини миллӣ, тараннумгари андешаҳои олӣ, таҷассумгари рухи олӣ Муъмин Қаноат дар достони “Масъуднома” зимни офаридани образи сипаҳсолори бузург Аҳмадшоҳи Масъуд қаҳрамони воқеиро дарёфта, чеҳраи нуронию неруи армонияшро бо сухани сеҳрангези худ ҷилои раббонӣ бахшидааст.

Адабиёт

1. *Акбарзода, Ю. Шеъри Муъмин Қаноат аз дидгоҳи Лоиқ Шералӣ / Ю. Акбарзода // Садои мардум, 2002, 15 август, с. 3.*
2. *Бехрӯзи, З. Қаноат ва Масъуд / З. Бехрӯзи. – Душанбе: Адабиёт ва санъат, 20.05.2021, с.7.*
3. *Бадахш, Ф. Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ / Ф. Бадахш. - Душанбе: 2020. – 187 с.*
4. *Ваҳобзода, Р. Ҳуввияти адабӣ дар осори Муъмин Қаноат / Р. Ваҳобзода - Душанбе: Адабиёт ва санъат, 2018, 24 май, с. 9.*
5. *Низом, Қ. Шоире чун Қаноат / Қ.Низом. - Душанбе, Адабиёт ва санъат, 2017 5.05, 7 с.*
6. *Раҳмон, Э. Тасаллият / Э. Раҳмон // Садои мардум, 2018, 22 май № 63 (3857), с. 1.*
7. *Сафо, З. “Ҳамосасароӣ дар Эрон аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳичрӣ / З. Сафо. - Теҳрон, Самт, 1378, 424 с.*
8. *Тоҷдинӣ, М. Ҷойгоҳи Қаноат дар шеъри муосири тоҷик / Тоҷдинӣ. – Душанбе: Адабиёт ва санъат, 2014, 30 май, С. 7-9.*
9. *Шарифов, Б. Тараннумгари арзишҳои маънавӣ / Б. Шарифов. - Душанбе: Адабиёт ва санъат, 2020, с.3-8.*
10. *Муъмин, Қ. Масъуднома / Қ. Муъмин. // Садои Шарқ. – 2007. - № 3. - С. 3-11.*

«ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ ДАР “МАСЪУДНОМА”-И МУЪМИН ҚАНОАТ”

Дар ин мақола муаллиф дар бораи Муъмин Қаноат ва саҳми ӯ дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик андешаронӣ намудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки Муъмин Қаноат дар шеъру достонҳояш талошу муборизаи инсони пӯянда ва ҷӯяндаи давронсозро ба хотири шукуфоии Ватан ва хушбахтию саодати инсон тараннум намуда, пирӯзии сулҳ бар ҷанг, хирад ба ҷаҳолат, нур ба зулмат, адл бар зулм, ҷасорат бар тарсӯ, озодагӣ бар бандагиро меҳвари асосии офаридаҳои хеш қарор додааст. Муъмин Қаноат дар ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик нақши бориз дорад. Осори ӯ дар эҳёи арзишҳои миллию фарҳангӣ, бедории фикрӣ, бозгашт ба асолати фарҳангию маънавии миллати тоҷик саҳм дошта, зангулаи ваҳдату ҳамдилиро дар шеъри тоҷик ва ҳавзаи шеъри форсии тоҷикӣ

баланд мекунад. Ин аст, ки шоир образи марказии достони “Масъуднома”-ро Аҳмадшоҳи Масъудро қарор дода, неруи тавоно, андешаҳои ватанхоҳӣ, ҳуввияти миллии мардуми тоҷики муқими Афгонистонро дар симои ӯ баръало нишон дода тавонистааст.

Калидвожаҳо: Муъмин Қаноат, ҳуввияти миллӣ, арзишҳои маънавӣ, андешаҳои ватанхоҳӣ, шеъри муосири тоҷик, достони “Масъуднома”, Аҳмадшоҳи Масъуд.

НАЦИОНАЛЬНАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ И САМОПОЗНАНИЕ В «МАСУДНАМЕ» МУМИН КАНОАТА

В данной статье автор размышляет о Мумине Каноате и его вкладе в развитие современной таджикской литературы. Автор подчеркивает, что в своих стихах и поэмах Мумин Каноат воспевает усилия и борьбу будущего человека и искателя эпохи ради процветания Родины и счастья человека, победы мира над войной, мудрость над невежеством, свет над тьмой, справедливость над угнетением, смелость над страхом и свобода… Мумин Каноат играет значительную роль в становлении и развитии современной таджикской литературе. Его произведения способствуют возрождению национально-культурных ценностей, интеллектуальному пробуждению, возрождение культурного и духовного своеобразия таджикской нации, поднимают колокол единства и солидарности в области таджикской и персидской поэзии. Именно поэтому поэт выбирал Ахмадшаха Масуда главным героем поэмы «Масуднаме» и смог в его образе ярко показать сильную силу, патриотические мысли и национальную самобытность таджикского народа, проживающего в Афганистане.

Ключевые слова: Мумин Каноат, национальная идентичность, духовные ценности, патриотические мысли, современная таджикская поэзия, поэма «Масуднаме, Ахмадшах Масуд.

NATIONAL IDENTITY AND SELF-AWARENESS IN MUMIN QANOAT'S "MASUDNAME"

In this article, the author reflects on Mumin Qanoat and his contribution to the development of modern Tajik literature. The author emphasizes that in his poems and epics, Mumin Qanoat sings of the efforts and struggles of the future man and seeker of the era for the prosperity of the Motherland and the happiness of man, the victory of peace over war, wisdom over ignorance, light over darkness, justice over oppression, courage over fear and freedom... Mumin Qanoat plays a significant role in the становлении и развитии современной таджикской литературе. His works contribute to the revival of national and cultural values, intellectual awakening, the revival of the cultural and spiritual identity of the Tajik nation, raise the bell of unity and solidarity in the field of Tajik and Persian poetry. That is why the poet chose Ahmad Shah Massoud as the main character of the poem "Masudname" and was able to vividly show in his image the strong strength, patriotic thoughts and national identity of the Tajik people living in Afghanistan.

Keywords: Mumin Qanoat, national identity, spiritual values, patriotic thoughts, modern Tajik poetry, poem "Masudname", Ahmad Shah Massoud.

Дар бораи муаллиф
Шерализода Адолат Шералӣ
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторе
Шерализода Адолат Шерали
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Sheralizoda Adolat Sherali
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Departments of theory and history literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 82-31(540+550)(09)

“ОИНАИ ҲАЙРАТ” - ТАЗКИРАИ ЗАНОНИ СУХАНВАР ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД ДАР ҚАРНИ ХІХ

Абдуллозода Н. С.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент

Дар қаламрави Ҳинд интишори бонуфузи забон ва адабиёти форсӣ барои эҷоди таҳаввул дар тамоми анвои осор, аз қабили тазкираву луғот, осори адабиву илмӣ таъсиргузор омад. Дар ин миён дар баробари ривоҷи тазкиранависӣ бо шеваҳои суннатӣ, иншои тазкираҳои занони суханвар низ шакл гирифт, ки ин нукта ба саҳми назарраси бонувони шоир дар ташаккули адабиёти форсии ин сарзамин ва дар умум ҳузури мунаввари онҳо дар қаламрави шеър ишорат мекунад. Муҳимтарин тазкираи бонувони суханвар, ки дар ин ин сарзамин иншо гардидааст, “Оинаи ҳайрат” мебошад, ки ба қалами яке аз нависандагону муншиёни номвари садаи XVIII ҳичрӣ(XIXмилодӣ) Муншӣ Аҳмад Ҳусайн Сеҳри Кокуруӣ тааллуқ дошта, ягона нусхаи хаттии он дар китобхонаи аллома Шиблии нуъмонӣ, дар дорулкитоби “Нудувват-ул-уламо”-и Лакҳнав маҳфуз будааст. Ин тазкира дар соли 1391 аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Заҳро Иброҳимуғлӣ Хаёвӣ дар Теҳрон ба чоп расидааст. Вале ба таъкиди таҳиягари мазкури тазкира қаблан ин анҷоми кори ӯ таълифи мавриди таҳқиқ нахустин бор дар Ҳинд аз сӯи Раис Аҳмади Нуъмонӣ мудири маркази мутолеоти форсӣ дар Алигарҳи Ҳинд, дар Худобахши Патна дар соли 1996 бо таълиқоти муфассал мунташир шуд. [2, с. 56]. Заҳро Иброҳимуғлӣ дар идома меафзояд, ки мавҷудияи ғалатҳои зиёд дар нашри мазкур омил бар он гардидааст, ки дар нашри ҷадиди он дар Эрон иқдом шавад ва ӯ ин корро ду сол баъд ба анҷом расонидааст.

Афзуданист, ки ба қалами Муншӣ Аҳмад Ҳусайн дар баробари “Оинаи ҳайрат” ду тазкираи дигар бо ановини “Тури маънӣ” ва “Баҳори бехазон” тааллуқ дорад, ки аввалин фарогири шарҳи ҳол ва мероси адабии 295 тан суханварони форсизабони Ҳинду Эрон аз ибтидо то замони муаллифро фаро мегирад. Дувумӣ бошад, ҳовии зиндагинома ва намунаҳои ашъори суханварони урдузабон мебошад, ки бо забони форсӣ ба қалам омадааст.

“Оинаи ҳайрат” тазкираи начандон бузурге аст ва ба он зиндагинома ва намунаҳои ашъори 37 нафар занони суханварро фаро мегирад. Ба таъкиди Заҳро Иброҳимӯғлӣ ба ин тазкира занони форсигӯи Ҳинд ва Эрон шомил гардидаанд [2, с. 51]. Аммо дар ҷараёни мутолеаи тазкира маълум мегардад, ки шоирбонуҳои шомили тазкираи мазкур аз се ҳавзаи адабӣ- Шибҳи Қораи Ҳинд, Эрон ва Фароруд фароҳам шудаанд. Тазкира дар асоси меъёри алифбоӣ ба қалам омадааст, ки онро дар истилоҳи тазкиранигорӣ усули таҳаҷҷӣ ҳам унвон намуданд.

Дар мавриди сабаби иншои тазкира муаллифи он назари қобили таваҷҷуҳе дорад. Ӯ то ҷое аз равиши кори муааллифони тазкираҳои занони суханвари қабл аз ӯ иншогардида интиқод ҳам мекунад ва бо ҳамин зарурати таълифи асари хешро шарҳу тафсир мекунад. Муншӣ Аҳмад Ҳусайн менависад: “Дар кутуби тазкираи шуаро аксаре аз ҳоли занони шоира зикре ба миён аст ва ду се тазкира ҳам, ки оғозу анҷомаш чун ибтидову интиҳои ишқ хонабарандоз пайдо набуд, ба назар омад” [2, с. 57]. Аз ин сухани муаллифи тазкира ин нукта равшан мешавад, ки тазкираҳои занони суханвари то замонаш таълифшударо ӯ ноқис мешуморад ва, ба қавле, ҳамин амр боис шудааст, ки ба навиштани ин тазкира иқдом намояд. Дар идомаи ин матлаб меафзояд: “Мехостам, ки тазкирае мухтасар дар баёни ҳоли рангинбаёнони латофатзо ва назокатбандони ҷавҳарадо тартиб дода, тахсиси каломи нисо аз мардони маънифаҳм сохта, ҳар қисм ашъори мунтахаби эшонро дохили тазкира сохта, ба ранги чамане ва тахтае гулзоре ороста кунам, ки гулҳои буқаламун ба рангу бӯи ҷудогона насиби ҳабибу домони назора шаванд ва чашми тамошоиён дар ҳар мақомаш оинадори ҳайрат гардида,ба шигифт дарояд ва аз ин рангинсаҳифа, ки шабеҳи баҳор аст, саводи назар дарбояд” [2, с. 57-58].

Муншӣ Аҳмад Ҳусайн яке аз муҳимтарин вежагиҳо ва авлавиятҳои шеъри занонро нисбат бар мардон дар он мебинад, ки сурудаҳои бонувон бештар ҳосили қареҳаи фитрӣ ва истеъдоди зотии онҳост, чун камтар аз эшонро дар қаламрави адабиёти гузаштаи мо метавон пайдо намуд, ки касбе дошта бошанд ё таҳсили илм кардаанд. Дар робита ба ин матлаб

чунин менавад: “Ва пайдост, ки ҳар каломи мавзуни занони хушлаҳҷа ҳамчун ҳусни гулусӯзи онҳо, дилпазири олам аст ва камтар аз эшон ба касбу иктисоб ва таҳсили улум ҳиммат масруф дошта, он қадар истеъдод ва салиқае ба ҳам мерасонанд, ки лаёқати шеърфаҳмӣ ва сухантирозӣ дошта бошад. Аз ҳазор яке ҳам, ки дар фанни шоирӣ тоқ гардида, аз муғтанамот ва мунтахаботи рӯзгор метавон гуфт. Алҳақ:

Як даста гули димоғпарвар,
Аз хирмани сад гиёҳ беҳтар [2, с. 58].

Ҳамин тавр, Муншӣ Аҳмад Ҳусайн пас аз тафсири зарурати иншои тазкира ба равиши кори хеш ишорат мекунад ва аз хонандаи худ дархости онро дорад, ки агар нуқсе ё камбуде дар кори ӯ бубинад бо назари хатопӯшаш онро ниҳон нигоҳ дорад. Муаллиф қабл аз оғози зикри бонувони суханвар чунин таъкид мекунад: “Нафассӯхтаи оташинмизоҷ Аҳмад Ҳусайни Сеҳртахаллус, ки аз фидоиёни ҳусну адо ва ҷавҳару салиқаи ин тоифаи фитнапардозон аст, ба ҷамъоварии ашъори ин замонаошӯбон дил хун карда, тазкират-ун-нисоро ба “Оинаи ҳайрат” ном ниҳода, таълифи дилчасб ва матбуъе кардааст. Умед аз наззорагиёни назокатписанд он дорад, ки ба сатри уюби таълифи мазкур пардохта ва онҷӣ ба нигоҳи пок ва мусаффояш сақаме зоҳир шавад, аз он ноошноёна даргузашта, барои анҷоми ба хайри ин ғарқи исён дасте ба дуо афрозанд ва ин нигориномаро мураққаи тасвироти ҷонбахш тасаввур карда, ба кошонаи дилу ҷонаш часпон кунанд.

Сухан ҷон аст, дигар гуфтугӯ ҷонон! Зи ман бишнав [2, с. 58].

Аз ин муқаддима ҳувайдост, ки Муншӣ Аҳмад Ҳусайн ашъор ҳам суруда ва тахаллуси шоирии ӯ ба ишорати худаш “Сеҳр” будааст. Дар баробари ин, чанд вежагии муҳими сабкии тазкира аз чанд ҷумлаи мазкур ҳам равшан мегардад. Нахуст, ин дар тарҳи ҷумласозӣ бештар ба таълифоти осори насрии сабки ҳиндӣ такя мекунад ва оростагии матн тавассути таркиботи шоирона ва вожагони мураккаб ин хусусияти сабкиро барҷаста тасвир мекунад.

Масалан, таъбирҳои “нафассӯхтаи оташинмизоҷ”, “тоифаи фитнапардозон”, “замонаошӯбон”, “таълифи дилчасб ва матбуъ”, “дасте ба дуо афрозанд” ва амсол ин, ки дар таркиби онҳо вожагони мураккаб ҳам ҷой дошта, бештар таҷассуми вежагиҳои сабки ҳиндӣ мекунанд. Дар баробари ин, ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи амиқ ба чунин махсусиятҳои сабки ҳиндӣ гоҳо сабаби мушкилот ё халал ёфтани мантиқ дар ҷумлаҳо ҳам гардидааст ё ин ки тасҳеҳгари матн дар ҷараёни омода намудани он ба ғалатҳо роҳ дода ва ё дар худи нусха чунин костаҳо мавҷуд буда. Вале аз сӯи мураттиби матн ҳеҷ ишорате дар ин бора нарафтааст. Масалан, дар чанд ҷумлаи мазкур ба ин ҳолат дучор меоед:“Тазкират-ун-нисоро ба “Оинаи ҳайрат” ном ниҳода” ба назар мерасад, ки ин ҷо ба зиёдат аст ва бояд шакли дурусти ҷумла “тазкират-ун-нисоро “Оинаи ҳайрат” ном ниҳода. Шояд дар шеваи нигориши ин аср ҳамин тарзи баён роиҷ бошад, вале мо дигар маврид дучор наомадем. Дар ҷумлаи баъдӣ бошад, ба назар чунин мерасад, ки ҷонишини ишоратии “он” дар мавқеи худ истифода нашудас” Умед аз наззорагиёни назокатписанд он дорад” Шояд ин ҳам вежагии сабки баён ё тарҳи ҷумласозии ҳамин давра бошад.Аммо шакли саҳеҳ ва ба мантиқ созгори ҷумла бояд дар шакли “Аз наззорагиёни назокатписанд умеди он дорад”

Чунонки гуфта омад, тазкираи “Оинаи ҳайрат” ба тартиби алифбоӣ таълиф гардида, 37 нафар шоирабонуҳое, ки то ба рӯзгори худи мураттиб зиндагӣ ва эҷод кардаанд, фаро мегирад. Нахустин, шоирабонуе, ки дар бораи ӯ маълумот медиҳад, Отун аст. Дар бораи ӯ чунин менависад: “Бибиотун, зани Мавлоно Бақоӣ ва ҳар ду надим ва маҳрами Абдуллохон буданд ва дар ҳузури ӯ мутоибот мекарданд [2, с. 59]. Шеваи зикри маълумот ҳам дар тазкира яксон нест. Масалан, роҷеъ ба Бибиотун хеле маълумоти кутоҳ додааст ва ҳатто маълум намешавад,ки ӯ дар кадом аср зиста ва танҳо як рубоӣ аз вай оварда. Аммо аз рӯи иттилое, ки муаллифи “Ҷавоҳир-ул аҷоиб” дар ин тазкираи хеш оварда, маълум мешавад, ки Муншӣ Аҳмад Ҳусайн ба маълумоти вай такя кардааст: Фахрии Ҳиравӣ дар бораи Отун бо зикри номи Бибиотун чунин навиштааст: “Зани Мавлоно Бақоӣ буд ва Мавлоноро эҳтиёҷ ба таъриф нест. Ҳар ду маҳраму надими Абуллохон буданд ва ҷиҳати инбисоти хотир ба ҳам мутоиба мекарданд” [3, с. 84]. Аммо аз рӯи маълумоти Муҳаммад Ҳасани Раҷабӣ дар китоби “Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута” маълум мешавад, ки Бибиотун аз шоираҳои аҳди Темурӣ ва Шайбонӣ буда, ин ҷо ҳам манзур аз Абдуллохон ҳамон Абдуллохони Шайбонист. Муаллифи ин китоб дар бораи таваҷҷуҳи хоси Амир Алишери Навоӣ ба ин суханвари бону изҳори назар кардааст [2, с. 1].

Аз зикри ин иттилоъ равшан кардан мумкин аст, ки Бибиотун аз ҷумлаи бонувони суханвари ҳавзаи Фароруд аст ва дигар аз шоираҳое ҳам, ки аз ин ҳавза Муншӣ Аҳмад Ҳусайн роҷеъ ба ӯ назари хешро ба қалам оварда, Орзуӣ мебошад. Муаллифи “Оинаи ҳайрат” чунин менависад: Бибӣ Орзуӣ, Самарқандӣ. Бисёр хуштабиат ва олифаҳм буда, ин байтро ба вай мансуб мекунанд:

Монд доғи ишқи ӯ бар ҷонам аз ҳар орзу,
Орзусӯз аст ишқу ман саросар орзу [2, с. 59].

Дар тазкираи “Ҷавоҳир-ул-аҷоиб” ба сурати Бибиорзуи Самарқандӣ омадааст. Дар китоби “Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута” бошад, аз ӯ Орзуи Самарқандӣ ном бурда мешавад ва таъкид мешавад, ки “пеш аз қарни даҳуми ҳиҷрӣ. Аз занони шоир. Аз аҳолии Самарқанд ва зане зеборӯй ва ширинкалом буд. Тазкираҳо ӯро ба номҳои Орзуӣ ва Бибиорзуи Самарқандӣ низ ёд кардаанд.

Аз ҷумлаи занони суханваре, ки дар қаламрави Эрон зиста ва Муншӣ Аҳмад Ҳусайн аз ӯ ёд кардааст, Оғодӯст мебошад. Дар бораи ин бонуи суханвар чунин менависад: “Оғодӯст, духтари дарвеш Қиёми Сабзаворӣ аст. Хушфаҳм ва соҳибкамол буд. Хусусан дар улуми арӯз ва қавофӣ бисёр маҳорат дошт.

Ин матлаъ аз ӯст:

Ҳар куҷо он маҳ ба он зулфи парешон бигзарад,
Ҳар кӣ куфри зулфи ӯ бинад, зи имон бигзарад [2, с. 59].

Дар китоби “Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута” роҷеъ ба замони зиндагонии ӯ чунин иттилоъ рафта: “Оғодӯст, пеш аз 962 ҳ., Фотимахотун мутахаллис ба Дӯстӣ аз занони шоир ва адиб. Вай духтари дарвеш Қиёми Сабзаворӣ буд. Оғодӯст дар адабиёт ва улуми арӯз вуқуф ва басирати кофӣ дошт ва дорои табъе саршор буд. Тазкираҳо аз ӯ ба номҳои Оқодӯст ва Оғанадӯст низ ёд кардаанд [1, с. 5]. Агарчи Муншӣ Аҳмад Ҳусайн аз ӯ танҳо як байт овардааст, маълум мешавад, ки ин байти матлаи як ғазалест, ки онро муаллифи “Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута” ба сурати пурра зикр намуда:

Ҳар куҷо он маҳ ба он зулфи парешон бигзарад,
Ҳар кӣ куфри зулфи ӯ бинад, зи имон бигзарад.
Эй муҳиббони булаҷаб, дардест дарди ошиқӣ,
Ҳар кӣ доман гирад ин дардаш зи дармон бигзарад.
Ҳар кӣ ошиқ шуд аз ӯ дигар сару сомон маҷӯй,
З-онки ошиқ тарки сар гӯяд зи сомон бигзарад.
Дар фироқаш “Дӯстӣ” гӯяд чу абри навбаҳор,
Гиряи зораш чу бинад абри гирён бигзарад [1, с. 5].

Маълум аст,ки матни пурраи ин ғазал,яъне ҳамон чор байти мазкур дар тазкираи “Ҷавоҳир-ул-аҷоиб”-и Фахрии Ҳиравӣ мебошад. Илова бар ин Фахрӣ як байти дигареро, ба қавле “дар бадоҳат” гуфтааст, чунин оварда:

Зи ошноии ту оқибат ҷудоӣ буд,
Фиғон, ки бе ту маро ин чӣ ошноӣ буд [3, с. 87].

Аз ин баррасӣ маълум мешавад, ки роҷеъ ба бонушуарое,ки дар қаламрави Фароруд ва Эрон зистаанд, ба зикри маълумоти кутоҳ ва ҳатто байтҳои алоҳида иктифо кардааст, вале дар бораи занони суханвари қаламрави Ҳинд иттилои бештар дода. Сабаби аслии ин маълум аст. Дар навбати аввал, имконияти фароҳам овардани маълумот дар бораи занони суханвари қаламрави Шибҳи Қораи Ҳинд бештар барояш муяссар будааст. Ҳамчунин, Муншӣ Аҳмад Ҳусайн аз ҷумлаи яке аввалин тазкиранависоне ба шумор меравад, ки дар сарзамини Шибҳи Қораи Ҳинд ба навиштани тазкираи занон иқдом намудааст. Ҳамин амр боис омада, ки дар бораи занони суханвари ин сарзамин иттилои бештар диҳад ва пасовандон аз иттилои ӯ истифода кардаанд. Масалан, дар бораи Бузургӣ ном шоирае, ки дар сарзамини Кашмир зистааст, чунин маълумот медиҳад: “Бузургии Кашмирӣ, тавоиф буд аз Кашмир, муосири Ҷаҳонгирподшоҳ. Бисёр шуур дошт. Охир аз баландфитратӣ сар ба он кор фурӯ наёварда, тарки пешаи худ карда ва тавбаро ба кор бурда, ба истиғфор пардохт. Қабл аз он ки аз роҳу

расм табарро кунад, рӯзе чаҳор шоир барои мулоқоти ӯ рафтанд. Ба ҷиҳате онҳоро ба маҷлиси худ талабид ва беруни хона мутаваққиф сохт. Дар ин асно арабзодае, ки холӣ аз таашшуқи вай набуд, ворид гашт. Чун хабараш шунид, назди худ хонд ва шуарои мазкур аз ҳаракат бар худ бипечиданд ва ин рубоӣ навишта пеши ӯ фиристоданд:

Рубоӣ:

Ин шеваи куфру дин ба ҳама сохтаӣ,
Ғамро ба вуҷуди худ адам сохтаӣ.
Осори бузургӣ аз ҷабинат пайдост,
Гаҳ бо арабу гаҳ ба аҷам сохтаӣ [2, с. 60].

Ҳарчанд дар тазкираҳои дигар роҷеъ ба Бузургии Кашмирӣ маълумот манзур шудааст, вале ба мушоҳида мерасад, ки иттилои Муншӣ Аҳмад Ҳусайн тоза ва дигаргун буда дар дигар кутуб дида намешавад. Аз ҷумла, он чӣ дар китоби "Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута" омада, комилан дигаргун аст ва аз манобеи мавриди истифодаи вай равшан мешавад, ки муаллифи ин китоб ё аз тазкираи "Оинаи ҳайрат" огаҳӣ надорад ва ё аз маълумоти нависандаи тазкираи мазкур баҳраманд набудааст.

Дар бораи шоираи машҳури қаламрави Ҳинд Зебуннисо низ ба сурати муфассал дар 4 сафҳа маълумот додааст. Аз ҷумла, дар бораи ӯ навишта, ки "Наввоб, Зебунисобегим, духтари некахтари Аврангзеб буд. Ҳамчу ӯ дар гулзори ҷаҳон гуле бехор нашкуфта. Табъи рангинаш фасли баҳоре аз бими хазон дур ва каломи сеҳрофаринаш дами масеҳоии боиси шифои ранҷур, ниҳоят шӯхтабъ ва рангинадо ва нодирафаҳм воқеъ шуда. Шоҳ Сулаймон шоҳзодаи Эрон, ки паришамоил буда, ба хостгориаш номае ба подшоҳи Оламгир навишт. Подшоҳ истимзоҷ аз Зебуннисо гирифт, ба иҷобат мақрун нагардид. Чун сарви озод мезист ва сар ба тааммул фурӯ наёварад. Ин байти ӯ шоҳиди ин мақол аст:

"Эй садаф! Ташна бимиру сӯйи найсон мангар,
Баҳри як қатраи обе, ҷигарат бишкофад [2, с. 62].

Муншӣ Аҳмад Ҳусайн дар равиши кори хеш бештар ба зикри сифот ва нақди ашъори суханварони бону иктифо намудааст. Вале дар ҷараёни нақл дар бораи Зебуннисо иттилое аз зиндагиномаи ӯ низ оварда. Аз ҷумла, чунин навиштааст: "Таваллудаш даҳуми шавволи санаи ҳазору чиҳилу ҳашти ҳиҷрӣ аз батни сабияи Шоҳнавозхони Сафавӣ рӯ намуда. Баъди расиданаш ба синни шуур ба ҳукми подшоҳ истифодаи камолот сохт ва дар илми арабӣ ва форсӣ маҳорати куллӣ ба ҳам расонид ва ҳофизи каломи маҷид гашт. Аксар хутути насх ва насталиқ ва шикаста хуб менавишт ва дар тарбияти афозил ва шуаро саъйи балеғ мекард. Ва аксар аз ин тоифа дар силки мулозимонаш интизом доштанд ва чанд расоил ба номаш тасниф карданд [2, с. 62].

Ҳамзамон, нақлҳое дар ҳозирҷавобӣ ва бадоҳат овардаву баъдан таъкид доштааст, ки Махфӣ тахаллуси ӯ будааст ва илова бар ин шоири дигаре ҳам бо ҳамин тахаллус дар асри ӯ зиндагӣ доштааст. [2, с. 62]. Ҳарчанд дар аксари тазкираҳо асосан ғазалеро бо тахаллуси Зебиннисо ба номи ӯ сабт кардаанд, вале дар ин асар дар баробари зикри чанд байт, ки дар ҳоли бадоҳат гуфтааст, чанд намунаи дигари ашъори шоираро оварда, ки на дар ҳама тазкираҳо дида мешаванд. Аз ҷумла ин намунаҳоро метавонем дар асари мазкур дучор оем:

Ман зи дил тангу дил зи ман танг аст,
Суҳбати мо ҷу шишаву санг аст.
Махфиё, кай расам ба манзили дӯст,
Роҳ торику маркабам ланг аст.

***

Булбул наям, ки наъра занам, дарди сар барам,
Қумрӣ наям, ки тавқ ба гардан дароварам.
Парвона нестам, ки ба як дам адам шавам,
Шамъам, ки ҷон гузодаму сар бар наёварам [2, с. 67].

Зикри маълумоти муфассал дар бораи Зебуннисо дар тазкираи "Оинаи ҳайрат" аз он дарак медиҳад, ки Муншӣ Аҳмад Ҳусайн бештар дар бораи занони суханвари ин сарзамин таваҷҷуҳ дорад ва бахше аз иттилои ӯ дар дигар тазкираҳо дида намешавад.

Аз ин баҳсу баррасиҳо равшан мегардад, Муншӣ Аҳмад Ҳусайн бо таваҷҷуҳ ба имконоте, ки дошта, дар бораи бонувони суханвари қаламрави зиндагонии хеш иттилои бештар додааст. Аҳамияти муҳими ин асар ҳам дар он зоҳир мешавад, ки аз ҷумлаи аввалин тазкираҳои бонувони суханвар ба шумор меояд, ки дар Шибҳи Қораи Ҳинд навишта шуда, роҷеъ ба занони сухангӯи форсизабони ин сарзамин низ маълумоти муфид манзур кардааст. Дар баробари ин, арзиш ва аҳамияти тазкира дар он ҳам зоҳир мешавад, ки бонувони суханвари сарзаминҳои Эрон ва Фарорудро барои форсизабонони Ҳинд муаррифӣ кардааст.

Адабиёт

1. *Асир, М. А. Хати бурё. Тасҳеҳ ва таълиқи Абдулқодири Орзу. / М. А. Асир. - Кобул: Маркази таҳқиқоти фалсафӣ ва Ирфонӣ, 1389 (2001). - 535 с.*
2. *Деҳлавӣ, Б. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Ҷилди аввал, бахши аввал/Б. Деҳлавӣ. - Теҳрон: Интишороти Тилоя, 1389.*
3. *Деҳлавӣ, А. Х. Ғазалиёт/Амир Хусрави Деҳлавӣ. Таҳияву тадвини матн аз Муҳаммадвафо Бақоев. Муқаддимаву тавзеҳи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ / А. Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. - 480 с.*
4. *Раҷабӣ, Муҳаммад Ҳусайн. Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута / Муҳаммад Ҳусайн Раҷабӣ. – Теҳрон, Суруш, 1374. - 294 с.*
5. *Тазкираи занони шоира дар Эрон ва Ҳинд. / ”Ҷавоҳир-ул-аҷоиб” аз Муҳаммад Фахрии Ҳиравӣ бо ҳамроҳи “Оинаи ҳайрат” аз Муншӣ Аҳмад Ҳусайни Сеҳри Кокуравӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Мино Оқозода ва Заҳро Иброҳимуғлии Хаёвӣ.- Теҳрон:- Сафири Ардаҳол, 1392 - 92 с.*
6. *Козимӣ, Муҳаммадкозим. Калиди дари боз (Раҳёфтҳое дар шеъри Бедил) / Муҳаммадкозим Козимӣ. - Теҳрон: Сураи меҳр, 1387. - 352 с.*
7. *Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеъру-л-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷилди дувум / Шиблии Нуъмонӣ. –Теҳрон: Ибни Сино, 1334. – 196 с.*
8. *Тусӣ, Асадӣ. Луғати фурс. Бо мулҳақоте чанд бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. / Асадӣ Тусӣ. - Теҳрон: Чопхонаи Маҷлис, 1319. - 567 с.*
9. *Ӯбаҳӣ, Ҳофиз. Туҳфат-ул-аҳбоб. / Ҳофиз Ӯбаҳӣ. - Душанбе, Ирфон, 1992. - 288 с.*
10. *Ҳиравӣ, Фахрӣ. Ҷавоҳир-ул-аҷоиб. Баргардон, сарсухан ва шарҳи луғот аз Матлубаи Мирзоюнус/Фахрӣ Ҳиравӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2007. – 139 с.*

“ОИНАИ ҲАЙРАТ” - ТАЗКИРАИ ЗАНОНИ СУХАНВАР ДАР ШИБҲИ ҚОРАИ ҲИНД ДАР ҚАРНИ XIX

Мақола ба таҳқиқи тазкираи бонувони суханвар “Оинаи ҳайрат, ки дар қарни 19 дар шибҳи қораи Ҳинд аз ҷониби Муншӣ Аҳмад Ҳусайн Сеҳри Кокуруӣ навишта шудааст, бахшида шудааст. Муаллифи мақола нахуст роҷеъ ба нависандаи тазкира маълумоти кутоҳ манзур намуда, баъдан андешаҳои хешро дар мавриди мундариҷа, сохтор, шеваи нигориш ва арзишу аҳамияти он асар баён доштааст. Аз таҳқиқи анҷомдода ба хулосае расидааст, ки “Оинаи ҳайрат” аз ҷумлаи тазкираҳои муҳими занони суханвар аст, ки ҳарчанд дар Ҳинд навишта шудааст, вале дар он бонувони сухавари қаламравҳои Эрон ва Моваруннаҳр низ ворид шудаанд. Ин шеваи танзими маводи тазкира ба нависандаи он имконият додааст, ки бонувони суханвари сарзаминҳои мазкурро низ ба хонандагони Ҳинд муаррифӣ намояд.

Калидвожаҳо: Муншӣ Аҳмад Ҳусайн Сеҳри Кокуруӣ, “Оинаи ҳайрат”, адабиёти форсизабони Ҳинд, тазкира, наср, назм, бонувони суханвар, Эрон, Моваруннаҳр.

“ОИНАИ ҲАЙРАТ” - АНТОЛОГИЯ ПЕРСИДСКИХ ЖЕНЩИН ПОЭТЕСС ПОЛУОСТРОВА ИНДИИ В 19 ВЕКЕ

Статья посвящена исследованию антологии персидских женщины-поэтесс «Оинаи хайрат», которое было написано в XIX веке в Индийском полуострове Мунши Ахмадом Хусейном Сери Кокуруи. Автор статьи сначала дал краткую информацию об авторе антологии, а затем высказал свои мысли о содержании, структуре, стиле изложения, его ценности и важности. В результате исследования автор пришел к выводу, что «Оинаи хайрат» — одна из важнейших антологий женщин-поэтесс, которая, хотя и была написана в Индии, включала в себя также женщин-поэтесс из Ирана и Моваруннахра. Такой способ подготовки антологии дало ее автору возможность познакомить читателей Индии с женщинами-поэтессами Ирана и Мовароуннахра.

Ключевые слова: Мунши Ахмед Хосейн Сери Кокуруи, «Оинаи хайрат», персоязычная литература Индии, тазкира, проза, поэзия, женщины-поэтессы, Иран, Моваруннахр.

“OINAI HAIRAT” - ANTHOLOGY OF PERSIAN WOMEN POETESSES OF THE INDIAN PENINSULA IN THE 19TH CENTURY

The article is devoted to the study of the anthology of Persian women poetresses “Oinai Hairat”, which was written in the 19th century in the Indian Peninsula by Munshi Ahmad Hussein Seri Kokurui. The author of the article first gave brief information about the author of the anthology, and then expressed his thoughts about the content, structure, style of presentation, its value and importance. As a result of the research, the author came to the conclusion that “Oinai Hairat” is one of the most important anthologies of women poets, which, although written in India, also included women poets from Iran and Movarunnahr. This method of preparing the anthology gave its author the opportunity to introduce Indian readers to women poetresses of Iran and Movarounnahr.

Keywords: Munshi Ahmed Hossein Seri Kokurui, “Oinai Hairat”, Persian literature of India, anthology, prose, poetry, women poets, Iran, Movarunnahr.

Дар бораи муаллиф
Абдуллозода Нушофарин Сафардухт
Муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 108
Тел.: (+992) 927 01 99 47
E-mail: nushofarin2202@mail.ru

Об авторе
Абдуллозода Нушофарин Сафардухт
Старший преподаватель кафедры таджикского языка и литературы
Педагогический институт Таджикистан в городе Пенджикенте
Республика Таджикистан г. Пенджикент, проспект Рудаки 108
Тел: (+992) 927 01 99 47
E-mail: nushofarin2202@mail.ru

About the author
Abdullozoda Nushofarin Safardukht
Senior Lecturer at the Department of the Tajik Language and Literature
Pedagogical Institute of Tajikistan in Penjikent
Repablik of Tajikistan, Penjikent, Rudaki 108
Ph.: (+992) 927 01 99 47
E-mail: nushofarin2202@mail.ru

ТДУ 82-93(651.73)

САБКИ ТАЪЛИФИ “ФАВОИДУ-Л-ФУОД”

Ашрапова Т. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров

Дар бораи сабк ва услуби таълиф дар ҳар давраи таърихи адабиёт баҳс ва изҳори назароти донишмандон гуногун ба назар мерасад. Дар китоби сеҷилдаи Муҳаммадтақии Баҳор “Сабкшиносӣ”, ки аз ҷомеътарин таҳқиқот дар бораи насри классикӣ маҳсуб мешавад, пайваста ба масъалаи ташаккулу таҳаввули сабк ва услуби нигориш ба тариқи умумӣ дар бораи навъҳои наср низ сухан рафтааст. Масъалаи пайванди услуб ва таҷзияи жанрии насри форсу тоҷик, ки аз пойгоҳҳои бисёр ҷолиби шинохти навъҳои осори мансур ба шумор меояд, дар ин китоби Муҳаммадтақии Баҳор то андозае ба доираи баҳсу муҳокимаҳои муаллиф кашида шудааст. Таҳқиқи анвоъи адабӣ бар асосии хусусиятҳои услубӣ дар рисолаҳои Сируси Шамисо низ ба назар мерасад, ки дар мавриди ҳалли масъалаҳои мазкур то андозае комил нест. Академик Н. Салимӣ ин нуктаро чунин тавзеҳ медиҳад: “Ин шеваи таҳқиқ, ки бештар матолиби умумии сабку услуб ва марҳалаҳои татаввури онро дар назар дорад, дар таъйиди ҳудуди жанрҳои асосии наср ибҳому печидагиҳоро рӯшан намесозад ва дигар меъёрҳои муҳими навъофарин, аз ҷумла, авомили таърихии адабӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва заминаҳои ташаккули мавзуӣ ва шаклии насрро дар ҳадде ки лозим аст, фаро намегирад. ҳол он ки таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва таҳаввули анвоъи наср, ба вижа давраи классикии он, тақозо менамояд, ки меъёрҳо ва пойгоҳҳои мазкур дар робита ба дастурҳои улуми адабии суннатӣ ва дастовардҳои адабиётшиносии кунунӣ дар маҷмуъ ба кор гирифта шаванд” [12, с. 6].

Тасаввуф аз ҷараёнҳои мураккаби динию фалсафӣ аст, ки дар таҳзиби ахлоқу фарҳанги ҷомеа таъсири амиқе гузоштааст. Ақоид ва аҳдофи тасаввуф дар шаклҳои мухталиф дар осори мансуру манзуми форсӣ таҷассум ёфт ва тасаввуфро бо адабиёт пайванд дод. Маҳсули ҳамин пайванд буд, ки адабиёти сӯфия шакл гирифт ва ба ҳайси яке аз шохаҳои пурбор ва мусмири адаби форсӣ эътироф гардид. Лозим ба таъкид аст, ки он қудрату тавоноие, ки тасаввуф дар заминаи тасаллут ба шеъри форсӣ ёфта, ба ин васила шуарои машҳуреро парварид, дар наср барояш муяссар нагардид. Бо вуҷуди ин, дар партави таълимоти тасаввуф осори насрии гуногуне ба миён омаданд, ки дар таърихи адабиёт мақоми хосса дошта, бо сабк, шакл ва мазмуни худ аз дигар анвоъи наср имтиёз доранд [12, с. 246].

Тасдиқи боризи ин нуктаро дар “Фавоиду-л-фуод”-и Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ мебинем, ки насре дилчаспу мавзун шабеҳи насри мусаҷҷаъ дорад ва дар муносибат бо интихоби калима бисёр устодонаву эҳтиёткорона аст.

Муҳаққиқони наср бар он назаранд, ки яке аз вижагиҳои тазкираи сӯфиён мисли осори мансури бадеии фалсафӣ ба баёни саргузашти бузургони тариқат тахсис ёфта, ба маънавият, ирфону ахлоқ ва гоҳе ба танзу ҳаҷву интиқод мепайвандад. Бинобар ин, ахбору амсол ва ҳикоёти ин навъи осор чун асноди марбут ба шахсиятҳои иҷтимоӣ аҳамияти таърихӣ пайдо карда, арзиши маънавии онҳоро дар касби ахлоқи ҳасана ва тарвиҷи қонунҳои тариқату аркони тасаввуф таъйид менамояд. Осори мансури сӯфиёна бо равиши хоси нигориш, баён, услуби хосса ва матлабҳои табақоти муайяни ҷомеа тавонистааст, ки шохаи муҳими насри форсиро ба миён оварда, дар заминаи ин дастаҳои ҷудогонаи анвои вижаи асарҳои сӯфиёнаро дар қаламрави адаби форсӣ ҳамчун сурати комили навъҳои адабӣ рӯи кор оварад [12, с. 260].

Чун баҳси мо дар бораи “Фавоиду-л-фуод”-и Ҳасани Деҳлавӣ ҳамчун намунаи насри сӯфиёна аст, моро лозим меояд, то дар мавриди осори марбут ба ин навъи наср, ки метавон ба ҳайси заминаҳои таълифи он шинохт, низ ошноӣ дошта бошем.

Тазкираҳои ирфоние, ки ба ҳайси сарчашмаи таълифи “Фавоиду-л-фуод” хидмат доранд, “Асрору-т-тавҳид”, “Табақоту-с-сӯфия” ва “Тазкирату-л-авлиё”-и Фаридуддини Аттор мебошанд. Аммо сабки таълифи ин тазкираҳо аз тазкираи мавриди баҳси мо комилан фарқ дорад. Маликушшуаро Баҳор дар “Сабкшиносӣ” перомуни васфи китобҳои сӯфия сабки “Асрору-т-тавҳид”-ро бо андак тафовуте баробар бо сабки давраи Сомониён медонад ва тасдиқ медорад, ки: “... ҷумлаҳои ин китоб ба забони муҳовараи аср бо қайди фасоҳату балоғат эрод гардидааст. Аз ҷониби дигар маъхази гаронбаҳои истилоҳоти сӯфиёна ва

муҳимтар аз ҳама луғату таркибҳои форсӣ будани ин навъи асарҳоро таъкид доштааст [3, с. 321] ки онро метавон як навъ баҳогузорӣ дар мавриди арзиши адабиву таърихии ин навъи осор донист.

Дар мавриди машоихе, ки маҷмуан дар “Табақоту-с-сӯфия” оварда шудааст, метавон гуфт, ки китоб шомили шарҳи мухтасару мукаммали 276 шайх мебошад, ки дар 6 табақа гирдоварӣ шудааст. Гуфтори ин китоб ба тариқи зайл аст: “Шайхулислом гуфт...”, “аз Табақа собит аст...”.

Дар “Тазкират-у-лавлиё”-и Шайх Аттор бошад, дар бораи 70 машоихи бузурги сӯфия маълумот оварда шуда, дар оғози муаррифии ҳар яке нахуст бо таъбири “Зикри...” шуруъ мекунад ва пас аз он бо насри мавзуни қофиядор ба тавсифи онҳо мепардозад, ки бад- ин минвол аст. Масалан, дар зикри Иброҳим ибни Адҳам оварда: “Он султони дунёву дин, он симурғи Қофи яқин, он ганҷи олами узлат, он хазинаи асрори давлат...”[3,80], дар зикри Робиа (Адавия-Т.А) ин гуна тавсиф додани муаллифи тазкира ба назар мерасад: “он мухаддараи хидри хос, он мастураи сатри ихлос, он сӯхтаи ишқу иштиёқ, он шефтаи қурбу эҳтироқ...” [11, с. 59].

Чун сухан перомуни насри китоби дигари адабиёти сӯфия “Фавоиду-л-фуод”-и Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ меравад, бо назарандозӣ ба маълумоти маъхазу сарчашмаҳо метавон дарёфт, ки насри порсӣ дар қарни XIII ва XIV ба қавли олимону муҳаққиқон дар ҳоли пухтагӣ ва камол будааст. Дар ин асрҳо равиши насри сода ба камол расида насри маснуъи музайян расм гашт. Инчунин насри порсӣ ба арабӣ бартарӣ ёфта, корбасти калимоти душворфаҳми арабӣ хеле кам гардид [14, с. 6] “Фавоиду-л-фуод“-и Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ аз ҷумлаи осорест, ки дар ривоҷи таълимоти тарбиявӣ-ахлоқии тасаввуф, ташаккулу инкишофи насри порсии қарнҳои XIII-XIV саҳми босазо ва мақоми муайянеро дорост.

Агар дар тазкираҳои дигар роҷеъ ба машоихи сӯфия маълумот дода шуда бошад, дар “Фавоиду-л-фуод” сухан аз забони худи Шайхи бузургвор - Низомиддини Авлиё оварда мешавад. Қалами сеҳрофари Ҳасани Деҳлавӣ ҷараёни маҷолиси суҳбатро бевосита дар назари хонанда чунон сурат бандонидааст, ки ин тарзи баёни боназокат ва шеваи нигориши устодона гувоҳи маҳорату истеъдоди сухангустарӣ дар сабки ошнову ҷаззоб аст!

Сабки хосаи асар далолат бар он мекунад, ки он барои мардуми авом эҷод шуда, ҷазби ҳар чӣ бештари мардуми оддӣ ва заҳматкаш ба тасаввуф дар назар гирифта шудааст.

Дар байни ҷараёнҳои фирқавии дохили ислом тасаввуф яке аз мактабҳои пуртаъсир ва пурмӯҳтавоест, ки табақоти гуногуни ҷомеаро ба худ ҷалб кардааст. Дар ҷомеаҳои сӯфия на танҳо ҳунармандону косибону кишоварзон, сарватмандону ҷавонмардон, балки қавму миллатҳои ғайримусалмон ҳам ворид буданд. Мисоли ин тариқати чиштияи ҳавзаи адабии Ҳинд мебошад, ки дар ҷомеаи худ аз оғоз гурӯҳҳои мухталифи мардум бахусус, мардуми оддӣ - авомро гирди ҳам меовард ва баробарии афроди инсонӣ дар назди Офаридгорро тарғиб менамуд. Мусаллам аст, ки ғояҳои арзишманди ин тариқат новобаста ба қавму миллату мазҳаб мардумро ба худ ҷазб намуда буд. Чунончи тасдиқи ин нуктаро дар фармудаи шайх Низомуддини Авлиё дармеёбем: “Дар ин раҳ хоҷагӣ ва ғуломӣ дар миён нест. Ҳар кӣ дар олами муҳаббат дуруст омад, кори ӯ сохта шуд!” [5, с. 25].

Як ҷиҳати боарзиши “ Фавоиду- л- фуод” дар он аст, ки бо баробари маълумот додан дар бораи намояндагони бонуфузи мактаби сӯфияи Ҳинд, инчунин барои рӯшан кардани муносибати баландовозатарин шахсияти ҷомеаи онрӯза – Низомуддини Авлиё бо расму анъаноти сӯфия, расму одати замон, фирқаҳои тасаввуф ва дигар машоиху намояндагони гуногунзабону гуногунмазҳаб, табақаҳои мухталифи ҷомеаи онрӯза – сарватманду ҳунарманд ва фақиру дарвеш хидмат мекунад. Асар маҷмуи маълумотҳои муфиди ахлоқию иҷтимоӣ буда, илова бар ин хонандаро ба сайри боэътимоди таърихӣ мебарад ва бо румузи ирфонӣ ошно месозад .

“Фавоиду-л-фуод” бо нигориши дилнишину хоса, тарзи оддию шевои баён мумтоз буда, чунин равиши эҷоди Ҳасани Деҳлавӣ аз тарафи муҳаққиқону олимон, аз ҷумла Абдурраҳмони Ҷомӣ тарзи эҷод бо “саҳли мумтанеъ” баҳогузорӣ гардидааст [16, с. 484].

Гуфтан бамаврид аст, ки баъди истиқлолият дар Тоҷикистон омӯзиши афкори иҷтимоию адабии мо, ки бо тасаввуф пайванди қавӣ дорад, то ҳадде вусъат пайдо кард, ки он ҷомеаро ҳушдор медиҳад, то аз отифату ғановати маънавии ниёгон, аз адабу фарҳанги воло, созмони муҳити созгор ва ҳусни хулқи онон биомӯзанд. Зеро масъалаи ахлоқи ҳасана, покиву ростӣ ва арзишҳои фарҳангиву мадании ҷомеа - ҳамагӣ дар осори сӯфия ба таври комил таҷассум гардидаанд ва таҳқиқи ин масоил дар мавриди рушди маънавияти ҷомеа басо созгор ва муфид хоҳад буд.

Тавре ки зикр намудем, масъалаи тарғибу ташвиқи ахлоқи ҳамида дар афкори мутафаккирони тасаввуф решаи амиқ ва устувор дорад ва ин бесабаб ҳам нест. Намояндагони тасаввуфи исломӣ чунин мешумориданд, ки тарбияти камолоти инсонӣ аз худ намудани маҷмуи қоидаҳо ва чаҳорчӯбаи ахлоқи муайянеро тақозо мекунад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми асари “Фавоиду-л-фуод”-и Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ дар мадди аввал гузошта шудани масоили ахлоқӣ ва тарбияти омма мебошад. Машоихи бузурги тариқати чиштия, дар мисоли Фаридуддини Ганҷи Шакар, Қутбиддин Бахтиёри Кокӣ, Низомуддини Авлиё баробари тарғиби тоату ибодат, масоили ахлоқиро дар ҷойгоҳи баланд гузоштаанд. Онҳо инсонҳоро дар роҳи шинохти Офаридгор бо ташвиқи муҳаббати ҳақиқӣ, ахлоқи поку беолоиш, қалби покизаву мусаффо, шикастанафсӣ, ҳусни муомила, боварӣ, эътимод, ростӣ, ки гувоҳи имони қавист, ба рӯзгори босаодату мусолеҳатомез равона менамуданд.

Ҳар мулоҳизаву андешае, ки Низомуддини Авлиё байни муридон нисбати мавзуоти гуногун изҳор медошт, дар қолаби сухани Ҳасани Деҳлавӣ басо муассир, содаву пурҷило, пухтаву санҷида ба қалам омадааст. Гоҳо хонандаро назокату фасоҳат ва матонату устувории сухани Ҳасани Деҳлавӣ ба ҳайрат меоварад, ки содаву гирост ва ҳар нукта мақому ҷойи муайяни худро дорост. Беҳуда нест, ки ӯро ба лақаби “Саъдии Ҳиндустон” мушарраф намудаанд, зеро ҳар ҳикмат ва баёни фоидаи ҳикояте, ки аз забони Низомиддини Авлиё чу дурдона мерезад, ҳикмат ва каломи пандомези Саъдии ширинбаёнро хотирнишон мекунад, ки мефармояд:

“Кист, ки аз сар хасисӣ барнахост, ки ӯро чизи шарифе иқдом накард” [5, с. 28].

“Бад гуфтан саҳл бошад, бад хостан аз он бадтар аст!” [5, с. 97].

“Фарзандро салоҳияти модар ва падар қавӣ асар мекунад!”[5, с. 118].

“Сухане, ки аз бузурге ё соҳибнеъмате шунида мешавад, онро лаззате дигар аст!” [5, с. 81].

“Чун мард илм биомӯзад, ӯро шарафе ҳосил ояд, чун тоат кунад, кори ӯ беҳтар гардад.” [5,65].

“Худованд баръакси андешаҳои халқ корсозӣ мекунад” [5, с. 52].

“Халқро назар бар амал аст, Худовандро назар бар ният аст” [5, с. 53].

“Агарчӣ файзи эзидӣ нозил аст, аммо ҷидду ҷаҳд худ бояд кард!” [5, с. 25].

Чунин тарзи баёни Ҳасани Деҳлавӣ худи Низомиддини Авлиёро ба шавқ овардаву ба қавли ӯ чун ба шарафи мутоила арзонӣ дошт, ҳар ҷо ки мерасид, мегуфт:” Некӯ набиштай, дарвешона набиштай ва ном ҳам некӯ кардай!” [5, с. 51].

Ин баҳои арзандаи шайхи баландмақом худ гувоҳи арзиши баланд ва аҳимяти асар хоҳад буд.

Нусхаи ба алифбои кириллӣ баргардоншудаи “Фавоиду-л-фуод”, ки таълифи Амир Ҳасан Алои Сиҷзӣ маъруф ба Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ (р) аз рӯи матни форсии санаи 1386 мутобиқ ба 1966 м. мебошад, бо кӯшиши Муҳаммадлатифи Малик бо тасҳеҳу муқаддима, ҳавошӣ ва фаҳорис дар матбааи илмии Лоҳур нашр шудааст. Мӯҳтавиёти асар панҷ қисматро ташкил додааст:

1.Феҳрасти матолиби «Фавоиду-л-фуод»

2.Муқаддима

3.Муноҷоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ

4.Матни илмию интиқодии «Фавоиду-л-фуод»

5.Фаҳориси матни «Фавоиду-л-фуод»

Аз феҳрасти матолиби асар метавон мушоҳида намуд, ки ҳар сӯҳбату маҷлис фарогири кадом мавзуъҳо ва ҳикоятҳост. Матолиби баъзе маҷлисҳо хеле кӯтоҳ буда, зикри мавзуи сӯҳбат дар маҷлисҳои дигар ба таври муфассал омадааст. Чунончи, Маҷлиси 5 - Сухан дар бузургии машоих ва сидқи эшон дар нигоҳдошти фармони пир ва талаби ҳақ. Сухан дар бузургии шайх Фаридуддин. ҳикояти мардони ғайб. ҳикояти шайх Қутбиддин Бахтиёри Кокӣ ва ғайра ва Маҷлиси 14 – Сухан дар истиқрори тавба.

Муқаддимаи нашри чопии нусхаи асар бо забони урду навишта шудааст. Муноҷоти Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ бошад ба миқдори ҳашт байт оварда шудааст.

Ҳамин тавр, нашри ҷадиди матни илмию интиқодии китоб аз панҷ ҷилд иборат буда, ҳар ҷилд дебочаи худро дорад ва санаи китобати он низ зикр шудааст. Ҷилди аввал мутазаммин бар 34 маҷлис, ҷилди 2 ба 38 маҷлис, ҷилди 3 бар 17 ва ҷилди 4 бар 67 ва ҷилди 5 мутазаммин бар 32 маҷлис аст. Дар асар ҳамагӣ аз 198 маҷлису мулоқотҳои Низомуддини Авлиё бо муридонаш нақл шудааст, ки тӯли 15 сол аз санаи 28.1.1308 то 2.1Х.1322 ба вуқӯъ

пайвастаанд. Аксари мавзуоти маҷолис ҷанбаи диниву ирфонӣ дошта аз русуму сулук ва одоби он, зинаҳои мақомот ва ҳолот баҳс мекунад.

Ҳикоёт бошад аз лаҳазоти зиндагӣ, оину тамкин ва румузи ҳаёти беш аз 300 нафар чеҳраҳои маъруфи давр ва пешин (қозиёни машҳур, аҳли илму адаб, салотину вузаро) ва бузургмардони олами ирфон - ин муштариёни ганҷи саодат ба зуҳур расидаанд ва ҳамчун кушояндаи ин маъниҳо истифода гардидаанд.

Баъзе ҳикоёт ҳикматҳои хоса дошта дар зимни онҳо андеша ва мулоҳизаҳои ҳаётӣ, афкори ахлоқиву ирфонӣ ва ҳакимонаи ба қавле баландовозатарин авлиё ва пири ботинбин Низомуддини Авлиё баён ёфтааст, ки ботинаш аз нури маърифат ороставу ниёзҳои маънавии мардумро бо баракати назар ва файзи азал ҷавобҳо гуфта, дониши соликону ихлосмандон ва пайравонаш дар муҷоҳидат ва зинаҳои камолот аст.

Илова бар ин, дар китоби мазкур маълумоти фаровонеро роҷеъ ба бузургони тариқати сӯфия (Фаридаддин Ганҷи Шакар, Қутбиддин Бахтиёри Кокӣ, Шайх Ҷамоли Ҳонсуӣ, Бадриддини Ғазнавӣ, Сайфиддини Бохарзӣ, шайх Шаҳобиддини Суҳравардӣ, Баҳоуддини Закариё ва ғ), занони сӯфимашраб, (Оиша,Фотима, Фотимаи Сом, Робия, султон Разия ва ғ.), ишораҳои муфиде дар мавриди табақаи соҳибшаън, ҳокимони замон (Носируддин султон, Маҳмуд султон, Кайқубод, Қубоча, Улуғхон, Шерхон, Шаҳриёр, султон Шамсиддин Элтутмиш, Чингизхон ва ғ.) метавон дарёфт.

Аз нигоҳи сохторшиносӣ ин асар бештар ба навъи тазкира ва сабки мақомот наздикӣ дорад. Аз диди сабки нигориш ва шеваи баён забони асарро метавон ҳамчун яке аз намунаҳои беҳтарини насри адабиёти классики тоҷик дар қаламрави Ҳинд ба шумор оварда. Услуби нигориши нависандаи китоб чунон чирадастона аст, ки ба таъкиди муаллифи китоби “Таърихи тасаввуф дар Ҳинд” Саййид Атҳар Аббоси Разавӣ замоне Хусрави Деҳлавӣ орзу мекард, осори хешро бидиҳад ва дар ивазаш муаллифи “Фавоиду-л-фуод” бошад [13, с. 8].

Ҳар маҷлиси китоб бад-ин тарз оғоз мешавад: “Чаҳоршанбеи ҳафтуми моҳи мубораки рақаби санаи мазкур шарафи пойбӯс муяссар шуд. Сухан дар маваддати ёрони динӣ уфтод...”, “Сешанбеи бисту шашуми моҳи мазкур шарафи пойбӯс ҳосил шуд. Сухан дар моҷарои дарвешон афтод ва ҳусни мақолоти эшон дар он ҳол”.

Тарғиби ғояҳои инсонпарваронаву ахлоқи ҳамида аз вижагиҳои ҳикоёти китоб аст. Суҳбати ҳар маҷлис бозгӯи яке аз масъалаҳои мубрами ахлоқу маънавияти мардум мебошад. Дар яке аз маҷолиси китоб баррасии фазилати таом ба халқ додан ин гуна ба назар мерасад. “...Сухан дар фазилати итъом уфтод. Бар лафзи муборак ронд, ки некӯ чизест таом бар халқ додан. Дар аснои он фармуд, ки хоҷа Алӣ - писари Хоҷаи бузург шайх Рукниддин, ҳашараҳумуллоҳу билхайри аҷмаъин, дар хуруҷи куффори татор гирифтор шуд. Ӯро пеши Чингизхон бурданд. Яке аз муридони он хонавода он ҷо ҳозир буд. Ҳамоно ки он ҷо мукнате дошт, чун хоҷа Алиро асир дид, ҳайрон монд. Бо худ андешид, ки тариқи халоси ӯ чӣ гуна бошад ва ӯро ба чӣ навъ пеши Чингизхон зикр кунам? Агар гӯям, ки аз дудмони каромат ва бузургист, ӯ чӣ маълум кунад ва агар зикри тоат ва ибодат кунам, ҳам муассир наояд. Дар ин ҷумла баъд аз тааммули бисёр пеши Чингизхон рафт ва гуфт: - Падари ин мард марде бузург буд. Таом бар халқ додӣ. Ӯро халос бояд дод. Чингизхон гуфт: - Халқи худро таом додӣ ё халқи бегонаро? Он мард гуфт, ки халқи бегонаро. Халқи худро ҳама кас таом медиҳад, аммо падари ӯ халқи бегонаро таом додӣ. Чингизхон аз ин сухан хуш шуда гуфт: - Чӣ нек касе буд, ки халқи Худоро таом медод. Пас дарҳол фармуд, ки ӯро мухаллас кунанд ва хилъате ҳам бидод ва узр хост. Баъд аз он Хоҷа, закараҳуллоҳу билхайр, фармуд, ки таом додан дар кулли мазоҳиб писандида аст!” [5, с. 39].

Ҳамин гуна, аз усули баёни Амир Ҳасан маълум мешавад, ки ӯ хостааст афкори ҳакимонаи шайхро бо камоли содагии забон, вале шоирона, равонии баён ва маонии осону оммафаҳм ифшо намояд. Тавре дар боло ишора рафт, услуби эҷоди ашъори Амир Ҳасанро “саҳли мумтанеъ” донистаанд ва гувоҳи камолоти суханаш он аст, ки гурӯҳи зиёди шуарои номварро ба истиқболи худ кашонидааст ва бо ин шеваи муҷаззо дар дили замона ғулғула андохтааст.

Фикрро бо як содагиву равонии ҳайратангез оғоз мекунад, вале бо тарзи басо ҷолибу дилангез ба итмом мерасонад. Аз ин рӯ, тарзи адои нозук яке аз хусусиятҳои фардии ӯ ба шумор рафда, дар қолаби маъмулӣ суфтаву мавзун ва дилрас сухан мегӯяд, Насри ӯ пуророиш набуда, холӣ аз суханпардозиҳои маснӯъ аст ва аз ҷиҳати луғоту таркибот ба шарҳи махсус ниёзмандӣ надорад, вале моҳияти ҳикоятҳоро, ки тарзу шеваи ҳикоёти халқии афсонамонандро ба хотир меоваранд, дар пайвастагӣ бо улуми ирфонӣ метавон дарк намуд ва аз истилоҳоти урафо иттилоъ ёфт. Дар асар калима ва ибораҳои муъҷазу санҷида бо ҳам

таносуб ва ҷойгоҳи устувор дошта дар намоиши воқеият ва мазмун сувarро ба хубӣ ҷилвагар месозанд. Шеваи нигориши Ҳасани Деҳлавӣ дар ин китоб бешак посухгӯи ҳамин меъёри Аллома Иқбол аст:

Хушо касе, ки фурӯ рафт дар замири вуҷуд
Сухан мисоли гуҳар баркашиду осон гуфт.

Аз ин ҷост, ки дар замони ҳаёт бо ҳамин ҳикмату ахлоқписандӣ дар адабиёт ба “Саъдии Ҳинд” шуҳрат ёфт, ки ин амр худ далолат ба ин дорад, ки ӯ бузургтарин шоири сӯфиманиш ва форсизабони Ҳинд маҳсуб мешавад.

Дар маҷмуъ, “Фавоиду-л-фуод”-и Ҳасани Деҳлавӣ ҳамчун оинаи дунёнамои олами ирфон, қабл аз ҳама дар шарҳу тавзеҳи мақоми маънавии яке аз чеҳраҳои тобноки олами ирфон, ташреҳи ақвол ва ҷойгоҳи Низомуддини Авлиёи бухориасл, ки дар олами тасаввуф нақши муассир дошт, маълумотҳо оварда, беҳтарин анъанаҳои осори мансуре чун тазкираву мақома ва маноқибро дар насри ирфонии форсу тоҷик таҷассум намудааст. Дар канори ин, бо фарогирии маводи зиёде дар мавриди аҳли машоих ва урафо, фозилону донишмандон, шоирону нависандагон ин китоб ба унвони сарчашмаи муътабаре дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик ва кушоиши масоили фикрӣ дар адабиётшиносӣ хидмат мекунад.

Адабиёт

1. *Ансорӣ, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад. Табақоту-с-суфия. [матн] / Тақрироти Абуисмоил Абдуллоҳи Ансории Ҳиравӣ (396-481 ҳ.) Муқаддима, муқобала, тасҳеҳ ва фаҳориси Муҳаммадсурур Мавлойӣ / Ансорӣ, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад. – Теҳрон: Интишороти Тус, 1386. - 749 с*
2. *Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ [матн]. / М. Бақоев.-Душанбе: Ирфон, 1975.-279 с.*
3. *Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. [матн] / Маликушшуаро Баҳор. - Душанбе: Нашриёти Бухоро, 2012. - 570 с.*
4. *Лоҳурӣ, Муҳаммад Иқбол Паёми машриқ. [матн] / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966. - 226 с.*
5. *Деҳлавӣ, Ҳ. Фавоиду-л-фуод. [матн]. Муқаддима, тасҳеҳ ва ҳавошиву фаҳориси Муҳаммадлатифи Малик, / Ҳ. Деҳлавӣ. - Лоҳур: 1966 – 269 с.(чопи сангӣ).*
6. *Деҳлавӣ, Ҳ. Фавоиду-л-фуод. [матн] / Ҳасани Деҳлавӣ. Ба эҳтимоми Аҳмад Ҳасанхон. Ҳ. Деҳлавӣ.- Деҳлӣ: Ҳусайнӣ, 1866 (чопи сангӣ).*
7. *Деҳлавӣ, Ҳасан. Мунтахабот. [матн] / Ҳ. Деҳлавӣ. Мураттибон М.Бақоев ва Л. Саломатшоева. - Душанбе: Ирфон, 1965. - 326 с.*
8. *Дорошукуҳ, Муҳаммад. Сафинату-л-авлиё. [матн] / Муҳаммади Дорошукуҳ. Таҳияи Иззатбек Шехимов. Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ. / М. Дорошукуҳ. – Хуҷанд: Ношир, 2019. - 390 с.*
9. *Зарринкӯб, Абулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. [матн] / Абулҳусайни Зарринкӯб. - Душанбе: Ирфон, 1992. - 396 с.*
10. *Муҳаммад ибни Мунаввар ибни Абисаъд ибни Абитоҳир ибни Абисаъиди Майҳанӣ. Асрору-т-тавҳид. [матн] / Ба эҳтимоми доктор Забеҳуллоҳи Сафо.-Теҳрон: чопхонаи Сипеҳр, 1361. - 202 с.*
11. *Нишопурӣ, Аттор Тазкирату-л-авлиё. [матн] / Аттори Нишопурӣ. Таҳияи М. Оқилова / Аттор Нишопурӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2008. - 662 с.*
12. *Салимов Н. Ю. Пайдоиш ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои миёна (асрҳои IX-XIII) [матн]. / Н.Салимов. – Хуҷанд: 2002. – 330 с.*
13. *Разавӣ, Атҳар Аббос. Таърихи тасаввуф дар Ҳинд. [матн]. Ҷилди аввал. Тарҷимаи Мансури Муътамадӣ / Атҳар Аббоси Разавӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1380. - 503 с.*
14. *Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. [матн] Таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншо Имронов, Бадриддин Мақсудов. Ҷ.2 / Забеҳуллоҳ Сафо. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 325 с.*
15. *Ҷомӣ, А. Баҳористон [матн] Таҳия ва тавзеҳоти Аълохон Афсаҳзод / А. Ҷомӣ. - Душанбе: Адиб, 1987. - 160 с.*
16. *Ҷомӣ, А. Нафаҳоту-л-унс мин ҳазароту-л-қудс. [матн]. Бо муқаддимаву тасҳеҳ ва таълифоти доктор Маҳмуд Обидӣ / А. Ҷомӣ. - Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1370. - 590 с.*
17. *Шарифов, Х. Назарияи наср [матн]. / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 320 с.*

САБКИ ТАЪЛИФИ “ФАВОИДУ-Л-ФУОД”

Насри сӯфиёна аз шохаҳои бузурги насри форсӣ тоҷикӣ буда, таҷассумгари ташаккул ва таҳаввули наср ва доманаи густарда пайдо кардани он дар давраҳои тӯлонии таърихи адабиёт ба назар мерасад. Муаллифи мақола дар бораи сабки таълиф ва хусусиятҳои барҷастаи нигориши “Фавоиду-л-фуод”- и Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ баҳс намуда таъкид медорад, ки “Фавоиду-л-фуод” дар шумори он осорест, ки дар бозгӯи масоили зиёди сӯфия ва дар ин замина инъикоси масоили мухталифи ҷомеа нақши бузург дорад. Дар асар калима ва ибора[ои меъхазу санхида бо [ам таносуб ва хойго[и устувор дошта дар намоиши воғеият ва мазмун сувarро ба хубb хилвагар месозанд.

Масъалаҳои сабки нигориши “Фавоиду-л-фуод”- и Ҳ. Деҳлавӣ ва арзиши адабиву илмии он дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллифи мақола зарурати омӯзиши асарро дар замони муосир чун намунаи боризи насри ахлоқии сӯфиёна бо далелҳои мустанад собит месозад.

Калидвожаҳо: Фавоиду-л-фуод, Низомуддини Авлиё, Ҳасани Деҳлавӣ, сабки нигориш, насри сӯфиёна, машоихи сӯфия, маънавият ва ахлоқ, маҷлис.

СТИЛЬ НАПИСАНИЯ «ФАВОИДУ-Л-ФУАД»

Суфийская проза является одной из важнейших ветвей таджикско-персидской прозы и является воплощением становления и развития прозы, ее широкого распространения в длительные периоды истории литературы. Автор статьи рассматривает стиль письма и особенности «Фавоиду-л-фуод» Ходжи Хасана Дехлави и подчеркивает, что «Фавоидо-л-фуод» является одним из тех произведений, которые пересказывают многие вопросы суфизма и в этом контексте, большую роль играет отражение различных проблем общества. В произведении хорошо подобраны слова и словосочетания с устойчивой пропорцией и расположением в изложении темы и содержания. Проблемы стиля на «Фавоиду-л-фуод» Х. Дехлави и его литературное и научное значение в таджикском литературоведении исследуются впервые, а автор статьи доказывает необходимость изучения произведения в новейшее время как наглядный образец суфийской нравственной прозы с научными подтверждениями.

Ключевые слова: Фавоидо-л-фуад, Низамуддин Аулия, Хасан Дехлави, стиль взгляда, суфийская проза, суфийские мастера, духовность и этика, собрание.

WRITING STYLE "FAWOID-L-FUAD"

Sufi prose is one of the most important branches of Tajik-Persian prose and is the embodiment of the formation and development of prose, its wide distribution over long periods of literary history. The author of the article examines the writing style and features of “Favoid-l-fuod” by Khoja Hasan Dehlavi and emphasizes that “Favoid-l-fuod” is one of those works that retell many issues of Sufism and in this context, the reflection of various problems plays an important role society. The work contains well-chosen words and phrases with a stable proportion and arrangement in the presentation of the theme and content. The problems of style in “Favoidu-l-fuod” by H. Dehlavi and its literary and scientific significance in Tajik literary criticism are studied for the first time, and the author of the article proves the need to study the work in modern times as a clear example of Sufi moral prose with scientific evidence.

Keywords: Favoido-l-fuad, Nizamuddin Auliya, Hassan Dehlavi, style of view, Sufi prose, Sufi masters, spirituality and ethics, collection.

Дар бораи муаллиф
Ашрапова Тоҷинисо Ҳабибовна
Сармуаллими кафедраи адабиёти классикии тоҷик
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92 882 00 72
E-mail: habibovna.a@gmail.com

About the autor
Ashrapova Tajiniso Khabibovna
Senior teacher of the department of tajik classical literature
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
Тел.: (+992) 92 882 00 72
E-mail: habibovna.a@gmail.com

Об авторе
Ашрапова Таджинисо Хабибовна
Старший преподаватель кафедры таджикской-классической литературы
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92 882 00 72
E-mail: habibovna.a@gmail.com

ТДУ 82-931.6

ВИЖАГИҲОИ ВАЗНИ АШЪОРИ БАЧАГОНАИ АЛӢ БОБОҶОН

Ғафурова Г. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Вазн дар шеър аз рукнҳои муҳимтарин ва ҳалкунанда маҳсуб меёбад, ки ҳанӯз аз оғози пайдоишаш имтиёзи онро аз наср муайян карда буд. Шеърро аз он сабаб каломи мавзун меноманд, ки он дорои вазни муайян аст. Алӣ Бобоҷон аз зумраи он шоирони касбии бачагонаест, ки ба ин рукни шеър мароқи зиёд зоҳир менамояд. Ба эътирофи Абдумалик Баҳорӣ: “Кӯшише мекунад, ки шеъри бачаҳо аз қолаби вазнҳои арӯз берун набарояд, мактаби омӯзиши забони адабии зебо бошад” [Зардолу, 5]. Албатта, ин мулоҳизаи устод Баҳорӣ то ҷое аз ҳақиқат холӣ нест. Аммо бояд иқрор шуд, ки на ҳамаи шеърҳои Алӣ Бобоҷон бо вазни арӯз офарида шудаанд. Яъне, шоир ҳам дар вазни ҳиҷо ва ҳам дар вазни арӯз барои кӯдакону наврасон асар эҷод кардааст, ки мо ҷойгоҳи ин ду вазнро дар ашъори шоир ба ҳайси намуна мавриди таҳқиқ қарор додем.

Бояд пеш аз ҳама таъкид намуд, ки назар ба вазни арӯз дар назми бачагона вазни ҳиҷо маъмултар буда, ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон аз ин ҷумла истисно нест. Аз рӯи таҳқиқоти адабиётшинос Абдухолиқ Набиев Нарзуллои Бектош бори нахуст дар адабиётшиносии ҷадиди тоҷикӣ нигошта буд, ки *вазни ҳиҷо* “системаест, ки дар он аз кӯтоҳӣ ва дарозии ҳиҷо дида, адади онҳо асоситар аст... Бинобар ин, ин системаро вазни шумор меноманд, баъзан вазни ҳиҷо меноманд” [Набиев А., 136]. Аз нуқтаи назари Тӯрақул Зеҳнӣ “...ба ҷуз *вазни арӯз* вазни таърихӣ ва миллии форсону тоҷикон *ҳиҷоӣ* будааст” [7, с. 26].

Воқеан, агар мо қадимитарин шеърҳои гузаштагонамонро аз назар гузаронем, яқин ҳосил мекунем, ки онҳо бо вазни ҳиҷо эҷод шудаанд. Масалан, достони тамсилии “Дарахти Ассурик”, достони “Ёдгори Зарирон”, “Худойномак” ва пораҳои манзуми китоби муқаддаси зардуштиён “Авасто” аз ҳамин қабиланд. Вазни арӯз ба адабиёти классикии мо пас аз истилои арабҳо ҷорӣ гардид.

Вазн ҳам дар баробари қофия ва радиф метавонад мусиқии шеърро ба вуҷуд орад. Қофия ва радиф мусиқии канории шеърро таъсис медиҳанд, аммо вазн ташкилкунандаи мусиқии дохилии шеър аст. Ҳар қадаре ки шоир дар эҷоди шеъраш вазни латифтарро интихоб кунад, ба ҳамон андоза мусиқии шеъраш гӯшнавозтару нафистар мешавад. Масалан, ин пораи шеърӣ бе оҳанги мусиқӣ ҳам дорои чунин хусусияти гӯшнавоз аст:

Биё, биё, дугона,
Берун баро аз хона.
Равем, алаф бичинем,
Гардем ба ин баҳона [Зардолу, 53].

Одатан шоирон барои ашъори бачагона вазни ҳиҷоро интихоб мекунанд. Аммо Алӣ Бобоҷон дар ин ҷода вазни арӯзро низ мавриди корбурди худ қарор додааст, ки дар ғазалиёт ва суруду таронаҳои бачагонааш бештар ба чашм мерасад. Масалан, дар ин тарона, ки “Рӯди Вахш” ном дорад. Дар назари аввал гумон мекунед, ки бо вазни ҳиҷоӣ суруда шудааст. Аммо шоир дар вазни ин тарона ба тамоми қоидаҳои арӯз риоя кардааст. Агар онҳоро сарфи назар мекард, сактаҳо ба вуҷуд меомаданду эътибори арӯз аз байн мерафт. Банди аввали он чунин аст:

Эй Вахши саркаш,
Эй манзари нур,
Рӯде надидем
Мисли ту пуршӯр [5, с. 23].

Дар ин тарона як зарбу оҳанги шӯх ва дилпазире ҳаст, ки он ба тавассути ҳамин байти сабук ва муносиб ташаккул ёфтааст. Албатта, интихоби вазни шеър кори саҳлу содае нест. Шоир пас аз интихоби мавзуъ муҳтавои онро меандешад ва пас аз танзими ҳамон муҳтаво вазни мувофиқро интихоб менамояд. Хоҳ вазни ҳиҷо бошад ва хоҳ вазни арӯз, бояд ба моҳияти шеър ва муҳтавои он мувофиқат кунад. Муҳтаворо ба чорчӯбаи муайян надароварда дар бораи вазн андешидан самараи дилхоҳ намедиҳад. Арабҳо ҳанӯз дар замони ҷоҳилия ба ҳар муносибат ва ҳар бобат вазнҳои мувофиқеро ҷустуҷӯ мекарданд ва ба кор мегирифтанд.

Алӣ Бобоҷон дар интихоби вазни мувофиқ таҷрибаи зиёд дорад. Ӯ вазни шеърашро ба мавзуъ, муҳтаво ва синну соли кӯдакон мувофиқ мекунонад. Шоир аз қадамҳои аввали эҷодиаш дар ин ҷода қадамҳои устувор ниҳодааст. Барои кӯдакони синни томактабӣ вазнҳои сабуки ҳиҷоиро интихоб кардааст. Масалан, шеъри “Мусича” бо чунин сатрҳои хушоҳанг ва сабук оғоз мешавад:

Мусича хушнуд *Аз модари худ*
Мехонад суруд: *Пурсид Маҳмуд:*
-Ку-ку-ку-ку-ку! *Бигӯ, очаҷон,*
Ку-ку-ку-ку-ку! *Чӣ мегӯяд он? [2, с. 7]*

Тавре ки маълум аст, ин шеър асосан дар вазни ҳиҷо эҷод шуда, ҳамаи сатрҳо, ба истиснои сатри шашум аз панҷ ҳиҷо иборатанд. Сатри шашум аз нуқтаи назари шеъри ҳиҷоӣ аз чор ҳиҷо таркиб ёфта бошад ҳам, аз нигоҳи арӯз нуқсе надорад ва ба оҳанги шеър халал ворид намекунад. Зеро он ба чунин тарз ҳиҷобандӣ шуда метавонад: *Пур-си-д(у) Маҳ-муд.* Яъне, дар ин шеър тазвиҷи вазни арӯз ва ҳиҷо ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳодиса дар шеъри “Эй мулки хуррам” низ ба вуқуъ пайвастааст, ки ҳамаи мисраъҳои он панҷҳиҷоӣ буда, мисраъҳои шашум ва ҳаштум чорҳиҷоиянд ва аз нигоҳи аруз дурустанд:

Ман дар бари ту
Дилшод(у) ҳастам.
Мисли кабӯтар
Озод(у) ҳастам [2, с. 3].

Чунин падида дар асарҳои нисбатан калони Алӣ Бобоҷон низ мавҷуд аст. Афсонаи “Бузи мағрур” бо вазни ҳиҷоӣ эҷод шуда, ҳар сатр асосан аз панҷ ҳиҷо таркиб ёфтааст. Вале бо таъсири аруз мисраъҳои чорҳиҷоӣ низ ба ин асар роҳ ёфтаанд. Банди аввали он чунин аст:

Буд дар лаби кӯл
Дарахте калон.
Як рӯз Мошон
Баромад ба он [1, с. 32].

Вазъи ҳиҷоҳои ин банд чунин аст:

Буд дар ла-би кӯл=5 ҳиҷо
Да-рах-те ка-лон=5 ҳиҷо
Як рӯ-з(у) Мо-шон=5 ҳиҷо
Ба-ро-мад ба он=5 ҳиҷо.

Чунин амали шоир баёнгари он аст, ки ӯ кӯшиш кардааст, ки дар шеърҳо сакта роҳ наёбад. Бояд қайд намуд, ки аксарияти шеърҳои барои кӯдакони хурдсол эҷоднамудаи шоир аз панҷ то ҳафт ҳиҷоро ташкил намудаанд. Дар ашъори панҷҳиҷоии шоир сакта қариб ки ба назар намерасад. Аммо дар шеърҳои ҳафтҳиҷоии ӯ баъзан сакта ва норавониҳо ба мушоҳида мерасад. Ин падидаро дар афсонаи “Хирс ва гург” бармало дидан мумкин аст.

Дар миёни бешазор, *Тобистону тирамоҳ,*
Дар даруни якта ғор *Аз саҳарӣ то бегоҳ,*
Хирси маллаи каҷпо *Хӯрок намуда пайдо,*
Дошт баҳри худ маъво. *Сер карда ишкамашро [1, с. 35].*

Агар аз рӯи ҳиҷо ин порчаро таҳлил намоем, он гоҳ чунин натиҷа ҳосил мешавад:

1.Дар ми-ё-ни бе-ша-зор=7ҳиҷо
2.Дар да-ру-ни як-та ғор=7ҳиҷо
3.Хир-си мал-ла-и каҷ-по=7ҳиҷо
4.Дош-т(у) баҳ-ри худ маъ-во=7ҳиҷо
5.То-бис-то-ну ти-ра-моҳ=7ҳиҷо
6.Аз са-ҳа-рӣ то бе-гоҳ=7ҳиҷо
7.Хӯ-ро-к(у) на-му-да пай-до=8ҳиҷо
8.Се-р(у) кар-да иш-ка-маш-ро=8ҳиҷо

Тавре ки аз таҳлили ин порча бармеояд, дар мисраъҳои 1,2,3,5 ва 6-ум нуқсоне нест. Аммо норасоӣ дар мисраъҳои 4, 7 ва 8-ум ба мушоҳида мерасад. Дар мисраи чорум норавонӣ ҷой дорад. Агар шоир онро дар шакли “Дошт макону маъво” ифода мекард, ин норавонӣ бартараф мешуд. Иллаташ ин ки калимаи “худ” кашиш намехӯрад. Дар мисраи ҳафтум калимаи “хӯрок” ва дар мисраи ҳаштум калимаи “сер” гирифтори сакта шудаанд. Агар талаботи вазни арузро дар таҳлили вазни ин порчаи мавриди назар ба ҳисоб нагирем, яъне онро танҳо аз рӯи талаботи вазни ҳиҷо таҳлил намоем, норасоӣ танҳо дар мисраи чорум боқӣ мемонад.

Қиссаи “Хонаи тирандоз” низ дар вазни ҳиҷоӣ эҷод шуда, миқдори ҳиҷоҳои ҳар сатри он маъмулан ҳафттогист. Агар вазни ин қиссаро аз рӯи принсипи аруз таҳлил намоем, натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Зеро баъзе бандҳои он ба талаботи вазни аруз ҷавоб медиҳанд, аммо дар дохили қисса мисраъҳое низ ба назар мерасанд, ки ба меъёри вазни аруз ҷавобгӯ нестанд. Чунин вазъият дар бисёре аз ашъори бачагонаи шоирони тоҷик низ мушоҳида мешавад. Банди аввали ин қисса ҳам ба талаботи аруз ва ҳам ба талаботи вазни ҳиҷо ҷавобгӯ буда, ҳамаи сатрҳо аз 7 ҳиҷо таркиб ёфтаанд. Аммо банди дуюм аз нигоҳи вазни ҳиҷо дуруст бошад ҳам, аз нигоҳи вазни аруз як нуқс дорад, яъне дар мисраи дуюми банди мавриди назар калимаи *ном* ба сакта дучор шудааст:

-Дар деҳи мо замоне
Чӯтак но(м) бачае буд,-
Гӯён бибиҷони ман
Кашид оҳи дардолуд [Зардолу, 106].

Аз ин ваҷҳ, мо наметавонем чунин шеъру қиссаҳоро аз рӯи меъёри вазни аруз таҳлил намоем ва чунин амал зарурат ҳам надорад.

Дар назми бачагонаи Алӣ Бобоҷон ва умуман, шоирони дигар низ шеърҳои чорҳиҷоӣ хеле кам пайдо мешаванд. Ин гуна шеърҳоро ҳам аз лиҳози қоидаҳои аруз ва ҳам аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳояшон таҳлилу баррасӣ кардан имкон дорад. Шеъри “Абр ва сабза” аз ҳамин қабил ашъор аст. Ду банди онро ин ҷо мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Рӯи фазо *То бишавад*
Тира бишуд. *Дашту даман*
Табъи ҳаво *Хурраму сабз,*
Хира бишуд... *Мисли чаман [6, с. 17].*

Аз лиҳози вазни ҳиҷоӣ чунин натиҷа ба даст меояд:

Рӯ-и фа-зо=4ҳиҷо *То би-ша-вад =4ҳиҷо*
Ти-ра би-шуд=4ҳиҷо *Даш-ту да-ман=4ҳиҷо*
Таб-ъи ҳаво=4ҳиҷо *Хур-ра-му сабз=4ҳиҷо*
Хи-ра би-шуд=4ҳиҷо *Мис-ли ча-ман=4ҳиҷо*

Тавре ки дидем, ҳамаи мисраъҳои ин порчаи шеър аз ҷиҳати ҳиҷо ба ҳамдигар баробаранд. Ҳамин порчаи шеъриро метавонем аз рӯи қоидаи вазни аруз низ таҳлилу баррасӣ намоем. Барои баррасӣ чор сатри аввал кофист:

Рӯи фазо
Тира бишуд.
Табъи ҳаво
Хира бишуд.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки ин шеър дар баҳри Рамаз офарида шудааст. Аз оғоз то анҷоми шеър бо суръат ва шитоб идома меёбад. Бо чунин вазн барои кӯдакону наврасон шеър офаридан аз манфиат холӣ нест. Зеро худи онҳо ҳамеша дар ҳаракат ва шитоб ҳастанд ва оҳангҳои шӯҳу изтиробангезро дӯст медоранд. Рамаз аз қабили баҳрҳои серистеъмоли арузи форсӣ-тоҷикӣ буда, дар натиҷаи омезиши рукни солим *мустафъилун* ва зиҳофҳои он дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ ва мусанно 50 навъи он ташаккул меёбад [Х.Шарифов. Назмшиносӣ, 108].

Ҳар як сатри ин шеър аз як рукни солим таркиб ёфтааст, ки онро чунин тақтеъ кардан ҷоиз аст:

Рӯи фазо *Табъи ҳаво*
/ мустафъилун */ мустафъилун*
- - V - *- - V -*
Тира бишуд. *Хира бишуд.*
/ мустафъилун */ мустафъилун*
- - V - *- - V -*

Яъне, ин шеър аз тарафи шоир аслан бо вазни ҳиҷо эҷод шуда бошад ҳам, он ба баҳри Рамази мусаннои солим мувофиқат мекунад, ки чунин хусусиятро на ҳамаи шеърҳои ҳиҷоӣ дороанд. Мутаассифона, шеърҳои чорҳиҷоиро шоир хеле кам эҷод намудааст. Агар ӯ ин иқдомро минбаъд идома медод, дар рушди ин навъи шеър саҳми бештар мегузошт. Аммо шеърҳои панҷҳиҷоӣ 25 дарсад, шеърҳои шашҳиҷоӣ 15 дарсад ва шеърҳои ҳафтҳиҷоӣ 40 дарсади шеърҳои ҳиҷоии шоирро ташкил медиҳанд. Қисми боқимондаи ашъори шоир бо ҳиҷоҳои аз ин бештар эҷод шудаанд, ки дар як фасл таҳлил намудани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст.

Шоир дар анвои суннатӣ низ барои кӯдакону наврасон шеърҳо эҷод намудааст, ки мо намунаи онҳоро аз лиҳози вазн мавриди таҳлил қарор медиҳем. Маъмултарин жанре, ки шоир барои эҷоди ашъори ашъори бачагонаи худ интихоб намудааст, жанри ғазал аст. Шоир ба сурудани ин навъи шеър пас аз касби таҷрибаҳои эҷодӣ оғоз намудааст. Зеро дар маҷмуаҳои аввалини ӯ «Бачаҳои хуб» (1963), «Мусича» (1965) ва «Парвози орзу» (1971) ягон ғазал ба нашр нарасидааст. Аз маҷмуаи чоруми ӯ «Осмондара» (1981) сар карда мо метавонем ғазалҳои гуногунро пайдо кунем. Дар маҷмуаи мавриди назари мо як ғазал мавҷуд аст, ки он «Забони тоҷикӣ» ном дорад. Ин ғазали хушоҳанг дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф эҷод шудааст, ки онро чунин таҳлил кардан мумкин аст:

Забони мо чу дарёи дамон аст,
Ба қаъраш гавҳари тобон ниҳон аст [3, с. 44].
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
V - - -/ V - - -/ V - -

Дар маҷмуаи “Зардолуи маҳтобӣ” (1988) панҷ ғазали шоир фароҳам омадаанд, ки мо ба ҳайси намуна ду ғазалро аз нигоҳи аруз таҳлил менамоем.

Ғазали аввал ҷанбаи сиёсӣ дошта, “Диёри дӯстӣ” ном дорад ва дар баҳри Рамал, мушаххастараш, дар вазни Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф эҷод шудааст, ки ин вазн барои сурудани чунин ашъор хеле мувофиқ аст. Тарзи таҳлили ғазали мавриди назар чунин аст:

Эй диёри рӯзгори дӯстӣ,
Аз ту афзуд эътибори дӯстӣ [Зардолу, 30].
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун
-V - - / - V - - / - V -

Ғазали дуюм тобиши иҷтимоӣ дорад, ки унвони он “Субҳи зимистон” мебошад. Ғазали мавриди зикр дар баҳри Ҳазаҷ, саҳеҳтараш Ҳазаҷи мусаддаси мақсур эҷод шудааст, ки дар ҳар сатри он ду маротибагӣ *мафоъӣлун* ва як маротиба *фаъӯлун* мавриди корбурд қарор гирифтааст. Матлаи ғазалро аз назар мегузаронем:

Аҷаб субҳи зимистон сеҳркор аст,
К-аз ӯ дар чеҳраҳо нақши баҳор аст [Зардолу, 80].
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
V - - -/ V - - -/ V - -

Ногуфта намонад, ки ғазали тобиши иҷтимоӣ доштаи “Китоби асрҳо” низ бо ҳамин вазн, яъне бо вазни Ҳазаҷи мусаддаси мақсур навишта шудааст, ки матлаи он чунин аст:

Зиҳӣ сарчашмаи эҳёи тоҷик,
Китоби фазли беҳамтои тоҷик [5, с. 19].

Азбаски мо намунаи ин вазнро дар мисоли боло дидем, ҳоҷат ба такрори матлаб нест.

Шоир баъзан ба хотири пос доштани суннати классикон ва таъмини мусиқии шеъраш даст ба сурудани ғазалиёте низ задааст, ки онҳо аз лиҳози ҳиҷо тавилтаранд ва бо вазни аруз эҷод шудаанд. Намунаи чунин ғазалиёт ғазали “Андалеб” мебошад, ки он дар баҳри Рамали мусаммани мақсур суруда шуда, оғози маҷмуаи “Алифбои парандаҳо”-ст. Зарбу оҳанги махсус дорад ва мусиқии он хеле ҷолиб аст. Инак, матлаи ғазал:

Эй чаманперои мурғони хушилҳон, андалеб,
Аз дами ту медамад осойиши ҷон, андалеб [Алифбои пар, 3].
фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун / фоъилон
-V - - / - V - - / - V - - / - V ~

Мусиқии шеър аз аркони махсуси он буда, дар адабиёти атфол ба он диққати махсус додан шарт аст. Тавре ки қаблан зикр гардид, вазн ҳам чун қофияву радиф метавонад чунин мусиқиро тавлид кунад. Адабиётшинос Мисбоҳиддини Нарзиқул ба ин масъала чунин рӯшанӣ андохтааст: “Назм ва таносуби хосе, ки баъд аз ба ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз ва аркон ҷудо кардани шеър ба вуҷуд меояд, *вазн* номида мешавад....Баъд аз ба таври дуруст муайян кардани вазни шеър як навъ оҳанги хосе ҳам ба вуҷуд меояд, ки онро мусиқии шеър мегӯем. Ва он танҳо навъе аз мусиқии шеър аст” [Нарзиқул М., 9-10]. Ба ин таъкиди адабиётшиноси мавсуф ҳаминро илова намудан ҷоиз аст, ки вазн асоси мусиқии дохилии шеър аст.

Алӣ Бобоҷон ба мусиқии дохилии шеър, яъне вазн ҳамеша таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Чунин падида хусусан, дар суруду таронаҳои барои кӯдакону наврасон офаридааш бармало ба мушоҳида мерасад. Миқдори онҳо фаровон буда, аксарияташон ба оҳанг даромадаанд. “Суруди наврӯзӣ” яке аз онҳост. Ин суруд аз панҷ банди чормисраӣ таркиб

ёфтааст, ки дар баҳри Рағази мураббаъи мақтӯъ суруда шудааст, ки банди сеюми онро интихобан аз лиҳози рукну тақтеъ дида мебароем:

Бод аст анбарафшон,
Дар ханда боғу бӯстон.
Шуд нағмаҳои мурғон
Шодифизои Наврӯз [5, с. 3].
Мустафъилун / фаъӯлун
- - V - / V - -

Суруди “Эй кабӯтар” аз сурудҳои аввалини Алӣ Бобоҷон буда, бо оҳанги гӯшнавоз ва муҳтавои сулҳпарваронааш дар байни кӯдакону наврасон шуҳрат ёфтааст. Ба тариқи интихоб бандеро аз ин суруд аз лиҳози вазн таҳлил менамоем:

Туӣ рамзи баҳори зиндагонӣ,
Туӣ пайки зафарҳои амонӣ.
Дар ин субҳи сафои иди фирӯз
Ту ҷавлонгар ба авҷи осмонӣ [1, с. 9].
Мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун
V - - -/ V - - -/ V - -

Таҳлил нишон дод, ки суруди мавриди назари мо дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф барои кӯдакону наврасон эҷод шудааст. Вазни сабук ва оҳанги равонаш сурудро мавриди истиқболи гарми хонандагону сарояндагон ва шунавандагон қарор додааст. Қобили зикр аст, ки қисми зиёди сурудҳои Алӣ Бобоҷон бо ҳамин вазн эҷод карда шудааст. Таронаҳои бачагонаи шоир чун сурудҳояш хушоҳангу гӯшнавозанд. Сабабаш дар он аст, ки шоир онҳоро дар вазнҳои нисбатан сабук ва равон эҷод кардааст ва чунин таронаҳо тадриҷан ба сурудҳои бачагона табдил ёфтаанд. Яке аз чунин таронаҳо “Иди истиқлол” мебошад, ки дар баҳри Рағази мураббаъи музол эҷод шудааст. Банди аввали ин таронаро таҳлил менамоем:

Эй ҷашни олишони мо,
Хуршеди нурафшони мо.
Аз партави ҷонбахши ту
Рахшад дили ҷӯшони мо [5, с. 18].
Мустафъилун / мустафъилон
- - V - / - - V ~

Шоир дар пайравӣ ба оҳанги таронаҳои мардумӣ низ якчанд таронаҳои шӯх эҷод кардааст, ки онҳо на танҳо бо сабукии вазн, инчунин бо мусиқии худ низ писанди табъи кӯдакону наврасон гаштаанд. Масалан, таронаи “Укоча” аз ҳамин қабил аст. Ин тарона оҳанги таронаи мардумии “Олуча гули бодом”-ро ба хотир меорад. Ҳарчанд таронаи мардумӣ дар вазни ҳиҷо эҷод шудааст, ин таронаи шоир ҳам ба талаботи вазни ҳиҷо ва ҳам ба талаботи вазни арӯз ҷавоб дода метавонад. Таронаи Алӣ Бобоҷонро сараввал аз нигоҳи ҳиҷо дида мебароем. Оғози тарона ин аст:

-Оча, очаҷон, оча= 7ҳиҷо
Дорам якта укоча= 7ҳиҷо
Кокулчаҳояш заррин= 7ҳиҷо
Пероҳанаш алоча= 7ҳиҷо [5, с. 6].

Миқдори ҳиҷоҳои сатрҳои ин тарона баробаранд. Ҳатто онҳо бо дарозию кӯтоҳӣ ҳам аз якдигар фарқ намекунанд. Аз ин ваҷҳ, мо метавонем бе ягон мушкилӣ онро аз рӯи меъёри вазни аруз мавриди таҳлил қарор диҳем. Зеро шоир аз оғоз то анҷоми тарона ба қоидаҳои вазни аруз риоя кардааст. Бояд қайд намуд, ки таронаи мавриди назар дар баҳри Мунсареҳи мураббаъи махбуни макшуф эҷод шудааст:

-Оча, очаҷон, оча,
Дорам якта укоча.
Кокулчаҳояш заррин,
Пероҳанаш алоча.
Мустафъилун / фаъӯлун
- - V - / V - -

Тавре ки дар фасли пешина қайд намудем, дар маҷмуаи “Наврӯзи наврасон” 22 рубоии шоир фароҳам омадааст. Мо дар ин ҷо ба ҳайси намуна вазни яке аз ин рубоиётро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Рубоии мавриди назари мо дар вазни Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар эҷод шудааст:

Наврӯзи Аҷам, ҷалолати нав дорӣ,
Хуршедсифат силсилапартав дорӣ.
Гул аз нафасат шукуфт дар боғи умед,
Сад ранг ҳунар ба ҳар қаламрав дорӣ [6, с. 28].
Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлун / фаъ
- - V / V - V - / V - - - / -

Мутолиаи баъзе аз ашъори Алӣ Бобоҷонро метавон ҳам ба бачагон ва ҳам ба калонсолон пешниҳод намуд. Ин падида ҳеҷ ҷои бадӣ надорад. Зеро дар вақташ В.Г.Белинский ба нависандагон муроҷиат карда, чунин фармудааст: “Нависед, барои бачаҳо нависед, вале чунон нависед, ки онро калонсолон ҳам бо майлу рағбати тамом хонанд ва тавассути мутолиа ба айёми ширини бачагии хеш баргарданд [Белинский В.Г., 58].

Хулоса, таҳқиқ нишон дод, ки ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон ҳам бо вазни ҳиҷоӣ ва ҳам бо вазни арузӣ эҷод шуда, бо оҳангу зарб ва мусиқии дохилиашон ба кӯдакону наврасон писанд омадаанд. Шоир тавонистааст, ки бо истиснои чанд шеъри алоҳида дар шеъру таронаҳои ҳиҷоӣ ҳам ба талаботи вазни аруз риоя кунад ва ин амал аз муҳассаноти шеъри ӯст. Метавон бисёре аз ашъори дар вазни ҳиҷо сурудаи шоирро аз рӯи меъёри вазни аруз низ таҳлилу баррасӣ намуд. Барои суруду таронаҳо аз зарбу оҳангҳои сабук ва шӯх кор гирифтааст. Аз ин ваҷҳ, ба бисёре аз онҳо санъаткорон оҳанг бастаанд. Ғазалу рубоиёти ӯ намунаи беҳтарини ин анвои шеърӣ буда, мавриди истиқболи ҳам хурдсолон ва ҳам калонсолон қарор гирифтаанд.

Адабиёт

1. *Бобоҷон, А. Бачаҳои хуб. Шеърҳо / А. Бобоҷон. - Душанбе: Тоҷикистон, 1963. - 44 с.*
2. *Бобоҷон, А. Мусича. Маҷмуа / А. Бобоҷон.- Душанбе: Ирфон, 1965. - 15 с.*
3. *Бобоҷон, А. Осмондара. Маҷмуаи шеърҳо ва қиссаву достонҳо / А. Бобоҷон. - Душанбе: Маориф, 1981. - 128 с.*
4. *Бобоҷон, А. Атри кӯҳистон. Маҷмуаи шеърҳо / А. Бобоҷон.- Душанбе: Адиб, 1993. - 47 с.*
5. *Бобоҷон, А. Пайғоми парасту. Шеърҳо / А. Бобоҷон. - Душанбе: Адиб, 2003.-40 с.*
6. *Бобоҷон, А. Наврӯзи наврасон. Маҷмуа / А. Бобоҷон. - Душанбе: Бебок, 2012.-51 с.*
7. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. - Душанбе: Адиб, 2017. - 400 с.*
8. *Розӣ, Шамс Қайс Ал- муъҷам / Шамс Қайс Розӣ - Душанбе: Адиб, 1991.- 464 с.*
9. *Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик / Б. Сирус. - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷик, 1955. - 186 с.*
10. *Чуковский, К.И. От двух до пяти. / Предис. Ю.А. Сорокина; Послесл. А.Г. Арушановой. - М.: Педагогика, 1990. - 382 с.*
11. *Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Мусиқии шеър. Чопи сездаҳум.- Теҳрон. Маркази пахш: Китоби гузида / Муҳаммадризо Кадканӣ Шафеии. - Нашри «Огаҳ», соли 1391. - 728 с.*

ВИЖАГИҲОИ ВАЗНИ АШЪОРИ БАЧАГОНАИ АЛӢ БОБОҶОН

Дар мақолаи мазкур вазни ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон баррасӣ карда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ашъори бачагонаи шоир дар ду вазни маъмули шеъри тоҷикӣ – вазни ҳиҷоӣ ва вазни арузӣ эҷод гардидаанд. Шеърҳои кӯдакона дар забони форсӣ-тоҷикӣ маъмулан бо вазни ҳиҷо суруда мешаванд ва шеърҳои Алӣ Бобоҷон низ аз ин қоида мустасно нест. Аммо аз баррасии ашъори ӯ маълум мегардад, ки дар баробари вазни ҳиҷоӣ корбурди вазни арузӣ дар ғазалиёт ва суруду таронаҳои бачагонааш зиёд ба чашм мерасад. Муаллифи мақола яке аз бартариҳои ашъори шоирро дар он мебинад, ки ба истиснои чанд порчаи назмӣ дар шеърҳои ҳиҷоии ӯ талаботи вазни аруз риоя мешавад. Ҳамчунин муаллиф менигорад, ки Алӣ Бобоҷон дар интихоби вазни муносиб барои ашъори худ маҳорат дошта, ба мазмуну муҳтаво ва синну соли кӯдакон диққат додааст.

Калидвожаҳо: Алӣ Бобоҷон, вазни шеър, аруз, мусиқии дохилии шеър, ашъори кӯдакона, ғазалиёт, адабиёти муосири тоҷик.

ОСОБЕННОСТИ СТИХОСЛОЖЕНИЯ В ДЕТСКОЙ ПОЭЗИИ АЛИ БАБАДЖАНА

В данной статье рассматривается стихосложение в детской поэзии Али Бабаджана. Автор отмечает, что стихи поэта созданы в двух основных метрах таджикской поэзии - силлабическом и арузом. Детские стихи на персидско-таджикском языке обычно пишутся силлабическим метром, и стихи Али Бабаджана не являются исключением. Однако, при изучении его произведений становится очевидно, что в газелях и детских песнях он часто использует стопный метр. Автор статьи видит одно из преимуществ поэзии Али Бабаджана в том, что, за исключением нескольких отрывков в силлабических стихах, он строго соблюдает требования аруза. Автор также отмечает, что Али Бабаджан умело подбирал метр для своих стихов, учитывая содержание, тему и возраст детей.

Ключевые слова: Али Бабаджан, стихосложение, аруз, внутренняя музыка стиха, детские стихи, газели, современная таджикская литература.

FEATURES OF METRE IN CHILDREN'S POETRY BY ALI BABAJAN

This article examines versification in children's poetry by Ali Babajan. The author notes that the poet's poems were created in the two main meters of Tajik poetry - syllabic and aruz. Children's poems in Persian-Tajik are usually written in syllabic meter, and Ali Babajan's poems are no exception. However, when studying his works, it becomes obvious that he often uses the foot meter in ghazals and children's songs. The author of the article sees one of the advantages of Ali Babacan's poetry in the fact that, with the exception of a few passages in syllabic verses, he strictly adheres to the requirements of aruz. The author also notes that Ali Babacan skillfully selected the meter for his poems, taking into account the content, theme and age of the children.

Keywords: Ali Babajan, versification, aruz, internal music of verse, children's poems, ghazals, modern Tajik literature.

Дар бораи муаллиф
Ғафурова Гулзода Маҳкамовна
Унвончӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ggulzoda85@gmail.com

Об авторе
Гафурова Гульзода Махкамовна
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ggulzoda85@gmail.com

About the author
Gafurova Gulzoda Makhkamovna
Applicant of the Department of theory and history of literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ggulzoda85@gmail.com

УДК 812.154.1-6

ВЫБОР ПРИЕМА И ПЕРЕДАЧИ СОВЕТИВИЗМОВ В РОМАНАХ Ф. МУХАММАДИЕВА

Бакаева М. Т.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

В последние годы в переводоведении немало мест уделено анализу адекватного перевода безэквивалентной лексики, реалий, экзотизмов и советивизмов. Данной проблеме посвящены работы многих ученых лингвистов таких как А.В.Федоров, В. И. Копанев, С. Влахов и др.

В данной статье мы опирались на перевод повести Фазлиддина Мухаммадиева «Угловая палата». Выбор данной темы обусловлен, прежде всего, актуальностью вопроса, связанного с переводом реалий произведений Ф. Мухаммадиева. Согласно мнению Марии Эбнер-Эшенбах «Дух языка отчетливее всего выражается в непереводимых словах», что полностью раскрывает новизну в раскрытии советивизмов, использованных в произведении и в частности в творчестве Фазлиддина Мухаммадиева. По мнению А.Набиева, он был литератором, который «заранее и прежде всех чувствовал и ощущал пульс и ритм жизни», «пештар ва бештар аз дигарон набзи зиндагиро ҳис мекард» [14, с. 384].

В данной статье мы постарались рассмотреть приемы перевода выявленных советивизмов с таджикского языка на русский. Воспроизведя до мельчайших подробностей советскую реальность 1970-х годов, XX века Ф. Мухаммадиев вполне откровенно выразил свое отношение ко всему происходящему. Сравнительный анализ романа «Угловая палата» с оригиналом показал, что при переводе советивизмов переводчик часто допускает выделение более и менее важных элементов смысла, что не противоречит правилам переводческих трансформаций и приемов перевода. Перевод романа полностью соответствует нормам русского языка. В работе переводчика использованы переводческие трансформации – преобразования, с помощью которых осуществлен переход от единиц оригинала – таджикского языка к русскому языку.

В процессе перевода использованы такие приёмы перевода, как прием перемещения, и опущения лексических добавлений. В данной статье мы постарались рассмотреть реалии в двух направлениях, первое – выявить и изучить реалии в таджикском тексте – в оригинале романа «Угловая палата», второе – проанализировать эти же реалии уже в тексте перевода.

В романе «Угловая палата» Ф. Мухаммадиева можно встретить огромное количество реалий советской и постсоветской действительности - советизмы. По мнению С.Влахова и С.Флорина, «советизмы следует отнести к региональным реалиям, принадлежащим и понятным целой группе стран коммунистической направленности» [2, с. 61], эти «реалии и термины могут устареть, но остаться в языке» [2, с. 327]. В более поздних статьях советизмы уже причисляют «к разряду новоисторизмов» [3, с. 37].

«Советизмы – это реалии, связанные с социалистическим строем в СССР, его организацией, политическим устройством и жизнью его граждан, события, связанные с жизнью СССР и, кроме того, лексика сопротивления» [3, с. 38]. К «советизмам причисляют и некоторые аббревиатуры, которые стали советскими реалиями благодаря сложносокращенной форме, особенно популярной в СССР (педсовет, партактив)» [1, с. 5].

В процессе создания советизмов происходило «обесцвечивание прежде эмоционально окрашенных выражений» [4, с. 258], с другой стороны «приобретение негативных коннотаций в нейтральных прежде словах в связи с политической подоплекой (например, собственник)» [4, с.270].

Как показала творческая лаборатория Фазлиддина Мухаммадиева, он кроме того, что старается понять внутренний мир человека, и это очень глубоко психологический процесс но, не смотря на это, писатель стремится описать этот мир доступным стилем, от которого веет свежесть и индивидуальность.

С начала 60-х годов XX века Ф.Мухаммадиев прочно и уверенно входит в многонациональную современную литературу. Его повести, и рассказы переводятся на русский, а затем и на другие языки, публикуются в журналах и газетах, издаваемых в разных уголках народов мира, включаются в сборники, представляющие новейшие литературные достижения.

Творчество писателя с первых шагов обратило на себя заинтересованное внимание критиков. Опытные писатели и литераторы внимательно следили за становлением его таланта

и, бережно поддерживали сильнейшее в нем, помогали его вызреванию. Художник всегда находился в поиске осмысления жизни. Он всеми силами старался раскрыть внутренний мир человека показать его сущность в самых разных жизненный обстоятельствах в ее постоянном движении и обновлении. Он прямо говорит об этом и в литературных заметках, и всеми своими творческими обретениями.

В романе «Угловая палата» Ф. Мухаммадиева наблюдается огромное количество советизмов, которые «ввиду своего идеологического происхождения, обладают не сколько национальным колоритом, сколько социальным, и не все советизмы являются безэквивалентными» [2, с. 142-143].

«Угловая палата», в продолжении – анализирует эти же реалии уже в тексте перевода. В романе «Угловая палата» Ф. Мухаммадиева можно встретить огромное количество реалий советской и постсоветской действительности - советизмы. По мнению С.Влахова и С.Флорина, «советизмы следует отнести к региональным реалиям, принадлежащим и понятным целой группе стран коммунистической направленности» [8, с. 61], эти «реалии и термины могут устареть, но остаться в языке». В более поздних статьях советизмы уже причисляют «к разряду новоисторизмов» [8, с. 327].

«Советизмы – это реалии, связанные с социалистическим строем в СССР, его организацией, политическим устройством и жизнью его граждан, события, связанные с жизнью СССР и, кроме того, лексика сопротивления». К «советизмам причисляют и некоторые аббревиатуры, которые стали советскими реалиями благодаря сложносокращенной форме, особенно популярной в СССР (педсовет, партактив)» [6, с. 5].

Существовал и существует также особый язык тоталитарной власти – «официальный язык властных структур, навязываемый обществу в СССР», [11, с. 234]. Непосредственно советизмы относятся к политической лексике, и связано это с ее широким распространением в СССР, «начавшейся сразу после Октябрьской революции» [11, с. 241].

В процессе создания советизмов происходило «обесцвечивание прежде эмоционально окрашенных выражений» [11, с. 258], с другой – «приобретение негативных коннотаций в нейтральных прежде словах в связи с политической подоплекой (например, собственник)» [11, с. 270]. После распада Советского Союза «начался процесс деидеологизации, и с 90-х годов советизмы часто употребляются с неодобрительной коннотацией» [12, с. 35-40].

Как показала творческая лаборатория Фазлиддина Мухаммадиева, он кроме того, что старается понять внутренний мир человека, еще стремится описать этот мир доступным стилем, от которого веет свежесть и особенность.

С начала 60-х годов XX века Ф.Мухаммадиев прочно и уверенно входит в многонациональную современную литературу. Его повести, и рассказы переводятся на русский, а затем и в другие национальные языки, публикуются в журналах и газетах, выходящих в разных уголках народов мира, включаются в сборники, представляющие новейшие литературные достижения.

Творчество писателя с первых шагов обратило на себя заинтересованное внимание и критики. Опытные писатели и литераторы внимательно следили за становлением его таланта и, бережно поддерживая сильнейшее в нем, помогали его вызреванию. Художник всегда находился в поиске осмысления жизни в ее постоянном движении и обновлении. Он прямо говорит об этом и в литературных заметках, и всеми своими творческими обретениями.

Он видит близких себе по духу хороших людей, заслуживающих доброго авторского юмора, и в полной мере душевного участия» [7, с.437]...

Его стиль мышления чистота взгляда и тонкая чувствительность на жизнь в этой повести очаровала Мариэтту Сергеевну» [7, с.437]. Русский текст рассказа «Старые люди» привлекает внимание не только описание событий, изложение бесед и судеб стариков, но и стиль изложения речи, которая играет важную роль для определения поэтической...

В романе «Угловая палата» Ф. Мухаммадиева наблюдается огромное количество советизмов, которые «ввиду своего идеологического происхождения, обладают не сколько национальным колоритом, сколько социальным, и не все советизмы являются безэквивалентными» [10, с. 142-143].

В появлении таких слова как:

Таърихи касалӣ – история болезни

Концелярияи клиника – канцелярия клиники

Духтур - доктор

Чӯби полшӯяк - Швабра

Патологияи эҳсос - Патология чувств
Тугмаи сигнал - сигнальная кнопка

Роман, написанный на таджикском языке в 70-х годах XX века свидетельствует о тесной взаимосвязи между русским и таджикским народами, которая берет свое начало с глубокой древности [5, с. 165]. В таджикском обществе XX века, особенно, в 70-е годы русский язык был настолько близок и родным, что использование в речи русских слов было нормой, чаще многие даже не задумывались истинном происхождении, потому что они настолько прочно влились в таджикский язык, что воспринимались как свои собственные.

Русизмы стали проникать в таджикский язык несколько столетий назад, но особый приток в таджикскую лексику оставался слабым вплоть до начала 1930-х годов, когда изменилась политическая ситуация в стране и началась «перестройка». В это время началось заимствование как слов без соответствующих понятий, например, в деловой лексике *(институт, духтур-доктор)* и замещение таджикских слов русской лексикой. В 50-70-е годы появление огромного процента заимствований связано с развитием науки, техники, культуры, туризма, экономики и производственных отношений. Одна из характерных черт заимствований заключается в том, что они прочно входят в жизнь и постепенно, теряя свою новизну, плавно входят в активный словарный запас.

Так, в работе Л. П. Крысина [11, с. 12] указывается, что «Э. Рихтер основной причиной заимствования слов считает необходимость в наименовании вещей и понятий. Также перечисляются и другие причины: языковые, социальные, психические, эстетические и другие». К примеру, определенную коммуникативную направленность имеет надпись на одежде, которая, «в зависимости от цели коммуникации, имеют разную смысловую нагрузку» [9].

В этот период в таджикском языке часто пользовались русскими словами в речи, особенно, а литературе. Что касается художественного перевода, в процессе работы над текстом переводчику было достаточно перенести эти слова почти в неизменённом виде, как те примеры, что нами приведены из романа «Угловая палата»:

Кислород – Кислород
Палата – Палата
Институт – Институт
Фельдмаршал – Фельдмаршал
Клиника – Клиника
Объектив
Фотоаппарат
Кинооператор
Репортёр
Фабрика
Лаборатория

Но, иногда русские реалии в таджикском тексте приобретали таджикские окончания и как бы частично видоизменялись посредством окончаний:

ФизикаЮ химия - Физикой и химией
ХимиявУ биология - Химией и биологией
ФизикаИ химияВӢ - Химическая физика
ХимияИ биологӢ - Химическая биология
Экрани кино - Большой экран
ЖурналИ хроника - Киножурнал
КабинаИ кран - Кабина крана
КурсИ кранДОРОН - Курсы крановщиков

Многие реалии в романе являются калькой или полукалькой, лексические единицы по образцу соответствующих слов русского языка путем точного перевода их значимых частей или заимствование отдельных значений слов. Эти кальки возникли в результате буквального перевода на таджикский язык русских слов по частям: приставки, корня, суффикса при точном повторении способа его образования и значения и являются полукалькой, например:

Пояи кран - Корпус крана
Навораи кино - Кинолента
Комбинати бофандигӣ - Текстильный комбинат
Ташкилоти партиявӣ - партийная организация
Лифофаи сиёҳи фотоқоғаз - Черная бумага из-под фотобумаги

Как правило, полукальки состоят из двух и более компонентов, и основными приемами их перевода являются транскрибирование, транслитерация, подбор соответствия. Один из компонентов этих словосочетаний затранскрибирован, а другому было найдено приблизительное соответствие

Притом эти кальки и полукальки бывают лексическими и семантическими - это реалии, т.е. исконные слова, которые, кроме присущих им в таджикской лексической системе значений, получают новые значения под влиянием русского языка. Например: *рухсатномаи расмӣ – официальное разрешение; «…донишҷӯи институти тиб…» - «…студент – медик».*

В современном понятии, в национальных литературах, идет очищение литературного языка от заимствований, особенно от тех, которые встречаются в художественных произведениях, написанных в период советской власти. Сейчас уже эти заимствования являются реалиями советского периода, которые часто называют прилагательным советизмами, что означает, относящийся к Стране Советов, к СССР, принадлежащий Стране Советов [12, с. 931].

В «Толковом словаре русского языка» С.И. Ожегова и Н.Ю. Шведовой находим наиболее точную современную дефиницию: относящийся к государственной власти Советов, свойственный, принадлежащий СССР [11, с. 741].

До сих пор, в современном переводоведении нет единого мнения к какой категории языковых единиц относятся реалии, при этом существует много различных мнения о том, что реалии могут быть выражены отдельными словами и словосочетаниями, семантических равных словам.

Немаловажным является здесь уточнить определения «реалии», данное Т. А. Казаковой: «Реалии - именования национально-культурных объектов, характерных для исходной культуры и сравнительно мало или вовсе не известных переводящей культуре». [8, с.72] Переводчик рассказа «Старые люди» А. Баршаговский пишет: «Я познакомился с Ф. Мухаммадиевым когда он закончил рассказ «Старые люди»...

По С.И.Влахову и С.П.Флорину, в большинстве своем реалии - имена существительные, что закономерно, поскольку, исходя из рассмотренных выше определений, реалии чаще всего называют предметы и явления. В романе «Угловая палата» на таджикском языке реалии часто несут функции прилагательных, значение которых непосредственно связано со значением реалий. Чаще эти реалии относятся к общественно-политическим, которые характеризуют понятия, связанные с административно-территориальным устройством, наименования носителей и органов власти; наименования организаций, званий:

Инженери инспекцияи давлати назорати техникӣ - Инженер Гостехнадзора [15, с. 10].

Саринженери идораи монтажу истифодаи кранҳо ва механизмҳои сохтмон – Главный инженер управления по монтажу и эксплуатации кранов и других строительных механизмов [14, с. 165].

В данном случае, эти реалии имеют большее количество черт с терминами. Вышеприведённые реалии имеют национальную и историческую окрашенность.

Калькирование передает иноязычные реалии путем замены морфем или слов их прямыми лексическими соответствиями и в языке является одним из способов передачи реалий.

В оригинальном художественном произведении слова-реалии являются очень своеобразной категорией лексической системой языка, на котором написано произведение – это своего рода *«хранители» и «носители»* страноведческой информации. К примеру, в предложении:

Иброҳимҷон дари кабинеташро аз дарун қуфл карда, ба ҳамаи як даста қоғази бараш дувоздаҳу қадаш ҳаждаҳсантиметрӣ акси Хиромонро дар ҳолатҳои гуногун бардошт [15, с. 13].

Иброгимджон закрылся в операторской кабине и напечатал с пленки целую кучу снимков Хиромон на бумаге самого большого формата, какой у него нашелся – 18х24 [14, с. 165].

Вай тозон ба яке аз вагончаҳои бечархе рафт, ки дар он бинокорон истироҳат мекунанд, прорабу технику инженерон нишаста, бо маслиҳату ҳисобу китоби худ машғул мешаванд. Аз он ҷо чанд сӯм пул овард [15, с. 14].

Она сбегала в один из вагончиков и вернулась с деньгами [14, с. 166].

Слова *«ҳаждаҳсантиметрӣ», вагончаҳо, прорабу технику инженерон* заимствованы таджикским языком из русского и несут фоновую информацию о состоянии не только литературного языка 70-х годов XX века, но и имеют определенную историю своего появления в таджикском языке. История эта может рассказать о присоединении к России Средней Азии

(1929 г.), в результате которого произошли существенные изменения в области экономики, политики, культуры и литературы. Огромную роль сыграли и газеты, которые стали издаваться в городах Средней Азии русском языке. К примеру, в Ташкенте с 1870 г. по 1917 г. издавались «Туркестанские ведомости», главной функцией которой было распространение сведений об административных распоряжениях. На ее страницах, помимо официальных сведений публиковалось много статей о краеведении и об истории народов Средней Азии, принесшие в национальную литературу реалии социалистической эпохи, как например, в следующих предложениях:

Ӯ фикр мекард, ки ин ҷавонзани крандор ба тарзи аҷибе сухан мекунад [15, с. 15].

Он думал о том, как необычно рассуждает эта юная красавица [12, с. 166].

-*... фикре пайдо шуд, ки порчаеро, ки шумо акс ёфтаед, ба шумораш навбати журнали хроника илова кардан ҳайф мешуд. Онро васеътар карда, ба фильмаки мустақил табдил лозим будаст* [15, с. 15].

- *Возникла идея… жаль терять пленку, на которой я вас снял для очередного киножурнала. Говорят, необходимо расширить сюжет и использовать снятый материал для небольшого самостоятельного фильма* [14, с. 166].

«Вай аз қабили ходимони қобиле буд, ки аксаран кори ҳам муалифи сценарий, ҳам таҳиягар, ҳам операторро танҳо худашон анҷом медоданд» [15, с. 15].

«Он был из тех немногих талантливых кинематографов, которые совмещали в себе способности сценариста, режиссёра и оператора» [14, с. 166].

«Духтурҳо стетоскопҳои узвҳои фулузиаш дурахшони оби никель давондашударо ба гардан овехта, ҳар гуна қуттичаҳоро, асбобҳои чену таҳлилкунанда дар даст бошитоб, вале ботамкин гузашта мераванд» [13, с. 18].

«Врачи ходили торопливо, но с достоинством; на груди – стетоскопы с блестящими никелированными деталями, в руках другие приборы» [14, с. 168].

То есть, если в романе «Угловая палата» Фалзиддин Мухаммадиев пишет: *«…Ман ҳам гражданини комилҳуқуқ»* [15, с. 17], то в переводе это выглядит в таком варианте: *«…Я ведь полноправный гражданин»* [14, с. 168].

Таким образом, компонент *«гражданин»* был перенесен как дословно, а компоненту *«полноправный»* было подобрано прямое соответствие. Все сказанное подходит к анализу реалий в переводе с русского языка на таджикский язык. Данный анализ русских реалий в таджикском тексте проделан нами для того, чтобы понять, как переводчик переводил русские реалии оригинального текста на русский же язык. Чтобы ответить на данный вопрос мы рассмотрим эти же примеры в обратном порядке – в переводе на русский язык. Так, если в оригинале таджикского писателя в тексте романа использовано огромное количество реалий из русского языка, которые свидетельствуют о значительном влиянии русского языка на таджикский в XX веке.

Данные реалии можно классифицировать на тематические группы – это в основном слова, относящиеся к определённым профессиям, такие как *вагончаҳо, прораб, техник, инженер, кранчи* – сфера строительства: *стетоскоп* – сфера медицины: *сценарий, оператор, журнали хроника, фильмаки мустақил, пленку* – сфера киноискусства: *никелированная* - ассоциативные реалии.

Исследование слов-реалий в романе «Угловая палата» представляет большой интерес в связи с их национально-культурной семантикой, позволяющей проникнуть в русскую культуру.

Для описания уклада жизни таджикского народа, быта, писатель использует реалии – советизмы, которые в таджикском тексте использованы как кальки, полукальки.

До мельчайших подробностей воспроизведя, советскую реальность 1970-х годов XX века Ф. Мухаммадиев вполне откровенно выразил, свое отношение ко всему происходящему. Сравнительный анализ романа «Угловая палата» с оригиналом показ, что при переводе реалий переводчик часто допускает выделение более и менее важных элементов смысла, что не противоречит правилам переводческих трансформаций и приемов перевода. Перевод романа полностью соответствует нормам русского языка. В работе переводчика использованы переводческие трансформации – преобразования, с помощью которых осуществлен переход от единиц оригинала – таджикского языка к русскому языку.

В процессе перевода использованы приёмы перевода, такие как прием перемещения, опущения, лексических добавлений.

Отметим, что большую часть реалий в этот период в произведениях таджикских писателей составляют советизмы, происхождение которых связано с той политической

системой, которая появилась в этот период. Стало быть, реалии имеют характерную черту зависеть от политического устройства. К советизмам причисляют и некоторые аббревиатуры, которые стали советскими реалиями благодаря сложносокращенной форме, особенно популярной в СССР (педсовет, партактив). Исследование слов-реалий в романе «Угловая палата» представляет большой интерес в связи с их национально-культурной семантикой, позволяющей проникнуть в русскую культуру. Для описания уклада жизни таджикского народа, быта, писатель использует реалии – советизмы, которые в таджикском тексте использованы как кальки, полукальки.

Литература

1. *Алимов, В.В. Теория перевода [Текст]: пособие для лингвистов-переводчиков / В. В. Алимов; Российская акад. нар. хоз-ва и гос. службы при Президенте РФ, Московский гос. открытый ун-т им. В. С. Черномырдина. - Изд. 2-е. / В.В. Алимов. - Москва: Ленанд, 2015. - 237 с.*
2. *Андрес, А.Л. Дистанция времени и перевод. / А.Л. Андрес. – МП: № 5, 1966. - С. 128.*
3. *Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он (Персидская литература и три ее направления) / Х. Асозода. - Душанбе: Маориф, 1991.- 128 с. (на тадж. яз.).*
4. *Бақозода, Ҷ. Нависанда ва идеали замон. / Ҷ. Бақозода. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 110.*
5. *Бартольд, В. В. История изучения Востока в Европе и в России / В.В. Бартольд. - Л: Худ. литература, 1925. – 154 с.*
6. *Блох, М. Я. Эквивалентность и адекватность в переводческой проблематике // Новое в переводоведении в лингвистике. Материалы научно– практической конференции / М.Я. Блох. - Орехово – Зуево: МГОГИ, 2012, - С. 3 -7.*
7. *Бакаева, М. Т. Выражение и изложение языковых свойств в переводе произведений Ф.Мухаммадиева / М. Т. Бакаева // Вестник Педагогического университета, 2020. – № 1(84). – С. 187 - 190.*
8. *Бакаева, М. Т. Выражение и изложение языковых свойств в переводе произведений Ф.Мухаммадиева / М. Т. Бакаева // Вестник Педагогического университета, 2020. № 1(84). – С. 187 - 190.*
9. *Васильев, А. Надписи на одежде / [Электронный ресурс] / 1vk.com/video-16144159_140995226.*
10. *Влахов, С., Непереводимое в переводе / С. Влахов, С. Флорин. - М.: Международные отношения, 1980, - 342 с.*
11. *Нелюбин, Л.Л. Толковый переводоведческий словарь: 3-е изд., перераб / Л. Л. Нелюбин. - М.: Флинта Наук, 2003. - 320 с.*
12. *Томахин, Г. Д. Пособие по страноведению:Учебное пособие для институтов и факультетов иностранных языков / Г. Д. Томахин - М.: Высшая школа, 1988. - 239 с.*
13. *Черных, П. Я. Историко-этимологический словарь современного русского языка: [В 2 т.] [2-е изд., стер.]. / П. Я. Черных. – М:, 1994. - Т. 2: Панцирь-Ящур. - М:, 1994. – 559 с.*
14. *Мухаммадиев, Ф. Дар он дунъё. Кисса. Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1980. - 504 с.*
15. *Мухаммадиев, Ф. Осори мунтахаб иборат аз панч чилд. Чилди II, Повестхо. / Ф. Мухаммадиев. – Душанбе, «Адиб», 1990. – 448 с.*
16. *Мухаммадиев Ф. Куллиёт: Иборат аз 5 чилд Чилди 1- Хикояхо / Ф. Мухаммадиев. - Душанбе: Адиб, 1990.- 384 с.*

ВЫБОР ПРИЕМА И ПЕРЕДАЧИ СОВЕТИВИЗМОВ В РОМАНАХ Ф. МУХАММАДИЕВА

В данной статье рассмотрен перевод повести Фазлиддина Мухаммадиева «Угловая палата». Выбор данной темы обусловлен, прежде всего, актуальностью вопроса, связанного с переводом, что полностью раскрывает новизну в раскрытии советивизмов, использованных в произведении и в частности в творчестве Фазлиддина Мухаммадиева. В данной статье рассмотрены приемы перевода выявленных советивизмов с таджикского языка на русский. Русизмы стали проникать в таджикский язык несколько столетий назад, но особый приток в таджикскую лексику оставался слабым вплоть до начала 1930-х годов. Цель данной статьи исследование советивизмов, а также слов-реалий использованных в романе «Угловая палата» что представляет большой интерес в связи с их национально-культурной семантикой, позволяющей проникнуть в русскую культуру. По результатам исследования выявлено, что в современном переводоведении для описания уклада жизни таджикского народа, быта, писатель использует реалии – советизмы, которые в таджикском тексте использованы как кальки, полукальки.

Ключевые слова: советивизмы, перевод, семантика, аббревиатура, реалии, безэквивалентной, трансформации, перевод, переводчик, трансформации.

ИНТИХОБ ВА ИНТИҚОЛИ ИСТИЛОҲОТИ СОВЕТИВИЗМ ДАР РОМАНҲОИ Ф. МУҲАММАДИЕВ

Дар ин мақола тарҷумаи асари “Палатаи кунҷакӣ”-и Фазлиддин Муҳаммадиев баррасӣ мешавад. Интихоби ин мавзуъ, пеш аз ҳама, ба далели аҳаммияти мавзуи марбут ба тарҷума мебошад, ки навоварӣ

дар фарогирии истилоҳоти советизм дар осори бадеӣ, аз ҷумла дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев истифодашударо ошкор мекунад. Дар ин мақола усулҳои аз забони тоҷикӣ ба русӣ тарҷума кардани калимаҳои шӯравии муайяншуда баррасӣ мешавад. Русизмҳо чанд аср пеш ба забони тоҷикӣ ворид шуда буданд, аммо воридшавии хоса ба луғавии тоҷикӣ то ибтидои солҳои 1930 суст боқӣ монд. Мақсади ин мақола омӯзиши истилоҳоти советӣ, инчунин вожаҳои воқеиятҳои дар романи «Палатаи кунҷакӣ» истифодашуда мебошад, ки дар робита бо семантикаи миллӣ-фарҳангии онҳо таваҷҷуҳи зиёд доранд, ки имкон медиҳад фарҳанги русро дарк кунем. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ маълум гардид, ки нависанда дар тарҷумашиносии муосир барои тавсифи тарзи зиндагонии мардуми тоҷик, зиндагии рӯзмарра воқеиятҳо-советизмҳоро истифода мебарад, ки дар матни тоҷикӣ ҳамчун гартабардорӣ ва нимгартабардорӣ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: советизмҳо, тарҷума, семантика, ихтисорот, воқеиятҳо, ғайриэквивалентӣ, трансформатсия, тарҷума, тарҷумон, табдил.

CHOICE OF A DEVICE FOR TRANSMITTING SOVIETISM IN THE NOVELS OF F. MUKHAMMADIEV

This article examines the translation of Fazliddin Muhammadiyev's story "The Corner Chamber". The choice of this topic is due, first of all, to the relevance of the issue related to translation, which fully reveals the novelty in the disclosure of Sovietizes used in the work and in particular in the work of Fazliddin Muhammadiev. This article discusses methods of translating identified Sovietizes from the Tajik language into Russian. Racisms began to penetrate the Tajik language several centuries ago, but a special influx into the Tajik vocabulary remained weak until the early 1930s. The purpose of this article is to study Sovietizes, as well as the words-realities used in the novel "The Corner Chamber", which is of great interest in connection with their national-cultural semantics, which allows us to penetrate into Russian culture. Based on the results of the study, it was revealed that in modern translation studies, to describe the way of life of the Tajik people, everyday life, the writer uses realities - Sovietizes, which in the Tajik text are used as tracing papers, semi-calques.

Keywords: Sovietizes, translation, semantics, abbreviation, realities, non-equivalent, transformation, translation, translator, transformation.

Об авторе
Бакаева Мехринисо Тугаловна
Кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русской и мировой литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 919 03 75 03
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Бақоева Меҳринисо Тугаловна
Номзади илми филологӣ, досент, мудири кафедраи адабиёти рус ва ҷаҳон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 919 03 75 03
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

About the author
Bakaeva Mekhriniso Tugalovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, head of the department of Russian and world literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 919 03 75 03
E-mail: miss_bakaeva@mail.ru

ТДУ 82-143.1 (Тоҷ)

ТАСВИРИ БАҲОРУ НАВРӮЗ ДАР АШЪОРИ ХАЙРАНДЕШ

Каримова З. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Хайрандеш шоири касбӣ ва мардумиест, ки андешаи хайру нек ва пурмаъноюро пурмазмун дорад. Шоирест, ки саропои вуҷудаш шеър аст, шеъри тоза, дилчасп ва мутаҳаррик. Шоирест, ки шеъраш пур аз ҷасорату футувватмандӣ ва пур аз салосату нафосату балоғат аст. Шоирест, ки шеъраш меҳрубонисту хушгуфторӣ ва хушрафториву хушпиндорист. Шоирест, ки шеърашро хурду калон мутолиа мекунанд, азёд мекунанд ва дӯсташ медоранд.

Муҳтавои шеъри Хайрандеш бою рангин аст, амсоли Ватану ватандӯстӣ, меҳнату меҳнатдӯстӣ, зану модар, ишқу муҳаббат, ростию росткорӣ, созандагию бунёдкорӣ, зебоиҳои табиату пешравиҳои ҷамъият, баҳори нозанину Наврӯзи оламафрӯз ва даҳҳо мавзуъҳои дигар.

Дар мақолаи мавриди назар мо танҳо ба як мавзуъ - таъсирпазирии баҳору наврӯз дар ашъори шоир ба тариқи зайл назар меафканем:

Дар табиати зебои мо чор фасл ҳукмронӣ мекунад, ки ҳар яке муъҷизаоти худро дорад. Тобистон гарм асту айёми мевапазӣ, тирамоҳ салқин асту айёми хазонрезӣ, зимистон сард асту айёми барфрезӣ ва баҳор қашанг асту айёми гулрезӣ.

Беҳуда баҳорро “аруси сол” нагуфтаанд. Бале, маҳз дар фасли баҳори “ҷонофар” дарахтон гул карда, муғҷа мебанданд ва ба ғуррабандӣ оғоз мекунанд. Ҳама дашту саҳро ва замину замон қабои сабзпӯш ба тан намуда, гулҳо мешукуфанд, сабзаҳо аз замин сар мебароранд ва табиати зебои мо ба “аруси сол” табдил гашта, гулобод мешаванд. Шоири мо – Хайрандеш аз ҳамаи ин рангиниҳо – лолазорҳою гулбонги ҳазор, чаҳ-чаҳи мурғону ҷӯйборҳои нуқраоб, осмони гулбезу гардуни гулобод, чашми чори сияҳгӯшу гули бодому наргис, бозии барраву бузғолаҳо ва навои найи чӯпониву барори кишту кор ба ваҷҳ омада, ҳамаи ин тавсифҳои баҳорро шабеҳи “қатор – қатор омадани турнаҳои мисраъ” моҳиронаю устокорона ва шоиронаю устодкорона ба таври зайл ба риштаи тасвир кашидааст:

Баҳор омад, гул омад, сабза омад, лолазор омад,
Гулистон омад атрафшону гулбонги ҳазор омад.
Гуворо чаҳ-чаҳи мурғон, дарахтон чатри гулбарсар,
Муҷалло нуқраобаш гулбадомон ҷуйбор омад.
Ҳаво форам, замин гулхезу гулрез, осмон гулбез,
Гулобод аст ин гардун, чӣ фасли хушгувор омад.
Бигӯед. интизоронро биомӯзанд, бедорӣ!
Сияҳгӯшу гули бодому наргис чашми чор омад.
Ба кӯҳу дашту саҳро барраву бузғола дар бозӣ,
Навои найи чупонӣ зи тарфи ҷӯйбор омад.
Сафедабру сияҳабр осмонҳоро фарогир аст,
Хушо, аз неъмати борон барори кишту кор омад.
Баҳорӣ табъи Хайрандеш гашту турнаи мисраъ,
Қатор андар қатор, андар қатор, андар қатор омад [9, с. 404].

Баъдан, шоир омадани ёри “қошсиёҳ”-и худро ба ҳамаи ин зебоиҳои баҳори тезгузар ташбеҳ дода, чунин менигорад, ки пас аз дидани ӯ “аз тамошои гули сурху кабуд” завқ намонда, аз “қақра”-и ӯ “гули олуча шукуфту гули шафтолу аз лаб кушодан бозмонда”, аз парешонии зулфаш “ақлу ҳуши ҳамаро даррабурда”, аз хиромидану омадану рафтанаш “оҳу афсусу надомат ва аламу ҳасрат” кашидааст:

Ёри ман дина ба боғ омада буд,
Вусма бар қоши сиёҳаш зада буд.
Баъд аз ин дар дили ман завқ намонд,
Аз тамошои гули сурху кабуд.

Қақрае зад, гули олуча шукуфт,
Гули шафтолу дигар лаб накушуд.
Зулфро дода, ба чанголи шамол,
Ақлу ҳуши ҳамаро дарбирабуд.
Лаҳзае чанд хиромиду бирафт,
Оҳ, аз ин омадану рафтани зуд.
Буд гӯё, ки ҳама афсона,
Оҳу афсӯс, ки афсона набуд.
Оташак зад ба дили Хайрандеш,
Монд оҳу аламу ҳасрату дуд [9, с. 408].

Дар ин баҳори гулафшон паррандагон ҳам ба нағмасароӣ ва рақсу бозӣ меоянд, аз ҷумла булбули ошиқ ҳам, ки шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, аз ин чархиши фалак баҳри талаби маъшуқи худ гоҳе нола мекунаду гоҳе дар ғазаб мешавад. Шоир ин ҳолатро тасвир карда, ба худ савол медиҳад, ки агар мисли булбул шуридаву ошиқ набошӣ, пас барои чӣ дар ғаму табу тараб мебошӣ?

Булбул, ту чӣ мехонӣ дар ин нисфишабӣ?
Гаҳ нола ҳамекунию гаҳ дар ғазабӣ.
Ё ошиқи мастӣ, ки аз ин чархи фалак,
Маҳбубаи ҷони хешро металабӣ?
Гар булбули шӯрида най, Хайрандеш,
Чӣ дар ғаму чӣ дар табу чӣ дар тарабӣ? [9, с. 405].

Яке аз зебоӣ, дигаргунӣ ва табаддулоти ҷиддии фасли баҳор ин фарорасии рӯзи Наврӯз ва ҷашни Наврӯз аст. Ҳаким Умари Хайёми нишопурӣ дар “Наврӯзнома”-и худ мефармояд, ки «аммо сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр бувад: яке он ки ҳар се саду шасту панҷ рӯз ба аввалин дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вақт ва рӯз ки рафта буд. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт «Наврӯз» ном ниҳод ва ҷашн оин оварда ва пасон подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидоъ карданд». Офтоб дар хатти ҳаракати худ аз 12 бурҷ мегузарад, ки ҳаракати ӯ 365 рӯзу 5 соату 48 дақиқаю 24 сония аст. Ҳамон рӯзу ҳамон вақт, ки ба бурҷи Ҳамал ворид мешавад, ки ин ба рӯзи аввали моҳи Ҳамал баробар аст ва ҳамин рӯзро Наврӯз гуфтаанд:

Ибтидои Ҳамал зи Наврӯз аст,
Ёд дораш, ки сиву як рӯз аст [5, с. 8-9].

Роҷеъ ба мақому манзалати ҷашни мазкур муаллифони китоби “Панҷоҳ пурсишу посухи наврӯзӣ” менигоранд, ки Наврӯз дар фарҳанги тоҷикон яке аз ҷашнҳои муқаддаму муқаддас ва зебою волое маҳсуб меёбад, ки таърихи ташаккули он ба асотири фалакӣ оид ба табиати миранда (зимистон) ва зиндашаванда (баҳор) вобаста будааст. Ба ин хотир, фарҳангшиносон пайдоиши иди Наврӯзро тавассути устурае андар мурдани табиат дар зимистон ва аз нав зинда шудани он дар баҳор маънидод мекунанд. Наврӯз ҳамчун «пешонии соли нав» ва «зодрӯзи офтоб» андар оғоз ва ё аввалҳои пайдоиш ҷашне буда, ҷашни табиат ва кайҳон ва баъдан ба худ пероҳани фалсафии гуногунранг ба тан кардааст [2, с. 9].

Чунин фалсафаю муҳтавои бою рангини Наврӯз ва оинҳои он, аз қабили гулгардонию шеърхонӣ, ҷуфтбаророну ирсоли номаҳои шодбошӣ натавонистааст, ки ба ашъори Хайрандеш бетаъсир монад. Шоир ба васфи баҳору Наврӯз, ки айёми сабзаву борону шодии ёрон, замини гулрезу хандону ҳавои накҳатафшон, тифлони гулгардону лабшакар ва сухансанчу сухандонон, ҷаҳ-чаҳи булбули хушхон дар чаманистони гул ва ҷуфтбаророну муборакбодии одамон аст, афкори худро бад-ин рақам баён намудааст:

Муборак сабзаву борон,
Муборак бод Наврузӣ!
Муборак шодии ёрон,
Муборак бод Наврузӣ!
Замин гулрезу хандон шуд,
Ҳаво бас накҳатафшон шуд,
Зиҳӣ тифлони гулгардон,
Муборак бод Наврузӣ!
Ҳама дар лаб шакар дорад,
Ғазал кайфи дигар дорад.
Сухансанчу сухандонон,
Муборак бод Наврузӣ!
Бишуд равшан чароғи гул,
Бизан чаҳ-чаҳ ба боғи гул,
Саро, эй булбули хушхон,
Муборак бод Наврузӣ!
Диҳад ҳар донаи гандум,
Хабар аз серии мардум,

Барори кор, эй деҳқон,
Муборак бод Наврузӣ!
Бигӯ бар шоҳу бар дарвеш,
Бигу бар шайхи Хайрандеш,
Бигӯ,эй ҷон, ба ҳар инсон:
Муборак бод Наврузӣ [9, с. 406]!

Фасли баҳори нозанинро бо суманак мешиносанд ва он ҳамчун рамзи баҳор эътироф шудааст. Оини “суманакпазӣ” низ таърихи бостонӣ дошта, дар он асосан занону бонувон ширкат мекунанд. Ин калима дар миёни мардум дар шаклҳои «саманак», «саману», «сумалак», «суман», «сабунак» ва “си малак” (“си малоика”) талаффуз мешавад ва як навъи ширинӣ аст, ки аз шираи гандум омода мешавад [2, с. 24]. Суманак дар асл ҳамчун рамзи эҳёи табиат ва зебогию осоиштагии ҳаёт на танҳо дар чорабиниҳои идона, балки берун аз он низ кадбонуҳо ва занони мо дар хонаҳои худ барои аҳли хонавода тайёр мекунанд.

Ба андешаи наврӯзшинос Р. Раҳмонӣ дар гузаштаҳо барои пухтани суманак аз аввал то охир оинҳои махсусе ба мисли ба «суманакмонӣ», «суманаккӯбӣ», «суманакпазӣ», «суманактақсимкунӣ» баргузор мешуд. Дар раванди ҳар кадоме аз ин оинҳо матнҳои фолклорӣ ба мисли дуо, шугун, нақл, қисса ба мушоҳида мерасид. Пухтани суманаки наврӯзӣ аз «суманакмонӣ» оғоз мешавад. Гандумро се рӯз дар об тар карда мемонанд. Сипас то неш задан, тахминан 1-2 ва дар баъзе ҷойҳо то 3-4 сантиметр расиданаш ба муддати 5-6 рӯз об мепошанд. Баъдан шираи нешзадаи гандумро бо корд бурида, дар ҳован кӯфта, ширааашро мегиранд, ки дар ин маврид оини «суманаккӯбӣ» барпо мешавад. Оби шираи гандумро дар дег андохта, тақрибан чор баробари шира ба он орд меандозанд. Пас аз он ойини «суманакпазӣ» оғоз мешавад. Ба таги дег оташ гиронда, 10-15 соат мепазанд. Асосан, занону духтарон ва дар баъзе минтақаҳо ҷавонон ва мардҳо низ бо навбат, бо кафгири калон ва ё бели нав дегро то саҳар мекобанд. Барои ба таги дег начаспиданаш 7 адад сангча ва дар баъзе ҷойҳо чормағз мепартоянд. Пухтани суманак, ки вақти зиёд мегирад, дар гирди он рақсу бозӣ, сурудхонӣ, нақлгӯӣ мекунанд. Дар раванди пухтани суманак сурудеро замзама менамоянд, ки бо номи суруди «Суманак» машҳур аст. Ин суруд маъмулан бар асоси дубайтӣ ва рубоиҳои омиёнаи ишқӣ, баҳорӣ, наврӯзӣ суруда мешавад. Ин мисраъҳоро ҳамчун нақароти суруд истифода мебаранд:

Суманак назри баҳор аст,
Мелаи шабзиндадор аст,
Ки он соле як бор аст,
Соли дигар ё насиб.
Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Пас аз пухта шудани суманак оини «суманактақсимкунӣ» барпо мегардад, ки дар ин маврид низ занҳо ҷамъ шуда, бо машварат суманаки пухтаро бо дуо ва орзуву ниятҳои нек дар соли оянда тақсим менамоянд [4, с. 764 – 770].

Шоири хуштабъи мо Хайрандеш низ гӯё дар марҳилаҳои «суманакмонӣ», «суманаккӯбӣ», «суманакпазӣ» ва «суманактақсимкунӣ» иштирокчии бевосита буда, вагарна ба чунин зебоӣ ва “бомаззагӣ” ӯ наметавонист, оини мазкурро бо ин қадар нозукиҳояш чунин тасвир намояд:

Мон, ки хуб сабза дамонад, суманак,
Мон, ки хуб шира давонад, суманак,
Мон, ки дар рӯи тафи лахчаалов,
Сухтан чист? Бидонад, суманак.
Сурх гардида, чун рухсори арус,
Аз даҳан об равонад, суманак.
Ҳар касе коса надорад, биравад.
Дар табақ зуд бимонад, суманак.
Маззаи кишти баҳорӣ ҳар сол,
Пеш ин аз вақт чашонад, суманак.
Ҳосил имсол шавад, бобаракат,
Ба ҳама мужда расонад, суманак.
Мешавад, садқаҳакаш Хайрандеш,
Ҳар касе пухта тавонад, суманак [9, с. 471].

Хулоса, тасвири баҳору Наврӯз аз мавзуоте ҳаст, ки шояд аз кучактарин то бузургтарин шоир (адиб) ба он даст зада бошад. Баҳору Наврӯз фаслу ҷашне ҳастанд, ки маншаи асосии илҳоми шоирон (адибон)анд, ки Хайрандеш низ дар қатори онҳост. Баҳору Наврӯз мавзуъҳое мебошанд, ки роҷеъ ба онҳо садҳо варақаҳои сафедро сиёҳ кардан мешояд. Вале мо дар ин мақолаи мавриди назар танҳо як чашмандозе ба таъсирпазирии баҳору Наврӯз дар ашъори шоири ширинкаломи замони муосир – Хайрандеш кардем, ки амсоли “муште аз хирвор аст”. Пажӯҳишу баррасии мавзуи мазкур вазифаи ояндаи муҳаққиқони адабиётшинос буда, ки мо ба он боварии комил дорем.

Адабиёт

1. *Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980.*
2. *Аҳмадзод, Ғ.Панҷоҳ пурсишу посухи наврӯзӣ / Ғ. Аҳмадзод, С. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.*
3. *Абурайҳон, Б. Осор-ул-боқия / Б. Абурайҳон. –Душанбе, 1992.*
4. *Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик (ҷ.3, Наврӯз ва ҷашнҳои дигар). - Душанбе: ЭР-граф, 2018.*
5. *Қосимӣ, С. Наврӯзномаи Саъдӣ / С. Қосимӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.*
6. *Пешвои миллат - Пешвои Наврӯз. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ (мураттибон: Қосимӣ С.А., Мерганзода М.). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2024.*
7. *Раҳимов, Д. Заминаҳои асотирии Наврӯз. Китоби “Дастовези наврӯзӣ” (мураттиб: Қосимӣ С.) / Д. Раҳимов. -Душанбе: ДДОТ ба С.Айнӣ, 2018.*
8. *Раҳмонӣ, Р. Наврӯзи ориёии тоҷикон / Р. Раҳмонӣ. –Душанбе: ДМТ, 2013.*
9. *Хайрандеш. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2010.*

ТАСВИРИ БАҲОРУ НАВРӮЗ ДАР АШЪОРИ ХАЙРАНДЕШ

Дар мақолаи мазкур таъсири баҳор ва ҷашни Наврӯзро дар эҷодиёти шоири тоҷик Хайрандеш баррасӣ гардидааст. Ба андешаи муаллиф, Хайрандеш ҳамчун шоир бо ашъори рангоранг ва пурмазмуни худ, ки фарогири ишқ ба Ватану халқи худ мебошанд, машҳур аст. Нависанда хотирнишон мекунад, ки ин мавзуъҳо ҷойгоҳи вежа дар шеъри шоир доранд, зеро намоде аз таҷдиди ҳаёт, шодӣ ва умед ҳастанд. Муаллиф аз ашъори Хайрандеш намунаҳое овардааст, ки дар онҳо зебоии баҳор, бедории табиат ва фазои идонаи Наврӯзро тасвир кардааст. Вай ҳамчунин қайд мекунад, ки Хайрандеш дар ашъори ошиқонаи худ бештар аз тасвирҳои баҳору Наврӯз истифода мекунад. Дар ниҳоят, муаллиф хотирнишон мекунад, ки мавзуи баҳор ва Наврӯз дар эҷодиёти Хайрдеш яке аз мавзуъҳои асосӣ ба шумор меравад, зеро ин мавзуъҳо ба шоир дар офаридани тасвирҳои равшану хотирмон, ки барои бисёре аз мардум ошно ва қобили дарканд, мусоидат кардаанд.

Калидвожаҳо: Хайрандеш, шеъри тоҷикӣ, баҳор, Наврӯз, табиат, ишқ, Ватан, мардум.

ОБРАЗ ВЕСНЫ И НАВРУЗА В ПОЭЗИИ ХАЙРАНДЕША

В данной статье исследуется влияние весны и праздника Навруз на творчество таджикского поэта Хайрандеша. Автор позиционирует Хайрандеша как выдающегося поэта, чье творчество отличается красочностью, содержательностью и глубокой любовью к родной земле и народу. Отмечается, что темы весны и Навруза занимают особое место в поэзии Хайрандеша, олицетворяя собой обновление, радость и надежду. Автор приводит конкретные примеры стихотворений, в которых поэт живописует красоту пробуждающейся природы, праздничную атмосферу Навруза и его влияние на человека. Особое внимание уделяется использованию образов весны и Навруза в любовной лирике Хайрандеша. Автор демонстрирует, как эти темы помогают поэту раскрыть глубину и многогранность человеческих чувств. В заключение автор подчеркивает, что тема весны и Навруза является одной из ведущих в творчестве Хайрандеша. Благодаря ей поэту удалось создать яркие и запоминающиеся образы, которые стали близки и понятны широкой аудитории.

Ключевые слова: Хайрандеш, таджикская поэзия, весна, Навруз, природа, любовь, Родина, народ.

THE IMAGE OF SPRING AND NAVRUZ IN THE POETRY OF KHAYRANDESH

This article explores the influence of spring and the Navruz holiday on the work of the Tajik poet Khayrandesh. The author positions Khayrandesh as an outstanding poet whose work is distinguished by its colorfulness, content, and deep love for his native land and people. It is noted that the themes of spring and Navruz occupy a special place in Khayrandesh's poetry, symbolizing renewal, joy, and hope. The author cites specific examples of poems in which the poet paints a picture of the beauty of awakening nature, the festive

atmosphere of Navruz, and its influence on man. Particular attention is paid to the use of images of spring and Navruz in Khayrandesh's love lyrics. The author demonstrates how these themes help the poet to reveal the depth and multifaceted nature of human feelings. In conclusion, the author emphasizes that the theme of spring and Navruz is one of the leading themes in Khayrandesh's work. Thanks to it, the poet managed to create vivid and memorable images that became close and understandable to a wide audience.

Keywords: Khayrandesh, Tajik poetry, spring, Navruz, nature, love, Motherland, people.

Дар бораи муаллиф
Каримова Зуҳро Мазиёевна
Унвончӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 54 49 07
E-mail: karimovazuhro1970@gmail.com

About the author
Karimova Zukhro Maziyevna
Applicant of Departments of theory and history literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 54 49 07
E-mail: karimovazuhro1970@gmail.com

Об авторе
Каримова Зухро Мазиёевна
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 54 49 07
E-mail: karimovazuhro1970@gmail.com

ТДУ 891.550

ТАРАННУМИ ВАТАН ВА ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ ДАР АШЪОРИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

Таҷоев С. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Шеър дар ҳар давраи таърихӣ баҳри парвариши худшиносиву худогоҳӣ ва рушди хираду маърифат эҷод мегардад. Рисолати шоир ҳам он аст, ки дар такомулёбии маънавиёту одамият авроқ рангин кунад. Мусалламан, шеъри дирӯзу имрӯзи оламгири шоирони мо ин рисолатро бар дӯш доштааст ва ҳамвора бар манзалаи умдатарин василаи тарбияи инсон вазифаи муассир ва барозандаеро анҷом дода меояд. Бидуни тардид, шеъри асил бояд зеҳну фикри инсонро ба таҳрик орад ва ҳиссу таассуротро вусъат бахшад ва аз дигар сӯ, шавқу ангезаи фарогирро дар ниҳоди кас бедор намуда, ӯро ба андешидан ва дарёфти маънӣ талқин кунад.

Дар лобалои ин андешаҳо мехоҳем, ки мурури кӯтоҳе перомуни ашъори дилнишини шоири нуктасанҷу нозукадо Равшани Ҳамроҳ намоем ва осори ватандӯстонаву ифтихорофарини ӯро ба маърази таҳлил ва қазовати хос баркашида бошем. Дуруст аст, ки суханварони пешин шеъри асил ва самимиро фарзанди арҷманди гӯяндааш хондаанд. Ҳар гӯяндаи шеър аз ин бардошт истисно буда наметавонад. Шеъри нобу пурмаъно ба соҳибаш ном меорад ва миёни ҳамзамонон ба ӯ иззату маҳбубият эҳдо мекунад, ки ба ин даъво шакке нест.

Тазаккур бояд намуд, ки афкори миллию ватанпарастӣ дар тамаддуни тоҷикон реша ба умқи таърих дошта, аз куҳантарин замон тоба ҳол ин падидаи матлуб дар осори суханварони шеъру адаби форсии тоҷикӣ рисолат ва ҷойгоҳи вижаро ҳифз карда меояд. Адабиётшиноси маъруф Шамсиддин Солеҳов зимни таҳқиқи ин андеша афзудааст, ки: «Шеъри ватанхоҳии форсии тоҷикӣ решаҳо ва пояҳои устувору амиқи таърихию фарҳангӣ дорад, ки он тули қарнҳо ва даврaҳои гуногуни рушди адаби умумифорсӣ ташаккул ёфта, як тамоили муҳиммуи муҷаллои шеъри оламгири моро ба миён овард». Ҳамзамон доманаи ин мавзуъро фароҳу густурда маънидод карда, таъкид ба он намудааст, ки: «Шеъри ватанхоҳии аҳди Сомонӣ бо қасидаи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ оғоз гардида, тавассути «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ моҳият ва арзиши умумиэронӣ пайдо намуд» [9, с. 5].

Андешаи ишқ варзидан ва гиромидошти Ватан дар қарнҳои баъдӣ, махсусан, пас аз пошхӯрии ҷамоҳири шуравӣ ва ба истиқлолияти комил муваффақ гардидани кишварамон боз ҳам пурҷилотар ва пурсадотар дар зеҳну тафаккури мо мақоми босазо пайдо намуд. Омилҳои ин зуҳуроти пазируфтанӣ аз маҷмуи падидаҳое қувват ва вусъат мегирад, ки ниёзу хостаҳои афроди ҷомеа беш аз пеш ба он эҳтиёҷманд бошад. Воқеан ҳам, зодгоҳро интихоб намекунанд, он ҳар лаҳза дар вуҷуди инсон ҷӯшу хурӯши фараҳбахшро истиқбол намудан дорад.

Ҳар шахс бояд шукронаи он кунад, ки дар сарзамини амну осоишта ва ободу шукуфон рӯзгор ба сар дошта, ба ҳар қатраи обу ҳар зарраи хоки он арҷ мегузорад. Шоири ватанпараст Равшани Ҳамроҳ дар як ғазали ватанпарастонаи хеш бо иштиёқи тамом «Ман агар сӯзам, бисӯзам дар алови ишқи ту, Умрҳо хоҳам, ки бар дӯшам кашам ман бори ту» мегӯяд ва дӯст доштани Ватанро муқаддамтар аз дилбастагӣ ба кулли ашёи дунё медонад. Ба шаҳру деҳот ва дару девори он меҳр бастан ва азизу гиромӣ доштани Ватан қарзи инсонӣ ва виҷдонии ҳар як шахс бояд бошад. Ба андешаи шоир, ин эҳсосро дар қалби ҳамагон парвариш намудан вазифаи наҳустини ҳар фард аст. Ин маънӣ дар абёти зерин хеле ҷаззоб ба қалам омадааст:

Эй Ватан, шукронаи чашми ману дидори ту,
Шукри ин шаҳру деҳоту куллаву кӯҳсори ту.
Халқаи хар дар ба чашмам гармрӯву ошност,
Шукри ҳар дарбаччаву дарвозаву девори ту [8, с. 264].

Дар ёди Ватан будан ва зистан дар қалби меҳрпарвари ҳар нафаре аз мо бо маҳбубтарин садоқат маскангузин аст. Ғояи асосии ин каломи руҳнавозро дар ҳама ҳолат дарк ва эҳсос менамоем ва дар навбати худ, муҳаббатномаи Ватанро дар авроқи заррини рӯзгорамон бо рангҳои гуногун нақшбандӣ мекунем. Замони ҷанги шаҳрвандӣ иддае аз ҳамватанонамон муҳоҷират ихтиёр намуданд ва дар мулки бегона дур аз зодгоҳу диёри хеш бо яъсу ноумедӣ дар ёди Ватан буданд. Ин вазъи ногувору нороҳаткунандаи ҳамдиёронро шоир ба риштаи таҳрир кашида, бозгашти фаврии зодагони Ватанро ба кошонаашон орзу намудааст. Дар ин

рубоӣ мусофирони ғарибро ба макони зисташон ҳарчи зудтар баргаштан таманно карда, фармудааст:

Он мурғи рамидаи ту ояд ба чаман,
Он рухи паридаи ту ояд ба бадан.
Гар яшти Ватан бихонию куф бикунӣ,
Шояд ки мусофири ту ояд ба Ватан [4, с. 66].

Бо пайгирӣ аз ин мазмун шоир дар рубоии дигар ҳамбастагию истиқлолиятро ситуда, дар паҳлуи марди ҳадяи таърих ва тақдири миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар пойдории сулҳу рифоҳи зиндагии мардум фидокорона хидмат намуданд, тифоқу сарҷамъ будanro ташвиқ кардааст. Воқеан ҳам, фарди огоҳу хештаншинос ғами миллатро ғами хеш донад ва аз «фурӯғи рӯзи миллат» дар худ нағунҷад барозандагӣ саъю талош кунад:

Эй Меҳани ман, муборак Истиқлолат,
Пайдо нашавад дар ин замин тимсолат.
Ҳамрохи Эмомалии Раҳмон сарҷамъ,
Мо саъй кунему бех шавад аҳволат [4, с. 66].

Шоири ошиқи ин марзу хоки аҷдодӣ дар шеъри «Иҷлосияи шонздаҳум» аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта бо ғаму андухи гарон ёд карда, он лаҳзаҳои мудҳишро бо ифодаи дардолудаи «Чон дар фирор буд, аз маҳбаси бадан» ба риштаи таҳрир кашида, бо сӯзу алам мефармояд, ки:

Вақте ки об бо чаман мегуфт алвидоъ,
Ҷони азиз бо бадан мегуфт алвидоъ,
Мардум зи тарс бо Ватан мегуфт алвидоъ,
Модар ба гӯши кӯдакаш мехонд алфироқ,
Вақте ки тифл сад ҷигар месӯхт бепадар
Ошиқ ба ҳаҷри дилбараш мехонд алфироқ [4, с. 66].

Ба иқболи тоҷикону тоҷикистониён боди ҷонбахши фархундапай ба мулки мо вазид ва паём аз рӯзгори хушу осуда овард, ки шоир ҳам ин ҳадяи осмониро ҳамчун фарди ташнакому ранҷур ситудааст. Хушҳол аз он аст, ки «айёми ғурамаргии гул» пушти сар шуда ва дигар дам аз он намезанад, ки «Дамгир буд ханда ҳам дар кӯҳу даман, Меҳан азоб мекашид аз зулмати миҳан» ва давраи ҷадиду пур аз навгонӣ боз меҳмони ин сарзамин гардид.

Нухбагону соҳибназарони бонангу ори миллат бо ҳам омада, дар ин ҳамоиши муҳташами таърихӣ роҳи дурусту ояндасозро боз намуданд, то ки аҳли ҷомеа дигар «аз бӯи хоку хун ва аз кӯрдуди ҷанг» ба танг наоянд Шоир хостори он аст, ки зиндагии пур аз амну осоишта ҳамсафару ҳамқадами сокинони ин миллату давлат бошад.

Ногаҳ ба мулки тоҷикон лутфи Худо расид,
Бар рӯйи халқ сояи боли ҳумо расид;
Иҷлосия бапо шуду мардум ба ҳуш гашт,
Аз инзиво биҷаст,
Ҳам аз бало бираст,
Аз қайди маргу зиллату навмедиҳо бираст;
Эмомалӣ биёмаду бар доди мо расид;
Зӯровари хабисро зӯри Худо расид,
Лутфаш ба мо расид [4, с. 64].

Дар ғазали дигари ба ҳамин мавзуъ ихтисосдодаи хеш шоир бо тамоми ҳастӣ ин иҷлосияи ваҳдатовари миллатро «Дар шӯразори аҳди мо будӣ баҳори ҷонфизо» хонда, ҳамзамон иттиҳоду ҳамбастагии мардумонро ба маърази андеша гирифта, пирӯзии ақлу хиradро дар ин лаҳазоти ҳассосу фоҷиабор васф намудааст. Ҳақ ба ҷониби ӯст, ки оғози ваҳдатро аз ин иҷлосия донад ва бо камоли мамнуният «меҳру муҳаббат», «боронi раҳмат», «бахту саодат» ва «дарси футувват»-ро аз файзу эҳсони ин ҳамоиш талаққӣ диҳад. Бо фараҳмандӣ табли шодӣ занад, ки:

Ёрон ба ҳам омехтанд, аз душманон бигсехтанд,
Ақлу фазилат аз ту буд, Иҷлосия, Иҷлосия.
Тоҷик бар мақсад расид, ин қавм бар ваҳдат расид,
Нерую химмат аз ту буд, Иҷлосия, Иҷлосия! [4, с. 64]

Дар нигоштаҳои шоир мафҳумҳои Ватан, Ваҳдат, Истиқлолият ҳамчун вожаҳои муқаддас ва калидӣ дар ҳаёти инсон шинохта шуда, мутолиаи он тану рухи касро ба таҳрик меорад. Андешаи истиқлолхоҳӣ дар ҳар давраи таърихӣ бо рангу шеваҳои мухталиф зуҳур карда, дар асари бузургони илму адаб инъикоси худро ёфтааст. Дар даврони пасошӯравӣ ин ғояи миллӣ қувват гирифта, дар офаридаҳои адибону олимони замони истиқлолият боз ҳам расотару пурвусъаттар ба тасвир омад.

Таърихи тоҷикон дар умри бардавоми хеш борҳо ба шикаст мувоҷеҳ шуда, вале бо амри тақдир ҳаргиз нарехтааст. Балки фарзандони боору бономусашро дар руҳияи истиқлолхоҳиву хештандорӣ парварида, дар роҳи расидан ба ниёзҳову хостаҳои худ ҳамеша ташвиқ кардааст. Шоир ин маъниро ба маҳаки андеша кашида, бо камоли мамнуният «Борҳо ҷон кандам, аммо аз дигар эҳё шудам» гуфта, ҳамчун фарди бовиқору сарбаланд бо алфози ватандӯстона талқин ба он намудааст, ки:

Шаҳду зар аз косаи таърихи миллат хӯрдаам,
Худшиносам кард охир ин дабистони бузург.
Тангчашмон миллати кӯчак шумморандаш, вале
Аз бару бумаш бурун хастанд ёрони бузург [8, с. 68].

Шоир забонро рукни нахустин ва муҳимтарини ҳастии миллат шинохта, онро яке аз василаҳои муҳимми ифтихори миллӣ ва ватандорӣ эътироф кардааст. Зеро забон як мероси азим ва бошукуҳу бисёр ҳам арзишманд ва як мояи сарбаландию рӯди пурфайз аз ганҷинаҳои бузурги мероси фарҳангӣ ва дар воқеъ, ҳама чизи мост. Воқеан, забони тоҷикӣ рамзи ҳувияти мост. Забони имрӯзи мо ҳамон забоне аст, ки нодирамардони гузашта ва адибони тавонои имрӯзаи мо ба кор мебаранд.

Шоир дар шеъри «Дар гиромидошта забон» бо таъсирпазирӣ ва бардошти илҳом аз байти машҳури устод Лоиқ «Заҳр бодо шири модар бар касе, К-ӯ забони модарӣ гум кардааст» гумкардагони лафзи модариро ба ҳар модар сангинтарин мусибат медонад ва онро мушобеҳ ба он мекунад, ки боиси айбу таассуф ва хиёнат аст, агар дар коми булбулон забони гӯшхароши зоғу бум маскан гузинад. Шоир аз ин ҳолати нороҳаткунанда ба шигифт омада, бо тааҷҷубу афсӯс менигорад:

Ҷуз мусибат нест баҳри модарон
Гар баранд аз ёд фарзандон забон.
Зишт бошад, ки забони зоғу бум
Ҷой ёбад дар даҳони булбулон. [8, с. 94].

Ба соҳибзабонон ҳушдор медиҳад, ки забони модарии хешро муаззаму пок донанд ва носипосиву забонгумкардагонро накӯҳиш карда, онҳоро ба бузургдошти лафзи гуҳаррези модарӣ даъват менамояд. Бар он аст, ки агар касе ин каломро аз ёд барад, нуру зиё аз рӯзгораш берун мешавад ва санги маломат ба сараш мерезад.

Ба ҳеҷ ваҷҳ, набояд хиёнат ба забони хеш кард, балки ба қавли шоир ибтидову интиҳои инсон аз каломи модарон аст. Бо ин ният, ба ҳамзамонон таъкидан гӯшзад мекунад, ки:

Гар барӣ аз ёд лафзи модарат,
Мепарад файз аз сари бому дарат.
Ҳамчу санг аз кӯҳи руҳи рафтагон
Нанг борад, нанг борад бар сарат [8, с. 335].

Таърихи пурҳаводис ва дар навбати худ, ғурурофари миллати тоҷик оганда бо муборизаҳои адолатхоҳӣ, ватандорӣ, дифоъ аз марзу буми озодӣ мебошад, ки барои наслҳои ҳар давраи таърихӣ чун роҳнамо хизмат кардааст.

Сабақҳои омӯзандаи таърих ҳамнавъони моро дар маърифат намудани аслу моҳияти воқеоти пешин роҳкушо гардида, дарку фаҳмашонро дар шинохту суд бардоштан аз он ҳодисаҳо, ки гузаштагонамон бо он рӯ ба рӯ будаанд, такмилу тақвият мебахшанд. Ниҳоят, шоир аз ҷумлаи тӯфони ҳаводиси рӯзгор ва аз миёни он ҳама нобасомониву торикиҳои таърих саломат бурун омадани миллати азиятдидаи тоҷик ёд карда, амну осудагии абадиро ба ҳамзамонони худ таманно намудааст:

Мондаам эмин зи аъробу мугулу туркҳо,
Тахтаи худро бурун бурдам зи тӯфони бузург.
Сулху Истиқлолу Ваҳдат дар Ватан поянда бод,
То ки мо созем фардо Тоҷикистони бузург [8, с. 344].

Дар шеъри «Сарнавишт» низ шоир ба дунболи ин маънӣ рафта, аз турктозиҳои айёми гузашта бо ҳасрат ёд оварда, ҳамзамон хушҳол аз он аст, ки чархи таърих боз паёми гарми офтобро ба сарзамини тоҷикон ҳадя намуд ва ин пирӯзию иқболро ба меросбарони воқеии миллат шодбош мегӯяд, ки он таассуроти ғамолудаи шоир бо каломи равону возеҳ рӯи саҳфа омадааст:

Мугул бисӯхт гар танам, вале насӯхт решаам,
Ҳазор навдаи дигар кашид сар зи бешаам.
Зи туркҳози қарнҳо расидаам ба инқилоб,
Ба тирашоми ман расид паёми гарми офтоб [8, с. 344].

Дар ду байти охири ин шеър шоир аз ҷанги таҳмилии даврони истиқлолият, ки бо иғвою дасисаи бегонагон тарҳрези шуда буд, ба хотир оварда, ваҳдату тифоқӣ ва ҳамдиливу

ҳамбастагиро ситудааст. Инчунин равнақу ривоҷи давлатро дар амну офият дониста, дар партави сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат зистанро тараннум намудааст:

Зи вахдату ягонагӣ ба сулҳи кул расидаам,
Гузашта аз дайи маҳал, ба фасли гул расидаам,
Ман аз пайи имоми ҳуд ба сӯи пеш меравам.
Сипас гузашта аз камӣ, ба сӯи беш меравам [8, с. 345].

Шоир дар шеъри «Рӯдакӣ гар рафт….» рӯҷуъ ба сарнавишти шахсиятҳои адабиву таърихӣ намуда, аз замони баъдии рӯзгори падари шеъру форсигӯён дам зада, турктозиҳову хонабардӯшиҳои миллати азияткашидаи тоҷикро ба тасвир мекашад. Ҳарчанд ки Рӯдакӣ ҷисман вуҷуд надорад, вале шеъри обдараш чун «ламъаи ишқу хирад аз ақли бедараш нарафт».

Дар ҷаҳони паҳновари шеър каломи ӯ ба сони хуршеди тобон дурахшанда, дар шоми тор ба мисоли моҳи шабистон ба дидагон нуру зиё ҳадя медорад. Дареғо, ки аз ҳукми тақдир роҳи гурез нест ва бо вуҷуди он ки Чингизу Темуру аҷнабиёни дигар бар сари ин миллат сарсониву шиканҷаҳои зиёдеро ба бор оварданд, аммо забону фарҳанг ва осори гаронмояи аҷдодон ба пасиниён интиқол ёфт. Ғояти афсӯс, ки ба андешаи шоир «Гарчи аз он хирмани шеъри дарӣ, Ҳамчу гавҳар мушти доне мондаву бас». Шоир бо алам даврони фоҷиабори бегонагонро ба риштаи таҳрир кашида, мефармояд, ки:

Туркҳо чун гургҳо дар хиттаҳомон тохтанд,
Аждари балъандаи Чингизи шум
Қасрҳову кӯшкҳоро даркашид,
Хуни гарми тоҷиконро ланги Темур
Солҳо дар косаи сарҳояшон бар сар кашид,
Аз дили мо заҳру озораш нарафт,
Пайки шеъри Рӯдакӣ ҳам мондаву пайкораш нарафт [8, с. 306 - 307].

Дар пиндори шоир, армону хостаҳои устод Рӯдакӣ нотамом нест, балки ворисони бонангу ораш идомадиҳандаи кору пайкори ӯянд. Зеро ба фармудаи донишманди фақид Шарофиддин Рустам “Шинохти бузургон худ аломати бузургест, пешаи бузургонро бо камоли ифтихор идома додан бахтии бузург ва шаҳодати ҷовидонаи адаб аст” [11, с. 12]

Равшани Ҳамроҳ ҳам чун қаламкаши соҳибномус шеър меофарад ва ҷои нуқтаҳои нотамоми пири суханро пур кардан мехоҳад. Ҳадафи аслии шоир «Хишт бар бунёди кохи шеърҳои Рӯдакӣ овардан аст». Шеъри Рӯдакӣ боиси ифтихор ва моияи ҳувияти миллии мост.

Шеъри асил дар ниҳонхонаи зеҳну ҳофизаи инсон ҳамон замон устувор боқӣ мемонад, ки шӯру исёне дар қалбу руҳ барангезад. Ногузир ҷавҳари аслии шеър маънӣ аст. Агар ин рисолатро бар дӯш надошта бошад, он шеър суҳани ҳушку бепероя аст. Шеъри Равшани Ҳамроҳ бори маънӣ мекашад. Шоир бо иншои ин шеър иртиботи милливу маънавии моро бо офаридаҳои бузургони пешин, ба вижа ашъори гуҳарбори устод Рӯдакӣ қавӣ медорад.

Воқеан ҳам, шеъри Рӯдакӣ намиранда аст ва он бозгӯкунандаи ормону хостаҳои азими тоҷикон буда, аз табъи саршори ин бузургвор берун таровида, ба кас лаззати маънавӣ ва руҳӣ тақдим мекунад. Дар майдони шеъри Аҷам ҷавлон мезанад ва ба имрӯзиёну бозояндагон ҳамчун зангӯлаи бедорӣ ва ҳувиятпазир садо дармедиҳад. То одаму олам ҳаст шеъри оламшумули ӯ моро ҳамрозу ҳамсафар аст. Ин ба он маъност, ки шоир бо ифтихор меафзояд:

Корвони шеъри ӯ бигзашта гар аз дашти Таърих,
Нақши пою нимаи бораш нарафт.
Гарчи чун гул чанд рӯзе дар хиёбони Аҷам хандиду рехт,
Атри ӯ боқист андар синаи гулзори назм,
Нақҳати сабки Хуросонӣ зи гулзораш нарафт.
Карнҳо аз гардану бозуи миллат,
Шеъри чун таъвизу тӯмораш нарафт [8, с. 307].

Шеъри «Тоҷикистон» аз пургановаттарин шеърест, ки шоир дар он ишқу алоқаи бепоёни худро нисбат ба Ватан ҳамчун дилдодаи ин марзу хок изҳор доштааст. Шоир Тоҷикистон, яъне Ватани суханпарвару шоирхези худро манбаи эҷоду хонаи обод хонда, обу хок, хасу хор, кӯху пушта ва шаҳру деҳоти онро муқаддастар аз ҳар чизи дигар медонад ва бо иштиёқи тамом дар ситоиши он шуълаи фарёд мезанад, ки оҳанги он ҷаззобу нишонрас ба гӯш садо медиҳад:

Дӯст медорам хасу хори туро,
Дӯст дорам шаҳру кӯҳсори туро,
Мекашам бар дӯши ҳуд бори туро,
Аз гилу обат бувад бунёди ман [58, с. 345.

Шоири ватансаро дар абёти зер гиромидошти Ватанро аз муҳимтарин рисолати инсонӣ дониста, ҳисси ин қарзро дар ниҳоди ҳамватанон тарбият намуданро тарғиб намудааст. Дар зимн ба аҳли сухан эҳтиром қоил буданро ба ҳамагон вазифа гузоштааст. Ин мазмунро чунин баён доштааст:

Бародарҳо, Ватанро пос доред,
Ҷу мурғон ин чаманро пос доред.
Ватан то зинда монад дар суханҳо,
Шумо аҳли суханро пос доред [8, с. 260].

Шоир табиати баҳоросои сарзамини аҷдодии хешро ситуда, бо ифодаи ибораҳои шоирона хушоянди насими кӯҳсорон, сахои абру борон, навои обшорон, азони мурғакон, ҷонамози сабзаҳо, намози рову торон, нишасти майгусорон ва амсоли ин ғазали шӯрангезу дилошӯберо офаридааст, ки мутолиаи он ба кас руҳу тавони тоза эҳдо мекунад.

Тоҷикистон, бар баҳоронат дилам гум мезанад,
Бар насими кӯҳсоронат дилам гум мезанад.
Абрҳои зунг дар шаҳри ғарибӣ беғаманд,
Бар сахои абру боронат дилам гум мезанад. [8, с. 43].

Абёти зерин низхеле шоирона ва ошиқона аз хомаи сеҳрофари соҳиби он баромадааст, ки бо гумони ғолиб метавон онро муассиртарин ва ҷаззобтарин баёни тафаккур дар ин ғазал хонд, ки он ин аст:

Бар азони мурғакону ҷонамози сабзаҳо,
Бар намози рову торонат дилам гум мезанад.
Мисли ман бедор бошанд ахтару дарёи ту,
Бар чунин шабзиндадоронат дилам гум мезанад [8, с. 43].

Ва шоири ошиқи диёру зебоиҳои нотакрори он дар мақтаи ғазал саршор аз сидқу меҳр меафзояд, ки:

Бар мазори орзуҳо зор гиряд Равшанат,
Эй Ватан, бар чашмасоронат дилам гум мезанад [8, с. 43].

Аз таъсири абёти ёдшуда метавон чунин қазоват намуд, ки ба андешаи саҳеҳи шоир Муҳаммадалии Аҷами «Вақте калимот, муҳтаво ва тасвири як шеър руҳро такон медиҳад, бояд қабул дошт, ки он шеър аст».

Суханвари миллатпараст ва ватандӯст сипосманду арҷгузор аз мулки хеш асту дар осораш парвариши ҳисси худшиносӣ ва ташаккули тафаккури таърихии соҳибватанонро тақвият бахшидан мехоҳад.

Аз дидгоҳи шоир, наметавон бо суханпардозиву фазлфурӯшии урён перомуни Ватан ҳарф зада, Ватанро ба тамоми шукӯҳу шаҳоматаш дӯст дошт, балки бо худшиносиву худогоҳии хосса ва фаъолияти судманди меҳнатӣ бояд меҳр ва муҳаббати худро нисбат ба Ватан ифшо сохт. Дар афкори ӯ мафҳуми Ватан маънои серпаҳлу ва пурғунҷоишро ба худ касб кардааст.

Таҳти ин вожаи маъруф мафҳумҳои муқаддасоти миллӣ, забони модарӣ, арзишҳои маънавӣ, қарзи имрӯзу пасиниён ваҳдату созандагӣ барин суханони ифтихоромез ҷойгоҳи вижа дорад. Шоир бар он аст, ки ифодаи садоқат ба Ватан бо хидмати амалии ҳар шахс дар ҷомеа рӯи кор меояд. Ин дубайтӣ ба ҳамин маъност:

Агарчи ҳарфи зебо дилбазан нест,
Зи ҳарфи хушк нафъе бар Ватан нест,
Дахон ширин нашуд аз «қанд» гуфтан,
Нағоти халқ танҳо дар сухан нест [8, с. 250].

Дар дунёи мутамаддин рамзҳои ҳар давлат муаррифгари ҳамон давлату миллат маҳсуб меёбад. Ба ибораи беҳтар, шиносномаи ҳар миллат ин рамзҳои давлатии ӯст. Шоир нишони миллатро бақои давлату миллат хонда, аз бостон то ба ҳол аз соҳибдавлату соҳибкитоб будани миллати куҳанбунёди тоҷик ҳарф зада, ки дар он тамоми хоставу ормонҳои миллиамон дарҷ ёфтааст.

Иззату шарафи миллатро дар миқёси ҷаҳон нигоҳбону муаррифгар аст, ки бозтоби ин маънӣ дар шеъри «Нишон» басе шоирона ва ҳунармандона ба тасвир омадааст.

Дар Нишони мо ҳувайдо аст армонҳоямон,
Кӯҳу хуршеданд имону бақои халқамон.
Тоҷикон хастанд соҳибдавлату соҳибкитоб,
Роҳи мо чун пахта испед асту фардояш аён.
Гандуми мо бехтар аст аз ёқуту тиллои сурх,
Парчами мо дар Нишони мост шаъни тоҷикон. [7, с. 67].

Парчам аз муборактарин мукаддасотест, ки дар тули мавҷудияти соҳибистиқлолии кишвар рисолати бузург ва барҷастаеро бар дӯши худ бардошта меояд. Воқеан ҳам, ин рамзи ҳувиятсозу ифтихоровар дар ниҳоди ҳар фарди ҳушманди бедордил шуълаи умеду ормонҳои миллиамонро рушду таквият мебахшад. Камолу ҷамоли соҳибватанонро ба оламиён манзур медорад ва шукӯҳу шаҳомати давлату давлатдории моро дар пешоруи аҳли башар ба намоиш мегузорад. Ин аст, ки шоири меҳандӯсти миллат худро ихлосманди ин ҳадяи тақдиру таърихи тоҷикон дониста, дар шодиву ғами он ҳамроҳ будани худу ҳамзамононро бо каломи шевою фаҳмо бозгӯи кардааст. Бо қалби саршор аз муҳаббат «Дар дил намедиҳам ҷо куфрони неъмататро, Шукронаи пури ту, шукронаи ками ту» мегӯяд. Шоир ишқу самимияти хешро ба меросбарони дирафши коваёнӣ ифшо сохта, дар ин абёт хостаҳои оганда ба нишоту фараҳро ба мо эҳдо доштааст, ки ниҳоят таъсиргузору хотирмон аст:

Ҳар ҷо қадам гузорам дар зери Парчами ту,
Умре шарик бошам дар шодиву ғами ту.
Дар санги ту тапад дил, ҳар хори ту кунад гул,
Мурғи дилам сарояд бо зеру бо бами ту [8, с. 84].

Суруди миллӣ шеъри пурмоя ва муассирест, ки дар он ҳайсияту ҳувияти миллат бо тамоми рангу таровати таваҷҷуҳбарангез инъикос ёфтааст. Пиру барно бо камоли иштиёқ ва худболидагӣ онро ҳифз намуда, ба ёд супурдаанд. Тариқи садову симо ҳар субҳ ва дар ҳар ҳамоишу анҷуман он садо медиҳад. Садои мутантани он садои қалби софу нияти поки ватандорон гардидааст. Шунидани он ғуруру виқори ҳамдиёронро ангезиш дода, ба кас кайфияту неруи наҷиб тақдим медорад. Ин нуктаи хушҳолкунандаи зеҳну шуури инсон аз қалами шеърофари Равшани Ҳамроҳ ба ин мазмун ифода ёфтааст, ки ҳам хонданӣ ва ҳам мояи истиқбол намудан аз он калом аст:

Пагоҳӣ дар фазои мо танинандоз мегардӣ,
Ба рӯду чашмасорон ҳар саҳар ҳамроз мегардӣ.
Ту ҳастӣ дар забони кӯдакону мӯсафедон ҳам,
Ба гардуни умеди мо пайи парвоз мегардӣ [8, с. 61].

Равшани Ҳамроҳ бо ғурури нотакрори инсонӣ ва ворастагии тамом дӯстдори Ватани хеш аст. Шоир ҳар парандаи хушилҳони Ватанро пошандаи тухми сухан ва ҳар рӯди зархези онро бахшандаи дурри Адан хонда, ба ҳар зарраи хоку ҳар қатраи оби он арҷ мегузорад. Ҳамду саногӯи ин диёр аст ва хешро фарзанди содиқу шукргузори Ватан медонад. Дар ҷаманистони он худро чун ғунчаи шукуфон баршумурда, бо камоли меҳр меафзояд:

Мурғи Ватанам тухми сухан мебахшад,
Ҳар рӯди Ватан дурри Адан мебахшад.
Аз хоки Ватан намекунам ношукрӣ,
Як ғунча агар дихам, ҷаман мебахшад [5, с. 67].

Ниҳоят, ин рубоии дилчаспи шоир поёнбахши ин мухтасар хоҳад буд, ки шоир дар он эҳсосоти ботинии хешро дар ситоиши Ватан ошиқона берун кашидааст:

Ҳар кас, ки қасидаи Ватан мегӯяд,
Гул дидаву ҳолати ҷаман мегуяд.
Тасбеҳи малак ба чарх медонӣ чист?
Аз Ваҳдату Якдилӣ сухан мегӯяд [8, с. 61].

Аз ашъори баррасишуда метавон чунин натиҷа бардошт, ки Равшани Ҳамроҳ дар офаридаҳои ватандӯстонаи хеш чун фарзанди содиқу бовафо дар васфи Ватану манзараҳои фиребандаи он, гиромидошти суннату мукаддасоти миллат аз ба забон овардани алфози ширину намакин дареғ намеварзад. Ҳамеша бар он аст, ки ин мулки биҳиштосо абадан ободу шукуфон бимонад. Ғояи ҷовидонаи Ватан афкору орои ӯро ба тамомӣ фаро гирифта, аз нӯги хомаи ӯ шеъру сухани ноб ба замини шеър рехтааст, ки қалбу руҳи касро шодобу сабз нигаҳ медорад. Бидуни тардид, мутолиаи ашъори дилангези шоир, бахусус дар мавзуи Ватан ихтисосёфтааш ҳушу ёди моро ба бузургдошту ошиқи ин сарзамини аҷдодӣ будан қавӣ ва муҳкам менамояд.

Адабиёт

1. *Акбарзода, Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю.Акбарзода. - Душанбе: Адиб, 2009. - 376 с.*
2. *Аҷами, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър / М. Аҷами. - Душанбе: Адиб, 2008. - 296 с.*
3. *Ваҳҳоб, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ / Р. Ваҳҳоб - Душанбе, Адиб, 2011. - 224 с.*
4. *Равшани, Ҳ. Аз чароғи хона то шамъи мазор / Ҳ. Равшани. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 108 с.*
5. *Равшани, Ҳ. Дарахти ох / Ҳ. Равшани. - Душанбе: Истиқбол , 2013. - 296. с.*
6. *Равшани, Ҳ. Ниҳоли сабзи Борон / Ҳ. Равшани. - Душанбе: 2020. - 308 с.*
7. *Равшани, Ҳ. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар / Ҳ. Равшани. - Душанбе: Ирфон, 2019.- 192 с.*

8. *Равшани, Х. Шасти Равшан / Х. Равшани. - Душанбе: Истеъдод, 2023.- 384 с.*
9. *Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он. Маҷмуи мақолаҳо / Ш. Солеҳов - Душанбе: Ирфон, 2009. - 240 с.*
10. *Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзаи тоҷик / А. Шеърдӯст. - Душанбе, Адиб, 1997. - 272 с.*
11. *Шарофиддини, Р. Каломи Лоиқ / Р. Шарофиддини. - Душанбе: Деваштич, 2003.- 170 с.*

ТАРАННУМИ ВАТАН ВА ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ ДАР АШЪОРИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

Тарғиби ғояҳои миллию ватанпарастӣ дар илму адаби миллати тоҷик аз замони қадим то ба имрӯз ҳамчун падидаи матлуб дар осори суханварони шеъру адаби форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи хосси худро дорад. Муаллиф дар ин мақола мазмунҳои ватандӯстонаву ормонҳои миллии шоири нуктасанҷ Равшани Ҳамроҳро ба маърази таҳлилу таҳқиқ гирифта, атрофи он фикру андешаҳои қобили таваҷҷуҳ изҳор доштааст. Муайян карда шудааст, ки ғояи ватандӯстӣ дар эҷодиёти шоир мавқеи муҳим дошта, шоир ба тараннуми ифтихороти миллӣ, гиромидошти арзишҳову муқаддасоти он, ҳифзи марзу бум, васфи зебоиҳои диёр диққати махсус зоҳир намудааст.

Калидвожаҳо: Равшани Ҳамроҳ, шеър, ғазалиёт, адабиёти муосири тоҷик, ҳунари шоирӣ, ватандӯстӣ, муқаддасоти миллӣ.

ВОСПЕВАНИЕ РОДИНЫ И НАЦИОНАЛЬНЫХ СТРЕМЛЕНИЙ В ПОЭЗИИ РАВШАНИ ХАМРОХ

Сочетание национальных и патриотических идеалов в науке и литературе таджикского народа с древнейших времен до наших дней занимает особое место как желательное явление в творчестве таджикских поэтов и писателей. В данной статье автор тщательно проанализировал и исследовал содержание патриотизма и национальных стремлений поэта Равшани Хамрох, высказал свои мысли и мнения по поводу них определенно, что идея патриотизма занимает важное место в творчестве поэта, причём особое внимание поэт уделял восхвалению национальной гордости, уважению её ценностей и святости земли, защите границ и красоте края.

Ключевые слова: Равшан Хамрох, стихотворение, газели, современная таджикская литература, ремесло поэта, рубаи, патриотизм, национальная символика.

CELEBRATION OF THE HOMELAND AND NATIONAL ASPIRATIONS IN THE POETRY OF RAVSHANI HAMROH

The combination of the national and patriotic ideals in the science and literature of the Tajik people from ancient times to the present day occupies a special place as a desirable phenomenon in the work of Tajik poets and writers. In this article, the author reviewed analyzed and explored the contents of the patriotism and national aspirations of the poet Ravshani Hamroh, expressed his thoughts and opinions about them, definitely that the idea of patriotism occupies an important place in the poet's work, and the poet paid special attention to the praise of national pride, respect for its values and the brightness of the earth, the protection of borders and the beauty of the region.

Keywords: Ravshan Hamroh, poem, ghazel, modern Tajik literature, the craft of a poet, rubai, patriotism, national symbols.

Дар бораи муаллиф
Тағоев Салим Саидмуминович
Омӯзгори кафедраи забон ва адабиёт
Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 82 42 87
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

Об авторе
Тагоев Салим Саидмуминович
Преподаватель кафедры языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 82 42 87
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

About the author
Taqhoev Salim Saidmuminovich
Teacher of the Department of Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 82 42 87
E-mail: salimtagoev1@gmail.com

УДК 82-3(65.5)

ПРИНЦИПЫ КОМПОЗИЦИОННОГО ПОСТРОЕНИЯ «ЛОИКНАМЕ» СОРБОНА

Хошимова Х. А.
Институт языка и литературы имени А. Рудаки НАНТ

В современной таджикской литературе Сорбон считается одним из самых продуктивных и талантливых писателей. Его творческая деятельность протекала в два разных периода: советский период и период независимости Республики Таджикистан. Уже одно это наложило свой отпечаток на его творчество и предопределило его интерес к социально-нравственным проблемам современного общества, ибо им были поставлены важнейшие вопросы о социальной сущности человека, жизненных обстоятельствах, влияющих на формирование его характера, об исторической перспективе, связывающей прошлое, настоящее и будущее. При этом значительное место в произведениях писателя занимают философские рассуждения о людях, исторических событиях, жизни и смерти, любви и ненависти.

Сорбон родился 27 января 1940 года в селе Амондара Пенджикентского района Согдийской области в семье Хамроха Кодира. Настоящее имя писателя Облокул Хамроев, а Сорбон является его литературным псевдонимом. Детство писателя прошло в селе Амондара в окружении матери Биёдгор, отца, а также близкого друга семьи Рустамхон.

В 1958 году Сорбон окончил пенджикентское училище, а в 1963 году – Таджикский государственный университет. После окончании ВУЗа работал там же на кафедре таджикского языка. Позже работал в СМИ и Союзе писателей Таджикистана. В 1965 году он начал писать рассказы, и его первый сборник рассказов «Не все еще сказано» был опубликован в 1969 году. Автор известных повестей «Первый звонок» (1970), «Каменный щит» (1972), «Джуги» (1973), «Было, не было» (1975), малых повестей «Шинель» (1978), «Сабо» (1980), «Кумри» (1986), «Змеиная степь» (1990), «Запасное колесо» (1990), «Раздумье» (1995), «Одинокий мужчина» (2003), «Санам» (2010), «Спитамен» (2011), романов «Актёр» (1981), «Зарафшан» (1988, 1997), «Сказание о Божьем сыне» (2000, 2005), «Туграл» (2007), «Росу» (2010), «Кадевар» (2011), «Барзгар» (2014), «Шахбону» (2019) и ряда других произведений. По произведениям Сорбона снято несколько художественных фильмов. Сорбон также перевел на таджикский язык некоторые произведения Л. Толстого, Ф. Достоевского, Н.Островского, Нодара Думбадзе, Чингиза Айтматова.

Сорбон является лауреатом республиканской литературной премии имени Рудаки и обладает званием Народного писателя Таджикистана.

Весьма актуальным для современной литературоведческой науки Таджикистана представляется исследование жанровые своеобразие в творчестве литераторов. В данной статье рассмотрено произведение Сорбона, относящийся к документальной литературе на основе изображение действительности. По мнению А.Набиева, специфика художественного изображения писателем действительности, прежде всего, связана со способом повествования, манерой изложения писателя, с определенной характеристикой персонажей, с композицией произведения [3, с. 134].

В прозе Сорбона также имеет место и документальная литература, созданная на основе фактов. Это произведение «Лоикнаме», посвященное закадычному другу.

«Лоикнаме» - это биографическое произведение, в котором описываются события из жизни и деятельности известного современного таджикского поэта Лоика Шерали. Это художественное произведение основана на фактах и относится к документальной литературе. События и факты из жизни поэта автор приводит временами с его собственных слов и непосредственно, как очевидец происходящих событий, участником которых он был сам. Биография поэта описывается через ряд переживаний и коллизий, имеющих отношение к историческим переменам в обществе, а также имеет отношение к социально-политическим вопросам.

Принципы композиционного построения «Лоикнаме» следующий: взаимосвязь глав и частей произведения разделена пунктуационно; описание событий жизни и деятельность поэта не имеет хронологического порядка; повествование начинается с диалога самого автора с сыном поэта и спутником Кори Шарифа (старшего брата поэта): «за окном он увидел знакомый и в то же время незнакомый силуэт, после кашля услышал знакомый голос:

«Дядя, я это, я, Джамшед!.. – Дядя, папа... – А? сказал я, переспрашивая его снова. – У папы давление поднялось, он сказал, чтобы приехали вы и в месте с вами Кори Шариф...» [7, с. 271].

В построении произведения использована дорога, и диалог, в которой писатель, как участник событий рассказывает о жизни и деятельности поэта. Из беседы между четырьмя спутниками писатель уходит в прошлое, тем самым в воспоминаниях монологически изображает отрывки из жизни поэта. В «Лоикнаме» традиционно писатель использует прием *ретроспекцию*, вспоминая период детства, юношества, студенческие времена, когда поэт создавал семью, тем самым писатель отражает происходящие события, имеющее отношение к Лоику. Автор и главный герой связаны между собой и имеют общие точки соприкосновения. Взаимоотношения персонажей, развитие художественного конфликта, событийность, описание пейзажа и авторские отступления направлены на раскрытие личности поэта и его характера. Более сорока шести лет автор и поэт были вместе, поэтому в произведении рассказываются основные факты из жизни поэта, его происхождение, получение образование, работа, служба, создание семьи и семейные отношения и о смерти. Для этого писатель из всех своих воспоминаний и выбрал *обратный* или *инверсионный* прием.

Особое место в произведении принадлежит образу Кори Шарифа, от имени которого автор рассказывает о детстве поэта. За рулем писатель задает вопрос Кори Шарифу, отмечая то, что я слышал о его детстве, а он очевидец всего его детства, как старший брат рассказывает:

«– А брат!? .

– Да?

– «Его детство прошло одиноко?...».

– Он не был одиноким... Правду говорит... хотя и был со мной, но выглядел одиноким...» [7, с. 276]. Кори Шариф был очень заботливым братом, именно, благодаря его наставлению и поддержке Лоик Шерали переезжает в город Душанбе, где начинается творческий путь великого поэта. Когда писатель, обращаясь к Кори Шарифу просит рассказать о детстве поэта, он говорит: «Я прочитал биографии всех литераторов. По моему мнению никто не страдал так как страдал Лоик. Но, по его внешности, поведению, отваги и благородству видно то, что сильнее его нет никого. Он бесстрашный и храбрый, так как вырос в страданиях и трудностях» [7, с. 282]. Таким образом, Кори Шариф начинает свой рассказ о детстве Лоика, подчёркивая доблесть своей матери, которая внесла большой вклад в воспитание своих детей. Так автор, от имени второго лица знакомит читателя с нелегкой судьбой жизни поэта. Из рассказа выясняется, что отец Шерали из-за плохих взаимоотношений председателя сельсовета Мазора вынуждено покидает село и уходит работать в Верхнею Рашну. Проходит год, но от него было никаких известий. Поэтому мать вместе с тремя детьми (12-летним Кори Шариф, 9-летним Шерали и маленькой сестренкой Хуснат) в период зимних каникул выходят на поиски своего пропавшего отца. Тогда говорил Лоик «я впервые узнал, что такое надежда». Они прошли многие села Косатарош, Вагаштон, Шинг и только потом дошли до Нижней Рашу, мы перенесли много трудностей, но увидев свою мать, ее стремление найти отца, я только тогда осознал, вспоминал Лоик, «выносливость матери, настойчивость женщины. Я знал, что отец мой был неповторимым мужчиной, храбрым, гневным, вспыльчивым, сильным, упрямым, крепким, правдивым и честным человеком... Наверное, именно из-за такого характера он не мог ни с кем ужиться. И причина его ухода из шахты может быть заключалась в этом» [7, с. 284]. Тогда он пытался понять какая пропасть стоит между матерью и его отцом. Позднее он понимает, что отец создал новую семью, и что больше он к ним не вернётся. Писатель, после рассказа из жизни поэта, вновь возвращается в настоящее время, и в монологе размышлений думает о состоянии Лоика Шерали в больнице Карияи Боло. Беседа автора с спутниками затрагивает разные темы такие как отрывки из Библии, о возникновении реки Зарафшан, о персидском языке, языковедах и т.п.

В произведении в лирическом отступлении писатель ярко выражает свои мысли о советском периоде, о взаимоотношениях между творческими личностями, работе на радио, говорит о событиях в период нестабильности края, гражданской войны, случаях на дороге, отрывки из жизни Лоика, его поступлении в ВУЗ и т.д.

Жизнь и деятельность Лоика основывается на фактах, с одной стороны, он показан как утонченный поэт, а с другой же, – как друг, человек с большой душой.

Многие события автобиографии писателя и события страны повлияли на особенности творчества Лоика Шерали. Особенно события периода гражданской войны для поэта были

драматическими. Человеческие козни, социальные потрясения сильно повлияли на творчество поэта. Много внимания автор уделяет раскрытию внутреннего мира, психологического состоянию поэта: «Когда страдает, курит, раздавливает водкой свою боль. Так страдает за мир, родину, что за дымом его лицо кажется закопчённым» [7, с. 403].

В произведении немало место отведено раскрытию характера поэта. В основном характер поэта показан в развитии событий. Центральная фигура произведения – известный таджикский поэт Лоик Шерали. Остальные персонажи, окружающего его и взаимоотношение с ними определяет динамику развивающихся событий. По мнению М. Шукурова, Сорбон более всего склонен к подробным психологическим описаниям. «Иногда кажется, что молодой писатель во время сердечного напряжения героя слишком много копается в психологическом состоянии героя, и в данном случае изображение душевного страдания становится основной целью писателя. Но он достигает успеха в том, что в различные моменты психологического состояния человека он заглядывает в его душу и изображает сложные сцены жизни, которые весьма разнообразны, и отдельные моменты так не похожи друг на друга и состоят из прямо противоположных друг другу элементов. Тогда ему удаётся показать силу воли личности человека и его решимость, описать образ наших современников во время напряжения их душевного состояния» [10, с. 95]. Х. Асоев, в свою очередь, подчёркивает: «Сорбон является писателем - реалистом. В своих произведениях описывает все так, как есть не самом деле: герои отображаются такими, каковы они в жизни. Писатель склонен к отображению сильных эмоций героя, физических и душевных его состояний, мужества, силы и человеческого духа. Для писателя важным является отображение жизненных удач и неудач, имеющих место в человеческой жизни. Писатель обращает внимание на человеческий разум и печальные жизненные ситуации. Эти особенности в будущем в творчестве писателя развиваются в новой форме и оттенках в его других произведениях» [1, с. 38].

Таким образом, во второй половине XX в. в таджикской прозе основное внимание стало уделяться «раскрытию человеческой индивидуальности», психологическому анализу, социально-нравственным проблемам, внутреннему миру человека. Об этом довольно подробно писали в своих исследованиях современные таджикские литературоведы. В художественной литературе появилась так называемая «проза размышлений», которая непосредственно повлияла на творчество молодого поколения писателей, в том числе и на творчество известного таджикского прозаика Сорбона. Его оригинальные произведения интересны не только своими сюжетами, стилем, образами, но и поэтикой, присущей этому автору.

Литература

1. *Асозода Х. Осори адабии Сорбон // Дар китоби «Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ». Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.37-44.*
2. *Лотман Ю.М. В школе поэтического слова. Пушкин, Лермонтов, Гоголь. – М.: Просвещение, 1988. – 520 с.*
3. *Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср: маҷмуаи мақолаҳо / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.*
4. *Проблемы художественной формы социалистического реализма. В двух томах. Т.1. Аспекты изучения. Художественная форма и действительность. – М.: Наука, 1971. – 422 с.*
5. *Сайфуллоев А. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат // Дар китоби «Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ». Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.50-57.*
6. *Салимӣ Н., А. Набавӣ. Камолоти суханвар / Н. Салимӣ. Дар китоби «Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ». Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши Одили Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.45-49.*
7. *Сорбон. Куллиёт. Ҷ. IV. Романи «Актёр». Лоиқнома / Сорбон.–Душанбе: Эҷод, 2009. – 440 с.*
8. *Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.*
9. *Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1998.– № 1/6.– С. 111–121.*
10. *Шукуров М. Обновление. Таджикская проза сегодня. Монография. Пер. с тадж. / Шукуров. – М.: Советский писатель, 1986. – 272 с.*
11. *Шукуров М. Тавоноии инсон ва ё яъсу ноумедӣ // Дар китоби «Сорбон дар оинаи нақду сухансанҷӣ». Гирдоварӣ, таҳия ва вероиши О. Нозир. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С.73-84.*

ПРИНЦИПЫ КОМПОЗИЦИОННОГО ПОСТРОЕНИЯ «ЛОИКНАМЕ» СОРБОНА

В статье рассматривается принципы композиционного построения «Лоикнаме» Сорбона. Писатель в композиции своих произведений в большинстве случаев использует дорогу и это построение наблюдается в документальном произведении «Лоикнаме», которое создано на основе

фактов и это произведение посвящается закадычному своему другу Лоик. Автор, исследуя творчество Сорбона, также обращает внимание на среду в которой развивается творческая деятельность писателя. По мнению автора, во второй половине XX века в таджикской прозе литераторы в своих произведениях изображали основу жизненной действительности, иначе говоря, обратили внимание на изображение действительности жизни простых людей. В литературе этого периода аналогичное изображение называли стилем чистого реализма, что в дальнейшем оказало значительное влияние на развитие таджикской прозы и на творчество молодого в то время писателя Сорбона. Сорбон в своих произведениях всегда стремился раскрыть душевное состояние человека в драматических обстоятельствах, изобразить глубину человеческой души, осмыслить человеческую жизнь, суть бытия и миссии человека. Его творчество в целом носит философский характер.

Ключевые слова: документальный, произведение, композиция, принципы, Сорбон, творчество, характер.

УСУЛИ БАНДУБАСТИ «ЛОИҚНОМА»-И СОРБОН

Дар мақолаи мазкур принсипҳои бандубасти «Лоиқнома»-и Сорбон баррасӣ шудааст. Нависанда дар бандубасти бештари асарҳояш мавзуи роҳро ба кор мебарад ва дар асари ҳуҷҷатии «Лоиқнома» низ чунин сохтор ба назар мерасад, ки дар асоси арқому далел таълиф шуда, аслан ба дӯсти ҷамолакиаш бахшида шудааст. Муаллифи мақола эҷодиёти Сорбонро таҳқиқ намуда, ҳамчунин ба муҳити адабии нависанда, ки дар он фаъолияти адабии ӯ такмил ёфтааст, таваҷҷуҳ менамояд. Ба андешаи муаллифи мақола, дар нимаи дуввуми асри XX дар насри тоҷик аҳли адаб дар асарҳои худ асоси воқеии ҳаётиро тасвир мекарданд, ба тариқи дигар гӯем, ба тасвири воқеияти зиндагии мардуми одӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Дар адабиёти ин давра тасвири шабеҳро сабки реализми сирф ном мебурданд, ки баъдан ба рушди насри тоҷик ва эҷодиёти насли ҷавон, аз он ҷумла Сорбон амиқ таъсир мерасонад. Сорбон дар офаридаҳояш сайъ мекунад, олами ботинии инсонро ҳангоми садамаи фоҷиавӣ, амиқияти кайфияти руҳӣ тасвир намояд, ҳаёти одамро ба андеша гирад, моҳияти ҳастӣ ва рисолати одамиро дарк намояд. Фаъолияти эҷодии нависанда умуман ҷанбаи фалсафӣ дорад.

Калидвожаҳо: ҳуҷҷатӣ, асар, бандубаст, принсип, Сорбон, эҷодиёт, характер.

PRINCIPLES OF COMPOSITIONAL CONSTRUCTION OF THE SORBON'S "LOICNAME"

The article discusses the principle of compositional construction of Sorbon's "Loicname". The writer in the composition of his works in most cases uses the road and this construction is observed in the documentary work of Loicname, which was created on the basis of facts. This work is dedicated to the writer's bosom friend Loic. The author while exploring the work of Sorbon, also draws attention to the condition in which the writer's creative activity develops. According to the author in the second half of the 20th century, in Tajik prose writers in their works depicted the basis of life reality, in other words, they paid attention to the depiction of the reality of life of ordinary people. In the literature of this period, a similar description was called the style of pure realism, which later had a significant influence on the development of the Talik prose and on the work of the young writer Sorbon at that time. Sorbon in his works always sought to reveal the mental state of a person in dramatic circumstances, to depict the depth of the human soul, to comprehend human life, the essence of human existence and mission. His work as a whole is philosophical in nature.

Keywords: documentary, work, composition, principles, Sorbon, creativity, character.

Об авторе
Хошимова Хуршеда Абдумановна
Кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела современной литературы
Институт языка и литературы имени А.Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 21
E-mail: hurshedah@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Ҳошимова Хуршеда Абдумановна
Номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосир
Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21
E-mail: hurshedah@mail.ru

About the author
Khoshimova Khursheda Abdumanonovna
Candidate of philology, leading researcher of contemporary literature
Institute of Language and Literature named after A. Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21
E-mail: hurshedah@mail.ru

ТДУ 930.252:947.025

“ТОҶИКОН” - ДОНИШНОМАИ ОХИРИ АСРИ XX ВА АВВАЛИ АСРИ XXI

Ҳақназаров А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз замони нигориши “Авесто” бо мазмуни Донишнома то имрӯз бештар аз 4 ҳазор сол сипарӣ шудааст. Донишнома дар пӯсти гов бо ҳарфҳои заррин, дар замони шоҳи Каёнӣ – Луҳросб, дар охири ҳазораи II пеш аз милод бо забони Каюмарс – суриёнӣ навишта шуда буд.

Паёмади “Авесто”, китоби “Тоҷикон” чун нигораи тавсифгару равшансози таърихи миллати тоҷик дар охири ҳазораи II милодӣ - соли 1972 ба табъ расид. Мо - тоҷикон, ифтихор ва арҷгузорӣ дорем, ки академик, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тамоми фаъолияти босамари илмии худро ба нигориши таърихи пурифтихори миллат ва ба оламиён муаррифӣ кардани он сарф кард. Тоҷикон бо муборизаҳои мутасили тӯлонӣ бар зидди хоқонати турк ва арабҳои истилогар, дар охири ҳазораи I милодӣ, асри X, бо сарварии Оли Сомон давлати навбатии мутамаддини худро ташкил намуданд, ки он тамоми фазои ҷуғрофии ҳудуди Осиёи Миёна ва бисёр музофотҳои ба он ҳамҷавори қораи Осиёро фаро гирифтаву воқеан ҷойгузини Эрони Фаридунӣ гашта буд.

Вале бо ҳукми таърих, дар оғози ҳазораи II милодӣ, асри XI халқи тоҷик паёпай боз ба зери юғи аҷнабиёни нави моҷароҷӯю ситамгар - қабилаҳои сершумору гуногунтаборӣ туркиву муғулӣ, Русияи подшоҳиву болшевикӣ гирифтор гашт. Дар давоми 1100 сол, яъне то асри XX охири ҳазораи II дар асорати онҳо буд.

Шеваи давлатдориву маъмурӣ, забони давлативу фарҳанг, расму оинӣ қабилаҳои саҳрогарди турктабор бо ақлу заковати тоҷикон ҷараён дошт. Вале ду ҳукумати охирин - Русияи подшоҳӣ ва болшевикӣ қавми куҳанбунёди ба халқи тоҷик муродифгаштаро ба ҳолати берун шудан аз саҳнаи таърих расониданд.

Болшевикон ҳам, ба мисли ҳукумати подшоҳӣ, ба Осиёи Миёна бо мақсади бунёди пойгоҳи ашёи хом барои саноати кишвари худ лашкар кашиданд. Идеологияи “болшевизм” барои мардуми мусулмони ин музофот ғайрирасмӣ буд ва ба ин ҷо бо таззоди ба ҳамаи дастовардҳои таърихии онҳо оштинопазир ҷорӣ гашт. Мақсад дошт, ки тоҷиконро аз ҷаҳонбинии қаблӣ, дину оин, расму русум маҳрум сохта, ба истеҳсолкунандагони фаъолу гапдарои ашёи хом, табдил диҳад.

Онҳо, тамоми музофотҳои асосии Осиёи Миёнаро бо сабукӣ, дар муддати 8 моҳи соли 1920 ба худ тобеъ карда, онро “Туркистони Шуровӣ” номиданд. Вале моҳи январи соли 1921 ҳамин, ки ба истилои музофоти тоҷикнишин - Бухорои Шарқӣ машғул шуданд, дар тӯли 4 сол ба муқовимати шаддидӣ таҳлуканок дучор омада, талафоти зиёди моливу ҷонӣ диданд. Талафоти ҷонии мардуми маҳаллӣ бошад, бештар аз 200 ҳазорро ташкил дод. Шумораи талафёфтагон аз 800 ҳазор нафари соли 1917, дар соли 1924 то ба 600 ҳазор ва ҳатто аз ин нишондод зиёдро ташкил дод.

Бори якум, Артиши Сурх ба ин музофот, ки ворид гашт, дар муддати кӯтоҳ, дар оғози моҳи март ба гӯшаҳои дуртарини Бухорои Шарқӣ - Ғарму Ҷиргатол расид ва “Кумитаи ҳарбии инқилобӣ” таъсис дод. Вале саркардаҳои маъмурини қаблӣ ва намояндагони мардуми заҳматкаш, ки муруввати болшевиконро бемуросо, бо горатгариву куштор мушоҳида карданд, ба кӯҳу канораҳои дурдаст паноҳ бурданд. То моҳи август, тариқи пинҳониву ошкоро, ба шуроҳои болшевикон сар дароварда, то моҳи август онҳоро ба даст оварда тартиботи қаблии идории худро ҷорӣ намуданд. Соли 1922 ба он муваффақ гаштанд, ки бо таҳдид артиши болшевиконро аз Душанбе берун бароранд ва тартиботи амириро аз нав ҷорӣ намоянд.

Болшевикон соли 1923 ҳуҷуми навбатии қасосгиронаи худро бо артиши аз нав такмил додаву гурӯҳу сохторҳо қудратии ҷазодиҳанда, ба таври васеъ дар як чанд самт ташкил намуда, то августи соли 1924 шурои худро дубора барқарор карданд. Ва бо ин алам, куштори мардуми бегуноҳ, мусодираи молу амволи онҳо, таъқиби нобиғаҳои сиёсиву ақлии музофоти тоҷикнишинро то соли 1953 идома доданд.

Бобоҷон Ғафуров рафъи ин мусибатҳову ҷалб намудани мардуми ситамдида ба созандагӣ ва бедор кардани руҳияи худшиносии миллии онҳоро, бо неруи ақлӣ, заковати баландӣ маърифатии аз гузаштагон меросмонда, имконпазир ҳис намуд. Ба ин хотир, вай ба равшансозии таърихи Ватан машғул шуд ва доир ба он зиёда аз 300 асарҳои калону хурд ва мақолаҳо нашр намуд. Бисёр масъалаҳои мубрами таърихи бостонӣ, наву навтарини кишварро бо фасоҳати балнади илмӣ, дар симпозиум ва конфронсҳои байналмилалӣ ва иттифоқӣ баррасӣ намуд**.** [3, с. 3-42]. Ҳаёт шоҳид гаштааст, ки тамоми аҳли хиради миллат, бахусус таърихнигорон, файласуфон, сиёсатшиносон, адибон, шоирони асри XX ва 24 соли аввали асри XX1 ҳама пайраву шогирдони ӯ гаштаанд [1, с. 14-15]. Ва доир ба ҳамаи самтҳои фаъолияти сиёсӣ-ташкилотчигӣ, дипломатӣ, эҷодӣ ва зиндагии вай асару мақолаҳои илмӣ, бадеӣ-оммавии бешуморе ирсол намудаанд.

Нахустин асари калонҳаҷми Б. Ғафуров, “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” соли 1947 бо забони тоҷикӣ аз чоп баромад. Ин аввалин асари фарогири таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик буд ва бо қиматнокии худ дар солҳои 1949, 1952, 1955 такроран дар ҳаҷми беш аз ҳазор нусхагӣ ба нашр расонида шуд [3, с. 13].

Дар мавриде, ки вазифаи директори Институти Шарқшиносии Иттиҳоди Шуравиро иҷро мекард (с. 1956-1970), вақти зиёди худро ба гирдоварии сарчашмаҳои таърихии Олами Шарқ: муғулӣ, арабӣ, курдӣ, чиноӣ, курёӣ, манҷурӣ, ҳиндӯӣ, туркӣ, панҷобӣ, уйғурӣ, форсӣ, гурҷӣ ва тунгузӣ сарф намуд. Бо якҷоягӣ бо академикҳо И. А. Орбели, ва О. К. Дрейер осорҳои фароҳамовардаро дар соли 1987 дар ҳаҷми ду ҷилд бо унвони «Рукописная книга в культуре Востока» рӯйи чоп оварданд [5, с. 6].

Б. Ғ. Ғафуров ин сарчашмаю мадракҳо, адабиёти сершумори аврупоию ватанӣ ва осорҳои бостониро ҷуқур омӯхтаву бо таҳлили ҳарҷониба, аз фишурдаи онҳо шоҳасари худ “Тоҷикон”-ро чун Донишномаи замона нигошта, ба ҷаҳониён пешкаш намуд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин хизмати бузурги фарзанди фарзонаву содиқи миллат бо қаноатмандӣ чунин изҳор кардааст: “Хушбахтона, баъди заҳматҳои зиёд китоби “Тоҷикон” бо забони русӣ соли 1972 бо теъдоди 10 ҳазор нусха аз чоп баромад (“Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история».-Москва: Наука, 1972)» [2, с. 9]. “... Б. Ғафуров ба ҳадафи худ расид. «Исбот кард, ки тоҷикон дар Осиёи Миёна сокинони бумӣ ва соҳиби тамаддуни оламшумул мебошанд ва ҳамин тариқ ба олимони таҳрифгар зарбаи ҷонкоҳ зад” [2, с. 8]. Дар ин миён таҳрифгари асосии таъриху фарҳанг, дину оин, инкоркунандаи ғояву осори илмию бадеӣ ва маслаки нобиғаҳои ниёгони тоҷик, сиёсату идеологияи дар масдари “гуманизм” ба роҳ мондаи болшевизм ҳисоб мешуд.

Нусхаи аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардашудаи ин асар такроран солҳои 1983, 1985, 1998 дар Душанбе: нашриёти “Ирфон”, бо теъдоди сершумор ба чопрасид. Сарвари давлат баъдтар, фузунии қимати илмии ин асарро бештар дарёфт. Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 таъқид намуд, ки: “Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносист ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.” Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дод, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби “Тоҷикон”-ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд.

Вазорати маориф ва илм, фарҳанг ва Академияи илмҳо вазифадор карда шуданд, ки китоби мазкурро ба забонҳои байналмилалӣ тарҷума ва чоп карда, нусхаҳои электорнии онро тавассути шабакаҳои иттиолотӣ паҳн намоянд. Арзиши илмии ин асари бунёдӣ бениҳоят бузург аст ва муаллифи он бо заҳмати чандинсолаи худ, мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои рангини мамлакатамон ошно кард [4, с. 636-637]. Супоришии Сарвари кишвар ба иҷро расид, соли 2020 дар “Нашриёти муосир” бо миқдори 1 600 000 аз нав чоп кардаю ба суроғаҳои таъиншуда расонида шуд. Илова бар ин, Сарвари кишвар таъкид кард, ки соли 2023 озмуни “Тоҷикон” - оинаи таърихи миллат” таҷлилу гузаронида шавад. Озмун дар охири сол моҳҳои сентябру декабр ҷамъбаст гардид ва ғолибон бо туҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд.

Уфуқҳои таърихии ин асарро даврaҳои қадимтарин, қадим, асримиёнагӣ ва давраи нав, то охири асри XIX ташкил додаанд. Б. Ғафуров, ба бисёр ақидаву назарияҳои муаллифони бурунмарзиву Иттиҳоди Шуровӣ, ки бо ғояҳои синфии ҷомеадорӣ олудаанд, бо таҳлилҳои воқеъбинона, бо маҳорати баланди фасеҳгӯйӣ ва ҳалимона, хулосаҳои хоси худро иброз доштанд. Донишномаи Зардушт “Авесто”-ро, ҳамчун сарчашмаи таърихи бостонии наслҳои

ориёнажод ва Дунёи Қадим эълон карда, барои тақвияти андешаҳои худ доир ба масъалаҳои мубрами баҳсталаб аз матни он фишурдаву порчаҳои бисёри алоҳидарро шоҳид гардонид.

Ҳоло ғайр аз теъдоди зардуштиёне, ки дар Эрони имрӯза ба қайд гирифта шудаанд, зиёда аз 100 ҳазор зардуштиёни дигар дар Ҳиндустон зиндагӣ менамоянд, ки ононро муаллифон ориёӣ нею одатан «порсиён» меноманд. Ин ақида дар асл, ба назария ва воқеияти таърихии зуҳури зардуштия чун таълимоти ориёиҳо алоқамандӣ надошт, чунки замони зисти Зардушт, зуҳури таълимоти ӯ, тибқи маълумоти худи наслҳои ориётабор, қариб ба ҳазораи 11 пеш аз милод рост омадааст. Дар таърих номварии давлати вижагии “Форс”-и Ҳахоманишӣ ё форсҳо (порс) ба миёнаи дувуми ҳазораи қабл аз милод (а.5-4) мувофиқат дорад.

Зардуштиён дар Чин ва кишвари ба он ҳамҷавор Тибет ва дигар музофотҳо низ, дар мавриди кӯчишҳои бузурги ориёиҳо ба самтҳои Шарқ сукунат ёфтаанд, вале онҳоро “чинӣ” ё “тибетӣ” ном намебаранд. Онҳо низ натанҳо нигоҳдори расму оинҳои қадимаи худ, балки матои маҳфузмондаи зардуштия ба шумор мераванд.

Воқеаи табдили вожаи “ориёӣ” ба “порс” дар миёнаҳои асри XVIII рӯй додааст. Дар ин давра Анкетил Дюперрони франсавӣ ва нафарони зиёди дигар аз Олмон, Британиёӣ ва ғайра, ба Ҳиндустон сафар намуданд. Тибқи ахбори Бобоҷон Ғафуров онҳо аз мӯбадони зардуштӣ маросими динӣ ва хондани порчаҳои қадимаи авестоиро ба дараҷаи худи онҳо ёд гирифтанд ва якчанд нусха дастхатҳоро харида, ба Аврупо оварданд. Баъдан онҳо тарҷумаи Авесторо бо мулҳақоти чанде аз матнҳои марбут ба он интишор доданд. Ва шояд сабаби дигаре низ вуҷуд доштаанд, ки зардуштиёни Ҳиндустонро порс номидаанд. Бо ин тариқ, агарчӣ ин тарҷумаҳо хело ноқис ҳам, ки буданд, дар бораи Авесто чун сарчашмаи таърихи дастраси аҳли илми Аврупо маълумоти муфид гардиданд. Ва Авесторо ҳамчун аввалин сарчашмаи хаттии таърихи наслҳои ориёӣ, ва Оиёи Миёнаро чун макони қадимаи сукуноти онҳо муаррифӣ карданд. Ва василае гаштанд, ки пардаи ториккунандаи таъриху фарҳанги халқи тоҷик ва нашинохтани қавми онро чун падидаи этникӣ, аз ҷониби мунофиқон пешгирӣ карданд. Ин далел, дастоварди илмие гардид, ки ғалабаи олими барҷастаи ҳақиқатнигор Бобоҷон Ғафуровро бар муаллифони таҳрифгар таъмин сохт ва ба фишороваріҳои доимии онҳо зарбаҳои сахте расонид.

Бигзор хонанда аз тавсифоти мухтасари олими барҷастаи он замона А. А. Семёнов доир ба сифатҳои академик Б. Ғафуров худаш қазоват кунад, ки ӯ, аслан кӣ буд:

Бо сарварии эшон, соли 1951 Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шуровии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ғафуров дар ҷаласаҳои илмӣ, ҳимояҳои рисолаҳо шахсан иштирок мекард. Таваҷҷуҳи ӯ таваҷҷуҳи дигар кормандони партиявию советӣ (ҳизбӣ-давлатӣ - Ҳ. А.)-ро ба таъриху маданият равон месохт. Ӯ, бо такрор мегуфт: “Мо метавонем истеҳсоли пахтаро ба як миллион (тонна - Ҳ. А.) расонем, вале бо ин касеро ба ҳайрат намегузорем. Эҳёи таъриху маданияти бостонии мо метавонад шуҳрати аздастрафтаи халқи тоҷикро баркарор кунад” [6, с. 3-5].

Б. Ғафуров дар таҳкими иқтисоди кишвар ҳам дурнамои стратегии худро дошт. Дар он мавриd (с.1951), барои тадбиқи музаффаронаи ин дурнамо анҷом додани азхудкунии водии дарёи Вахш, ки дар замони ҳамлаҳои Артиши Сурх бе аҳолӣ мондаю вайрону валангор шуда буд, замина муҳаё месохт. Вале дар ин ҷода, ду нақша ва ду андеша ба вуҷуд омад [6, с. 4].

Нақшаи аввал аз марказ тарҳрези гаштаву иҷроиши он дар нақшаҳои “тараққиёти хоҷагии халқ” ногузиру ҳатмӣ таъин шуда буд. Доир ба таъмини минтақа бо қувваи корӣ, бояд муҳоҷирати мардуми бекормондаи Украина ва дигар ҷумҳуриҳои марказӣ гузаронида мешуд. Дар атрофи ин масъала, қариб тамоми воситаҳои ахбори умумишуровӣ ҳангома бардошта буданд, ки он яктарафа бо моҳияти интернатсоналӣ таблиғ меёфт.

Вале дар асл, иҷроиши ин нақша таҳкими иқтисод ва таъмини некӯаҳволии мардумро дар назар надошт ва ба пешрафти он бо бисёр далелҳо монеъа мегашт. Ҳукумати Марказӣ барои ин гуна муҳоҷирон якчанд имтиёзҳо дода буд. Ҳукумати Тоҷикистон бояд онҳоро чун шаҳрванд ба қайд гирад, бо кор, маоши баландӣ муҳити иқлимӣ, манзил, нафақа таъмин намояд ва харҷи роҳи тайкардаи онҳоро низ ҷуброн созад, фарзандонашон ба боғчаю мактабфаро гирифта шаванд. Ҳол он, ки дар ин мавриd мардуми Тоҷикистон, бахусус деҳотиён, ки дар ҳайати онҳо муҳоҷирони дохилии деҳаҳои куҳистонӣ бисёр буданд, аз ин имтиёзҳо маҳрум буданд.

Бобоҷон Ғафоров моҳияти сиёсати дурнамои ҳизби коммунистро, нисбат ба халқияту миллатҳои майда, ки дар истеъмоли лафзӣ дар Ватани худашон “натсионал”номида мешуданд, бисёр хуб дарк мекард. Бинобар ин, дурнамои стратегии худро аз истифодаи захираҳои меҳнатии дар кишвар хело фаровон буда, ба роҳ монд. Аз деҳаҳои кӯҳӣ ба водиҳо махсусан ба водии Вахш кӯчонидани деҳқонони камзаминро бо тариқи маҷбурӣ нею, балки ихтиёрӣ, ки воқеан аз ҷониби деҳқонон пазироии калон ёфта буд, таъин кард.

Дере нагузашта воқеъбинии Б. Ғафуров дар тағйир додани сиёсати зӯракии қаблии муҳоҷирати дохилӣ аён гашт ва сиёсати иродавии И. В. Сталинро нисбатан ҳалим гардонд. Охирҳои соли 1951 200 нафар бадахшониён, ки пеш ба водии Вахш маҷбуран муҳоҷир карда шуда буданд, зану мард бо тифлонашон барои шикоят ба Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон омаданд. Б. Ғафуров онҳоро меҳрубонона қабул кард, дар меҳмонхонаву истироҳатгоҳи КМ ҷойгир кунонд, фармуд ба назди ҳар ду нафар як чойнак чой, ду нон ва як тақсимча қанд гузоштанд. Баъд аз аҳволи зиндагиашон пурсон шуд. Зане ба гиря нақл кард, ки "се тифл таваллуд кард, вале ҳар се нобуд шуданд. Муромурӣ зиёд аст, шароит нест" ва як чанд ҳолатҳои токатнофарсои муҳоҷиршудагонро низ баён кард. Б. Ғафуров ҳамаи гуфтаҳои онҳоро бо таҳаммул шунид ва гуфт: "Помир ҳам замини шумост, водии Вахш ҳам. Бояд обод кунем. Агар майли ба деҳаатон баргаштан дошта бошед, иҷозат медиҳем". Баъд ин моҷароро ба Сталин хабар дод ва маънидод кард. Ҳамаи талабҳои гирдомадагонро иҷро намуд, харҷи роҳро ҳам то маконашон аз буҷаи давлат ҷуброн намуд. Муҳоҷирони ба маконҳои зисти худ баргаштаистода ашки шодӣ рехтанд [6, с. 5].

Муҳоҷирони дар солҳои 50 (а.ХХ) ба водиҳо фуромада, бо кӯмаки давлат соҳибманзил гаштанду реша гирифтанд ва даштҳои лабташнаро обшор намуда, бо зироаткорӣ асоси иқтисодиро поягузорӣ карданд.

Бобоҷон Ғафуров бо ақлу дониши худ, ғазаби Сталинро нарм кард, репрессияи (қатли ом) ӯ дар Тоҷикистон хотима ёфт. Сиёсати ҷобаҷогузории қуввахои истеҳсолкунандаро ба дасти худ гирифт. Ноҳияҳое, ки дар онҳо забони қадимаи ориёитаборон маҳфуз монда буданд, ба монанди ду маҳал - Бадахшону Зиддиро, ҳамчун таърихи зиндаи забонҳои қадимаи ниёгон аз нақшаи муҳоҷират бардошт ва ба мамнуъгоҳи забонӣ табдил дод.

Соли 1956 Бобоҷон Ғафуров ба вазифаи директори Институти шарқшиносии Иттиҳоди Шуровӣ таъин гашт ва худро ба ҷаҳон чун Алломаи барҷастаи Шарқ муаррифӣ намуд. Дар Институт беҳтарин ахтарони соҳаи шарқшиносӣ ба монанди И.А. Орбели, О.К. Дрейер ва дигаронро гирд оварда, онро тадриҷан ба муассисаи воқеии пажӯҳиши фарҳанги олами Шарқ табдил дод.

Дар моҳи сентябри соли 1968 дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе симпозиуми илмии байналмилалиро дар мавзуи: "Давраи Кушонӣ ва таммаддуни умумиҷаҳонӣ" таҷлил намуд ва суханронӣ кард. Ба олимони ҷаҳон иттилоъ дод ки: "Давлати Кушониён тавониста буд чунин ганҷинаҳои бебаҳои моддиву маънавие ба вуҷуд оварад, ки дар тӯли садсолаҳо ба мардуми ба фазои он воридгашта, таъсири манфиатбор расонанд. ...Муттаҳидгардонии мардуми Осиёи Миёна, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон дар ҳудуди як давлат ва таъмин намудани бехатарии нисбӣ аз таҳдидҳои беруна, ба шукуфоии иқтисодию иҷтимоии онҳо хело хуб мусоидат намуд" [3, с. 32]. Ин қиёскунии Б. Ғафуров киноя буд, нисбат ба сиёсати "Тақсим куну ҳукм фармо"-и болшевикон дар минтақаҳои муштараки Осиёи Миёна ва Қавқоз. Кадомҳое ки, то ҳанӯз доир ба ислоҳи қисмати талхи ҷудоӣ, ба андашаи аниқ нарасидаад. Ҳама ба як ақидаи хурофотие бовар доранд, ки бояд ҳамин тавр бошад, чуноне, ки болшевикон карданд.

Дар ин ҷамъомад, Б. Ғафуров ақидаи илмии дигареро низ изҳор карда буд: "Ба гузашта на танҳо ба хотири он таваҷҷуҳ зоҳир мекунем, ки моро мафтун ва ғанӣ мегардонад, балки боз аз он ҷиҳат, ки гузашта пандомӯз аст ва моро водор месозад, ки ба имрӯзи худ ба таври нав назар кунем". Ин пешниҳоди Б. Ғафуровро дар раванди ҷаҳонишавии пуртазоди имрӯза, дар ҷодаи боҳамойиву тифоқ шудан, аз хусумату моҷаро ва харҳашаҳо даст кашидан ва аз саховати табиии манотиқи худ аҳлона баҳрабарандаи мардуми ду минтақаи номбурда, чун андарзи дурандешонаи мубрам арзёбӣ бояд кард.

Адабиёт

1. *Гафуров, Б. Г. Ибранные труды / Б. Г. Гафуров. - М.: Главная редаксия восточной литературы, издательства "Наука", 1985 - 542 с.*
2. *Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби 1якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. (Муҳаррири масъул-академики Академияи илмҳои Тоҷикистон А. Мухторов) // Б. Г. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998 – 704 с.*
3. *Мухторов, А. Академик Бободжан Гафуров / А. Мухторов, Ш. Шарипов. - Душанбе: Ирфон, 1983 - 96 с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" 26 декабри 2019, ш. Душанбе // Аз Паём то Паём.- Душанбе: Матбаии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022 – 723 с.*

5. *Рукописная книга в культуре народов Востока: Очерки. Книга первая.-М.: Главная редаксия восточной литературы, издательства "Наука", 1987-558 с.*
6. *Ҳамдампур, Ш. Соли панҷоҳу се / Ш. Ҳамдампур // Ҳафтаворӣ "Адабиёт ва санъат", 21 декабри соли 1989.*

"ТОҶИКОН" - ДОНИШНОМАИ ОХИРИ АСРИ XX ВА АВВАЛИ АСРИ XXI

Миллати тоҷик ба насли қадимтарин қавм мутааллиқ аст, ки дар таърих аввалин шуда, таърихномаи худро бо унвони "Авесто" дар пӯсти гов бо ҳарфҳои заррин (оби тилло) ба шакли китоб даровардааст. Ба ақидаи Б. Ғафуров, "Авесто" ба алифбои то замони мо расидааш аслан, дар асоси нақли лафзии (забони) он сурат ёфтааст. Номи Авесто аз вожаи "форсии миёна", "апастак" (apactak), баъдан (aBactav) маънии "асос", "гузориш", "дастур", "ниёиш"-ро дорад. Вале аз нигоҳи илми ввестошиносии дар охири асри XX ва аввали асри XX1 зуҳуркарда нақли забонии он бояд бо забони сурёнӣ, ки навишти "Авесто" аз уфуқи рост ба чап шакл ёфта бошад. Чунки навиштаи он аз ҷониби шоҳи Каёнӣ Луҳросб бо лафзи муомилавии ниёконаш ичро шуда буд. Забони форсӣ бошад, бо ҳамин хат дар катибаҳои шоҳони форс Ҳахоманишҳо дар сангҳо кандакорӣ шудааст, ба давраи хело баъд, миёнаи ҳазораи 1 т. м. мувофиқ аст. Аз ин лиҳоз, метавон иброз дошт, ки дар таҳрифоти номи Авесто ва замону макон ва алифбои он муаллифони форсигӯ даст доранду лафзи форсии "бостонӣ", "миёна"ва ҳамчунин муродиф ба ин, "паҳлавии қадим ва миёна" шуморидаанд. Авесто дар мизони мантиқии Ҷаҳонофар, таърихнома - манбаи донишҳои таърихӣ мансуб мешавад. Шоҳасари "Тоҷикон"- и Б. Ғафуров низ, бо ин маъно, бевосита бо мазмуни томи калима, аз муҳтавои Авесто манша гирифтааст. Аз ин лиҳоз, ин асари безаволи Б. Ғафуровро низ метавон манбаи донишомӯзии асрҳои XX-XX1 донист ва худашро чун воқеанигор ва эҳёгари тамаддуни ниёкон бо арҷгузории бепоён ёдоварӣ намуд.

Калидвожаҳо: Донишнома, Авесто, Ғафуров, ҳизб, коммунист, болшевик, шарқшинос, тоҷик, фарҳанг, Зардушт, порс, муҳоҷират.

"ТАДЖИКИ" – ЭНЦИКЛОПЕДИЯ КОНЦА 20 И НАЧАЛА 21 ВЕКА

Таджикский народ относится к тем старейным племенам, которых называют "Арийцев". Однако в советской исторической школе, до появления знаменитой книге Б. Г. Гафурова "Таджики", жизнь и история арийцев считали сказочным - мифологическим. Но автор в течение многих лет, занимаясь сбором множество отечественной и зарубежной литературы и основе фактических материалов и сведения, объективно освещал исторических событий, появления государств, деятельность царей, релегий и традиции это племена, закономерность образования и изменения древнейших цивилизаций и т.д. Автор в определение и достаточно, реальное освещеные названых событий на основе сведения их основного источника Авесты, написанной собственным языком и алфавитом, достиг колосальных успехов. Однако не по оригиналу, а только по сохранивших ее сокрашенных текстовых отрывок и на памяти ее последователей, до значительно позднее времена. Сама Авесто во время завоевания империи Ахеменидов, Александром Македонским в целом был уничтожен. До этого, Зороастризм, которая была принята Ахеменидам, как религия, т.е. правила действия и и морального поведения, потерпела колосальных извращений. Запись Авесты ее поздным алфавитом и языком была сделана в основном на базе устной традиции. Названые Авесты обосновали на среднеперсидского слова "апастак" (apactak), позжже (aBactav), означавшее "основа", а по другим толкованиям означает "предписание", "рекомендация", "восхваление" и т.д. Но, материалистическая теория сузыла человеческого понития и созерсания о появление мира, на столько, что никто несмеет тольковать Зороастризма как, целостное учения о появление мира, закономерного взаимодействия Космоса с Землей и установление порядок и повидения человека, на Земле как творец истории. А религия или восхваления человека единному созидателью мира Богу, являетсия лишь частицей этого учения. Авесто, в балансе мировозрения выступала, как документ - источником мировознаний. Исходя из этого, книга Б. Гафуров "Таджики", по всем показательям преставления исторических знаний, по истыну достойна названию - "Донишнаме" конца XX и началу XXI веков.

Ключевые слова: Донишнаме, Авесто, Гафуров, партия, коммунист, большевик, востоковед, таджик, культура, Зардушт, перс, переселение.

"TAJIKS" - AN ENCYCLOPEDIA OF THE LATE 20TH AND EARLY 21ST CENTURIES

The Tajik people belong to one of the most ancient tribes known as the "Aryans." However, in the Soviet historical school, before the publication of B. G. Gafurov's famous book "Tajiks," the life and history of the Aryans were considered mythical and legendary. Yet, over many years, the author, having collected a vast amount of domestic and foreign literature and based on factual materials and information, objectively illuminated historical events, the emergence of states, the activities of kings, religions, and traditions of this people, the patterns of formation and change of ancient civilizations, and so on. The author achieved tremendous success in defining and realistically presenting these events based on the information from their primary source, the Avesta, written in their own language and alphabet. However, not from the original, but only from the surviving fragments of its abridged text and the memory of its followers, up to much later times. The Avesta itself was largely destroyed during the conquest of the Achaemenid Empire by Alexander the Great.

Prior to this, Zoroastrianism, which was adopted by the Achaemenids as a religion, i.e., rules of conduct and moral behavior, underwent a tremendous distortion. The recording of the Avesta in its later alphabet and language was done mainly on the basis of oral tradition. The name Avesta was derived from the Middle Persian word "apastak" (apactak), later (aBactav), meaning "foundation," and according to other interpretations, it means "prescription," "recommendation," "praise," and so on. However, the materialistic theory narrowed human understanding and perception of the origin of the world, so much so that no one dares to interpret Zoroastrianism as a holistic doctrine of the origin of the world, the lawful interaction of the Cosmos with the Earth, and the establishment of order and human behavior on Earth as the creator of history. And religion or praise of man to the one creator God of the world is only a part of this teaching. The Avesta, in the balance of worldview, acted as a document - a source of knowledge of the world. Based on this, B. Gafurov's book "Tajiks," by all indicators of the presentation of historical knowledge, is truly worthy of the title - "Donishnama" of the late 20th and early 21st centuries.

Keywords: Donishnama, Avesta, Gafurov, party, communist, Bolshevik, orientalist, Tajik, culture, Zarathushtra, Persian, migration.

Дар бораи муаллиф
Ҳақназаров Абдуназар
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Рудакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 74 73 25

About the author
Khaqnazarov Abdunazar
Doctor of Historical Sciences, Professor
Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after
Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Avenue, 121.
Ph.: (+992) 918 74 73 25

Об авторе
Хакназаров Абдуназар
Доктор исторических наук, профессор
кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический
университет им. Садриддина Айни
Республики Таджикистан, г. Душанбе,
проспект Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 918 74 73 25

УДК 339.9(575.3+55)

РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ИРАН (2008-2015 гг.)

Турсунов Т. Х., Шарофов С. У.
Институт изучения проблем стран Азии и Европы
Таджикский государственный педагогический
университет имени Садриддина Айни

Таджикистан и Иран установили дипломатические отношения 9 января 1992 года и начали развивать качественно новую форму межгосударственных отношений. Дипломатические отношения между Таджикистаном и Ираном были установлены на основе исторических, культурных и языковых корней, достигли значительных результатов, и народы двух стран используют эти результаты. В концепции внешней политики Республики Таджикистан отношения с Ираном обозначены следующим образом: «В отношениях между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран фактор исторической, языковой и культурной общности имеет важное значение. Республика Таджикистан и в дальнейшем будет стремиться к расширению прочных отношений дружбы и взаимовыгодного сотрудничества с этой страной в двустороннем и многостороннем форматах» [4]. Этап политического сотрудничества между двумя странами с 1992 по 2007 год был проанализирован в нашей следующей статье [22, с. 236-243].

10 февраля 2008 г. главы двух государств Э. Рахмон и М. Ахмадинежад встретились в Тегеране и обсудили вопросы сотрудничества Ирана и Таджикистана. В итоге были подписаны новые соглашения и меморандумы о сотрудничестве, отражающие развитие и расширение сотрудничества. В совместном заявлении глав двух государств, среди прочего, говорится: «Республика Таджикистан, подчеркивая необходимость наращивания сотрудничества между странами-членами ШОС и странами-наблюдателями этой организации, объявила что он будет поднимать и развивать эту тему вместе с другими странами-членами. В этой связи было подчеркнуто, что на основе правовых и договорных принципов ШОС Иран может иметь возможность стать полноправным членом ШОС [2, с. 85].

В первом пункте совместного заявления Президента Республики Таджикистан и Президента Исламской Республики Иран о расширении двусторонних отношений отмечается, что: «Таджикистан и Иран выразили удовлетворение высокий уровень политических, экономических, торговых и культурных связей между двумя странами». Они еще раз подчеркивают дальнейшее расширение дружественных отношений во всех областях, представляющих взаимный интерес, на основе метода уважения суверенитета, территориальной целостности и невмешательства в внутренние дела [18].

Также во втором пункте заявления говорится, что Таджикистан и Иран продолжат работать и обмениваться мнениями в рамках международных организаций, таких как ООН, ОИК, ОЭС и других организаций. Третий параграф заявления посвящен коллективной борьбе с терроризмом, незаконным оборотом наркотиков и организованной преступностью, а четвертый параграф описывает свободу Ирана и Таджикистана от ядерного оружия и защиту мира, свободного от этого вида оружия, особенно на Ближнем Востоке.

14 марта 2008 года глава государства Таджикистан Э.Рахмон и президент Исламской Республики Иран М.Ахмадинежад встретились в Сенегале и обсудили текущие вопросы и перспективы широкого сотрудничества между двумя странами. В частности, Э.Рахмон отметил, что: «Мы удовлетворены уровнем дружественных отношений и многопланового сотрудничества с Ираном, который за последние годы стал одним из наших основных и стратегических партнеров» [11].

27 августа 2008 года Президент Республики Таджикистан Рахмон и Президент Исламской Республики Иран М. Ахмадинежад провели переговоры в Душанбе и обменялись информацией о сотрудничестве между дружественными странами. Они также обсудили саммит государств-членов ШОС и другие вопросы. 28 августа 2008 года М. Ахмадинежад принял участие в саммите государств-членов ШОС в качестве главы государства-наблюдателя при ШОС [20].

29 августа 2008 года в Палате представителей Правительства Республики Таджикистан состоялся трехсторонний саммит Таджикистана, Ирана и Афганистана. Главы государств и правительств трех стран подняли вопросы, касающиеся трехстороннего и регионального сотрудничества, политики, общества, культуры, науки и образования [2, с.9]. По итогам переговоров были подписаны два документа о трехстороннем сотрудничестве и один - между

Таджикистаном и Ираном, в том числе совместное заявление Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона, Президента Исламской Республики Иран М. Ахмадинежада и Президента Исламской Республики Афганистан Х. Карзая.

С 27 по 29 ноября 2008 года Президент Таджикистана Э. Рахмон посетил Исламскую Республику Иран с дружественным визитом [16]. В ходе официальной встречи Президента Э. Рахмона и Президента М. Ахмадинежада были обсуждены текущее состояние и перспективы сотрудничества между двумя странами. Э. Рахмон оценил Иран как естественного стратегического партнера Таджикистана и выразил удовлетворение многогранным уровнем отношений между двумя странами. На переговорах также обсуждались вопросы совместной интеграции в рамках ОИК и других международных и региональных организаций.

Также Президент Республики Таджикистан Э.Рахмон провел плодотворные встречи с Министром иностранных дел этой страны М.Муттаки, Министром обороны и обеспечения Вооружённых Сил, М. Наджар и министр энергетики П. Фаттах и обсудили детали политического, военного, технического и энергетического сотрудничества двух стран.

10 марта 2009 года в Тегеране состоялся трехсторонний саммит Таджикистана, Ирана и Афганистана, на котором обсуждались вопросы будущих многосторонних отношений и региональной и международной интеграции трех стран [13].

По предложению Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона в Душанбе в марте-апреле 2009 года была запланирована встреча глав силовых и правоохранительных органов трех стран. При этом важными были признаны регулярные встречи глав внешнеполитических ведомств трех стран. Одной из главных тем консультации также стал вопрос расширения и развития трехстороннего военного, военно-технического сотрудничества и интеграции силовых структур трех стран в борьбе с опасностями современного мира. По итогам встречи главами трех стран была подписана совместная декларация, которая включала упомянутые меры, а также региональную и глобальную интеграцию.

Встреча Президента Республики Таджикистан с Заместителем Президента Исламской Республики Иран, Председателем Национальной молодёжной организации Х.А. Акбари состоялся 18 мая 2009 года, на котором были подняты многие важные вопросы, связанные с сотрудничеством между двумя странами, особенно в сфере образования молодежи. Президент Э.Рахмон подчеркнул, что: «мы считаем этот процесс необходимым, поскольку Иран, естественно, является стратегическим партнером Таджикистана» [15]. На встрече также обсуждались другие интересующие темы.

4 января 2010 года в Душанбе прибыл Президент Исламской Республики Иран М.Ахмадинежад [19]. Основной темой переговоров стала реализация ранее подписанных между Таджикистаном и Ираном соглашений в различных сферах и перспектива расширения стратегического сотрудничества между двумя странами. В ходе встречи было подписано шесть новых документов о сотрудничестве, в том числе совместное заявление Президента Республики Таджикистан и Президента Исламской Республики Иран о расширении двусторонних отношений и соглашение об экстрадиции между двумя странами. При этом в 2010 году между Таджикистаном и Ираном было подписано военное соглашение, которое стало ярким доказательством не только культурной, но и политической близости стран [3].

Переговоры официальных делегаций Таджикистана и Ирана о текущей ситуации и перспективах многопланового сотрудничества между двумя дружественными странами состоялись 27 марта 2010 года в Тегеране с участием Э.Рахмона и М.Ахмадинежада. [7]. Э. Рахмон поблагодарил руководство Ирана за поддержку первого заседания Совета министров иностранных дел стран-членов ОИК в Центральноазиатском регионе, которое состоялось в столице Таджикистана в мае 2010.

13 мая 2010 года Президент страны Э.Рахмон и Министр обороны и обеспечения Вооруженных Сил Исламской Республики Иран А. Вахиди встретились в Душанбе и обсудили вопросы развития отношений между двумя странами [6]. Э.Рахмон проявил интерес к нынешнему состоянию и содержанию военно-технического сотрудничества с Ираном и поручил оборонным ведомствам двух стран развивать военно-техническое сотрудничество.

9 июня 2010 года состоялась встреча Президента Республики Таджикистан Э. Рахмон и Президент Исламской Республики Иран М. Ахмадинежада и, наряду с другими вопросами, обсуждалась совместная интеграция для укрепления региональной безопасности, особенно предотвращения незаконного производства и оборота наркотиков [10].

Вопросы развития сотрудничества между Таджикистаном и Ираном обсуждались 20 октября 2010 года в Душанбе на встрече Президента Республики Таджикистан Э. Рахмон и представитель Меджлиса Исламского Совета Ирана Х.Хашимян и иранская парламентская делегация [12]. Рахмон отметил регулярный и целенаправленный характер отношений между

двумя странами, назвав их отзывчивыми и гармоничными. При этом он посчитал важной роль парламента в развитии неиспользованных возможностей двустороннего сотрудничества Таджикистана и Ирана. Стороны назвали трехстороннее сотрудничество между Таджикистаном, Ираном и Афганистаном важным и фактором улучшения качества жизни людей, безопасности и стабильности в регионе.

24 ноября 2010 года в городе Душанбе на встрече Президента Республики Таджикистан Э.Рахмона и Первого заместителя Президента Исламской Республики Иран М.Рахими, была отмечена эффективная реализация всех договоренностей, достигнутых между две страны, в том числе на самом высоком политическом уровне [8]. Подчеркнуто расширение интеграции в рамках региональных и международных организаций, в том числе в борьбе с опасностями современного мира.

На встрече Президента Таджикистана Э. Рахмон и Президент Исламской Республики Иран М.Ахмадинежад, прибывшие в Таджикистан с официальным визитом 4 сентября 2011 года, проявили заинтересованность в развитии дружественных отношений и многостороннего сотрудничества, основанного на естественном стратегическом партнёрстве, а также региональном и глобальные проблемы [1]. В итоге были подписаны три новых документа о сотрудничестве между Таджикистаном и Ираном, в том числе и совместное заявление президентов двух стран.

На первой четырехсторонней встрече глав государств Таджикистана, Афганистана, Ирана и Пакистана, состоявшейся 25 марта 2012 года в Душанбе, были рассмотрены вопросы регионального сотрудничества в сфере политики и совместной деятельности по обеспечению безопасности против угроз современного мира [14]. Э. Рахмон высоко оценил роль четырех стран в регионе и мире и предложил создать четырехсторонний форум по безопасности, экономическому и культурному сотрудничеству.

Выступая на встрече с дипломатическим персоналом страны 15 марта 2013 года, президент Рахмон сказал: "Историческая общность наших народов в языке, литературе и культуре играет важную роль как в наших отношениях с Исламской Республикой Иран, так и с Афганистаном. «Таджикистан продолжит поддерживать с этими странами стабильные отношения дружбы и взаимовыгодного многопланового сотрудничества в двусторонней и многосторонней форме и будет расширять их еще больше, чем прежде» [17].

Во время встречи Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона и вновь избранного Президента Исламской Республики Иран Х. Рухани в Тегеране 4 августа 2013 года Президент выразил уверенность, что дружба и партнерство между Таджикистаном и Ираном будут и дальше укрепляться и расширяться [9]. Также состоялся полезный разговор на региональные и международные темы, включая текущую и будущую ситуацию в Афганистане и интеграцию в предотвращении опасностей современного мира.

11 августа 2014 года были проанализированы и обсуждены развитие более тесного сотрудничества и прогресс отношений между соответствующими структурами Таджикистана и Ирана на встрече Президента страны Э. Рахмона, министра информации (безопасности) Исламской Республики Иран М. Алави [5]. Была высоко оценена способность двух стран укрепить безопасность и стабильность в регионе, в том числе обеспечить мирную жизнь в Афганистане.

10 сентября 2014 года в Душанбе состоялся межгосударственный политический диалог на высоком уровне между Э.Рахмоном и Х.Рухани. Э.Рахмон сообщил, что между Таджикистаном и Ираном подписано более 100 документов о сотрудничестве, и их реализация является важным вопросом. Было подчеркнуто, расширение и укрепление отношений между Таджикистаном и Ираном имеет важное значение и будет способствовать процессу обеспечения безопасности, стабильности и устойчивого развития в регионе. Э.Рахмон заявил: «Уверен, что совместными усилиями мы сможем успешно продолжить партнерство между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран и вывести поистине братские отношения между нашими странами и народами на более высокий уровень». Особое внимание было уделено развитию безопасности и военных отношений. В то же время они обсудили региональные и глобальные вопросы, в том числе помощь в решении проблем Афганистана. По итогам встречи было подписано 9 документов о сотрудничестве [21].

5 июня 2015 года состоялись переговоры Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона с министром внутренних дел Исламской Республики Иран А.Р. Фазли, который прибыл в Таджикистан в качестве представителя государств-наблюдателей ШОС для участия в очередном заседании Совета министров внутренних дел и общественной безопасности государств-членов ШОС. Э. Рахмон выразил удовлетворение договорно-правовой базой сотрудничества в совместной борьбе с преступностью и напомнил, что необходимо приложить

усилия для практической реализации подписанных документов. При этом было уделено внимание развитию трехстороннего сотрудничества между Таджикистаном, Ираном и Афганистаном в борьбе с терроризмом, экстремизмом и с наркотиками.

Таким образом,

- Таджикистан занимает важное место в сотрудничестве Ирана со странами Центральной Азии не только по экономическим и политическим причинам, но и в силу исторической и культурной близости. Укрепление позиций в Таджикистане позволяет Ирану решить ряд сопутствующих задач. Сотрудничество между Таджикистаном и Ираном должно быть усилено для обеспечения безопасности региона и союза персоязычных стран. Таджики и персы являются частью так называемого «арийского мира» — единого пространства цивилизации, истории и языка, на протяжении веков соединяющего два народа.

- сложившийся на анализируемом этапе конструктивный многоуровневый политический диалог между двумя государствами играет важную роль в укреплении атмосферы доброго взаимопонимания и доверия и отвечает интересам двух стран.

- дальнейшее развитие договорно-правовой базы в области безопасности и стабильности является важным фактором для развития и укрепления других форм эффективного многостороннего сотрудничества, учитывая нынешнюю чувствительную ситуацию в регионе и мире, в которой находятся обе страны.

- Таджикистан и Иран небезразличны к нынешней ситуации в соседнем Афганистане и поддерживают все политические и дипломатические усилия и гуманитарную помощь, направленные на обеспечение безопасности и предотвращение человеческой трагедии в этой соседней стране.

- Таджикистан и Иран будут укреплять сотрудничество в борьбе с терроризмом, экстремизмом, наркотрафиком, транснациональной организованной преступностью и киберпреступностью, что, отвечает интересам обеих стран и всего региона.

- Растущее состояние и процесс сотрудничества между Таджикистаном и Ираном в рамках международных и региональных организаций являются отражением того, что данная форма сотрудничества будет и дальше укрепляться.

- Таджикистан всегда является сторонником все большего расширения многоплановых отношений между Таджикистаном и Ираном в духе доброго взаимопонимания, сотрудничества, взаимного уважения и доверия.

- на основе общих исторических и культурных ценностей народов двух стран будет осуществляться дальнейшее развитие и расширение многоплановых связей в будущем.

- сотрудничество между Ираном и Таджикистаном отвечает не только политической и экономической стабильности Таджикистана, но и стратегическим интересам России, поскольку оно служит устранению угроз со стороны Афганистана и миру и безопасности южных границ. В условиях геополитических осложнений в регионе, усиления политического влияния различных стран и нарастающего процесса вывода России из прежнего военного, политического и экономического присутствия, совместные действия Ирана и Таджикистана и в Центральной Азии в целом являются гарантами безопасности и стабильности.

Литература

1. *Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/481 (санаи истифодабарӣ: 21.12.2023).*
2. *Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2008 //Внешняя политка Республики Таджикистан: хроника и документы. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 9.*
3. *Иран – Таджикистан: Персидская концепция будущего [электронный ресурс] URL: https://iran.ru/news/analytics/83182/Iran_Tadzhikistan_Persidskaya_koncepciya_budushchego (дата обращения: 1.04.2024).*
4. *Концепция внешней политики Республики Таджикистан от 27 января 2015 г. [электронный ресурсс] URL: https://mfa.tj/ru/main/view/988/kontseptsiya-vneshnei-politiki-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 15.06.2023).*
5. *Мулоқот бо Вазири иттилооти (амнияти) Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Алави [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/7230 (санаи истифодабарӣ: 14.04.2024).*
6. *Мулоқот бо Вазири мудофиа ва пуштибонии Неруҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Исломии Эрон Аҳмад Ваҳидӣ [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/1910 (санаи истифодабарӣ: 10.04.2024).*
7. *Мулоқот бо Маҳмуди Аҳмадинажод [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/487 (санаи истифодабарӣ: 23.03.2023).*
8. *Мулоқот бо Муовини аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадризо Раҳимӣ [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/1609 (санаи истифодабарӣ: 9.03.2024).*
9. *Мулоқот бо Президенти нави Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасани Рӯҳонӣ [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/4839 (санаи истифодабарӣ:10.02.2024).*

10. *Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Маҳмуди Аҳмадинажод [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/488 (санаи истифодабарӣ: 9.03.2024).*
11. *Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/3410 (санаи истифодабарӣ: 11.04.2024).*
12. *Мулоқот бо ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Исломии Эрон [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/1634 (санаи истифодабарӣ: 9.03.2024).*
13. *Мулоқоти сеҷонибаи саронӣ давлатҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/2842 (санаи истифодабарӣ: 10.04.2024).*
14. *Нахустин мулоқоти чорҷонибаи саронӣ давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Покистон [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/885 (санаи истифодабарӣ: 3.03.2024).*
15. *Президент РТ и вице-президент Ирана обсудили состояние сотрудничества двух стран по всем направлениям [электронный ресурс] URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/20090518/prezident-rt-i-vitse-prezident-irana-obsudili-sostoyanie-sotrudnichestva-dvukh-stran-po-vsem-na (дата обращения: 2.12.2023).*
16. *Сафари кории Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/490 (санаи истифодабарӣ: 23.03.2024).*
17. *Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии киштвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/4113 (санаи истифодабарӣ: 13.02.2024).*
18. *Текущий архив МИД Республики Таджикистан. Папка Иран. - №42, 42 а, 42 б.*
19. *Фасхутдинов, Г. 2010 год стартовал для Таджикистана с переговоров в верхах с Ираном / Г. Фасхутдинов [электронный ресурс] URL: https://www.dw.com/ru/ (дата обращения: 22.03.2024).*
20. *Ҷаласаи навбатии Шӯрои саронӣ давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай [манбаи электронӣ] URL: http://prezident.tj/node/3042 (санаи истифодабарӣ: 12.04.2024).*
21. *Ҷараён ва натиҷаҳои мулоқот ва музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон [манбаи электронӣ] URL: http://www.president.tj/node/7431 (санаи истифодабарӣ: 21.03.2024).*
22. *Шарофов, Э. У. Барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон (с. 1992-2007) / Э. У. Шарофов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - №5 (105). - Душанбе, 2023. С. 236 - 243.*

РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ИРАН (2008-2015 гг.)

В статье рассматриваются политические отношения между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Иран в период 2008-2015 годов. Примечательно, что Таджикистан и Иран установили дипломатические отношения 9 января 1992 года и начали формировать качественно новую форму межгосударственных отношений. Этап политических отношений в период с 1992 по 2007 год был проанализирован в нашей предыдущей статье. На основе общих культурно-исторических корней и общего языка удалось восстановить эти отношения, и народы двух стран могли воспользоваться достижениями друг друга. Правительство Республики Таджикистан поставило цель и задачу создать условия для становления и развития новой независимой Республики Таджикистан, поддержания мира и безопасности в регионе. Таджикистан занимает важное место в сотрудничестве Ирана со странами Центральной Азии, что обусловлено не экономическими и политическими причинами, а исторической и культурной близостью. Укрепление позиций в Таджикистане позволяет Ирану решить ряд сопутствующих задач. Сотрудничество между Таджикистаном и Ираном должно быть усилено для обеспечения безопасности региона и союза персоязычных стран. Таджики и персы являются частью так называемого «арийского мира» — единого пространства цивилизации, истории и языка, на протяжении веков соединяющего два народа. Мы уверены, что сложившиеся политические отношения между Таджикистаном и Ираном будут укрепляться и способствовать развитию регионального и международного сотрудничества.

Ключевые слова: Таджикистан, Иран, торговое сотрудничество, товарооборот, экономика, политика, культура.

ТАВСЕАИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН (с. 2008-2015)

Дар мақола муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар марҳилаи солҳои 2008-2015 баррасӣ шудааст. Қайд карда ба мавриди аст, ки Тоҷикистон ва Эрон ба муносибатҳои дипломатии хеш дар таърихи 9 январи соли 1992 ҳусни оғоз бахшида, ба ташаккули шакли сифатан нави равобити байнидавлатӣ шуруъ намуданд. Марҳилаи муносибатҳои сиёсӣ дар солҳои 1992 то соли 2007 дар мақолаи қаблии мо таҳлил шудааст. Дар заминаи решаҳои муштараки фарҳангию таърихӣ ва забони ягона имкон фароҳам омад, ки ин робитаҳо барқарор гардад ва халқҳои ду кишвар аз дастовардҳои ҳамдигар бархӯрдор бошанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ мақсад ва вазифа гузоштааст, ки барои ташаккул ва инкишофи ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон, нигоҳдории сулҳ ва бехатарӣ дар минтақа шароит фароҳам орад. Тоҷикистон дар ҳамкориҳои Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад, ки ин на ба далоили иқтисодӣ ва сиёсӣ, балки наздикии торихӣ ва фарҳангӣ аст. Тақвияти мавқеъ дар Тоҷикистон ба Эрон имкон медиҳад, ки як қатор вазифаҳои марбутаро ҳал кунад. Барои таъмини амнияти минтақа ва иттиҳоди форсизабонон ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон бояд тақвият шавад. Тоҷикон ва форсҳо бахше аз ба истилоҳ “ҷаҳони

ориёӣ” – як фазои ягонаи тамаддун, таърих ва забонанд, ки дар тӯли садсолаҳо ду халқро ба ҳам мепайвандад. Итминон дорем, ки муносибатҳои сиёсаии шаклгирифтаи Тоҷикистон ва Эрон тақвият меёбад ва ба рушди ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ мусоидати бештар мекунад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Эрон, ҳамкориҳои тиҷоратӣ, гардиши молу маҳсулот, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг.

DEVELOPMENT OF POLITICAL RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN (2008-2015)

The article examines the political relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran in the period 2008-2015. It is noteworthy that Tajikistan and Iran established diplomatic relations on January 9, 1992 and began to form a qualitatively new form of interstate relations. The stage of political relations between 1992 and 2007 was analyzed in our previous article. On the basis of common cultural and historical roots and a common language, it was possible to restore these relations, and the peoples of the two countries could benefit from each other's achievements. The Government of the Republic of Tajikistan has set the goal and task of creating conditions for the formation and development of a new independent Republic of Tajikistan, maintaining peace and security in the region. Tajikistan occupies an important place in Iran's cooperation with the countries of Central Asia, which is not due to economic and political reasons, but to historical and cultural proximity. Strengthening its position in Tajikistan allows Iran to solve a number of related problems. Cooperation between Tajikistan and Iran must be strengthened to ensure the security of the region and the union of Persian-speaking countries. Tajiks and Persians are part of the so-called "Aryan world" - a single space of civilization, history and language that has united the two peoples for centuries. We are confident that the existing political relations between Tajikistan and Iran will strengthen and contribute to the development of regional and international cooperation.

Keywords: Tajikistan, Iran, trade cooperation, trade turnover, economy, politics, culture.

Об авторах

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктор исторических наук, профессор
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
Тел.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Шарофов Соиб Умрибоевич
Соискатель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 900 65 08 00

Дар бораи муаллифон

Турсунов Турсунмурод Худоймуродович
Доктори илмҳои таърих, профессор
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х.Рӯдакӣ, 33
Тел.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Шарофов Соиб Умрибоевич
Унвонҷӯйи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 900 65 08 00

About the authors

Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich
Doctor of Historical Sciences, Professor
Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries NAST
33 Rudaki Ave., 734025, Dushanbe Republic of Tajikistan
Ph.: (+992) 100 40 40 00
E-mail: tursunov-murod@mail.ru

Sharofov Soib Umriboevich
Applicant of the Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 900 65 08 00

ТДУ 9+910.4

КАШФИЁТИ БУЗУРГИ ҶУҒРОФӢ ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МУСТАМЛИКАДОРӢ

Негматов Д. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ, ки аз асри XVI то миёнаҳои асри XVII идома доштанд, ба раванди сармояғундорӣ дар Аврупо таъсири зиёд расонд, зеро ҷустуҷӯ ва пайдоиши сарзаминҳои нав тавассути роҳи баҳрӣ ва ғорат намудани ин минтақаҳо заминаи раванди мазкурро муҳайё намуда, ташаккули низоми нави мустамликадорӣ-буржуазӣ ва рушди низоми бозори нави ҷаҳониро фароҳам кард.

Кашфиёти ҷуғрофӣ боиси истисмори халқҳои зиёди олам дар қитъаҳои Амрико, Африқо ва Осиё гардид. Дар ин давра давлатҳои Аврупо аз ҷиҳати иқтисодӣ рӯ ба пешравӣ ниҳоданд ва табиист, ки дар чунин шароит эҳтиёҷи саноати онҳо ба ашёи хом афзуд. Аз тарафи дигар, сатҳи мубодилаи пулӣ низ тағйир ёфта, табақаҳои ҳукмрони мамолики Ғарб барои тасарруф намудани минтаҳаҳои нисбатан васеъ ба кашфиётҳои худ оғоз намуданд.

Дар кашфиётҳои ҷуғрофӣ мардуми Шарқ нисбати аврупоиён пештар саҳм гузошта буданд ва дар натиҷа, аз ибтидои асрҳои миёна дар ин ҷода муваффақиятҳо ба даст оварда буданд. Маҳз бо кӯшиши онҳо байни минтақаҳои баҳри Сурх ва Ява роҳи обӣ кушода шуда, муносибатҳои молию пулӣ ба роҳ монда шуданд. Дар асри VI дар амалиёти баҳрӣ дар Шарқ арабҳо бартарияти калон доштанд, аз ин рӯ, роҳи тиҷоратиро дар дасти худ доштанд. Масалан, роҳҳои баҳрии минтақаи бузургеро аз Баҳри Сурх то Шарқи Дур назорат мекарданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо яке аз баҳрнавардони араб соли 1420 аз уқёнуси Ҳинд ба Атлантика баромада, қисми ҷанубии Африқоро давр мезанад. Баҳрнавардони араб барои идораи дурусти киштӣ, қутбнамо (компас), харитаҳои баҳрӣ ва дастурамали махсусро соҳиб буданд, қайд намудааст Васко да Гама доир истеъдоди баҳрнавардии онҳо [10, с. 564].

Дар асрҳои X-XV дар фаъолияти баҳрӣ кишвари Чин мавқеи асосиро ишғол намуда, ба маркази тиҷоратӣ табдил ёфта буд. Аммо дар ин замон португалиҳо акнун кашфиётҳои худро дар ҷанубии уқёнуси Атлантика оғоз менамуданд. Баҳрнавардони чинӣ аз 60 то 100 киштии калон, ки 25- 30 000 нафарро бор карда метавонистанд, ҳафт маротиба ба Ғарб ҳаракат карда, ҷазираҳои Ҳинду Хитой, Ява, Бирма ва дар соли 1418 ҷазираҳои Сомалиро кашф намуданд.

Давраи аввали кашфиётҳои португалиҳо солҳои 1418-1460 ба фаъолияти шоҳзода Энрикеи баҳрнавард иртибот дошт. Номбурда аз ҳисоби табақаҳои гуногуни ҷомеа экспедитсияи баҳриро ташкил дод. Ҳанӯз дар солҳои 20-30-уми асри XV португалиҳо муваффақт шуданд ҷазираҳои Медейра, Канар ва Азорро ба тобеияти худ даровардand ва сипас ба самти Ҷануб, қад-қади соҳилҳои ғарбии Африқо ҳаракат карданд. Дар натиҷа, соли 1434 Гвинея ва ҷазираҳои Димоғаи Сабз, соли 1462 Сиерра-Леона ва соли 1471 соҳили Ганаро низ тадқиқ намуда, дар ин ҷо кони тиллоро кашф намуданд. Соли 1468 Бартоломео Диаш димоғаи Умеди некро кашф намуд, ки он барои оғози кашфиёти нав ба самти Ҳиндустон шароити мусоид фароҳам оварда [1, с. 431].

Сайёҳати дурдасти баҳрӣ дар нимаи дувуми асри XV ба шарофати дастовардҳои бузург дар бахши илму техника имконпазир гардид. То охири асри XV Португалия дар ҳама соҳаҳо аз дигар кишварҳои ҷаҳон пешқадам буд ва дастовардҳои португалиҳо барои баҳрнавардони ҷаҳон маълумоти боарзиш ба шумор мерафт. Дар харита тасвир намудани заминҳои нав боиси инкишофи харитасозӣ гардид. Ба ҳамин тариқ, навовариҳо дар бахши харитасозӣ ба зудӣ дар тамоми кишварҳои Аврупо зуд паҳн мешуд. Дар охири асри XVI аввалин харитаҳои сиёсӣ бо дарҷи хатти экватор ва ҷадвали арз низ кашф гардиданд. Ба таълимот дар бораи курашаклии замин такя намуда, олим, ситорашинос ва космографи намоёни итолиёӣ Паоло Тосканели харитаи ҷаҳонро тартиб дод. Дар ин харита соҳилҳои Осиёии уқёнуси Атлантика низ нахустин бор ишора шуда буданд. П. Тосканели қайд мекунад, ки агар баҳрнавардон аз соҳилҳои ғарбии Аврупо ба самти Ғарб шино кардан гиранд, имкон дорад ба Ҳиндустон расанд. Ин олими итилоиёӣ ҳатто масоҳати заминро аз рӯи хатти экватор муайян намуд, аммо дар ин ҳисобу ҳасади худ ӯ ба иштибоҳ роҳ дода, ин масофаро 12 ҳазор км. камтар нишон дод. Баъзе олимон мегуфтанд, ки ин хатои бузурги таърихӣ ба кашфиёти нав оварда расонд.

Аз охирҳои асри XV ба ҷустуҷӯи роҳҳои тиҷоратӣ Испания низ ҳамроҳ гардид. Соли 1492 ба дарбори шоҳони Испания-Фердинанд ва Изабелла баҳрнаварди машҳур Христофор Колумб (1451-1506) омада, масъалаи ташкили экспедитсияи баҳрӣ ва кушодани роҳи наздиктарин ба Ҳиндустонро пешниҳод кард. Ин пешниҳод аз ҷониби шоҳ дастгирӣ ёфт. Бояд қайд кард, ки Х. Колумб дар Генуя, дар оилаи бофанда ба дунё омада, илмҳои замонаро ба монанди ситорашиносӣ ва ҷуғрофия нағз аз худ карда, аз овони ҷавонӣ дар сафарҳои баҳрӣ низ иштирок мекард. Бо такя ба таҷрибаи андӯхта ва дастовардҳои баҳрнавардони дигар, ӯ нақшаи ташкили экспедитсия ва ҳаракат ба соҳилҳои Ҳинд, шинокунӣ ба самти Ғарб тавассути уқёнуси Атлантикаро барвақт омода мекунад ва ба шоҳони Португалия, Англияю Фаронса пешниҳод мекунад, аммо лоиҳаи ӯ пазируфта намешавад.

Гап дар сари он аст, ки соли 1492 ҷанги Испания бо арабҳо анҷом ёфта, мамлакат дар вазъияти ниҳоят вазнини иқтисодӣ қарор дошт. Аз ҷониби дигар, Испанияро нооромиҳои дохилӣ ва ҷангҳои байнихудии ҳокмиони маҳаллӣ, ки барои соҳиб гардидани қаламравҳои якдигар равона шуда буд, фаро мегирад. Сарфи назар аз ин, 3-уми августи соли 1492 гурӯҳи киштиҳо аз бандари Палос, ки на чандон дур аз Севиля буд, ба сафар баромада, ба самти ҷанубу ғарб ва баъди гузаштан аз ҷазираҳои Канар роҳи шимолу ғарбро пеш мегиранд. Баъди чанд рӯзи ҳаракат дар баҳр экспедитсияи мазкур ба баҳри Саргас расида, ба боди хушк дучор меоянд. Ин боиси нигаронии ҷиддии маллоҳон мегардад, бинобар ин, Х. Колумб маҷбур мешавад самти ҳаракатро тағйир дода, ба тарафи ҷанубу Ғарб ҳаракат кунад. Субҳи 12-уми октябри соли 1492 киштиҳои ӯ ба яке аз ҷазираҳои Багам, ки Гуанаханӣ ном дошту испаниҳо онро Сан-Салвадор меноманд, баромаданд.

Дар сафари нахустини хеш Колумб солҳои 1492-1493 Куба ва ҷазираи Гаитиро кашф кард, аммо дар соҳилҳои ин минтақа ӯ киштии калони худро аз даст дода, маҷбур гардид, ки нисфи тобеони худро дар ин ҷо фарорад. Барои таъмини бехатарии онҳо дар ин ҷо истеҳкоми ҳарбӣ-қалъаи Навидадро бунёд намуда, гарнизони тозатаъсисро дар ин ҷо бо силоҳ ва хӯрока таъмин сохта, роҳи бозгаштро пеш гирифт. Бо мақсади дарёфт намудани кони тилло Х. Колумб ҷазираи Багамаро низ тадқиқ намуда, аз мардуми он парвариши баъзе аз растаниҳо, дарахтони мевадиҳанда ва парвариши гулҳои навро омӯхтанд. Соли 1493 Х. Колумб бомуваффақият ба Испания баргашт [13, с. 497]. Аммо дастовардҳои Х. Колумб боиси нигаронии ҳукумати Португалия гардид. Соли 1499 бо дастгирии папаи Рим байни Испания ва Португалия созишнома имзо гардид, ки мувофиқи он ҳуқуқи тадқиқи сарзаминҳои ғарбии ҷазираи Азор ба Португалия ва қисми шарқии он ба Испания дода шуд.

Колумб дар ҳаёти худ се маротиба (солҳои 1493-1496, 1498-1500, 1502-1504) ба Амрико сафар намуда, ҷазираҳои Антили Хурд, Пуэрто -Рико, Ямайка, Тринидад ва соҳилҳои Амрикои марказиро тадқиқ намуда, гумон дошт, ки роҳи ғарбии Ҳиндустонро тадқиқ намудааст. Ҳамин тавр, то асри XVI ин сарзаминҳо дар таърих бо номи «Ҳиндустони Ғарбӣ» сабт гардиданд. Аммо дар рафти ин экспедитсияҳо аз худ намудани конҳои тилло ба Колумб муяссар намешуд, аз ин рӯ, норозигии дарбориён афзуда, сафи душманони Х. Колумб ба маротиб зиёд гардид.

Аз ҷониби дигар, соли 1500 ӯро ҳамсафони норозӣ гардида занҷирбанд карда ба Испания фиристоданд. Аммо ин кор боиси норозигии мардум гардид ва дар натиҷа, зери фишорҳои афзоянда Колумб озод шуд. Ӯ худи ҳамон сол ба сафар баромада, лаб- лаби ҷазираи Юкатан ҳаракат кард ва дар ин масир бо қабилаҳои нисбатан пешрафтаи Майя, ки истеҳсоли маснуоти нуқрагиро ба роҳ монда буданд, рӯ ба рӯ гардид. Аммо дар бозгашт киштии Колумб ба тӯфони шадид дучор гардид ва ӯ бо машаққати зиёд ба ватан баргашт. Баъди ду ҳафтаи бозгашт малика Елизавета, ки пуштибони ӯ буд, вафот кард. Колумб аз тамоми имкониятҳои худ маҳрум гардид, аз ин рӯ дигар имконияти сафарро надошт. Ӯ соли 1506 вафот кард.[4, с. 123]

Чунон ки гуфтем, дастовардҳои Испания португалиҳоро сахт нигарон карда буд, аз ин рӯ. Соли 1497 бо сардории Васко де Гама экспедитсияи (эъзомия) нав бо мақсади кашф намудани роҳи наздиктарини баҳрӣ ба Ҳиндустон ташкил шуд. Пас аз гузаштани димоғаи Умеди нек экспедитсияи Васко де Гама соҳилҳои дарёи Замбезиро убур намуда, шаҳрҳои тиҷоратии араб ба монанди Мозамбик, Малинди ва соли 1498 бандари Ҳиндукуш ва Калкутаро низ тасарруф (аз худ намуда), ба ватан баргашт. Ин муваффақиятҳои ӯ боиси пайдо шудани низоми мустамликадорӣ дар минтақа гардид.

Дар охири асри XV ва ибтидои асри XVI дар ҳайати экспедитсияи навбатии испанӣ ва португалӣ барои кашфи Амрико баҳрнавард ва ситорашиноси Флоренсиягӣ Америго де Веспуччи равон гардид ва ҳангоми сайёҳати дуюм эскадрилияи онҳо қад-қади соҳили Бразилия гузашта, онро ҷазира ҳисоб карданд. Тадқиқоти ин ҷазира соли 1504 сурат гирифт ва дар натиҷа, ӯ ба чунин хулоса расид, ки Колумб на Ҳиндустон, балки қитъаи навро кашф кардааст.

Баъдан ин қитъаи нав ба ифтихори номи кашшофи он - Америго- Америкало, сипас дар шакли Америка машҳур гардид. Соли 1515 дар Олмон нахустин глобус бо ин ном сохта шуд.

Солҳои 1519-1522 фарзияи Веспучи дар сайёҳати гирди олам аз ҷониби Магелан низ тасдиқ гардид. Магелан аз оилаи ашрофони португалӣ буд ва аз айёми ҷавонӣ дар экспедитсияҳои (эъзомияҳо) баҳрӣ иштирок мекард. Ӯ чанд маротиба ба қаламрави ҷазираи Молук сафар намуда, чунин мепиндошт, ки ин минтақа ба соҳилҳои Амрикои ҷанубӣ хеле наздиканд, бинобар ин бо ҳукумати Испания шартнома имзо намуд [11, с. 234].

Ҳукумати Испания, ки аз заминҳои забтнамудааш даромади чандон калон намегирифт, ба лоиҳаи Магелан мароқ зоҳир намуда, бо ӯ шартнома имзо намуд. Мувофиқи ин шартнома Магелан мебоист ба канораҳои Амрикои ҷанубӣ шино намуда, сайрхати ғарбиро ба Ҳиндустон кашф мекард ва бар ивази ин кор ҳукумат ӯро ҳокими ин минтақаҳо таъин намуда, аз бист фоизи даромаде, ки аз ин минтақа ба хазина дохил мешуд, як фоизашро мегирифт.

20-уми сентябри соли 1519 эскадриляи (ҳарбӣ -баҳрӣ) иборат аз панҷ киштӣ аз бандари Сан-Лукар роҳ сӯи Ғарб пеш гирифта, ба қисмати ҷанубии Амрико расид ва баъди се ҳафта ба воситаи халиҷе, ки ҳоло номи Магеланро дорад, ба уқёнуси Ором баромад. Моҳи ноябри соли 1520 Магелан ба ин уқёнус ворид гардида, дар муддати се моҳ бо иллати ҳавои мусоид ва гармии ҳаво, дар он ҷо монд. Ӯ уқёнуси навро уқёнуси Ором ном монд.

Дар муддати ин сафар гурӯҳи Магелан фақат ду ҷазираи беодамро кашф намуду халос. Дар натиҷаи идомаи ҳаракат вазъияти маллоҳон бад шудан гирифт, аз норасоии хурокаю нушокӣ ва истифодаи обҳое, ки ошомиданӣ набуданд, бемориҳои гуногун паҳн гардида, нисфи зиёди ҳайати эъзомия вафот мекунад [1, с. 123].

6-уми марти соли 1522 Магелан ба ҷазираи Мариан баромада, аз он ҷо захираи хӯрока ва оби ширинро ба даст овард. Пас аз чанде онҳо саёҳаташонро давом дода, ба Филиппин расиданд ва натиҷаи задухӯрд бо аҳолии маҳаллӣ Магелан кушта шуд. 6-уми сентябри ҳамон сол ду киштии дигари онҳо зери роҳбарии Элкано бо машаққати зиёд ба ватан баргаштанд. Дар натиҷаи сафари Магелан аз 253 нафар танҳо 18 нафар ҷон ба саломат бурданд.

Кашфиётҳои нав боиси тезу тунд гардидани муносибатҳои Испания ва Португалия гардид. Дар муддати зиёд коммисияҳои ҳукуматӣ натавонистанд, ки марзҳои байни сарзаминҳои забтнамудаи испаниҳо ва португалиҳоро муайян намоянд. Соли 1529 байни ин мамлакатҳо қарордод имзо гардид, ки тибқи он дар Ҷануб- шарқи Осиё Испания аз даъвои соҳибият ба ҷазираҳои доштааш даст кашида, ҳукмрониашро фақат дар Филиппин, ки ба шарофати вориси тахти шоҳи он -Филлипи II номгузорӣ шуда буд, нигоҳ дошт [12, с. 334].

Сиёсати мустамликадорӣ, ки Португалия дар мулкҳои зери дасти худ ҷорӣ намуда буд, бо гуногунрангии худ аз испаниҳо фарқ мекард. Соли 1500 баҳрнаварди португалӣ Педро Алвариш Кабрал Бразилияро кашф намуда, онро сарзамини шоҳии Португалия эълон намуд. Дар ин минтақа мавҷудияти заминдории муқимӣ ба назар нарасида, баъзе халқиятҳои камшумори ҳиндуҳо дар ҳолати авлодӣ зиндагӣ ба сар мебурданд.

Ибтидои ба мустамлика табдил додани ин сарзаминҳо аз ҷониби португалиҳо ба соли 1530 рост меояд. Ин раванд аз ноҳияҳои назди соҳилии Бразилия оғоз гардид. Заминҳои соҳилии Бразилия ба 13 музофот ҷудо гардида, соҳибмулкони онҳо ҳокимиятро пурра дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Дар Португалия дар ин солҳо аҳолии зиёде зиндагӣ намекард, бинобар ин маскуншавии аҳолӣ дар мустамликаҳо суст сурат мегирифт ва ин боиси тараққиёти сусти шакли феодалии хоҷагидорӣ дар минтақа мегардид.

Солҳои 1500-1510 испаниҳо Амрикои Ҷанубӣ ва Флоридаро низ тадқиқ намуда, ба халиҷи Мексика наздик омаданд. То ин давра онҳо ҳудудҳои Антилияи калон, Антилияи хурд, Куба, Ямайка, Гаити, Барбадос ва ҷазираҳои баҳри Карибро тасарруф намуда, онҳоро ба мустамликаи худ табдил дода буданд. Ҳукуматдорони Испания ба Куба таваҷҷуҳ намуда, онро «калид ба ҷаҳони нав» меномиданд. Дар ин минтақа онҳо қалъаҳо ва шаҳракҳо бунёд намуда, барои тараққӣ додани плантатсияҳои (хоҷагиҳии бузурги зироати капиталистӣ, ки дар он кишти махсус руёнда мешуд) шароит фароҳам меоварданд.

Аз соли 1510 давраи нави мустамликакунонии Амрико аз ҷониби аврупоиён оғоз гардид, ки он дар таърих бо номи сиёсати «конкисто» маълум аст. Ибтидои ин давра аз воридшавии конкистадорҳо ба гарданаи Панама ва сохта шудани аввалин қароргоҳҳо аз ҷониби онҳо оғоз мегардад. Соли 1513 Васко Нун бо мақсади кашф намудани «мамлакати тиллоӣ»-и афсонавӣ – Элдорадо, гарданаи Панамаро убур намуда, ба уқёнуси Ором дохил шуд. Соли 1519 бошад шаҳри Панама, аввалин шаҳри аврупоиён дар қитъаи Амрико бунёд гардид [13, с. 115].

Солҳои 1517-1518 дастаи Эрнадо Де Кордоба ва Хуан Грихалв дар ҷустуҷӯи ғуломом ба соҳилҳои Юкатан фаромада, бо кишвари Майяҳо, ки яке аз қадимтарин тамаддунҳои токолумбӣ

дучор гардида, аз хоҷагидорӣ ва рӯзгору маданияти сокинони он дар ҳайрат монданд. Дар ин ҷо шаҳрҳои азимеро мебинанд, ки бо деворҳои бузург иҳота гардидаанд, аҳромҳо ва ибодатгоҳҳои сангине, ки сокинони инминтақа сохта буданд, кандакорӣ ва ороиш дода шуда буданд [3, с. 323].

Соли 1519 бо мақсади ба даст овардани мамлакати Атстекҳо лашкари испониёӣ иборат аз 400 нафар сарбози пиёда, 16 савора, 200 ҳинду, 10 тӯпи вазнину 3 тӯпи сабук бо сардории Эрнан Кортес ба шимоли Юкатан сафар намуданд. Дар ин ҷо музофотҳои бисёр ҷойгир шуда, сокинонаш асосан сохти кишоварзиро аз сар мегузаронидаанд ва ба марказ- Мехико итоат мекарданд [14, с. 252].

Мавҷуд набудани иттиҳод байни қабилаҳои ин минтақа ва муборизаи байнихудии онҳо боиси ғолибияти пайдарпайи испаниҳо мегардид. Ба ин ҳам нигоҳ накарда, масъалаи ба даст овардани Мексика чанд даҳсола давом намуда, он танҳо баъди 173 соли ба Юкатан дохил гардидани аврупоиҳо, яъне соли 1697 ишғол карда шуд. Дар ин минтақа истеҳсоли тилло ва нуқра ба роҳ монда шуд ва барои коркарди онҳо ғуломони ҳиндуи америкоӣ васеъ истифода бурда мешуданд. Истифодаи онҳо дар корҳои вазнин ва бераҳмиҳои гушношунид нисбати аҳолии маҳаллӣ боиси сар задани бемориҳои сироятӣ ва нестшавии қисми аҳолӣ гардида, дар тӯли 50 сол шумораи онҳо аз 4,5 млн. то 1 млн. нафар коҳиш ёфт. Соли 1524 забткунии ҳудудҳои Колумбия азҷониби испаниҳо оғоз гардид ва дар он ҷо бандари Санта Марта сохта шуд. Баъди ба даст овардани ин минтақа конкистадори испанӣ Хаменес Кесада ба болооби дарёи Магдален ҳаракат намуда, заминҳои қабилаҳои Чибча - Муискро, ки коркарди мис ва тиллоро васеъ ба роҳ монда буданд, тасарруф карда, соли 1536 шаҳри Санта-Фе де Богаторо асос гузошт [11, с. 167].

Давраи дувуми забткориҳои Испания дар қитъаи Амрико аз гарданаи Панама ба Ҷануб лаб-лаби соҳилҳои уқёнуси Ороми Амрико оғоз гардид. Омили асосии ин забткориҳо ба даст овардани мамлакати бой ва афсонавии Перу, ё ба ибораи худи ҳиндуҳо, Биру гардид. Дар ин экспедитсияҳо амалдорон ва тоҷирони бойи испанӣ иштирок намуда, яке аз онҳоро Франсиско Писсаро роҳбарӣ мекард. Соли 1524 ӯ бо ҳамроҳии Диего Алмагро қад-қади соҳили ғарбии Амрико ба сафар баромада, ба халиҷи Гуаякил (Эквадор) баромада, аз маданияти бойи чорводорӣ ва заминдории онҳо бохабар гардид. Соли 1531 баъди баргаштан ба Испания Писсаро бо ҳукумати шоҳӣ созишнома имзо намуд, ки тибқи он, ба ӯ унвони аделантадо – сарвари дастаи конкистадорҳо дода шуд. Писсаро барои эъзомияи навбати тайёрӣ дида, ба он ду бародари худ ва 250 нафар аз Эстрамедураро низ ҳамроҳ кард.

Соли 1532 ӯ бо ҳайати эъзомияаш ба соҳил баромада, дар муддати кӯтоҳ шаҳри Мумбесро тасарруф карда, ба сӯи давлати Инкҳо –Туантисуйю, ки давлати абарқудрат ва тараққикардаи минтақа буд, ҳаракаткард [10, с. 223].

Аз миёнаҳои асри XVI сар карда, мустамликадорон дар Амрико сиёсати истисморгариро пеш гирифта, дар рафти он тамоми заминҳои ҳосилхези ин минтақаро моликияти худ карданд. Соли 1512 барои барҳам додани ғуломӣ қонун қабул карда шуд, ки тибқи он ғулом кардани ҳиндуҳо ғайриқонунӣ ҳисоб шуд. Аммо дар баробари ин, ҳиндуҳо расман зери ҳокимияти шоҳ қарор гирифта, ба ӯ андози махсус -«трибут»-ро пардохт мекарданд. Аммо масъалаимазкур дар рӯи коғазмонд. Бедодгарии мустамликадорон аз рӯзҳои аввали ҳукмронии онҳо боиси сар задани ҳаракатҳои халқӣ гардид. Солҳои 20-уми асри XVI шакли нави истисмор -«энкоменда» ташкил дода шуд, ки нахуст аз ҷониби Э. Картес дар Мексика амалӣ гардид. Мувофиқи энкоменда соҳиби замин ҳуқуқи зулм кардан нисбат ба ҳиндуҳо ва обшинакорҳоро дошт.

Инчунин тибқи он уҳдадориҳои насронигардонии аҳолӣ, назорат аз болои иҷрои нақшаи саривақтии андоз, «трибут», сохтмон ва ғайра амалӣ карда шуд. Дар натиҷаи барқарор гардидани ин тартибот ҷамоаҳои ҳиндуҳо ба низоми мустамликавӣ кашида шуданд.

Дар солҳои 1503-1565 ҳукумати Испания аз Амрико 181 тонна тилло ва 17 000 тонна нуқра фоидаи соф ба даст овард. Аз нимаи дуввуми асри XVI дар минтақаҳои мустамликавӣ амалдорони испанӣ маскун гардида, муҳоҷирати деҳқононро дар ин ҷо манъ карданд. Соли 1572 дар Тепос 120 ҳазор аҳолӣ сукунат дошт, ки аз онҳо танҳо 10 ҳазор нафарашон испанӣ буданду халос. Бо гузашти солҳо аз ҳисоби аҳолии испание, ки дар ин минтақаҳо сукунат доштанд, нуфузи ин минтақаҳо низ меафзуд, аммо испаниҳо бо халқи маҳаллӣ омезиш наёфта, табақаи нав, ки номи «креолҳо» -ро гирифта буд, ташкил медоданд.

Дар натиҷаи инкишофи мустамликадорӣ ва вайроншавии гурӯҳҳои этникӣ забони аҳолии маҳаллӣ низ маҳдуд гардид ва аҳолӣ дигар ба забони асосӣ -испанӣ сӯҳбат мекард. Ҳамзамон раванди омезиши муҳоҷирони испанӣ бо аҳолии таҳҷоии ҳинду ба дурагашавии халқ мусоидат кард. Аз миёнҳои асри XVII голландиҳо ва англисҳо тадқиқи соҳилҳои Австралияро оғоз

намуданд. Талошҳои Англия, ки ба давлати абарқудрати замон табдил ёфта буд ва барои пешрафти худ кӯшиш мекард, боиси ташвиши Испания гардид. Соли 1588 байни ин ду давлат ҷанги шадиде ба амал омад, ки он бо шикасти Испания анҷом ёфт. Дар натиҷа Англия дар баҳр мавқеъи худро мустаҳкам намуд. Дар ибтидои ҳамин аср ҳукумати Англия аввалин мустамликаи хеш - Вирҷинияро асос гузошт.

Соли 1642 баҳрнавард А.Тасман аз соҳилҳои Индонезия ба Шарқ ҳаракат намуда, Австралияро аз Ҷануб давр зад ва қад-қади соҳил ҷазираеро тадқиқ намуд, ки баъдан бо номи ӯ, яъне ҷазираҳои Тасман маъруф гардид. Соли 1768 баҳрнаварди англис Ҷ. Кук ҷазираҳои Океания ва гулӯгоҳи Перросро аз нав тадқиқ намуд. Бо мақсади инкишофи савдо ҳукуматдорон ширкатҳои навро ташкил намуданд, ки вазифаи онҳо ба роҳ мондани низоми тиҷоратӣ дар ин минтақа ва назорати он ба ҳисоб мерафт. Яке аз чунин ширкатҳо «Ост Индия» ба ҳисоб мерафт, ки соли 1600 ташкил дода шуд [7, с. 432].

Хулоса, кашфиётҳои бузурги асрҳои XV-XVII-ум ба тараққиёти ҷаҳонӣ такони бузург бахшид. Маълум аст, ки ҳанӯз хеле барвақт аврупоиҳо ба ҳудуди Амрико ва Африқо сафар намудаанд. Аммо кашфиёти Колумб барои муносибатҳои дуҷонибаи онҳо роҳи васеъро кушода, дар таърихи ҷаҳон марҳилаи навро оғоз намуд. Ин кашфиёт андешаҳои барғалати аврупоиёнро дар хусуси олам тағйир дода, андешаи дигарро ба вуҷуд овард. Афзоиши донишҳои илмӣ, инкишофи босуръати саноат ва тиҷорат дар Аврупо боиси пайдоиши шакли нави муносибатҳои моливу пулӣ гардида, роҳи тиҷорати обӣ аз баҳри Миёназамин ба уқёнуси Атлантика гузашт. Дар ин солҳо бо дастгирии баҳрнавардони машҳур сарзаминҳои зиёде кашф гардида, мавриди истифода қарор гирифтанд. Аммо дар натиҷаи ин кашфиётҳо қатлу куштори мардуми маҳаллӣ, ғорат ва мустамлика намудани сарзамини онҳо аз ҷониби аврупоиҳо ба амал омад. Дар натиҷаи ин сиёсат давлатҳои Аврупо ба мамолики бузурги сармоядорӣ табдил ёфтанд. Аз ҷониби дигар, ба роҳ мондани кашфиётҳои ҷуғрофӣ муносибати байниҳамдигарии давлатҳои Аврупо ва халқҳои Африқову Осиё мустаҳкам гардонида, тиҷорати байни онҳоро вусъат дод.

Муҳимтарин натиҷаи кашфиётҳои ҷуғрофӣ ва мустаҳкам гардидани заминҳои нав «инқилоби нарх» ба ҳисоб мерафт, ки он ба ғункунии ибтидоии сармоя дар Аврупо такони нав дода, ташаккули тарзи истеҳсолоти сармоядориро хеле тезонд. Дар Аврупо марказҳои нави тиҷоратӣ ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла дар Лиссабон, Севиля, Антверпен ва ғайра. Дар навбати худ, рушди давлатҳои аврупоӣ дар натиҷаи кашфиётҳои нави ҷуғрофӣ ва рушди бемисли мустамликадорон имконоти мамлакатҳои шарқро хеле маҳдуд кард [3, с. 220].

Ба иборати дигар, кашфиётҳои ҷуғрофӣ ва мустамликакунӣ танҳо аз худ намудани заминҳои нав набуд, балки он маънои зулму ситами бераҳмонаро нисбат ба халқҳои тобеъ ва ба асорат гирифани онҳоро низ дошт.

Адабиёт

1. *Афанасия, Н. "Хождение за три моря" / Н. Афанасия. - М., 1957. – 448 с.*
2. *Бригина, Л.М. История средних веков / Л.М.Бригина. - М., 2003. – 360 с.*
3. *Гамы, А. Вице королья Индии и графа Видигейры / А. Гамы. - М., 1959. - 330 с.*
4. *Матта, Г. Как открывали мир / Г. Матта. - М., 1977. - 36 с.*
5. *Мусоев З. Таърихи кашфиётои ҷуғрофи / З. Мусоев, А. Каландаров. – Душанбе, 2018. - 2013 с.*
6. *Негматов Д. Таърихи асримиёнагии мамлакатҳои ҷаҳон / Д. Негматов. - Душанбе, 2024 - 350 с.*
7. *Путешествие Христофора Колумба дневники, письма, документи. - М., 1956. – 526 с.*
8. *Свет, Я.М. Фернандо / Я.М. Свет. - Магеллан - М., 195. - 38 с.*
9. *Свет, Я.М. Христофор Колумб / Я.М. Свет. - М., 1973. - 854 с.*
10. *Слезкин, Л.Ю. Земля Святего Креста открытие завоевание Бразилии. / Л.Ю.Слезкин. - М.,1970. – 430 с.*
11. *Смирнов, В. Открытие мира / С. Василий. - М., 1987. – 334 с.*
12. *Стефан, Цвейде Америго Веспуччи, Фернан Магеллан и первое / Ц.А.Стефан. – Дрофа, 2009.-528с.*
13. *Суботин, В.А. Великие открытия Колумб, Васко да Гама, Магеллан / В.А. Суботин. - М, 1998. – 272 с.*
14. *Харт, Г. Морской путь в Индию.Рассказ плаваниях и подвигах португальских мореходов,а также ожизни и времени Васкода / Г. Харт. – М, 1938. – 220 с.*

КАШФИЁТҲОИ БУЗУРГИ ҶУҒРОФӢ ВА ТАШАККУЛИ НИЗОМИ МУСТАМЛИКАДОРӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ ва ташаккули системаи мустамликадорӣ баррасӣ карда мешавад. Кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ дар натиҷаи комёбиҳои барҷастаи тараққиёти илм ва техника дар Аврупо имконпазир гардиданд. Дар охири асри XV таълимот дар бораи кураи замин паҳн шуда, дониш дар соҳаи астрономия ва география васеъ гардид. Асбобҳои навигатсионӣ (компас) такмил дода, навъи нави киштии бодбондор — каравел пайдо шуд. Бозёфтҳои бузурги ҷуғрофии сайёҳони

аврупоӣ дар охири асри XV - миёнаи асри XVII натиҷаи тараққиёти пуравҷи куввахои истеҳсолкунанда дар Аврупо, афзоиши савдо бо мамлакатҳои Шарқ ва дар робита ба инкишофи савдо ва муомилоти пул нарасидани металлҳои киматбаҳо буданд. Дар даврае, ки дар асар таҳқиқ карда мешавад, протсесси парокандагии мулкҳои феодалӣ ногузир буд, ки боиси пайдо шудани фиребгарони сершумор дар мамлакатҳои Аврупо гардид, ки бо ҳар роҳ сарвату замини китъаҳои дурдастро ба худ даровардан мешуданд.

Калидвожаҳо: Аврупо, Африқои Шимолӣ, Куба, соҳили баҳри Кариб, Гаити, Амрико, кашфиёти ҷуғрофӣ, капитализм, ҷомеа, нажодӣ, этникӣ, Португалия.

ВЕЛИКИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ ОТКРЫТИЯ И ФОРМИРОВАНИЕ КОЛОНИАЛЬНОГО РЕЖИМА

В статье рассматривается проблема великих географических открытий и формирование колониальной системы. Великие географические открытия стали возможными в результате значительных успехов в развитии науки и техники в Европе. В конце XV в. широкое распространение получило учение о шарообразности Земли, расширились знания в области астрономии и географии. Были усовершенствованы навигационные приборы (компас, астролябия), появился новый тип парусною судна каравелла. Великие географические открытия европейских путешественников конца XV в. - середины XVII в. явились следствием бурного развития производительных сил в Европе, роста торговли со странами Востока, нехватки драгоценных металлов в связи с развитием торговли и денежного обращения. Неизбежный для исследуемого в работе периода был процесс дробления феодальных поместий, который приводил к появлению в европейских странах многочисленных авантюристов, стремившихся любой ценой захватить богатство и земли на далеких континентах.

Ключевые слова: Европа, Северная Африка, Куба, Карибское побережье, Гаити, Америка, географические открытия, капитализм, общество, расовые, этнические, Португалия.

GREAT GEOGRAPHICAL DISCOVERIES AND FORMATION OF THE COLONIAL REGIME

The article describes the problem of great geographical discoveries and the formation of the colonial system. Great geographical discoveries became possible as a result of significant advances in the development of science and technology in Europe. At the end of the XV th century. The doctrine of the sphericity of the Earth became widespread, and knowledge in the field of astronomy and geography expanded. Navigation instruments (compass, astrolabe) were improved, and a new type of sailing ship, the caravel, appeared. Great geographical discoveries of European travelers of the late XVth century mid-XVII th century was the result of the rapid development of productive forces in Europe, the growth of trade with the countries of the East, and the shortage of precious metals in connection with the development of trade and money circulation. Inevitable for the period studied in the work was the process of fragmentation of feudal estates, which led to the emergence of numerous adventurers in European countries who sought to seize wealth and land on distant continents at any cost.

Keywords: Europe, North Africa, Cuba, Caribbean coast, Haiti, America, geographical discoveries, capitalism, society, racial, ethnic, Portugal.

Дар бораи муаллиф
Негматов Давлатшо Нуруллоевич
Номзади илмҳои таърих, досенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121
Тел.: (+992) 934 23 79 85

Об авторе
Негматов Давлатшо Нуруллоевич
Кандидат исторических наук, дотсент кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственый педагогический унверистет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки, 121
Тел(+992) 934 23 79 85

About the author
Negmatov Davlatsho Nurulloevich
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of General History and international relations
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 121
Ph: (+992) 934 23 79 85

ТДУ 625(091)(575.3)

ИНЪИКОСИ СОХТМОНУ НАВСОЗИИ РОҲУ ПУЛ ВА НАҚБҲО ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ (АЗ СОЛИ 2006 ТО СОЛИ 2023)

Айнулозода Н. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ раҳнамои самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар барои даврaҳои оянда мебошад. Ҳамасола дар Паёмҳои ӯ оид ба пешрафти сиёсати дохилию хориҷӣ ва таъмини рушди соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, энергетика ва роҳу нақлиёт вазифаҳои мушаххас ба миён гузошта мешавад. Сарвари давлат борҳо таъкид карданд, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат ба шумор меравад.

Ба истифода додани роҳи мошингарди Кӯлоб–Хоруғ–Кулма–Қарокурум, нақби мошингарди Анзоб, се пул дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, таҷдиди роҳи Душанбе–Қӯрғонтеппа–Кӯлоб, инчунин идомаи босуръати таҷдиди шоҳроҳи Душанбе–Нуробод–Ҷиргатол–Саритош, ки танҳо барои ду марҳилаи он зиёда аз 200 миллион сомонӣ маблағ сарф мегардад, дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва рушди иқтисодии кишвар дастовардҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Президенти кишвар оид ба бунёди пули бузурги байналмилалии Панҷи Поён суханроӣ намуда, иброз намуданд, ки пули мазкур Тоҷикистонро бо Афғонистон, Покистон ва Эрон мепайвандад. Барои сохтмони он 90 миллион сомонӣ ҷудо гардида, 26 августи соли 2007 он ба истифода дода шудааст. Ин пул барои сарфаи миллионҳо сомонӣ маблағ мусоидат хоҳад кард.

Дар соли 2006 азнавсозии роҳҳои мошингарди Душанбе–Хуҷанд–Мастчоҳ, Айнӣ–Панҷакент, бунёди нақби Шаҳристон бо маблағи 820 миллион сомонӣ ва нақби Шаршар оғоз гардид. Илова бар ин, сарвари давлат оид ба ташкили сохтмони роҳи мошингарди Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён ва нақбҳои мошингарди Чормағзак ва Фахробод суханронӣ намуда, таъкид доштанд, ки бунёди иншооти бузурги коммуникатсионӣ ва навсозии роҳҳои мавҷуда таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, барои сохтмони онҳо дар солҳои 2006-2008 бо назардошти ҷалби сармояи хориҷӣ зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ба роҳ монда мешавад.[1]

Ҷиҳати аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат нақби “Истиқлол”, ки сохтмони он 20-майи соли 1999 оғоз гардида буд, 26 июли соли 2006 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод дар фазои тантанавӣ ба истифода дода шуда, бунёди ду нақби дигар оғоз ёфт ва сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард ба самти Чин, Афғонистон, Қирғизистон ва Узбекистон суръати тоза пайдо намуд.[2]

Президенти мамлакат дар бобати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар пайваста таъкидҳои ҷолиб карда, дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 иброз намуданд, ки ҳадафи сеюми стратегии мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмин кардани ривоҷу равнақи минбаъдаи соҳаҳои нақлиёту алоқа мебошад. Ҳоло дар ин самт сохтмони нақбҳо, роҳу пулҳои нақлиётии дорои аҳамияти байналмилалӣ, ки барои рафтуомади доимӣ ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақаву ҷаҳон имконият медиҳанд, идома ёфта истодааст. Бояд гуфт, ки дар доираи татбиқи ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ дар кишварамон ҳаҷми маблағгузорӣ барои сохтмони асосӣ сол то сол афзуда истодааст. [3]

Рушди инфраструктураи коммуникатсионӣ омили муҳими пешрафти иқтисод ба шумор меравад. Солҳои охир аз ҷониби Ҳукумат бо харҷи маблағҳои зиёди буҷетӣ ва сармояи хориҷӣ дар ин самт хеле корҳо анҷом дода шуданд. Ҳоло дар маҷмуъ 1 ҳазору 200 километр роҳҳои мошингард, 14 километр нақбҳо, 93 пул ва 5 километр иншооти зиддитармавӣ бунёд ва таъмиру тармим шуда истодаанд. Ҷиҳати сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва нақбу пулҳо ба маблағи 2 миллиарду 200 миллион сомонӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди татбиқ қарор доранд. Дар доираи онҳо азнавсозии роҳи автомобилгарди 354 – километраи Душанбе – Бӯстон – Чаноқ соли ҷорӣ пеш аз муҳлат ба анҷом расонида шуда, бунёду азнавсозии роҳи мошингарди

Душанбе – сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон ба масофаи 400 километр ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон бо ин, барои амалӣ намудани 5 лоиҳаи марбут ба азнавсозии 380 километр роҳҳо корҳои омодагӣ давом доранд. Умуман, дар се соли оянда соҳаи роҳсозӣ дар ҳаҷми 2 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардида, то ҷашни бистсолагии истиқлолияти давлатӣ мамлакатамон пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда мешавад. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумат зарур аст, ки дар хусуси бунёди инфраструктурае, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидану дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои худмаблағгузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Сарвари давлат қайд намуданд, ки вазъи имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ моро водор месозад, ки барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии соҳаи нақлиёт ва алоқа аз механизмҳои муосир самаранок истифода барем. Дар ин раванд ба рушди соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ такони ҷиддӣ бахшидан зарур аст.

Бо ин мақсад ва дар доираи ислоҳоти соҳаи мазкур соли гузашта сохтори он мавриди таҷдид қарор дода шуд. Ба мо лозим аст, ки инфраструктураи фурудгоҳҳо ва соҳаи ҳавопаймоиро низ ба талаботи иқтисоди миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ созем.

Дар баробари ин, бояд хатҳои парвози ҳавопаймоҳои ширкатҳои ватаниву хориҷиро зиёд карда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ, таъмини бехатарӣ ва паст гардонидани арзиши хизматрасонӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Бо назардошти ин вазифаҳо, ба Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия ва Корхонаи воҳиди давлатии “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” зарур аст, ки бо мақсади ба меъёрҳои муосир мутобиқ гардонидани фурудгоҳи шаҳри Душанбе бунёд ва ба истифода супоридани терминали навро ба маблағи 140 миллион сомонӣ то моҳи сентябри соли 2011–ум таъмин намоянд. Сатҳи хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан низ бояд ба талаботи замона мувофиқ гардонида шуда, вазъи бору мусофиркашонӣ бояд беҳтар ва тарифҳои онҳо воқеӣ карда шаванд. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ зарур аст, ки нақшаи таҷдиди Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон”-ро таҳия намуда, ҷиҳати амалии он тадбирҳо андешад. Ҳамчунин Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон” дар баробари таҳкими заминаи моддиву техникии соҳаи нақлиёти роҳи оҳан ба бунёди роҳи оҳани Душанбе – Қурғонтеппа ба масофаи 46 километр, ки дар арафаи иди Наврӯз оғоз ёфт, суръат бахшанд [4].

Пешвои миллат соли 2009 дар паёми худ ба Маҷлиси олӣ зикр намуданд, ки дар бахши сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард дар кишвар 14 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи 2,8 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. То соли 2012 ба анҷом расидани як қатор лоиҳаҳо дар назар аст, ки дар натиҷа 1650 километр роҳҳо, 15 километр нақб ва зиёда аз 100 адад пулҳо таҷдид ва бунёд хоҳанд шуд.

Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ ислоҳот идома дорад, ки дар доираи он ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани фурудгоҳҳо, зиёд намудани самтҳои парвоз ба давлатҳои хориҷии дуру наздик пешбинӣ шудааст [5].

Дар давоми солҳои гузашта сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти на танҳо ҷумҳуриявӣ, балки байналмилалӣ, инчунин бунёди нақбҳои мошингард босуръат идома дода шуд. Бо ин мақсад маблағгузории соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия дар панҷ соли охир бо назардошти лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ - 3,9 миллиард сомониро ташкил дода, дар соли ҷорӣ ба ин мақсад 1,4 миллиард сомонӣ равона мегардад. Ҷиҳати таҷдиди роҳҳои мошингарди кишвар, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ ва умуман рушди соҳаи нақлиёт ҳоло 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ гардида истодааст, ки татбиқи онҳо ба беҳтар гардидани дастрасӣ ба бозор, зиёд кардани ҳаҷми тиҷорат дар минтақа, паст намудани арзиши хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст. Дар соли 2011 татбиқи 3 лоиҳаи нав - сохтмони роҳҳои мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб, Шоғун–Зиғар (марҳалаи 3) ва таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода ба маблағи умумии зиёда аз 4,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад. ҳоло дар мамлакат сохтмони ду нақби нақлиётии Чормағзак ва Шаҳристон бо дарозии умумии қариб 10 километр босуръат идома дорад [6]. Соли 2011 Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 қабул гардид. Тибқи барномаи мазкур бунёду таҷдиди беш аз чор ҳазор километр роҳ ва 576 пул ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Президенти мамлакат дар паёмҳои худ оид ба нақши роҳҳои оҳан дар рушди иқтисодиёти кишвар суханронӣ намуда, соли 2012 супориш доданд, ки Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, Корхонаҳои воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон” ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ сохтмону

таъмири роҳҳои мошингарду оҳан, аз ҷумла қитъаи роҳи оҳани “Ваҳдат – Ёвон”–ро тезонида, доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои гумрукӣ, инчунин ташкили марказҳои логистикӣ чораҳои ҷиддӣ андешанд. Илова бар ин, Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон” вазифадор карда шуд, ки дар самти бартараф намудани монеаҳои сунъии бюрократӣ ҳангоми воридоту содироти молу маҳсулоти соҳибкорону тоҷирон чораҷӯӣ намояд [7].

Пас аз 6 солу 2 моҳ 27 октябри соли 2012 нақби мошингарди Шаҳристон, ки дарозиаш 5253 метр мебошад, бо 5289 метр нақби ҳаводиҳанда бо маблағи қариб 430 миллион сомонӣ ифтитоҳ карда шуд. Зикр кардан лозим аст, ки то соли 2013 ҷиҳати раҳоӣ ёфтани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуда, 1650 километр роҳҳои мошингард таҷдиду азнавсозӣ гардида, 109 пул ва 27 километр нақб сохта шуд. Дар ҳамин давра дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 5,5 миллиард сомонӣ амалӣ карда мешуданд.

Президенти ҷумҳурӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ (2013) иброз доштанд, ки сохтмону барқарорсозии роҳи мошингарди Айнӣ–Панҷакент, Душанбе–Турсунзода, Кӯлоб–Қалъаихумб, сохтмони терминали замонавӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, хатти роҳҳои оҳани Душанбе–Қурғонтеппа (қитъаи Ваҳдат–Ёвон) ва Қурғонтеппа – Панҷи Поён дар назар дошта шудааст [8].

Соли 2014 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 1,1 миллиард сомонӣ ва дар 7 соли оянда зиёда аз 8 миллиард сомонӣ харҷ карда мешавад. Татбиқи чунин лоиҳаҳо, аз ҷумла сохтмони хатти роҳи оҳани Туркманистон – Афғонистон – Тоҷикистон, роҳҳои мошингарди байналмилалии Душанбе–Кӯлоб–Хоруғ–Кулма, Душанбе – Турсунзода, Айнӣ – Панҷакент, Восеъ – Ховалинг ва хусусан роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон – Қӯрғонтеппа барои беҳтар гардидани фазои сармоягузории кишвар, пайваст шудан ба шабакаҳои байналмилалии нақлиётӣ, рушду тараққии бозори дохилӣ ва афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои байналмилалӣ мусоидат намуд [9].

Аз соли 2009 то соли 2014 барои раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ зиёда аз 5 миллиард сомонӣ, равона карда шудааст. Дар ин раванд, азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе–Турсунзода, роҳҳои Душанбе – Қурғонтеппа – Панҷи Поён, Айнӣ – Панҷакент, Душанбе – Хоруғ – Кулма (қитъаи Шӯрообод–Дарвоз), Восеъ – Ховалинг, бунёди роҳи оҳани Душанбе–Қурғонтеппа (қитъаи Ваҳдат–Ёвон), таҷдиду сохтмони роҳҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ амалӣ гардид [10].

Соли 2015 азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Турсунзода ба масофаи 57 километр ба маблағи беш аз 800 миллион сомонӣ ва шоҳроҳи Айнӣ–Панҷакент ба масофаи 113 километр ба маблағи беш аз 700 миллион сомонӣ ва азнавсозии роҳи мошингарди Восеъ – Ховалинг ба масофаи 88 километр ва ба маблағи 370 миллион сомонӣ ба анҷом расид. Чунин иқдомот дар ҷодаи ҳамлу нақли боркашонӣ барои паст гардонидани арзиши аслӣ ва сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаихумб – Хоруғ – Кулма соли 2015 таҷдиди ду қисмати душвортарини он, яъне Кӯлоб – Шурообод ба масофаи 32 километр ва Шкев – Қалъаихумб ба масофаи 26 километр, ба маблағи умумии беш аз 800 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуд.

Дар давоми соли 2015 дар маҷмуъ, қариб 510 километр роҳ таъмиру таҷдид ва 140 пул сохта ва барқарор карда шудааст. Илова бар ин, ба маблағи беш аз 70 миллион сомонӣ таъмиру таҷдиди роҳҳои байни шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот ба масофаи 324 километр ба анҷом расидааст. Истисно аз ин, аз ҳисоби Фонди эҳтиётии Президенти мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 километр роҳҳои байнишаҳрӣ ба маблағи 90 миллион сомонӣ таъмиру азнавсозӣ шудаанд [11].

Бунёди роҳу пулҳои аҳамияти байналмилалидошта ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи то соли 2030 ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон мусоидатнамуда, ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро бо ҷалби беш аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардонидааст [12].

Тайи солҳои охир дар натиҷаи бунёди шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва пайвастани Тоҷикистон бо роҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, кушода шудани роҳи оҳан ва 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Узбекистон кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт ва ҳадафи дуюми стратегиамон амалӣ гардид.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ беш аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёду таҷдид карда шуданд.

Танҳо соли 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шуд. Қобили зикр аст, ки дар соҳаи нақлиёт ба маблағи умумии 7,5 миллиард сомонӣ 14 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст [13].

Дар бобати лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҳаминрро қайд намудан лозим аст, ки то соли 2019 дар мамлакат дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ карда шуд.

Аз соли 2020 лоиҳаҳои таҷдид ва бунёди қитъаи роҳи Обигарм–Нурободи шоҳроҳи Ваҳдат–Қарамиқ (яъне Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб – Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук – Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва сохтмони пули ҳафтуми дарёи Панҷ миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афгонистон дар мавзеи Кокул бо 18 километр роҳи мошингард ба маблағи 70 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз карда шуд [14].

То соли 2021 ҷиҳати раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шуд.

Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Обигарм–Нуробод, Ҳулбук–Темурмалик–Кангурт, Данғара–Левакант–Бохтар, қитъаҳои Қалъаихумб–Ванҷи шоҳроҳи Душанбе–Кулма, Қизилқалъа–Бохтари шоҳроҳи Душанбе–Бохтар, Бекобод–Бобоҷон Ғафуров–Конибодом, сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шуруъ шуданд [15].

Ҷиҳати идомаи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳҳо ва тақвияти имкониятҳои транзитии кишвар дар соли 2022 татбиқи 3 лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла таҷдиди як қисми роҳи мошингарди Данғара – Бохтар (29 километр) ва роҳи мошингарди Душанбе – Кулма дар қитъаи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) оғоз гардид [16].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуданд.

Дар соли 2023 танҳо дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе 16 километр роҳҳои мошингард бо арзиши 700 миллион сомонӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорон ба маблағи зиёда аз 300 миллион сомонӣ қариб 1000 километр роҳҳои маҳаллӣ таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 41 пул ба анҷом расидааст [17].

Ба ҳамин тариқ, таваҷҷуҳи роҳбари давлат дар бобати сохтан ва ба истифода додани роҳу пулҳо ба аҳамияти стартегӣ молик буда, аз паём то паёми навбатӣ сол то сол вазъи роҳу пулсозӣ дар ҷумҳурӣ рӯ ба нашъунамо кардааст. Бунёди нақбу долонҳои нақлиётии байналмилалӣ барои равнақу ривоҷи соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар ва раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат менамояд.

Сохтани нақбҳо бошад, барои кам шудани хароҷоти боркашонӣ ва пешгирии садамаҳои нақлиётӣ дар роҳҳои душворгузари ағбаҳои Шаршар ва Анзоб шароит фароҳам меорад.

Адабиёт

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2006.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2007.*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.04.2009.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.04.2010.*
6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2011.*
7. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2012.*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013.*
9. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014.*
10. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015.*

11. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016.*
12. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017.*
13. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018.*
14. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019.*
15. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021.*
16. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022.*
17. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023.*

ИНЪИКОСИ СОХТМОНУ НАВСОЗИИ РОҲУ ПУЛ ВА НАҚБҲО ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ (АЗ СОЛИ 2006 ТО СОЛИ 2023)

Дар мақола оид ба инъикоси сохтмону навсозии роҳу пул ва нақбҳо дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олӣ аз соли 2006 то соли 2023 маълумот дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ фарогири самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар буда, дар он оид ба пешрафт ва таъмини рушди соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, энергетика ва роҳу нақлиёт вазифаҳои мушаххас ба миён гузошта мешавад. Дар паёмҳои худ сарвари давлат борҳо таъкид карданд, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон сохтмони роҳу пулҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат ба шумор меравад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар самти раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва рушди иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузург ноил гардида, дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуда, зиёда аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ бунёду азнавсозӣ карда шудаанд.

Калидвожаҳо: Паёми президент, ҳадафҳои стратегӣ, бунбасти коммуникатсонӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сохтмони роҳҳо, азнавсозии роҳҳо, бунёди нақбҳо, роҳи оҳан, роҳҳои мошингард, долонҳои нақлиётӣ.

ОТРАЖЕНИЕ СТРОИТЕЛЬСТВА И РЕКОНСТРУКЦИИ ДОРОГ, МОСТОВ И ТУННЕЛЕЙ В ПОСЛАНИЯХ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН МАДЖЛИСИ ОЛИ (С 2006 ПО 2023 ГОД)

В статье даётся информация об освещении строительства, реконструкции дорог, мостов и туннелей в Посланиях Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли с 2006 по 2023 год. Отмечается, что Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли является всеобъемлющим из основных направлений внутренней и внешней политики страны, в котором ставятся конкретные задачи по продвижению и обеспечению развития отраслей экономики, в том числе промышленности, энергетики, дорог и транспорта. В своих посланиях глава государства неоднократно подчёркивал, что для вывода Таджикистана из коммуникационного тупика строительство дорог и мостов республиканского и международного значения является одной из стратегических целей правительства. В период независимости Республика Таджикистан в направлении выхода из коммуникационного тупика и экономического развития добилась больших успехов, в стране были построены и реконструированы 58 государственных инвестиционных проектов в направлении строительства и реконструкции автомобильных и железных дорог, строительства их инфраструктуры и укрепления технического потенциала отрасли на сумму 26,6 млрд. сомони, построено и реконструировано более 2100 километров автомобильных дорог международного и республиканского значения и более 1000 километров внутренних автомобильных дорог.

Ключевые слова: Послание президента, стратегические цели, коммуникационная изоляция, инвестиционные проекты, строительство дорог, реконструкция дорог, строительство туннелей, железных дорог, автомобильных дорог, транспортных коридоров.

REFLECTION OF THE CONSTRUCTION AND RECONSTRUCTION OF ROADS, BRIDGES AND TUNNELS IN THE MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TO MAJLISI OLI (FROM 2006 TO 2023)

The construction and reconstruction of roads, bridges and tunnels in the Messages of the President of the Republic of Tajikistan to Majlisi Oli from 2006 to 2023 is reviewed in this article. It is noted that the Message of the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon to Majlisi Oli, covering the main directions of the country's domestic and foreign policy, sets specific tasks to promote and ensure the development of economic sectors, including industry, energy, roads and transport. In his messages, the Head of state has repeatedly stressed that the construction of roads and bridges of national and international importance

is one of the strategic goals of the Government in order to bring Tajikistan out of the communication impasse. During the period of independence, the Republic of Tajikistan achieved great success in breaking the communication deadlock and economic development, 58 state investment projects were built and reconstructed in the country in the direction of construction and reconstruction of roads and railways, construction of their infrastructure and strengthening the technical potential of the industry in the amount of 26.6 billion. More than 2,100 kilometers of international and national highways and more than 1,000 kilometers of domestic highways have been built and reconstructed.

Keywords: Presidential address, strategic goals, communication isolation, investment projects, road construction, road reconstruction, tunnel construction, railways, highways, transport corridors.

Дар бораи муаллиф
Айнулозода Наҳтулло Айнуло
Номзади илмҳои таърих, дотсент,
муовини ректор оид ба корҳои таълим
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 94 75 18
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

About the author
Ainulozoda Nahtullo Ainulo
Candidate of History Sciences, Docent,
Vice-Rector for Educational Affairs
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 94 75 18
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

Об авторе
Айнулозода Нахтулло Айнуло
Кандидат исторических наук, доцент,
проректор по учебной части
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 94 75 18
E-mail: nahtullo.87@mail.ru

ТДУ 93/94+323+33(575.3)

САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҷӯраев Ҷ. Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Саҳми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзу рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол бебаҳс аст. Бузургтарин дастоварди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон истиқрори сулҳи пойдор ва ваҳдати миллӣ мебошад [14, с. 89]. Дар бораи нақши Президент Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳи байни тоҷикон аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ китобу мақолаҳои зиёде навишта шудаанд. Яке аз аввалин нашрияҳо «Муроҷиатномаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 14 декабри соли 1992 дар рузномаи «Вечерний Душанбе» ба табъ расида буд. Дар он Сарвари давлат гуфтааст: «Бародарон ва хоҳарони азиз, ҳамватанони азиз! Ман дар лаҳзаи барои Ватанамон душвор ба шумо муроҷиат мекунам. Ман ба шумо, ба хиради бузурги шумо бовар дорам. «Савганд мехӯрам, ки тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳам, ки дар ҳар хонадон сулҳу осоиштагӣ, дар ҳар як хонадон файзу баракат ва дар ҳар сарзамин шодиву ободӣ ҳукмфармо бошад. Баҳри ин мақсадҳои бузург ман тайёрам, агар лозим шавад, ҷони худро фидо кунам. Ман ба гул-гулшукуфии Ватани азизам, ба ҳаёти беҳтару хушбахтонаи халқам боварӣ дорам».

20 декабри соли 1992 Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Бутрос Галӣ нома ирсол кард, ки дар он аз ӯ хоҳиш кард, ки ба Тоҷикистон як миссияи нозирони СММ фиристода шавад, то ба ҳалли низоъ ва мушкилоти байни тоҷикон мусоидат намояд. Амалиёти посдори сулҳи СММ дар Тоҷикистон яке аз аввалинҳо дар фазои пасошӯравӣ буд. Аввалин нозирони низомии СММ дар моҳи декабри соли 1992 вориди кишвар шуданд ва дар ҳифзи сулҳ, ҳатто дар шароите, ки муқовимати мусаллаҳона дар кишвар идома дошт, аҳамияти махсус доданд [11, с. 105].

Бо ин муроҷиат нахустин талошҳо барои оғози раванди музокироти байни тоҷикон оғоз мешавад.

30 декабри соли 1992 дар матбуот «Изҳороти Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расид. Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон қайд кард: Соли 1992 дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун давраи ниҳоят фоҷиавӣ ба ҳисоб меравад.

Самтҳои аввалини сиёсати хориҷии давлатро дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии СММ дар солҳои 1993-1997 дидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, 30 сентябри соли 1994 дар ҷаласаи Ассамблеяи Генералии СММ дар Ню-Йорк Эмомалӣ Раҳмон гуфт: “Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои аввалини худро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мегузорад. Бо қаноатмандии амиқ қайд менамоям, ки мо дар ҳамкории миллатҳо овози баробар гирифтем ва дарк мекунам, ки ин ҳуқуқи пуршараф ба зиммаи мо масъулияти бузург мегузорад» [12, с. 47].

Дар худи ҳамин нутқ Президент Эмомалӣ Раҳмон нахуст афзалияти равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳидро қайд кард. Ҳамзамон, ӯ аҳамияти ду самти фаъолияти ИДМ дар доираи СММ, ки барои Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст, изҳор дошт. Сухан дар бораи равобити Росссия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ меравад, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ кӯмаки худро ба Тоҷикистон расонданд.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ дар роҳи иҷрои ин вазифаи ниҳоят мураккабу масъулиятнок аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, тамоми чораҳоро дида истодааст. Ба муносибати қабул шудани «Қонун дар бораи авфи умумӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ» «... ҳамаи шахсоне, ки дар давраи аз 27 май то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва кирдорҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд, озод карда мешаванд» [7, с. 34]. «Қонун дар бораи гурезаҳо» қабул шуд, ки мувофиқи он ба ҳамаи гурезаҳо ба қадри имкон имтиёзҳо дода мешаванд.

Баҳона ва сабаби расмии экспедитсия, худро мустақил эълон кардани бекҳо аз Бухоро буд. Робитаи байни бекиҳо ва Бухоро бо ташкил ёфтани округи Зарафшон қатъ гардид. Қисмати болооби Зарафшон аз поёноби он (Бухоро) бурида шуд. Шартнома ё протоколи иловагии Русияву Бухороро имзо кардан лозим буд, ки мувофиқи он мақоми болооби Зарафшон муайян карда мешуд. Аммо нокомии ҳарбӣ ва заъфи амири Бухоро, ки дар шӯриши Қаршӣ соли 1868 зоҳир шуд ва номуташаккилии умумии идоракунии маъмурӣ дар хонӣ ба маъмурияти низомии Русия имкон дод, ки фурсатро истифода бурда, қисми болоии водии Зарафшонро ба ҳукумати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ кунад.

А.К. Абрамов дар моҳҳои апрел ва июни соли 1870 аз сарҳадҳои мулки рус ба Искандаркӯл экспедитсияро ташкил ва роҳбарӣ мекард [6, с. 36]. Шоёни зикр медонем, ки экспедитсияи мазкур аз дастаи ҳарбӣ таъсис шуда буд, ки дастаи ӯротеппагии онро А.Р. Деннет роҳбарӣ менамуд. Чигунае ки дар боло ишора шуд, ҳудуди болооби дарёи Зарафшон доираи барои илм амалан номаълум буд, ба экспедитсия олимоне, ки дар Осиёи Миёна таҷрибаи нодир доштанд, вобаста карда шуданд. Ин экспидитсия то андозае таҷрибаи аврупоиҳоро, масалан экспедитсияҳои Наполеон ба Миср ва экспедитсияҳои Фаронса ба Алҷазоирро нусхабардорӣ кард ва ин ба олимон ин имкониятро дод, ки ноҳияҳои пештар дастнорасро кашф кунанд. Унсурҳои муайяни чунин экспедитсияҳо аллакай дар солҳои 1830-1840 истифода мешуданд. Қушунҳои Русия дар Қафқоз ва дар давоми юришҳоиҳои даштӣ дар масири Оренбург дар солҳои 1840-1850 истифода шуданд. Аммо аввалин бор бо ҷалби васеи ҳайати олимон ташкил кардани экспидитсия дар болооби Зарафшон рӯй дод.

Дастаи таҳти роҳбарии А.К. Абрамов аз 551 аскар ва афсарони рутбаҳои поёнӣ, афсарон, ду тӯп ва аз як гурӯҳ олимон иборат буд. Дастаи мазкур 25 апрел аз Самарқанд ба роҳ баромада, қад-қади дарёи Зарафшон 191 мил (тақрибан 307,8 километр)-ро тай карда, 16 май ба деҳаи Оббурдон расид. Дар роҳ экспедиция дар деҳаҳои Ёрӣ, Рӯзи Обнок (Панҷакент), Урметан, Дардар, Варзиманор, Шаватки Боло, Шамтич (Фалғар), Ревомутк, Лангари Ёз, Табушн, Палдорак ва Водиф (Масчоҳ) таваққуф кард ва олимон забони аҳолии маҳаллӣ ва этнографияи ин манотиқҳоро омӯхтаанд.

«Дар баъзе ҷойҳо доманаи ин кӯҳҳо, – менависад яке аз узви ин экспедитсия П.А. Аминов, аз маҷрои дарё каме дуртар ва дар баъзе ҷойҳо кӯҳҳои баланд аз лаби маҷрои дарё сар кашида, сайёҳонро маҷбур мекунанд, ки аз миёнаи кӯҳҳо гардишҳои душворро тай кунанд ё аз оврингҳои хавфнок ва пулҳои чӯбин аз дарё гузаранд [4, с. 4].

23 май экспедитсия ба деҳаи Палдорак — қароргоҳи беки Масчо, ки ҳангоми наздик шудани дастаи ҳарбии рус фирор карда буд, омад. 24 май генерал А.К. Абрамов бо ҳамроҳии олимон ба тарафи шарқ, ба пиряхи Зарафшон рафта, 26 май ба пирях расида, ба омӯзиши он шуруъ намуд. Аз ҷумла А. Мустаҷир дар бораи пиряхи Зарафшон менависад: «Болои пирях низ се санг (18 км), балки бештар аст... Дар зимистон барфи болои пирях тахминан шаст то ҳафтод ваҷаб мезанад. Дар тобистон агар офтоб бисёртар гармӣ диҳад, аз ҳамин тараф то зимистона ду-се ваҷаб барф мемонаду халос ва агар гармии офтоб кам шавад, то зимистон шаш ваҷаб то ҳафт ваҷаб барф мемондааст. Баъд аз ҳамон тобистон ҳамон барфи боқимонда аёс хӯрда ҳамон пирях мекафидааст, ки номи онро тарақ мегӯянд. Дар баъзе тарақ шутур меравад, ки онро ҳаргиз дида намешавад ва дар баъзе асп меравад ва дар баъзе одам меравад ва баъзеи он як ваҷаб мебошад. Тараққо то охири тирамоҳ ба ҳамин минвол истода, баъди барфи нав задан тараққо ҷӯшида маҳкам мешавад. Болои пирях баландӣ ҳам пастиҳо дорад, ки бениҳоят аст» [1, с. 82].

Рӯзи 28 май олимон аз мавзеи пиряхҳо ақиб баргашта, 10 июн ба деҳаи Варзиманор, 14 июн ба сӯи бекигарии Фон, 15 июн ба Искандаркӯл расиданд, ки дар ин маврид П.А. Аминов менависад: «Искандаркӯл кӯли хурди баландкӯҳ буда, аз сатҳи баҳр дар баландии 7 ҳазор фут (тақрибан баробар ба 2133,6 метр мебошад, вале имрӯз олимон дақиқ муайян кардаанд, ки бо баландии 2195 метр аз сатҳи баҳр) воқеъ аст. Кӯл шакли секунҷаро дорад, бараш 4-6 верст (тахминан ба 4,27 то 6,4 километр баробар аст) ва дарозии он аз дарьёи Саратоғ то баромади Искандаркӯл 2 версту 200 сажен то резишгоҳи Ҳазормеш, гирди масоҳати даврагии он 9-8 верст (тахминан ба 8,53 то 9,60 километр) аст. Чуқуртарин умқи он 31 сажен (тақрибан 66,19 метр, вале имрӯз аз ҷониби олимон ва донишмандон дақиқ шудааст, ки аз умқи ҳадди аксари он 72 м) аст. Оби кӯл маззаи ширину гуворо дорад. Ҳарорати миёнаи моҳи июн, вақте ки экспедитсия дар кӯл буд, +8° реймерро нишон медод» [4, с. 21].

Олимон аз 19 то 24 июн аз болооби водии Фон то ағбаи Анзоб ва водии дарёи Яғноб то мавзеи оби кӯли Варсовутро таҳқиқ намуданд. 25 июн онҳо ба Кӯли Калон, 27 июн – ба деҳаи Панҷрӯд, 28 июн – ба Панҷакент, 29 июн ба Самарқанд расиданд. Мақсади илмии экспедитсия иҷро гардид.

Болотар ишора кардем, ки экспедитсияи Искандаркӯл аз ду дастаи ҳарбӣ иборад буд, ки дастаи таҷассусии ҳарбии экспедитсионии дигаре бо сардории подполковник Алексей Романович Деннет, ки аз 203 нафар иборат буд, 14 май аз Ӯротеппа 59 верстро (тақрибан ба 62,91 километр баробар аст) тай карда, ағбаи баландиаш 11200 фута (тақрибан ба 3413,76 метра)-и Оббуданро гузашта, 16 май ба дастаи асосии А.К. Абрамов дар деҳаи Оббурдон пайваст.

24 май А.Р. Деннет аз Ӯротеппа баромада, аз дараи Янги Сабағ, ки баландиаш 13278 фут (тақрибан ба 4048,78 метр баробар) аст, ба деҳаи Табушн фаромад. Дар вақти дар баландии ағба будан, тундбоди барфӣ ба амал омад. Даста бо душвории зиёд ба поён – ба водӣ расид. Дар ин вақт хабар омад, ки ба дастаи есаул Уржумсев, ки барои разведкаи роҳ пеш фиристода шуда буд, ҳуҷум карда шудааст — аз ағба гузашта, дастаро аз силоҳҳо тирборон ва сангборон кардаанд. Казакҳо аз асп фаромада, паноҳгоҳ гирифта, оташ кушоданд. Ду казак бо зарбаи сангҳои ғелонкарда ва як нафар аз тир захмдор ва 12 асп кушта шуд.

28 май хабари амалиёти душманонаи аҳолии маҳаллиро гирифта, А.К. Абрамов бо сардории капитани штаб барон Г.А. Аминов ба А.Р. Деннет 40 тирандоз ва 10 казак фиристод. А.Р. Деннет 70 тирандозро барои разведкаи дара фиристод. Ба дара даромада, даста боз бо сангғелонӣ ва тирандозии аҳолии бумӣ дучор омад. Деннет аз ағба бо душвориҳо гузашта, 31 май дар деҳаи Табушн бо дастаи А.К. Абрамов пайваст[24, с. 88-89, 17].

Беки Ҳисор ба бекҳои Зарафшони боло ваъда дод, ки барои муқобила ба ҳаракати отряди рус 300 кас мефиристад. Ин амал А.К. Абрамовро маҷбур намуд, ки на бо ағбаи Сабағ, балки қад-қади Зарафшон ба Фалғар фарояд. 1 июн А.К. Абрамов аз деҳаи Табушн ба сӯи Варзиминор баргашта, ба Оббурдон расид.

Аз Оббурдон А.К. Абрамов Аминовро ба Яғноб фиристод. Аминов аз ағба гузашта, як қисми водии Яғнобро таҳқиқ намуд. Абрамов ба Деннет фармон дод, ки аз дараи Янги Сабағ гузашта, отряди ба ӯ ҳуҷумкардаро нест кунад. 5 июн Деннет на бо ағбаи Сабағ, балки аз ағбаи Оҳучӣ гузашта, ба ақибгоҳи Масчо расид. Дар паси хатти душман ногаҳон пайдо шудани отряди рус ба баландкӯҳҳо таассуроти калон бахшид. Бозпурсии сокинон имкон дод, ки дар бораи маҳаллаи дастае, ки 27 май ба Деннет ҳуҷум карда буд, маълумоти муфассал гирем — онҳо дар мавзеи Қумбел, дар рӯ ба рӯи дараи Янги Сабағ буданд.

Душвории роҳҳои ин ағбаҳоро аз ағбаи Янги Сабағ гузаштани дастаи разведкавии Ӯротеппа исбот кардан мумкин аст. Дар ин ҷо на танҳо тамоми борҳоро дастӣ бурдан, балки аспу хар ва чорворо бо ресмон кашола кардан лозим буд. Аммо сарфи назар аз ҳама мушкилоте, ки ин ағбаҳо ба бор меоранд, аксар вақт аз онҳо бояд дар ҷангҳои кӯҳӣ истифода шаванд [4, с. 16-17].

9 июн А.Р. Деннет як отряди масчоҳиёни муқобилияткардаро аз байн бурд. 16 мастчоҳӣ асир гирифта шуд ва ашёҳои казакҳои кушташуда аз байни борҳояшон пайдо карда шуданд.

А.К. Абрамов муқовиматкунандагонро нест карда, қарор дод, ки пас аз анҷоми корҳои картографӣ ҳамроҳи отряди асосӣ ба Искандаркӯл равад. Экспедитсия сиҳату саломат ба ҷойи таъиншуда расид. А.К. Абрамов баъди се рӯзи дар кӯл истироҳат карданд ва корҳои таҳқиқотӣ анҷом доданд, аз ағбаи барфпӯши Ҳисор, ки баландиаш то 12 ҳазор фут (тақрибан ба 3657,6 метр баробар) буд, баргашта ба Яғноб расид. Чун сокинони Яғноб аз ҳукмронии беки Масчо норозӣ буданд, аз ин сабаб сардори дастаи ҳарбӣ – А.К. Абрамовро бо хушӣ пешвоз гирифтанд.

24 июн А.К. Абрамов аз Фон ба Киштут раҳсипор шуд. Дар аввали роҳ ба отряд одаме омада расид, ки як рӯз пеш бо почта ба Самарқанд фиристода шуда буд. Шахси фиристодаро дар роҳ ғорат карда буданд ва ӯ аз номи беки Моғиён мактубе оварда буд. Дар он хабар дода мешуд, ки 3 ҳазор нафар сокинони Киштут мусаллаҳ шудаанд, ба фармони бек итоат намекунанд ва бек ба дастаи ҳарбӣ маслиҳат медиҳад, ки барои гирифтани пеши роҳи бархӯрду хунрезӣ беҳтар аст, ки дастаи русҳо бо роҳи Фон ва Фалғар ба оқиб баргардад. Аммо А.К. Абрамов бо ин таҳдидҳо нигоҳ накарда, ҳаркати худро ба самти бекигарии Киштут идома дод [10].

Қисми душвортарини роҳи дараи Киштут дар ибтидои он, дар тангтарин қитъаи дара буд, ки аз болои он кӯҳҳо қариб ба таври амудӣ баланд шуда буданд. А.К. Абрамов аз муқовимати дарпешистода хабардор шуда, капитани штаб Шороховро бо 40 нафар тирандозон ба кӯҳи Кӯликалон, ки аз тарафи чап бо дара ҳамҳудуд аст ва П.А. Аминовро бо 40 тирандоз ба кӯҳи тарафи рости дара фиристод. Фармон шуд, ки дара ва кӯҳҳоро аз назар гузаронанд, агар дар он душмане бошад, онро несту нобуд кунанд. Отряди асосӣ дар назди даромадгоҳи дара таваққуф кард.

Замоне, ки дастаи Шорохов боло мерафт, дар паси сангҳо одамони мусаллаҳ намоён шуданд, ки ҳаракати отрядро назорат мекарданд. Баромадан ба фарози Кӯликалон ниҳоят душвор буд. Шорохов сеяки роҳро ҳам тай накарда буд, ки аз теғаи кӯҳ садои тирпарронӣ шунида шуд. Ба кӯҳи тарафи рости дара баромадан боз ҳам мушкил гардид, дастаи Аминов бо душворӣ ба он баромад. Дар тарафи рости дара мухолифон набуданд. Абрамов дастаи Аминовро ба оқиб баргардонд.

Вақте ки аз пуштаи кӯҳҳо садои тирпарронӣ шунида шуд, Абрамов бо ҳамроҳии лейтенант Е. Воронетс 30 нафар тирандоз ва як тупро ба кӯҳи Кӯликалон фиристода, фармон дод, ки пуштакӯҳро тирборон кунанд. Ин амалиёт, боиси осон гардидани ҳаракати дастаи ҳарбӣ гардид. А. К. Абрамов хабари захмӣ шудани Шороховро гирифт, вале ҳуҷуми худро идома дод. А. К. Абрамов фармон дод, ки Шороховро аз саф берун карда, А.Д. Гребенкинро барои сардории даста фиристод ва ба вай 40 нафар тирандозро низ илова намуд. Тупи дуюмро ба мавқеъ даъват намуда, фармон дод, ки суръати туппарониро шиддат бахшанд ва худи А.К. Абрамов бо ҳамроҳии 20 казак ва 40 тирандоз ба ҷониби қулла баромадан гирифт. Тез-тез тирпарронии душман ва жолаи сангғелониҳо казакҳоро, ки бо сардории Абрамов ба ҳуҷум баромада, душманро пароканда мекарданд, боздошта натавонист [11].

«Ба даҳанаи он тангӣ киштӯтиҳо қурғонаҳошонро – менависад А. Мустаҷир, рехта асбоби ҷангро тайёр карда будааст. Ва дигар дар болои кӯл ағбаи кундаланг ҳаст, ки Теппаи Говхона мегӯянд. Дар болои он ҳам мергани бисёреро монда будаанд. Ва аз он ҷой тӯрагон (яъне сарбозонаи рус) ҳам асбоби ҷанг тайёр карданд. Онҳо дар болои ағба ва ҷамоаи аскарияи Урусия (Русия) дар поён. Онҳо ба ҷанг пайвастанд ва сарбозон аз се ҷой он ағба баромада, рафтан гирифтанд. Киштутиён аз болои ағба санг ва камон андохтан гирифтанд. Сарбозон маъа (бо) тӯрагон аз поён тӯпу камонандозӣ карданд. Илоҷи баромадан нашуд. Охируламр сарбозон маъа тӯрагон ғалаба карданд. Чанд одам мурда ва чанд одам ярадор шуда, ба чӣ азобу уқубат дар болои ағба расиданд. Онҳо кам-кам рӯй ба фирор намуданд. Сарбозон ва ҷонирол ҳамроҳи аскария дар болои он ағба баромада рафтан гирифтанд. Дар ҳамон ҷой аз пешин то намози аср ҷанг шуд, ки аз андоза берун аст» [1, с. 163].

Е. Воронетс дар бораи воқеаи тахриб шудани қалъаи Киштут менависад. Ин воқеаро бо фармони сардори отряди ҳарбӣ дар 27 июни ҳамон сол нисбат дода, ки барои ба оташ кашидани қалъа як қатор чораҳо андешида шуда, тадбирҳои техникие, ки сапёрҳо ҳангоми

хароб кардани қалъа, аз ҷумла истифода аз борут ва эҷоди оташ тавассути он мебинанд, муфассал баён мекунад [7, с. 585-586].

«Бинобар ҷиноияти худашон, – менависад А. Мустаҷир ҷонирол (яъне А.К. Абрамов – О.А., Л.В. Божинская (Арандаренко), С.Л. Борошко) фармуд, ки ба қишлоқ оташ занед. Ба ҳамаи хонаҳои қишлоқ оташ зада, сӯзонданд» [1].

Дастаи Абрамов дар вақти ҳуҷум ба дараи Киштут чунин талафот дод: 5 кас ҳалок, 30 кас захмӣ ва 2 нафар гулулахӯрда гирифтанд. Мувофиқи шаҳодати зиндониёни киштутӣ ба муқобилияти мусаллаҳҳонаи кӯҳистониён Шодибек – беки Киштут ва беки Фороб – Саидбек роҳбарӣ мекарданд. Отряди муқовиматгарон аз ҳисоби сокинони Моғиён, Фороб ва Киштут ҷамъоварӣ шуда буданд.

Ба гуфтаи А.К. Абрамов, муқовимате, ки сокинони Киштут ба отряди экспедитсияи Искандаркӯл нишон доданд, ҷазоро талаб мекард:

«Генерал-майор А.К. Абрамов тамоми деҳаҳои дараро сӯзонда хароб кард. Тибқи баъзе гузоришҳо, дар маҷмуъ 6 деҳа хароб гардида, қалъаи Киштутро тарконда сӯзонданд; аз мудирони идораҳои мулкҳои мо талаб карда шуд, ки ҳама гуна муносибатро бо бекигарии Моғиён қатъ кунанд ва омадани сокинони Моғиён ба бозорҳои округи Зарафшонро манъ намоянд» [21, с. 199-206].

Мақсади дар назди экспедитсия гузошташуда иҷро гардиданд. Олимон миқдори зиёди маводи экспедитсионӣ ҷамъоварӣ карданд, ки дар бораи ин мулкҳои баландкӯҳ маълумот медоданд [25, с. 77-123].

Шарқшинос Александр Людвигович Кун ба вижагиҳои лаҳҷаҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳ намуда, ривоятҳо, расму оинҳои болооби Зарафшонро гирдоварӣ намуд [12]. Вазъи динӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тарзи зиндагии анъанавии кӯҳистониён, номҳои деҳаҳо, маълумот дар бораи шумораи аҳолӣ омӯхта шуд [23]. Маълумоти расидаро мирзои А.Л. Кун – Абдурраҳмон ибни Муҳаммад Латиф Мустаҷир сабт карда, дар рӯзномаи экспедитсия [1] ба забони тоҷикии гӯиши ин водӣ дохил намуд [14, с. 100-102].

Тавсифи масири экспедитсия, бо мавқеи топографии нуқтаҳои аҳолинишин, калъаҳо, истеҳкомҳо, роҳҳо, ағбаҳои кӯҳӣ ва пайраҳаҳо дар асарҳои топографҳо Август Иванович Скасси ва капитани штаб Николай Петрович Старсев, ки дар Осиёи Миёна ҳамчун яке аз харитасозони машҳур аст, оварда шудааст [2]. Мушоҳидаҳои барометрӣ ва астрономиро капитан Леонид Николаевич Соболев анҷом дод.

Инженери кӯҳӣ, масъули супоришҳои махсуси бахши маъдани назди генерал-губернатори Туркистон Д.К. Мишенков, барои корҳои ҷустуҷӯйи геологӣ [15] ва инженери сапёр-ҳарбӣ Е.Г. Воронетс [7] масъул буданд.

Ҳамсари А.П. Федченко, О.А. Федченко оид ба релеф, наботот, олами ҳайвонот ва орография маълумот гирд оварда, ҳунарҳои мардумӣ, сохти сиёсии бекҳои Кӯҳистон ва сохти маъмурии онҳоро меомӯхт [22].

Капитан А.Д. Гребенкин, ки лаҳҷаҳои забонҳои маҳаллиро медонист, дар бораи маҳорати кишоварзии кӯҳистониён маълумот сабт карда, дар бораи рушди ҳунар, зироатҳои кишоварзӣ, усулҳои обёрии замин дар шароити Кӯҳистон, дар бораи боғдорӣ ва чорводорӣ як силсила мақолотҳои худро нашр намуд [8-9].

Шарқшиносон ва олимони руси дар ҳайати отряди А. К. Абрамов буданд, аврупоиҳои аввалине буданд, ки аз бекигариҳои болооби Зарафшони дидан карданд. Маводҳои ба даст овардаи олимон аҳамияти калони илмӣ дошта, зарурати лашкаркашиҳои якҷояи ҳарбиён ва олимонро дар минтақаҳои баландкӯҳи Осиёи Миёна нишон доданд.

Хидматҳои А.К. Абрамовро дар таҳқиқи Осиёи Миёна ба назар гирифта, ӯро соли 1870 узви ҳақиқии Ҷамъияти географии императории рус интихоб карданд. Барои роҳбарии экспедитсияи Искандаркӯл бо ордени «Владимири Муқаддас» дараҷаи 2 мукофотонида шуд.

Ба ғайр аз сабабу мақсадҳои зикршудаи экспедитсияи Искандаркӯл, омилҳои ниҳонӣ низ мавҷуд буданд, ки ба онҳо то ҳол ҷавоби равшане дода нашудааст. Оё дар ҳақиқат сабабҳои экспедитсияи Искандаркӯл масъалаҳои баҳсталабе байни амири Бухоро ва бекигариҳо буданд? Оё исёни воқеӣ ва ҷудоталабиҳои бекигариҳои Бухоро вуҷуд дошт ё танҳо нофаҳмиҳою «масъалаҳои баҳснок» буданд? Ва агар танҳо масъалаҳои баҳснок мебуданд, пас чаро сардори округи Зарафшон А.К. Абрамов ба муносибатҳои дохилибухороӣ дахолат кард? Ва саволи асосӣ ин аст: оё исёни бекҳо ба муқобили Бухоро буд, ё ин ки ин бофта ва баҳонае барои дахолат кардан ё ишғоли ин мулкҳо?

Ҷанги лашкари императории рус дар охири солҳои 60-ум аз даштҳо ба баландкӯҳи Осиёи Миёна кӯчид. Экспедитсияи Искандаркӯл, ки А.К. Абрамов ба уҳда дошт, артиши русро бо гузаронидани амалиёти ҷангӣ дар Кӯҳистон, тактикаи ҷангии аҳолии бумӣ ошно

намуда, аз тарафи дигар, хушунату оштинопазирии сокинони бекигариҳои Кӯҳистон ва майли ба ҷанги рӯёрӯй набаромадани онҳоро бо қисмҳои мусаллаҳи армияи рус нишон дод.

Пайвастани бекигариҳои болооби Зарафшон ба ҳайати округи Зарафшон натиҷаи экспедитсияи Искандаркӯл набуда, балки натиҷаи экспедитсияи минбаъдаи А.К. Абрамов ба Шаҳрисабз дар моҳи августи соли 1870 буд.

Адабиёт

1. *Абдурраҳмони, М. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл [Ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов] / М. Абдураҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 176 с.; Мирза Мулла ʻАбд ар-Рахман ибн Мухаммада Латифа Мустаджира. Дневник Искандеркульской экспедиции (рукопись) // Архив Санкт-Петербургского Института восточных рукописей Российской академии наук. № D 133 (609g). – 398 листов (394 листа таджикского текста + 4 листа русского текста); Дневник Искандеркульской экспедиции (рукопись) // Архив Санкт-Петербургского Института восточных рукописей Российской академии наук. № D 134 (609h). – 322 листа (317 листов таджикского текста + 4 листа русского текста).*
2. *Аминов, П.А. Искандер-кульская экспедиция 1870 года / П.А. Аминов // Туркестанские ведомости, 1873. - №№ 13-14.*
3. *Аминов, П. А. Съемка Когистана, произведенная при Искандер-Кульском отряде Старцевым и Скасеном под руководством П.А. Аминова и дополненная расспросными сведениями, собранными ими же в 1870 г. // Материалы для статистики Туркестанского края: Ежегодник / Под ред. Н.А. Маева. Вып. 3. / П. А.Аминов. – Санкт-Петербург: Туркестанский стат. ком., 1874, [2], II, 452 с., 2 л. ил., карт. ил.*
4. *Аминов, Г.А. Военно-топографические заметки о местности, исследованной Искандер-Кульскою экспедицией в 1870 году. [Соч.] Бар. / Г.А. Аминова. – Санкт-Петербург: тип. К.В. Трубникова, 1873. [2]. – 105 с.*
5. *Брокгауз, Ф.А. Энциклопедический словарь. Т. 12. / Ф. А. Брокгауз, И.А. Ефрон. - Петербург, 1894. – С. 553-554.*
6. *Военная энциклопедия / под ред. К.И. Величко. Т. 11. – С.-Петербург: Т-во И.Д. Сытина. 1913. - 36 с.*
7. *Воронец, Е. Искандер-кульская экспедиция в 1870 г. (записки сапера) / Е. Воронец // Инженерный журнал. – 1871. – № 4-5.*
8. *Гребекнин, А. Заметки о Когистане/А. Гребенкин // Туркестанские ведомости. – 1871. – № 22. – С. 87-89.*
9. *Гребенкин, А.Д. Заметки о Когистане/А.Д. Гребенкин//Материалы для статистики Туркестанского края. Ежегодник. Вып. II. - СПб.: Туркестанский стат. ком. Изд-во: Б.и., 1873. – С. 71-73.*
10. *Известия из рекогносцировочных отрядов: Ура-Тюбинского я Зеравшанского // Туркестанские ведомости. – 1870. – № 5. – С. 31–32. (1-го июля 1870).*
11. *Известия из рекогносцировочных отрядов: Ура-Тюбинского я Зеравшанского // Туркестанские ведомости. – 1870. – № 7. – С. 41–43. (1-го августа 1870).*
12. *Камолов, Х.Ш. Значение экспедиции 1870 г. генерала А.К. Абрамова в изучение материальной и духовной культуры верховьев Зеравшана и долины Фондарьи / Х.Ш. Камолов // Сборник материалов Международной научной конференции, посвящённой 200-летию российского востоковедения (г. Худжанд, 23 ноября 2018 года). – Оренбург, 2019. – 362 с.*
13. *Макшеев, А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. Сост. А.И. Макшеев. – Санкт-Петербург: Воен. тип., 1890. XII, 376 с., 8 л. план. 24.*
14. *Миклухо-Маклай, Н.Д. Описание таджикских и персидских рукописей Института востоковедения. Выпуск 1. Ответственные редакторы В.И. Беляев, Д.И. Тихонов. / Н.Д. Миклухо-Маклай. - М.-Л. Издательство Академии Наук СССР, 1955. – С. 100 - 102.*
15. *Мышенков, Д.К. Геологические заметки из дневника по экспедиции к верховьям Заравшана / Д.К. Мышенков // Туркестанские ведомости. – 1870. – № 8.*
16. *Национальный архив Республики Узбекистан. Ф. 715. Д. 40, док. 25.*
17. *Одинаев, А.Н. Инъикоси ҷараёни экспедитсии Искандаркӯл дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и А. Мустаҷир / А.Н. Одинаев // Муаррих. – 2023. – № 1 (33). – С. 119-130.*
18. *Серебренников, А.Г. Туркестанский край. Сборник материалов для истории его завоевания. 1866 год. / А.Г. Серебренников. - Ташкент: Издание штаба Туркестанского ВО. 1914. т. 17: 1864 г. ч. 2. - С. 48-53.*
19. *Соболев, Л. [Н]. Среднеазиатская политика России в 1875 году/ Л.Н. Соболева // Голос. – 1875. – № 222. – С. 1–2. (13 (25) августа).*
20. *Соловьев, М.М. Ученая экспедиция в Бухару в 1841-1842 гг. при участии натуралиста Александра Лемана / М.М. Соловьев. - Москва; Ленинград, 1936 (2017). – 216 с. + 1 л. карт.*
21. *Троцкий В.Н. Извлечение из донесений о действиях в 1870 г. рекогносцировочных отрядов: Ура-Тюбинского и Зеравшанского // Русский Туркестан. Вып. 3. 1872. - С. 199-206.*

22. *Федченко, А.П. Краткий отчёт о путешествии в бассейн верхнего Зарафшана в июне 1870 г. / А.П. Федченко //Известия общества любителей естествознания, антропологии и этнографии. Т.Х. Вып. 1. 1870. - С.4-21.*
23. *Хромов, А.Л. О дневнике Искандеркульской экспедиции в 1870 г. // Известия АН Тадж. ССР. / А.Л. Хромов. - Душанбе, 1972. – № 2. - С. 72-82.*
24. *Хронологический указатель военных действий русской армии и флота. – С.-Петербург: Военная тип. Т. IV. 1911. - С. 88-89.*
25. *Ястребова, О.М. Документы 19 века из верховьев реки Зеравшан в Отделе рукописей Российской национальной библиотеки / О.М. Ястребова // Восточный сборник. Вып. 6. 2003. - С. 77-123.*
26. *Alexander Lehmann. Alexander Lehmann's Reise nach Buchara und Samarkand in den Jahren 1841 und 1842: nach den hinterlassenen Schriften desselben bearbeitet, und mit Anmerkungen versehen / Alexander Lehmann. – St. Petersburg: Buchdr. der Kaiserlichen Akademie der Wissenschaften, 1852. - 342 p., 342 p., [6] leaves of plates (1 folded) : 23 cm- (Beiträge zur Kenntniss des russischen Reiches und der angränzenden Länder Asiens; 17. Bdchn.).*

ЭКСПЕДИТСИЯИ ҲАРБИЮ ИЛМИИ ИСКАНДАРКӮЛ (АПРЕЛ-ИЮЛИ СОЛИ 1870)

Мақола бо баррасии вазифаҳои ҳарбиву сиёсӣ дар болооби Зарафшон пас аз анҷоми экспедитсияи Қаршӣ пардохтааст. Бекҳое, ки ба амири Бухоро итоат накарданд, дар сарҳадҳои округи Зарафшон нигарониҳоро эҷод карданд, ки он боиси ҳалли масъалаҳои ҳарбию сиёсиро талаб мекарданд. Инчунин дар мақола таъкид мешавад, ки то соли 1868 ҳудуди болооби Зарафшон ва бекигариҳои он дар ҳайати аморати Бухоро буд, вале баъди таҳти султаи Русияи подшоҳӣ гузаштани Самарқанд ин вазъият нақшу мақоми гуруҳҳои алоҳидаи соҳибмулк ва заминдорони болооби Зарафшонро, ки кӯшиши гирифтани ҳукуматро дар қисматҳои ҷудогона доштанд, пурзур намуд, дар натиҷа минтақа ба ҳафт бекигарии хурд тақсим шуд: Фароб, Моғиён, Киштут, Фалғар, Фон, Яғноб ва Масчоҳ амалан мустақил гардиданд. Диққати асосӣ ба ташкили экспедитсияи Искандаркӯл дар соли 1870 таҳти роҳбарии генерал-майор А. К. Абрамов дода мешавад. Экспедитсияе, ки ба мақсадҳои ҳарбӣ ва осоишта таҷҳизонида шуда буд, барои барқарор намудани тартибот ва ҳамаҷониба омӯзиши минтақа ба бекигариҳои болооби Зарафшон фиристода шуд. Дар мақола қайд карда мешавад, ки дар экспедитсияи мазкур географҳо, ботаникҳо, геологҳо ва этнографҳо шомил карда шуда, ки ба он характери илмӣ бахшидаанд. Сабабҳои ташкили ин экспедитсия, аз қабили ноустувории сиёсӣ, баҳсҳои тобеияти бекҳо ва сарватҳои табиии ин минтақа нишон дода шудаанд. Экспедитсияи Искандаркӯли А.К. Абрамов бо вуҷуди хусусияти ҳарбӣ буданаш дар Осиёи Миёна як рисолати муҳимми илмӣ низ буд ва натиҷаҳои он барои дарки ин минтақаи камомӯхташуда, мусоидат кардааст.

Калидвожаҳо: Экспедитсияи Искандаркӯл, болооби Зарафшон, Шартномаи Россия ва Бухоро, экспедитсияи ҳарбӣ-илмӣ, ноустувории сиёсӣ, Аморати Бухоро, Сарҳадҳои Русия, округи Зарафшон, Искандаркӯл, генерал-майор А.К. Абрамов.

ИСКАНДЕРКУЛЬСКАЯ ВОЕННО-НАУЧНАЯ ЭКСПЕДИЦИЯ (АПРЕЛЬ-ИЮЛЬ 1870 г.)

Статья представляет собой исследование военно-политических задач в Верхнем Зеравшане после завершения Каршинской экспедиции. Не подчинявшиеся бухарскому эмиру беки вызывали беспокойство на границах Зеравшанского округа, требуя решения военно-политических вопросов. В статье также отмечается, что до 1868 года территория Верхнего Зеравшана входила в состав Бухарского эмирата. Однако после того, как Самарканд перешёл под контроль царской России, эти области стали фактически самостоятельными. Основной акцент делается на организации Искандеркульской экспедиции в 1870 году под руководством генерал-майора А.К. Абрамова. Экспедиция, снаряженная с военными и мирными целями, направлялась в бекства Верхнего Зеравшана для восстановления порядка и изучения региона. В статье отмечается, что ученые-географы, ботаники, геологи и этнографы были прикомандированы к экспедиции, придавая ей научный характер. Освещаются причины организации экспедиции, такие как политическая нестабильность, споры о подчиненности бекств и природное богатство региона. Статья заключается в том, что Искандеркульская экспедиция А.К. Абрамова, несмотря на свой военный характер, также была значимой научной миссией в Средней Азии, и ее результаты внесли вклад в понимание этого малоизученного региона.

Ключевое слова: Искандаркульская экспедиция, верховья Зеравшана, Русско-Бухарский договор, военно-научная экспедиция, политическая нестабильность, Бухарское эмирате, границы России, Зеравшанский округ, Искандаркуль, генерал-майор А.К. Абрамов.

ISKANDERKUL MILITARY-SCIENTIFIC EXPEDITION (APRIL-JULY 1870)

This article explores the military and political challenges in the Upper Zarafshan following the Qarshi expedition's conclusion. The beks, who resisted the authority of the Emir of Bukhara, caused disturbances along the borders of the Zarafshan district, pressing for resolutions to military-political issues. The article also notes that until 1868, the territory of the Upper Zarafshan was part of the Bukhara Emirate. However, after Samarkand came under Russian control, these areas became virtually independent. The primary focus is on the organization of the Iskanderkul expedition in 1870, led by Major-General A.K. Abramov. The

expedition, equipped for both military and peaceful purposes, was dispatched to the Upper Zarafshan beks to restore order and study the region. The article notes the inclusion of scientists such as geographers, botanists, geologists, and ethnographers in the expedition, imparting a scientific character to it. The article highlights the reasons for organizing the expedition, including political instability, disputes over the subordination of beks, and the natural wealth of the region. It concludes that A.K. Abramov's Iskanderkul expedition, despite its military nature, also served as a significant scientific mission in Central Asia. Its results contributed to a better understanding of this little-studied region.

Keywords: Iskandarkul expedition, upper reaches of Zeravshan, Russian-Bukhara Treaty, Major military-scientific expedition, political instability, Bukhara Emirate, borders of Russia, Zarafshan district, Iskandarkul, Major General A.K. Abramov.

Дар бораи муаллифон

Одинаев Абдумавлон Назирович
Ходими хурди илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нав
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: abdimavlon1987@gmail.com
ORCID: 0000-0002-9730-8735

Божинская Людмила Васильевна
Донишгоҳи федералии ҷанубӣ, Ростови лаби Дон
344058, Федератсияи Россия, ш. Ростови лаби Дон, к. 2 Краснодарская, 135, ҳ. 26
E-mail: lvbor2017@mail.ru
ORCID: 0000-0003-1842-1498

Борошко Сергей Леонидович
Номзади илми химия, Донишгоҳи федералии ҷанубӣ, Ростови лаби Дон
344058, Федератсияи Россия, ш. Ростови лаби Дон, х. Коммунистӣ, 25/3, ҳ. 134
E-mail: slbolvex@rambler.ru
ORCID: 0000-0001-7587-2557

Об авторах

Одинаев Абдумавлон Назирович
Младший научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории
Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 33
E-mail: abdumavlon1987@gmail.com
ORCID: 0000-0002-9730-8735

Божинская Людмила Васильевна
Южный федеральный университет, г. Ростов-на-Дону
344058, Российская Федерация, г. Ростов-на-Дону, ул. 2-я Краснодарская, д. 135, кв. 26
E-mail: lvbor2017@mail.ru
ORCID: 0000-0003-1842-1498

Борошко Сергей Леонидович
Ph.D in Chemical Sciences
Южный федеральный университет, г. Ростов-на-Дону
344058, Российская Федерация, г. Ростов-на-Дону, пр.Коммунистический, 25/3, кв. 134
E-mail: slbolvex@rambler.ru
ORCID: 0000-0001-7587-2557

About the authors

Odinaev Abdumavlon Nazirovich
Is a Junior Researcher at the Department of Ancient, Medieval, and Modern History
Institute of History, Archaeology, and Ethnology, A. Donisha NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave.
E-mail: abdumavlon1987@gmail.com
ORCID: 0000-0002-9730-8735

Bozhinskaya Lyudmila Vasilievna
Southern Federal University, Rostov-on-Don
344058, Russian Federation, Rostov-on-Don, 2nd Krasnodarskaya street, 135, apt. 26
E-mail: lvbor2017@mail.ru
ORCID: 0000-0003-1842-1498

Boroshko Sergey Leonidovich
Ph. D in Chemical Sciences
Southern Federal University, Ros-tov-on-Don
344058, Russian Federation, Rostov-on-Don, Kommunistichesky Ave., 25/3, apt. 134
E-mail: slbolvex@rambler.ru
ORCID: 0000-0001-7587-2557

ТДУ 90 (575.3)

ҶАНГИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН (1992-1997) ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ХОРИҶӢ

Асомуддини А.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш

Дар таҳқиқи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ, ки дар осори онҳо паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон инъикос гардидааст, саҳми бориз доранд. Ин осорро метавон ба ду қисм – тадқиқоти муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ ва тадқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур ҷудо намуд.

Мавриди зикр аст, ки равандҳои сиёсии баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон ба вуқуъпайваста, ки ба андешаи муҳаққиқон "баҳри сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (5 майи соли 1992 – 27 июни соли 1997) замина гузоштанд" [30, с. 260], дер боз таваҷҷуҳи коршиносон ва муҳаққиқони соҳа, қабл аз ҳама муҳаққиқони кишварҳои узви ИДМ-ро ба худ ҷалб кардааст. Яке аз чунин сарчашмаҳо ёддоштҳо ва нашрияҳои даврианд. Ёддоштҳои ходимони давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар миёни онҳо китоби бо забони русӣ эҷодшудаи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро таҳти унвони «Дар бораи замон ва худам» махсус қайд кардан зарур аст [38]. Асарҳои собиқ Президенти Қазоқистон Н. Назарбоев таҳти унвони «Дар маҷрои таърих», «Дар остонаи асри XXI», «Даҳсолаи буҳронӣ» [31] хеле мароқованд, ки дар онҳо муаллиф роҷеъ ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Қазоқистон дар рӯзҳои пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, пайомадҳои заволи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ барои кишвараш, фароянди мураккаби шаклгирии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ташаккули сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша кардааст.Чунин гурӯҳи сарчашмаҳо, амсоли нашрияҳои даврӣ, иттилоотан хеле ғанӣ буда, барои омӯзиши нуқтаи назари сиёсатмадорони кишварҳои минтақа, Россия, коршиносону донишмандони соҳибихтиёр ва таҳлилгарони холис оид ба мавзуи пажӯҳишшаванда имкониятҳои васеъро фароҳам месозанд.

Таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар монографияҳои муаррихони рус В.И. Бушков ва Д.В. Микульский «Анатомия гражданской войны в Таджикистане" ва "Таджикская революция и гражданская война(1989-1994 гг.)» [13] бештар ба ҷанбаҳои этникӣ ва иҷтимоии воқеоти сиёсии Тоҷикистони ибтидои солҳои 90-уми асри XX, бахусус таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ки «агар аз як тараф боиси болоравии худшиносии миллӣ ва фаъолияти сиёсии аҳолӣ гардида бошанд, аз ҷониби дигар, сарфи назар аз ниятҳои неки худ дар нигоҳдории якпорчагӣ ва тамомияти арзии мамлакат мусоидат накарданд ва гузашта аз ин, вазъи буҳрониро боз ҳам шиддатноктар намуда, кишварро ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаҷеҳ гардониданд» [7, с. 265], таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Бар асоси ҷанги шаҳрвандӣ онҳо муборизаи манфиатҳои табақавӣ-минтақавиро, ки шаклҳои гуногунро касб карда буд, қарор додаанд. Бо назардошти ин нуқта, муҳаққиқи воқеоти сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX - И.Р.Абдуллоев ба хулосае омадааст, ки аксар олимони россиягӣ ба ҷанбаҳои бархӯрди сиёсӣ бештар аз нигоҳи зиддияти қавмӣ ва муборизаи минтақаҳо баҳогузорӣ карда, ба муборизаи назарҳои наву пешоҳанг бо ақоиди кӯҳна кам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [1, с. 5].

Корманди Академияи улуми Федератсияи Россия Р.С.Бобохонов сабабҳо, рафт ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) –ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Вале, мутаассифона, бо мӯҷиби он, ки муаллиф дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар шаҳри Москва зиндагӣ ва фаъолият карда, аз манбаъҳои дохилӣ камтар огаҳӣ дошт ва ё гарчанде ки «маводи зиёд, аз ҷумла нақли шоҳидон, сӯҳбат бо қумандонҳои саҳроӣ ва арбобони динӣ» [12, с. 55]-ро истифода карда бошад ҳам, гумон меравад, ки бештари ин мавод аз ҷониби муҳолифин пешниҳод шудааст, назари ӯ дар инъикоси ҳодисаю воқеаҳо воқеъбинона нест.

Бо дарназардошти ин далел хулоса кардан мумкин аст, ки мақолаи мазкур на бо санадҳои воқеӣ, балки бештар бо нақли шоҳидони як ҷониб, ҷониби мухолифин асоснок гардидааст.

Муаллифи мақола дар мавриди сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ ба мисли дигар муҳаққиқон ду омилро ҷудо намудааст: дохилӣ ва берунӣ. Вале, мутаассифона, аз ҷониби президент Набиев дар майдони «Озодӣ» тақсим гардидани яроқро сабаби асосии дохилии оғози ҷанги шаҳрвандӣ номидааст [12, с. 56], ки ба ақидаи ӯ розӣ шудан душвор аст. Зеро ҷонибдорони мухолифин ҳанӯз дар давраи гирдиҳамоии 50-рӯза, дар ибтидои моҳи апрели соли 1992, яъне қабл аз таъсисёбии «гвардияи миллии президентӣ» гуруҳҳои силоҳбадаст созмон дода буданд ва шабонгоҳҳо ба машқи ҳарбӣ машғул мешуданд, ки дар ин хусус мабаъҳои зиёд гувоҳӣ медиҳанд [26].

Дар мавриди омилҳои берунии муноқишаи тоҷикон муҳаққиқ барқароршавии тартиботи толибонро дар Афғонистони ҳамсоя, рақобати байни Амрико ва Эронро ҷиҳати ба таҳти нуфузи хеш даровардани Тоҷикистон, кӯмаки милиявии «ваҳҳобиён»-ро аз ҷониби давлатҳои исломӣ, поин рафтани нақши Россия ҳамчун танзимгари асосии муносибатҳои байнидавлатӣ дар фазои пасошӯравиро ҷудо кардааст, ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Ҳамин тавр, мақолаи Р.С. Бобохонов бо вуҷуди он, ки баъзе паҳлӯҳои ҷанги шаҳрвандиро инъикос намояд ҳам, ба назари мо бештар аз санадҳои ғайривоқеӣ таркиб ёфта, назари муаллиф ба аксар масоили умдаи муноқишаи байни тоҷикон воқеъбинона нест.

Бояд тазаккур дод, ки дар пажӯҳиши равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 муҳаққиқон ва сиёсатшиносони дигарниз саҳм гузоштаанд, ки мутаассифона, таҳлилу баррасии онҳо дар чорчӯбаи як мақола аз имкон берун аст.

Ҳамин тариқ, шарҳи сарчашмаҳои ба мавзуъ марбутбуда, имкон медиҳанд ба хулосае биёем, ки нисбат ба масъалаи равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони кишварҳои минтақа ва кишварҳои узви ИДМ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гаштааст ва гумон меравад, ки онҳо дар оянда низ ин масъаларо пайгирӣ намуда, равандҳои сиёсии Осиёи Марказиро ҳамаҷониба таҳлил менамоянд ва дурнамои ин равандҳоро баррасӣ хоҳанд кард.

Бояд тазаккур дод, ки воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX мавриди пажӯҳиш ва баррасии муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур низ қарор гирифта, масоили гуногуни таърихи сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон дар мақолоту таълифоти онҳо ба таври густурда инъикос гардидааст. Таълифоти муҳаққиқони хориҷиро олими тоҷик Н.Т Раҳимов дар брошюрае таҳти унвони «Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы» [29] (Маводҳо ба таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997): Тавсифи адабиёти хориҷӣ) ба таври умумӣ тавсиф кардааст. Дар он маводҳои таълифоти сиёсатмадорон ва таҳлилгарони хориҷӣ, ки масоили умдаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ба амсоли сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии муноқишаи байни тоҷикон, рафти ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи кишвар дар солҳои аввали истиқлолият, тавсифи ҷонибҳои даргир ва раванди баҳамоии тоҷиконро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд, инъикос гардидааст. Ба ақидаи ӯ дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ИМА муҳаққиқони зиёд, назири Даря Фейн, Ричард Фрай, Ҷон Шоберлейн-Энгел, Борис Румер, Марта Б. Олкотт, Иден Неби ва дигарон дар масоили таърих, фарҳанг, сиёсат ва иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистон таҳқиқот гузаронидаанд. Таълифоти инъикоскунандаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 низ хеле зиёд аст [29, с. 5]. Ин гуна таълифот аз ҷиҳати ҳаҷм, доираи таҳқиқот, аҳамият ва дигар меъёрҳо аз ҳамдигар тафовут доранд, вале дар таърихнигории Тоҷикистон, бешак, мавқеи муҳимро касб кардаанд. Мавсуф маҷмуаи мақолаҳоро таҳти унвони «Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение» [33] (Осиёи Марказӣ. Муноқиша, роҳи ҳал, тағйирот), ки таҳқиқоти бузурги дастаҷаъмонаи олимон ва сиёсатшиносони амрикоӣ ва рус ҷиҳати таҳлили равандҳои этносиёсӣ дар Осиёи Миёна маҳсуб меёбад, аз ҷумлаи чунин таълифот медонад. Бояд зикр кард, ки маҳаки таҳқиқоти муаллифони маҷмуаро заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ташкил медиҳад. Аксари муаллифони мақолаҳои ин маҷмуа ба масоили вазъи сиёсии Тоҷикистон каму беш дахл кардаанд. Н. Т. Раҳимов тавсифи адабиёти хориҷиро дар мавриди ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) идома дода, қайд менамояд, ки дар нашриёти «Чэлизд пабликэйшн» аз соли 1994 ба табъ расонидани силсилаи нашрияҳои маълумотдиҳанда оғоз ёфт, ки ба давлатҳои мустақили Осиёи Миёна ва Моварои Кавказ бахшида шудаанд. Ин силсиларо китоби И.Нэби «Таджикистан» [26] ҳусни оғоз бахшидааст.

Тибқи маълумоти Н. Т. Раҳимов муаллиф дар ин китоб Тоҷикистони давраи ҷанги шаҳрвандиро ба таври умумӣ тасвир намуда, дар фасли «Таърих» тасалсули муфассали ҳодисаҳоро аз моҳи январи соли 1992 то моҳи январи соли 1994 (саҳ. 43-69) замима намудааст [29, с. 6]. Аммо, ба ақидаи Н. Т. Раҳимов ба таҳқиқи воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) боҷиддият Шаҳрбону Тоҷибахш машғул буда, дар ин маврид якчанд мақолаҳо ба табъ расонидааст. Яке аз мақолаҳои ӯ таҳти унвони «Таджикистан: забытая гражданская война» [29] дар ҳаммуаллифӣ бо Насим Ҷавод таълиф гардида, дар он муаллифон дар радифи таҳлили сабабҳои авҷгирии ҷанги шаҳрвандӣ, тавсияҳои хешро дар масоили баргардонидани фирориён, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ғайраҳо пешниҳод кардаанд [29, с. 7].

Мавриди зикр аст, ки Н. Т. Раҳимов дар фарҷоми китоби хеш феҳристи адабиёти иловагиро оид ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), ки то ибтидои соли 1997 бо забони англисӣ ба табъ расидаанд, пешниҳод менамояд, ки ба назари мо хеле ҷолиб буда, ҷиҳати таҳқиқи бунёдии ҷанги шаҳрвандӣ мароқангез ва муфид маҳсуб меёбад.

Дар ин радиф бояд шумораи даҳуми маҷаллаи «Аккорд»-ро ёдрас шуд, ки соли 2001-ум ба табъ расидааст. Шумораи мазкури маҷалла аз маҷмуи мақолаҳои муҳаққиқон ва мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла Кэтрин Барнс, Ширин Акинер, Оливе Руа, Камолуддин Абдуллоев, Саодат Олимова, Музаффар Олимов, Абдунабӣ Сатторзодаро, ки паҳлӯҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандиро инъикос кадаанд, таркиб ёфтааст. Ба ақидаи муаллифони мақолаи муқаддимавии маҷалла Кэтрин Барнс ва Камолуддин Абдуллоев [10] шумораи мазкури Аккорд ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми Тоҷикистонро дар заминаи санадҳои мавҷуда таҳқиқ намуда, мавқеи ҷонибҳои асосии низоъро муайян менамояд.

Бояд зикр кард, ки чор мақолаи шумора, аз ҷумла мақолаҳои И. Асадуллоев [6], С. Олимова ва М. Олимов [27], А. Сатторзода [31], Ш. Акбарзада [2] нерӯҳои асосии сиёсиро, ки дар ҳаёти ҷамъиятии солҳои 90-уми Тоҷикистон мавқеи ҳукмронро соҳиб буданд, таҳқиқ ва баррасӣ намудаанд.

Устоди мактаби шарқшиносӣ ва африкашиносии университети Лондон, мутахассиси оид ба Осиёи Марказӣ Ширин Акинер дар мақолаи худ сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки дар соли аввали ҷанг аз бист то шаст ҳазор нафар қурбон гардиданд, ки 50 ҳазор нафари онҳо ба давраи шидатноки ҷанг – аз моҳи май то декабри соли 1992 мувофиқ меояд. Мавсуф дар такя ба ҳуҷҷатҳои расмии СММ таҳлилҳои хешро идома дода, шумораи гурезагонро дар соли аввали ҷанг 600 ҳазор нафар ҳисобидааст, ки аз ин миқдор тахминан 80 ҳазор нафар дар қаламрави Афғонистон паноҳ бурдаанд [4].

Дар иртибот ба равандҳои сиёсии дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба амал омада таваҷҷуҳи коршиносон, муҳаққиқон ва сиёсатшиносони кишварҳои хориҷи дур, амсоли Аврупо ва Амрико низ баҳри омӯзиш, таҳлил ва баррасии равандҳои сиёсии минтақа меафзояд. Дар байни асарҳои маҷмуӣ монографияҳои муҳаққиқи амрикоӣ М. Олкоттро, ки солҳои 1997 ва 2005 таълиф гардидаанд, махсус қайд кардан зарур аст. Монографияҳои Олкотт аз маводи санадӣ бой буда, дар онҳо муаллиф ҳамаи равандҳои сиёсии дар Осиёи Марказӣ ба амал омадаро бо назардошти арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъияти муосири ғарбӣ инъикос намудааст. Ба масоили марбут ба равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, назири З. Бжезинский, С. Хантингтон, Г. Киссинджер, А. Тойнби ва ғайраҳо бахшида шудаанд. Муҳаққиқони хориҷӣ ба рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар минтақа аҳаммияти зиёд медиҳанд. Ин гуна таҳқиқотро метавон ба якчанд гуруҳ ҷудо кард. Дар онҳо таҳлили муносибатҳои сиёсӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо бо абарқудратони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ инъикос гардидааст. Ҳамзамон манзараи умумии бархӯрди манфиатҳои ИМА, Россия ва Чин дар Осиёи Марказӣ дар ин асарҳо пешниҳод намегардад.

Ба гурӯҳи аввали манбаъҳои хориҷӣ ҳуҷҷатҳои расмӣ ва баромадҳои роҳбарон, дипломатҳо ва арбобони сиёсии давлатҳои ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин ва дигар давлатҳои хориҷи дур, ҳуҷҷатҳои расмии ВКХ, сафоратхонаҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналхалқӣ (СММ, ИДМ, САД, СҲШ, ИА ва ғ.) шомиланд. Манбаъи муҳими таҳқиқи стратегияи ғарбӣ ҳуҷҷатҳои расмии Департаменти давлатии ИМА ва Шурои Иттиҳоди Аврупо маҳсуб меёбанд.

Ба гурӯҳи дуюми манбаъҳои хориҷӣ таҳқиқоте мансубанд, ки аз ҷониби сиёсатмадорон, дипломатҳо ва таҳлилгарони ҳарбӣ перомуни масоили умдаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таълиф гардидаанд. Ба ин гурӯҳ асарҳои: Р. Вайд, К.

Луи, З. Баран, Р. Визерспун, П. Гоббл, А. Карлтон, У. Мерри, Б. Олкотт, Б. Рубин, Д. Смит, В. Сокор, Ф. Старр, С. Фредерик, И. Хан ва ғ. дохил мешаванд.

Таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, бахусус бархӯрди сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар рисолаҳои докторӣ ва номзадии муҳаққиқони хориҷӣ низ, аз қабили О. Х. Шарафиева [34], И.Х. Афандихонов [8], А.В. Архангельский [5], В.В. Егозарян [17] мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, дар онҳо масоили гуногуни марбут ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, раванди гуфтушунидҳо ва истиқрори сулҳу субот таҷассум ёфтаанд.

Масалан, муҳаққиқи рус О. Х. Шарафиева [34] таҳқиқоти хешро бевосита ба омӯзиши ҷанги шаҳрвандӣ бахшида, дар он сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Вале бо мӯҷиби ба муҳаққиқ дастрас набудани таҳқиқоти олимони тоҷик, ки аксаран шоҳиди ҳол буданд, ӯ натавонистааст, ки сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандиро воқеъбинона ва ботафсил инъикос намояд. Мавсуф ҳатто иштибоҳан оғози ҷанги шаҳрвандиро ба соли 1990 нисбат медиҳад ва ин дар ҳолест, ки аксари муҳаққиқон санаи 5-майи 1992-ро оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон эътироф кардаанд.

Умуман, бо вуҷуди он ки роҷеъ ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон ҳам дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ҳам дар кишварҳои хориҷи дур таълифоти зиёд рӯи кор омада бошад ҳам, муаллифони онҳо воқеаҳои мазкурро аз нигоҳи худ арзёбӣ намуда, ба назари мо бо сабаби огаҳӣ надоштан аз манбаъҳои дохилӣ имкон надоштанд, ки тамоми паҳлӯҳои ин ҳаводиси сиёсиро воқеъбинона инъикос намоянд.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, И.Р. Возникновение и развитие общественно-политических движений Республики Таджикистан в конце 80-х - начале 90-х годов: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.02 / И.Р. Абдуллоев. – Худжанд, 2000. – 174 с.*
2. *Акбарзаде, Ш. Абдулладжанов и «третья сила» // Аккорд / Ш. Акбарзаде. – Лондон, 2001. – С. 37-39.*
3. *Акимбеков, СМ. Афганский узел и проблемы безопасности Центральной Азии / СМ. Акимбеков. - Алматы: Казахстанский институт стратегических исследований при Президенте Республики Казахстан, 1998. - 280 с.*
4. *Акинер, Ш. Гражданская война в Таджикистане: причины и динамика / Ш. Акинер, К. Барнс. // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 18 - 27.*
5. *Архангельский, А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: автореф. дисс. канд. юрид. наук / А.В. Архангельский. – М., 2003.-25 с.*
6. *Асадуллаев, И. Взгляды на войну и мирный прцесс Правительство Таджикистана / И. Асадуллаев. // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 28 - 30.*
7. *Асомиддин, А. Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигорӣ / А. Асомиддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - №6 (92). – С. 262 - 267.*
8. *Афандихонов, И. Х. Правовые основы военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / И.Х. Афандихонов. - М., 2006. – 26 с.*
9. *Бажанов, Е.П. Международные отношения в XX1 веке / Е.П. Бажанов, Н.Е. Бажанова. - М., 2011. – 145 с.*
10. *Барнс, К. От войны к политике / К. Барнс, К. Абдуллаев. // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 8-16.*
11. *Белокреницкий, В. Геополитическая вертикаль сердце Азии / В. Белокреницкий. – М., 1997. - 176 с.*
12. *Бобохонов, Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов. // Общественные науки и современность. – 2011. - №3. - С.55-57.*
13. *Бушков, В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.*
14. *Вешняков, А.Д. Основы противодействия терроризму / А.Д. Вишняков. – М.: Академия, 2006. –148 с.*
15. *Джекшенкулов, А. Новые независимые государства Центральной Азии в мировом сообществе / А. Джекшенкулов. - М., 2000. – 120 с.*
16. *Дмитриев, М. Тонкий намек на весьма кровавый конец / М. Дмитриев. – М., 2008. – 236 с.*
17. *Егозарьян, В.В. Военно-политическое сотрудничество России со странами СНГ как фактор интеграции: дис. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / В.В. Егозарьян. - М., 2001. – 189 с.*
18. *Звягельская, И.Д. Становление государств Центральной Азии / И.Д. Звягельская. - М., 2009.*

– 178 с.
19. *Казанцев, А. А. «Большая игра» с неизвестными правилами: Мировая политика и Центральная Азия / А. А. Казанцев. - М., 2008. - 340 с.*
20. *Кузьмин, А. И. Таджикистан. Причины и уроки гражданской войны / А.И. Кузьмин // Постсоветская Центральная Азия. Потери и обретения.– М., 1998. -232 с.*
21. *Малышева, Д.Б. Центральноазиатский узел мировой политики / Д.Б. Малышева. – М.: ИМЭМО, 2012. – 256 с.*
22. *Многомерные границы Центральной Азии. - М. Гендальф, 2000. - 97 с.*
23. *Мирзоев, Ҷ. А. Воқеаҳои феврали соли 1990 – заминаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Ҷ.А. Мирзоев, Ф. Ф.Таваров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №6 (95). – С. 255-261.*
24. *Назарбаев, Н. А. В потоке истории / Н.А.Назарбаев. – Алматы: Атамура, 1999. – 296 с.; Назарбаев, Н.А. Критическое десятилетие / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 1999. – 240 с.*
25. *Носов, В. Гражданская война в Таджикистане / В. Носов. - М. – 2012. – 76 с.*
26. *Нэби, И. Таджикистан / И. Нэби. – Бенсон, Вермонт, 1994. – 148 с.*
27. *Олимова, С. Партия исламского возрождения / С. Олимова, М. Олимов // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 31- 33.*
28. *Папов, В.И. Современная дипломатия. Теория и практика / В.И. Папов. - М. 2006. – 340 с.*
29. *Рахимов, Н. Т. Материалы к историографии гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.): Обзор зарубежной литературы / Н.Т. Рахимов.– Худжанд, 2002.–60 с.*
30. *Рахмон, Э. О времени и о себе: Записки Президента / Э. Рахмон. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 232 с.*
31. *Сатторзода, А. Демократическая партия / А. Сатторзода // Аккорд. – Лондон, 2001. – С. 34-36.*
32. *Таджибахш, Ш. Таджикистан: забытая гражданская война / Ш. Таджибахш, Н. Джавад [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.03.2019).*
33. *Центральная Азия. Конфликт, решение, изменение. – Мэриленд, 1995.*
34. *Шарафиева, О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.*

ҶАНГИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН (1992-1997) ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақола масоили омӯзиши саҳифаҳои мудҳиши таърихи халқи тоҷик дар солҳои 90-уми асри XX-таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониён қурбон ва ҳазорҳо нафари дигар бехонумон шуда буд, дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар он муаллиф махсусан ба инъикоси заминаҳо, сабабҳо, омилҳои дохилӣ ва берунии сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с.1992-1997), инчунин даврабандии ин ҳодисаи сиёсӣ диққати махсус дода, адабиёти хориҷиро ба ду қисм – осори муҳаққиқони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бахусус Федератсияи Россия ва адабиёти дар мавриди ҷанги шаҳрвандӣ таълиф намудаи муҳаққиқони кишварҳои хориҷи дур ҷудо намудааст. Муаллиф, бахусус ба фаъолияти ҳаракатҳо ва ташкилотҳои нави сиёсӣ ва нақши онҳо дар ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дараҷаи таҳқиқу баррасии онро дар осори муҳаққиқони хориҷӣ муайян намудааст. Илова бар ин, дар мақола муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулосае расидааст, ки бо вуҷуди он, ки роҷеъ ба ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон ҳам дар кишварҳои ИДМ ва ҳам дар кишварҳои хориҷи дур таълифоти зиёд рӯи кор омада бошад ҳам, муаллифони онҳо воқеаҳои мазкурро аз нигоҳи худ арзёбӣ намуда, бо сабаби огаҳӣ надоштан аз манбаъҳои дохилӣ имкон надоштанд, ки тамоми паҳлӯҳои ин ҳаводиси сиёсиро воқеъбинона инъикос намоянд.

Калидвожаҳо: ҷанги шаҳрвандӣ, муҳаққиқони хориҷӣ, омилҳои дохилӣ, омилҳои берунӣ, равандҳои сиёсӣ, сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, адабиёти хориҷӣ, ҳаводиси сиёсӣ.

ГРАЖДАНСКАЯ ВОЙНА В ТАДЖИКИСТАНЕ (1992-1997 гг.) В ИССЛЕДОВАНИЯХ ЗАРУБЕЖНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В статье рассматриваются вопросы изучения страшных страниц истории таджикского народа 90-х годов XX века - истории гражданской войны, жертвами которой стали тысячи таджиков и таджики танцев, а тысячи других стали бездомных в исследованиях зарубежных исследователей. В ней автор уделил особое внимание отражению предпосылки, причин, внутренних и внешних факторов возникновения гражданской войны в Таджикистане (1992-1997 гг.), а также хронологии этого политического события и разделил зарубежную литературу на две части - труды исследователей стран Содружества Независимых Государств, особенно Российской Федерации и литературу по гражданской войне, написанную исследователями из дальних стран. Особое внимание автор уделил деятельности новых политических движений и организаций и их роли в политической ситуации 90-х годов XX века, определил уровень ее исследования и анализа в работах зарубежных исследователей. Кроме того, в статье в результате анализа существующей литературы автор пришел к

выводу, что, несмотря на то, что существует множество работ, посвященных гражданской войне и установлению мира и стабильности в Таджикистане, как в странах СНГ так и в дальнем зарубежье, их авторы оценивали эти события со своей точки зрения и из-за незнания внутренних источников не смогли реалистично отразить все аспекты этих политических событий.

Ключевые слова: гражданская война, зарубежные исследователи, внутренние факторы, внешние факторы, политические процессы, причины гражданской войны, зарубежная литература, политические событий.

CIVIL WAR IN TAJIKISTAN (1992-1997) IN STUDIES OF FOREIGN RESEARCHERS

The article discusses the issues of studying the terrible pages of the history of the Tajik people of the 90s of the twentieth century - the history of the civil war, the victims of which were thousands of Tajiks and Tajiks, and thousands of others became homeless in the research of foreign researchers. In it, the author paid special attention to reflecting the background, causes, internal and external factors of the outbreak of the civil war in Tajikistan (1992-1997), as well as the chronology of this political event and divided foreign literature into two parts - the works of researchers from the countries of the Commonwealth of Independent States, especially Russian Federation and literature on the civil war written by researchers from distant countries. The author paid special attention to the activities of new political movements and organizations and their role in the political situation of the 90s of the twentieth century, determined the level of its research and analysis in the works of foreign researchers. In addition, in the article, as a result of an analysis of existing literature, the author came to the conclusion that, despite the fact that there are many works devoted to the civil war and the establishment of peace and stability in Tajikistan, both in the CIS countries and abroad, their authors evaluated these events from their own point of view and due to ignorance of internal sources were unable to realistically reflect all aspects of these political events.

Keywords: civil war, foreign researchers, internal factors, external factors, political processes, causes of the civil war, foreign literature, political events.

Дар бораи муаллиф
Асомуддини Абдулмумин
Унвончӯи шуъбаи таърихи навтарин
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ, 33
Тел: (+992) 988 28 18 77

About the author
Asomuddin Abdulmumin
A graduate of the Department of Modern History, Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Danish NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
Phone: (+992) 988 28 18 77

Об авторе
Асомуддин Абдулмумин
Соискатель отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 33
Тел: (+992) 988 28 18 77

ТДУ 9 (575.3)

ШАҲРИ ВАШГИРД ВА ЁДГОРИҲОИ БОСТОНИИ ОН

Шарипов М. Х., Исмоилов А. Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Тоҷикон аз қадимулайём мардуми соҳибфазлу комилақл, муқимнишин, кишоварз ва шаҳрдор буданд. Миллати тоҷик натанҳо дар водиҳо, балки дар кӯҳистонҳо низ шаҳрҳои бузург бунёд намудаанд [5, с. 121-126]. Вашгирди қадим аз ҷумлаи онҳо буда, таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Қалъаи сангини Вашгирди куҳан яке аз ёдгориҳои қадимаи таърихии тоҷик буда, дар шимолу шарқии ноҳияи Файзободи имрӯза ҷойгир мебошад.

Шаҳристони қалъаи сангин тахминан 13-15 гектар заминро дар бар гирифта, бо деворҳои мудофиавӣ мустаҳкам карда шудааст, ки тарҳи ин деворҳо дар назар намоёнанд. Дарвозаи калони Шаҳристон дар атрофи шимолии қалъа ва чор дарвозаи хурд дар атрофи Шаҳристон ҷойгир буданд. Дар дохили Шаҳристон тарҳи хонаҳои истиқоматии қадима намоёнанд.

Дар қисмати ҷанубии шаҳристон гуристони сокинони деҳаи Ҷонварӯз мавҷуд буда, даҳяки онро ишғол мекунад ва хавфи он вуҷуд дорад, ки дар оянда гуристон тамоми шаҳристони қалъаи Сангинро фаро мегирад ва омӯзиши минбаъдаи ин ёдгории муҳими таърихиро дар амал ғайри имкон мегардонад. Сокинони деҳаи Ҷонварсӯз ассосан ба зироаткорӣ машғул буда, ҳангоми истифодаи замин барои корҳои хоҷагӣ, пораҳои зарфҳои сафолӣ, шишагӣ, танга ва ашёҳои дигари қадимаро пайдо мекунанд. Аз ин бармеояд, ки дар мавзеҳои девори қалъа ва шаҳристон низ одамон зиндагӣ мекардаанд ва он як қисми работи шаҳрро ташкил мекард. Қалъаи дуюм тахминан 400 метр дуртар аз қалъаи сангин дар самти шимолу шарқии он ҷойгир мебошад. Баландии ҳарду қалъа қариб баробар аст. Аммо ҳаҷми қалъаи дуюм хурдтар мебошад. Байни ин қалъа ва шаҳристони Қалъаи Сангин ҷарии на чандон ҷуқуре мавҷуд аст, ки онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Атрофи қалъа пасхамие дорад, ки ба хандақи мудофиавӣ монанд аст [2, с. 5-7].

Сокинон қалъаи дуюмро қалъаи Фотимаи Заҳро мегӯянд, ки таърихи пайдоиши ин номаълум нест. А.М. Беленитский онро бо номи “Ситораи Заҳро”ва ба оинҳои ситорапарастӣ алоқаманд мешуморанд. Як ёдгории дигари таърихие аз замони Юнонӣ Бохтарӣ дар деҳаи Файзободи кӯҳна низ пайдо карда шудааст.

Дар масҷиди куҳна дар зери яке аз сутунҳои чубин ки ба асри XIX тааллуқ дорад, таксутуни сангин гузошта шудааст. Тарҳи тагсутун чоркунҷа буда 60см дарози ва 35см баланди дорад. Қисми болои тагсутун мудавар буда доираи аз ҳама болои он 40см мебошад.

Аз рӯи сохт ин тагсутун ба давраи Юнони Бохтарӣ (асрҳои III - II – то мелод) рост меояд, Минтақаи дигаре бо номи Қаррамайдон мавҷуд аст, ки таърихи кӯҳан дошта, аз он ҷо чандин ёдгориҳои қадима ёфт шудааст.

Соли 1971- ум аз ҷониби сокини деҳаи Қарамайдон Неъмонов Зариё ҳангоми кандани замин хуме ёфт шудааст, ки онро ба замони ҳукмронии Кушониён нисбат медиҳанд. Дар вақти дарёфт кардани ин ёдгорӣ дар дохили он каме хокаи хокистарранг мавҷуд буд, ҳамин гуна асбобу маснуотҳо, ки аз давраи қадим шаҳодат медиҳад аз ин минтақа ба миқдори хело зиёд ёфт шудааст. Воқеан Вашгирд, худ як макони қадимиест, ки дар онҷо чандин маконҳои харобгашта ёфт шудааст, ки таърихи куҳан доранд. Чи тавре ки мо қайд кардем аз Вашгирд чадин олимону шарқшиносони рус ва тоҷик рисолаҳои илмию тарихӣ навиштаанд.

Чи тавре, ки бостоншиноси маъруфи тоҷик Ю. Яқубов овардааст: “Возеҳ гардид, ки ин шаҳр дар аввали асри I – и милоди ба вуҷуд омада дар асрҳои IX - XII яке аз марказҳои калонтарини маданӣ, илмӣ, ҳунармандӣ ва савдо дар Бохтари шимолӣ ба шумор мерафт. Дар охир таъкид мекунем, ки дар Тоҷикистон ба монанди харобаҳои Вашгирд шаҳри калон нест”.

Дар ҷараёни кофтуков дар димнаи Вашгирд қабатҳои қадим дар ҳафриёти № 2, ки дар қисми ғарбии қалъаи Сангин ҷойгир аст, пайдо карда шуданд.

Ба муносибати ҷашни 2700 - солагии Кулоб, номи шаҳрҳои Балх, Тирмиз, Қубодиён, Чағониёну Шуғнон, Вашгирд ва ғайраҳо дар робитаҳои таърихии аёми бостон, ки робитаҳои гуногун дошта бо ҳам пайвасту пайванд буданд, арзёбӣ карда шудаанд [4, с. 38-42].

Бояд зикр кард, ки Вашгирд дар қатори дигар шаҳрҳои бостонӣ таърихи ниҳоят қадимро дар бар мегирад. Дар Вашгирд на танҳо Димнаи Вашгирд макони қадими асту

халос, инчунин маконе ҳаст бо номи “Дараи нозои” ё ин ки “Зиндонҳо” ки хеле машҳур аст. Аз ин макон чандин ёдгориҳо ва устухонҳои одамон ёфт шудааст. Аз бозёфтҳои ба даст омада маълум мешавад, ки дар ин мавзеъҳои зикргардида, чандин аср пеш хунрезиҳои зиёде шуда гузаштааст. Сокини деҳаи Кулул Беҳруз Неъмонов аз ин мавзеъ як кӯзачаи обхӯри бо пиёлааш аз чуқурии 4 метр дарёфт кардааст.

Масоҳати умумии ин мавзеъ 8 - 10 гектарро дар бар мегирад. Он аз ҷануб бо дарёи Элок, аз шарқ бо деҳаи Кулул, аз ғарб бо деҳаи Ҳаймаҳмадӣ ва аз шимол бошад бо деҳаи Қулобод ҳамсарҳади дорад. Мувофиқи баъзе маълумотҳои ба даст омада, Вашгирд дар қадим чаҳор дарвоза доштааст, ки дарвозаи ҷанубиаш ҳамин дараи Нозои будааст. Бояд қайд кард, ки аз ин минтақа на танҳо кӯзаю дигар маснуотҳои барои зиндагӣ лозима, балки якчанд ёдгории дигар низ ёфт шудааст.

Соли 2008 сокини деҳаи Навободи ҷамоати Меҳробод Ғуломов Тоҷиддин, аз соҳили дарёи Элок як тагсутуне дарёфт кардааст, ки баландии он тақрибан 70см – ро дар бар гирифта, мудавваршакл мебошад. Миёнаҷои тагсутун 10 - 15 см сурохи дорад. Маълум мешавад, ки ин ёдгории замони Кушониён буда, ҳамчун тагсутун хизмат мекардааст.

Боди Элок дар тирамоҳ бо шиддаттар мевазад. Дар харобаҳои Вашгирд қадам задан душвор мегардад бод хазонрезҳоро аз талу теппаҳо руфта ба пасхамиҳо бурда мепартояд, гуё руҳи аҷдодонро пок медорад ва Ба гуши мо ривояту қиссаҳои нодири нуҳуфтаро ифшо кардани мешавад. Воқеан аз қаъри асрҳо шоҳиди ягона, роздони замона, ҳамин бод аст.

Дар Вашгирд аз қадим дар тобистону зимистон боди сарде мевазад, ки то ин ҷониб пайдоиши онро ҳеҷ кас амиқу равшан накардааст, ки он аз чи пайдо мешаваду аз куҷо меояд. Ин нуқта ба таври пурратар дар асари “Ҳудуд-ул-олам”, ки муаллифаш маълум нест, оварда шудааст.

Воқеан ҳам шаҳри бостонӣ хело таърихи тулониро дар бар гирифта, аз тарафи мутахассисон ва таърихшиносон таҳти омӯзиш қарор гирифта буд ва чандин ҳафриётҳо доир ба ин мавзеъ гузаронида шудааст.

Қабатҳои аз ҳама қадим дар ҳафриёти № 4 ёфт шудаанд, ки ин ҳафриёт дар қисми ғарбии теппаи қалъаи сангин дар масофаи 7 - 8 метр поёнтар аз сатҳи болои он ҷойгир аст. Ин ҳафриёт то чуқурии 2,1 метр расонида шудааст. Қисми болоии он аз хокҳои аз боло рехта иборат буда, сафолпораҳои сирдор ва бесири замони Сомониёнро дар бар мегирад. Поёнтар аз 1 метр ҷо пораи лаълича ёфт шудааст, ки эҳтимол ба давраи Юнонӣ - Бохтарӣ тааллуқ дорад. Аз ин бар меояд, ки қабатҳои зисти қалъаи сангин тақрибан 7 - 8 метр чуқурӣ доранд.

Дар бораи таърихи бойю қадим доштани Вашгирд як қатор бозёфтҳои тасодуфӣ низ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷума соли 1968 дар Ҷамоати Меҳробод (Тақназарӣ), тасодуфан як сиккаи нуқрагини шоҳи Юнонӣ Бохтарӣ, Эвтидем I (соли 220 – 190 - уми пеш аз мелод) ёфт шудааст. Сикка драхма буда, 4,15г вазн дорад ва ҳаҷми он 17мм мебошад. Дар рӯи сикка симои Эвтидем ба тарафи рост бо дайҳим (лентаи шоҳӣ, ки гирди сар баста мешуд) тасвир шудааст. Дар пушти сикка, сурати худои Юнониён, Ҳеракл ки дар болои санг нишастааст ва дар дасташ гурз дорад, ҳаккоки шудааст. Дар ду тараф (чап ва рост) навиштаҷоти Юнони “Басилеос Эвтидем” яъне “Шоҳ Эвтидем” сабт гардидааст. Мусаввараҳои ин сикка бо як маҳорати баланди нақошӣ ичро карда шудаанд. Ҷолиби диққат он аст, ки ин сикка на аз нуқраи холис, балки аз мис сохта шуда, бо нуқра рӯкаш карда шудааст. Ин сикка алҳол дар осорхонаи бостоншиносии пажӯҳишгоҳи таърихи академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст [3, с. 25-28].

Дар рӯи сикка нимпайкараи шоҳ ва дар пушташ як нафар аспсавор тасвир шудааст. Аспсавор дар дасти росташ табарзин дорад. Либос ва симои ӯ ба сурати рӯи сикка хело монанд аст. Аз ҳамин сабаб аксари муҳақиқон бар он андешаанд, ки аспсавор худи шоҳ мебошад, сураташ дар рӯи ин сиккаҳо низ тасвир шудааст. Гирдо гирди аспсавор навиштаҷоти Юнонӣ “Басилевс басилеон Сотер Мегас”, яъне “Шоҳи шоҳон наҷотдиҳандаи бузӯрг” сабт гардидааст. Бояд ёдовар шавем, ки Кушониён то ҳукумронии Канишка (асри I мелодӣ) забони Юнониро ба сифати забони давлатӣ истифода мебурданд. Вимв Таку – сотер Мегас бобои Канишка буда, дар миёнаҳои асри I мелодӣ ҳукумрони кардааст. Номи ӯ дар катибаи Канишка, ки аз деҳаи Работаки вилояти Бағлони Афғонистон соли 1993 ёфт шуда буд, сабт гардидааст.

Як сиккаи дигари мисини ҳамин шоҳи Кушонӣ дар яке аз теппаҳои болои деҳаи Кабкрези ноҳияи Файзобод тасодуфан ёфт шудааст. Ба гуфтаи сокини деҳаи Қанғели Азизов Давлат ӯ ин сиккаро дар дасти ҷиянаш дидааст. Мувофиқи гуфтаҳои ин шахс сикка мисин

буда, ҳаҷмаш тақрибан баробар ба 2-тинаи шуравӣ, буда аз он каме ғафстар аст. Ин танга ба тангаи дар боло маълумот дода хело монандӣ дорад.

Бояд ёдовар шавем, ки дар харобаҳои шаҳри Вашгирди қадим ба ғайр аз ҳафриёти № 2, як миқдор сафолпораҳои Кушонӣ, дар ҳафриётҳои №3 ва №4 ёфт шудаанд.

Инкишофи зистгоҳҳо, деҳот ва шаҳракҳо дар ин минтақа дар марҳилаи баъдинаи таърихӣ, яъне дар асри биринҷӣ, ки баъди асри санг меояд, низ идома меёбад. Мутаасифона ёдгориҳои ин давраи ноҳияи Файзобод ҳанӯз омухта нашудаанд. Дар бораи асри биринҷии ин ноҳия мо метавонем танҳо дар асоси бозиёфтҳои алоҳида муҳокима ронем. Ин бозиёфтҳо бори нахуст мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор гирифтаанд. Соли 1999 дар деҳаи Шерамон як табари сангин ёфт шудааст, ки ба охири асри санг ва аввали асри биринҷи (ҳазорсолаҳои III - II то мелод) таалуқ дорад. Дарозии он 24,5см бараш 5 - 8см ва ғафсиаш 2,5см мебошад. Болои табар суфта карда шудааст. Ин гуна табарҳо сурохи барои даста кардан надоштанд ва онҳоро дар дастаи чубин бо банд баста истифода мебурданд. Аз назди ин деҳа, аз мавзеи чашмаи моҳиён, ҳамчун се бор санги бофандагӣ, ки мутаалиқи асри биринҷи (ҳазорсолаи II – и то мелод) мебошанд, ёфт шудаанд. Ин борсангҳо доирашакл буда, дар байнашон сӯрохи доранд. Ҳаҷми доираи онҳо мутаносибан 14, 15, 16 см ғафсиашон 5,5 - 4,5 - 7см ва ҳаҷми сурохиашон 4,5см мебошад. Ҳамин тавр дар вилояти Вашгирд, ҳануз дар асри биринҷӣ ҳунармандӣ, аз ҷумла бофандагӣ инкишоф ёфта буд. Бозиёфтҳои номбар шуда аз он гувоҳи медиҳанд, ки дар асри биринҷӣ дар деҳаи имрӯзаи Шерамон, деҳкадаи мардуми муқимнишин вуҷуд дошт. Ногуфта намонад, ки ашёҳои қадимаи номбаршударо, муаллими таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 2 деҳаи Нодирӣ Собиров Зариф ҳамроҳи талабаҳо ёфта, дар осорхонаи муассиса нигоҳ медоранд [8, с. 78 - 83].

Як ёдгории дигар, ки ба асри биринҷи таалуқ дорад, дар деҳаи Ҷонварсӯз бозёфт шудааст. Сокини ин деҳа Қурбонов Н, ҳангоми кандани ҷуқури дар ҳавлиаш устухонҳои мурдаеро пайдо кард, ки як паҳлу хоб буда, пойҳояш ба тарафи калааш қад карда шуда буанд, ки ин намуд гӯркуни танҳо хоси асри биринҷи мебошад.

Аз ин бозёфт бар меояд, ки дар ҳудуди деҳаи, Ҷонварсӯз ҳануз дар асри биринҷӣ одамон сукунат доштанд. Ёдгории аз ҳама пурқимат ва аҳамияти таърихи доштаи ноҳияи Файзобод, димнаи Вашгирд мебошад. Ибораи димна маънои харобаҳои шаҳри қадимро дорад. Бори аввал соли 1946 ҳайати бостоншиниосон бо сарварии олими шинохтаи Ленинградӣ А.М.Беленитский, барои омӯзиш ва ба қайдгирии ёдгориҳои қадимии ноҳияи Файзобод ба ин мавзеъ сафар намуда буданд. Баъди аз назар гузаронидани маъзеъ ҳайати бостоншиносон димнаи Вашгирдро мавриди татқиқ ва омӯзиш қарор доданд. Дар рафти омӯзиш онҳо нақшаи топографии димнаро тартиб дода, ҳудуд ва ҳаҷми он, қалъа ва шаҳристони онро муайян карданд. Онҷо дар бораи ин димна маълумотҳои ҷолиб ҷамъ намуданд. Барои муайян кардани замони мавҷудияти димнаи Вашгирд, бостоншиносон ду ҳафриёти хурди озмоиши дар шаҳристони он ва яктои дигар дар беруни шаҳр работ гузарониданд. Аз ҳафриёт бостошиносон як миқдори сафолпораҳо ва баъзе ашёи дигари таърихи пайдо карданд, ки ба асри IX - XI таалуқ доштанд. Дар натиҷаи тадқиқот бостоншиносон ба хулосае омаданд, ки димнаи мазкур шаҳри Вашгирди қадим мебошад. Мутаасифона баъди соли 1946 ковишҳои бостоншиносӣ дар димнаи Вашгирд дигар идома наёфтаанд. Танҳо баъди 36 – сол дар соли 1982 ҳайати бостоншиносон бо сарварии таърихшиноси номии тоҷик Ю. Яқубов ба ин ноҳия сафар карда ёдгориҳои бостонии онро мавриди тадқиқ ва ҳафриёти омузишӣ қарор доданд. Ин ҳайат дар назди мақбараи Хоҷа Ҳотами Асам, аз тарафи шимолу шарқӣ барои тадқиқи санаи сохта шудани он дар масоҳати 2х2 ҳафриёт гузарониданд. Дар натиҷа муайян карда шуд, ки дар атроф ва зери мақбара гӯрҳои зиёд рӯ ба рӯ хобидаанд. Дар натиҷаи ҳафриёт як миқдор сафолпораҳо ёфт карда шудаанд, ки ба ақидаи Ю. Яқубов ба давраи баъд аз запткориҳои муғулҳо ва ё аз он ҳам баъдтар таалуқ дорад. Аз тадқиқот бар меояд, ки ин мавзеъ баъди вафоти Хоҷа Ҳотами Асам, ки дар инҷо ба хок супурда шудааст ба қабристон табдил ёфтааст. Айён аст, ки тадқиқотҳои бостоншиносон, ки дар ҳудуди димнаи Вашгирд гузаронидаанд, бовуҷуди аҳамияти илми доштанашон доир ба таърихи ин шаҳри қадим маълумоти пурра пайдо накардаанд. Интизор меравад, ки ин ёдгории нодиру аҳамияти таърихи дошта ҳафриёти густурда ва мунтазамро талаб мекунад [6, с. 82 - 87].

Димнаи Вашгирд 1,5 км ҷанубтар аз маркази имрӯзаи ноҳияи Файзобод ҷойгир аст. Он шакли теппаро дошта аз ҳамвориҳои атроф ҷудо шуда меистад. Ин шаҳр аз қалъа, ҷои ҳокимнишин, шаҳристон ва работ иборат буд. Шаҳр дорои ду қалъа мебошад. Қалъаи якум

дар кунҷи ҷанубу ғарбии шаҳр ҷойгир аст, ки онро сокинони маҳаллӣ, қалъаи сангин меноманд. Сабаби қалъаи сангин ном гирифтанаш дар он аст, ки бо санг сохта шудааст.

Вашгирд, Хоҷа Ҳотами Асамӣ IX-XII

Дар ҷараёни кофтуков, дар димнаи Вашгирд дар ҳафриёти №2, ки дар қисми ғарбии қалъаи сангин ҷойгир аст қабатҳои қадим низ пайдо карда шудаанд. Дар қабатҳои аз ҳама поёнии он дар чуқурии 4 – 6метр сафол пораҳое ёфт шуданд, ки хело нафис буда ранги сурхча доранд ва ба замони Кушониён (I – то мелод ва IV – мелодӣ) мансубанд. Дар ин қабатҳо ҳамчунин як тангаи ғафси мисин пайдо шуд, ки аз шакли берунааш ба сиккаҳои давраи Кушонӣ хело монанд мебошад. Мутаасифона сикка сахт занг задааст ва мусаффараҳои он хурда шудаанд танҳо иқраи шоҳи Кушонӣ, ки дар назди меҳроби оташ истодааст хира намоён аст. Дар бораи роиҷ будани сиккаҳои Кушонӣ дар вилояти Вашгирди қадим маълумотҳои зиёд мавҷуд мебошад.

Аз ҷумла дар ҷамоати Қалъаи-Дашт деҳаи Чилчаи ноҳияи Файзобод як сиккаи мисини давраи Кушонӣ ёфт шудааст.

Ғайр аз ин тавре ки Ю. Яқубов дар мақолаи худ овардааст соли 1982 хонандагон мактаб тасодуфан аз ҷарии ҷанубии қалъаи сангин як ҳайкалчаи сафолин ва якчанд сафол пораҳои замони Кушониёнро ёфта буданд. Бовуҷуди камшумор будани бозиёфтҳои номбар шуда шаҳодат медиҳанд, ки шаҳри Вашгирд аз замони Юнону Бохтари (асрҳои III – II то мелод) ва Кушонӣ асрҳои II – и то мемол ва IV –и мелоди вуҷуд доштааст. Шояд шаҳр аз ин ҳам пештар дар ҳамин мавзеъ пайдо шуда бошад, аммо ин қабатҳои бостони бинобар хело калон будани масоҳати шаҳр ҳануз пайдо карда нашудаанд.

Ҷолиби диққат он аст, ки дар қисми аз ҳама поёнии ҳафриёти №2 девори сангине ошкор карда шуд, ки бараш зиёда аз 3м мебошад дар паҳлуи ин девор як қисми бурҷи аз санг чида шуда, ки баландиаш 2,35см – ро дар бар мегирад мавҷуд аст [7, с. 42 - 49].

Ҳафриёти гузаронида шуда аз он шаҳодат медиҳад, ки шаҳри Вашгирд дар замони Сомониён ба авҷи тараққиёти худ расида будааст. Аксарияти бозиёфтҳои ин давра аз он далолат мекунанд. Дар масофаи 3км шимолтари ноҳия аз тарафи бостоншиносон сағонае пайдо карда шуд, ки он аз хишти пухта сохта шуда равоқи балхи дорад. Доир ба ин бозёфт Д. Довудӣ чунин менигорад: “Бостоншиноси тоҷик Давлатхоҷа Довудӣ баъди ҳафриёти харобаҳои Вашгирди кӯҳан ба чунин хулоса омадааст: “Дар асрҳои миёна дар Бохтари қадим се вилояти бузургу бонуфуз буд – Хатлон, Чағониён ва Вашгирд. Аммо дар замонҳои қадим аз ҳама бонуфузтарин вилояти ин минтақа маҳз Висагард (Вашгирд) будааст.

Шаҳри Вашгирд аслан пайдоиш ва тафаккури хешро аз замони сулолаҳои Пешдодиёну Каёниён оғоз намуда, то замони давлатдории Сосониён ҳамчун шаҳри мутараққию тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба ин сарчашмаҳои муътамадии илмӣ: бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ шаҳодат медиҳад.

Вашгирди бостонӣ аз ибтидо дар зери зулми аҷнабиҳо туркҳо, арабҳо, ғазнавиҳо монда хароб шудааст.

Замони Сомониён давраи инкишофи фарҳангу илм ва иқтисод ба шумор мерафт. Маълумотҳои ҷуғрофишиносонӣ ин давра аз қабили Истахрӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ ва дигарон гувоҳи дар зинаи баландии тараққиёт қарор доштани давлати Сомониён мебошад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои дар боло оварда шуда маълум мешавад, ки шаҳри Вашгирд дар асрҳои VIII ва IX як ҷузъи давлати Сомониён ба ҳисоб мерафтааст.

Дар ҷамъбасти мавзуи мазкур ҳаминро бояд зикр кард, ки Вашгирд таърихи бою ғанӣ дошта, ба мисли Ҳулбуку Саразм таърихӣ қадима дорад. Вашгирд на танҳо ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Файзобод балки ноҳияҳои гирду атрофи они Ваҳдат, Оби гарм, Душанбе ва Ҳисорро дар бар мегирфт. Кофтуковҳои бостоншиносӣ нишон додаанд, ки Вашгирд таърихи қадима дошта, дорои таърихи ҳафтсад ҳазорсола мебошад, ки ин минтақаи қадимӣ дар қисми ҷанубии Вашгирд ҷойгир аст, ки номаш Қарамайдон аст.

Аслан мо ин мавзуъро аз сарчашмаҳои зиёде ҷамъоварӣ карда, дар ин кор ба таври пурра ҳам набошад пешкаш кардем. Ин мавзуи мазкур то ҳол ба пуррагӣ таҳқиқ нагардида омӯзиши пайвастаро талаб мекунад.

Аз ҳама муҳим он аст, ки номи чандин минтақаи Тоҷикистони мо дар китобҳои қадимтарин Авастою Шоҳнома сабт гардидааст, ки якеи онҳо ҳамин Вашгирди қадим мебошад. Ин истилоҳ дар Авасто бо номи Весака ё ин ки Висака дарҷ гардидааст.

Дар баъзе сарчашмаҳои дигар дарҷ шудааст, ки шаҳри Висагирд бо шаҳри Ҳисор таърихи баробар дошта, тамоми ҳодисаҳои мудҳишро якҷоя аз сар гузаронидаанд. Агар мо ба харитаи ноҳияи Файзобод (давраи шуравӣ) назар кунем қариб ки ҳамаи деҳаҳо бо номҳои туркию муғулӣ номгузори шудаанд. Ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳад, ки ин сарзамини муқаддас ва хуррам борҳо зери пои аҷнабиён қарор гирифтааст.

Хулоса, аз асри III - II то милод то асрҳои VI - XVI шаҳри Вашгирд обод буда, “Қалъаи сангин”, “Қалъаи Фотима Заҳро” ва шаҳристону работ дошт. Ба ҳайати вилояти Висагирди қадим на танҳо ноҳияи имрӯзаи Файзобод, балки ноҳияҳои гирду атроф – аз Кабудҷар то Душанбею Ҳисор дохил мешуданд. Шояд вилояти Сурхандарё ва Тирмизи Ҷумҳурии Узбекистон низ ба ҳайати Висагард дохил буданд ва ё ин ки аз лиҳози сиёсӣ тобеи шоҳи Висагард - Пирон ва авлодони ӯ буданд.

Адабиёт

1. *Ашуров, Н. “Вашгирд / Н. Ашуров. - Мероси ниёгон №16 (1)-2014 – С. 80 - 86*
2. *Ёров, А. “Файзобод дирӯз ва имрӯзи он”/ А. Ёров - Орҷонкизобод, 1991 – 146 с.*
3. *Довуди, Д. Вашгирд ёдгори бостон”/ Д. Довуди, Ф. Қурбонзода. –Душанбе: Деваштич, - 2005. – 78 с.*
4. *Довуди, Д. Вашгирд шаҳри ҳунармандон, тоҷирон ва орифон / Д. Довуди, Ф. Қурбонзода. – Душанбе: Дониш, 2009. - 164 с.*
5. *Муъмин, Ҷ. Вашгирди пешин ва Файзободи навин / Ҷ. Муъмин. – Душанбе: ҶДММ Ҳоҷи Ҳасан, 2014. - 92 с.*
6. *Яқубов, Ю. Таърихи қадими халқи тоҷик: Замони ориёиҳо / Ю. Яқубов. – Алмаато: Атамура, 2000. – 214 с.*
7. *Яқубов, Ю. Гоҳномаи Авесто / Ю. Яқубов. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 96 с.*
8. *Яқубов, Ю.Тоҷикон: Пиромуни этногенез. / Ю. Яқубов. – Душанбе, Ирфон, - 1994. – 70 с.*
9. *Яқубов, Ю. Тоҷикшинос / Ю. Яқубов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 112 с.*

ШАҲРИ ВАШГИРД ВА ЁДГОРИҲОИ БОСТОНИИ ОН

Таърих оинаест, ки дар он саргузашти халқ, дастовардҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ давоми ҳазорсолаҳо инъикос меёбад. Зеро таърих васлкунандаи наслҳост. Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо дуруст ва ибратомӯз фармудаанд: “Воқеан таърихро хотираи инсоният меноманд. Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумури қавму қабилаи хеш огоҳи надорад, ҳеҷгоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонад”. Тоҷикон аз қадимулайём мардуми соҳибфазлу комилақл, муқимнишин, кишоварз ва шаҳрдор буданд. Мақолаи мазкур ба таърихи шаҳри Вишгард, ки таърихи бою ғании ҳазорсола дорад ва яке аз шаҳрҳои бузурги миллати тоҷик ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: Вишгард, таърихи қадим, ёдгориҳои таърихӣ, Юнону Бохтарӣ, қалъаи сангин, бостоншиносӣ, ҳафриёт, сиккаҳо.

ГОРОД ВАШГИРД И ЕГО ДРЕВНИЕ ПАМЯТНИКИ

История - это зеркало, в котором на протяжении тысячелетий отражались жизнь народа, культурные и политические достижения. История является связующим звеном поколений. Об этом Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон очень правильно и поучительно сказал: “Поистине, историю называют памятью человечества. Человек, не знающий историю своего народа, историю своего края, богатого

культурного наследия и обычаев предков, великих свершений и всемирно известных личностей своего народа и племени, никогда не сможет считаться совершенным человеком и гордым гражданином своего времени". Таджики с незапамятных времен были образованными и мудрыми людьми, поселенцами, земледельцами и мэрами. Эта статья посвящена истории города Вишгард, который имеет богатую историю тысячелетия и является одним из величайших городов таджикской нации.

Ключевые слова: Вишгард, древняя история, исторические памятники, греко-Бохтарский, каменный замок, археология, раскопки, монетные дворы.

THE CITY OF VASHIGIRD AND ITS ANCIENT MONUMENTS

History is a mirror in which the life of the people, cultural and political achievements have been reflected for thousands of years. History is a link between generations. Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, said this very correctly and instructively: "Indeed, history is the memory of mankind. People who do not know about the fate of the nation, the country's past history and ancestral borders, the rich cultural heritage and rituals of their ancestors, the great achievements and worldwide famous personalities of their peoples and tribes will never be able to become a full-fledged person and a proud man of their time." Tajiks have been educated and intelligent people, settlers, farmers and mayors since time immemorial. This article is devoted to the history of the city of Vyshgorod, which has a rich history of millennia and is one of the greatest cities of the Tajik nation.

Keywords: Vishgard, ancient history, historical monuments, Greco-Bokhtar, stone castle, archeology, excavations, mints.

Дар бораи муаллифон

Шарипов Маҳмадалӣ Хайруллоевич
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 939 53 00 74

Исмоилов Асрор Давлатович
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 73 28 32

Об авторах

Шарипов Махмадали Хайруллоевич
Старший преподаватель кафедры методики преподавания истории и прав
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 939 53 00 74

Исмоилов Асрор Давлатович
Старший преподаватель кафедры методики преподавания истории и прав
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 73 28 32

About the authors

Sharipov Mahmadal Khairulloevich
Senior lecturer of the Department of methods of teaching history and law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 939 53 00 74

Ismoilov Asror Davlatovich
Senior lecturer of the Department of methods of teaching history and law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 73 28 32

ТДУ 338.45 (091) (575.3)

ВАЗЪИ РУШДИ САНОАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 20-30 - ЮМИ АСРИ XX

Мирзоев Ф. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Саноаткунонии Тоҷикистон дар замони Ҳокимияти Шуравӣ шуруъ гардида, дар он давра роҳбарияти ҳизбии Иттиҳоди Шуравӣ дар назди ҷумҳуриҳои иттифоқӣ доир ба саноаткунонӣ ва омӯзиши қувваҳои табиии истеҳсолкунанда вазифаҳои баланд гузошт [1, с. 247]. То солҳои 20-ум каму беш ҳисоби захираҳои энергетикии Тоҷикистон омӯхта шуда ва захираҳои сузишворӣ бошад умуман муайян карда нашуда буд. Нақшаи тарққиёт ва ҳалли як қатор масъалаҳои асосӣ ба хусус захираҳои энергетикӣ ва сӯзишвориро азхуд кардан лозим омад, ки метавонанд дар ояндаи наздик ба саноаткунонӣ ва тараққиёти хоҷагии халқ таъсир мерасонд. Дар ин масъала аҳаммияти махсусро якчанд омил доро буд: якум, дар ҳудуди ҷойгиршавии ин захираҳо нисбат ба корхонаҳои саноатии сузишворӣ, дуюм: дараҷаи тайёр будани ин захираҳо ба истифода ва фавран ба амал баровардани нақшаи нави сохтмони саноатӣ. Тамоми масъалаҳои энергетика, ки ба барнома дохил карда шудаанд, ниҳоят муҳим буда, ба талабҳои саноати тараққиёбанда, махсусан ба тамоми хоҷагии халқ мувофиқ буданд [11, с. 62].

Агар ба саноати электроэнергия дар ҳудуди Тоҷикистон назар андозем, маълум аст, ки дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза пеш аз инқилоб истеҳсолоти саноатӣ электроэнергетика вуҷуд надошт. Дар шаҳри Хуҷанд як нерӯгоҳи хурди иқтидори 48 кВт мавҷуд буд, ки августи соли 1919 ба кор даромада буд. 2 сентябри соли 1924 дар Душанбе истгоҳи хурди электрикие, ки барои 200 нуқтаи рушноидиҳанда пешбинӣ шуда буд, ба кор даромад. Соли 1926 дар Душанбе сохтмони истгоҳи электрикии дизелии иқтидораш 78 киловатт оғоз ёфт, ки он то охири соли 1926 ба анҷом расонида шуд [2, с. 78-171]. Дар аввали панҷсолаи якум дар Тоҷикистон дар Хуҷанд, Душанбе, Конибодом ва Кустакуз истгоҳҳои электрикии дизелии хурди ҷамъиятӣ бо иқтидори умумии 203 киловат фаъолият мекарданд [11, с. 45]. Ҳамаи истгоҳҳои электрикии Тоҷикистон дар соли 1927/1928 тақрибан 260,0 ҳазор киловатт-соат қувваи электрикӣ ҳосил кардаанд [12, с. 20].

Моҳи ноябри соли 1929 Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон дар бораи гузарондани корҳои ҷустуҷуйӣ оид ба сохтмон истгоҳи пуриқтидори электрикии обӣ дар дарёи Вахш қарор қабул намуд, ки барои сохтмони ин истгоҳ 90 ҳазор сум ҷудо карда шуд.

Дар соли 1930 сарфи қувваи электрикӣ ба ҳар як коргар дар саноат аллакай 300 киловатт-соатро ташкил дод. Баъд аз ин, таъминоти қувваи электрикӣ дар саноат пай дар пай афзуд.

Тадқиқоти илмии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистони дар солҳои 20-уми асри XX оғоз ёфта, дар солҳои 30-юми бошад дар натиҷаи Экспедитсияи Тоҷику Помир аввалин маротиба барои Тоҷикистон маҷмуи маълумоти гидроэнергетикӣ тартиб дода шуд.

Олими забардасти Шуравӣ А.Е. Ферсман бошад дар ин давра зидди равиши маҳдуди энергетикӣ дар истифодаи сарватҳои ашёи хоми Тоҷикистон буд ва онро ҳамчун як қисми равандҳои хеле мураккаби тараққиёти хоҷагии халқ, ки аз мушкилот комилан новобастааст, ҳисоб намуд. Ӯ таклиф намуд, ки мушкилоти обу энергетика, обёрӣ ва дигар соҳаҳои саноат мувофиқи талаботи соҳаи пешқадам, яъне энергетика бо талаботи хоҷагии қишлоқ ҳал карда шаванд [15, с. 280-285].

Дар асоси тадқиқоти гидрологияи дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшон, Варзоб, Ғунд ва дигар дарёҳои хурду калон бори аввал ҷадвали тараққиёти онҳо тартиб дода шуд. Дар заминаи тадқиқоти гидроэнергетикии экспедитсияи Тоҷику Помир дар ҷумҳурӣ истгоҳҳои электрикӣ сохта шуданд. Иқтидори умумии истгоҳҳои электрикии ҷумҳурӣ аз ҳисоби сохтани истгоҳҳои нав ва аз нав барқарор намудани истгоҳҳои мавҷудаи минтақаҳо ва шаҳрӣ ба 16,3 ҳазор кВт расид.

Вазифаи аввалиндараҷаи рушди босуръати саноати ин минтақа зарурати рушди ҷузъҳои нақлиётию инфрасохторӣ, сохтмони роҳ ва таъмини алоқаҳои нақлиётӣ эълон гардид. Имконияти ба амал баровардани саноаткунонии босуръат дар ибтидои солҳои 20-уми асри гузашта дар шароити набудани роҳ ва душвориҳои кӯҳсори Тоҷикистон сохтмони

корхонаҳо имконнопазир буд. Вобаста ба ин, 38,8 фоизи тамоми маблағҳои аз ҷониби роҳбарияти ҳизбӣ барои рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ҷудошуда махсус барои сохтмони нақлиёт ва инфрасохтор ҷудо карда шудааст [14, с. 112].

То барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ танҳо 4 заводи пахтатозакунӣ мавҷуд буд, ки дар соли 1913 ҳамагӣ 627 тонна пахтаро ба маблағи 714 ҳазор сум кор карда мебаровардand [10, с. 80]. Дар давраи барқарорсозии хоҷагии халқ дар ноҳияи Хуҷанд як корхонаи пахтатозакунӣ фаъолият дошт, ки дар он 100 нафар фаъолият менамуд [9, с. 93-94]. Ва дар Бухорои Шарқӣ то соли 1924 дар Сарой-Камар як заводи пахтатозакунӣ мавҷуд буд [11, с. 43].

Дар корхонаҳои саноати пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ аҳаммияти махсус дода шуд. 28 феврали соли 1927 заводи пахтатозакинии Душанбе ба истифода дода шуд. Дар завод ҳамагӣ 25 нафар фаъолият мекард. Дар соли 1927 заводҳои пахтатозакунӣ дар Кӯлоб, Шаҳритуз ва Фархор, дар соли 1928 дар Регар сохта шуданд [11, с. 47]. Соли 1928 дар заводҳои пахтатозакунии Тоҷикистон 198 коргар фаъолият менамуд [11, с. 62].

Чуноне ки қайд намудем, яке аз самтҳои асосии саноаткунонӣ дар Тоҷикистон ин саноати хурокворӣ ба шумор мерафт. Дар соли 1926 дар Душанбе заводи равған, ки иқтидораш дар як шабонарӯз 640 килограмм равған ва заводи собунбарорӣ дар як моҳ 22 тонна собун мебаровард, сохта ба истифода дода шуданд.

Баробари афзудани ҷамъоварии умумии маҳсулоти ғалладона зарурати бетаъхир ба тартиб андохтани кори осиёб ба миён омад, зеро осиёбҳои ҳунармандӣ суфтакунии ғалларо таъмин карда наметавонистанд.

Нақшаи Давлатии ҶМШС Тоҷикистон 12 апрели соли 1926 масъалаи дар ҷумҳурӣ ташкил намудани комбинатҳои ордро дида баромада, қарор дод, ки нақшаи ба кор андохтани машинаҳоро барои дар як шабонарӯз 250 пуд суфтакунии ордро дар Душанбе, Янги-Бозор, Ҷиликул, Сарой-Камар ва Кулоб ба роҳ монд [11, с. 48].

21 июли соли 1926 Нақшаи давлатии Узбекистон нақшаи саноатии Ҷумҳурии Мухтори Шурави Сотсиалистии Тоҷикистонро барои солҳои 1926/1927 ба назар гирифта, қарор дода шуд, ки 2 осиёби шакли нав дар Душанбе бо иқтидори 1000 пуд ва дар Кӯлоб осиёб бо иқтидори 500 пуд дар як шабонарӯз ва 3 осиёби хурдҳаҷм бо иқтидори 40 пуд дар як соат дар Ғарм, Қурғонтеппа ва Сарой-Камар сохта ба истифода дода шавад, ки арзиши умумии сохтмони осиёбҳо 270 ҳазор сумро дарбар мегирифт [17. С. 86-98]. Аллакай дар соли 1926 3 комбинат дар Душанбе, Кӯлоб ва Қурғонтеппа фаъолият менамуд, ки дар умум дар як шабонарӯз 850 пуд маҳсулот истеҳсол менамуданд [11, с. 49].

Дар баробари ин ба роҳ мондани иқтидори иқтисодии Тоҷикистонро нисбат ба дигар минтақаҳои ИШ дертар ҳисобидан мумкин аст. Яке аз сабаби ин ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар баробари ин роҳбарияти мамлакат ба афзоиши саноати вазнини Тоҷикистон такя намекард.

Дар натиҷа дар Тоҷикистон саноати сабук, хурокворӣ ва коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ хеле тараққӣ кард. Дастгирии саноати вазнин аз ҷиҳати иқтисодӣ имконнопазир буд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои 20-30 - юми асри гузашта ва дар давраи баъд аз Ҷанги бузурги Ватанӣ соҳаҳои асосии махсусгардонии ҶШС Тоҷикистон ташкил ёфта буданд. Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои пахтакор, истихроҷи маъданҳои ранга ва камёб, саноати сабук ва хурокворӣ ба назар намоён шуд.

Соли 1931 саноати пахтатозакунии Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ ноил гардиданд. Агар дар мавсими соли 1930/31 то 1363 килограмм коркард шуда бошад пас дар мавсими соли 1931/32 1688 килограммро ташкил намуд. Ҳосилнокии нахи пахта мутаносибан аз 11 то 32,88 фоиз афзуд. Саноати пахтатозакунӣ зиёда аз нақша ба маблағи 372 ҳазор сум маҳсулот баровард [5].

Тараққиёти саноати хурокворӣ бо афзоиши шумораи коргарони ин соҳа ба шумор мерафт. Агар дар солҳои 1927/28 дар саноати хурокворӣ 631 нафар кор карда бошад, пас дар солҳои 1928/29 ин рақам ба 1136 нафар ва дар солҳои 1929/30 шумораи коргарон ба 2217 нафар расид [7. С. 139].

Дар соли 1928 нишондиҳандаҳои асосии афзоиши истеҳсолоти саноатии Тоҷикистон назар ба соли 1913 чунин мебошанд:

№	*Нишондод*	*С. 1913*	*С. 1928*
1	Шумораи корхонаҳои калон	7	15
2	Буҷаи асосии истеҳсолот (бо млн. руб)	-	6.6
3	Шумораи миёнаи коргарони саноатӣ дар корхонаҳои калон (ҳазор нафар)	0,2	0,4

4	Маҳсулоти умумии (дар соли 1926/27 нархҳо бо миллион сум) саноати калон	0,9	7,1
5	Суръати афзоиши маҳсулоти умумии саноати калон (1913 г=1).	1	8,2

То охири давраи барқарорсозӣ, сарфи назар аз баъзе муваффақиятҳо, Тоҷикистон як кишвари кишоварзӣ боқӣ монд. Маҳсулоти умумии саноати Ҷумҳурии Мухтори Шуравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1928 аз ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ танҳо 6,8 фоиз ва вазни қиёсии фондҳои истеҳсолӣ дар массаи умумии фондҳои хоҷагии халқ 7,2 фоизро ташкил дод [16, с. 4]. Дар охири соли 1929 ба ҳайати Ҷумҳурии Мухтори Шурави Сотсиалистии Тоҷикистон дохил карда шудани ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон вазни қиёсии саноат дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба 14,4 фоиз расид [11, с. 69].

Дар барҳам додани нобаробарии иқтисодӣ ва тезондани суръати тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон ҷудо кардани ёрии иловапулии ҳамасолаи Ҳукумати Шуравӣ аз буҷаи умумииттифоқӣ ба буҷаи давлатии ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дошт. Чунончи, агар дар соли 1924 иловапулӣ дар буҷаи ҷумҳурии Тоҷикистон 46,5 фоиз ва дар соли 1925 61,7 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 1926 84,4 фоиз, дар соли 1927 92,2 фоиз, дар соли 1928 79,7 фоиз, 1929 76,6 фоиз ва дар соли 1930 78,5 фоизро ташкил дод [13, с. 34].

Дар натиҷаи иҷрои Нақшаи панҷсолаи якум дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла дар ҶШС Тоҷикистон таҳкурсии иқтисодиёти сотсиалистӣ барпо карда шуд. Дар як муддати кутоҳ дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷумҳурӣ шабакаҳои корхонаҳои саноатӣ дар бист соҳаи саноат (қариб 270 корхонаи саноатӣ) ба вуҷуд омад [6, с. 52].

Таносуби маблағҳои ҷудошуда ба буҷаи Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX (бо %)

1924	1925	1926	1927	1928	1929	1930
46,5	61,7	84,4	92,2	79,7	72,6	78,5

Мувофиқи Нақшаи панҷсола барои сохтмони саноатӣ дар Тоҷикистон 82,9 миллион сум ҷудо карда шуда буд, ки ин зиёда аз 20 фоизи ҳаҷми маблағгузории асосӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳуриро дар панҷсолаи ҷорӣ ташкил медод.

Дар асл маблағгузорӣ ба саноат 80,0 миллион сумро (аз руйи нархномаи куҳнаи то 1 январи соли 1961) ё худ 13,9 фоизи ҳаҷми маблағгузорӣ ба хоҷагии халқ дар давоми панҷсола ташкил дод [3, с. 102]. Аз ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба саноат дар зарфи 4 соли Нақшаи панҷсола (солҳои 1929-1932) ба сохтмони саноати вазнин 47,0 миллион сум, аз он ҷумла 28 миллион сум (60 фоиз) барои сохтмони иншоотҳи нав, 10,6 миллион сум. (23 фоиз) барои корҳои ҷустуҷӯии геологӣ ва тадқиқотӣ ва танҳо 8,4 миллион сум. (17 фоиз) барои васеъ кардан ва аз нав сохтани корхонаҳои куҳна (асосан кони нефти КИМ) сарф карда шуд [11, с. 82].

Дар солҳои панҷсолаи якум дар Тоҷикистон саноати калон бо суръати тез инкишоф намуд. Банақшагирии суръати тезтар инкишоф ёфтани иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ мебоист нобаробарии иқтисодии Тоҷикистонро таъмин мекард. Як қатор соҳаҳои нави саноат: консервбарорӣ, шароббарорӣ, коркарди абрешим, бофандагӣ, масолеҳи бинокорӣ ва ғайра ба вуҷуд оварда шуданд.

Аммо дар ибтидои панҷсолаи якум ҷумҳурӣ барои тараққиёти васеи саноати вазнин тайёр набуд - боигариҳои кӯҳӣ ва захираҳои энергетикии он омӯхта нашуда буданд, базаи энергетикӣ, роҳҳо ва кадрҳои саноатӣ қариб вуҷуд надошт; Саноати масолеҳи бинокорӣ ҳам тараққӣ накарда буд. Бартараф намудани ин монеаҳо дар панҷсолаи якум вазифаи асосии тараққиёти саноати вазнин буд.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон саноаткунонӣ аз тараққиёти корхонаҳои коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ оғоз гардида, баъдтар дар баробари саноати сабук саноати вазнин (металлкоркунӣ, электроэнергетика, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва дигар соҳаҳои саноат) ба вуҷуд оварда шуд, ки на танҳо ба манфиатҳои хоҷагии халки ҷумҳурӣ, балки ба манфиатҳои тараққиёти иқтисодиёти Иттиҳоди Шуравӣ ҳам мувофиқ буд.

Адабиёт

1. *Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI — середина XIX в.) / П.П. Иванов - М.: Изд. Вост. Лит., 1958. – 247 с.*
2. *История таджикского народа, т.3, кн. 1. Душанбе, 1965. - 296 с.*
3. *Капитальное строительство в СССР. Стат. Сб. М., 1961. – 279 с.*

4. *Каримова, Г. М. Ҷойгиршавии соҳаҳои саноатии Тоҷикистон ва тараққиёти он // Международный научно-иследовательский журнал / Г. М. Каримова, У. Сатторова. - Екатеринбург. № 5 - 2021.*
5. *Коммунист Таджикистана, 1932, 14 января.*
6. *Мазаев, А.В. Развитие социалистической промышленности Таджикской ССР за 20 лет / А.В. Мазаев. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1950. – 52 с.*
7. *Гафурова, Н. К истории Компартии Таджикистана (1924-1929 гг), Таджикгосиздат, / Н. Гафурова, 1963. – 148 с.*
8. *Очерки по истории Таджикистана, т. 2, С. 93 - 94.*
9. *Петров, Г. К. вопросу о стратегии экономического развития Таджикистана / Г. К. Петров // Центральная Азия и Кавказ, 2006. № 3 (45) - С. 145-156.*
10. *Соломонов, С. М. К истории зарождения хлопкоочистительной промышленности в Таджикистане. «Экономика», ТР. Отд. Экон. АН Тадж. ССР, т. LXX, 1957. – 382 с.*
11. *Сучков, А. В. Социалистическая индустриализация в Таджикская ССР. / А. В. Сучков. - Душанбе. 1965. – 164 с.*
12. *Таджикская ССР за 20 лет, Таджикгиз, Душанбе. 1949. (ниг. диаграмма оид ба болоравии электроэнергия).*
13. *Фаньян, Д. К истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929 гг.), сб. док., ч.1 / Д. Фаньян. - Душанбе, 1940. – 148 с.*
14. *Хоналиев, Н.Х. Природно-сырьевые ресурсы и развитие промышленности Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития / Н. Х. Хоналиев. - Душанбе, 2003. № 1. - 112 с.*
15. *Хусайнов А.К. Районирование производительных сил Таджикской ССР в 30-е годы XX века / А.К. Хусайнов, А.К. Хакназаров // Вестник ТГПУ №6 (67). Душанбе. С. 280-285.*
16. *БМД ҶТ, ф. 20, оп. 2, д. 1129, л. 4.*
17. *БМД ҶТ, ф. 19. Оп. 1, д. 42, л. 86-98.*

ВАЗЪИ РУШДИ САНОАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба вазъи саноаткунонии Тоҷикистон дар солҳои 20-30 юми асри XX маълумот дода, қайд менамояд, ки дар солҳои 20-ум заминаи асосии саноаткунонӣ дар Тоҷикистон гузошта, гарчанде ки саноаткунонӣ аз саноати сабук оғоз гардида буд. Дар ин солҳо Тоҷикистон қадамҳои аввалини худро дар самти саноаткунонӣ гузошта, барои саноати вазнин замина ашёи хом ва коркарди он лозим буд. Маҳз ҳамин буд, ки барои омӯзиши захираҳои кӯҳӣ ва гидроэнергетикии кишвар эъзомияҳо ташкил намуда, азхудкунӣ ва истифодаи онҳо ба амал омад. Ин буд, ки ҳукумати Иттиҳоди Шуравӣ доир ба ин масъала диққати калон дода, маблағгузории иловагӣ аз буҷаи давлат менамуд. Дар ин солҳо дар Тоҷикистон як қатор корхонаҳои пахтатозакунӣ, равғанбарорӣ, хӯрокворӣ ва коркарди пашм ба роҳ монда шуда буд. Дар солҳои 30-юм бошад баъди ба роҳ мондани як қатор истгоҳҳои дизелӣ ва гидроэнергетикӣ корхонаҳои калони саноатӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Иттиҳоди Шуравӣ, Душанбе, Кулоб, Сарой-Камар, НОБ, эенергетика, саноат, саноаткунонӣ, корхона, коргар, пахтатозакунӣ, хӯрокворӣ, равғанбарорӣ, маблағгузорӣ, сохтмон, нақшаи панҷсола.

СОСТОЯНИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА В 20-30-е ГОДЫ XX ВЕКА

В данной статье автор приводит информацию о состоянии индустриализации в Таджикистане в 20-30-е годы XX века и отмечает, что в 20-е годы в Таджикистане были заложены основы индустриализации, хотя она началась с легкой промышленности. В эти годы Таджикистан сделал первые шаги в направлении индустриализации, и для тяжелой промышленности было необходимо сырье и его переработка. Именно поэтому организовывались миссии по изучению горных и гидроэнергетических ресурсов страны, происходило их освоение и использование. Именно поэтому правительство Советского Союза уделило этому вопросу большое внимание и произвело дополнительное финансирование из государственного бюджета. За эти годы в Таджикистане был создан ряд хлопкоочистительных, нефтедобывающих, пищевых и шерстяных предприятий. В 1930-е годы после строительства ряда дизельных и гидроэлектростанций были построены и введены в эксплуатацию крупные промышленные предприятия.

Ключевые слова: Таджикистан, Советский Союз, Душанбе, Куляб, Сарай-Камар, ГЭС, энергетика, промышленность, индустриализация, предприятие, рабочий, хлопкоочистка, продовольствие, нефтедобыча, финансирование, строительство, пятилетка

THE STATE OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN IN THE 20-30S OF THE XX CENTURY

In this article, the author provides information about the state of industrialization in Tajikistan in the 20-30s of the XX century and notes that in the 20s the foundations of industrialization were laid in Tajikistan, although it began with light industry. During these years, Tajikistan took its first steps towards industrialization, and heavy industry needed raw materials and their processing. That is why missions were organized to study the country's mountain and hydropower resources, their development and use. That is why the government of the Soviet Union paid great attention to this issue and provided additional funding from the state budget. Over the years, a number of cotton ginning, oil production, food and wool enterprises have been created in Tajikistan. In the 1930s, after the construction of a number of diesel and hydroelectric power plants, large industrial enterprises were built and put into operation.

Keywords: Tajikistan, Soviet Union, Dushanbe, Kulyab, Saray-Kamar, NOB, energy, industry, industrialization, enterprise, worker, cotton ginning, food, oil production, financing, construction, five-year plan.

Дар бораи муаллиф
Мирзоев Фарҳод Абдураҳмонович
Муаллими калони кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 908 33 25 26

Об авторе
Мирзоев Фарход Абдурахмонович
Старший преподаватель кафедры всеобщей истории и международных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 908 33 25 26

About the author
Mirzoev Farhod Abdurahmonovich
Senior Lecturer, Department of General History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 908 33 25 26

ТДУ Тоҷ631.6+551.49 + 9Тоҷ +338:6с

ЗАРУРИЯТИ ТАЪРИХИИ ТАЙЁР КАРДАНИ МУТАХАССИСОНИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ БАРОИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 1930 - 1950)

Садбарги И.
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ, ХУСУСИЯТ ВА ҶАНБАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ МАСЪАЛАИ НОБАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Соҳибзода Ҳ. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мафҳуми гендер дар фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ-русӣ аз забони англисии gender – ҷинс, маъмулан ба маънии ҷинси грамматикӣ омада, қайд мегардад, ки ин мафҳум дар илми забоншиносӣ ҳамчун истилоҳи грамматикӣ истифода мегардад [5, с. 92]. Соли 1963 корманди Донишгоҳи Калифорнияи Лос-Анҷелоси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико психоаналитик Роберт Столлер ба илм мафҳуми "мансубияти (айнияти) гендерӣ"-ро дохил менамояд. Ӯ пешниҳод менамояд, ки мафҳуми "гендер" барои маънидод намудани ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва мадании ҷинсҳо истифода карда шавад [16, с. 405]. Дар он давра мафҳуми гендер аз рӯйи моҳияти худ ҳамчун ҷанбаи биологӣ ва генетикӣ баҳо дода мешуд. Минбаъд аз соли 1972 инҷониб мафҳуми "гендер" дар забони англисӣ на ба маънои биологӣ, балки ба маънои иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар адабиёти илмӣ истилоҳи "гендер" ба тарзҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла, гендершинос И.Чикалова оид ба тафсири истилоҳи мазкур андеша дорад, ки "Гендер ҳамчун истилоҳ дар муносибатҳои иҷтимоии ҷинсии ҷомеа истифода бурда мешавад, ки аз муносибатҳои синфӣ ва табақавӣ фарқ мекунад" [18, с. 25]. Н.А. Абубакирова нисбатан васеътар шарҳ дода, зикр менамояд, ки истилоҳи "гендер" сифатан муносибатҳоеро инъикос мекунад, ки ба табақа, гурӯҳ ва аломат мансуб аст. Дар ин маврид ба мафҳуми "род" (ҷинс) дар истилоҳи забони русӣ мувофиқ аст. Пас мафҳуми гендер ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, ҳамчун ифодакунандаи муносибатҳои иҷтимоии зану мард дониста шуда, он ба фардият ҳамчун омили ҷинсӣ - биологӣ дахл надорад [1, с. 123].

Тибқи назарияи П.Бергер ва Т.Лукман: "Гендер - ин маҷмуи ҳамкориҳои байни шахсият мебошад, ки дар натиҷаи он тасаввурот дар бораи мард ва зан ҳамчун категорияи тартиботи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, аниқ мегардад ва инкишоф меёбад" [3, с. 6]. Тарҷумон Марям Давлатова низ мафҳуми "гендер" (gender)-ро дар вожаномаи мухтасари тафсирии истилоҳоти гендерӣ ҳамчун тафовут ва муносибатҳои шартии иҷтимоии байни занону мардон шарҳ медиҳад [9, с. 24]. Дар таҳлили тарҷумон Марям Давлатова мафҳуми гендер ҷараёни мураккаби ташаккулёбии фарқиятҳои нақшҳои занону мардон, рафтор, хислатҳои менталиву эҳсосотиро дар бар мегирад. Дар ин радиф ҷомеашиноси рус Зверева Н.А. қайд кардааст, ки "Гендер маҳз он чизеро, ки бо фарҳанг, таҷрибаи иҷтимоӣ вобастагӣ дорад, инъикос мекунад, яъне мақоми иҷтимоӣ - нақшавие зоҳир мешавад, ки имкониятҳои инсон - мард ё занро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ муайян мекунад" [6, с. 15]. Дар китоби "Гендер ва журналистика" Ҷовид Муқим қайд менамояд, ки "Гендер ин ҷинси иҷтимоӣ аст, ки муносибатҳои байни марду занро инъикос мекунад" [20, с. 4].

Дар робита ба таҳлилҳои зикргардида, дарк менамоем, ки мафҳуми имрӯзаи "гендер"-ба маънои иҷтимоӣ дар асоси назарияи феминизм ва назарияи гендерӣ ба миён омада, на танҳо муносибатҳои байни зану мардро инъикос мекунад, балки дар маҷмуъ муносибат ва имконияти инсон (мард ё зан)-ро дар муносибатҳои оиладорӣ ва ҷамъиятӣ инъикос мекунад. Яъне гендер категорияи иҷтимоӣ буда, дар натиҷаи тағйиротҳои ҳаёти иҷтимоӣ пайдо шуда, муносибатҳои баробарии иҷтимоии мард ва занро дар ҳама соҳаҳо муайян менамояд.

Дар илми муосири таърихшиносӣ ва ҷомеашиносӣ тафовути мафҳуми ҷинс ва гендер муайян гардида, ҷинс ба ҳайси муайянкунандаи хусусиятҳои анатомӣ-физиологии инсон ҳамчун мард ё зан ва нақши зан барои бавуҷудоварӣ ва идомадиҳандаи насл, ки маҳз ҳамин хусусияти биологӣ зербинои рӯҳӣ ва иҷтимоии фарқияти байни занон ва мардонро муайян менамояд, дақиқ мегардад. Ҳар як ҷомеа низоми меъёрҳои муайяни худро дорад, ки тарзи рафтор, меъёрҳои мувофиқ ба афкори иҷтимоӣ бо ӯҳдадориҳои махсус барои ҳар як ҷинс ва нақши онҳо ба рафторҳои фарқкунандаи ҷинсии "мард" ва "зан" мансуб буда, фаро мегирад. Ин тафовут дар ҳар ҷомеа ва тамаддун гуногун ба назар мерасад. Масалан, тасаввурот дар бораи кору рафтори "хоси занон" ва "хоси мардон" нисбӣ аст. Зеро ҳар чизе дар як ҷомеа занона (фаъолият - ба монанди гулпарварӣ, ошпазӣ, чеварӣ; рафтор - нармрафтор, бо эҳсоси муҳаббат ва ҳаё; хислат – зудранҷ, зудбовар ва амсоли ин) ба шумор равад, дар ҷомеаи дигар ба мардон нисбат дода мешавад. Ҳоло аз ҳисоби мардон гулпарвар, чевар (мӯднигор-моделер) ва таомпази моҳир низ зиёд гардидааст. Дар замони муосир нишонаҳои "хос"-и

ҷинсҳо низ ба мисли ҳайкали обутобёфта, чандирии мушакҳо, вазн ё қомати баланд, ки махсусан ба мард мутаалиқ буд, нисбӣ ба шумор рафта, нисбат ба чанд сол пештар кам дида мешавад, зеро тарзи ҳаёти солим, машғул гардидан ба варзиш ба сохт ва неруи ҷисмонӣ таъсир расонида, аз шумори занон низ варзишгарони муваффақ бо ҳайкали обутобёфта зиёданд. Яъне ҳамон гуна, ки Марям Давлатова қайд менамояд: “Дар ҷамъият мард ё зан будан на танҳо ба маънои анатомӣ, балки маънои иҷро намудани ин ё он нақши гендерии барои ҳар кадоми мо муқарраршударо дорад” [9, с. 4].

Таҳлили қазияи мазкур андешаеро ҳосил менамояд, ки мақулаи ҷинс натанҳо тавассути омилҳои биологӣ, балки бо омилҳои иҷтимоӣ ва маданӣ низ муайян карда мешавад. Зеро барои ташаккулёбии шахсияти инсон дар баробари омили биологӣ, омилҳои психологӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ муҳим мебошад. Омили биологии ҷинс табиӣ буда, маҷмуи унсурҳои биологӣ, анатомӣ, физиологӣ ва психологиро дар бар мегирад. Омили фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ маҷмуи афкор ва нигоҳи ҷомеа ба мард ва зан ҳамчун мавҷуди ягона, баробар ва маданӣ-иҷтимоӣ буда, дар асоси фаъолияти инсон ташаккулёбандаро дар бар мегирад. Дар ин радиф ҷомеа, фарҳанг ва дараҷаи маданияти он ҳамчун омили муҳим ба ташаккулёбии шахсияти мард ва зан таъсир расонида, гендер хусусиятҳои рафтор ва стратегияи иҷтимоии шахсиятро муайян менамояд. Гендер барои тавсифи иҷтимоӣ истифода гардида, бо тағйирёбии хусусият ва нақшҳои иҷтимоӣ тағйир меёбад. Аз ин рӯ мафҳуми гендер барои таҳлили нақш, вазифа, маҳдудият, имконият ва талаботҳои мардон ва занон дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа истифода бурда мешавад. Ҳамзамон гендерро ба ҳайси яке аз усулҳои иҷтимоии ҷомеа дар баробари омили иҷтимоӣ-демографӣ ба монанди халқият, синну сол истифода бурда мешавад, ки системаи иерархияи (низом, тартиб) иҷтимоиро ташкил менамояд. Тибқи ақидаи Рожков С.В.: “Дар шароити муосир бо дарки мафҳуми гендер зарурати аз байн бурдани қолабҳои “масоили занона” ба вуҷуд меояд. Аксаран масъалаҳои гендериро дар ҷомеа ҳамчун масоили занона қабул менамоянд. Аммо гендер масъалаҳои иҷтимоие мебошад, ки на танҳо ба занон, балки ба мардон низ таалуқ дорад, зеро он танҳо ба муносибати физиологии байниҳамдигарии ҷинсҳо ва нақши онҳо дар таҳияи насл маҳдуд намегардад” [13, с. 49]. Масъалаҳо ва муносибатҳои гендерӣ дар афкор, шуури ҷамъиятӣ, анъана, урфу одат, маданият, санъат ва сохтори давлатӣ инъикос ёфта, он муайянкунандаи амиқи муносибатҳои иҷтимоии байни мардон ва занон мебошад. Акнун назарияи гендерӣ муайян менамояд, ки тарзи рафтор, хусусиятҳои равонӣ, шаклҳои фаъолияти мардону занонро асосан меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ муайян менамояд. Аз ин рӯ, олимон ба он андешаанд, ки дар баробари мафҳуми “ҷинс” ва “гендер” боз “ҷинси психологӣ”-ро муайян намудан зарур аст. Ба андешаи И.С.Кон “ҷинси психологӣ”- ин эҳсос ва дарк намудани мансубияти ҷинсӣ, маҷмуи нақшҳои ҷинсӣ, ки дар асоси он фардият дараҷаҳои ҷинсии “мардонагӣ” ва “занона”(латофат ва зарофат)-ро муайян ва фарқ карда метавонад ва бо ҳамин дараҷаҳои хоси фарққунандаро баҳо дода, фаъолияти хоси ҷинсӣ ва мавқеи иҷтимоии худро муайян менамояд [8, с. 47]. Ба ин тариқ, ҷинси биологӣ замина ва сабаби асосии фарқияти рӯҳию равонӣ ва иҷтимоӣ дар байни занону мардон буда, тафовути бузурги он дар бақои насл мебошад. Аз рӯи гуногун будани тавсифи биологии зану мард ва умумияти хислатҳои иҷтимоии он хулоса кардан мумкин аст, ки дар даврaҳои гуногуни таърихӣ ҷинси биологӣ наметавонад сабабгори фарқияти нақшҳои иҷтимоӣ дар байни зану мард гардад. Дар ин замина метавон гуфт, ки мафҳуми гендер ҳамчун тафовути анатомӣ-биологии байни марду зан бо ифода намудани унсурҳои махсус ва тағйирнопазир бо он фарқ мекунад, ки муносибатҳои мутақобилаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ, яъне ҳамаи самтҳои фаъолияти занон ва мардонро фаро гирифта, бо мурури замон метавонад дигар шавад ё тағйир ёбад. Дар натиҷа ин масъала дар раванди таърихӣ ва даврaҳои он хеле гуногун ба назар мерасад.

Маълум аст, ки заминаҳои таърихии нобаробарии ҳуқуқии байни мард ва зан хеле қадим буда, дар оғоз аз мубориза барои ишғоли мавқеи ҳукмрон дар хонавода ва ҷомеа, дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ, имтиёзҳои гуногун, тақсимоти меҳнат, ҳуқуқ, озодӣ, вазифа ва маҳдудсозии он дар асоси нишонаҳои ҷинсӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, аз замони пайдоиши ҷамоаи ибтидоӣ мубориза дар байни занону мардон барои таъмини баробарҳуқуқӣ ва рафъи тақсимоти ноодилонаи иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, дар даврaҳои таърихии модаршоҳӣ ва падаршоҳӣ ҳар як ҷинс муқобилияти ҷинси дигарро фурӯ нишонда, мавқеи муайянро ишғол кардан мехост. Замони модаршоҳӣ ё худ модарсолорӣ дар ҷамоаи ибтидоӣ ба истилоҳ ҳамчун “коммунаи ибтидоӣ” ёд гардида, даврони адлу инсоф, набудани истисмори шахс ва замони мақому манзалати зан маълум аст.

Баъдтар занон ба нигоҳубин, тарбияи атфоли худ ва корҳои хонаводагӣ машғул гардида, таъмини рӯзгор ва анҷоми корҳои ҷамъиятию иқтисодӣ ба зиммаи мардон мегузарад. Ин раванд боиси тақсимоти меҳнат, ташаккули муносибатҳои истеҳсолӣ, пайдоиши моликияти хусусӣ ва синфҳо гардида, барои ба вуҷуд омадани замони падаршоҳӣ хос аст. Гузариш ба сохти авлодии падарӣ, яъне гузариш аз модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ ба асри биринҷӣ, ки дар таърихи башарият бо дигаргуниҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ–тараққиёти қувваҳои истеҳсолунанда, истихроҷ ва гудозиши маъдан ва сохтани асбобҳои филизӣ, ҷорӣ гардидани обёрии сунъӣ дар киштукор, ба вуҷуд омадани масканҳои бузург, нобаробарии молумулкӣ ва гузаштан ба ҷамъияти синфӣ маълум аст, ба вуҷуд меояд.

Аз рӯи бозёфтҳои бостоншиносӣ маълум мегардад, ки сохти “патриархалӣ” маҷмуи фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ буда, ҳукмронии мардро дар ҷомеа ва оила таъмин мекунад. Дар натиҷа шаклҳои гуногуни тақсимотро дар соҳаи меҳнат, сегрегатсияи (табъизи шадид) занон ва имкониятҳои онҳоро дар “соҳаи занона” маҳдуд намуда, амалияи ду навъи фаъолиятро барои тақсимоти мардон ва занон ба амал оварда, дар ин замина дастрасии нобаробарро барои маълумот, меҳнат ва ҳокимият ба вуҷуд меоварад [7, с. 30]. Омили асосии пайдоиши патриархалӣ - ҳокимияти падар тибқи ақидаи асосгузорони марксизми классикӣ тақсимоти меҳнат, инкишофи моликияти хусусӣ ва ташаккулёбии анъанаҳои оилавӣ, ки дар урфу одат ва анъанаҳо таҷассум ёфтааст, ба шумор мерафт [10, с. 98]. Ҳокимияти муқтадири мардҳо дар иртибот ба иҷрои фаъолиятҳои гуногун, ки қувваи вазнини ҷисмониро талаб мекард, бештар алоқаманд буда, барои занон мавқеи махсус - муҳофизи анъана ва арзишҳои оилавӣ ҷудо мегардад. Занон чун қоида бо мансубияти табии худ мавриди назорат ва идоракунӣ қарор гирифта, мардон тибқи тартиботи ҷамъиятӣ дорои мустақилияти хос мегарданд.

Ҳамин тариқ, афкор ва ақидаи “табиати занона” ҷалб нагардидани занон ба фаъолият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳодисаҳои истисмори ҷинсӣ (дар баробари табақа, синф, хусусияти этникӣ) ва фишорҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд овард. Махсусан дар ҷомеаи сармоядорӣ, тақсими меҳнат аз рӯи ҷинс ба вуҷуд меояд. Меҳнати занон дар хона нигоҳубини фарзандон, омода намудани хӯрок, рӯбучин ва тозагии хона, шустушӯйи либосҳо, анҷомҳои хона ва ба мисли онҳо чун кори асосӣ пазируфта намешуд. Меҳнати хонагии занон дуюмдараҷа, беарзиш ва бидуни табодули мол дониста шуда, боиси табъизи онҳо мегардид, ки ин минбаъд дар шароити минбаъдаи таърихии ҷомеаи осиёимиёнагӣ хеле дурудароз, ҳатто то замони ҳокимияти шуравӣ идома ёфт. Мардон ба ҳайси истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ ва маҳсулоти истеъмолӣ валинеъмати хонадон дониста мешуданд. Ҳамон гуна, ки Ф.Энгелс қайд менамояд: “Сабаби табъизи фардият аз рӯи нишонаи ҷинсӣ пайдоиши моликияти хусусӣ, сохтори синфии ҷомеа буд” [10, с. 100].

Чунин вазъият дар тули қарнҳо сабаби мавҷудияти модели муносибати иҷтимоии байни мардон ва занон гардид, ки дар доираи он як ҷинс сухан ва фаъолият, ҳатто ибрози шавқу рағбатро аз номи “ҷинси дуюм” иҷро менамуд. Маҳз чунин шароит боиси пайдоиши ҳаракатҳои феминистӣ гардид.

Дар асри XX ҳаракати занон хусусияти байналмилалӣ гирифта, асоси феминизми замони муосирро мафҳуми гендер ташкил медиҳад ва он меъёрҳои иҷтимоӣ ва маданиро муайян намуда, қоида ва нақшҳоеро, ки ҷомеа ба одамон вобаста ба мансубияти ҷинси биологиашон мансуб медонистанд, мавриди омӯзиш ва такмил қарор медиҳад. Акнун ҳаракатҳои феминистӣ, ки аслан ба “се принсип – эътирофи қобилияти занон ва имконияти амалигардонии таҷрибаи ҳаётии онҳо; норозигӣ аз мавқеъгузориино баробари институтсионалӣ ва талошҳои рафъи нобаробарӣ” [17, с. 17] такя намуда, барои ба даст овардани озодӣ ва баробарҳуқуқӣ ба муқобили истисморсозӣ ва маҳдудкунии мавқеи занон аз ҷониби ҳокимияти патриархалӣ ба вуҷуд омада буд, дар охири асри гузашта шакли ҷараёни гендериро мегирад.Тадқиқотҳои гендерӣ, ки баъди пажӯҳишҳои феминистӣ ва дар асоси он ба вуҷуд омадааст, масъалаҳои гендериро аз ҷумлаи масоили муҳими муносибатҳои иҷтимоӣ маҳсуб медонад, ки фарогири ҳаёт, фаъолият ва мушкилоти мардон низ мебошад. Акнун феминизм, ки асосан ба масъалаи гендерӣ мубадал гардидааст, қисмати таркибии сиёсати дохилии давлатҳоро ташкил менамояд. Зимнан бояд қайд намуд, ки тафовути гендер аз феминизм дар он аст, ки танҳо барои ба даст овардани ҳуқуқу озодиҳои баробар дар баробари мардон маҳдуд нагардида, барои аз байн бурдани иерархияи муносибати ҷинсҳо баҳри инкишофи бонизоми ҷомеа нигаронида мешавад.

Аз ин рӯ, масъалаҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи муҳим ва таркиби сиёсати давлатӣ, бояд барои таъмини одилона ва баробари муносибатҳои иҷтимоӣ ва маданӣ дар байни занон ва мардон, мавқеъ ва нақши баробари онҳо дар ҷамъият ва сохторҳои институтсионалии он

равона карда шавад. Дар ин маврид агар ба таърих назар афканем, ҳарчанд масъалаҳои гендерӣ дар ҳар як ҷомеа баъзе вижагиҳои худро дорад, аммо анқариб дар кулли ҷомеа ва сохторҳои он ба мардон ва мақоми онҳо афзалият дода шудааст.

Албатта таърихи халқи тоҷик, ки як ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи умумибашарӣ дониста шуда, дар тули таърих чунин нобаробариҳо дар муносибатҳои байни ҷинсӣ ба назар мерасад. Дар тули қарнҳо муносибати байни зану мард (ҷинсҳо) аз нуқтаи назари идеологии мард муайян мегардид. Тафовути ҷинсҳо бо меъёри ақлу шуурнокӣ ва эҳсосу заифӣ, фаъол ва ғайрифаъол муқаррар гардида, дар ин мизон занонро бо хусусиятҳои “заифӣ”, “эҳсосотӣ”, “мӯйдарози камақл” маънидод намуда, бартарият ба мардон дода мешуд ва мавқеи занон дар ҷомеа маҳдуд мегардид. Ин маҳдудият ва маҳрумият занонро ба мардон вобаста намуда, ҷисм ва афкору андешаи зан ба мард мутааллиқ буд. Занон бар асари вобастагии иқтисодӣ ба мард боварӣ ва имкониятҳои худро нисбат ба худ аз даст дода, “Ман”- и худро надоштанд ва ҳолати мазкур онҳоро аз лиҳози иҷтимоӣ ғайрифаъол мегардонд. Яъне аз замони таваллуди инсон меъёрҳои гендерӣ дар робита ба ҷинсияти биологии онҳо муқаррар гардида, итоаткорӣ ва ҳолати мутеъонаи зан ба мард ба таври ноогоҳона дар муқаррароҳои анъана, урфу одат, афкор ва дин таҷассум меёфт. Маҷмуи тасаввурот, тавсифи хулқу атвор ва мансуб донистани сифатҳои паҳлавонӣ, далерӣ, муқтадирӣ, қаввиородагӣ, қобилияти сарварӣ, ки гӯё танҳо мутаалиқ аст ба мардон (маскулиният) ва хусусияҳои психологии рафтору тафаккур - нармӣ, эҳсосотӣ, заифӣ, камфаъолиятӣ, ки мутобиқи қолиби занона (феминӣ) мебошад, дар таҳти шуур ҷой гирифта, ҳангоми фаъолият ва тақсими нақшҳо дар оила, ҷамъият ва меҳнат рафтори ҳокимонаи мардро таъмин менамуд. Дар робита ба хусусиятҳои зикргардида ва ба ҷинси биологӣ – занон ва мардон муайян намудани нақшҳои гендерӣ нобаробарии гендериро ба вуҷуд оварда. Нақшҳои гендерӣ низ, ки тибқи меъёрҳои иҷтимоӣ ва мадании ҷомеа дар шароити мушаххаси таърихӣ ба занон ва мардон муқаррар гардида, дар шакли урфу одат, анъана, қолабҳои рафтор дар шуури ҷомеаи тоҷик ворид гардидааст. Масалан, ба занон дар оила нақши кадбону, соҳибхоназан, тарбиятгари фарзандон ва ба мардон нақши сарварӣ, валинеъмат ва муҳофизи хонаводаро бештар муносиб донистанд. Ҳарчанд агар ба афкору андеша, қиссаву достон ва афсонаҳои халқи тоҷик таваҷҷуҳ намоем, бо вуҷуди ҳоким будани андешаҳои падарсолорӣ мавқеи боризи зани тоҷик дар оила ва ҷамъият, муносибати хайрхоҳонаи онҳо дар заминаи риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва дар баробари мардон либосҳои мардона ба тан, олотҳои ҷангиро дар камар овехта, кокулҳои дарози худро зери кулоҳ пинҳон намуда, аспсавор бо хислатҳои далерӣ, паҳлавонӣ, ғайюрӣ ва озодихоҳӣ бо муборизаи беамони онҳо ба муқобили беадолатию тазодҳои зиндагӣ таҷассум ёфтааст. Масалан, дар афсонаи “Подшоҳ ва духтари оҳангар” муборизаи ҷассурона, паҳлавонона ва панди оқилонаи духтари оҳангар ба шоҳи ҷоҳил, ки мехост баъди ба занӣ гирифтан духтарро ба канизак табдил диҳад бо ҳикмату ҷассорат тасвир гардидааст [2, с. 18].

Дар осори классикии ниёгони тоҷик дар баробари тавсиф ва эътирофи бузургии зан, нобаробарии гендерӣ мушоҳида гардида, тақсимоти нақшҳои гендерӣ вобаста ба ҷинси биологӣ сурат мегирад. Аз ҷумла Муҳаммад Ғазолӣ дар боби ҳафтуми “Насиҳат-ул-мулук”- “Андар сифати занон ва хайру шарри онон”, ба мардон таъкид менамояд, ки ҳаққи занонро нигоҳ доранд ва бо онҳо бо эҳсону мудоро рафтор намоянд, аммо занонро дар хирад ноқис медонад [12, с. 138]. Абулқосим Фирдавсӣ дар заминаи маълумотҳо дар бораи подшоҳи массагетҳо Томариса ва ҳамзамони худ маликаи оли Буя Сайида, ки дорои хислатҳои ҷасурӣ ва қаввиородагӣ буданд, образҳои занонро дар “Шоҳнома” бо андешаи “Занонро бас бувад ҳамин як ҳунар, ки шинанду зоянд шерони нар” аксаран онҳоро ҳамчун модари паҳлавонон: Рудоба- модари Рустам; Таҳмина - модари Суҳроб; Фаронак - модари Фаридун, ки вазифаи ӯро дар таваллуди қаҳрамон аз насли Ҷамшед барои наҷоти Эрон аз зулми Заҳҳок тасвир намуда, дар баробари он донишмандӣ ва қаҳрамонии занонро дар симои Синдухт - ҳамсари Меҳробшоҳ ва модари Рудоба, ҳамчун зани ватандӯсти оқилаи ғамхори бахти фарзанд ва шавҳару кишвари худ, ки бо роҳи дипломатӣ ва музокирот пеши роҳи ҷангро гирифта душманро ба дӯст мубаддал менамояд; Гурдофарид - духтари сардори қалъаи сарҳади Ғаждаҳам ҳамчун ҷанговари ватандӯст, пурҳунар ва ҷангдида; Гурдия - хоҳари Баҳроми Чӯбина, ки дар баробари ба бародар панд додан, худ низ дар ҷанги тан ба тан Тувург - бародари ҳоқони Чинро шикаст медиҳад, ситоиш намудааст [11, с. 433].

Дар афкори адибони муосири тоҷик, воқеаву ҳодисаҳо заминаи воқеӣ дошта, дар баробари таърихи замони ғуломдорӣ, ҳаёти бинокорони ҷамъияти замони баъдиинқилобӣ, Ҳокимияти Шуравӣ ва муносибати баробари занон ва мардон тасвир меёбад. Масалан, дар романи “Дохунда”-и Садриддин Айнӣ, ки соли 1930 таълиф гардидааст, қаҳрамонҳои марказӣ- Гулнор ва Ёдгор барои хушбахтӣ, некӯаҳволӣ ва озодӣ баробар мубориза бурда, бо

дастгириву кӯмаки якдигар мехоҳанд адлу инсофро барқарор намоянд [15, с. 32]. Ҷалол Икромӣ низ симои занони бомаърифат ва муборизу фаъоли тоҷикро бо образи Дилоромканиз, набераи ӯ Фирӯза ва Оймуллои Танбӯр дар романи “Духтари оташ” таҷассум намудааст, ки бо вуҷуди ғуломиву гирифториҳо дар замони амирӣ, далерона инқилобро пазируфта, барои мавқеи баробари занон дар баробари мардон ҷиҳати илмомӯзӣ ва меҳнати ҳалол мубориза мебаранд [19, с. 42].

Дар ҳақиқат таъсири инқилоби Октябр ба азнавсозӣ ва тағйироти соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ дар Осиёи Миёна, махсусан Тоҷикистон бузург аст. Барои барпо намудани ҷамъияти нав Ҳокимияти Шуравӣ таъмини баробарҳуқуқии занон ва мардонро вазифаи асосӣ ва ҷалби занонро ба ҳаёти ҷамъиятӣ муҳим медонист. Асосгузори давлати Шуравӣ В.И.Ленин қайд карда буд: “Барои пурра озод намудани занон ва барои баробарии ҳақиқии онҳо бо мардон зарур аст, ки хоҷагӣ ҷамъиятӣ гардонда, занон дар меҳнати умумии сермаҳсул иштирок намоянд. Он гоҳ, занон ҳамин гуна мавқеъро ишғол менамоянд, ки мардон ишғол кардаанд” [4, с. 201]. Комиссия оид ба беҳбудии вазъи зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон барои маҳви бесаводӣ ва ҷалби занон ба таҳсил равона гардида, дар ноҳияҳо дар ибтидо клубҳои занона амал менамуданд. Дар он ҷо занон дар баробари таҳсил ихтисосҳои истеҳсолӣ низ мегирифтанд. Соли 1925 дар шаҳри Хуҷанд, баъдан дар Душанбе, Хоруғ, Панҷакент клубҳои занона таъсис ёфтанд. Клубҳои мазкур воҳӯрии занонро таъмин намуда, имконият медод, ки онҳо ба вазъияти беҳуқуқии худ аз нигоҳи танқидӣ нигариста, қадру қимати шахсӣ ва моҳияти иҷтимоии худро дарк намоянд. Дар ин замина дастрасӣ ба таҳсил, меҳнат ва мустақилият боиси афзун гардидани худшиносӣ ва бунёди симои муборизи зани тоҷик гардид. Ҳамин тариқ, дар раванди таърихи баъдиинқилобӣ барои то андозае ба қолаби муайян даровардани нақшҳои гендерӣ мусоидат намуд. Аммо боз ҳам дар корҳои роҳбарикунанда, пирамидаи иерархиявӣ вуҷуд дошта, занон ба масъалаҳои иҷтимоию корҳои саҳроӣ сафарбар гардида буданд.

Минбаъд замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар солҳои 1941-1945 ба муқобили фашизми ҷаҳонӣ ҳамчун озмоиши сангин, бори дигар нодуруст будани қолабҳои гендериро оид ба ақидае, ки мардон нисбат ба занон дар корҳои муҳими ҷамъиятӣ муқтадиру муваффақанд ва дар заминаи нишонаҳои биологии ҷинсӣ нобаробар тақсим гардидани вазифаҳои меҳнатӣ, ӯҳдадорӣ, имконият ва қабули қарорҳоро собит намуд.Зеро занон низ, махсусан аз шумораи тоҷикзанон дар сафи мардон бо шуҷоат ва далерӣ ҳам дар набардҳои шадиди фронтҳои ҷангӣ ва ҳам бо матонату мардонагии меҳнати шабонарӯзӣ дар ақибгоҳ корнамоиҳои мондагор намудаанд. Ба навиштаи таърихшинос Роҳат Набиева 32 ҳазор духтарону занони тоҷикистонӣ, аз ин миқдор 350 нафар мерганҳо (снайперчӣ), 1420 нафар автоматчӣ, 435 нафар телеграфчӣ, 270 нафар радист ва 4195 нафар тирандоз дар муборизи бо нерӯҳои Олмони фашистӣ ширкат кардаанд [14, с. 16]. Дар робита ба вазъияти ҳарбӣ, норасогии кормандони соҳаи техникӣ ва тағйири ҳайати кадрӣ Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 13 феврали соли 1942 “Дар бораи дар давраи ҷанг сафарбар намудани аҳолии қобили меҳнати шаҳр ба истеҳсолот ва сохтмон” қарор баровард. Дар натиҷа занони тоҷик низ баъди гузаштан аз курсҳои махсус ба сифати ронанда, харрот, рандагар ва бо ихтисосҳои дигари мардона кор мекарданд. Дар нимаи дуюми соли 1941 500 ҳазор соҳибхоназанон муташаккилона ҷойи кори мардони ба фронтрафтаро иваз намуданд. Агар соли 1942 дар корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе 1631 станаховчизан кор мекарда бошанд, соли 1944 шумораи онҳо ба 4870 нафар мерасад. Соли 1943 60,7 фоизи шумораи умумии механизаторони хатмкардаи курсҳои МТС - ҳои Тоҷикистонро занон ташкил мекарданд. Онҳо дар баробари меҳнат ба ҷойи мардони ба фронт рафта, ҷанговарони лашкари Шуравӣ ва аҳолиро бо озуқа, саноатро бо ашёи хом таъмин менамуданд.

Далелҳои мазкур қолабҳои гендериро, ки занонро танҳо муҳофизи чароғи хонадон медонанд, рад намуда, имконияти баробари иҷтимоии занон ва мардонро собит менамоянд.

Дар ибтидои солҳои 90 - уми асри XX, дар натиҷаи пошхӯрии ИҶШС давлатҳои нави мустақил ба вуҷуд омаданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 соҳибистиқлол гардид. Давраи аввали соҳибистиқлолӣ (соли 1991 то соли 1997) - давраи мушкилот ва муборизаҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа ба шумор рафта, боз ҳам “бори гарони масъулияти тарбия, таъминот ва нигоҳубини оилаҳои минтақаҳои ҷангзадаи мамлакат ба дӯши занон афтид” [21]. Аз соли 1997 то имрӯз - давраи осоишта, рушди демократия ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, давраи амалисозии лоиҳаҳои бузург дар тамоми соҳаҳои давлатӣ мебошад. Сиёсати давлатӣ барои васеъ намудани фаъолияти занон аз рӯйи шуғли писандида, донишу ҳунар ва баробарҳуқуқии онҳо боиси ба

вуҷуд омадани ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва иттиҳодияҳои мухталиф гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешрафтаи ҷаҳониро оид ба пешбарии баробарҳуқуқии гендериро дастгирӣ намуда, санадҳои байналмилалиро дар ин замина эътироф ва ҳуҷҷатҳои мушаххас дар робита ба қонунгузории миллиро қабул намуд.

Дар ин замина, маълумот оид ба гендер ва рафъи нобаробарии гендерӣ метавонад захира, имконият ва дастрасии баробари ҷинсҳоро барои фаъолияти касбӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни ҷомеа таъмин намояд. Дар ҷомеа агар нобаробарии гендерӣ вуҷуд дошта бошад, адолати иҷтимоӣ аз байн меравад. Зеро нобаробарии гендерӣ тафовутҳои устувори занон ва мардонро муайян намуда, барои рушди ҷомеа монеа эҷод менамояд. Он дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки дар оила, кор ва ҷойҳои ҷамъиятӣ нисбат ба мардон ва занон муносибати гуногун ҷой дорад ва заминаи он тафовути биологӣ ва қолабҳои иҷтимоие мебошанд, ки беҳуқуқии ҷинсҳо аз он сар зада, ҷинсҳоро дар мақоми бо ҳам нобаробар гузошта якеро зердаст ва дастнигари дигар менамояд. Ин гуна ҷудо намудан ва мавқеъгузорӣ аз рӯйи ҷинсият беадолатона буда, низоъҳои гендерӣ ва мушкилоти инкишофи ҷомеаро ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид зарур аст, ки шуури мардпарварӣ, ки хусусиятҳои афзалияти биологӣ ва ҷисмонии байни зан ва мард, қолабҳои кӯҳнаи дар иртибот ба нобаробарии гендерӣ ба вуҷуд омада ва тасаввуротҳои солҳо одатшударо аз байн бурда, назарияи модерн ва ҷадиди мақулаи гендерӣ, ки бо рафъи нобаробарии гендерӣ, таҳлили иҷтимоӣ ва маданӣ муайян намудани арзиши имкониятҳои инсонро ташаккул медиҳад, роҳандозӣ карда шавад.

Адабиёт

1. *Абубакирова Н.А.Что такое “гендер”? // Общественные науки и современность. - 1996. - №6. - С. 123-125.*
2. *Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 304 с.*
3. *Бергер П., Лукман Т. Социальное конструирование реальности. Трактат по социологии знания. - М., 1995. – 323 с.*
4. *Ленин В.И. О задачах женского рабочего движения в Советской республике. – Полное собрание сочинений. 5-е изд. М.: Издательство политической литературы. Т. 39, 1970. - С. 198-205.*
5. *Зверева И.Д. Фарҳанги мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ-русӣ. – Душанбе, 2009. – 525 с.*
6. *Зверева Н.А. Гендерная идентичность и подростковая девиантность как аспект личностного становления современной молодёжи. - М., 2013.*
7. *Женская и гендерная история. Состояние и перспективы развития // Электронный научный журнал “edu.e-history.kz”. – 2022. - №2 (30) апрел-июнь.*
8. *Кон И.С. Психология половых различий // Вопросы психологии. 1981. - № 2. - С. 47-57.*
9. *Давлатова М. Вожаномаи мухтасари тафсирии истилоҳоти гендерӣ. – Душанбе, 2009. – 24 с.*
10. *Маркс К., Энгельс Ф.Сочинения.Т.25.Ч.1: Происхождение семьи, частной собственности и государства. - М.: Наука, 1985. - С. 98.*
11. *Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби 1. – Душанбе: Маориф, 1987. – 488 с.*
12. *Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 136 с.*
13. *Рожкова С.В. Гендерные аспекты образования: учебное пособие. Рос.гос.ун-т. – Ростов-на-Дону, 2000. - 68 с.*
14. *Набиева Р. Женщины Таджикистана в годы Великой Отечественной войны. - Душанбе: Сино, 1995. – 208 с.*
15. *Садриддин Айнӣ. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.*
16. *Скотт Джон. Гендер: полезная категория исторического анализа // Введение в гендерные исследования. Ч.2 / Под ред.Жеребкина С.В. Харьков; СПб., 2001. - С. 405.*
17. *Теория и методология гендерных исследований. Курс лекций / Под общей ред.О.А.Ворониной. - М., 2001. – 408 с.*
18. *Чикалова И. Субдисциплины гендерных исследований: женская и гендерная история // Иной взгляд: междисциплинарный альманах гендерных исследований. - Мн., 2002. - С. 25-28.*
19. *Ҷалол Икромӣ. Духтари оташ. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 203 с.*
20. *Ҷовид Муқим. Гендер ва журналистика. – Душанбе, 2006. – 150 с.*
21. *Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Анҷумани сеюми иттиҳодияҳои занон ва созмонҳои ғайриҳукуматии занони ҷумҳурӣ. 26 апрели соли 1997 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.president.tj.*

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ, ХУСУСИЯТ ВА ҶАНБАҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ МАСЪАЛАИ НОБАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола заминаҳои таърихӣ, хусусият ва ҷанбаҳои фарқкунандаи масъалаи нобаробарии гендерӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Мафҳуми гендер дар заминаи адабиёти

илмӣ ва ҷой доштани нобаробарии гендерӣ дар масири таърих, инчунин шуури мардпарварӣ, тасаввуротҳои солҳо одатшуда, ки хусусиятҳои афзалияти биологӣ ва ҷисмонии байни зан ва мард, қолабҳои кӯҳнаи дар иртибот ба нобаробарии гендерӣ ба вуҷуд омада аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муҳиммияти рафъи нобаробарии гендерӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун шарти зарурӣ барои рушди устувор ба таври махсус зикр гардида, таъкид мегардад, ки масъалаҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи муҳим ва таркиби сиёсати давлатӣ, бояд барои таъмини одилона ва баробари мавқеъ ва нақши баробари занон ва мардон дар ҷамъият ва сохторҳои институтсионалии он равона карда шавад.

Калидвожаҳо: гендер, нобаробарии гендерӣ, модаршоҳӣ, падаршоҳӣ, маскулиният, сегрегатсия, феминизм, иерархия, қолабҳои гендерӣ, ҷинси иҷтимоӣ, коммунаи ибтидоӣ, нақшҳои гендерӣ.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ, ОСОБЕННОСТИ И ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ПРОБЛЕМЫ ГЕНДЕРНОГО НЕРАВЕНСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье обсуждаются и изучаются предыстория, особенности и различные аспекты проблемы гендерного неравенства. Понятие гендера в контексте научной литературы и наличие гендерного неравенства в ходе истории, а также маскулинистское сознание, идеи, которые использовались годами, особенности биологического и физического предпочтения между женщинами и мужчинами, старые закономерности в отношении гендерного неравенства проанализировано автором. Особо отмечена важность устранения гендерного неравенства в независимом Таджикистане как необходимого условия устойчивого развития, а также подчеркнуто, что гендерные вопросы как важная часть и компонент государственной политики должны рассматриваться в целях обеспечения справедливого и равноправного положения женщин и мужчин в обществе и его институциональных структурах.

Ключевые слова: гендер, матриархат, патриархат, мужественность, сегрегация, феминизм, иерархия, гендерные стреотипы, социальный род, первоначальное коммуна, гендерные роли.

HISTORICAL BACKGROUND, FEATURES AND KEY ASPECTS OF GENDER INEQUALITY ISSUE IN TAJIKISTAN

The article discusses and examines the antecedents, features, and various aspects of the gender inequality issue. The concept of gender in the context of scholarly literature and the presence of gender inequality throughout history, as well as the masculine mindset and ideas that have been used for years, the peculiarities of biological and physical preferences between women and men, and old patterns regarding gender inequality have been analyzed by the author. The importance of eliminating gender inequality in independent Tajikistan is particularly emphasized as a necessary condition for sustainable development. Furthermore, it is underscored that gender issues, as an important part and component of state policy, should be addressed to ensure the fair and equal status of women and men in society and its institutional structures.

Keywords: gender, matriarchy, patriarchy, masculinity, segregation, feminism, hierarchy, gender stereotypes, social gender, initial commune, gender roles.

Дар бораи муаллиф
Соҳибзода Ҳабиба Сулаймон
Унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 003 03 90 07
Email: habibasohibzoda@gmail.com

Об авторе
Сохибзода Хабиба Сулаймон
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 003 03 90 07
Email: habibasohibzoda@gmail.com

About the author
Sohibzoda Khabiba Sulaymon
Applicant for the Department of History of the Tajik People
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 003 03 90 07
Email: habibasohibzoda@gmail.com

ТДУ 338.45(47.75)

ВАЗЪИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Раҳматов Ҳ. У.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Яке аз душвориҳое, ки ба фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши манфӣ гузошт, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ ва ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ ин аз як тараф канда шудани алоқаи байни ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ, аз тарафи дигар оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ба вуқуъ пайваста маҳсуб меёфт.

Тавре ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 омадааст: “Понздаҳ соли таърихи нави давлат ва миллати мо як давраи фоҷиавӣ, солҳои душвору тақдирсозу ҳамзамон будан ё набудани Тоҷикистон, солҳои таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, марҳалаи омодасозии заминаҳои гузариш аз як давраи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - фарҳангӣ буд. Низом ба сохти комилан нав, ба ибораи дигар, солҳои гузоштани пояи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, давлатдории нави тоҷикон ва таҳкими пояҳои он” буд [7, с. 5].

Соли 1991 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 2308 адад корхонаҳои саноатӣ мавҷуд буданд. Шумораи кормандон дар онҳо 215,4 нафарро ташкил дода, аз ин шумора миқдори коргарони корхонаҳои саноатӣ ҷамъ 188,2 ҳазор нафарро ташкил медод [9, с. 417]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ 425 адади он корхонаҳои нисбатан калон буда, аз шумораи онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 адад корхонаҳои саноати сабук ташкил медоданд [10, с. 480].

Корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб аксар аз фаъолият бозмонданд. Дар ин давра дар тамоми бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон молҳои саноатии хориҷӣ хеле меафзуд, ки ин дар натиҷа боиси он гардид, ки аз як тараф аксари корхонаҳои саноатӣ ба таври пурра фаъолият намекарданд, аз тарафи дигар он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд маҳсулоташон ба молҳои ба ҷумҳурӣ дохилшуда рақобат карда наметавонист. Дар натиҷа ин ҳама ба он оварда расонид, ки молҳои ҷумҳурӣ бе харидор мемонд. Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати соли 1990 32,3% кам шуд [11, с. 142].

Бо далелҳое, ки дар боло ишора намудем, корхонаҳои нисбатан бузурги саноатӣ, ки гӯё фаъолият карда истодаанд, сол аз сол номгӯйи маҳсулоти истеҳсолии худро кам мекарданд. Масалан, чунин ҳолатро аз вазъи имрӯзаи соҳаҳои мухталифи саноати кишварамон дида метавонем.

Саноати сабук яке аз соҳаҳои афзалиятноки саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Истеҳсоли ашёи хоми маҳаллӣ аз он ҷумла - нахи пахта, пӯст, пашм ва пилла, инчунин самаранок истифода намудани иқтидорҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани ҷойҳои кории нав ва вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти воридот ивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда яке аз афзалиятҳои соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 30 соли Истиқлоли давлатии кишвар бо дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ теъдоди корхонаи саноати сабук сол ба сол зиёд гардида, дар маҷмуъ дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон зиёда аз 50 адад корхонаҳои нисбатан калонтарини соҳа ифтитоҳ ёфтааст, ки шумораи ҷойҳои кории нав 9500 нафарро ташкил додааст [9, с. 417].

Лозим ба тазаккур аст, ки аз ин шумора дар вилояти Хатлон 17 корхона бо теъдоди 2225 ҷойи кории нав, вилояти Суғд 15 корхона бо 3305 ҷойи кории нав, шаҳри Душанбе 10 корхона бо 2760 ҷойи кории нав, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4 корхона бо 1000 ҷойи кории нав ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 3 корхона бо 300 ҷойи кори нав ташкил шудаанд [6].

Иқтидорҳои нав асосан дар самтҳои коркарди пахта ва нахи пахта, пӯст, истеҳсоли пахтаи тиббӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ, мебелсозӣ ва халтабарорӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Соли 1991 дар ҷумҳурӣ 63 адад корхонаи соҳаи саноати сабук буд, ки ин шумора соли 2020 ба зиёда аз 486 адад расидааст. Истеҳсоли корхонаҳои соҳаи саноати сабук, аз ҷумла ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, қолинбофӣ, коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол ва мебелбарорӣ мебошад.

Ҷадвали истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини саноати сабук дар даврaи солҳои 1991 – 2020

Номгӯйи маҳсулот	Воҳиди ченак	Солҳо								
		1991	1995	2000	2005	2010	2015	2018	2019	2020
Нахи пахта	ҳазор тонна	246	168	107	153	95,2	98,4	98,5	102,5	101,5
Ресмони пахтагин	ҳазор тонна	24,7	13,2	14,8	15	6,1	4,9	20,7	22,4	19,3
Матои пахтагин	млн м^2	102,4	28	11,5	24,1	25,6	8,4	7,5	12,7	13,7
Матои нобофта	млн м^2	13	5,5	1,8	1,7	1	0,8	1,1	2,1	2,2
Маҳсулоти дӯзандагӣ	млн сомонӣ	195,9	7,7	12,3	51,3	96,5	109,3	267,2	260,6	345,5
Ҷӯроб	млн ҷуфт	49,2	4,5	3,1	5	5,7	2,6	5,7	4,1	7,8
Қолин	млн м^2	7,6	0,7	0,3	0,5	0,6	1,2	3,1	4,7	2,8
Пойафзол	млн ҷуфт	8,5	0,6	0,11	0,03	0,41	0,47	0,8	0,8	1,0
Мебел	млн сомонӣ	1,3	0,12	0,21	2,1	5,0	15,4	42,9	54,1	60,8
Матои атлас	млн м^2	68,6	8,4	0,3	0	0,07	0,004	0,019	0,021	0,022

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлоли давлатӣ, маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2021.

Чуноне аз маводҳои ин ҷадвал маълум мешавад, соли 1991 истеҳсоли матоъҳои пахтагин дар ҷумҳурӣ ба миқдори 102,422 ҳазор м^2 истеҳсол карда шуда аст. Соли 2000 ба миқдори 11,485 ҳазор м^2, соли 2005 24,1 ҳазор м^2, соли 2015 8,4 ҳазор м^2, соли 2020 13,3 ҳазор м^2 истеҳсол шуда буд. Ресмони нахи пахта соли 1991 ба 246 ҳазор танна, соли 1995 ба 168 ҳазор тонна, соли 2000 ба 107 ҳазор тонна, соли 2005 ба 153 ҳазор тонна, соли 2010 ба 95,2 ҳазор тонна, соли 2015 98,4 ҳазор тонна, соли 2020 ба 101,5 ҳазор тонна истеҳсол шудааст [9, с. 269]. Сабаби асосии камшави дар тамоми самтҳо, ин умуман дар ҷумҳурӣ кам шудани истеҳоли пахта мебошад.

Бояд қайд кард, ки то соли 1991 дар кишвар калонтарин корхонаҳои саноатӣ сабук амал мекард, аз он ҷумла: Комбинати бофандагии Душанбе (ҶСШК «Текстил»), Фабрикаи калобаҳои пахтагини Қӯрғонтеппа (ҶСШК «Ресанда») ва Фабрикаи калобаҳои пахтагини Конибодом (ҶСШК «Ресмон»), ки иқтидори умумии солонаи онҳо коркарди қариб 28,0 ҳазор тонна нахи пахта буд, ба таври пурра кору фаъолият мекарданд [9, с. 269].

Дар даврони солҳои соҳибистиқлолӣ ба душвориҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ нигоҳ накарда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 корхонаи калони коркарди нахи пахта сохта ба истифода дода шуд. Аз ҷумла: ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶСК «Бофандаи Норак», ҶДММ «Замин Текстил», ҶДММ «Фаррес», ҶДММ «Кӯлоб Текстайлз», ҶДММ «Ресандаи Хатлон», ҶДММ «Спитамен Текстил», ҶДММ «Хима текстил», ҶДММ «Нику Хуҷанд», ҶСП «Олим Текстайл», ҶДММ «Файзи Истиқлол-2011», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶДММ «Органик Ян» ва истеҳсолоти ресандагии ҶСП «Ҷунтай–Данғара Син Силу Текстил», ки дар маҷмуъ маблағҳои азхудшуда зиёда аз 320 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикороро ташкил медоданд [12].

ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» - бузургтарин корхонаи соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ ба шумор рафта, фаъолияти худро соли 1942 оғоз намудааст, коркарди он дорои 34 ҳазор дӯки ресандагӣ ва 832 дастгоҳи бофандагӣ мебошад, ки коркарди он асосан нахи пахта мебошад, он аз истеҳсоли риштаи пахтагин то истеҳсоли маҳсулоти тайёри дӯзандагиро дар бар мегирад [4, с. 9].

Соли 2020 барои боз ҳам хубтару беҳтар фаъолият намудани корхона аз ҳисоби сармоягузорони ҷумҳурӣ ба маблағи 20,0 млн доллари ИМА дастгоҳу технологияи замонавӣ барои таҷҳизонидани фабрикаҳои ресандагӣ, бофандагӣ, рангуборкунӣ ва ду коргоҳи дӯзандагии ҷамъият ворид ва васл карда шудааст [12].

Мақсади асосии ба истифода додани коргоҳҳои мазкур ин бо ҷойҳои кории доимӣ таъмин намудани шаҳрвандони ҷумҳурӣ, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти харидорон ба маҳсулоти хушсифати пахтагин мебошад.

Истеҳсоли либоси ягонаи мактабӣ аз ҷониби корхонаҳои ҷумҳурӣ имкон медиҳад, дар симои хонандагон ҳисси баланди зебоипарастӣ, одобу ахлоқи намунавӣ ва ҷалб намудани хонандагон ба хариди либоси мактабӣ мебошад, ин метавонад ҳаҷми истеҳсоли корхонаро

сол ба сол зиёд гардонида ба буҷети ҷумҳурӣ ва дар ин замина ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар ҳамаҷониба мусоидат намояд.

Соли 2014 дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 79 ҳазор дона либоси мактабӣ истеҳсол шудааст ва ин шумора соли 2020 ба 926 ҳазор дона расидааст, ин нишондиҳанда исбот менамояд, ки ҳаҷми талаботи либосҳои мактабӣ сол ба сол зиёд гардидааст [9, с. 270].

Бояд қайд намуд, соли 2020 барои пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии ковид ва инчунин барои захираҳои ниқобҳои тиббӣ аз ҷониби як қатор корхонаҳои саноати сабук, дар маҷмуъ шумораи корхонаҳо 57 ададро ташкил медод, ба миқдори 9424,5 ҳазор дона ниқобҳои тиббӣ, аз ҷумла докаи тиббӣ, ниқоб ва хилъатҳои махсуси муҳофизатии тиббӣ истеҳсолашон ба роҳ монда шуд [9,270].

Соли 2020 ҶДММ «САТН» ва ҶДММ «Ҷавонӣ» 2 млн 700 ҳазор дона ниқобҳои тиббиро ба Ҷумҳурии Италия содирот намудаанд, ки шаҳодати рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ дар бозорҳои хориҷи кишвар мебошад ва ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, сол ба сол ҳаҷми истеҳсоли корхонаҳои саноати сабук на ин танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки дар бозорҳои хориҷӣ мавқеъи хосаи худро пайдо кардааст [12].

Мавриди зикр аст, ки соли 2014 бо ибтикори соҳибкорони ватанӣ дар ноҳияи Ёвон маҷмааи истеҳсолию хизматрасонӣ бо номи «Ваҳдат» ба кор дароварда шуд, ки иқтидори истеҳсолии он дар як сол зиёда аз 200 тонна риштаҳои ҳарранга мебошад.

Маҷмаа дар шароити муосир сохта шуда, аз чаҳор ошёна иборат мебошад. Истеҳсоли он асосан аз коргоҳҳои ҷӯроббофӣ, дӯзандагӣ, маркази савдо ва ошхонаи ҷамъиятӣ иборат буда, инчунин дар коргоҳи мазкур дастгоҳу таҷҳизоти муосир васлу насб гардидааст [6].

Бояд қайд намуд, ки дар даврони истиқлол дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд гардидааст, аз он ҷумла соли 2019 дар ноҳияи Данғара фаъолияти ҶДММ «Файзи Карим» оғози расмӣ бахшида шуд. Дар ошёнаи якуми корхонаи мазкур истеҳсоли ҷӯроб ба роҳ монда шуда, 25 таҷҳизоти муосир ва 4 дастгоҳи истеҳсоли матои хом аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид карда шудааст, ва инчунин соли 2020 ҶДММ «Ваҳдат Текстайл» марҳалаҳои якум ва дуюми коргоҳи ҷӯроббофиро дар шаҳри Душанбе ба роҳ монд, мавриди зикр аст, ки иқтидори истеҳсолии солонаи корхона 34 млн ҷуфт ҷӯробҳои гуногунро ташкил дода, маҳсулоти ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои ҷорӣ истеҳсол карда мешаванд ва инчунин шумораи коргарони он 400 нафарро ташкил медиҳанд [9, с. 270].

Мавриди зикр аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам хубтар фаъолият намудани корхонаҳои саноатӣ ва инчунин таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, ки ин раванд метавонад сатҳи камбизоатиро дар ҷумҳурӣ кам намояд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳо қабул гардидааст.

Соли 2014 таҳти рақами 737 «Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» дар натиҷаи фароҳам овардани имтиёзҳои андозӣ ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи қолинбофии кишвар ба назар расида, корхонаҳои нав ба фаъолият шуруъ намуданд.

Мавриди қайд аст, ки дар доираи амалигардонии барномаи мазкур дар ин соҳа як идда комёбиҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Чунончи истеҳсоли қолинҳо нисбат ба соли 2014 ба 1,5 маротиба афзоиш ёфта, аз 1 миллиону 763 ҳазор метри мураббаи соли 2014 ба 2 млн 812 ҳазор метри мураббаъ дар соли 2020 расонида шуд [5, с. 262].

Коргоҳи истеҳсоли ришта дар заминаи ҶСК «Қолинҳои Қайроққум» бо 70 ҷойи корӣ нав ташкил карда шуд, ки истеҳсоли 60 фоизи ашёи хом дар худи корхона ба роҳ монда шудааст. Иқтидори истеҳсолии он дар як сол 3000 тонна истеҳсоли риштаро ташкил медиҳад.

Бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароит ва замина барои рушди саноати сабук дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба молҳои саноати сабук, афзун намудани иқтидори содиротии корхонаҳои соҳа, таъмини шуғли аҳолӣ, таҳияи механизмҳои иқтисодӣ ва омилҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби сармоягузориҳои бевосита барномаҳои соҳавӣ қабул гардидаанд [6]. Аз ҷумла, «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005, № 422), «Барномаи коркарди пурраи нахи пахтаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда барои давраи то соли 2015» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2007, №392), «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, № 663),

«Барномаи истеҳсоли маҳсулоти бачагона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2009, таҳти № 683), «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2011, №409), «Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.12.2014, №737), «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №128) ва «Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2020, №388) қабул гардидаанд [2; 3].

Бо мақсади зиёд намудани истеҳсоли тилло, нуқра ва металлҳои ранга, таъмини ҷойҳои корӣ нав барои мардуми маҳаллӣ ва ғанӣ гардонидани бюҷети давлат бо ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ таъсиси корхонаҳо чор Барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла: «Барномаи рушди соҳаи саноати коркарди тилло ва нуқра барои солҳои 2002-2010», «Барномаи давлатии коркард ва фурӯши сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ дар солҳои 2001-2005», «Барномаи рушди заргарӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ барои солҳои 2009-2015» ва «Барномаи давлатии рушди соҳаи саноати истихроҷу коркарди тилло ва нуқра барои солҳои 2012-2016» қабул шуда, ҳамзамон амалӣ гардиданд [1].

18 октябри соли 2015 бо иштироки Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Фабрикаи бойгардонии маъдан бо арзиши лоиҳавии 160 млн доллар ва бо иқтидори 10 ҳазор тонна маъдан дар як шабонарӯз бо таъсиси 100 ҷойи корӣ нав мавриди истифода қарор дода шуд. Дар корхона 2268 нафар бо кори доимӣ таъмин буда, музди меҳнати коргарони маҳаллӣ 6430 сомониро ташкил медиҳад. Иқтидори лоиҳавии коргоҳ дар як сол 7 тонна тилло буда, барои сохтмони он 9,5 млн доллари ИМА сармояи хориҷӣ равона карда шудааст [5, с. 262].

Бояд қайд намуд, ки рушди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ва умуман иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ ба фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия зич алоқаманд буда, дараҷаи тараққиёт ва сифати таҷҳизоти дар соҳа истеҳсолшаванда, метавонад ба рушди бемайлони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт заминаи устуворро фароҳам оварад.

Бо сабаби канда шудани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ миёни ширкатҳо ва шарикони собиқ, то соли 2000 корхонаҳои соҳа натавонистанд, суръатафзоии ҳарсолаи истеҳсолотро таъмин намоянд.

